ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ
КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ
КАФЕДРА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО И КОММЕРЧЕСКОГО ПРАВА

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ САМТҲОИ АЛОҲИДАИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021)

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТДЕЛЬНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

(Материалы республиканской научно-практическая конференция на тему «Развитие законодательства Таджикистана по отдельным направлениям предпринимательства» от 7 октября 2021 года)

ДУШАНБЕ - 2021

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ
ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ

КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ
КАФЕДРА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО И КОММЕРЧЕСКОГО ПРАВА

***Ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида мешавад.***

***Посвящается 30-летию государственной независимости Республики Таджикистан и 40-летию оброзования кафедры предпренимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета.***

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ САМТҲОИ АЛОҲИДАИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021)

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТДЕЛЬНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

(Материалы республиканской научно-практическая конференция на тему «Развитие законодательства Таджикистана по отдельным направлениям предпринимательства» от 7 октября 2021 года)

ДУШАНБЕ – 2021

УДК: 340:338.22 (076) (0575.3)
ББК: 67.404

*Муҳаррирони масъул:*

1. Раҳимзода М.З. - Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи илм ва техника, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
2. Сангинов Д.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

*Муқарризон:*

1. Ғафурзода А.Д. – Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
2. Меликов У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

*Отвественые редактор:*

1. Рахимзода М.З. – Залуженнй деятель науки и техники Таджикистана, член-корреспондент НАНТ, лауреат Государственной премии имени Абуали ибн Сино в области науки и техники, доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательства и коммерческого права юридического факультета ТНУ,
2. Сангинов Д.Ш. – доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ.

***Рецензенты:***

1. Гафурзода А.Д. - Ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательства и коммерческого права юридического факультета ТНУ.
2. Меликов У.А. - доктор юридических наук, доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права факультета менеджмента и права Таджикского государственного университета коммерции.

***Танзими ҳуқуқи самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021) Зери таҳрири докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. - Душанбе: «Матбааи ДМТ». 2021. 540 саҳ.***

***Правовое регулирование отдельных направлений предпринимательства в Республике Таджикистан (Материалы республиканской научно-практическая конференция на тему «Развитие законодательства Таджикистана по отдельным направлениям предпринимательства» от 7 октября 2021 года). Под редакцией докторов юридических наук, профессоров Рахимзода М.З., Сангинова Д.Ш. - Душанбе: «Типография ТНУ». 2021. 540 с.***

©Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, 2021 с.
© Кафедра предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ, 2021 г.

**Раҳимзода М.З. - Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи илм ва техника, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.**
**Сангинов Д.Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.**

## ТАЪЛИМ ВА РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ДАР ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Кафедраи «Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат» моҳи августи соли 1981 ба номи Кафедраи «Қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи меҳнат» таъсис ёфтааст, ки сарварии онро олими шинохтаи (маъруфи) граждании тоҷик, Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Виктор Аркадевич Ойгензихт (солҳои 1981-1991) ба ӯҳда дошт. Аъзоёни кафедра 7 нафар омузгорони штатӣ ва 2 нафар ҳамкор буданд. Аз онҳо 2 нафар номзадҳои илми ҳуқуқ, дотсент (Исмоилов Ш.М., Ҳафизов Г. Ҳ.), 2 нафар муаллими калон (Стрелникова Е.Н., Раҳимова С.М.), 2 нафар ассистент (Раҳимзода М. З., Шонасриддинов Н.) ва 2 нафар ҳамкор (Клеандров М. И. ва Амосов. С. М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсентон) буданд.

Дар солҳои аввали таъсиси кафедра аз фанҳои қонунгузории хоҷагӣ, курси махсуси ҳуқуқи хоҷагӣ, иҷрои уҳдадориҳои хоҷагӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи колхозӣ (аграрӣ) ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқи шӯравӣ ба донишҷӯёни факултетҳои иқтисодии Донишгоҳ дарс дода мешуд.

Соли 1991 бо назардошти дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва ҳуқукии ҷумҳурӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инчунин бо дарназардошти ба вуҷуд омадани заминаҳои нави қонунгузори танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ кафедраи

мазкур бо номи «Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат» тағйири ном кард. Сарварии кафедраро дар давраҳои гуногун докторҳои илми ҳуқуқ, профессорон Ш.М. Исмоилов солҳои 1991-1994, М.З. Раҳимов солҳои 1994-2000, дотсент Н. Шонасридинов солҳои 2000-2012 ба ӯҳда доштанд. Аз 6 марти соли 2012 инҷониб мудири кафедраи мазкур доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д. Ш. мебошад.

Бояд қайд намоем, ки таълими ҳуқуқӣ соҳибкорӣ ва рушди илмӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ дар кишвари мо бо ташкили Кафедраи "Қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ" алоқаманд аст. Маҳз дар ҳамин кафедра курси махсуси "Ҳуқуқи хоҷагӣ", "Қонунгузории хоҷагӣ" ва "Иҷрои уҳдадориҳои хоҷагӣ" таълим дода мешуд. Курсҳои махсуси мазкурро профессорон Ойгензихт В. А., Клеандров М. И. ва дотсент Раҳимов М. З. таълим медоданд[1]. Дар ин давра доир ба баъзе масъалаҳои ҳуқуқи хоҷагӣ як қатор асарҳо эъҷод карда шуд[2]. Бояд зикр намоем, ки фаҳмиш ва андешаҳо гуногуни дар ҳамон давра мавҷудбуда оид ба проблемаҳои ҳуқуқи хоҷагӣ ба сабабҳои объективӣ асос ёфта ва аз воқеияти талаботи иқтисодиёти сотсиалистӣ ба миён меомад. Чунин буд, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқати илмӣ ва бо иштироки бевоситаи фаъолонаи олимони соҳаи ҳуқуқӣ маданӣ назарияи ҳуқуқӣ хоҷагӣ ва минбаъд соҳибкорӣ марҳила ба марҳила дар кишвари мо ташаккул ёфт. Қайд кардан ба маврид аст, ки барқароршавии ҳуқуқи хоҷагӣ дар солҳои 20-ӯми асри гузашта боиси мубоҳисаҳои зиёд оид ба ҷой ва нақши соҳаи мазкур дар низоми соҳаҳои ҳуқуқ, алоқамандии он бо дигар соҳаҳои ба он наздик ва зарурияти кодификатсияи он гардид. Дар илм ақидаҳои гуногун доир ба соҳаи мустақил будани ҳуқуқи хоҷагӣ пайдо шуд. Баъзеҳо онро бо ҳуқуқи граждание як медонистанд, дигарон бошанд моҳияти онро нисбатан васеъ маънидод намуда, ба ҳайати он на танҳо ҳуқуқи гражданӣ, балки ҳуқуқи замин, саноатӣ ва меҳнатиро дохил менамуданд[3]. Аз ин ҷо бавуҷудоии равияи ҳуқуқи хоҷагӣ- меҳнатӣ дар ҳамон давра тасодуфи намебошад. Ақидаи дигаре мавҷуд буд, ки тибқи он ҳуқуқи хоҷагӣ аз ҳуқуқи гражданӣ бо сабаби дар он мавҷуд

[1] Эзоҳ: Назарияи ҳуқуқи хоҷагиро профессор Клеандров М. И. ва дотсент Раҳимов М.З. ҷонибдори менамуданд.

[2]Ниг.: Ойгензихт В. А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах.- Душанбе, 1980; Раҳимов М. З. Таъмини сифат талаби замон.-Душанбе, 1987; Рахимов М. З. Исполнение хозяйственных обязательств. Встречное исполнение.- Душанбе, 1990; Клеандров М. И. Внутрихозяйственные правоотношения.-Душанбе, 1988.

[3] Гавзе Ф. Основные начала нашего хозяйственно- трудового права\\ Еженедельник советской юстиции. 1923, №28.

будани унсурҳои оммавии ҳуқуқӣ  фарқ менамояд[1]. Қайд карда мешуд, ки ҳуқуқи хоҷагӣ ба сифати танҳо меъёри ҳуқуқи хусусӣ муносибатҳои хоҷагиро ба танзим медарорад[2]. Ба таври ҷиддӣ мавқеи олимон нисбат ба доираи амалӣ ҳуқуқи хоҷагӣ фарқ менамуданд. Хусусан назарияи  «ҳуқуқи дусоҳа (дубахша)», ки оғози худро аз аввали солҳои 20-ӯми асри гузашта сар менамояд.  Асосгузори назарияи  «ҳуқуқи дусоҳа (дубахша)» П.И. (Петрис Янович) Стучка зарурияти ба воситаи ҳуқуқи маданӣ ва хоҷагию маъмурӣ танзим намудани муносибатҳои дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бавуҷудмеомадаро ба миён гузошт. Тибқи назарияи мазкур ҳуқуқӣ хоҷагӣ–маъмурӣ муносибатҳои дар соҳаи иқтисодиёти сотсиалистӣ бавуҷуд меомадаро ба танзим даровварда, ҳуқуқи маданӣ бошад, бояд муносибатҳои соҳаи хусусии иқтисодиётро низ ба танзим дарорад.  Ба ақидаи ӯ ҳуқуқи гражданӣ бояд муносибатҳоеро ба танзим дарорад, ки аҳкоми онро муносибатҳои  ғайрипланӣ, аз ҷумла хусусӣ  ва як қатор муносибатҳои байни бахши хусусӣ ва сотсиалистӣ ташкил медиҳанд[3].

Назарияи дигаре, ки дар бораи  ҳуқуқи хоҷагӣ мавҷуд буд, ин «назарияи ҳуқуқи хоҷагии ягона»  мебошад. Асосгузори он олимони давраи Шӯравӣ Е.Б. Пашуканис ва Л. Я. Гинсбург буданд. Онҳо дар доираи ҳуқуқи хоҷагӣ ба танзим даровардани на танҳо муносибатҳои байни ташкилотҳои сотсиалистӣ, балки алоқаҳои хоҷагии байни шаҳрвандонро дар назар дошта, сарчашмаи танзими ҳуқуқии онҳоро бояд ба ақидаи онҳо Кодекси хоҷагӣ ташкил диҳад. Ҷудо намудани ҳуқуқи хоҷагии ягонаро ба ду соҳаи мустақил-ҳуқуқи хоҷагӣ-маъмурӣ ва гражданӣ зарур намешумориданд. Ба ақидаи онҳо ҳуқуқи хоҷагӣ бояд меъёрҳои ҳуқуқи гражданиро дарбар гирифта, ҳамаи муносибатҳои молумулкии уфуқӣ ва амудиро ба танзим дарорад[4]. Нақши муҳимро минбаъд дар инкишофи ҳуқуқи хоҷагӣ назарияи ҳуқуқи хоҷагӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ бозид. Тибқи назарияи мазкур ҳуқуқи хоҷагӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, дорои предмет ва методи махсуси танзимнамоии муносибатҳои хоҷагии ягона мебошад. Асосгузори назарияи мазкур В. В. Лаптев, В. К. Мамутов, В. С.

---

[1] Ниг.: Аскназий С. Очерки хозяйственного права СССР. -Л., 1926.
[2] Ниг.: Вольф В. Ю. Основы хозяйственного права. -М., 1928.
[3] Стучка П. И. Классовое государства и гражданское право. -М.,1932.- С. 54.
[4] Курс советского хозяйственного право: в 2 т./ под. ред.Л. Я. Гинкбурга, Е. Б. Пашуканиса . Т.1.- М.: Советское законодателйство, 1935.

Мартемьянов А. Г. Быков, В. С. Тадевосян ва дигар намояндагони ҳуқуқи хоҷагии замони Шӯравӣ мебошанд[1]. Аввалин маротиба онҳо зарурияти танзими ягонаи ҳуқуқии алоқаҳои иҷтимоиро дар сатҳи муносибатҳои «уфуқӣ», «амудӣ» ва дохилихоҷагиро мавриди гузориш қарор дода, бо ҳамин танзими ҳуқуқии хусусӣ ва оммавии муносибатҳои ҷамъиятиро дар ягонагӣ раво донистанд[2].

Баъди соҳибистиқлолият дар кишвари мо бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо фаҳмиши назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ (хоҷагӣ) кулан тағйир ёфт. Назарияи ҳозиразамони ҳуқуқи соҳибкорӣ дар аксарияти кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳатҳо аз назарияҳои солҳои пешини ҳуқуқи хоҷагӣ маншаъ гирифта ва дар ҳолатҳои муайян ба сифати давомдиҳандаи ақидаи асосгузорони онҳо ва бо дарназардошти навтарин дастовардҳои илмӣ баҳо дода шуд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди соҳибкорӣ, нақши омехтаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро баланд бардошт. Зеро, таъсир ба ҷабҳаҳои гуногуни муносибатҳои соҳибкорӣ ба воситаи соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ (хусусӣ ё оммавӣ) наметавонад ба натиҷаи дилхоҳи танзими ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии натиҷаи он оварда расонад.Танҳо танзими комплексии муносибатҳои соҳибкорӣ дар доираи як соҳае, ки асосҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқиро ба ҳам мепайваст, метавонад таъсири заруриро ба чунин зуҳуроти аҳамияти муҳими ҷамъиятӣ дошта, ба монанди соҳибкорӣ расонад. Аз ин ҷо нақши танзими омехтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавии танзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ аз лиҳози амалия баланд мегардид[3]. Минбаъда баъзе тарафдорони дигари ҳуқуқи соҳибкорӣ онро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ баҳо доданд[4].

Бояд қайд намоем, ки ҳарду назария хислати комплексӣ доштани муносибатҳои соҳибкориро инкор намекунанд. Фарқият танҳо дар он

---

[1] Ниг.: Лаптев В. В. Хозяйственное право- право предпринимательской деятельности. // Государство и право. 1993, №1; Мамутов В. К. Развитие хозяйственного законодательства и хозяйственно – праваовой мысли в Украине: науч. доклад// Ин-т эканомико-правовых исследований НАН Украины. Донецк, 2004; В. С. Мартемьянов Хозяйственное право.Общие положения.-М.,1994. Т. 1 ва дигарон.

[2] Ниг муфассал.: Исоев И. А. Становление хозяйственно-правового мысли в СССР (20-е годы).- М., 1986.

[3] Раҳимзода М. З. Поблемаҳоми мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019

[4] Ниг.: Сангинов Д. Ш. Предпринимательская право Республики Таджикистан. Учебное пособие. -Душанбе, 2013. -С. 23; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. -Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С.25; Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Андалеб-Р». 2015. –С. 25.; Залотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. -Душанбе, “Эр-граф”, 2018. - С.14.

аст, ки яке онро соҳаи комплексии ҳуқуқ ва дигаре соҳаи мустақил эътироф менамояд.Тарафдорони соҳаи комплекси будани ҳуқуқи соҳибкорӣ ба он ақидаанд, ки ҳангоми анҷом додани намудҳои гуногуни фаъолиятҳо ба муносибатҳои соҳибкорие (хоҷагидорие) дучор шудан мумкин аст, ки аз ҷониби соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, маъмурӣ, молия ва дигар соҳаҳо ба танзим дароварда мешаванд. Ин муносибатҳо на танҳо ба ҳам наздиканд, балки ба ҳамдигар дар алоқамандии зич қарор дошта, оид ба амали намудан ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд. Онҳоро дар доираи соҳаҳои анъанавӣ (хусусӣ, оммавӣ), яъне соҳаҳое, ки муносибатҳои сифатан якхеларо ба танзим медароранд таълим додан ғақриимкон буда, ва омӯзиши комплексии онҳо аз лиҳози амалия самаранок мебошад.

Бо баробари ба даст овардани соҳибистиқлолӣ таълимӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ дар асоси Барномаи мустақили таълимӣ[1] ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ сурат гирифт. Ҳамзамон, дар ин давра, нахуст китоби дарсии "Ҳуқуқи соҳибкорӣ"[2] таҳия ва дастраси донишҷӯён гардонида шуда, ва минбаъд дигар китобҳои дарсӣ навишта шуданд[3]. Дар баробари ҳамин дар ин давра таҳқиқотҳои босуръти ҳамаи институтҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ босуръат идома ёфт. Рисолаҳои илмии зиёде ба табъ расиданд[4]. Дар таҳқиқотҳои зикршуда проблемаҳои

---

[1]Ниг.:Барномаи курси "Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ". -Душанбе, 1995; Программа курса "Предпринимательского и коммерческого право".-Душанбе, 1995. \Мураттиб: дотсент Раҳимов М. З.

[2] Ниг.:Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ.-Душанбе, "Деваштич", 2005.

[3] Ниг.: Шонасридинов Н., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. -Душанбе, 2009; Сангинов Д. Ш. Предпринимательская право Республики Таджикистан. Учебное пособие. -Душанбе, 2013; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. -Душанбе, 2015; Залотухин А. В., Султонова Т. И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. -Душанбе "Эр-граф", 2018; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019; Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: "Нашриёти ДМТ", 2021. – 400 саҳ.

[4] Ниг.: Рахимов М. З. Правовие проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. -Душанбе, 1998; Исмоилов Ш. М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан. -Душанбе, 1998; Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. қ. 1. -Душанбе, 2001; Рахимов М. З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование.-Душанбе, 2007; Каримов А. Қ. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан.-Душанбе, 2010; Сангинов Д.Ш.Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения». Душанбе, 2010; Меликов У. А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создание и распространении средств массовой информаций. –Душанбе, 2011; Махмадшоев Ф. А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2012; Мирбобоева Р.В. Товарный знак как объект правовой охраны в Республике Таджикистан: современное состояние и перспективы. Монография. - Душанбе: «Сино», 2012; Мирзоев П.З. Внедоговорная ответственность государства за вред, причиняемый предпринимателям. Монография. - Душанбе: "Эр-граф", 2013; Сангинов Д.Ш. Туризм в Республики Таджикистан: теория и практика правового

мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ, аз ҷумла проблемаҳои ҳуқуқии ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ, ҳолати ҳуқуқии шаклҳо гуногуни ташкили ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, муфлисшавии субъектҳои хоҷагӣ, реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкор, сирри тиҷоратӣ, воситаҳои ҳуқуқии суғуртакунонии таваккали соҳибкорӣ, мавқеи ҳукмронии субъектҳо хоҷагӣ, танзими ҳуқуқии рақобат, сармоягузорӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми эъҷод ва паҳн крадани воситаҳои ахбори омма, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории субъектҳои хоҷагии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқии пешниҳоди ҳуқуқҳои истисноӣ аз рӯи шартномаи имтиёзи тиҷоратӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва расонидани хизматҳои иҷтимоию фарҳангӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёна, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва дигар масъалаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

---

регулирования. Монография. - Душанбе: «ЭР-граф». 2013; Кабутов Э.Д. Проблемы частноправового регулирования отношений по оказанию услуг трудоустройства в Республике Таджикистан. - Душанбе. 2014; Пулатов А.С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности иностранных хозяйствующих субъектов на территории Республики Таджикистан. - Душанбе, 2014; Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг. Монография. - - Душанбе, «Эр-граф», 2014; Таджибаев Ш.А. Правовое регулирование фьючерсных договоров, заключаемых на товарных биржах. - Душанбе, 2014; Золотухин А. В. Гражданско- правовые средства страхования предпринимательских рисков. -Душанбе, 2015; Ризоева С.К. Проблемы защиты гражданских информационных прав индивидуальных предпринимателей по законодательству Республики Таджикистан. - Душанбе, 2015; Мавлоназаров О.А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Душанбе, 2017; Пирзода П.Р. Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо. Душанбе, 2017; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. -Душанбе, 2018; Сангинов Д.Ш. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республики Таджикистан. Душанбе, 2018; Бозоров Р.Б. Теоретические проблемы правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан: концепции и правоприменение. Душанбе, 2018; Сангинов Д. Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально культурных услуг: проблемы правового регулирования. -Душанбе, 2019; Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019; Саъдиев И.З. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019; Ҷаборов Д.А. Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019; Муминзода Н.И. Танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019; Масиев У.О. Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020; Шарифов И.М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020; Қодиров Б.Б. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020; Воҳидзода З.Г.Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ. – Душанбе, 2021; Шарифов Ш.Ҷ. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021; Мансурӣ Ш.Ҷ. Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ. Душанбе, 2021 ва ғайра.

Дар заминаи кафедра 2 ихтисссоси бакалавр ( 24010302- Танзими ҳуқуқии молия ва қарз соли 2012 ва 96010102- Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ соли 2020 таъсис дода шудааст ) ва 1 ихтиссоси магистр (24010310 - Танзими ҳуқуқии молия ва қарз соли 2019 таъсис дода шудааст) ҷой дорад. Мутахассисисони аз рӯи ихтисосҳои мазкур тайёркардашуда метавонанд ба фаъолияти касбӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, корхонаҳо давлатӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ сафарбар карда мешаванд.

Айни замон дар кафедра 21 нафар корманди шататӣ аз ҷумла як узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи илм ва техника (Раҳимзода М. З.), 2 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Ғафурзода А.Д., Сангинов Д.Ш.), 10 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Мирззозода П.З., Мирбобоева Р.В., Ризоева С.К., Кабутов Э.Д., Мавлоназаров О.А. Муминзода Н.И., Шарифов И.М., Мансурӣ Ш.Ҷ.), 7 ассистент (Исмонализода С.И., Каримов Х.С., Шабонов Ш.С., Азамқулов Ф.Ҳ., Раҷабзода Х.Р., Зайнидинов Ф., Абдулхайри Ҳ) ва 1 лабарант (Маҷидова Р.С.) фаъолият мекунанд.

Дар айни ҳол дар кафедра аз 21 фанни таълимӣ ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва донишҷӯёни факултетҳои иқтисодии донишгоҳ дарс дода мешавад. Аз ҷумла, аз фаннҳои Ҳуқуқи соҳибкорӣ, Проблемаҳои акуталии ҳуқуқи соҳибкорӣ, Ҳуқуқи меҳнатӣ, Ҳуқуқи молия, Ҳуқуқи андоз, Ҳуқуқи бонкӣ, Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, Ҳуқуқи корпоративӣ, Ҳуқуқи сайёҳӣ, Ҳуқуқи рақобат, Ҳуқуқи асъор, Ҳуқуқи интернетӣ, Ҳуқуқи энергетикӣ, Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ, Ҳуқуқи буҷетӣ, Ҳуқуқи муфлисшавӣ, Ҳуқуқи фарҳангӣ, Ҳуқуқи тиббӣ, Ҳуқуи варзишӣ, Танзими ҳуқуқии бозори қоғазҳои қиматнок, Танзими ҳуқуқии бехатарии меҳнат.

Дар давоми 40 соли фаъолият дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат зиёда аз 1000 асарҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ аз чоп бароварда шуд, ки онҳо ба таълиму тарбия, ҳалли нуқсонҳои қонунгузорӣ ва мушкилоти илми ҳуқуқшиносӣ равона гардидаанд. Аз ҷумлаи онҳо 65 китоби дарсӣ ва монографияҳо, 51 воситаи таълимию методӣ, 55 барномаи таълимӣ ва дастури методӣ ва 829 мақолаи илмиву оммавӣ ва фишурда. Дар баробари ин асарҳои илмӣ-методӣ

барои дар сатҳи хуб бо маводи таълимӣ баргузор намудани дарсҳои тадрисшавандаи кафедра кӯмак менамоянд.

Дар заминаи кафедра аз соли 1981 то соли 2021 -35 нафар рисолаи номзадию докторӣ ҳимоя намуданд. Аз ҷумла, 7 нафар рисолаи докторӣ - М.И. Клеандров, Ш.М. Исмоилов, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюров, А.Д. Ғафурзода, Р.Б. Бозоров, Сангинов Д. Ш. ва 28 нафар рисолаи номзадӣ - М.З. Раҳимзода, Е.Н. Стрелникова, Н. Шонасриддинов, С. М. Амосов, С. Акрамов, Ф.М. Нодиров, Р.Б. Бозоров, Ғ.М. Бобокалонов, А.Д. Ғафуров, А.Р. Носиров, Н.Б. Носиров, Р. Абдулоева, Т. Маҳмадхонов, Д.Ш. Сангинов, Б.Ю. Ахунов, А. Чоршанбев, П.З. Мирззозода, Р.В. Мирбобоева, Ф.А. Маҳмадшоев, Ф.М. Аминова, Э.Д. Кабутов, А.С. Пулотов, Ш.А. Тоҷибоев, С.К. Ризоева, О.А. Мавлоназаров, П.Р. Пирзода, Н.А. Табаров, И.З. Саъдиев, Н.И. Муминзода, Б.Б. Қодиров, Д.А. Ҷаборов, З.Г. Воҳидзода, Ш.Ҷ. Мансурӣ.

Дар тайёр намудани доктору номзадҳои ҳуқуқшиносӣ саҳми устодони кафедра, професоррон Ойгензихт В.А., Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш., Ғафурзода А.Д. ва дотсент Шонасриддинов Н. калон аст. Аз ҷумла, таҳти роҳбарии профессор Ойгензихт В.А. -1 доктори илми ҳуқуқшиносӣ, 6 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; таҳти роҳбарии профессор Раҳимзода М. З. -3 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 17 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; таҳти роҳбарии профессор Сангинов Д.Ш. - 6 номзади илмои ҳуқуқшиносӣ; таҳти роҳбарии профессор Ғафурзода А. Д. – 4 номзади илмҳои ҳуқушиносӣ; таҳти роҳбарии дотсент Шонасриддинов Н. – 8 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ рисола ҳимоя намудаанд.

Устодони ба дараҷаҳои баланди илмирасидаи кафедра айни ҳол на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он ба таълиму тарбияи ҳуқуқшиносон машғуланд. Аз ҷумла, Клеандров Михаил Иванович – узви вобастаи Академияи илмҳои Федератсияи Россия, ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ва Амосов Сергей Михайлович – узви вобастаи Академияи илмҳои Федоратсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия мебошанд.

Таълифоти устодони кафедра дар Россия, Олмон, Эрон, Эстония, Литва, Латвия, Арманистон, Узбекистон, Қазоқистон, Полша, Молдова, Гурҷистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд.

Устодони кафедра дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои кодексҳо ва қонунҳои зиёде ширкат намудаанд. Аз ҷумла, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон «Дар бораи гарав», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Дар бораи кафолати амонати шахсони воқеӣ», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва ғайра.

Алоқаҳои байналмилалии кафедра бомуваффақият инкишоф меёбад. Кафедра бо як қатор донишгоҳу донишкадаҳо, кафедра ва олимони мактабҳои олии мамолики хориҷӣ робитаҳои устувору судманди илмӣ барқарор намудааст. Аз чумла, бо кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, тиҷоратӣ ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов, кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва тиҷоратии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Донишкадаи илмӣ-таҳқиқотии ҳуқуқи хусусии Донишгоҳи Каспии Ҷумҳурии Қазоқистон, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ, рақобат ва экологии Донишгоҳи Давлатии Урали ҷанубӣ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкории Донишкадаи ҳуқуқшиносии Қазоқистон, кафедраи ҳуқуқи граждании Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи ба номи И.М. Муъминови АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Донишгоҳи Бремени Ҷумҳурии Феде ративии Олмон ва ғ.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои байналмилалии кафедра ба воситаи иштироки аъзоёни кафедра дар шӯроҳои илмии ҳимояҳои номзадӣ ва докторӣ мамлакатҳои хориҷӣ сурат мегирад. Аз ҷумла, профессор Раҳимзода М.З. солҳои зиёде узви Шӯрои ҳимояи рисолаҳои доктории назди Донишгоҳи гуманитарию ҳуқуқии Қазоқистон буда, ҳоло бошад узви Шӯрои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳои номзадӣ

дар соҳаи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербурги Федератсияи Россия мебошад.

Устодони кафедра фаъолияти худро бо амалияи ҳуқуқӣ алоқаманд менамоянд. Онҳо фаъолона дар судҳо арбитражи иштирок менамоянд (профессор Раҳимзода М.З. ба ҳайси муовини раиси Суди ҳакамии Маркази байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳои назди Суди иқтисодии Иттиҳоди давлатҳои мустақил (солҳои 2010-2020) фаъолият намуда, ҳоло бошад арбитри Арбитражи байналмилалии назди Палатаи савдою саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тавр, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар тӯли 40 соли фаъолияти пурсамари худ ба натиҷаҳои назаррасӣ илмию таълимӣ ноил гардида, дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва олимони варзидаи ҳуқуқи соҳибкории барои кишвар ва берун аз он саҳми арзанда гузошт. Минбаъд бо қувва ва нерӯи пурра фаъолияти худро барои ноил шудан қуллаҳои нав дар рушди илм ва таълимӣ ҳуқуқи соҳибкории кишвар равона хоҳад намуд.

**Руйхати адабиёт:**

1. Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ.-Душанбе, “Деваштич”, 2005.
2. Ниг.: Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, -Душанбе, “Деваштич”, 2005; Шонасридинов Н., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. -Душанбе, 2009; Сангинов Д. Ш., Мирзоев П. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. -Душанбе, 2015; Залотухин А. В., Султонова Т. И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. -Душанбе “Эр-граф”, 2018 Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019 ва ғ.
3. Ниг.: Рахимов М. З. Правовие проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. -Душанбе, 1998; Исмоилов Ш. М. Прававое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан. -Душанбе, 1998; Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. қ. -Душанбе, 2001; Рахимов М. З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование.-Душанбе, 2007; Каримов А. Қ. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан.-Душанбе, 2010; Меликов У. А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создание и распространении

средств массовой информаций. –Душанбе, 2011; Махмадшоев Ф. А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2012; Золотухин А. В. Гражданско- правовые средства страхования предпринимательских рисков.-Душанбе, 2015; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ.-Душанбе, 2018; Сангинов Д. Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально культурных услуг: проблемы правового регулирования. -Душанбе, 2019; Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019 ва ғ.

4. Раҳимзода М. З. Поблемаҳоми мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019
5. Ниг.: Барномаи курси "Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ". -Душанбе, 1995; Программа курса "Предпринимательского и коммерческого право".-Душанбе, 1995. \Мураттиб: дотсент Раҳимов М. З.
6. Ниг.: Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қ. 1. -Душанбе, "Деваштич", 2002; Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. -Душанбе, "Деваштич", 2005.
7. Ниг.: Сангинов Д. Ш. Предпринимательская право Республики Таджикистан. Учебное пособие. -Душанбе, 2013. -С. 23, 27; Залотухин А. В., Султонова Т. И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. -Душанбе, "Эр-граф", 2018. -С.14.
8. Ниг.:Барномаи курси "Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ". -Душанбе, 1995; Программа курса "Предпринимательского и коммерческого право".-Душанбе, 1995. \Мураттиб: дотсент Раҳимов М. З.

**Раҳимзода М.З. - арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи илм ва техника.**

# ТАШАККУЛ, РУШД ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сиёсати иқтисодии давлат ба воситаи қонунгузории соҳаҳои гуногун амали карда мешавад. Нақши асосиро дар ин ҷода қонунгузории соҳибкорӣ (хоҷагӣ) иҷро менамояд. Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешаванд, қонунгузории соҳибкориро ташкил медиҳад. Муносибатҳои соҳибкорӣ, хислати комплексӣ доранд. Аз инҷо қонунгузории соҳибкорӣ низ хислати комплексӣ дорад. Ба воситаи он на танҳо муносибатҳои оид ба амалинамоии фаъолияти соҳибкорӣ, дигар муносибатҳои ба он алоқаманд, балки танзими давлатии онҳо амали карда мешаванд. Комплексӣ будани қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ аз як тараф хислати объективӣ дорад, зеро ба воситаи он танзими оқилонаи тавозуни байни манфиати давлат ва манфиатҳои хусусии соҳибкорон амали карда мешавад. Аз тарафи дигар худи ташаккули ҷараёни қонунгзорӣ хислати субъективӣ дорад, зеро он аз ҷониби мақомоти дорои ваколати ҳуқуқэъҷодкунӣ ташаккул дода мешавад. Аз ин ҷо категорияи "қонунгузорӣ" категорияи объективӣ-субъективӣ мебошад.

Бояд қайд намоем, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ бе озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва бунёди симои пурқуввати соҳибкори қобилияти рақобатпазир дошта, бе мавҷудияти гуногуншаклии моликият, бозор, рақобат, субъектҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамзамон бе қонунгузории мукаммал ва холӣ аз мухолифатҳо ғайриимкон мебошад. Аз ин ҷо барпо намудани низоми қонунгузории соҳибкорие, ки ҷавобгӯӣ талаботи иқтисоди бозорӣ бошад яке аз шартҳои муҳими рушди соҳибкорӣ мебошад.

Тибқи Қонуни ҶТ аз 30 майи соли 2017 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[1] қонунгузорӣ гуфта, санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмӯъ ё дар соҳаи муайян ба танзим медароранд ( сархати 3. м. 2) [2]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қонунгузорӣ аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат мебошад ва он дар мафҳумҳои васеъ ва маҳдуд ифода меёбад. Дар маънои маҳдуд қонунгузорӣ аз маҷмӯи қонунҳо, аз ҷумла Конститутсия, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул кардашуда, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва дигар қонунҳо (сархати 5 м. 2 Қонун) ва дар маънои васеъ аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фармонҳои президент, қарорҳои ҳукумат ва ғ.), инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст иборат мебошад.

Бояд қайд намоем, ки баъди соҳибистиқлолӣ зарурияти на танҳо такмил, балки куллан дигаргун намудани қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаи соҳибкорӣ ба миён омад. Вале ин вобаста ба вазъияти сиёсию иқтисодие, ки дар ҳамон давра бавуҷуд омада буд кори хело душвор буд. Барои ҳамин ҳам ташаккул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкорӣ дар шароити таърихии махсуси кишвар ва бо дарназардошти ҷараёни инкишофи муносибатҳои бозорӣ, инчунин дар зери таъсири сабабҳои субъективӣ ва объективӣ ва шароити дохилию берунӣ марҳила ба марҳила рушд ёфт. Ташаккули рушди қонунгузории соҳибкориро дар замони соҳибистиқлолӣ ба давраҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1.Давраи аввали ташаккул ва рушди қонунгузории соҳибкорӣ (солҳои 1991 то соли 1994).

2.Давраи гузоштани заминаи нави қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) то мавриди амал қарор додани қисми 1 ва 2 Кодекси гражданӣ).

3.Давраи такмили минбаъдаи қонунгузории соҳибкорӣ (аз соли 2000 то ба имрӯз) .

Қайд кардан бамаврид аст, ки давраи аввали рушди қонунгузории соҳибкорӣ аз 9 сентябри соли 1991 баъди давлати соҳибистиқлол эълон карда шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз

---
[1] Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон. -2009.- №3. Мод. 99.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2017.- № 5, қ. 1, мод. 271.

мегардад. Асосҳои ҳуқуқие, ки ба онҳо дар ин давра такя намуда, муносибатҳои навини соҳибкории (иқтисодии) ба миён омада ба танзим дароварда мешуд, ҳамон Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоыикистон соли 1978 бо тағйиру иловаҳои минбаъда[1] ва Қонунҳои амалкунандаи замони Шӯравӣ буданд, ки наметавонистанд бо таври бояду шояд барои рушди муносибатҳои соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Ҳамзамон, Шӯрои Олии ҶТ 23 декабри соли 1991 Созишномаи ташкил намудани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро, ки 8 декабри соли 1991 дар шаҳри Минск ба имзо расида буд тасдиқ намуд, ва дар қисми 2 ҳамин Қарор қайд намуд, ки "минбаъд то қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави ҷумҳурӣ қонунҳои марбутаи собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ татбиқ карда мешавад, агар онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари ҷумҳурӣ мухолифат надошта бошанд"[2]. Дар ин давра инчунин, Кодекси граждании РСС Тоҷикистон, ки бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон 8 декабри соли 1963 қабул карда шуда буд ва аз 1 январи соли 1965 мавриди амал қарор дода шуда буд[3], амал мекард. Аксарияти муқаррароти он кӯҳна шуда буд ва ба талаботи рушди иқтисодӣ бозори ҷавобгӯ набуд. Дар баробари Кодекси гражданӣ, инчунин муносибатҳои гражданиро, аз ҷумла баъзе муносибатҳои соҳибкориро бояд, Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС, ки Шӯрои Олии Иттифоқи ҶШС 31 майи соли 1991 қабул карда буд ва аз 1 январи соли 1992 бояд мавриди амал қарор мегирифт ба танзим медаровард[4]. Вале то 1 январи соли 1992 ИҶШС барҳам хурда ба якчанд давлатҳои мустақил ҷудо шуд. Барои ҳамин ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосҳои қонунгузории граждании соли 1991 аз 23 декабри соли 1991 мавриди амал қарор гирифт[5]. Дар баробари санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии зикршуда танзими

[1] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики (С изменениями и дополнениями, внесенными Законами Таджикской ССР от 19 ноября 1988 года, 22 июля 1989 года и 24 ноября 1989 года.- Душанбе, «Ирфон», 1989.

[2] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1991.- №24.

[3] Кодекси граждании РСС Тоҷикистон.-Душанбе, Ирфон, 1975.

[4] Ведомости Верховного Совета СССР . -1991. -№26, С.733

[5] Эзоҳ. : Бояд қайд намоем, ки тибқи қисми 3 м.2 Асосҳои қонунгузории гражданӣ соҳибкорӣ фаъолияти мустақил ва бо таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае эътироф карда шуд, ки барои мунтазам ба даст овардани фоида (даромад) аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Ин муносибатҳо бояд дар байни шахсони фаъолияти соҳибкориро амаликунанда ё бо иштироки онҳо анҷом дода мешуданд.

муносибатҳои нави иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ба воситаи баъзе қонунҳои наве, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ қабул карда шуда буд, ба танзим дароварда мешуд. Аз ҷумла, дар ин давра Қонунҳои ҶТ «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (23.12.1991); «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (23.12.1991); «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (23.12.1991); «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ» (10.03.1992); «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) » (10.03.1992); «Дар бораи қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ» (10. 03 1992); «Дар бораи муфлисшавии корхонаҳо» (10.03.1992) «Дар бораи корхонаҳо» (25.06.93); «Дар бораи низоми пулӣ» (27.12.93); «Дар бораи маҳдудияти фаъолияти инҳисорӣ ва равнақи рақобат» (27.12.93); «Дар бораи фаъолияти иқтисоди берунӣ» (27.12.93); «Дар бораи бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (27.12.93); «Дар бораи асосҳои системаи андоз» (20.07.94); «Дар бораи гарав» (20.07.94) ва ғ. қабул карда шуданд.

Дар қонунҳои зикргардида, аввалин маротиба мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ, биржаи молӣ, биржаӣ фондӣ, коғазҳои қимматнок, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, мафҳум ва намуди корхонаҳо, муфлисшавии корхонаҳо, низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобат, шаклҳои фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагӣ ва намудҳои рақобати бевиҷдонона, гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои ухдадориҳо ва дигар муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагӣ, инчунин байни онҳо ва давлатро ба танзим дароварда шуданд. Қонунҳои зикркардашуда дар фарқият ба Кодекси граждании ҳамон вақт амалкунанда кушишҳои аввалин дар роҳи ба танзим даровардани муносибатҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб мерафт. Вале онҳо бо сабабҳои объективӣ ва субъективии зерин самаранок амал карда наметавонистанд:

1). Мавҷудияти вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, барҳамхурдани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байнимуассисавӣ, маҳдуд шудани содирот ва воридоти мол, беқурбшавии пул, набудан ва норасоии воситаҳо, суст шудан ва кандашавии алоқаҳои шартномавӣ ва ғ.;

2).Мавҷуд набудани бозор ва дар натиҷа амал карда натавонистани ҳуқуқ;

3).Гуногунсоҳа, номукаммал ва ба таъхир афтодани қабули дигар қонунҳои нави танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ;

4). Риоя нагардидани принсипи волоияти қонун ва аз мухолифати дохилӣ холи набудани қонунҳои дар ҳамин давра қабулкардашуда.

Ҳамин тавр, барқароршавии қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории соҳибкорӣ дар ин давра бо душвори пеш мерафт.

Мафҳуми соҳибкорӣ (фаъолияти соҳибкорӣ) дар Қонуни ҶТ аз 23 декабри соли 1991 «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ»[1] ифода карда шуда буд. Тибқи моддаи 1 Қонуни мазкур соҳибкорӣ (фаъолияти соҳибкорӣ) фаъолияти ташаббускорона ва мустақилонаи шаҳрвандоне дониста мешуд, ки бо гирифтани фоида ё даромади шахсӣ равона карда шудааст ва аз номи худ, таваккалан ва таҳти масъулияти молумулкии худ ё аз ном ва таҳти масъулияти шахси ҳуқуқӣ-корманд амали карда мешавад. Чи тавре, ки мебинем ба қайд гирифтан аломати ҳатмии таркиби фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб намерафт.

Ҳамин тавр, тибқи Қонуни мазкур фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин буд.

1. ташабускнокӣ;
2. мустақилият;
3. таввакал;
4. ҷавобгарии молумулкӣ;
5. гирифтани фоида ё даромади шахсӣ.

Ба сифати субъектҳои соҳибкорӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон (соҳибкорони коллективӣ, яъне ширкати оддӣ) баромад менамуданд (м.3 Қонун). Соҳибкории хусусӣ ва соҳибкории колективӣ шаклҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб мерафт. Онҳоро субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси моликияти шаҳрвандон, инчунин молумулке, ки дар асоси қонун ба даст меоварданд анҷом медоданд. Соҳибкорӣ бе истифода ва бо истифодаи меҳнати кироя, инчунин бе ташкил ва бо ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешуд. Соҳибкории инфиродӣ ҳамчун соҳибкории хусусӣ эътироф шуда, онро бе истифодаи меҳнати кироя анҷом додан мумкин буд (м.4 Қонун). Агар фаъолияти соҳибкорӣ бо ҷалби меҳнати кироя амалӣ

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1992. -№4. мод.37

карда мешуд, корхона эътироф мешуд. Ҳуқуқи таъсис додани корхонаро бо тариқи шарикӣ иттиҳоди шаҳрвандон (гурӯҳӣ шаҳрвандон) доштанд (м. 5 Қонун). Ин чунин маъно дошт, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва ҳам кооперативҳо машғул шуда метавонистанд. Шакли махсуси соҳибкорӣ фаъолияти соҳибкорие ҳисобида мешуд, ки онро роҳбари корхона дар асоси қарордод (шартнома) анҷом медод (м.5 Қонун).

Ҳамзамон дар Қонун ифода карда шуда буд, ки дар ҳолати соҳибкор барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ корхонаеро, ки шахси ҳуқуқӣ аст, бунёд намояд ё бихарад, фаъолияти он тибқи Қонун дар бораи корхонаҳо ба танзим даровარда мешавад (м. 2 Қонун).

Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 давраи дуюми ташаккул ва рушди қонунгузории соҳибкорӣ оғоз гардид. Давраи мазкурро давраи гузоштани заминаи нави қонунгузории соҳибкорӣ гуфтан ҷоиз мебошад. Конститутсия заминаи иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла шаклҳои гуногуни моликиятро ба сифати асоси иқтисодиёти кишвар эътироф кард, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод (м.12). Ҳамин тавр, дар Конститутсия бори аввал оид ба ибораи «моликияти хусусӣ» сухан рафта, принсипи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда шуд. Дар асоси он дар муносибатҳои соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) «ҳама чизе, ки қонун манъ накарда буд раво дониста шуд». Дар баробари ин Конститутия ба ҳар кас озодии меҳнат ва ҳифзи он, инчунин озодии интихоби касбу корро ҳақ дод (м.35), ки яке аз шартҳои дигари рушди соҳибкорӣ мебошад. Бо ҳамин ниҳоят саҳеҳ муайян карда шуд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо истифодаи молу мулк, балки истифодаи озодонаи қобилияти ҳар кас низ муҳим мебошад. Мутаассифона Конститутсия ҶТ ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро, агарчанде ки аз моҳияти озодии фаъолияти иқтисоди ва соҳибкорӣ (м.12 Конститутсия) ба миён меомада бошад ҳам, ба таври мушаххас ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд муқаррар накард.

Бо дарназардошти талаботи меъёрҳои Конститутсия зарурияти аз нав таҳия кардани механизми таъмини ҳуқуқии соҳибкорӣ ва

интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарорӣ он ба миён омад. Минбаъд қонунҳои зиёде қабул карда шуд, ки муносибатҳои соҳибкориро ба танзим медароварданд. Онҳо равиши асосии инкишофи қонунгузории соҳибкориро муайян менамуданд. Аз ҷумла, дар ин давра Қонунҳои ҶТ «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизмат» (12.12.96); «Дар бораи стандартикунонӣ» (12.12.96); «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (14.12.1996); «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизмат» (12.12.97); «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» (16.05.97); «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» (23.05.98) ва ғ. қабул карда шуд. Инчунин, дар ин давра Кодекси мурофиавии хоҷагӣ (2.11.95); Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.12.1996); Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (15.05.97); Кодекси андоз (12.11.98 ) қабул карда шуданд.

Хусусияти ба худ хоси қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкории дар ин давра қабулшуда аз он иборат буд, ки ба воситаи онҳо танзими муносибатҳои уфуқӣ ва амудии давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ пайваста амалӣ карда мешуданд. Аз як тараф ба инкишофи муносибатҳои бозории уфуқию амудӣ монанди; хариду фурӯши давлатии мол, кор ва хизмат, фаъолияти аудиторӣ, муҳосиботи, муносибати байни бонкҳо, байни бонкҳо ва мизоҷон, муносибатҳои вобаста ба бозори меҳнат, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба воситаи судҳои иқтисодӣ шароит муҳайё карда шуд. Аз тарафи дигар танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ ба воситаи стандартикунонӣ, маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ, танзим ва назорати асъор, инчунин ба воситаи омилҳои муҳими таъсиррасонӣ ба монанди андоз ва пардохт пурзӯр карда шуд. Ҳамзамон, Кодекси андози соли 1998 соҳибкории инфиродиро ҳамчун фаъолияти шахси воқеие маънидод намуд, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал ва масъулияти молу мулкии худи он амалӣ карда мешуд. Қабули қисми якуми Кодекси гражданӣ аз 30 июни соли 1999[1], инчунин қисми дуюми он аз 11 декабри соли 1999[2] ва аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор додани онҳо дар барқарорнамоӣ ва инкишофи низоми қонунгузорӣ дар бораи амалинамоии фаъолияти соҳибкорӣ нақши муҳим бозид. Кодекси мазкур мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ ва доираи субъектҳои

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №6. м. 153; 154.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. мод. 323.

гуногуни онро ба танзим дароварда, шаклҳои ташкилӣ–ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро муқаррар ва шартномаҳое, ки бо иштироки субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ баста мешуданд, муайян кард. Ҳамчун механизми асосии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ баромад намуда, барои рушду он минбаъд шароит муҳайё кард. Соҳибкорӣ тибқи қисми сеюми моддаи 1 Кодекси гражданӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае эътироф карда шуд, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.

Бояд зикр намоем, ки дар фарқият ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» соли 1991, Кодекси гражданӣ таркиби фаъолияти соҳибкориро аз аломатҳои расмии дар моддаи зикр шуда иборат дониста, ташаббус ва ҷавобгарии молумулкиро ҳамчун аломати соҳибкорӣ истисно намуд, ва ба сифати субъекти соҳибкорӣ-соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқиро эътироф кард ва ба ҳайси яке аз аломатҳои расмии соҳибкорӣ, ба қайд гирифтани шахс (шаҳрванд ва шахси ҳуқуқӣ)-ро муқаррар кард. Бо ҳамин зарурияти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории хусусӣ ва оммавӣ эътироф намуд. Ҳамзамон, меъёрҳои дигареро ба танзим даровард, ки хислати хусусию оммавӣ доранд. Аз ҷумла, баъзе масъалаҳои танзими бақайдгирии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, муфлисшавии субъектҳои хоҷагӣ, шартномаҳои оммавӣ, шартномаҳо ҳамроҳшавӣ, танзими омехтаи шартномаҳои соҳибкорӣ (хариду фурӯши давлатии мол, кор, хизмат , шартномаи таъмини энергия ва ғ. Инчунин, Кодекси гражданӣ моҳияти фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкориро, ки дар Конститусия баён гардидааст ифода намуда, ҳангоми муайян намудани доираи амали ҳуқуқӣ хусусӣ ба соҳибкорӣ аз лиҳози танзими фаъолият, на муносибат баҳо медиҳад. Аз ин ҷо дар Конститутсияи ҶТ ва Кодекси гражданӣ моҳияти фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ифода карда шуд, на муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие, ки оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, Кодекси гражданӣ агарчанде, ки бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи санади қонунӣ машғул шудани шаҳрвандонро эътироф карда бошад ҳам, вале ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро ба ҳайси

қисми таркибии мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон мушаххас нишон надод.

Қайд намудан бомаврид аст, ки қабули Кодекси гражданӣ агарчанде, ки барои то дараҷае ба низом овардан ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ заминаи асосӣ шуда бошад ҳам, вале барои дар оянда дар як қонуни муайян муттаҳид намудани он мусоидат карда натавонист.

Давраи сеюми такмили минбаъдаи қонунгузории соҳибкорӣ аз соли 2000 оғоз гардида, то ба ҳол идома дорад. Дар ин давра қабули қонунҳои зиёди хислати хусусию оммавӣ, амудию уфуқӣ, моддию мурофиавии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо суръат идома ёфта, ҳамзамон тағйиру иловаҳо зиёде ба қонунгузории амалкунанда ворид карда шуд. Қонунҳое, ки дар ин давра қабул карда шуданд, қисман дар Кодекси гражданӣ пешбинӣ карда шуда буданд, қисми дигарашонро бошад, Кодекси мазкур дар назар надошт. Ҳамзамон, қабули кодексҳои андоз, меҳнатӣ, замин, Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмӯрӣ танзими омехтаи муносибатҳои соҳибкориро то дараҷае ба роҳ монданд, ки дигар дар бораи танҳо аз тарафи Кодекси гражданӣ ба роҳ мондани танзими фаъолияти соҳибкорӣ сухан рондан душвор мебошад. Дар ин давра ҳамзамон ҷараёни аз эътибор соқит донистан ва аз нав дида баромадани қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории дар давраҳои якӯму дуюм қабулкардашуда босуръат идома ёфт.

В недавнем послании Президента РТ, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона парламенту страны (21.01.2021)[1] было отмечено, что в целях поддержки уязвимых групп общества и отечественных предпринимателей в соответствии с Указом Президента страны от 5 июня 2020 г. были предоставлены налоговые и кредитные льготы, привилегий и компенсационных выплаты на общую сумму более 450 млн.сомони. В дополнение к этому для снижения воздействия пандемии кредитными организациями были предоставлены льготы по кредитам 260 тыс.клиентов на сумму 2,3 млрд.сомони, производственным предпринимателям в 2020 г. выделены кредиты на сумму 4 млрд.сомони кредитов, что больше на 2% в сравнении с 2019 г.

Отмечается, что в результате постоянной поддержки государства в настоящее время частный сектор развивается устойчиво, и на сегодня его доля в валовом внутреннем продукте страны составляет более 70%, частный сектор обеспечивает рабочими местами 68% занятого населения, удельный вес частного сектора в налоговых доходах государства составляет 80%. Это, в определенной степени, свидетельствует об успехах и в правовой сфере.

В Послании особо указывается, что улучшение инвестиционного климата и развития предпринимательства, привлечение прямых инвестиций для обеспечения устойчивого развития национальной экономики считаются одним из приоритетных направлений государственной экономической политики.

**Литература:**


1. Алексеев С.С. Право собственности. Проблемы теории. М., 2008.
2. Исмаилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Изд-во «Полиграф Групп», 2021.
3. Конституционное право. Том 1. - М.: ООО «Проспект», 2014.
4. Конституционное право. Том 2. - М.: ООО «Проспект», 2014.
5. Кутафин О.Е. Предмет конституционного права. - М.: Юристь, 2001.


---

[1] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» [Электронный ресурс]: URL: http://president.tj/ru/node/25006 (дата обращения: 17.05.2021).

6. Менглиев Ш.М. Гражданскому кодексу Республики Таджикистан 10 лет //10 лет Гражданскому кодексу Республики Таджикистан. – Душанбе: «Ирфон», 2010.
7. Мишин А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Учебник для вузов. – М.: Статут, 2013.
8. Сборник материалов международного семинара «Конституция Республики Таджикистан и пути ее реализации» 14-15.06.1995 г. –Душанбе, 1995.

**Меликов У.А. д.ю.н., доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК**

## СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ КАК ОБЪЕКТ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В частном праве слово «объект» обычно используется в контексте «объект права» (объект гражданских прав), «объект правоотношений» (объект гражданских правоотношений), «объект гражданского оборота», «объект коммерческого оборота», «объект субъективного права»[1] и т. д. В этих юридических конструкциях понятие «объект», его роль и место в структуре правоотношений определяются по-разному. Наряду с этим и в связи с переходом к рыночным отношениям, в юридической литературе авторы используют конструкции «объект предпринимательской деятельности», «объект предпринимательского права»,[2] объект гражданских прав предпринимателей[3], имущественные основы предпринимательской деятельности[4] (при этом рассматриваются объекты, указанные в ст.140 ГК РТ.

В ст. 140 ГК РТ используется положение плюралистической теории объекта, и именно этим руководствуются многие

[1]См.: Менглиев Ш. Имущественные права как объект права и правоотношения // Юрист. 2004. №9. URL: http://law.edu.ru/doc/document.asp?docID=1234943. Его же. Восстановительные правоотношения в советском гражданском праве. Душанбе, 1986. С. 49-70; Тагойназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественных прав граждан в СССР. Душанбе, 1990. С. 124 - 162; Сулаймонов Ф.С. К вопросу об объектах гражданских прав по гражданскому законодательству Республики Таджикистан // Государство и право. Душанбе, 2008. №4. С. 106-113 и др.

[2] См.: Рахимов М.З. Предпринимательское право. С. 142-174; Салихова М.А. недвижимость как объект предпринимательских правоотношений. Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. М., 2001. 25 с.

[3] Жилинский С.Э. Предпринимательское право. С. 154 – 210.

[4] Предпринимательское право: Учебник / Под ред. Е.П. Губина, П.Г. Лахно. М.: Юристь, 2003. С.160-189.

исследователи, когда они затрагивают те или иные вопросы, касающиеся объектов гражданских прав. При рассмотрении вопроса об объектах предпринимательской деятельности авторы тоже обращают внимание на правовой режим объектов, перечисленных в ст. 140 ГК РТ.

Сама предпринимательская деятельность является объектом правового воздействия, и при этом она имеет свой объект. В литературе отмечается, что «объектом правового регулирования может быть только поведение людей (их деятельность), а не сами по себе разнообразные явления окружающей действительности, например вещи или результаты творческой деятельности. Поэтому считается, что именно оно составляет объект гражданских правоотношений, тогда как вещи и иные материальные и нематериальные блага, в свою очередь, составляют объект (или предмет) соответствующего поведения участников (субъектов) правоотношений»[1].

Средства массовой информации как результат интеллектуальной деятельности, в большинстве случаев являются и результатом предпринимательской деятельности (когда они создаются и распространяются с целью получения прибыли)[2]. Получается, что, с одной стороны, СМИ - это результат предпринимательской деятельности, с другой стороны – ее объект.

Результат и объект деятельности - не тождественные явления. Результат появляется после окончания определенного поведения, направленного на конкретный объект или его использование. Когда субъект создает СМИ, на свой результат деятельности как объект он приобретает определенные права. Иногда субъект не создает СМИ, а просто приобретает их и в то же время распространяет потребителям, в данном случае СМИ выступают как объект гражданского оборота. Но при всем этом понятие «результат предпринимательской деятельность» в данном случае шире[3] и охватывает не только СМИ, но и их доведение до потребителя, удовлетворение потребностей

---

[1] Гражданское право: В 2 т.: Учебник / Отв. ред. проф. Е.А. Суханов. -2-е изд., перераб. и доп. М.: Изд. БЕК, 2003. Т.1. С.294.

[2] При рассмотрении СМИ как результата интеллектуальной деятельности возникают два вопроса: исключительные права правообладателя на СМИ как отдельное произведение и авторские права каждого автора, произведение которого включено в состав СМИ. В данном параграфе мы обращаем внимание на первый вопрос.

[3] Понятие «конечный результат предпринимательской деятельности» подробно рассматривается Рахимовым М.З. (См.: Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. Душанбе: «Деваштич», 2007. С. 13-15.).

потребителей, и через это - потребностей самого предпринимателя. При этом объект в процессе осуществления предпринимательской деятельности выполняет роль средства (экономического) для достижения результата. Таким образом, в данном случае СМИ как объект является элементом результата предпринимательской деятельности субъектов, занимающихся в этой сфере.

Когда речь идет о СМИ как результате предпринимательской деятельности, мы говорим о причинно-следственных связях между СМИ и предпринимательской деятельностью, они охватывают философский[1] и экономический[2] аспекты вопроса. Когда же речь идет о СМИ как объекте предпринимательской деятельности, это уже более конкретно, это уже сфера правового регулирования.

В юридической литературе обычно обращают внимание на свойства объектов и их правовых режимов.

В.А. Лапач в своей монографии в качестве общих свойств объектов гражданских прав указывает на дискретность, юридическую привязку и системность[3]. При этом автор не вполне четко аргументирует свои выводы по данному вопросу. Например, трудно согласиться с автором, когда он пишет, что «вторым общим для всех объектов права признаком следует, на наш взгляд, считать нормативно гарантированную возможность правового закрепления их за субъектами гражданского права: физическими и юридическими лицами, Российской Федерацией, субъектами Российской Федерации, муниципальными образованиями. Этот признак, который удобно именовать *«юридической привязкой»,* в применении к таким объектам,

---

[1] В юридической литературе дается следующее философское определение категории причинной связи: «это объективно независимая необходимая связь между явлениями, при которой одно явление (причина) предшествует другому (следствию) и порождает его» (См.: Калайков С. Причинная связь, как основание гражданско-правовой ответственности. URL: www.allpravo.ru/library/doc99p/instrum1312/item1314.html. Данная философская категория служит средством познания действительности и не исключено ее использование в познании объективной действительности в предпринимательской деятельности. Предпринимательская деятельность становится причиной, а ее результат является следствием этой причины. СМИ появляется в результате предпринимательской деятельности (в коммерческой организации) или хозяйственной деятельности (в некоммерческих организациях).

[2] Экономической аспект СМИ как результата предпринимательской деятельности заключается в том, что редакция СМИ никогда не создает СМИ для себя, она всегда создает СМИ, чтобы распространять их среди потребителей, и в рамках предпринимательской деятельности это осуществляется за плату, что приносит прибыль, т. е. считается как актив в бухгалтерском балансе. В работе А.В. Зайцевой подробно дается анализ об отражении нематериальных активов в бухгалтерском балансе организациях СМИ. (См.: Зайцева А. В. Бухгалтерский учет затрат на создание и использование объектов нематериальных активов в организациях средств массовой информации. Дисс. …канд. экон. наук. Казань, 2003. С. 106 - 150.).

[3] См.: Лапач В.А. Система объектов гражданских прав. Теория и судебная практика. СПб.: Издательство "Юридический Центр Пресс", 2002. URL: http://www.allpravo.ru/library/doc99p0/instrum2232/item2238.html

как вещи, позволяет отграничить природные объекты в их естественном состоянии от объектов в правовом смысле и обеспечивает регулирование переходов объектов из натурального состояния предметов в правовое состояние (статус) объектов субъективных прав (и, наоборот - при утрате этой привязки)»[1].

Когда речь идет о свойствах объекта, обычно имеются в виду его естественные свойства, благодаря которым объект может отделяться от других объектов. Представляется, что между естественными свойствами объектов и «юридической привязкой» существует причинно-следственная связь. С учетом свойств объектов и в связи с ними определяются субъективные права.

В. И. Сенчищев в качестве свойств объектов гражданских прав называет принципиальную возможность находиться в гражданском обороте и допущение объекта в оборот[2]. М. А. Астахова, критикуя данную позицию, отмечает, что «возможность отчуждения всегда реальна, а не принципиальна, и объект либо является оборотоспособным, либо не является таковым. Следовательно, оборотоспособность не является универсальной характеристикой, свойственной всем объектам гражданских прав»[3]. Действительно, оборотоспособность не является универсальным свойством «любых» объектов гражданских прав, о чем пишет и В. И Сенчищев[4]. Следует согласиться с выводом М. А. Астаховой, что способность к удовлетворению определенных потребностей субъекта является свойством всех объектов[5].

Результат интеллектуальной деятельности, как разновидность объектов предпринимательской деятельности, кроме этого, имеет особые, присущие только ему свойства. Высказанные учеными мнения о свойствах результата интеллектуальной деятельности приводятся в работах М. А. Астаховой[6], О. А. Рузаковой [7] и др. В философии понятия «свойство» и «признак» различаются. В юридической

---

[1] Лапач В.А. Указ. раб.

[2] См.: Сенчищев В.И. Объект гражданского правоотношения. Общее понятие //Актуальные проблемы гражданского права / Под ред. М.И. Брагинского. Исследовательский центр частного права. Российская школа частного права. М.: «Статут», 1999. С. 112.

[3] Астахова М.А. Объект субъективного гражданского права: понятие и признаки. URL: http://www.juristlib.ru/book_2852.html

[4] Сенчищев В.И. Указ. раб. С. 112.

[5] См.: Астахова М.А. Указ. раб.

[6] См.: Астахова М.А. Оборот прав на результаты интеллектуальной деятельности. Дисс. … канд. юрид. наук. Тюмень, 2007. С.13-14.

[7] См.: Рузакова О. А. Система договоров о создании результатов интеллектуальной деятельности и распоряжении исключительными правами. Дисс. … докт. юрид. наук. М., 2007. С. 46-54.

литературе[1] они обычно используются как синонимы. Более развернутый анализ признаков результата интеллектуальной деятельности дается в работе О. А. Рузакова Автор в качестве общих признаков результатов интеллектуальной деятельности называет:

- нематериальный (идеальный) характер;
- могут быть выражены в объективной форме;
- созданы в результате интеллектуальной или приравненной к ней деятельности, не направленной на создание материального объекта;
- не поддаются амортизации, износу;
- не могут измеряться с помощью вещно-правовых категорий (вес, масса);
- не могут применяться нормы о вещных способах защиты (например, виндикационный иск);
- могут быть предметом использования неограниченным кругом лиц;
- имеют имущественную ценность;
- возможность вовлечения в гражданский оборот, в том числе с помощью договорных отношений по поводу данного объекта;
- законодательством предусмотрена легальная или фактическая монополия[2].

В данном перечне признаков результатов интеллектуальной деятельности вызывают возражения некоторые моменты. Когда законодатель предусматривает легальную или фактическую монополию в отношении результатов интеллектуальной деятельности, или возможность вовлечения их в гражданский оборот, в том числе с помощью договорных отношений, это не их признак, а порядок их использования, который устанавливается с учетом свойств этих объектов.

СМИ, как разновидности результата интеллектуальной деятельности присущи вышеуказанные свойства. Также особенностью СМИ, как объекта предпринимательской деятельности, является то, что они направлены на удовлетворение массово-информационной потребности получателей массовой информации и именно этим свойством отличаются от других результатов интеллектуальной деятельности. Исходя из этого, в рамках правового режима СМИ, выделяются особые требования к СМИ, и в

---

[1]См.: Астахова М.А. Там же. URL: http://www.juristlib.ru/book_2852.html
[2] Рузакова О.А. Указ. раб. С. 53-54.

юридической литературе их называют признаками СМИ, о которых мы уже писали выше.

Особенности СМИ заключаются в том, что субъекты при их создании и распространении должны руководствоваться принципами периодичности, массовости и распространяемости. Авторы комментария к Закону РФ «О средствах массовой информации» отмечают: «Чтобы признаваться средством массовой информации, этот носитель должен обладать тремя признаками:
а) массовость. Информация, распространяемая посредством данного носителя, должна быть предназначена для неограниченного круга лиц. Разумеется, уже при распространении этот круг может быть ограничен (например, количеством подписчиков). Однако в любом случае для признания информации массовой должна существовать потенциальная возможность неограниченного к ней доступа;

б) периодичность. Форма подачи информации должна предполагать ее периодическое распространение;

в) распространяемость. Форма подачи информации должна предполагать активные действия по предоставлению информации» [1].

Данные требования конкретизируют, каким образом СМИ могут быть направлены на удовлетворение массово-информационных потребностей получателей информационных продуктов. Особенно здесь следует выделит периодичность СМИ, которая напоминает нам о предпринимательской деятельности, так как в предпринимательской деятельности систематическое получение прибыли является одним из ее признаков. Систематическое получение прибыли зависит от систематического осуществления деятельности. СМИ тоже должно издаваться систематически. Систематическое издание СМИ можно реализовать на основе предпринимательской или хозяйственной деятельности. Распространяемость СМИ является продолжением ее периодичности.

С учетом вышеуказанных свойств (признаков) СМИ в их отношении установлены определенные правовые режимы. Необходимо отметить, что СМИ - это юридическая фикция[2], и она охватывает несколько форм распространения массовой информации.

---

[1] Подробный анализ этих принципов дается в Комментарии к Закону РФ «О средствах массовой информации». URL: http://www.gdf.ru/library/item/4/57

[2] См.: Федотов М. А. Указ. раб. С.174- 179; Монахов В. Н. СМИ – уходящая натура? Новое прочтение старой аббревиатуры. URL: http://www.library.cjes.ru/online/?a=con&b_id=760

Периодические издания являются одними из основных форм распространения массовой информации. В статье 11 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах» периодическое печатное издание характеризуется наряду с составным произведением.

В юридической литературе периодические печатные издания рассматриваются как «сложный»[1] объект авторского права. Под ним следует понимать произведение, состоящее из произведений нескольких авторов, творчески соединенных в единое целое по инициативе и под руководством физического или юридического лица, опубликованное под его именем, в котором личный творческий вклад различных авторов, участвующих в деятельности по его созданию (в частности, составлению и оформлению) является составной частью общего труда, а потому невозможно наделить каждого автора отдельным правом на произведение в целом, и исключительное право на использование которого, в силу этого, принадлежит тому физическому или юридическому лицу, под чьим именем оно опубликовано[2].

Теле- и радиопередачи, хотя и не считаются результатом интеллектуальной деятельности[3], но приравниваются к ним и относительно них устанавливаются исключительные права. Сейчас правовой режим этих объектов определен законодательством в разделе 3 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах».

Данный вид объектов (периодические издания и теле- и радиопередачи) не вызывает вопросов, в отличие от таких форм СМИ, как: кинохроника, аудио и аудиовизуальные записи и программы.

Другая форма распространения массовой информации - это сообщения информационных агентств. Эти сообщения создаются и распространяются с целью информирования населения с учетом принципов оперативности, достоверности и т. п. При рассмотрении данной формы распространения массовой информации следует обратить внимание на положение ст. 7 Закона Республики Таджикистан «Об авторском праве и смежных правах», согласно которому «сообщения о событиях и фактах, имеющие информационный характер», не являются объектом авторского права.

---

[1] Ермакова А.Р. Ермакова А.Р. Современные вопросы права интеллектуальной собственности в сфере периодической печати. Дисс. …..канд. юрид. наук. СПб., 2002. С. 6.
[2]Там же. С. 26-27.
[3] См.: Рузакова О.А. Указ. раб. С. 53.

Существуют два момента, на которые следует обратить внимание. Первый – это когда эти сообщения создаются и пока находятся в обладании правообладателя; второй момент - когда эти сообщения правомерно обнародуются.

Для создания сообщения информационные агентства тратят средства, и данное сообщение приобретает ценность, хотя оно и не является объектом авторского права. Если оно неизвестно другим субъектам (конкурирующим организациям), то информационное агентство заинтересовано в том, чтобы первым распространить это сообщение. Промежуток между созданием и распространением сообщения информационного характера обычно короткий. Поэтому сохранять его в секрете нет смысла, наоборот, чем быстрее его распространить, тем лучше.

Однако зачастую складывается такая ситуация, что многие издания, с целью привлечения читателей, стараются узнать содержание телеграмм, депеш агентства даже раньше их официального обнародования и опубликовать их, лишь слегка изменяя формулировки. Еще одним способом нарушения является использование работниками издательства, не являющегося подписчиком информационного агентства, новостей, опубликованных в другом издании (например, газете), которое платит агентству за их получение[1].

На сведения, содержащиеся в сообщении, нет никаких имущественных прав, а на форму (само сообщение) у агентств есть право на распространение. Оно может само распространять сообщения или предоставлять их (за плату) другим издателям для распространения. Коммерческая ценность таких сообщений для его создателей четко определилась давно в практике развитых стран. Как отмечает А. Рихтер, «что же касается продукции агентств новостей, то прецеденты в американских судах конкретизируют эту концепцию в практически применимых правилах. Суды исходят из принципа, что всякое неразрешенное и нечестное использование принадлежащих другим новостных материалов представляет собой нарушение права, служащее основанием для возбуждения иска о возмещении ущерба или о предотвращении дальнейшей публикации этих материалов»[2].

---

[1] Ермакова А.Р. Указ. раб. С. 88.

[2] Рихтер А. Авторское право на продукцию агентств новостей // Законодательство и практика средств массовой информации. 1995. №7-8. URL: www.medialaw.ru/publications/zip/011-12.html

Раздаются голоса в поддержку необходимости пролонгации права на новости, хотя бы на несколько часов после опубликования, пока информация имеет коммерческую ценность. Норвежский закон, например, предусматривает срок до 16 часов после опубликования новости, по истечении которого она не пользуется никакой защитой[1]. А.Р. Ермакова предлагает, следующее «необходимо и в российское законодательство о средствах массовой информации ввести норму, устанавливающую срок до 12 часов с момента обнародования новости, в течение которого распространитель имеет исключительное право на данную информацию»[2]. Такое предложение конечно, заслуживает внимания, но здесь имеет место два трудно разрешимых момента. Первый - существуют виды информации, оперативное распространение которых необходимо любым путем, например информация об угрозе стихийных бедствий. Такая информация должна использоваться в режиме исключения, т.е. ее перепечатка и распространение должно осуществляться без всяких ограничений. Второй момент - могут появиться технические трудности при уточнении времени опубликования сообщений (в каком часу). Поэтому вполне обоснованно восстановить норму п. 9 (е) Основ авторского права СССР 1928 г., согласно которой была разрешена перепечатка повременными изданиями появившихся в газетах сообщений не ранее, чем на другой день.

На основе всего вышеизложенного можно сделать следующие выводы: - СМИ являются разновидностью результатов интеллектуальной деятельности, которые способны к удовлетворению массовой информационной потребности субъектов, при их создании и распространении (в отличие от других результатов интеллектуальной деятельности) следует руководствоваться принципами массовости, распространяемости и периодичности;

- в качестве объекта предпринимательской деятельности, СМИ, трудно рассматривать как единое целое, потому что СМИ как юридическая фикция охватывают разные конкретные формы, каждая из которых имеет свой правовой режим;

- именно хозяйствующие субъекты (предприниматели) занимаются систематическим созданием и распространением СМИ. В связи с этим в отношении СМИ как объекта у хозяйствующих

[1] Ермакова А.Р. Указ. раб. С.93.
[2] Ермакова А.Р. Указ. раб. С.93.

субъектов (предпринимателей) появляются определенные субъективные права.

**Бобокалонов Ғоиб Мерганович, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.**

## СОҲИБКОР ВА БОЗОРИ МЕҲНАТ: РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА РОБИТАҲОИ ТАБИАТАН НАВИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР РАВАНДИ ТАТБИҚИ МЕҲНАТ

Таъмин намудани сиёсати иҷтимоии давлат қабл аз ҳама дар иҷрои принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мешавад.

Дар ин самт сиёсати иҷтимоии давлатро хусусан барои таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмин намудан бо ҷойи кор, музди меҳнат, нафақа, таъмини бехатарии аҳолӣ бо озуқаворӣ, пардохти стипендия, ҷубронпулиҳо, кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликиятдорӣ ва идоравиашон равона карда мешаванд.

Бо дарназардошти миқёси вазифаҳое, ки дар назди давлат истодаанд ва маҳдудияти воқеии захираҳои рушд бояд чунин самтҳое афзалиятнок зътироф гарданд, ки метавонанд фароҳам овардани шароитро барои ба иҷтимоиёт ҷалб гардидани аҳолӣ ва худтатбиққунии самарабахши онҳоро таъмин намоянд, инчунин имконият диҳанд, ки шаҳрвандон проблемаҳои мавҷударо мустақилона ва судманд ҳал кунанд. Чунин муносибат ба беҳбудии сифати зиндагии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди давлат мусоидат хоҳад кард.

Яке аз вазифаҳои дар назди давлатистода сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғл маҳсуб меёбад.Вобаста ба ин ҳаминро қайд намудан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои

шаҳрвандонро ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғлро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пеш мебарад.

Сархати чоруми қисми 2 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003[1], ҷиҳати дастгирӣ намудани ташаббуси меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандон, мусоидат намудан ба инкишофи қобилияти онҳо нисбат ба меҳнати самаранок ва эҷодӣ, ки дар доираи қонуният амалӣ мегардад, равона шудааст.

Иқтисоди бозоргонӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, асоси рушди иқтисодӣ ва давлатдорӣ маҳсуб меёбад, ки танзими ҳуқуқии он тавассути қонунгузорӣ амалӣ гардонида мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бозори меҳнат ба сифати яке аз захираҳои иқтисодӣ ва омили истеҳсолот баромад менамояд.

Мафҳуми бозори меҳнатро дар санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар сархати ҳаштуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки 1 августи соли 2003[2] соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ маҳсуб донистааст, ки мафҳуми мазкур айнан дар сархати нуҳуми қисми якуми моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] (минбаъд КМ ҶТ) сабт шудааст.

Бозори меҳнат яке аз унсурҳои муҳимтарини бозори миллӣ маҳсуб ёфта, зимни он раванди хариду фурӯш омили асосии истеҳсолоти ҷамъиятӣ- меҳнат (қувваи корӣ) ба вуҷуд омада, дараҷаи самаранок истифода бурдани меҳнати корманди кироярo муайян менамояд.

Аз ин лиҳоз бозори меҳнат, ҳамчун объекти танзими давлатӣ маҳсуб ёфта, дар худ хусусияти иқтисодӣ-ҳуқуқиро меозмояд.

Ба ақидаи баъзе аз олимони ватанӣ, хусусияти ҳолати ҳуқуқии соҳибкор дар бозори меҳнат ба он асос меёбад, ки амали соҳибкори

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467; с. 2005, №12, мод. 650; с. 2007, №7, мод. 687; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, №6, мод. 437; с. 2018, №5, мод. 277); Қонуни ҶТ аз 28.12.2005 №137, аз 30.07.2007 №325, аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724, аз 17.05.2018, №1526, аз 25.06.2021, №1789.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467; с. 2005, №12, мод. 650; с. 2007, №7, мод. 687; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, №6, мод. 437; с. 2018, №5, мод. 277; Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137, аз 30.07.2007, №325, аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724, аз 17.05.2018, №1526, аз 25.06.2021, №1789.

[3] Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). http://www.adlia.tj

инфиродӣ ва дастаҷамъӣ дар бозори меҳнат ба фаъолияти соҳибкории онҳо алоқамандии бевосита дорад. Соҳибкор пеш аз ҳама дар бозори меҳнат ба сифати шахси ташкилкунандаи ҷойи кор ва таъминкунандаи шуғли аҳолӣ баромад менамояд.

Соҳибкор дар бозори меҳнат ҳамчун шахсе баромад менамояд, ки қувваи кориро барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти худ истифода менамояд. Дар чунин ҳолат дар бораи соҳибкор, ҳамчун корфармо сухан рондан мумкин аст. Корфармо ба муносибати меҳнатӣ бо корманди кироя оид ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ ворид мешавад. Муносибати тарафайни субъектҳои бозори меҳнат дар се марҳилаи асосии фаъолияти соҳибкор дар бозори меҳнат амалӣ карда мешавад: ҳангоми кирояи қувваи корӣ, муқаррар намудан ё тағйирёбии шароити меҳнат ва ҳангоми аз кор озод намудани кормандони кироя. [1]

Бозори меҳнат ифодакунандаи тақозои кулл ва арзаи кулли қувваи корӣ маҳсуб меёбад, ки дар асоси баҳамтаъсиррасонии тарафайни онҳо ҷобаҷогузории қувваи кории аҳолии фаъоли иқтисодӣ бо назардошти фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои мухталиф ва ҳудуд, ҳолати демографӣ ва дараҷаи ихтисоснокӣ таъмин карда мешавад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъектҳои бозори меҳнат кормандони кироя, корфармо, корфармо-соҳибкори инфиродӣ биржаи меҳнат ва давлат низ баромад мекунанд.

Корманд- ҳамчун субъекти бозори меҳнат баъд аз расидан ба синни понздаҳсолагӣ, ки қобилияти пурраи субъектҳуқуқии меҳнатро пайдо мекунад, маҳсуб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки таносуби танзими ҳуқуқии қобилияти пурраи субъектҳуқуқии шартномавии муносибатҳои меҳнатии шахсро аз шахси қобилияти пурраи субъектҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ баён намуд.

Қобилияти пурраи субъектҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бо расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ фаро мерасад, ё дар сурати дорои қобилияти пурраи амал эълон карда мешавад, яъне шахс фаъолияти соҳибкориро мустақилона ва ба таваккали худ иҷро намояд.

---

[1] Ниг.: Раҳимзода М.З., Нуров Ҳ.П. Танзими ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷалаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қонунгузорӣ" №2 (26), 2017 апрель – июнь –С.37.

Бояд тазаккур дод, ки пайдоиш ва ташаккули бозори меҳнат ва робитаҳои табиатан нави ҷамъиятӣ, хусусан фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди татбиқи меҳнат, ба мазмун ва моҳияти шартномаи меҳнатӣ бетаъсир намондаанд. Шартномаи меҳнатӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дохил намудан мумкин аст, ки тавассути он корфармо ва корманди кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ баромад намуда ва муносибатҳои касбӣ-тахассусии байни корфармо ва корманд таъмин мегардад.

Ҳуқуқи дар асоси шартномаи меҳнатӣ истифода намудан аз меҳнати кормандони кироя ба мақсадҳои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, дода шудаанд.

Уҳдадории корманди кироя дар асоси шартномаи меҳнатӣ бо корфармо-соҳибкор, ки аз мафҳуми шартномаи меҳнатӣ чунин бармеояд, зимни бастани шартномаи меҳнатӣ корманд уҳдадориҳои зеринро ба зимма мегирад, ки корҳоро аз рӯи як касб, якчанд касби муайян, ихтисос ё вазифа (мансаб) бо дараҷаҳои дахлдор, бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд, ба вуҷуд меояд.

Корфармо-соҳибкор ҳамчун субъекти бозори меҳнат, соҳиби ҳуқуқ ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ буда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибкорӣ мебошад.

Ӯ уҳдадор аст барои иҷрои кору вазифа ба корманд пурра ва сари вақт музди меҳнат диҳад ва шароити меҳнатеро, ки КМ ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад.

Корфармо-соҳибкори инфиродӣ ҳамчун субъекти бозори меҳнат, қабл аз ҳама меҳнати дигар шахсонро ба мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва ба даст овардани фоида (даромад) мавриди истифода қарор медиҳанд.

Соҳибкори инфиродӣ-корфармо, ки аз меҳнати кормандони кироя баҳри пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва ба ин васила ба даст овардани фоида (даромад) истифода мебарад, уҳдадор аст, барои иҷрои кору вазифа ба корманд пурра ва сари вақт музди меҳнат диҳад ва шароити меҳнатеро, ки КМ ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад.

Корфармо-соҳибкор инчунин ҷиҳати таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати чунин кормандон, аз ҷумла корҳои дар моддаи 348 КМ ҶТ пешбинишударо анҷом диҳад.

Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 348 КМ ҶТ, корфармо уҳдадор аст, ки ҷиҳати таъмини ҳифзи меҳнат дар ташкилот, аз ҷумла амалҳои зеринро анҷом диҳад: шароити дахлдори бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро дар ҳар як ҷойи корӣ таъмин намояд; баҳри бартараф намудани ҳама гуна хатар дар ҷойи корӣ ва раванди технологӣ, бо роҳи гузаронидани чораҳои пешгирикунанда, бо таҷҳизоти истеҳсолӣ ва раванди технологии бехатар иваз намудани он, чораҳо андешад; бехатарии кормандонро ҳангоми истифодаи бино, иншоот, таҷҳизот, амалӣ намудани раванди технологӣ, инчунин ашёи хом ва маводи дар истеҳсолот истифодашаванда таъмин намояд; истифодаи воситаҳои муҳофизати фардӣ ва коллективии кормандонро қатъиян ба роҳ монад; низоми меҳнат ва истироҳати кормандонро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намояд; таълими усулҳо ва тарзҳои бехатари иҷрои корҳо, дастурдиҳӣ оид ба ҳифзи меҳнат, таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳои кории кормандон ва санҷиши дониши онҳо оид ба талаботи ҳифзи меҳнатро ба роҳ монад; шахсонеро, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз таълим, дастурдиҳӣ, таҷрибаомӯзӣ ва санҷиши донишҳо оид ба талаботи ҳифзи меҳнат нагузаштаанд, ба кор роҳ надиҳад; на камтар аз як маротиба дар панҷ сол аттестатсияи ҷойҳои корӣ оид ба шароити меҳнат бо сертификатсияи минбаъдаи корҳо оид ба ҳифзи меҳнатро дар ташкилот гузаронад; ба мақомоти идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат, мақомоти назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат иттилоот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҷиҳати амалӣ намудани ваколатҳои онҳоро пешниҳод намоянд; бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбиро анҷом диҳад; хизматрасонии санитарию маишӣ ва муолиҷавию профилактикии кормандонро мутобиқи талаботи ҳифзи меҳнат анҷом диҳад; бемамоният роҳ додани шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат, назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат, суғуртаи иҷтимоӣ, инчунин намояндагони мақомоти назорати ҷамъиятро бо мақсади гузаронидани санҷиши шароит ва ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо ва тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бемориҳои касбӣ роҳ диҳад; дастурҳои шахсони мансабдори мақомоти назорати давлатиро оид ба риояи талаботи ҳифзи меҳнат ва баррасии пешниҳоди мақомоти назорати ҷамъиятиро дар мухлатҳои

муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд; суғуртаи ҳатмии иҷтимоии кормандонро аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва аз бемориҳои касбӣ таъмин намояд; кормандонро бо талаботи ҳифзи меҳнат шинос намояд; дар муддати як моҳ натиҷаи аттестатсияи ҷойҳои корӣ ва дастурдиҳиро оид ба шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ташкилот дар шакли электронӣ ва лавҳа омода ва чоп намояд; кормандонро аз ҳисоби худ аз муоинаи тиббии ҳатмии пешакӣ (ҳангоми ба кор қабул шудан), марҳилавӣ (дар давоми фаъолияти меҳнатӣ), инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронад.

Дар бозори меҳнат муносибатҳои иқтисодии байни корфармо-соҳибкор ва кормандони кироя ба вуҷуд меоянд, ки ба якҷояшавии қувваи корӣ бо воситаҳои истеҳсолот мусоидат мекунанд. Дар ин ҷода, талаботи корфармо-соҳибкор ба меҳнат ва талаботи кормандони кироя ба музди меҳнат таъмин мегарданд.

Чи тавре зикр гардид, дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъектҳои бозори меҳнат ба ғайр аз кормандони кироя, корфармо, корфармо-соҳибкори инфиродӣ, биржаҳои меҳнатӣ ва давлат низ баромад мекунанд.

Дар симои давлат фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолиро зикр намудан ҷоиз аст. Вобаста ба ин, ба сифати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнаравӣ иҷро менамояд.

Самаранокии фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба сатҳ ва сифати ҳамкорӣ дар байни корфармоён ва корҷӯён алоқаманд мебошад. Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираи изофаи қувваи корӣ мебошад, ҳамасола талабот ба ҷойи кор зиёд гардида, таъсири назаррас ба вазъи бозори меҳнат эҳсос мешавад.

Илова ба ин, дар вазъи кунунӣ иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ имконияти пурра ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнатро надорад ва барои муътадил нигоҳ доштани вазъи бозори меҳнат, масъалаи истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда, алалхусус ҷойҳои кории холии аз ҷониби корфармоён ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ пешниҳодшаванда, ба мадди аввал мебарояд. Ин масъала дар навбати худ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан

судманд миёни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва корфармоёнро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти он, ки дар айни замон чунин ҳамкориҳо миёни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва корфармоён ба беҳбудӣ эҳтиёҷ доранд, моддаи 131 КМ ҶТ ҷиҳати роҳандозии онҳо, тадбирҳои зеринро пешбинӣ намудааст:

-васеъ ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба масъалаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар байни бекорон ва корҷӯён ва дар амал татбиқ намудани механизми муосири ҳамкорӣ бо корфармоён дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолии бекор; мусоидат ба шаҳрвандон дар интихоби кор; ба шаҳрвандон додани роҳхати бокортаъминкунӣ ва пешниҳоди он ба корфармо барои ҷойи кори холӣ; таъсис ва такмил додани махзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ ва таъмини дастрасии мукаммали корҷӯён ба маълумот дар бораи бозори меҳнат; бақайдгирии мурочиати шаҳрвандон; хизматрасонӣ дар самти муайян намудани касб ва амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати муайянсозии тавозуни воқеии талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ; ҳамкории мутақобила бо корфармоён оид ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ дар асоси шартнома; тақвият бахшидани таҷрибаи ташкили ярмаркаҳои соҳавии ҷойҳои кории холӣ ва ғайра.

Инчунин, дар баробари Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнаравӣ тавассути Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷро мешаванд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти бозори меҳнат ба ғайр аз субъектҳои дар боло зикргадида, биржаҳои меҳнатӣ низ баромад мекунанд. Би́ржаи меҳна́т — муассисаи миёнарав байни корфармоён ва қувваи кории кироя, ки ба фаъолияти таъмин намудани аҳолӣ бо кор машғул мебошад.Биржаи меҳнат хусусӣ, давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ буда метавонад. Фаъолияти Биржани меҳнат дар як қатор конвенсияҳои Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат аз ҷиҳати ҳуқуқи байналхалқӣ асоснок карда шуда, қисми таркибии Хадамоти давлатии шуғл мебошад. Биржаи меҳнати давлатӣ, ё ин ки хадамоти шуғл бозори меҳнатро ба танзим дароварда, бо масъалаҳои бо кор таъмин намудани на танҳо бекорон, балки касоне, ки хоҳиши ихтисоси худро

дигар кардан доранд, машғул мешавад; талабот ва пешниҳоди қувваи кориро дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ва ҷаҳон меомӯзад; бо масъалаҳои тайёр ва азнавтайёркунии кадрҳо сарукор дорад.[1]

*Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар* Ҷумҳурии Тоҷикистон Биржаҳои меҳнат барои кироякорон ба фаъолият оғоз намудааст. Аз ҷумлаи онҳо, КВД "Биржаи меҳнатии ҷавонон" дар назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Биржаи меҳнатии муҳоҷирин”. Ин ширкат, ки таҳти пуштибонии Федератсияи иттифоқҳои мустақили касабаи Тоҷикистон таъсис ёфта, мақсади асосии он бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад.Инчунин ин “Биржаи меҳнатии муҳоҷирин” онҳоеро, ки мехоҳанд барои кор ба кишвари дигар раванд, дастгирӣ ва аз манфиатҳои онҳо дар кишвари хориҷӣ ҳимоят мекунад. Ҳамзамон ҷалби дастаҷамъии шаҳрвандони Тоҷикистонро барои кор дар хориҷа, қабл аз ҳама, Федератсияи Росссия анҷом медиҳад. Дигар ин «Биржаи электронии меҳнат дар Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё». Биржаи электронии меҳнат ба корфармоён ва шахсони корҷӯй имконият медиҳад, ки дар ин биржа ҷойҳои кории холиро ҷойгир намоянд ва бо кормандон шартномаҳои меҳнатӣ банданд. Ташкили биржаи мазкур аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Қазоқистон пешниҳод карда шуда, он ба рушди бозори ягонаи захираҳои меҳнатӣ дар Иттиҳод мусоидат менамояд. Тавассути он қабл аз ҳама шаҳрвандони Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия барои ҷустуҷӯйи кор имконияти нав пайдо мекунанд.

Инчунин, дар назди Федератсияи иттифоқи касабаи Тоҷикистон ҶДММ "Биржаи меҳнатӣ барои муҳоҷирон" ташкил шудааст, ки ҳадафи созмон додани "Биржаи меҳнатӣ барои муҳоҷирон" дар он аст, ки амалишавии мақсадҳои низомномавии иттифоқҳо тавсеа дода мешавад. Федератсияи мазкур дар ҳамкорӣ бо созмонҳои иттифоқи соҳавӣ бо кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи муҳоҷират ҳамкорӣ менамоянд. Иқдоми мазкур барои биржа имконият медиҳад, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати муҳоҷирони меҳнатӣ бо ҳамтоёни хориҷӣ ҳамкорӣ намояд. Мақсади асосии ташкилот дар он аст, ки чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар аҳолии Тоҷикистон, бахусус ҷавонон бо ҷойи кор таъмин шаванд, ҳамчунин барои ҳифзи ҳуқуқ ва

[1] https://tg.wikipedia.org/wiki/Биржаи_меҳнат

манфиати иқтисодӣ-иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ имконият фароҳам оварда шавад.[1]

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки биржаҳои меҳнатӣ на танҳо дар мақомотҳо, балки дар маҳаллаю муассисаҳои таълимӣ низ таъсис дода мешаванд, масалан, дар маҳаллаи «Гулистон-и шаҳри Хуҷанд «Биржаи меҳнат» фаъолият мекунад.[2]

Дар Донишгоҳи давлатии Данғара бошад, "Биржаи озоди меҳнат ва рушди фаъолияти соҳибкории донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара" фаъолиятро ба роҳ мондааст.

Биржаи озоди меҳнат ва рушди фаъолияти соҳибкории донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара вобаста ба талаботи иҷрои корҳо, шакли ташкили онҳо, ӯҳдадориҳои тарафайн дар чунин самтҳои асосӣ метавонанд ба бастани шартномаҳо, қарордодҳо ва ҳусни тафоҳуми якдигар чунин корҳоро ба роҳ монад: ташкили курсҳои бозомӯзии омода намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи дохилшавӣ ба истифода аз низоми Маркази милли тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи сомонаҳо ва дигар намуди хизматрасонӣ дар доираи татбиқи низоми ҳукумати электронӣ, таъмиру барқарорсозии технологияҳои компютерӣ, барқӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, таъмир ва барқарорсозии ҳама намуди автомобилҳо, бахусус техникаҳои кишоварзӣ, ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, татбиқи агротехнологияҳои навин аз рӯи шакли пурраи коркарди замин то гирифтани ҳосил ва коркарди он, ташкили курсҳои ҳунармандӣ дар байни занони хонанишин ва ҷавонони ба кор фаронагирифташуда, ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ ва нигоҳдошти онҳо, коркард ва иҷрои талаботи технологӣ, иҷрои корҳои вобаста ба сохтмон, азнавсозӣ ва беҳсозии муҳит ва дигар намуди корҳоеро, ки корфармояндагон ба Биржа пешниҳод менамоянд.[3]

Дар фарҷом ҳаминро қайд кардан қобили қабул аст, ки дар Тоҷикистон дар муносибатҳои бозори меҳнат соҳибкорон (корфармо-соҳибкор, корфармо-соҳибкори инфиродӣ), иттиҳоди соҳибкорон, кормандони кироя, иттифоқи касаба, иттиҳодияҳои иттифоқҳои

[1] http://fikmt.tj/tj/2021/05/07/таъсиси-биржаи-меҳнатии-муҳоҷирон/

[2]https://www.khujand.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=730%3Abozor&catid=36%3Anavgoni&Itemid=182&lang=tg

[3] http://dsu.tj/Content/files/59004611-5fd2-4257-ba47-dfb9d3f3328d.pdf

касаба ва иттиҳодияҳои дигари кормандон, корфармоён ва намояндагони онҳо, биржаҳо инчунин давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдори давлатӣ баромад мекунанд.

Дуруст қайд менамоянд, М. З. Раҳимзода, ки: «Бозори меҳнат имконият медиҳад, ки азнавтақсимкунии қувваи кориро дар байни соҳаҳо ва доираи истеҳсолот доимо амалӣ намоем ва аҳолии бекорро ба кор таъмин созем. Ба воситаи бозори меҳнат талабот ва таклифҳои қувваи корӣ бо мақсади истифодаи он барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба танзим даровардa мешавад. Аз ҳамин сабаб бозори меҳнат ба шароити мавҷудияти чи соҳибкорон дар муносибат бо кормандон ва чи худи намояндагони меҳнати кироя бояд таъсири калон расонад».[1]

**Руйхати адабиёт:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467; с. 2005, №12, мод. 650; с. 2007, №7, мод. 687; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, №6, мод. 437; с. 2018, №5, мод. 277); Қонуни ҶТ аз 28.12.2005 №137, аз 30.07.2007 №325, аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724, аз 17.05.2018, №1526, аз 25.06.2021, №1789.
2. Раҳимзода М.З., Нуров Ҳ.П. Танзими ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷалаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонунгузорӣ” №2 (26), 2017 апрель – июнь – С.42.
3. Раҳимзода М.З., Нуров Ҳ.П. Танзими ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷалаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонунгузорӣ” №2 (26), 2017 апрель – июнь – С.37.
4. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). http://www.adlia.tj


[1] Ниг.: Раҳимзода М.З., Нуров Ҳ.П. Танзими ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷалаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонунгузорӣ” №2 (26), 2017 апрель – июнь –С.42.

**Мирзозода П. З. – муовини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ҳамин факултет.**

## ТАНЗИМИ ТЕХНИКИИ СИФАТИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТ

Танзими техникӣ – фаъолият оид ба муқаррар намудани талаботи техникии ҳатмӣ, ки ба сифати маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мебошад.

Чунин танзим бо мақсадҳои зайл амалӣ мегардад: муҳофизати ҳаёту саломатии инсон, молу мулк ва ҳифзи муҳити зист; ҳифзи ҳаёту инкишофи мӯътадили ҳайвоноту наботот; пешгирии амалияи назарфиребӣ; таъмини ченаки ягона; таъмини амнияти иқтисодӣ; истифодаи оқилонаи захираҳо; бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо.

Танзими техникӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: истифодаи ҳатмии дастурҳои техникӣ; истифодаи ихтиёрии ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; эътирофи ҳаққонияти истифодаи ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда ҳангоми тасдиқи мутобиқат ба талаботи ҳатмии дастурҳои техникӣ; дастрасии дастурҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, иттилоот дар бораи тартиби таҳия, тасдиқ ва нашри онҳо барои истифодабарандагон ва шахсони дигари манфиатдор; афзалияти истифодаи СБ ва миллии бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳангшуда, ҳангоми таҳияи дастурҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; истифодаи дастовардҳои илм ва техникаи муосир; мутаносибӣ ва маҳдуд накардани савдои байналмилалӣ.

Санадҳои меъёрӣ дар соҳаи танзими техникӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

– дастурҳои техникӣ – санадҳои меъёрии техникие, ки иҷрои талаботашон ҳатмӣ мебошад;

– ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда – ҳуҷҷатҳои меъёрии техникие, ки истифодаи онҳо ихтиёрӣ мебошад.

Шумораи умумии аҳолии ҶТ тамоили зиёдшавӣ дорад, вобаста ба ин талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ сол аз сол зиёд мегардад. Тибқи

ҷадвали маҷмӯии ҳадди ақали маҳсулоти ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, ки бо Қарори Ҳукумати кишвар «Тавсияномаҳои методӣ оид ба муайян намудани сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 – уми декабри соли 2012, таҳти № 775 тасдиқ шудааст,[1] меъёрҳои сабади истеъмолии аҳолӣ ба ҳар як одам дар як сол маҳсулоти нонӣ – 145, 2 кг, картошка – 64, 8, сабзавот ва полезиҳо – 73, 2, меваҷот – 28,8, қанд – 14, 4, маҳсулоти гуштӣ – 25, 2, моҳӣ – 5, 8, шир ва маҳсулоти ширӣ – 36, 9, тухм – 194, 4 дона, равған – 16 ва дигар маҳсулот (намак, чой, таъмдиҳандаҳо) – 0, 36 кг тавсия дода шудааст.

Мутобиқи ҳисоботи Бонки умумиҷаҳонӣ (The World Bank) «Ташхиси камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2000) – 83 фоизи аҳолии кишвар дар сатҳи камбизоатӣ қарор доранд. Дар чунин ҳолат риояи меъёрҳои сабади истеъмолии аҳолӣ мушкил мебошад. Теъдоди асосии харидорон дар шароити инҳисории бозори истеъмолӣ ва сатҳи баланди камбизоатӣ талаботҳои худро аз истифодаи молҳои пастсифат ва арзон қонеъ мегардонанд, ки оқибатҳои зиёди манфӣ дорад. Бинобар ин, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории сифатнок яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Дар ин самт аз ҷониби Президенти ҶТ корҳои назаррас анҷом дода шуд. Дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 – юми декабри соли 2017 қайд намуданд, ки: «Дар асоси қарори Ҳукумати мамлакат аз 27 майи соли 2017 бояд аз ҳисоби чор сохтору хадамоти Вазорати кишоварзӣ – Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи се хадамоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – Хадамоти давлатии ҳифзи тандурустии аҳолӣ таъсис дода шавад.».[2]

Ҳамин тавр, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ соли 2017 таъсис дода шуд. Тибқи б. 1 Низомномааш, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 – уми декабри соли 2017, таҳти № 595 тасдиқ

[1]«Тавсияномаҳои методӣ оид ба муайян намудани сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 – уми декабри соли 2012, таҳти № 775 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2]Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 – юми декабри соли 2017. // Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи паёмҳо). – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 554.

шудааст,[1] мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, функсияҳои махсуси иҷроиявӣ, назоратӣ, иҷозатдиҳӣ ва функсияҳои дигар дар соҳаҳои байторӣ, фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо, ҳимояи растаниҳо, тухмӣ ва зотпарварӣ муқаррааргардидаро, анҷом медиҳад. Таҳия ва тасдиқи стандартҳо, муқаррарот, дастурамалҳо ва тавсияҳо оид ба байторӣ, муайян намудани тартиби гузаронидани экспертизаи байториюю санитарӣ, сертификатсияи маҳсулоти чорводорӣ ва ҳайвонот, воситаҳои биологӣ ва доруворӣи байторӣ, анҷом додани назорат ва танзими фаъолият дар соҳаи фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, назорати сифати ҳар як маҷмӯи тухмӣ ва ниҳоли барои фурӯш пешбинишуда, муайян намудани самтҳои асосӣ ва барномаҳои беҳтар намудани сифати зотҳо (чорво, паранда, моҳӣ ва занбури асал) ва дигар, ба ваколатҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ ворид шудаанд.

Мувофиқи б. 2 Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи ҶТ барои солҳои 2019 – 2023, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 – уми октябри соли 2018, таҳти № 520 тасдиқ шудааст: «Бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ як ҷузъи муҳими амнияти миллӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, таъмини бехатарии озуқаворӣ бошад, аз раванди умумии рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Бехатарии озуқаворӣ ҳамчун қобилияти кафолат додани давлат дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба озуқаворӣ дар сатҳе, ки фаъолияти муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ таъмин мегардад, дониста мешавад.».[2]

Тавсеаи тамоилҳои мақсадноки таъмини бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ, ки ба баланд бардоштани сифати озуқаворӣ ва беҳдошти саломатии аҳолӣ нигаронида шудаанд, таъмини рушди истеҳсолот, сифат, гуногунӣ ва ғизонокии маҳсулоти озуқаворӣ, дастрасии воқеӣ ба он ва таъмини аудит ва назорати бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ воситаҳои ҳуқуқи граждании амалӣ намудани барномаи мазкур мебошад. Нақши дигар воситаҳои ҳуқуқӣ ба монанди чораҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, назорати прокурорӣ, пешгирии ҷиноят ва ғайра муҳим мебошанд.

---

[1]Низомномаи Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 – уми декабри соли 2017, таҳти № 595 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2]Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи ҶТ барои солҳои 2019 – 2023. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 – уми октябри соли 2018, таҳти № 520 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

Маблағгузориҳои давлатии ҳамасола барои барқарорсозии заминҳо кофӣ набуда, ҳолатҳои бо сабабҳои гуногун истифода набурдани заминҳои киштшаванда ба назар мерасанд. Майдони заминҳое, ки ба бодлесшавии обӣ ва бодӣ гирифтор шудаанд, 35 ҳазор гектар ё 5, 3 фоизро аз масоҳати умумии заминҳои киштшаванда ташкил мнамояд. Майдони умумии чарогоҳҳо дар кишвар 3, 8 миллион гектарро ташкил дода, ҳар сол дар сатҳҳои гуногун 4 фоизи онҳо ба бодлесшавӣ гирифтор мешаванд.

Дар давраи солҳои 2010 – 2017 масоҳати заминҳои киштшаванда 14312 гектар кам гардидааст. Масоҳати замини обёришаванда ба як нафар аҳолии доимӣ (резидент) аз 0, 10 гектар дар соли 2010 ба 0, 09 гектар дар соли 2018 расидааст. ҶТ ба қатори давлатҳое дохил мешавад, ки нишондиҳандаи таъмини замини корами обёришаванда барои як резидент дар сатҳи паст қарор дорад. Чунин ҳолат барои иҷрои сифатноки ҳадафҳои бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ таъмири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин зарур аст, ки низоми идоракунии замин ва ба муомилоти граждани баровардани он такмил дода шаванд. Қитъаи замин объекти маҳдуди чунин муомилот мебошад, вале соҳибӣ ва истифодаи он ҳоло ҳам ба талаботҳои рӯзафзуни ҷомеа ҷавобгӯй нест. Баъзе масъалаҳои сохтмони худсарона то ба ҳол ҳалли худро пайдо накардаанд.

Бо мақсади иҷрои банди 2 Супориши протоколии иҷлосияи шашуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ даъвати шашум аз 16 – уми апрели соли 2021, таҳти № 6 вобаста ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона, бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими ин соҳа, амалигардонии тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад дониста шуд:

– масъалаи бо роҳи ворид намудани тағйиру илова ба кодексҳои гражданӣ, мурофиавии гражданӣ ва мурофиавии иқтисодии ҶТ аз салоҳияти мақомоти судӣ гирифтан ва ба салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор намудани эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона мавриди омӯзишу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шуда, бо ин мақсад ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», кодексҳои замин, манзил, шаҳрсозӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шаванд;

– ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли ба расмият даровардани манзилҳои истиқоматии солҳои пеш сохташуда, ки ҳуҷҷатҳои заруриро надоранд, чораҳои дахлдор андешида шавад;

– вазъи ҳуқуқии минтақаҳои кооперативҳои манзилу бӯстонсаро, ки дар асл ба маҳалҳои аҳолинишину манзилҳои истиқоматии шахсӣ тадбил ёфтаанд, бозбинӣ карда, роҳҳои ба расмият даровардани онҳо баррасӣ карда шавад.

Ин ва дигар чорабиниҳои муқарраргардида ба он равона гардидааст, ки сифати танзими ҳуқуқии истифодаи қитъаи замин баланд бардошта шавад. Уҳдадории давлат дар назди мардум оид ба таъмини истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба таври дахлдор иҷро карда шавад.

Дар ҷумҳурӣ 11 дастури техникӣ барои маҳсулоти озуқаворӣ қабул карда шудааст. Масалан, дар асоси дастури техникии "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" аз 30 – юми апрели соли 2016, таҳти № 190 объектҳои бамеъёрдарории техникии санади мазкур инҳо мебошанд:

– маҳсулоти хӯрокворӣ;

– равандҳои истеҳсолот, нигоҳдорӣ, таҳвил, ба муомилот баровардан ва истифодаи партовҳо, ки ба талаботи маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманданд.

Дастури техникии мазкур ба маҳсулоти хӯрокворие, ки аз ҷониби шаҳрвандон (дигар шахсони воқеӣ) дар шароити хона омода ва истеҳсол мешавад, ҳамчунин хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ё худ шаҳрвандоне, ки ба боғдорӣ, полизкорӣ, чорводорӣ машғуланд ва раванди истеҳсол (омодасозӣ), нигоҳдорӣ, таҳвил (интиқол), ба муомилот баровардан ва истифодаи партовҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки танҳо барои истифодаи шахсӣ пешбинӣ гардидаанд ва барои ба муомилот баровардан дар ҳудуди ҶТ таъин нашудаанд, парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти чорво дар шароити табиӣ, татбиқ карда намешавад.[1]

Маҳсулоти хӯрокворие, ки дар ҳудуди ҶТ дар муомилот қарор дорад, дар муддати муҳлати истифодабарии муқарраршуда, дар ҳолати истифодабарӣ мувофиқи таъинот бояд бехатар бошад.

Нишондиҳандаҳои бехатарӣ (ба ғайр аз нишондиҳандаҳои микробиологӣ) барои маҳсулоти хӯроквории таркибаш омехта, аз рӯи

---

[1]Дастури техникии "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ". Бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 30 - юми апрели соли 2016, № 190 тасдиқ шудааст.// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (Санаи муроҷиат: 13.02.2020с.).

миқдори омехтаи қисматҳои ҷудогона, бо ҳиссаи вазни холиси ин қисматҳо ва нишондиҳандаҳои бехатарӣ барои ин қисматҳо, ки дар дастури техникии мазкур муқаррар шудаанд, муайян карда мешаванд, ки агар (ё) нишондиҳандаҳо дар замимаҳои 1 ва 2 он ва (ё) дастурҳои техникии дигар ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ пешбинӣ нагардида бошанд.

Нишондиҳандаҳои бехатарӣ (ба ғайр аз нишондиҳандаҳои микробиологӣ) барои маҳсулоти хӯроквории хушконидашуда бо ҳисоби вазни аввалаи (холиси) маҳсулоти хоми хӯрокворӣ ва бо назардошти мавҷудияти моддаҳои хушк дар он ба ҳисоб гирифта мешавад ва агар (ё) нишондаҳо дар дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии ҶТ барои намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ дарҷ нагардида бошанд. Дар маҳсулоти хӯроквории дар муомилот қарордошта, мавҷудияти барангезандаҳои сироятӣ, бемориҳои паразитӣ ва заҳрҳое, ки ба саломатии инсон хатарнок дониста мешаванд, иҷозат дода намешавад. Муҳлати истифода ва шароити нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда тибқи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ – техникӣ амалӣ карда мешаванд.

Маводҳое, ки барои тайёр намудани бастаҳо ва зарфҳои ба маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд, истифода мегарданд, бояд ба талаботи муқарраргардидаи дастурҳои техникии ҶТ мутобиқат дошта бошанд. Талабот ба иловаҳои ғизоӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои технологӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мавриди истифода қарор мегирад, тибқи дастурҳои техникии ҶТ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолати истеҳсоли (омодасозии) маҳсулоти хӯрокворӣ аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ (ғизоӣ), ки аз ОГТ растаниҳо, ҳайвонот ва микробҳо истеҳсол шудаанд, бояд хатҳои ОГТ, ки аз қайди давлатӣ гузаштаанд, истифода шаванд. Дар ҳолате, ки истеҳсолкунанда ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ОГТ – ро истифода накарда бошад; дар маҳсулоти хӯрокворӣ мавҷудияти ОГТ 0,9 фоиз ва камтар; ОГТ тасодуфӣ, ё аз лиҳози техникӣ омехтаи бартарафнашаванда мебошад, ин маҳсулоти хӯрокворӣ ба маҳсулоти хӯроквории дорои ОГТ дохил намегардад.

Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчун ғизои кӯдакон, барои кӯдакони то яксола, дар объектҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ, ё дар сехҳои махсусгардонидашуда ё дар хатҳои технологии махсусгардонидашуда ба роҳ монда мешавад.

Дар сабзавоти тару тозаи ошхона, сабзавот, меваҳо ва буттамеваҳо мавҷудияти тухми гелминтҳо ва халтаҳои микробҳои дар рӯдаҳо часпандаи якҳуҷайра иҷозат дода намешавад. Миқдори ҳар кадом моддаҳои фаъоли ғизоӣ ё биологӣ дар маҳсулоти хӯроквории аз ҷиҳати ғизонокӣ такмилдодашуда, бояд мувофиқи ҳадди меъёрӣ, дар ҳар 100 мл, ё 100 г ва ё миқдори истеъмолии яквақтаи маҳсулот, то миқдори на кам аз 5 фоизи ҳадди истеъмоли шабонарӯзӣ расонида шавад.

Миқдори микроорганизмҳои пробиотикӣ дар маҳсулоти хӯроквории аз лиҳози ғизонокӣ такмилдодашуда бояд на кам аз 109 воҳиди ҳуҷайраҳои зиндаи хурдро дар 1 г ё 1 мл ин маҳсулот дар бар гирад.

Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакона, инчунин хӯрокворӣ барои занҳои ҳомила ва ширмаккон, дар истеҳсолот истифода бурдани маҳсулоти хоми хӯрокворecho (ғизоии) дорои ОГТ иҷозат дода намешавад.

Дар раванди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон дар истеҳсолот истифода бурдани маҳсулоти хоми хӯроквории (ғизоии) аз пестидсидҳо (тухми растаниҳо) гирифташуда, мувофиқи замимаи 3 дастури техникии мазкур, иҷозат дода намешавад. Маҳсулоти хӯрокворӣ барои занҳои ҳомиладор ва занҳои ширмаккон бояд ба талаботи дар замимаҳои 1 ва 2 муқарраргардидаи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии ҶТ барои намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ мутобиқат дошта бошад. Маҳсулоти хӯрокворӣ барои кӯдакони то яксола аз рӯйи ҳадди ғизонокии худ бояд ба хусусиятҳои синнусолии физиологии узвҳои ҳозимаи кӯдакони синну соли номбурда мутобиқат дошта бошад. Маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

– шакари иловашуда дар таркиби кулчаҳои қандин барои ғизои кӯдакон набояд аз 25 фоиз зиёд бошад;

– маҳсулоти нону булкагӣ барои ғизои кӯдакон бояд на зиёда аз 0,5 фоиз намаки ошӣ дошта бошад.

Маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон набояд дорои чунин маводҳо бошад:

– спирти этилӣ на зиёда аз 0,2 фоиз;

– қаҳваи асили табиӣ;

– мағзи донаи зардолуи қоқ;

– сирко;

– ширинињои аз меъёр зиёд, ба истисной маҳсулоти хӯрокворий махсусгардонидашуда барои ғизои парҳезии табобатӣ ва парҳезии пешгирикунанда.

Таркиби маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол дар ивазкунандаи шири модар набояд дорои зиёда аз 4 фоиз трансизомерҳои кислотаҳои чарбӣ аз микдори умумии кислотаҳои чарбӣ бошад.

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон истифодаи кислотаҳои бензойӣ, сорбинӣ ва намакҳои онҳо манъ аст. Дар ҳолати истеҳсоли (омодасозии) маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол истифодаи намудҳои зерини маҳсулоти хоми хӯрокворӣ (ғизоӣ) иҷозат дода намешавад:

– фалла (творог) бо туршии зиёда аз 150 дараҷаи ҷадвали Тернер;

– орди лубиёгӣ (ба ғайр аз таркибҳои сафедаи лубиёӣ);

– ғалладона ва маҳсулоти коркардшудаи он, ки аз зарарасонандаҳои сирояткунанда ва омехтаҳои зараровар сироят ёфтаанд;

– маҳсулоти гӯштии аз ҳайвоноту паррандагон гирифташудае, ки дубора ях кунонида шудаанд;

– маҳсулоти моҳӣ ва ғайримоҳигии маҳсулдиҳандаи обие, ки дубора яхкунонида шудаанд;

– гӯшти ҳайвонот ва паррандагони маҳсулдиҳанда, ки ба таври механикӣ заҳбӣ шудаанд;

– маҳсулоти таркибаш коллагендор аз гӯшти парранда;

– каллапочаи ҳайвонот (чорво) ва паррандагони маҳсулдиҳанда, ба истиснои ҷигар, забон, дил ва хун;

– гӯшти гов бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 12 фоиз;

– гӯшти хук бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 32 фоиз;

– гӯшти гусфанд бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 9 фоиз;

– гӯшти чӯҷа ва чӯҷаҳои бройлерии дарачаи дуюм;

– пайвастагиҳои яхкунонидашуда аз намудҳои гуногуни гӯшти ҳайвонот, ҳамчунин каллапочаи чорво (ҷигар, забон, дил) бо мӯҳлати истифодаи зиёда аз 6 моҳ;

– гӯшти букка, нархук ва ҳайвоноти лоғар;

– маҳсулоти моҳӣ, ки аз насли моҳиҳои сайдгардида ва моҳиҳои қаъри обӣ гирифта шудаанд;

– тухм ва гӯшти паррандагони обӣ;

– спредо;

– равғани қаймоқии намаккардашуда;

– равғани растанӣ – равғани пахта, кунҷид ва нахл;

– равғани растанӣ бо нишондоди туршишаш 2 ммол кислороди фаъол /кг чарбу (ба истисноии равғани зайтун);

– равғани зайтун бо нишондоди туршишаш 2 ммол кислороди фаъол /кг чарбу;

– афшураҳои серғизои омехташуда;

– растаниҳои доруворӣ (ба истисноии шибит, ҷаъфарӣ, карафс, зира, райҳон, қаламфури ширин, сафед ва хушбӯй, дорчинҳо, ванилҳо, кашниҷ, мехчагул, барги ҷор ва ҳамчунин пиёз, сирпиёз ва (ё) анвое ки аз тарафи истеҳсолкунанда муқаррар карда мешавад);

– хокаи тухм (барои маҳсулоти хӯрокворӣи тезвайроншаванда);

– равған ва чарбиҳои гидрогенизатсияшуда, чарбиҳои таркибашон кислотаҳои чарбии ҳализдошта;

– растаниҳои хосаи тезу тафсон (қаламфӯр, қаҳзак, хардал);

– майонез, қайлаҳои майонезӣ (яхникардашуда), қайлаҳо ба равғани растанӣ, кремҳо бо равғани растанӣ, чарбиҳои таъиноташон махсус, чарбии дашқолдор.

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакони томактабӣ ва синни мактабӣ ба истифодаи намудҳои зерини маҳсулоти хоми хӯрокворӣ иҷозат дода намешавад:

– маҳсулоти гӯштии аз ҳайвоноту паррандагон гирифташудае, ки дубора яхкунонида шудаанд;

– маҳсулоти моҳӣ ва ғайримоҳигии маҳсулдиҳандаи обие, ки дубора яхкунонида шудаанд;

– гӯшти ҳайвонот ва паррандагони маҳсулдиҳанда, ки ба таври механикӣ забҳ шудаанд;

– маҳсулоти таркибаш коллагендор аз гӯшти парранда;

– пайвастагиҳои яхкунонидашуда аз намудҳои гуногуни гӯшти ҳайвонот, ҳамчунин каллапочаи чорво (ҷигар, забон, дил) бо мӯҳлати истифодаи зиёда аз 6 моҳ;

– гӯшти гов бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 20 фоиз;

– гӯшти хук бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 70 фоиз;

– гӯшти гусфанд бо вазни холиси пайвасткунандаи бофтаҳои чарбудор зиёда аз 9 фоиз;

– гӯшти буққа, нархук ва ҳайвоноти лоғар;

– каллапочаи ҳайвонот (чорво) ва паррандагони маҳсулдиҳанда, ба истиснои ҷигар, забон, дил ва хун;

– тухм ва гӯшти паррандагони обӣ;

– афшураҳои серғизои омехташуда;

– равғани растанӣ бо нишондоди туршишаш 2 ммол кислороди фаъол /кг. чарбу (ба истиснои равғани зайтун);

– равғани зайтун бо нишондоди туршишаш 2 ммол кислороди фаъол /кг. чарбу;

– равған ва чарбиҳои гидрогенизатсияшуда, чарбиҳои таркибашон кислотаҳои чарбии ҷализдошта;

– дорувори тез (қаламфур, қаҳзак, хардал).

Мутобиқати маҳсулоти хӯрокворӣ ба дастури техникии мазкур бо иҷрои талаботи сифати он ва иҷрои талаботи бехатарии дар дастурҳои техникии ҶТ ба намудҳои якхелаи маҳсулот, таъмин мегардад. Усулҳои санҷиш (ташхис) ва ченкунии маҳсулоти хӯрокворӣ дар феҳристи стандартҳо, ки қоида ва усулҳои санҷиш (ташхис) ва ченкунӣ, аз ҷумла қоидаҳои интихоби намунаҳои барои қабулу иҷрои талаботи дастури техникии мазкур зарур ва амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулоти хӯроквориро дар бар мегирад, муқаррар карда шудаанд.

Баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулоти хӯрокворӣ, ба истиснои маҳсулоти хӯрокворӣи дар б. 121 нишондодашуда, ба талаботи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии ҶТ ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ, бо шаклҳои зерин гузаронида мешавад:

– сертификатсияи маҳсулоти хӯрокворӣ;

– бақайдгирии давлатии маҳсулоти хӯрокворӣи махсусгардонидашуда;

– бақайдгирии давлатии намуди нави маҳсулоти хӯрокворӣ;

– гузаронидани экспертизаи байторию санитарӣ.

Баҳодиҳии мутобиқати равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, таҳвил, фурӯш ва истифодаи партовҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ба талаботи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии дигар, ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ, дар шакли назорати давлатӣ ба риояи талаботи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии дигар ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ муқарраргардида, ба истиснои равандҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворие, ки дар фасли 30

дастури таҳқиқшаванда нишон дода шудааст, ба амал баровварда мешавад.

Баҳодиҳии мутобиқати ин равандҳои истеҳсол дар шакли аттестатсияи байторию санитарии шароити истеҳсолоти объектҳои истеҳсолӣ гузаронида мешавад.

Баҳодиҳии мутобиқати маҳсулоти хӯрокворииистеҳсоли ғайрисаноатӣ ва маҳсулоти хӯроквории субъектони хоҷагидории соҳаи хӯрока (хӯроки умумӣ), ки барои ба муомилот баровардан ҳангоми хизматрасонӣ таъин шудаанд ва ҳамчунин равандҳои ба муомилот баровардани маҳсулоти хӯроквории нишондодашуда, дар шакли назорати давлатӣ оид ба риояи талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ, тибқи муқаррароти дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникӣ ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ гузаронида мешаванд.

Дархосткунанда ҳангоми баҳодиҳии мутобиқати маҳсулоти хӯрокворӣ, ба истиснои назорати давлатӣ, метавонад мувофиқи қонунгузорӣ дар ҳудуди он шахсони ҳуқуқию воқеиро ба сифати соҳибкор, ё истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ ва ё фурӯшандаи ин маҳсулот, ё худ иҷрокунандаи вазифаи истеҳсолкунандаи хориҷӣ дар асоси шартнома бо ӯ дар қисми таъминоти мутобиқати маҳсулоти хӯроквории воридшаванда, тибқи муқаррароти дастури соҳавӣ ба намудҳои якхелаи маҳсулоти хӯрокворӣ ба қайд гирифта шаванд. Дархосткунанда уҳдадор аст, мутобиқати маҳсулоти хӯрокворииро бо талаботи муқаррарнамудаи дастури техникии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии техникӣ, ки амалашон барои он татбиқ карда намешавад, таъмин намояд.

Маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи ёрирасон барои истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ, ки ба замимаи 3 дастури техникии мазкур дохил шудаанд, ба истиснои маҳсулоти хӯроквории коркарднагардида аз организми ҳайвонот истеҳсолшуда ва маҳсулоти хӯроквории махсусгардонидашуда, ки дар ҳудуди ҶТ ба муомилот баровварда мешавад, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии амалкунанда, ба намудҳои алоҳидаи маҳсулоти хӯрокворӣ сертификатсия мешаванд. Сертификатсияи маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҷониби мақомоти сертификатсия, ки доираи ваколаташ ба сертификатсия, намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ нигаронида шудааст, дар асоси шартнома ва дархости байни дархосткунанда ва мақомоти сертификатсия амалӣ карда мешавад. Сертификатсияи ҳар як қисми маҳсулоти хӯрокворӣ дар алоҳидагӣ гузаронида мешавад.

Тартиби амалӣ намудани сертификатсияи маҳсулоти хӯрокворӣ амалҳои зеринро дар бар мегирад:

– пешниҳоди дархост;

– интихоби намунаҳо ва ҳаммонандсозии маҳсулот;

– гузаронидани ташхиси намунаи маҳсулот дар озмоишгоҳи аккредитатсияшудаи санҷишӣ;

– ҷамъбасти натиҷаҳои ташхис ва қарор қабул намудан дар бораи додани (дар бораи рад намудани) сертификати мутобиқат ба дархосткунанда;

– амалӣ намудани санҷиши назоратии маҳсулоти сертификатсияшаванда мутобиқи қонунгузорӣ;

– гузаронидани чорабиниҳои ислоҳотӣ дар ҳолати мутобиқат накардани маҳсулот ба талаботи муқарраршуда ва истифодаи нодурусти нишони мутобиқат ба дастурҳои техникӣ.

Эътибори сертификати мутобиқат ба маҳсулоти хӯрокворӣ метавонад аз ҷониби мақомоти сертификатсия, дар сурати мутобиқат накардани маҳсулот ба талаботи муқаррарнамудаи дастури техникии мазкур, ки дар натиҷаи назорати санҷишӣ тибқи санади мақомоти судӣ қатъ ва ё муваққатан боздошта шавад. Дархосткунанда ҳуқуқ дорад нисбати қарори мақомоти сертификатсияи маҳсулоти хӯрокворӣ ба мақомоти судӣ шикоят намояд.

Дар низоми маҳсулоти хӯрокворӣ оби нӯшоки нақши муҳим дорад, чунки ба номгӯи молҳои аҳамияти калони иҷтимоидошта ворид гардида, ба муомилоти гражданӣ ворид намудани он бояд тибқи нархҳои танзимшавандаи давлатӣ анҷом дода шавад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи Умумии СММ даҳсолаи 2018 – 2028 – ро ба сифати даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор» эълон намуд.

Э. С. Насриддинзода дуруст қайд менамояд, ки «яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҶТ баҳри баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои об, кам кардани талафоти он, беҳтар гардонидани сифати об ва пешгирии ифлосшавии манбаъҳои он равона карда шуда, аз ҷониби ҶТ дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шудаанд».[1]

Бақайдгирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ амалҳои зеринро дар бар мегирад:

[1]Насриддинзода Э. С. Мушкилоти обии сайёра ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли онҳо // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, нашриёти ДМТ, 2019. - № 3 (27). – С. 16.

– баррасии ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи дархостдиҳанда пешниҳод шудаанд ва бехатирии ин маҳсулотро барои ҳаёт ва саломатии инсон тасдиқ менамоянд;

– дохил намудани маълумот дар бораи нмудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ дар феҳристи ягонаи намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ё қарор дар бораи рад намудани бақайдгирии давлатӣ ба дархостдиҳанда.

Барои бақайдгирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ дархостиҳанда ба мақоми ваколатдор оид ба бақайдгирии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) дархост барои гузаронидани бақайдгирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ бо нишондоди номгӯи он, номи дархостдиҳанда ва ҷои воқеъии он (барои дархостдиҳанда – шахси ҳуқуқӣ), ному насаби дархостиҳанда суроғаи он, ҳуҷҷатҳои лозимии тасдиққунандаи шахсият (барои дархостдиҳанда – соҳибкори инфиродӣ);

б) ҳуҷҷатҳо:

– натиҷаи санҷиш (ташхис) – и намунаҳои намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ, ки дар озмоишгоҳи санҷишии аккредитатсияшуда гузаронида шудаанд ва ҳамчунин (ё) ҳуҷҷатҳое, ки бехатарии онро барои ҳаёт ва саломатии инсон тасдиқ менамоянд;

– маълумот дар бораи таъсири он ба инсон, ки мавҷуд надоштани таъсироти зарароварро ба инсон аз ин маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз ҳама гуна манбаҳои боэътимод гирифта шудаанд.

Ҳуҷҷатҳое, ки ба мақоми ваколатдор оиди бақайдгирии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ пешниҳод шудаанд, аз рӯи тавсиф қабул карда мешавад, ки нусхаи он бо сабти дар бораи санаи қабули онҳо ба дархосткунанда фиристонида мешавад. Дархост барои гузаронидани бақайдгирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он илова шуда мумкин аст. Ҳамчунин ба мақоми ваколатдор оиди бақайдгирии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ба воситаи почта бо ҳамроҳии тавсифи замимашуда ва хабарнома дар бораи додан ё шакли электронии ҳуҷҷат, ки мутобиқи қонунгузорӣ бо имзои электронӣ тасдиқ шудааст, ирсол карда мешавад. Баррасӣ аз тарафи мақомот оиди бақайдгирии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳо пешниҳод шудааст, дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯз аз рӯзи гирифтани дархост бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ҳолатҳои зерин бақайдгирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ рад карда мешавад:

– нопуррагӣ ё нодурустии ҳуҷҷатҳои аз ҷониби дархосткунанда пешниҳод шуда, ки дар б. 160 муқаррар шудаанд;

– номутобиқатии маҳсулоти хӯрокворӣ ба талаботи дастури техникии мазкур ва (ё) дастурҳои техникии дигар, ки барои маҳсулоти хӯрокворӣ татбиқ карда мешаванд;

– ҷой доштани таъсири номатлуби исботшуда ба инсон.

Қарор дар бораи рад намудан дар шакли хаттӣ ё дар шакли ҳуҷҷати электронӣ бо асосноккунии сабабҳои радкунӣ дар мӯҳлати се рӯзи корӣ ба дархосткунанда фиристонида мешавад. Дархосткунанда ҳуқуқ дорад ба қарори мақоми ваколатдор оиди бақайдгирии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ дар бораи радкунӣ барои бақайд-гирии давлатии намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ба мақомоти судӣ шикоят намояд.

Агар дар ҷараёни ба муомилот ворид намудани мол, маҳсулотсупоранда муайян намояд, ки он ба дастури техникӣ мутобиқ намебошад, пас ҷавобгар маҳсулотсупоранда аст, на дигар шахс (миёнарав). Таҳлили амалияи судҳо дар мавриди барррасии чунин парвандаҳо нишон медиҳад, ки гуноҳи маҳсулотсупоранда дар ичро накардани назорати пешакии дохилӣ мебошад. Ин андеша аз нигоҳи манфиатҳои харидор дуруст аст, аммо ҳуқуқи маҳсулотсупоранда оид ба муомилот баровардани моли худ маҳдуд карда мешавад. Ҳангоми қабули маҳсулот аз истеҳсолкунанда он эъломия ва ё сертификатсияро ба роҳбарӣ мегиранд, лекин ӯ ҳар як маҳсулотро оид ба мутобиқатии он ба дастурҳои техникӣ санҷида наметавонад. Дар ин ҳолат ба ҷавобгарии молу мулкӣ ҷалб намудани молистеҳсолкунанда ҳамчун ҳамҷавобгар дурустар мебошад.

Маркази ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва молҳои ниёзи мардум – воҳиди мустақими сохтори Агентии «Тоҷикстандарт» мебошад. Ин муассиса аз ҷониби МД «Маркази миллӣ оид ба аккредитатсия» ба номгӯи субъектони салоҳияти техникӣ дошта ва мустақил ворид гардида, аккредитатсия карда шудааст (аттестатсияи таҳти № TJ 62. 37100. 03. 0015 – 2015.). Соли 2012 аз ҷониби мақомоти аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон Ширкати масъулияти маҳдуди «НЦА», ки аъзои «ILAK» мебошад, ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2017 ин муассиса дар 5 791 ҳолат маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва маҳсулоти ниёзи мардумро аз ташхис гузаронид. Таҳлили натиҷаҳои хизматрасониҳои музднoки ин мақомоти салоҳиятнок нишон доданд,

ки дар 861 ҳолат маҳсулотҳои хӯрокворӣ ба талаботҳои СД ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ набуданд.

Дар заминаи собиқ Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, назорати давлатии фарматсевтӣ ва назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ таъсис дода шуд.

Соли 2020 Хадамоти назорати санитарӣ – эпидимологӣ таъсис ёфт. Барои пешбурди корҳои бехатарии озуқаворӣ нақши Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво ва Лабораторияи муштараки Тоҷикистону Хитой оид ба омӯзиши бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ муҳим мебошад.[1]

Талабот ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, шароити истеҳсол, омодасозӣ ва муомилоти онҳо, бехатарии хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ ва хӯроки умумӣ аз рӯи меъёру қоидаҳои дахлдори санитарӣ, байторӣ, фитосанитарӣ ва дастурҳои техникӣ муқаррар карда шудаанд. Дар таносуби мафҳуми «бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ва мафҳуми «сифати маҳсулоти хӯрокворӣ» ақидае иброз шуд, ки тибқи он «…. сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ду категорияи аз ҳам фарққунанда буда, якдигарро пурра менамоянд».[2] Ин андеша асоснок мебошад, зеро ки дар консепсияи таҳқиқоти мо падидаи «бехатарии мол, кор ва хизмат» яке аз унсурҳои таъмини сифат мебошад.

Муаллифон оид ба такмили танзими ҳуқуқии сифати маҳсулоти хӯрокворӣ якчанд пешниҳодҳо кардаанд. Масалан, пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи сифати маҳсулоти хӯрокворӣ» қабул карда шавад. Ин пешниҳодро мо ҷонибдорӣ карда наметавонем, зеро ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 – уми августи соли 2012, таҳти № 890[3] масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ҳалли худро пайдо кардааст. Пешниҳод дар хусуси маълумоти олии дахлдор доштани маъмурият, сарошпаз, ошпаз, пешхизмат ва ғайра, инчунин дар ҳамаи ошхонаву тарабхонаҳо ҷорӣ намудани воҳиди кории корманди тиббӣ ва ё бахши тиббӣ аз ҳисоби кормандони

---

[1] Шарофзода Р. Ш. Асосҳои ҳуқуқии амнияти санитарӣ – эпидемиологӣ ва биологӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: нашриёти ДМТ, 2020. - № 2 (30). – С. 24, 27.

[2] Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Фарҳанги ҳуқуқии хизматрасонӣ ё нигоҳе ба асосҳои ҳуқуқии сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ.- Душанбе: нашриёти ДМТ, 2020.- № 2 (30).- С. 46.

[3] Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 – уми августи соли 2012, таҳти № 890// Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар пешниҳодҳои ба ҳамин монанд, қобили қабул нест, чунки хилофи м. 10, 17, 18 ва 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 – уми марти соли 2013, таҳти № 943[1] мебошанд. Сархати 9 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» озодии савдоро ҳамчун яке аз принсипҳои асосии танзими сифати маҳсулоти хӯрокворӣ эътироф намудааст. Ухдадориҳои ҷумҳурӣ дар назди СУС ба он равона гардидааст, ки баъзе монеаҳои ҷойдоштаро ҳар чӣ зудтар бартараф намуда, барои татбиқи пурраи арзишҳои озодишиносӣ ҳуқуқи граждании шароит фароҳам оварад.

Ба андешаи А. В. Золотухин бамеъёрдарории техникӣ хоси танҳо танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.[2] Бо ин андеша розӣ шуда наметавонем, зеро асоси воқеӣ надорад. Дар замони шӯравӣ низоми пешрафтаи бамеъёрдарории техникӣ на танҳо дар сатҳи соҳа ё корхона вуҷуд дошт, балки дар сатҳи воҳидҳои асосӣ ва қисмҳои истеҳсолӣ (участка, бригада, цех) инкишоф ёфта буд. Дар шароити имрӯза дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ стандартҳои «Ҳалол» ва «Бонкдории исломӣ» ба вуҷуд омадааст, ки дар баъзе давлатҳои дунявӣ эътироф ва риоя шуда истодаанд. Чунин бамеъёрдарории техникӣ ғайрианъавӣ буда, моҳиятан хусусӣ буда, аз ҷониби мақомотҳои танзимгари ин ё он соҳа тасдиқ карда мешаванд. Масалан, аз ҷониби ширкати UAB «Halal Control Lithuania» шинохти стандартҳои UAE. S GSO 2055 – 1: 2015 (давлатҳои халиҷи Араб), MS 1500: 2019 (Малайзия), HCL G: 2020 (Аврупо, Осиё, давлатҳои ИДМ, Америка, Африка) ва OIC / SMIIC 1: 2019 (Туркия, Покистон ва дигар давлатҳое, ки талаботҳои махсус доранд.) анҷом дода, сертификатсия мутобиқатро иҷро мекунад. Чунин хизматрасонӣ дар нисбати молҳое (маҳсулоти гуштӣ, шир, маҳсулоти гигиенӣ, доруворӣ ва ғайра) анҷом дода мешавад, ки тибқи шариат истеҳсол ва муомилоти онҳо раво, ҷоиз ва иҷозат дода шуда (ҳалол) мебошад.

Мувофиқи сархати 4 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» аз 26 июли соли 2014, таҳти № 1108, стандартҳои

[1] Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 – уми марти соли 2013, таҳти № 943. Бо тағйироту иловаҳо мувофиқи қонунҳои ҶТ аз 14 – уми марти соли 2014, таҳти № 1075; аз 8 – уми августи соли 2015, таҳти № 1216. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник.- Душанбе: «ЭР - граф», 2018. – С. 518.

фаъолияти бонкии исломӣ[1] маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки аз ҷониби Шӯрои машваратӣ оид ба хизматрасонии бонкии исломӣ ҷонибдорӣ гардида, онро БМТ тасдиқ намуда, мувофиқи он ташкилотҳои кредитии исломӣ фаъолияти худро анҷом медиҳанд. Баъзе муаллифон модели танзими бонкдории исломиро дар ҶТ ва ФР таҳлил намудаанд,[2] вале масъалаҳои хатари начандон баландро аз лиҳози таъмини сифати хизматрасонии бонкӣ таҳлил накардаанд. Шариат bayu al – gharar (таваккалии беҳад) – ро дар савдо ва ё хизматрасонии бонкӣ манъ кардааст. Ин таваккали дар он ифода меёбад, ки оқибатҳои аҳд номаълум аст, харидор намедонад, ки чи харидааст, фурӯшанда бошад, намедонад, ки чи фурӯхтааст. Бинобар ин, муомилоти молиявие, ки таваккалии он зиёд нест, хизматрасонии ҳалол мебошад. Ҳамзамон савдои молии таваккалии беҳаддошта ҳаром аст (фурӯши паррандае, ки дар осмон парвоз дорад, фурӯши моҳие, ки дар оби дарьё ё баҳр шино дорад ва ғайра). Ҳамин тавр, «шартнома дар меъёрҳои ҳуқуқи ҳадисҳо танҳо дар сурате эътироф мешавад, ки он воқеӣ ва дуруст бошад. Шартномае, ки бо роҳи фиреб баста шудааст, ба мақсад мувофиқ набуда, ба ҷуз аҳдшиканӣ ва фиреб чизи дигаре нест. Аз ин рӯ, тавре дар ҳадис омадааст, Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад, ки шахсе назди паёмбар омад ва шикоят кард, ки доимо ӯро дар вақти фурӯши мол фиреб мекунанд. Он кас дар ҷавоб гуфтанд: «Чун шартномаи савдо (хариду фурӯш) мекунед, қавл диҳед, ки бидуни фиребу найранг»».[3] Ин посух метавонад ба шуури баъзе соҳибкорҳо таъсири мусбӣ расонад, онҳоро аз кирдори беинсофона боздорад. Масалан, дар арафаи ҷашни рӯзи Иди Рамазон ва ҷашни рӯзи Иди Қурбон масъулони мақомоти ваколатдор дар соҳаи дин, Маркази исломшиносӣ ва дигарон барномаҳои телевизионӣ таҳия намуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд, то ки баъзе савдогарон нархи маҳсулоти хӯрокиро баланд набардоранд. Вале чун анъана нархҳо баланд карда мешаванд. Шахсоне ки ба ин амал роҳ додаанд ё барои вайрон кардани қоидаҳои савдо тибқи шариат дар Рӯзи ҷазо бояд муҷозот карда шаванд. Ҳамзамон дар ин дунё бошад, барои

---

[1]Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» аз 26 июли соли 2014, таҳти № 1108. Бо тағйиру иловаҳо мувофиқи Қонуни ҶТ аз 20 – уми июни соли 2019, таҳти № 1627. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2]Муртазакулов Дж. С., Серова О. А. Развитие исламского кредитования в России и Республики Таджикистан: возможности интеграции законодательной модели // Актуальные проблемы юридических наук: теория и практика. / Матер. межд. научно-практ. конф., посвященной 25 –летию независимости РТ и 20 – летию РТСУ. – Душанбе: РТСУ, 2016. – С. 203 –208.

[3] Холиқов А. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: «ЭР – граф», 2010. – С. 291.

вайрон кардани қоидаҳои савдо, фиреб додани истеъмолкунандагон ва ғайра муҷозоти муқаррар намудаи давлат татбиқ карда мешавад. Мушоҳидаҳои оморӣ, ҳисоботҳо ва таҳлилҳои илмӣ далели он мебошад. Бинобар ин, мо ба андешаи Ҷ. Саъдизода оид ба оне, ки «….риоя ва иҷроиши меъёрҳои динӣ аз меъёрҳои дунявӣ, ки дар сурати риоя ва иҷро накардан ҷазоҳо ва ҷавобгариҳои гуногунро дар пай дорад, самараноктаранд»[1] ҳеҷ розӣ шуда наметавонем. Радкунии мазкур ба дониши муосири самаранокӣ ҳамчун падидаи баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва аудит, риоя ва иҷрои меъёрҳои диниро, масалан дар соҳаи сифати мол, кор ва хизмат кори шахсии ҳар як фурӯшанда ё дигар иштирокчии муомилоти гражданӣ меҳисобад ва ин шахсон дар назди давлат оид ба ин кор ё самараи он ҳисоботдиҳанда намебошанд. Давлат низ ба ин кор дахолат намекунад, агар шахси эътикоди динӣ дошта аз озодиҳои худ суистифода накунад. Самаранокии ҳуқуқи позитивии ҶТ дар фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ инъикос гардида, мувофиқи тартиби баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва аудит муайян карда мешаванд. Маҳсули фаъолияти ин мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар устувории ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ифода ёфтааст ва иштирокчиёни муносибатҳои мазкур аз ҳуқуқҳои граждании худ истифода намуда, ақидаҳои худро озодона баён мекунанд ва дигарон ин ақидаҳоро ҷонибдорӣ ва ё рад мекунанд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло далели номувофиқии баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи танзими техникӣ ва мавҷуд набудани чораҳои дахлдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи харидорон, аз ҷумла истеъмолкунандагони мол, кор ва хизмат мебошанд, ки нисбат ба онҳо талаботҳои ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ба сифати онҳо муқаррар карда мешаванд, ки барои бартараф намудани мушкилоти зикршуда, зарур аст.

Дар баъзе мавридҳо муҳтавои дастурҳои техникӣ маҳдуд инъикос карда шуда, ҷузъиёти алоҳидаро дар худ ифода мекунад. Ба ин намуд дар баъзе дастурҳои техникӣ талабот оид ба таъмин аудити сифат ва мушоҳида пешбинӣ нашудааст, ки хатари зиёд дорад. Сатҳи баланди хатар дар марҳилаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ҳангоми истифодаи заҳрхимикат, маводи дорувории ҳайвонот, хӯрокҳо ва иловаи хӯроки ҳайвонот мушоҳида карда мешаванд. Истифодаи заҳрхимикатҳо, назорати боқимондаи он дар организми ҳайвоноти

[1] Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон зери таъсири Ислом ва дугунагӣ дар андешаҳо.// Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: нашриёти ДМТ, 2019. - № 2 (26). – С. 41.

зинда, ашёи хоми хӯрокворӣ, хӯроки чорво ва маҳсулоти тайёри озуқаворӣ буда, мавзӯи муҳими танзими сифати маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 – юми декабри соли 2017. // Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи паёмҳо). – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 545 - 573.
2. Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник.- Душанбе: «ЭР - граф», 2018. – 596с.
3. Холиқов А. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: «ЭР – граф», 2010. – 476.
4. Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон зери таъсири Ислом ва дугунагӣ дар андешаҳо.// Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: нашриёти ДМТ, 2019. - № 2 (26). – С. 32 - 44.
5. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Фарҳанги ҳуқуқии хизматрасонӣ ё нигоҳе ба асосҳои ҳуқуқии сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ.- Душанбе: нашриёти ДМТ, 2020.- № 2 (30).- С. 43- 56.
6. 6.Муртазакулов Дж. С., Серова О. А. Развитие исламского кредитования в России и Республики Таджикистан: возможности интеграции законодательной модели // Актуальные проблемы юридических наук: теория и практика. / Матер. межд. научно-практ. конф., посвященной 25 –летию независимости РТ и 20 – летию РТСУ. – Душанбе: РТСУ, 2016. – С. 203 –208.
7. Насриддинзода Э. С. Мушкилоти обии сайёра ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли онҳо // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, нашриёти ДМТ, 2019. - № 3 (27). – С. 13 - 20.
8. Шарофзода Р. Ш. Асосҳои ҳуқуқии амнияти санитарӣ – эпидемиологӣ ва биологӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: нашриёти ДМТ, 2020. - № 2 (30). – С. 16 - 32.

**Раҳимзода М.З. - арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи илм ва техника.**

# КОРПОРАТСИЯ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ КОРПОРАТИВӢ: НАЗАРИЯ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

Масъалаи корпоратсия, муносибатҳои корпоративӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо дар шароити имрӯза яке аз проблемаҳои мубрами илмӣ ҳуқуқшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодии ватанӣ, инчунин ҳаёти сиёсию иқтисодии Тоҷикистон вақтҳои охир ҳар чи бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар суханрониҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба такмили низоми корпоративӣ дар кишвар борҳо ибрози ақида карда шудаанд[1]. Вале дар қонунгузории Тоҷикистон на истилоҳ ва на мафҳуми корпоратсия мавҷуд намебошад.Муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ҳамчун намуди махсуси нави муносибатҳои соҳибкорӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода нашудаанд. Агарчанде, ки шаклҳои гуногуни ташкили ҳуқуқии корпоратсияҳо (ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва ғ.) дар қонунгузории Тоҷикистон мавҷуд бошад ҳам. Дар таҷриба истилоҳи “корпоратсия” дар номи ҷамъиятҳои хоҷагӣ истифода бурда мешавад. Масалан, ҶДММ “Корпоратсияи моҳипарварӣ”, ҶДММ “Корпоратсияи Зиёратшоҳ”, ҶДММ “ Корпоратсияи Сомон” ва ғ.

Ҳамзамон масъалаҳои мубрами муносибатҳои корпоративӣ ва субъектҳои он дар адабиёти ҳуқуқии ватании замони Шӯравӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода нашуда буд. Сабаби ба ин масъала

[1]Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ . 14.10.2017.URL:http://president.tj/ru/ node/16392.; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 январи соли 2021 .-Ҷумҳурият №18 (24 125), 26 январи соли 2021.

тавачҷӯҳ накардани олимони замони Шӯравӣ аз он иборат буд, ки дар он давра ба ҷои корпоратсияҳо дар муомилоти гражданӣ корхона ва муассисаҳои давлатӣ иштирок менамуданд. Соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ, инчунин дар доираи ташкилотҳои колхозию кооперавтивӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ маҳдуд карда шуда буд.Албатта дар чунин ҳолат дар илми ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) ва хоҷагӣ (соҳибкорӣ) таълимоти мукаммал оид ба муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ бавуҷуд омада наметавонист.

Таваҷҷӯҳ ба назарияи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳарчанд афзуда бошад, ҳам, вале истилоҳи "корпоратсия" ва "муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ" дар қонунгузории амалкунанда мустаҳакам карда нашудааст. Ҳол он, ки зарурияти расмикунонии он айни мудаост. Бояд қайд намоем, ки қонунгузории Тоҷикистон доираи васеи шакҳои ташкили ҳуқуқии онҳоро, аз ҷумла ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ[1], копертивҳои тиҷоратиро пешбинӣ менамояд, ки ба ҳақиқати инкишофи иқтисодии кишвари мо ҷавобгӯ мебошад. Чунин ҳолат моро водор менамояд, ки нисбат ба мафҳуми корпоратсия ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои корпоративӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ва сатҳи қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Корпоратсия ҳамчун шакли ташкилии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар илм ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бо таври васъе истифода бурда мешавад. Онро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, шакли ташкили ҳуқуқии субъекти хоҷагӣ, тарзи ба ҳам алоқаманди иштирокчиёни муомилоти гражданӣ[2] ва ғ. баррасӣ менамоянд.

Бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқи хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ба ҳайси корпоратсия эътироф намудани ин ё он ташкилот бо тарзи гуногун маънедод карда мешавад.Ба андешаи яке ба корпоратсия ҳамаи ташкилотҳои тиҷоратӣ дохил карда мешаванд[3].

---

[1] Масалан: Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд»- Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **соли 2002, №4, қисми 2, мод. 314; соли 2008, №10, мод. 810.** ; Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007«Дар бораи Ҷамъиятҳои саҳомӣ»-Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон -Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890.

[2] Ниг.: Ломакин Д. В. Корпоративные правоотношения: общая теория и практика ее применения в хозяйственных обществах.-Москва, 2008.-С.61-62; Лаптев В. В. Предпринимательское (хозяйственное) право и реальный сектор экономики. -М., 2010.-С.41-42 и др..

[3] Ниг.: Пахомова Н. Н. Основы теории корпоративных отношений (правовой аспект): -Екетринбург, 2005.-С44-45.

Ба андешаи дигарон ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагӣ[1]. Фаҳмиши дигаре дар бораи корпоратсия аз он иборат аст, корпоратсия ҳаммаъно ба ҷамъиятҳои хоҷагӣ дониста шуда[2], ширкати хоҷагӣ ба он дохил карда намешавад. Ба ақидаи чорумин танҳо ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкилоти корпоративӣ дониста мешавад[3]. Бо мурури рушди қонунгузории ин кишвар ва хусусан тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании ФР фаҳмиши корпоратсия ба истиснои баъзе ҳолатҳо дар доираи фаҳмиши шахсони ҳуқуқӣ маҳдуд карда шуд. Шахсони ҳуқуқиро аз нуқтаи назари таркиби ташкилиашон ба корпоратсияҳо (ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, копеpативҳои истеҳсолӣ, инчунин қисми зиёди ташкилотҳои ғайрикорпоративӣ) ва дигар шахсони ҳуқуқии ғайрикорпоративӣ ҷудо намуданд (корхонаҳо, фондҳо, муассисаҳо).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни "корпоратсия" мавҷуд мебошад. Ба ақидаи яке корпоратсия иттиҳодия, ташкилотӣ коллективии шахси ҳуқуқии эътирофшудае мебошад, ки ба якҷоякунии сармоя (ҳақи аъзогии ихтиёрӣ) асос ёфта, ягон фаъолияти манфиатноки иҷтимоиро анҷом медиҳад[4]. Баъзе олимон ҳамчун корпоратсия, инчунин якҷояшавии (иттиҳодӣ) шахсон ва сармояро мефаҳманд[5]. Дигарон, корпоратсияро ташкилоте меҳисобанд, ки муассисони (иштирокчиёни, аъзоёни) он дар асоси иштирок (аъзогӣ) муттаҳид шуда, ва фаъолияти онро идора менамоянд[6]. Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ барои корпаратсия эътироф намудан аломатҳои гуногунро номбар менамоянд, ки бо он корпоратсия бояд доро бошад. Аз ҷумла, мақсади фаъолияти онро[7]. Ба андешаи мазкур ризо шудан мумкин нест. Агар корпоратсия ташкилоти ба аъзогӣ асосёфта бошад, он гоҳ мавҷудияти муносибати ба иштирок (аъзогӣ) асосёфта, ҳеҷ гоҳ наметавонад аз мақсади фаъолият вобастагӣ дошта бошад. Зеро,мақсади фаъолият ба ҳайси маҳаки фарққунандаи шахсони

[1] Ниг.: Предпринимательское (хозяйственное) право: Учебник /Под ред. В. В. Лаптев, С. С. Занковский.- М., 2006.-С.99-101; Хужокова И. М. Корпоративное право Российской Федераций. Курс лекций: Учебное пособие для вузов. М., 2005.-С. 205-232.

[2] Ниг.: Степанова П. В. Корпоративные отношения в коммерческих организациях как составная часть предмета гражданского права: Дис. …канд. юрид. наук. -М., 1999.-С.8-9; 18-21.

[3] Ниг.: Макарова О. А. Корпоративное право: Учебник.- М., 2005.-С.5.

[4] Кашанина Т. В. Корпоративное право. Право хозяйственных товариществ и обществ: Учебник для вузов. -М., 1999.-С.138.

[5] Ниг.: Петухов В. Н. Корпорации в российской промышленности: законодательство и практики; Научно-практическое пособие. -М., 1999.-С.4.

[6] Ниг.: Современное предпринимательское право: монография./ отв. ред. И. В Ершова.- М., 2014.-С.119

[7] Ниг.: Могилевский С. Д., Самойлов И. А. Корпораций в Россий: Правовой статус и основы деятельности: Учебное пособие.-М., 2006.-С.17-18.

ҳуқуқӣ ба ташкилоти тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) ва ғайритиҷоратӣ (ғайрисоҳибкорӣ) хизмат менамояд (м. 50 КГ ҶТ).

Ҳамзамон, ба сифати яке аз аломатҳои корпоратсия эътироф намудани таъсиси шартномавии он ва якҷоякунии сармоя (амонат) низ қобули қабул намебошад. Зеро ба маҳаки мазкур корпоратсияҳои ғайритиҷоратии зиёде, ки бо мақсади ташкилию идоракунӣ муттаҳид шудаанд ҷавобгӯ намебошанд[1] (фасли 5. боби 4 КГ ҶТ).

Қайд кардан ба маврид аст, ки корпоратсия (аз лотинӣ "corporation") муттаҳидшавии (иттиҳодӣ) шахсонро дар бар мегирад. Ба "воситаи муттаҳидшавӣ ба корпоратсия аз лиҳози ҳуқуқӣ молу мулки умумӣ аз шахсӣ ва фаъолияти ҷамъият аз фаъолияти аъзоёни он" фарқ карда мешавад[2].

Корпоратсия ҳамчун субъекти коллективии мустақили муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ аз сохти (таркиби) аниқи дохилӣ иборат мебошад. Чунин ҳолат заминаи мустақилияти корпоратсияро ташкил менамояд. Ба ғайр аз он ба корпоратсия ҳамагуна шахсеро дохил намудан мумкин аст, ки фаъолияти он ба иштирок (аъзогӣ) дар ташкилот асос меёфта бошад. Агар чунин иштирок (аъзогӣ) мавҷуд набошад, ҳеҷ гуна муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ низ бавуҷуд намеоянд. Вобаста ба ҳамин муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро мумкин аст муносибатҳо оид ба иштирок ё аъзогӣ номгузори намуд. Истилоҳи "иштирок" ва "аъзогӣ"-ро ҳамчун алоқаи ҳуқуқие баҳо додан мумкин аст, ки тааллуқ доштани субъектро ба таркиби дохилии корпоратсия ифода менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ кушиш ба харҷ дода мешавад, ки истилоҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқ карда шавад. Бояд қайд намоем, ки дар ҳақиқат иштирок ё аъзогии шахс дар корпоратсия аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни онҳо алоқаи ҳуқуқии махсус дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии иштирок (аъзогӣ) мавҷуд мебошад. Ҳамзамон мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии зикршуда дар байни шахсон ва корпоратсия имконият медиҳад, ки ба чунин шахс вазъӣ иштирокчии (аъзогии) корпоратсия дода шавад. Барои ҳамин ба ақидаи мо иштирок ва аъзогӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ мафҳуми ҳаммаъно мебошанд. Моҳиятан иштирок (аъзогӣ) ин маҷмӯи аълоқаҳои иштирокчиёни (аъзоёни)

[1]Ниг.: Предпринимательское право в XX1 веке: истоки и перспективы: монография /Под ред. С. С. Занковского, Н. И. Михайлова.- М., 2018.-С.85.

[2] Муромцев С. А. Гражданское право Древнего Рима. -М.: Статут, 2003.-С.603.

корпоратсия бо худи корпоратсия буда, ва он дар мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии онҳо, ки унсури мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии иштирок (аъзоги)-ро ташкил медиҳад зоҳир мегардад. Ҳамзамон дар муносибатҳои корпоративӣ муқаррар намудани алоқаманди дар байни "иштирокчӣ мақомот шахси ҳуқуқӣ" ҷабҳаи муҳимӣ назариявию методологӣ дорад. Категорияҳои зикршуда дар алоқамадии зич ба ҳамдигар қарор дошта бошанд ҳам, вале як чиз намебошанд. Зеро, иродаи муассис (иштирокчиён) ва шахсони ҳуқуқии таъсисдодаи онҳо ҳеҷ гоҳ як чиз намебошад . Онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аз инҷо масъулияти онҳо низ барои уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон дар доираи талаботи муқаррарнамуда шартнома ва қонунгузорӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Ба ҳайси корпоратсия эътироф намудани як қатор шахсони ҳуқуқӣ (м.48 ва 50 КГ ҶТ) боиси ҳеҷ гуна баҳс намебошад. Зеро, дар ин ҳолат танҳо ташкилоти корпоративӣ шахси ҳуқуқӣ шуда метавонад. Вале корпаратсияро танҳо дар маънои шахси ҳуқуқӣ фаҳмидан қобили қабул намебошад. Чи тавре, ки дар боло зикр кардем корпоратсия иттиҳоди шахсоне мебошад, ки ба иштирок (аъзогӣ) дар фаъолияти онҳо асос меёбад. Аз ин ҷо иттиҳодияҳои корпоративи (пулҳо, ҳолдингҳои бонкӣ ва ғ.)-ро, ки фаъолияти онҳо низ дар асоси иштирок (аъзогӣ) ба роҳ монда мешавад бояд ба ҳайси корпоратсия эътироф намуд. Зеро онҳо низ иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ба иштирок (аъзогӣ) асосёфта мебошанд. Аз ин ҷо истилоҳи "корпоратсия" наметавонад ва набояд танҳо дар доираи фаҳмиши шахси ҳуқуқӣ маҳдуд карда шавад. Он бояд нисбат ба иттиҳодияҳои корпоративие, ки шахси ҳуқуқӣ намебошанд низ истифода бурда шавад. Ба ҳайси корпоратсияҳо ҳамзамон ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баромад карда метавонанд. Ба онҳо кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, ассосиатсия ва иттифоқҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. дохил мешаванд. Аз ин ҷо корпоратсия ба ҳайси навъ ва шахсони ҳуқуқии корпоративӣ тиҷоратӣ ҳамчун намуди он ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, корпоратсияро дар маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмидан лозим аст. Дар маънои маҳдуд ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Дар маънои васеъ бошад ба ҳайси корпоратсия ҳам ташкилотҳои дорои

ҳуқуқи шахси ҳуқуқи ва ҳам иттиҳодияҳои тиҷоратие, ки фаъолияташон ба иштирок (аъзогӣ) асос меёбад, бояд фаҳмида шавад.

Ҳамин тавр, ба корпоратсия бояд дохил карда шаванд:

- ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои корпоративӣ);

-иттиҳоди шахсоне, ки дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ намебошанд (иттиҳодияҳои корпоративӣ);

-умумияти шахсоне, ки сармояи худро ба идоракунии ба бовариёфта медиҳанд (траст ва фондҳои корпоративӣ).

Қайд кардан лозим аст, ки ташкилоти дорои ҳуқуқӣ иштирокчи (аъзо) набуда, карпоратсия ҳисобида намешаванд. Аз ҷумла, корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо. Зеро дар доираи чунин сохторҳо ҳеҷ гуна муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ бавуҷуд омада наметавонанд. Ба ҳайси муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ муносибатҳои байни муассисони шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони ҳуқуқиро, ки ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва идоракунии оперативӣ асос меёбанд дохил намудан[1] қобили қабул намебошад. Аз тарафи дигар дар муҳокимарониҳои баъзе аз онҳо пайдарҳами вуҷуд надорад. Аз як тараф ба сифати корпоратсия ташкилотеро ҳисоб менамояд, ки ба иштирок (аъзогӣ) асос меёбад[2]. Аз тарафи дигар мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро дар доираи ташкилоте мебинанд, ки аз рӯи табиати ҳуқуқиаш корпоратсия намебошад. Дар чунин ҳолат муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ берун аз доираи корпоратсия бавуҷуд омада, таснифи ташкилотҳо ба корпоратсия ва муассиса вобаста аз мавҷудияти муносибати иштирок (аъзогӣ) моҳияташро гум менамояд.

Муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ гуфта муносибатҳои ҷамъиятиеро меноманд, ки оид ба таъсис, фаъолият ва қатъӣ фаъолияти корпоратсия дар алоқаманди бо иштирок ё идоракунии корпаратсия бавуҷуд омада, ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи корпоративӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешаванд. Нисбат ба мафҳуми муносибатҳои корпоративӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру ақидаҳои дигар низ мавҷуд мебошад.Аз ҷумла, ҳамчун ҳуқуқӣ дохилифирмавӣ баҳо дода, онро аз низоми қоида ва меъёрҳои

[1] Ниг.: Козлова Н. В. Правосубъектность юридического лица. –М.: Статут, 2005.-С.127- 135.

[2] Ниг.: Козлова Н. В. Понятие и сущность юридического лица. Очерки истории и теории: Учебное пособие. –М.: Статут, 2003. –С. 215.

рафторе иборат медонанд, ки аз тарафи мақомоти идоракунии корпоратсия таҳия ва қабул карда шудаанд[1]. Чунин фаҳмиш муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқии молиявӣ ва ҳуқуқии граждании дохили ташкилотро ба муносибатҳои корпоративӣ дохил менамояд.Аз ин ҷо қобили қабул намебошад. Инчунин, муносибатҳои корпоративиро муносибатҳои ҷамъиятие меноманд, ки аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим дароварда шуда, оид ба таъсис, фаъолият ва қатъгардии фаъолияти корпоратсия бавуҷуд меоянд[2]. Бо сабабе, ки чунин шарҳи муносибатҳои корпоративӣ муносибатҳои ғайрикорпоративиро дар бораи таъсис, фаъолият ва қатъгардии фаъолияти корпоратсия, аз ҷумла уҳдадориҳои андозӣ, муносибатҳои меҳнатӣ бо кормандон ва ғ. дар бар мегирад, аз инҷо асоснок намебошад. Ҳамзамон муносибатҳои корпоративиро ҳамчун алоқаҳои иҷтимоию иқтисодие эътироф менамоянд, ки ба воситаи онҳо табдилёбии моликияти инфиродии ду ва зиёда субъектҳо ба объектҳои молумулкии моликияти муайяни субъектҳои соҳибмулкии зиёд ба вуҷуд омада, дар натиҷа молу мулк ва фаъолияти ин субъектҳо бо мақсади қонеъ гардонидани манфиат ва мақсадҳои онҳо муттаҳид карда мешавад[3]. Дар мафҳуми зикршуда аз як тараф хислати коллективи доштани муносибатҳо дуруст қайд карда шуда, аз тарафи дигар муносибатҳои корпоративӣ моҳиятан ба муносибатҳои моликияти ҳиссагӣ баробар דониста мешавад. Дар натиҷа чунин фаҳмиш муносибатҳои доир ба таъсис ва қатъ гаштани фаъолияти корпаратсияро ҳамчун субъекти ҳуқуқе, ки дорои унсурҳои корпоративӣ мебошад дар бар намегирад.

Муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро вобаста ба марҳилаҳои барқароршавӣ ва инкишоф ба муносибатҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1) Муносибатҳое, оид ба таъсисӣ корпоратсия ё ин ки дохил шудан ба ҳайати иштирокчиёни корпоратсияи мавҷудбуда бавуҷуд меоянд;

2) Муносибатҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти (идоракунӣ, молумулки, итиллоотӣ ва ғ.) корпоратсия бавуҷуд меоянд.

---

[1]Ниг.: Кашанина Т. В. Корпоративное право. Учебник.-М., 2006.- С.67; Корпоративное право: Учебник/под ред. И. А. Еремичева.-М., 2005.-С.23.

[2] Ниг.: Корпоративное право. Учебник/отв. ред. И. С. Шиткина.-М., 2011.-С.32.

[3] Ниг.: Пахомова Н. Н. Цивилистическая теория корпоративных отношений: монография. Екатеринбург, 2005.-С. 68.

3) Муносибатҳое, ки дар натиҷаи қатъгардии (ихтиёран барҳамдиҳӣ, муфлисшавӣ ва ғ.) фаъолияти корпоратсия бавуҷуд меоянд.

Ҳамзамон муносибатҳои корпоративиро ба муносибатҳои асоси (худи корпоративӣ) ва муносибатҳои ба он алоқамандро ҷудо намудан мумкин аст.Ба муносибатҳо асоси муносибатҳо оид ба таъсиси корпоратсия ё ворид шудан ба он; доир ба идоракунии корпоратсия; оид ба қатъгардии фаъолияти корпоратсия; оид ба амали намудани ҳуқуқҳои молумулки ва итиллоотии иштирокчиёни корпоратсия; оид ба муомилот ва бегона кардани ҳуқуқ ба саҳм (ҳисса, пай) дар сармояи оинномавии корпоратсия ва ғ. дохил мешаванд. Ба муносибатҳое, ки ба муносибатҳои асоси алоқаманд мебшанд муносибат дар бораи гирифтани суди саҳмия дохил мешаванд.

Доир ба табиати ҳуқуқии муносибатҳои корпаративӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру ақидаҳои мухталиф мавҷуд мебошад. Қайд карда мешавад, ки муносибатҳо корпоративӣ бояд дар доираи муносибатҳои молумулки (ашёи-ҳуқуқӣ)[1] ва ё уҳдадоригӣ[2] баррасӣ карда шаванд. Аз ин ҷо ба ақидаи баъзе олимон муносибатҳои корпоративӣ, муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошанд[3]. Ба ақидаи дигарон муносибатҳои корпоративӣ хислати комплекси дошта, аз ин ҷо қисми таркибии муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошанд[4]. Бояд қайд намоем, ки муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ аз муносибатҳои молумулки ва уҳдадоригӣ фарқ менамоянд. Зеро дар муносибатҳои охирон унсурҳои идоракунӣ мавҷуд намебошанд. Барои муносибатҳои корпоративӣ унсурҳои ташкилӣ- идоракунӣ хос буда, танзими ҳуқуқии онҳо дар ба ҳам мувофиқоии методҳои хусусӣ-оммави ҳуқуқӣ, ки хислати комплексӣ доранд амали карда мешавад.

---

[1] Ниг.: Пахомова Н. Н. Асари номбаршуда, 2005.-С.133.

[2] Ниг.: Долинская В. В. Акционерное право. Учебник./Отв. ред. А. Ю. Кабалкин.-М.: Юрид. лит., 1997.-С.12.

[3]Ниг.: Ломакин Д. В. Корпоративные правоотношения: общая теория и практика ее применения в хозяйственных обществах. -Москва, 2008.-С.104; Белов В. А. Корпоративное право: актуальные проблемы теории и практики./Под. ред. Белова В. А..-М., 2009.

[4] Ниг.: Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: барқароршавӣ, инкишоф ва проблемаҳо /Қонунгузорӣ, 2015, №1 (17).- С. 35- 40; Бобоев Ҷ. К. Суть включения корпоративных отношений в Гражданском кодексе Республики Таджикистан/Законодательство.-2012,№4 (8). –С.44.

Аз ин ҷо муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ предмети батанзимдарории ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад[1].

Муносибатҳои корпоративӣ ба монанди ҳамагуна муносибатҳои ҳуқуқӣ дорои субъект, объект ва мазмун мебошанд. Ба ҳайси субъектҳои муносибатҳои корпоративӣ худи корпоратсия, иштирокчиён (саҳмдорон, аъзоҳо, пайдорон), аъзоёни мақомоти идоракунӣ, мақомоти давлатӣ, муассисон, мақомоти идоракунии корпоратсия, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ғ. баромад карда метавонанд.

Объекти муносибатҳои корпоративӣ худи иштирок ва идоракунии корпоратсия шуда метавонад, ки дар натиҷаи он неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ба даст дароварда мешавад. Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси онҳо ташкил медиҳад. Масалан, ҳуқуқ ба идоракунӣ, ҳуқуқ ба гирифтани фоида, суд ва ғ. Уҳдадорӣ оид ба пардохти саҳмияи сармояи оинномавӣ, дар доираи оиннома ҷавобгариро ба зимма гирифтан, паҳн накардани итиллоот дар бораи фаъолияти корпоратсия ва ғ.

Мавҷудияти корпоратсия шарти ногузири мавҷудияти худи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ мебошад. Аҳамияти корпоратсия ҳамчун шарти мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ на танҳо ба вазъӣ махсуси худи корпоратсия, балки ба мақоми дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ, ки ба он (корпоратсия) тааллуқ дорад вобаста мебошад. Ҳамин тавр, дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ба таркиби ташкилии корпоратсия дохил шуда, иштирокчии он мегарданд. Агар субъектҳои муқаррарии муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар муносибат ба ҳамдигар ба ҳайси шахсони алоҳида ва мустақил баррасӣ карда шаванд, он гоҳ корпоратсия дар муносибат ба аъзоёни худ дорои хусусияти то дараҷае нисбатан шартии алоҳида ва мустақилро доро мебошад. Зеро маҳз иштирокчиёни он бо кушиши умумии худ иродаи корпоратсияро муайян менамоянд. Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифи бевоситаи ташкилот ба иштирок ва бе иштирок дар

[1]Ниг.: Губин Е. П. Законодательство о предпринимательской деятельности: ссостояние, значение и перспективы развития/Предпринимательское право в рыночной экономики.-Москва, 2004.-С 90-91.; Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2019.-С.44.

корпоратсия вуҷуд надорад. Вале Кодекс имконият медиҳад, ки вобаста аз мақсади асосии фаъолият корпоратсияро ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ҳамчун намуди ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо намоем (м. 50 КГ).Корпоратсияи тиҷоратӣ ба хотири ба даст даровардани фоида ташкил карда мешаванд. Ба онҳо ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, шарикии хоҷагӣ ва ғ. дохил мешаванд. Мақсади корпоратсияҳои ғайритиҷоратӣ ба даст даровардани фоида набуда, балки ягон мақсади манфиатноки иҷтимоӣ мебошад. Ба онҳо кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, ассосиатсияҳо ва иттифоқҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. дохил мешаванд.

Вобаста аз аҳамияти сифати касбии шахсии иштирокчии (аъзои) корпоратсия, корпоратсияҳоро ба корпоратсияҳое, ки дар он нақши иштирокчиёнашон муайянкунанда мебошад ва корпоратсияҳое, ки чунин сифатҳо барояшон муҳим намебошад, балки амонатҳои молумулкиашон дар сармояи корпоратсия муҳим мебошад ҷудо менамоянд. Вобаста ба ин корпоратсияҳои тиҷоратро ба мутаҳидкунии шахсон (ширкатҳои хоҷагӣ) (қ.2. м.69 КГ ҶТ) ва мутаҳидкунии сармояҳо (ҷамъиятҳои хоҷагӣ) (қ.3 м. 69 КГ ҶТ) ҷудо менамоянд.

Вобаста ба намуди субъекти хоҷагӣ корпоратсияҳо ба корпоратсияҳое, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд (масалан, ширкат ва ҷамъияти хоҷагӣ) ва иттиҳодияҳои соҳибкории корпоративии бе ваколати шахси ҳуқуқӣ (масалан, холдингҳо, ширкатҳои сармоявӣ ва ғ.) ҷудо мешаванд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ . 14.10.2017.URL:http://president.tj/ru/ node/16392.; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 январи соли 2021 .-Ҷумҳурият №18 (24 125), 26 январи соли 2021.
2. Пахомова Н. Н. Асари номбаршуда, 2005.-С.133.
3. Ниг.: Долинская В. В. Акционерное право. Учебник./Отв. ред. А. Ю. Кабалкин.-М.: Юрид. лит., 1997.-С.12.

4. [1]Ниг.: Ломакин Д. В. Корпоративные правоотношения: общая теория и практика ее применения в хозяйственных обществах. - Москва, 2008.-С.104; Белов В. А. Корпоративное право: актуальные проблемы теории и практики./Под. ред. Белова В. А..-М., 2009.
5. Ниг.: Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: барқароршавӣ, инкишоф ва проблемаҳо /Қонунгузорӣ, 2015, №1 (17).- С. 35- 40; Бобоев Ҷ. К. Суть включения корпоративных отношений в Гражданском кодексе Республики Таджикистан/Законодательство.-2012,№4 (8). –С.44.
6. Ниг.: Губин Е. П. Законодательство о предпринимательской деятельности: ссостояние, значение и перспективы развития/Предпринимательское право в рыночной экономики.- Москва, 2004.-С 90-91.; Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2019.- С.44.
7. Кашанина Т. В. Корпоративное право. Учебник.-М., 2006.- С.67; Корпоративное право: Учебник/под ред. И. А. Еремичева.-М., 2005.-С.23.
8. Ниг.: Корпоративное право. Учебник/отв. ред. И. С. Шиткина.- М., 2011.-С.32.
9. Ниг.: Пахомова Н. Н. Цивилистическая теория корпоративных отношений: монография. Екатеринбург, 2005.-С. 68.
10. Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд»- Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **соли 2002, №4, қисми 2, мод. 314; соли 2008, №10, мод. 810.** ; Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007«Дар бораи Ҷамъиятҳои саҳомӣ»-Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон -Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890.

1 Ниг.: Рахимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – С. 204-205.

**Шарифов И.М. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА МАҲДУДИЯТҲОИ ҲУҚУҚӢ ҶИҲАТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ боиси фаъолияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд ва натиҷаи ниҳоӣ фаъолияти онҳо гардид. Асос барои он васеъшавии мустақилият ва озодии соҳибкорон мебошад. Ба ин бояд, инчунин омилҳои гуногуни иқтисодию ҳуқуқӣ ҳавасмандгардонӣ низ мусоидат намояд. Онҳо ба ҳайси қисми таркибии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ баромад менамоянд.

Дар шароити ҳозираи хоҷагидорӣ ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоӣ фаъолияти соҳибкорӣ бевосита ба мусоидати омилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии мусбат (позитивӣ) вобастагӣ дорад. Онҳо метавонанд на танҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар шартномаҳо бо назардошти дурнамои гирифтани неъмати муайяни моддӣ муқаррар карда шаванд.

Ба омилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии мусбат чораҳои ҳавасмандгардонӣ, имтиёз, афзалият, ташкили шароити мусоид, нарх, кредит, андоз ва ғайра дохил мешаванд. Онҳо бо фаро расидани оқибатҳои мусбат барои субъект бо назардошти муносибати мусбати ӯ ба натиҷаи ниҳоӣ вобастаанд. Тавре ки М.З. Раҳимзода қайд менамояд, ба омилҳои мусбат қатъият хос набуда, балки онҳо тасдиққунандаи ин ва ё он амал ва онро мусбат баҳо додан мебошанд. Дар онҳо неруи бештари огоҳонидан, пешгирӣ ва ҳавасмандгардонии ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ вогузор карда шудаанд. Дар марҳилаи муосири рушди хоҷагидории кишварамон низоми ҳавасмандиҳо бояд бо назардошти васеъшавии ҳуқуқ, озодӣ, мустақилият ва ташаббуснокии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар асоси бо иродаи худ баамалбарории ҳуқуқ ва манфиатҳои худ дар доираи ҳама гуна

шартҳои шартнома, ки ба қонунгузорӣ мухолиф намебошад, амалӣ намуд1.
Омилҳои ҳавасмандгардонӣ амале мебошанд, ки асосан аз амалҳои берунӣ ба миён омада, ба ниятҳои субъект таъсир расонида, онҳоро ба вуҷуд меорад. Онҳо механизми беҳтарин барои фаъол кардани омили инсонӣ мебошанд2. Масалан дар асоси м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» дар ҳолати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ ё қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ки боиси бадшавии шартҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ мегарданд, сармоягузороне, ки сармоягузории дарозмуҳлат мекунанд, дар давоми даҳ сол аз рӯзи мавриди амал қарор дода шудани ин қонунҳо барои интихоби шароити ба онҳо мусоид ҳуқуқ доранд3.
Ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба манфиатҳои шахсии субъектҳо барои фароҳам овардани шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ оид ба ваъда ва пешниҳоди арзишҳо, ки ба густариши имкониятҳо, озодии интихоби ихтиёрӣ асос ёфтаанд, нигаронида шудааст. Маҳдудияти ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки сармоягузорон ҳуқуқ доранд сармоягузориро ба иншоот ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба истисноиі намудҳои фаъолияте, ки барои фаъолияти сармоягузорӣ бинобар зарурати таъмини манфиатҳои миллӣ маҳдуд ва ё манъ карда шудаанд, амалӣ намоянд. Ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ба андешаи А.В. Малко ҳамчун воситаи муайянкунандаи танзими давлатӣ оид ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ буда, ҳамчун унсури муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад. Онҳо барои дастгирӣ ва ҳимояи рушди соҳибкорӣ заруранд4.
Маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама гуна монеаҳои ҳуқуқии нисбат ба субъектҳои он ифода карда мешаванд. Ин дар қонунӣ кардани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ, риояи қоидаҳо оид ба таъмини бехатарӣ ва сифати мол, кор, хизматрасонӣ ва ғайра ифода меёбад. Бояд қайд намоем, ки дар соҳаи соҳибкории хурд на танҳо ҳавасмандиҳо ба таври васеъ истифода мешаванд, балки маҳудиятҳои ҳуқуқӣ низ татбиқ карда мешаванд. Илова бар ин ҳавасмандиҳои

1 Ниг.: Тихомиров Ю.А. Закон, стимулы, экономика. – М.: Юрид. лит., 1989. – С. 10-11.
2 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016. – № 3. – Мод. 152.
3 Ниг.: Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве. – 2-е изд, перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2003. – С. 250.
4 Ниг.: Идрисов А. Планирование и анализ эффективности инвестиций. – М., 1995. – С. 14.

таҳлилшавандаи ҳуқуқии соҳибкории хурд бо маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки дар соҳаи соҳибкории хурд мавҷуданд, алоқаи зич доранд. Аз ин ҷо робитаи ҳавасмандӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар баҳамалоқамандии онҳо ифода меёбад.

Масалан, андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи КА ҶТ ба ҳайси омили ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ баромад менамояд. Тибқи м. 110 КА ҶТ корхонаҳо аз андоз аз фоида озоданд, ба истисноии корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ (фурӯш ва захиракунӣ) машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил диҳанд;

б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст. Дар асоси м. 123 КА ҶТ андоз ба ҳайси тарҳҳо оид ба андозҳо ва ҷаримаҳо нисбат ба маҳдудияти ҳуқуқӣ баромад менамояд. Тибқи он андоз аз даромад ва андоз аз фоидае, ки дар ҳудуди ҶТ ё дар давлатҳои дигар супорида шудааст, инчунин, ҷаримаҳо ва фоизҳое, ки ба буҷети ҶТ ё буҷети дигар давлат пардохт шудаанд (бояд пардохт шаванд), иҷозат дода намешаванд.

Ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурдро ҳадди ақал аз ду ҷиҳат – ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳатҳои номбаркардашудаи соҳибкории хурд хусусияти ба ҳам алоқаманд доранд. Ин алоқамандӣ дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти ҳавасмандиҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқиро ҳамчун ҷабҳаи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ тавсиф намудан мумкин аст.

Дар шакли умумӣ ҳавасмандиҳои рушди соҳибкории хурд дар ташаккул ва истифодаи чунин маҳакҳои иқтисодие ифода мегардад, ки ба рушди низоми соҳибкории хурд, аз ҷумла афзоиши шумораи субъектҳои он мусоидат мекунанд. Масалан, ба он чораҳои иқтисодӣ, андозбандии шахсонеро, ки ба фаъолияти соҳибкории хурд машғуланд, мансуб донистан мумкин аст.

Дар баробари ин ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳавасмандиҳои иқтисодӣ умуман хусусияти объективӣ ва баъзан моддӣ доранд ва дар падидаҳое зоҳир мегарданд, ки онҳо аксар вақт ба субъект вобаста нестанд. Ба чунин ҳавасмандиҳо, ба фикри мо, нияти шахсеро, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (ё соҳибкори эҳтимолиро), аз ҷумла фаъолияти соҳибкории хурд машғул аст, дохил кардан мумкин аст, ки мақсади

онҳо аз мунтазам ба даст овардани фоида иборат мебошад. Ҳамзамон баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурдро ҳамчун яке аз усулҳои имконпазири ба даст овардани маблағи зисти шахс баррасӣ намудан мумкин аст. Илова бар ин, нияти ба даст овардани фоида барои ҳастии субъект яке аз ҳавасмандии асосии иқтисодии баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд мебошад. Бояд қайд намоем, ки ҷалби сармоя ба соҳаи соҳибкории хурд яке аз омилҳои иқтисодии рушди соҳибкории хурд ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза барои рушди соҳибкории хурд ҷалби сармояи хориҷӣ муҳим буда, бе он рушди ин намуди соҳибкориро тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ бояд шароити мусоиди боваринок ва эътимоднокро баҳри сармоягузорони хориҷӣ таъмин намуд.

Ба ибораи дигар, муҳити сармоягузории соҳибкории хурд бояд тарзе ташкил карда шавад, ки «барои соҳибкорони эҳтимолӣ» сармоягузорӣ намудани ин соҳа манфиатовар бошад. Ба маънои васеъ сармоягузорӣ ин ҷудо намудани маблағ бо мақсади дар оянда зиёд намудани он аст. Дар баробари ин афзоиши сармоя барои ба сармоягузор ҷуброн кардани маблағҳо барои даст кашидан аз истифода, истеъмол дар давраи ҷорӣ ва таваккали он аз беқурбшавӣ дар давраи минбаъда бояд кофӣ бошад1.

Дар амал, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурд, намудҳои зерини сармоягузориро фарқ бояд кард: сармоягузорӣ ба дороиҳои воқеӣ, сармоягузорӣ ба дороиҳои пулӣ, сармоягузорӣ ба дороиҳои ғайримоддӣ. Ҳамаи сармоягузориҳои эҳтимолиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– сармоягузориҳои пассив, ки агар ба аҳаммияти он назар намоем, бад нашудани нишондиҳандаҳои даромадро аз сармоягузорӣ ба амалиётҳои ин ташкилот аз ҳисоби иваз кардани таҷҳизоти кӯҳнашуда, тайёр намудани кормандони нав бар ивази кормандони аз кор рафта ва ғайраро таъмин менамоянд;

– сармоягузориҳои мустақим, ки баландбардории рақобатпазирии ташкилот ва даромаднокии онро дар муқоиса ба даромадҳои пештар бадастовардашуда аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои нав,

1 Ниг.: Кныш М.И., Перекатов Б.А., Тютиков Ю.П. Стратегическое планирование инвестиционной деятельности: учеб. пособие. – СПб.: Изд. дом «Бизнес-Пресса», 1998. – С. 67.

ташкили истеҳсоли моли ниёзи мардум, фатҳи бозорҳои нав ё нест кардани ташкилотҳои ракобатпазиро таъмин менамоянд1.
Соҳибкории хурд ба ин ду намуди сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад, ҳамзамон, ба сифати сармоягузор баромад мекунад ва ҳам ба сармоягузории гурӯҳи дуюм манфиатдор аст. Ба назар мерасад, ки сармоягузорӣ ҳамчун омил ба пастшавии сатҳи таваккали соҳибкории хурд мусоидат менамояд. Дар ин ҷо ба назар гирифтан зарур аст, ки аз нуқтаи назари умумӣ, сатҳи таваккал, ки бо соҳибкории хурду миёна алоқаманданд, бо қобилияти мутобиқшавии самаранок, вокуниш кардан ба мушкилоти дохиливу беруна пешгӯӣ карда мешавад.
Ташкилотҳои соҳибкории хурд на ҳама вақт қобилияти баланди мутобиқшавиро ба даст оварда метавонанд. Одатан таъсис ва фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорони хурд пурра ба як шахс ё гурӯҳи хурди одамоне, ки барои ба даст овардани фоидаи бомуваффақиятона салоҳиятноканд, аммо сари вақт тағйироти сохториро дар соҳаи ҳуқуқ, иқтисодиёт таҳлил ва чораҳои дахлдор андешида наметавонанд, вобаста мебошанд.
Ба омилҳои боздошти рушди соҳибкории хурд тавсифи фаъолияти соҳибкориро тааллуқ донистан мумкин аст. Чунончи, баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар сурати мутамарказии сармояи калони молиявӣ ва иқтисодӣ, зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ва ғайра самаранок амалӣ шуда метавонанд, ки одатан тавассути ташкили ин ё он шакли инҳисороти иқтисодӣ ба даст оварда мешавад. Чунин ҳолат воқеан дар соҳаи ҳуқуқ низ эътироф карда мешавад. Чунончи, тибқи м. 4 Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, «Дар бораи инҳисороти табиӣ»2 қонунгузор ин воҳиди иқтисодӣ-ҳуқуқиро ҳамчун инҳисороти табиӣ ифода мекунад. Инҳисороти табиӣ ин ҳолати бозори молест (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст, ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ қобили қабул намебошад. Таҳлили мафҳуми овардашудаи меъёрии инҳисороти табиӣ нишон медиҳад, ки

1 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2007. – № 3. – Мод. 168; с. 2008. – № 10. – Мод. 814; с. 2013. – № 12. – Мод. 899; с. 2015. – № 11. – Мод. 977; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., № 1460.
2 Ниг.: Малько А.В. Стимулы и органичения в праве. – М.: Юрист, 2005 – С. 60.

субъектҳои соҳибкории хурд амалан ба ташкилотҳои номбаркардашудаи инҳисорот тааллуқ дошта наметавонанд. Ин бо ду ҳолат тасдиқ мегардад:

Якум, чуноне ки аз мафҳуми инҳисороти табиӣ бармеояд, барои он ҳаҷми калони истеҳсолот хос аст, ки дар навбати худ аломати сифатии соҳибкории хурд ба ҳисоб намеравад.

Дуюм, соҳаи соҳибкории хурд бо рушди рақобат дар бозори дахлдори мол алоқаманд аст, ҳол он ки барои инҳисороти табиӣ аломати асосӣ ин набудани рақобат аст.

Қонунгузории ҶТ фаъолияти соҳибкории хурдро дар алоқамандӣ бо субъектҳои инҳисороти табиӣ истисно мекунад. Ба соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ чунин хизматрасониҳо дохил мешаванд: хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста; хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими неруи барқ ва (ё) гармӣ; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан; хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия; хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ; хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ (м. 5 Қонун).

Ба вуҷуд надоштани манъи бевоситаи қонунии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаҳои қайдгардидаи инҳисороти табиӣ диққат додан зарур аст. Ба фикри мо чунин ҳолат мавҷудияти баъзе ташкилотҳои хурди соҳибкориро дар соҳаҳои дар боло зикргардидаи инҳисороти табиӣ (дар баробари субъектҳои инҳисороти табиӣ) истисно намекунад. Умуман, фаъолияти ташкилотҳои соҳибкории хурдро таҳлил намуда, мушкилоти асосиеро ҷудо намудан зарур аст, ки барои душвор гардидани кори онҳо ва ҳамчун монеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаи соҳибкории хурд мегарданд ва онҳо чунинанд:

– бекурбшавӣ, коҳиши истеҳсолот, бадшавии интизоми пардохт, сатҳи баланди меъёри фоиз барои истифодаи қарз (кредит), аз ҷиҳати ҳуқуқӣ суст ҳимоя гардидан, сатҳи баланди андоз;
– сатҳи нисбатан пасти донишҳои ташкиливу иқтисодӣ ва ҳуқуқии муассисон ва роҳбарони ташкилотҳои соҳибкории хурд, сатҳи пасти маданият ва одоби кории онҳо;
– номукаммалии механизми дастгирии давлатии соҳибкорони хурд;
– норасоии сармоя ва таҷрибаи касбӣ;
– ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудани бозори дохиливу беруна, ки дар натиҷа боиси мушкилот бо фурӯши маҳсулот мегардад;
– дуруст ба ҳисоб нагирифтани хароҷоти кардашуда;
– набудани стратегияи минтақавӣ, барномаҳои фаврии рушди соҳибкории хурд, мақсади фаъолияти истеҳсоливу хоҷагидорӣ, банақшагирии ғайриқаноатманд;
– иваз шудани кормандон дар соҳаи кадрӣ, набудани таҷрибаи баландбардории доимии ихтисоси ҳамаи кормандоне, ки дар ташкилотҳои соҳибкории хурд кор мекунанд.
Таҳлили мушкилоти ҳуқуқие, ки ба раванди рушди соҳибкории хурд монеъ мешавад, водор мекунад, ба чунин хулоса оем, ки ҳамаи онҳо ба таври бояду шояд бо вазъи умумии иқтисодиёт, бекурбшавӣ ва ихтисори истеҳсолот, ҳадди пасти талаботи пардохтпазирӣ алоқаманд мебошанд.
Ҳавасмандиҳои баррасишудаи иқтисодӣ, инчунин, маҳдудиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асосан ба ҳуқуқ асос мeёбанд. Ба ин маъно ба он чиз ишора кардан зарур аст, ки омилҳои қайдгардида ҳамчун асоси ташаккул ва рушди омилҳои ҳуқуқии соҳибкории хурд баромад мекунанд.

Аз тарафи дигар ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба сифати шакли ҳуқуқии ҳавасмандии дахлдори иқтисодӣ баромад мекунад ва мутаносибан дар бораи мавҷуд будани алоқаи мутақобилаи байни ҳавасмандиҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии амали соҳибкории хурд хулоса баровардан мумкин аст. Ба фикри мо аломатҳои то дараҷае умумии ҳавасмандии ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории хурд чунин мебошанд:
– ба шароити мусоиди амалигардонии манфиатҳои шахсии худ алоқаманданд, зеро дар ваъда татбиқи манфиатҳои хусусии субъектҳои соҳибкории хурд ё ин ки додани арзишҳо ва ҳатто баъзе вақт дар бекор кардан ё маҳрум кардани арзишҳо ифода мeёбанд;

– дар бораи васеъшавии ҳаҷми имкониятҳо ва озодӣ иттилоъ медиҳанд, зеро ба ҳайси зоҳиршавии ҳавасмандии ҳуқуқии ҳуқуқҳои субъективӣ, манфиатҳои қонунӣ имтиёзҳо, бартарӣ, ҷуброн, тавсия ва ғайра баромад мекунанд;

– далели ( мативатсияи) мусбати ҳуқуқиро дар худ ифода менамоянд;

– барои батартибдарории тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шуда, вазифаи рушди алоқаҳои иҷтимоиро иҷро менамоянд;

– баландбардории фаъолнокии мусбати субъектҳои соҳибкории хурдро дар назар доранд1.

Ҳавасмандии иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд нияти ҳуқуқии баамалбарории фаъолият оид ба таъсисӣ ва баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд аз ҷониби субъектҳои он тибқи қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд мебошад. Муҳиммияти мафҳуми мазкур барои таҳлили ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ба таври зерин пешбинӣ мешавад. Аз як тараф, субъектҳои соҳибкории хурд ин субъектҳои маъмулии фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, яъне шахсони ҳуқуқии шаклҳои дахлдори ташкили-ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки мақоми ҳуқуқии онҳо дар доираи қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Аз тарафи дигар хусусияти вазъи ҳуқуқии онҳо бо татбиқи танзими махсуси ҳавасмандкунандаи ҳуқуқии фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Маҳз дар заминаи ин танзими ҳуқуқӣ дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд амалӣ карда мешавад.

Хусусияти қайдгардида аз он иборат аст, ки субъектҳои соҳибкории хурд дорои маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективие мебошанд, ки бо ҳавасмандгардонии ҳуқуқии фаъолияти онҳо алоқаманданд. Ба фикри мо категорияҳои ҳуқуқии «ҳавасманди ҳуқуқӣ» ва «ҳавасмандии ҳуқуқии» рушди соҳибкории хурд мазмунан мувофиқат мекунанд. Ин, аз ҷумла бо он алоқаманд аст, ки ҳама гуна омили ба таври бояду шояд муқарраргардидаи ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории хурд ба ташаккул ва мустаҳкамшавӣ, яъне дар охир ба рушди низоми соҳибкории хурд мусоидат мекунад. Амалан ҳавасмандии ҳуқуқии соҳибкории хурд (албатта дар маҷмӯъ бо дигар омилҳои иқтисодӣ) ба сифати воситаи ҳуқуқии аз ҷониби қонунгузор муқаррар кардани тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории хурд мебошад. Ҳамин тариқ

1 Ниг.: Малько А.В. Стимулы и органичения в праве. – С. 91.

аввал ҳавасмандиҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси воситаҳои ҳуқуқии ташкили расмиёти қонеъгардонии манфиати хусусии соҳибкорони хурд баромад мекунанд.

Дуюм, ҳавасмандиҳои таҳлилшавандаро ба омилҳои аз ҷониби қонунгузор расман муқаррапгардида ва равшан ифоданагардида ҷудо кардан мумкин аст. Ин таснифот вобаста ба техникаи қонунгузории муқарраркунии ин омилҳо дар қонунгузорӣ гузаронида мешавад.

Гурӯҳи якуми ҳавасмандиҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор бо мақсади ташкили дастгирии ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ташкил карда мешавад. Омилҳои ҳуқуқии гурӯҳи дуюм, баръакс, хусусияти миёнаравӣ доранд ва одатан дар кафолатҳои умумӣ барои ҳамаи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ё маҳдудиятҳои ҳуқуқии шарикони соҳибкории хурд, пеш аз ҳама, шахсоне, ки ба соҳибкории калон машғуланд, ифода меёбанд.

Сеюм, ҳавасмандиҳои ҳуқуқии таҳқиқшавандаро вобаста ба сатҳи муқарраркунии онҳо бо тартиби маъмурӣ ҷудо кардан мумкин аст ва дар робита ба ин омилҳои ҳуқуқиеро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муқаррар карда шудаанд.

Ҳавасмандии ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ барои рушди соҳибкории хурдро мусоидат менамоянд. Маҳдудияти ҳуқуқӣ боздошти ҳуқуқии амали ғайриқонунӣ, ки барои қонеъ гардонидани манфиатҳои мутақобилаи субъект ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар ҳифз ва ҳимоя шароит фароҳам меорад, ин ҳудудҳои дар ҳуқуқ муқарраркардашуда аст, ки дар доираи он субъектҳо бояд амал кунанд ва он истисноии имкониятҳои муайян дар фаъолияти шахсон мебошад1.

Ин нуктаи назар ва мафҳуми маҳдудияти ҳуқуқиро дастгирӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки маҳдудияти ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории хурд на танҳо рафтори ғайриқонуниро дар ин соҳа, балки дигар амалҳоеро, ки зоҳиршавии онро қонунгузор дар назар надорад, ифода менамояд. Дар навбати аввал ин дар инҳисоршавии барзиёди бозоре ифода меёбад, ки субъектҳои соҳибкории хурд дар он амал мекунанд.

Амалан қонунгузор маҷмӯи махсуси пешбиникардашудаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии зиддиинҳисориро эътироф мекунад. Лекин маънои

1 Ниг.: Карягин Н.Е., Михайлов А.В., Челышев М.Ю. Комментарий к федеральному законодательству о государственном регулировании предпринимательской деятельности (научно-практический). СПБ: Питер, 2003. – С. 59.

қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз пурра решакан кардани фаъолияти инҳисорӣ иборат набуда, танҳо маҳдудкунии онро ҷиҳати нигоҳ доштани манфиатҳои ниҳоии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, хусусияти (аломати) аввали маҳдудиятҳои ҳуқуқиро дар соҳаи соҳибкории хурд аз боздошт бо кумаки ин маҳдудиятҳо, ҳамзамон, ҳамчун амалҳои ғайриқонунӣ ва амалҳое, ки хусусияти ғайриқонунӣ надоранд, лекин ба рушди соҳибкории хурд (амалҳои барои қонунгузор номатлуб дар соҳаи бозор) монеъ мешаванд, иборат мебошад1.

Хусусияти дигари маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар аломати субъективӣ ифода меёбанд. Ин маҳдудиятҳо, аз як тараф, ба қонеъгардонии манфиатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, инчунин манфиатҳои ҳуқуқи оммавии онҳо равона гардида, аз тарафи дигар, онҳо бояд ба ном нишондиҳандаҳои субъектҳои соҳибкории хурдро маҳдуд намоянд. Қайд менамоем, ки субъектҳои мутақобилаи ин самтро ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст.

Ба категорияи якум шахсонеро дохил кардан зарур аст, ки ба фаъоляти соҳибкории калон машғуланд (шарикон ё агентҳои хусусӣ). Ин шахсон бо субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ алоқаи зич доранд. Ба гурӯҳи дуюми нишондиҳандаҳои субъектҳо субъектҳои оммавиро дохил кардан зарур аст. Ин мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдоре мебошанд, ки аз болои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд назорат мебаранд. Онҳо ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ дохил мешаванд.

Таснифоти пешниҳодгардидаи субъектҳои мутақобилаи соҳибкории хурд имкон медиҳад, ба чунин хулоса биёем, ки маҳдудиятҳои дар қонунгузорӣ дар бораи соҳибкории хурд муқарраргардида ба боздошти ҳам шахсони хусусӣ ва ҳам оммавӣ равона гардидаанд. Мутаносибан, боздошти маъмулии татбиқи манфиатҳои алоҳидаи хусусӣ ва ҳам баъзе манфиатҳои оммавӣ амалӣ мешавад. Ҳамин тариқ, маҳдудиятҳои ҳуқуқии амалинамоии соҳибкории хурд ифода меёбанд, ки:

---

*Заведующий кафедрой гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор, Заслуженный работник Таджикистана.

– онҳо бо шароитҳои номусоиди амалӣ гардонидани манфиатҳои субъектҳои соҳибкории хурд алоқаманд буда, ё барои боздошти онҳо ва ҳамзамон барои қонеъ гардонидани манфиатҳои шарикон равона карда шудаанд;
– дар бораи кам шудани доираи (ҳаҷми) имконият ва озодии соҳибкорони хурд, ки ба ёрии уҳдадориҳо, манъкуниҳо, муҷозотҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад, хабар медиҳанд;
– далели (мативатсияи) манфии ҳуқуқии соҳибкории хурдро дар худ ифода мекунанд;
– барои ҳифзи муносибатҳои субъектҳои соҳибкории хурд равона карда шудаанд;
– пастшавии манфии фаъолнокии субъектҳои соҳибкории хурдро дар назар доранд.

Бо назардошти гузориши боло мафҳуми маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурдро чунин баҳо додан мумкин аст: Маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурд боздошти аз нуктаи назари қонунгузор ғайриқонунӣ ва номатлуби амалҳои шарикони хусусӣ ва оммавӣ дар соҳаи соҳибкории хурд буда, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои хусусӣ ва оммавии субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин омилҳои ҳуқуқии соҳибкории хурд, инчунин, маҳдудиятҳои ҳуқуқии дахлдорро ба намудҳои гуногун ҷудо намудан мумкин аст. Нахуст онҳоро аз рӯйи мансубият ба соҳаҳои ҳуқуқӣ ҷудо кардан зарур аст. Дар робита ба ин онҳоро ба омилҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ ҷудо кардан мумкин аст. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва соҳибкорӣ субъектҳои соҳибкории хурдро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тавсиф намекунанд. Асосан дар қонунгузории амалкунанда омилҳои ҳуқуқи оммавии соҳибкории хурд ифода гардидаанд, ки ба ҳар ҳол моҳияти калони ҳуқуқи хусусӣ доранд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Рахимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – С. 204-205.
2. Тихомиров Ю.А. Закон, стимулы, экономика. – М.: Юрид. лит., 1989. – С. 10-11.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016. – № 3. – Мод. 152.

4. Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве. – 2-е изд, перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2003. – С. 250.
5. Идрисов А. Планирование и анализ эффективности инвестиций. – М., 1995. – С. 14.
6. Карягин Н.Е., Михайлов А.В., Челышев М.Ю. Комментарий к федеральному законодательству о государственном регулировании предпринимательской деятельности (научно-практический). СПБ: Питер, 2003. – С. 59.
7. Малько А.В. Стимулы и органичения в праве. – С. 91.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2007. – № 3. – Мод. 168; с. 2008. – № 10. – Мод. 814; с. 2013. – № 12. – Мод. 899; с. 2015. – № 11. – Мод. 977; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., № 1460.

**Гаюров Ш. К*., Касымов Ф. А*., Шерзода С.Дж.***

# РЕФОРМИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ СОБСТВЕННОСТИ И НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА

В истории таджикского народа самым распространенным объектом гражданского оборота была земельные участки. Они были источником доходов крупных земледельческих субъектов, духовенства и ханских династий. Земельный участок как основной объект гражданского права того времени дифференцировалась на государственную, частную собственность, матрука и земли общественного значения.[1] Духовенства, кроме многочисленных привилегий, также имел особый вид собственности – вакф.[2] Эти силы, обладая политическими, военными, финансовыми и иными ресурсами, имели существенное влияние на простых граждан, что исключала какие – либо инициативы и собственность на средства производства. Такое положение продолжало существовать и после

*Директор Института Конфуция при Таджикском национальном университете, кандидат юридических наук, доцент.
*Магистр 2 – го года обучения по кафедре гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета, специальность 24010200 – правоведение.

[1] Буриев И. Б. История государства и права Таджикистана. Часть первая. Второе издание // под ред. д.-ра юрид. наук, профессора Тахирова Ф. Т. – Душанбе: «Ирфон», 2007. – С. 86. – На тадж. языке.
[2] Кушматов А. Вакф. – Душанбе: «Ирфон», 1990; Он же. Таджикские дехкани в конце XIX в. и начала XX в.- Душанбе: «Ирфон», 1996. – На тадж. языке.

завоевания Средней Азии Российской империей. Однако, как обосновано пишет Н. Б. Хотамов «…в Бухарском эмирате и Кокандском ханстве, уже к средине XIXв. все же был заметен процесс появления и усиления товарного производства и расширения денежного хозяйства»[3]. При Советской власти, исключающее всё частное, такая модель отношений сохранилась, правда с внедрением в массы людей некоторых лозунгов типа «земля – дехканам», а «заводы – рабочим» с признанием монопольной позиции государственной собственности. За все время существования Таджикской ССР (1929 – 1991гг.), эти лозунги остались пустыми словами, не решая проблему отчуждения дехкан и рабочих от средств и продуктов производства. Эти объекты принадлежали всем, но не каждому в индивидуальности. Либерально – демократические ценности и закрытие темы обсуждались в узком кругу лиц на кухне или в других местах ограниченного доступа. Посредническая и иная форма частного предпринимательства признавалось уголовно наказуемым деянием.

В современных условиях за короткое время изменит все невозможно. Для этого нужны долгие годы и реальные результаты научных исследований проблем правового государства, экономики, приватизации, верховенства закона, устранения условий, способствующее правовому нигилизму и коррупции, а также принятие комплекса мер по возвышению гражданского права. Для этого, прежде всего надо реформировать отношения собственности как материальной основы формирования правовой личности. Признание того, что право собственности является сугубо частным явлением, и оно даёт одинаковые субъективные возможности всем участникам имущественного оборота.

«Земля, ее недра, вода, воздушное пространство, животный и растительный мир и другие природные ресурсы являются исключительной собственностью государства и государство гарантирует эффективное их использование в интересах народа»[1] конституционное признание важности природных объектов гражданского права. При этом режим права собственности и механизм гражданско – правового регулирования является важным

[3] Хотамов Н. Б. История банков и предпринимательства в Средней Азии (60 – е гг. XIXв. – 1917г.). – Душанбе: «ЭР - граф», 2014. – С. 32.

[1]Ст. 13 Конституции Республики Таджикистан от 6. 11. 1994г., в ред. референдума от 26. 09. 1999г., от 22. 06. 2003г., от 22. 05. 2016г. [Электронный ресурс]. //Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0.// М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2020. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

условием производственно – коммерческого использования этих объектов ограниченного имущественного оборота, что расширяет горизонты частного дела. Поэтому некоторые природные объекты в Таджикистане становятся объектами права собственности частных лиц (например, питьевая вода, частные водозаборы для личного или производственного пользования, рыболовства, малой энергетики и т. д.). Возникают имущественные правоотношения, основанные на договоре концессионного или арендного пользования природных объектов. Конечно, речь не идёт о приватизации этих объектов. Одно действительно бесспорно, что в отношении этих объектов существует частный интерес. Оно было и при социализме, потому, что этот интерес естественный. Ее ограничивают или запретят, по угрозой уголовного преследования, однако оно не исчезает. Поэтому, оно заслуживает стимулирования и правовой защиты. Все эти условия заложены в гражданско – правовом регулировании. Важно, чтобы государство и местные органы государственной власти были достойными и добросовестными субъектами гражданского права. Быть субъектом публичного интереса – большая ответственность в сбалансированном осуществлении права собственности.

Если приватизация не сопровождается демонополизацией национальной экономики, обнаруживается этим бездействием патерналистская модель государства. Оно основано на началах патернализма (от лат. pater – отец, infans – юный, дитя), при котором государство становится главой семьи, большой семьи своих граждан. Ему как главе семьи позволено все. Все члены семьи ему и только ему, безусловно, подчиняются, все созданное гражданами как участниками семьи – произведение, дома, дороги и т. д. принадлежать государству. В таком типе государства ни чего частного, в том числе гражданского права быть не может. Поэтому, такой тип государства портит гражданское право и условия его демократического и правового развития посредством приватизации определенной части государственной собственности. По отношению патерналистского государства гражданское право как классическая разновидность юридической науки является системой достоверных и социально – значимых знаний по возвышению способностей конкретного человека, обладания собственным именем, семьи и неприкосновенности и создания своего дела (ремесла). Такая автономия всегда относительна, так как изменчива.

Демократические государства приветствуют и стимулируют частную инициативу, права и семью. В таких государствах развивается наука, образования и предпринимательство, а также уменьшается посредством общественного контроля влияние коррупции на государство. В патерналистском государстве ни чего такого, все должно быть у одного лица (амира, шаха, султана), поэтому создается благоприятная среда для «мелкой» и «большой» коррупции. Государство, реально не ограниченное каким – либо законом или обязательством, объективно стремится к концентрации средств и отраслей производства, что означает монополизацию всей экономики. Такое положение, основанное на правилах «сам один продаю», неизбежно порождает «раковую опухоль» любой экономики. Поэтому для создания цивилизованного государства необходима современная парадигма приватизации. Необходимо такая модель приватизации, создающий больше стимулов для предпринимательства и интеллектуальной собственности, что в итоге открывает широкий простор для реализации творческого потенциала человека, лучше обеспечивая кооперацию и оптимальную координацию их профессиональной деятельности. Речь идет о саморегулировании, что охарактеризует новые качества исследуемого явления. В связи с этим, канадские ученые исходят из того, что «приватизация представляет собой не только процесс передачи материальных средств системы производства и обеспечения из государственных корпораций в частные, но и процесс усиления роли рынка за счет ослабления системы государственного регулирования».[1]

Рынок, прежде всего, означает саморегулирование отношений между продавцом и покупателем, основанное на спросе и предложении. Каждая из участников этих отношений действует не из политических факторов, а в меру своих возможностей, познаний и представлений о сравнительной полезности предмета договоров купли – продажи, оказания услуг или выполнения работ, а также с учетом своих личных потребностей и желаний. Ни кто, даже государство не может кого – то заставлять что – то приобрети или что – то продать.

Саморегулирование обеспечивает неприкосновенность собственности, свободу договора, недопустимость произвольного вмешательства кого – либо в частные дела. Именно в таких условиях участники рынка приобретают и осуществляют свои гражданские

[1] Марченко М. Н. Приватизация на современном Западе (на примере Англии, США и Канады) // Вестник Моск. ун – та сер. 11 Право, 1992. № 3. – С. 77.

права своей волей и в своем интересе. Эти лица при саморегулировании свободны в осуществлении своих субъективных прав и ответственны в исполнении субъективных обязанностей на основе частного договора и в определении любых, не противоречащих закону или обычаи делового оборота условий договора. Эти слова не пропагандируют анархию или произвол частного лица. В рыночных отношениях велика созидательная миссия государства. Между участниками рынка и государства существует конструктивная связь. Если государство участвует в нем в качестве покупателя или продавца, частноправовой режим такого участия не меняется, так как все участники признаются равными в меру своих возможностей. Государство для удовлетворения своих потребностей воспользуется возмездной услугой перевозчика, покупает продукты питания или употребляет электроэнергию, оплачивая на общих условиях рыночную стоимость указанных товаров. Злоупотребляя публичной властью, заключение иной, не рыночной сделки подрывает основу товарно – денежных отношений. Этим поведением государство игнорирует интересы рынка и гражданского права, нанося вред не только продавцу или услугодателю, но и самому себе. Государство превращается в «крупного коррупционера» со всеми вытекающими для него негативными последствиями (отчуждение граждан, недееспособность, изоляция, зависимость, плохая репутация и т. д.).

Договорное регулирование имеет свое место и назначение. Непрофессионализма в этом вопросе может нанести вред государству. Идеи о том, что «берите власти, сколько можете», «договорное распределение государственного бюджета», «договорное налогообложение» и другие негативные субъективные факторы начала 90 – х. годов прошлого века, привели к развалу Советского Союза.

В отношениях по осуществлению функций государства стороны неравны, в нем применяется древнейший метод государственного регулирования – метод власти и подчинения. Однако и в данном случае государство не может чувствовать себя «абсолютным духом». Оно обязано, без каких – либо политических манипуляций подчинятся требованиям закона и надлежащее исполнять свои обязательства перед народом как реальному источнику государственной власти. Именно такое государство может способствовать формированию рыночной экономики и демократического общества.

Продолжая свои рассуждения, надо признать, что английские специалисты по вопросам приватизации считают, что оно выступает как процесс «трансформации государственной собственности в частную, негосударственную»[1]. Действительно так. Однако проблема заключается в сохранении государственной монополии в основных отраслях реального сектора экономики. Не хватает последовательности действий в объективность изменений, что требует иного понимания сути приватизации. Приватизация должна, также включать и демонополизацию.

По мнению другого автора, приватизация должна рассматриваться как система мер по разгосударствлению экономики[2]. Нет спора, действительно так. Разгосударствление, продолжает она, включает в себя четыре компонента: демократизации управления экономикой; ограничение влияния ГП; стимулирование частного капитала; свертывание тотальной регулирования экономики, наносящий вред саморегулированию.

Эти компоненты важны. Однако они выходят за рамки общественных отношений, связанной с передачи в частные руки объектов «малой» или «большой» приватизации. Практика акционирования государственных предприятий в РТ показало, что в месте бюрократа должностного лица государства появляется другое зло, бюрократ должностное лицо коммерческой организации.

Вместо ограничения влияния малоэффективных государственных предприятий, наоборот усиливается влияние акционерных обществ, контрольный пакет акций которых принадлежит государству. Частный капитал, особенно в банковской сфере, из – за неустойчивости частных финансов и задолженности перед своими клиентами создают новые проблемы для государства. Поэтому Президент РТ, Лидер нации Эмомали Рахмон дал поручение Правительству страны в кратчайшие сроки подготовить и реализовать план мероприятий по реструктуризации и оздоровлению деятельности акционерных обществ открытого типа «Точиксодиротбонк» и «Агроинвестбонк»[3].

---

[1] Марченко М. Н. Указ. раб. – С. 77.

[2] Турусова Л. И. Как идут за рубежом приватизационные процессы // Российский экономический журнал. – 1992. № 7. – С. 83.

[3] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22. 12. 2017г. // http: // www. president. Tj/ru/node/16772 (дата обращения: 31. 03. 2018г.).

Разгосударствление национальной экономики не сворачивает публичное или частное регулирование. В рыночной экономике государственное регулирование и саморегулирования находятся в разумной и в меру своих возможностей сбалансированной состоянии. В такой экономике спрос на государственное регулирование будет расти по мере усиления монополизации рынка, теневой экономики и необходимости защиты прав потребителей. Саморегулирование объективно свойственно, как продавцу, так и покупателю для личной индивидуализации, индивидуализации товаров, работ и услуг, а также для автономного приобретения и осуществления своих гражданских прав. В этих отношениях ограничения возможны в целях защиты публичных интересов. При этом они должны быть применены «на основании закона в целях защиты нравственности, здоровья, прав и законных интересов других лиц, обеспечения безопасности общества и государства, охраны окружающей среды».[1]

Созмони байналмилалӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар ибтидои қарни XIX арзӣ вуҷуд кардааст, ки ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ муаррифӣ мегардид. Созмони байналмилалӣ - ин иттиҳоди давлатҳое мебошад, ки дар асоси санади ҳуқуқи байналмилалӣ бо мақсади муайян ва баҳри ҳалли масоили мушаххас таъсис дода шуда, дорои мақомоти доимӣ буда, дар асоси меъёр ва принсипҳои умумиэътироф шудаи ҳуқуқи байналмилалӣ арзи вуҷуд кардааст. Созмонҳои байналмилалӣ аз лаҳзаи пайдоиш то имрӯз дар моделҳои гуногун, аз қабили «Иттифоқи байналмилалии маъмурӣ», «Лигаи миллатҳо», «Созмони Милали Муттаҳид», «Муассисаҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид», «Созмонҳои байналмилалии минтақавӣ», «Созмонҳои байналмилалии байниминтақавӣ», «Созмонҳои байналмилалии фавқулмиллӣ», «Созмонҳои байналмилалии ҳамгироӣ» ва ғ. дар муносибатҳои байналмилалӣ ширкат намуда истодааст. Ширкати созмонҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ аз табиати оммавӣ-ҳуқуқӣ, мақсад ва фаъолияти функсионалии созмони байналмилалӣ ба вуҷуд меояд. Дар ойинномаи созмонҳои байналмилалӣ истилоҳи «шахси ҳуқуқӣ» истифода шудааст, ки далели имконияти ширкати созмонҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мебошад. Кулли муҳаққиқон табиати хусусӣ-ҳуқуқии созмони байналмилалиро ҷузъи ҷудонопазири табиати оммавӣ-ҳуқуқии он мепазиранд. Зеро таъсиси созмони байналмилалӣ асосан бо мақсади оммавӣ-ҳуқуқии он вобастагӣ дошт ва ширкат дар муносибати хусусӣ-ҳуқуқӣ баҳри қонеи он равона шудааст. Истифодаи истилоҳи «шахси ҳуқуқӣ» барои созмони байналмилалӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ набояд бо мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ»-и дар қонунгузории миллӣ баррасишуда баробар дониста шавад. Зеро таъсис, фаьолият,

бақайдгирӣ, барҳам додан ва ғ. хоси созмони байналмилалӣ нест. Асоси ҳуқуқии пайдоиши созмони байналмилалӣ ин санади ҳуқуқи байналмилалӣ (шартномаи байналмилалӣ, қарори созмони байналмилалӣ) мебошад, ки муайянкунандаи мақсад, вазифа ва фаъолияти он аст.

Баъдан ширкати созмони байналмилалӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ бо масунияти он вобастагӣ дорад. Шакли ширкати созмони байналмилалӣ ин «шахси ҳуқуқи байналмилалӣ» мебошад, ки аз нимаи дуюми қарни XX муаррификунандаи созмони байналмилалӣ ба ҳайси субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аст. Созмони байналмилалӣ аз ҷониби кишварҳо таъсис дода мешавад, вале ҳеҷ гоҳ аз нигоҳи тобеият ва таалуқият ба ин ё он кишвар баҳо дода намешавад. Истилоҳи «шахси ҳуқуқи байналмилалӣ» аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ифодакунандаи шакли ширкати созмони байналмилалӣ дар муносибатҳои гражданӣ ва муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аст. Тафовути созмони байналмилалӣ аз ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои байналмилалии хоҷагидорӣ, созмони байналмилалии ғайриҳукуматӣ дар он аст, ки асоси ҳуқуқии пайдоиш, фаъолият ва барҳам хӯрдани созмони байналмилалӣ - санади ҳуқуқи байналмилалӣ, аниқтар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад [1, с.45].

Асоси ҳуқуқӣ барои ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои байналмилалии ғайрҳукуматӣ, созмонҳои байналмилалии хочагидорӣ қонунгузории миллӣ мебошад. Баъдан ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, созмонҳои байналмилалии хоҷагидорӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ба ҳайси шахси ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ тибқи қонунгузории кишварҳое, ки дар қаламрави онҳо таьсис дода шудааст, баҳогузорӣ карда мешаванд. Вазъи хусусӣ-ҳуқуқии созмонҳои байналмилалӣ одатан дар асоси санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (аз ҷумла, шартномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи дохилии созмони байналмилалӣ) танзим мешавад, вале ширкати ҳуқуқи миллӣ дар танзими вазъи хусусӣ-ҳуқуқии созмони байналмилалӣ истисно нагаштааст.

**Руйхати адабиёт:**

1. Абдуллоев П.С., Кудратов Н.А., Ахмеджонов А.Г. Международно-прововое сотрудничество по уголовным,

гражданским и арбитражным делам. - Душанбе: Эр-граф, 2013. - 348 с.
2. **Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)** // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334; аз 02.01.2019 с., № 1557.
3. Макуниян М.А. Правосубъектность транснациональных корпораций (ТНК) в международном частном праве // Проблемы международного частного права. - М.: 2008. №4, - С.418 – 422.
4. Сулаймонов Ф.С. Международное частное право: комментарий к разделу VII Гражданского Кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе.: Истеъдод, 2011. -160 с.
5. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ //Муҳаррири масъул: дотсент Раҷабов М.Н. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 264 с.

**Хоҷаева Наргис,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## ОИД БА МАХСУСИЯТИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба далелҳо яке аз мавзуҳои марказии илми мурофиави ҷиноятӣ ба шумор рафта, таваҷҷуҳи бештари олимон, мутахассисон ва қонунгузории кишварҳои мухталифро ба худ ҷалб кардааст [14, с.493].

Дар баробари ин соли 2009 дар асоси Барномаи Ислоҳоти судӣ-

ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 ва бо дарназардошти эътирофи як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки аз 1 апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад [14, с.501].

Бори нахуст дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба масъалаи далелҳо ва намудҳои он боби алоҳида боби 9 бахшидааст. Боби 9-ум, ки аз 13-модда иборат аст (моддаҳои 72-84), таърифи далелҳо оварда шуда мазмуну моҳияти навъҳои алоҳидаи далел шарҳ дода шудаанд [15, с. 92].

Масъалаи далелҳо дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҷой махсусро ишғол менамояд. Тамоми ҳолатҳои кор, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси далел муайян карда мешаванд ба ибораи дигар, далел асоси мурофиаро ташкил медиҳад. Ноқисии далел ба ноқисии мурофиа оварда мерасонад. Маҳз барои ҳамин тадқиқи далелҳо диққати қисми зиёди муҳақиқонро ба худ ҷалб сохтааст [16, с.161].

Ба андешаи донишманди тоҷик И.Д. Сафаров далелҳои судӣ дар давлати Сомониён инҳо ба ҳисоб мерафтанд: а) иқрор шудан; б) нишондоди шоҳидон; в) қасам [12, с.166-176].

Назар ба андешаи олими тоҷик Хайруллоев Ф.С., дар мурофиаи судии мусулмонӣ се намуди делел татбиқ мешаванд: иқрор шудан, додани нишондод ва савганд ёд кардан [13, с.151]. Ҳамзамон ба андешаи ӯ нақши муҳимро дар низоми далелҳо нишондоди шоҳид ишғол менамояд. Шаҳодат аз нигоҳи ӯ ҳамчун воситаи асосии дарёфти ҳақиқат ва тасдиқи дурустии мавқеи даъвогар баромад мекунад[13, с.153-154].

Омӯзиши масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсусро касб менамояд. Ҳарчанд мафҳуми далелҳо ва намудҳои он дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, ин масъала зарурияти пешбурди таҳқиқотҳои илмиро дар самти муайян кардани мафҳуми далел ва намудҳои далелҳоро аз байн намебарад. Вақте сухан атрофи ашёҳо ҳамчун сарчашмаи далел меравад, дар назар бояд дошт, ки онҳо дар худ маълумотҳоеро нигоҳ медоранд, ки барои исботкунӣ заруранд[14, с.494].

Дар зери мафҳуми далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ маълумотҳои воқеъие, ки мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи

ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доштаро муқаррар мекунанд, фаҳмида мешавад[5, мод.72].

Сарчашмаҳои гирифтани маълумоти вокеъи оиди чиноят ба навъҳои зерин дар қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд ҷудо мешаванд: Нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршаванда, нишондоди айбдоршаванда, нишондоди судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар ба ҳисоб меравand[15, с.93].

Ҳар як далели ишорашуда дорои хусусиятҳои хос ва сарчашмаҳои пайдоиши гуногун доранд, бинобарин ба мо зарур аст, ки ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ равшани андозем.

**Нишондоди шоҳид гуфта -** ахбори шахс дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доштае мебошад, ки шахсан ё аз суханони дигар ё ҳуҷҷатҳо ба ӯ маълумшуда ва бо тартиби муқарраркардаи қонун баён намудааст[1, с.115].

Нишондоди шоҳид дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ яке аз маъмултарин сарчашмаи далел ба ҳисоб меравад[17,с.161]. Нишондоди шоҳид, ки ҳодисаро бевосита мушоҳида кардааст ба сифати далели аввалиндараҷа баромад менамояд. Лекин ҳангоми гирифтани нишондоди шоҳид ба мо зарур аст, ки шахсияти вай ба пурагӣ маълум карда шавад ва оиди мукалафӣ ва номукалафӣ, манфиатдор будан ё гирифтори дигар бемори будани шоҳид ба қадри имкон муайян кардан зарур аст. Ба сифати предмети нишондоди шоҳид ҳама гуна ҳолатҳое баромад карда метавонанд, ки оиди кори ҷиноятӣ бояд муайян карда шавад. Бояд гуфт, ки дар нишондод бояд маълумотҳои амиқ оид ба ҳолатҳои кор мавҷуд бошад, чун ки тахминҳо, фарзияҳо ва гумонҳои шоҳид оиди ин ва ё он ҳолати кор, далел шуда наметавонад. Маълумот дар бораи ҳолатҳо бояд аниқ ва саҳеҳ бошад. Бояд қайд намуд, ки ба нишондоди шоҳид ҳам, омилҳои объективӣ ва субъективӣ мумкин аст, ки таъсир расонад. Аз ин рӯ, сабабҳои додани нишондоди бардуруғ аз тарафи шоҳид, манфиати шахсӣ доштани шоҳид, оиди маҳкам ва ё сафед кардани шахси муайян, кӯшиши ба айбдоршаванда гузоштани гуноҳи худ, таъсир расонидан аз тарафи айбдоршаванда, ҷабрдида ва ё наздикони онҳо ва дигар ҳолатҳо шуда метавонад[4, с.72].

Ба аґидаи П.А.Лупинский нишондоди шоҳид гуфта ин маълумоти шифоии шахсро дар бораи ягон ҳолатҳои кор, ки аз реи парвандаи хинояти бояд муґаррар карда шаванд тибґи тартиби муґаррар кардаи ґонунгузори мебошад[7,с.69]. Аз ин мафҳумҳои дода шуда моҳияти мурофиавии нишондоди шоҳид бар меояд. Пас моҳияти мурофиавии нишондоди шоҳид дар он зоҳир мегардад, ки вай шахсан ҳодиса ё амалро дарк намудааст ё аз дигар сарчашма гирифтааст ё ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта ба вай маълум гаштааст[17,с.161].

Ҳамин тавр нишондоди шоҳид он гоҳ далел эътироф мешавад, ки бо тартиби муқаррараќардаи қонун, яъне бо роҳи пурсиш гирифта шуда бошад ва дар шакли мурофиавӣ қайду мустаҳкам шуда бошад [5, мод.172].

**Нишондоди ҷабрдида** Пеш аз ҷабрдида эътироф намудан шахс ҳамчун шоҳид пурсиш карда мешавад, аз ин рӯ қонунгузор ба нишондоди шоҳид наздик будани ин намуди далелро ба назар гирифта, барои ба даст овардани онҳо реҷаи мурофиавии ягонаро муқаррар кардааст. Ҷабрдидаро дар бораи ҳама гуна ҳолатҳое, ки бояд дар парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шавад, инчунин дар бораи муносибатҳои бо айбдоршаванда доштааш пурсиш кардан мумкин аст. Қонун муқаррар кардааст, ки агар ҷабрдида манбаи хабардории худро нишон дода натавонад, маълумотҳои вокеъие, ки ӯ медиҳад ба сифати далел баромад карда наметавонад. Моҳияти асосии нишондоди ҷабрдида андозаи зарари аз ҷиноят ба ӯ расидашуда мебошад. Нишондоди ҷабрдида бояд ба мисли дигар намудҳои далелҳои ҷамъовардашуда баҳогузорӣ карда шуда набояд нисбати онҳо ҳамчун далелҳои афзалиятдошта баҳогузорӣ кард

**Нишондоди гумонбаршуда**

Дар моддаи 75 Кодекси мурофиаиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ки шахси гумонбаршуда ҳақ дорад дар хусуси ҳолатҳое, ки барои дастгир карда шудани ӯ ё интихоб кардани чорахои пешгирӣ нисбат ба ӯ асос шудаанд, инчунин дар хусуси ҳолатҳои дар ин кор ба ӯ маълум буда нишондод диҳад. Мазмуни нишондоди гумонбаршуда пеш аз ҳама ба гумоне, ки ба муқобили ӯ равона шудааст, алоқаманд мебошад. Нишондоди гумонбаршуда дар мавриди бегуноҳии ӯ ба сари вақт рад кардани гумони ба муқобили ӯ мавҷудбуда ва бекор кардани чораи маҷбурии мурофиавӣ мусоидат мекунад. Агар гумонбаршуда ҷиноят содир

карда бошад, дар он ҳолат нишондоди вай барои ҷустуҷӯӣ дигар далелҳо, муқаррар кардани ҳамшарикон ва пешгирӣ кардани кирдори ҷинояткоронаи онҳо, муайян кардани тахминҳое, ки бояд санҷида шаванд, истифода бурда мешавад[15, с.94].

Ҳамин тариқ гумонбаршуда яке аз иштирокчиёни фаъоли мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки ба ҳалли кор манфиати шахсӣ дорад, яъне вай метавонад нишондоде диҳад, ки тафтишотро ба гумроҳӣ барад, аз ин рӯ шахси масъули баррандаи тафтишоти пешакӣ вазифадор аст, ки ҳангоми санҷиш ва баҳо додан ба нишондоди гумонбаршуда, диққати махсус зоҳир карда, онро нуқта ба нуқта таҳлил намуда, дурустии онҳоро бо далелҳои дигар тасдиқ намояд[2, с.115-116].

**Нишондоди айбдоршаванда гуфта -** ин ахбороти шахси ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгари кашида шуда, дар хусуси айби ба ӯ эълон карда шуда, инчунин дигар ҳолатҳо ва далелҳои дар парванда мавҷуд буда мебошад, ки бо тартиби муқаррар кардаи қонун баён намудааст[9, с.166].

Нишондоди айбдошаванда низ ҳамчун сарчашмаи далел баромад мекунанд, лекин нисбати дигар далелҳо қувваи пешакӣ муқарраршуда надорад. Ба айби худ иқрор шудани айбдоршаванда барои гунаҳкор эътироф намудани ӯ асос шуда наметавонад, ба шарте, ки он бо маҷмӯи далелҳои дар парванда ҷамъоварда исбот нашуда бошад. Нишондоди дурусти айбдоршаванда ба гуноҳи иқроршуда яке аз воситаҳои пурра ошкор кардани онҳо ҷамъ кардан ва санхидани дигар далелҳо оиди парванда мебошанд. Ҳатто аз тарафи айбдоршаванда додани нишондоди бардуруғи гуноҳоро радкунанда санҷида мешавад, ки онҳо барои ҳаматарафа тафтиш намудани ҳолатҳои парванда имконият дода, тахминҳои нодуруст ва хаторо истисно мекунад. Новобаста аз мақсадҳои шахси айбдоршаванда нишондоди ӯ мумкин аст барои ҳаматарафа санҷидани далелҳо оид ба парванда хамъшуда истифода бурда шавад. Нишондоди шахсе, ки ба ӯ беасос айбдори эълон кардааст, барои тасдиқи бегуноҳии вай аҳамияти муҳим дорад. Нодуруст ва руяки баҳо додан ба ин далелҳо мумкин аст ба хатогиҳои ҷидди оварда расонад[17, с.163-164].

Хусусияти хоси ин намуди далел дар он зоҳир мегардад, ки ба сифати субъекти он, худи айбдоршаванда, яъне шахсе, ки нисбати ӯ ба тартиби муқарраркардаи қонун айб эълон карда шудааст, баромад менамояд. Нишондоди айбдоршаванда ба монанди дигар далелҳо

барои муқаррар кардани ҳақиқати воқеӣ оиди парванда истифода бурда шуда, ҳамчун воситаи ҳифзи айбдоршаванда аз айби ба ӯ эълон карда шуда ба ҳисоб меравад[15, с.95].

**Нишондоди судшаванда.** Дар кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин намуди далел дар алоҳидагӣ тасниф карда нашудааст, оиди он ягон таърифе дода нашудааст. Аммо дар моддаи 311 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пурсиши судшаванда оварда шудааст[5, мод.311].

Нишондоди судшаванда дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии дигар давлатҳо аз он ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун далел дар алоҳидагӣ дар қатори дигар намудҳои далелҳо пешбинӣ нагаридааст. Нишондоди айбдоршаванда ва судшаванда аз рӯи мазмун ва мавзуъ ягона буда, онҳо аз ҳамдигар аз рӯи ҳолати ҳуқуқиашон, пайдарҳамии мурофиавии ҷамъоварии маълумот, лаҳзаҳои пурсиш ва субъектоне, ки нишондод мегиранд фарқ мекунанд. Мақсад аз гирифтани нишондоди чунин шахсон аз пурра кардани материалҳои парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Чунки дар сурати набудани далелҳои кофӣ, муфаттиш наметавонад шахсро дар содир намудани ҷиноят айб эълон кунад ва барои баровардани адолати судӣ парвандаи ҷиноятиро ба суд фиристонад. Ҳамии тариқ, нишондоди судшаванда ҳамчун сарчашмаи асосии маълумоти воқеъӣ барои сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят, исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, квалификатсияи ҷиноят, ва ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахс дар содир кардани ҷиноят, умуман барои баамалбароии адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти калон доранд[17, с.165].

**Хулоса ва нишондоди коршинос** – Азбаски хулосаи коршинос яке аз сарчашмаҳои боэътимодии далелҳо ба шумор меравад ва бо мақсади ҷамъ оварда шудани маълумотҳои аниқи воқеӣ, қонун нисбати экспертиза ва хулосаи коршинос қоидаҳои махсус ва нисбатан мураккабро пешбинӣ мекунад[10, с.65-75].

Аз ин рӯ хулосаи коршинос дар ҳолате намуди далел эътироф карда мешавад, ки агар:

1. дар натиҷаи тадқиқотҳои экспертӣ ҳосил шуда бошад;
2. аз ҷониби шахсе,ки дорои ихтисоси мушаххаси муайян аст ва бе истифодаи он тадқиқот имконнопазир аст;
3. бо риояи талаботи муқарарнамуда қонуни мурофиаи ҷиноятӣ тартиб дода шудааст;

4. ба далелҳое, ки ба парванда алоқамандӣ дошта ҷамъоварӣ шудаанд, такя мекунад;

**Хулосаи коршинос -** ин ҳуҷҷати асосноки ба тариқи хаттӣ тартиб додаи эксперт мебошад, ки дар он, дар асоси донишҳо ва натиҷаи тадқиқоти махсус, ҳалли масъалаҳои муайяни аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, муфатиш, прокурор, ва суд гузошташуда, нишон дода мешавад. Тибқи талаботи моддаи 217-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи коршинос дар шакли муқарраркарда тартиб дода мешавад[5, мод.217].

**Нишондоди коршинос** - коршинос оид ба ҳолате, ки аз хулосаи ӯ бар меояд пурсида шуданаш мумкин аст. Зарурияти гузаронидани пурсиши коршинос ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки агар дар хулосаи ӯ нофаҳмӣ, норавшанӣ, номуайянӣ, номуқарарии тавсияҳо пайдо шавад. Нишондоди коршинос танҳо пас аз баровардани хулосааш бо мақсади аз байн бурдани нофаҳмӣ ва муайян кардани хулоса гирифта мешавад[17, с.166].

**Далелҳои шайъӣ ҳамчун сарчашмаи далел.** Тибқи муқарароти қисми 2-юми моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2009) яке аз сарчашмаҳои мустақили далелҳо далелҳои шайъӣ эътироф шудаанд. Мусаллам аст, ки далелҳои шайъӣ аз дигар манбаъ ва намудҳои далел қувваи бештари ҳуқуқӣ ва ё бартарияти мурофиавӣ надошта дар маҷмӯъ бо тамоми далелҳои оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда баҳогузорӣ карда мешаванд[18, с. 225]. Ҷои баҳсаш нест, ки далелҳои шайъӣ дар тақвияти таъмини воқеиъяти содришавии ҷиноят, сафед кардан ва ё айбдор кардани ашхоси гунаҳкор нақши муассир дорад. Аксарияти парвандаҳои ҷиноятиро бе мавҷудияти далелҳои шайъӣ тассавур кардан ғайри имкон аст[19, с.435].

Мувофиқи қ.1. моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои шайъӣ ашёе ба ҳисоб мераванд, ки[5, мод.78].

- чун олоти ҷиноят истифода шудаанд;
- дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд;
- объекти содир шудани кирдори ҷиноятӣ будаанд;
- пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд;

- ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳгорон ё рад кардани айб ё сабук кардани ҷавобгарӣ восита шудаанд.

Пас аз ин ҷо бар меояд, ки **Далелҳои шайъӣ гуфта** - яке аз намудҳои (сарчашмаҳои) далелҳои муҳим ин далелҳои шайъӣ мебошад, чун ки онҳо пайҳои моддии ҷиноят мебошанд ва метавонад ягон хел маълумотро оиди далел вобаста ба содир шудани кирдор дар бар гиранд[15, с.95].

**Протоколҳои амалҳои тафтишотию судӣ** – ин ҳуҷҷати хаттӣ, ки дар он таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд аз рӯи қоидаҳои муқаррар кардаи қонун пеш аз ҳама қайд мекунанд он ҳолатеро, ки феълан дар ҷараёни амалишавии фаъолияти мушаххас, дар қатори ин факти истифодабарии воситаҳои техникӣ, ин чунин муқаррар кардан дар асоси бевоситаи дарккунии маълумотҳо барои дуруст ба амал баровардани парванда аҳамият дошта бошад[3, с.198].

Протоколи амали тафтишӣ, ки мувофиқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ тартиб дода шудааст, ҳолатҳоеро тасдиқ мекунанд, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, дастгиркунӣ, барои шинохтан пешниҳод намудан, санҷиши нишондодҳо дар ҷои ҳодиса, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар воситаҳои техникии алоқа ҷой доштанд, инчунин протоколи маҷлиси судӣ, ки ба ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо алоқамандӣ дошта мутобиқи мутобиқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ тартиб дода шудаанд, сарчашмаи далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба шумор мераванд. Хусусияти асосии ин намуди далелҳо дар он аст, ки ҳамаи маълумотҳои воқеъӣ ва ҳолатҳои дар онҳо инъикосёфта, бевосита танҳо аз тарафи субъектҳои исботкунандае, ки ин ҳаракати тафтишотӣ ва ё судиро гузаронидаанд, дарк карда мешавад. Санҷиш ва баҳодиҳӣ ба протоколи тафтишотӣ ва судӣ бо он асосҳое, ки дигар намуди далелҳо доранд, ба ҷо оварда мешаванд, чунки онҳо қувваи пешакӣ муайян кардашударо надоранд ва аз эҳтимол дур нест, ки дар онҳо нодурустӣ ҳолатҳо ва ноаниқӣ ҷой дошта бошанд. Ҳарчанд амали тафтишотӣ дуруст гузаронида шуда бошад, натиҷаи он агар дар протокол нодуруст қайд карда шавад, пас қувваи исботнамоӣ надорад ва ба сифати сарчашмаи далелҳо эътироф намешавад[17, с.176].

Ҳамин тариқ, танҳо протоколҳое, ки дар онҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ ахамиятдошта бо тартиб ва шакли муқарраркардаи қонун таҷассум ёфтаанд, метавонанд

сарчашмаи далел эътироф гардад, агар онҳо ба талаботҳое, ки нисбати далелҳо дар қонун пешбинӣ гаштааст ҷавобгӯ бошанд.

**Ҳуҷҷатҳои дигар дар** ҳолате ҳамчун далел эътироф мешаванд, ба шарте ки маълумоти дар онҳо аз ҷониби корхонаю ташкилот, шахсони мансабдор ва воқеӣ инъикос ё тасдиқ намуда барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта бошанд (қ 1, м.82 КМҶ ҶТ)[5, мод.82].

Ҳуҷҷатҳо метавонанд ҳангоми гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ (ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ҳуҷҷатҳое, ки шахсиятро муайян мекунад, ҳуҷҷатҳои тиббӣ), бо дархости мақомоти тафтишӣ (справкаҳо, характеристикаҳо) ҷамъоварӣ шуда бошанд. Ҳуҷҷатҳоро баҳри эътироф намудан ҳамчун далел мавриди таҳлилу санҷиш қарор медиҳанд (гузоришҳо, санади дастгиркунӣ,санадҳои аудит, тавзеҳот ва ғ.).

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, ҳуҷҷатҳое, ки ба вайрон намудани қоидаҳои муайян ё ба ҷавобгарии гунаҳгор алоқаманд аст, дастурҳои дахлдор ё иқтибос аз ҳуҷатҳо бояд ба маводи парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шавад.

Ҳуҷҷатҳое,ки дар шакли дахлдор аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ё шахси мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ, ки он дар давлати хориҷа қарор дошта бо нишони он муҳргузорӣ карда шудааст, тибқи шартҳои созишномаҳо бе ягон иҷозатномаи иловагӣ қабул карда мешавад.

Намуди махсуси ҳуҷҷатҳо ин маводи тадқиқоти расмӣ (воҳидӣ) мебошад.Шарти ҳатмӣ барои қабули ҳуҷҷатҳо ҳамчун далел ин мавҷуд будани маълумоти воқеии ба парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошад (мисол, мактуби фармоишӣ, ҳисоботи оперативӣ, протоколи тафтишӣ ва ғайра).

Дар баъзе ҳолатҳо барои қабули маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳо мавҷуданд бояд шакли ҳуҷҷатҳои чунин намудҳо риоя шаванд (дастрасӣ ба чоп ва имзои шахси ваколатдор ва ғ.). Нусхаи ҳуҷҷат метавонад ба парванда замима гардад, аммо дар ин ҳолат бояд бо нусхаи аслии он муқоиса карда шуда аз тарафи шахси таҳқиқшуда тасдиқ карда шавад.

Талабот ва истифодаи далелҳо дар бораи маълумоти махфӣ риояи муқарраароти қоидаҳои дахлдорро дар бар мегирад.Агар ҳуҷҷат дорои ҳамам нишонаҳои моддаи 78 Кодекси мазкур зикргардида

бошад, далели шайъи ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин вақте ки ин гуна манбаъҳои далелҳо ҳамчун далелҳои шайъи ва ҳуҷҷатҳои дигар шинохта шудаанд аҳамияти онро мадди назар кардан мумкин нест. Ҳар ду сарчашмаи далелҳо метавонанд ҳамчун воситаи ошкор кардани ҷинояткорӣ ва муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта хизмат кунад.

Бовуҷуди ин ҳуҷҷатҳо (ҳамчун далелҳои шайъӣ) ин хусусиятро ба таври алоҳида ба даст овардаанд, зеро онҳо ҳамчун воситаи ҷиноят хизмат кардаанд ё амалҳои ҷиноӣ ба он равона карда шудааст ва ё дар худ осоре аз ҷиноятро боқӣ гузоштааст. Масалан, ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият ба сифати ҳуҷҷатҳои дигар баромад менамояд. Агар ин ҳуҷҷатҳо, ки қаблан аз ҷабрдида дуздида шуда буданд ва аз дасти гумонбаршудагон пайдо гардидааст ва ё қисмате аз онҳо тоза карда шудааст, онҳо ҳамчун далелҳои шайъи баромад мекунанд. Дар ин ҳолат, чунин ҳуҷҷатҳо бояд санҷида шуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун далели шайъӣ ҳамроҳ карда шавад[6, с.207-209].

**Маълумоти дилхоҳе, ки тавассути гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** ба даст меояд, танҳо дар сурате метавонанд ҳамчун далел истифода шавад, ки агар бо роҳи мурофиавӣ вориди мурофиаи судии ҷиноятӣ шуда бошад[20, с.68-72].

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ баъди ҳаматарафа санҷидан, тафтиш намудан ва баҳо додан ба парванда чун далел роҳ дода мешавад[21, с.47-50].

Аммо чи тавре дар моддаи 84-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст натиҷаҳои Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ба шарте далел эътироф мешаванд, ки бо риояи муқарароти Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъовари шуда бошанд, лекин натиҷаи Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ бо тартиби муқарар кардаи қонун «Дар бораи Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҷамъоварӣ мешаванд ва салоҳияти шахсони ин фаъолиятро ба амалбароварандаро қонуни мазкур танзим мекунад. Он мафҳуме, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба натиҷаҳои Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ пешбинӣ кардааст нофаҳмиро ба миён меорад, яъне ин гунна натиҷаҳо ба шарте далел эътироф мешаванд, ки бо риояи қоидаҳои муқаррар кардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба даст оварда шуда бошанд, вале ин натиҷаҳо бо риояи қонун «Дар бораи Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ» ба амал

бароварда мешаванд ва онҳо дар сурате далел мебошанд, ки ба талаботи муқаррар кардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ оид ба далел ҷавобгӯ бошанд на ин ки бо тартиби муқаррар кардаи он ҷамъоварда шуда бошанд[17, с.172].

Ба андешаи олимони соҳа дар таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳолатҳое ҷой доранд, ки барои ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳо мушкилӣ эҷод мекунанд. Ба андешаи Раҳимзода Р.Ҳ. маълумотҳое, ки дар рафти амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи ба даст оварда мешаванд, танҳо дар он ҳолат ба сифати далел истифода бурда мешаванд, ки агар муфаттиш, таҳқиқбаранда ё прокурор тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 86, 87 ва 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ чунин маълумотҳои оперативиро ба далелҳо мубаддал гардонанд, яъне бо роҳи азназаргузаронии онҳо ва тартиб додани протоколҳою баровардани қарорҳо ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ намояд.Чунин муқаррарот аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ ва кифоя будани далелҳо дуруст мебошад. Бинобар ин Кодекси мурофиавии ҷиноятииҶумҳурии Тоҷикистон бояд маҳз чунин муқараротро истифода барад. Ҳамин тариқ ӯ чунин андеша дорад, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мубаддал гардонидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашуаро ба ҳайси далелҳо ҳаматарафа таҳия накардааст[11, с.20].

Ба андешаи Маҳмудов И.Т. маълумоти дилхоҳе, ки тавассути гузаронидани гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст меояд, танҳо дар сурате метавонад ҳамчун далел истифода шавад, ки агар бо роҳи мурофиавӣ вориди мурофиаи судии ҷиноятӣ шуда бошад Дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳар он чизе, ки бо роҳи ғайримурофиавӣ ба даст оварда мешавад, ҷоиз нест. Чунин ҳолат ду асос дорд: мавҷуд набудани сарчашмаи бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда; мавҷуд набудани шакли мурофиавии ҷамъоварии далелҳо[8, с.36].

Барои он ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавонанд, ба сифати далел истифода шаванд, зарур аст, ки онҳо мавқеи далелро пайдо намоянд, яъне бояд аз сарчашмаҳои бо қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, яъне бо роҳи гузаронидани амалиётҳои мурофиавӣ ба даст оварда шаванд. Онҳо бояд бо назардошти талаботи конунгузории

мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъкарда, санҷида ва баҳогузорӣ шаванд[21, с.68-72].

Ҳар як чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ он вақт метавонад натиҷаи дилхоҳ диҳад, ки агар зоҳиран бо амалиёти тафтишотии ҳаммонанд санҷида шавад: масалан пурсиши оперативӣ бо пурсиш ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ; муоинаи оперативии биноҳо, иморатҳо, иншоот, минтақаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт бо амалиёти тафтишотии кофтуков ва азназаргузаронӣ; таҳқиқи оперативии ашё, ҳуҷҷатҳо ва дигар объектҳо бо экспертиза[8, с.37].

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ чун сарчашмаи далел эътироф карда мешавад, агар мутобиқи талаботҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба даст оварда шуда бошад ва пас аз тафтиш, санҷиш ва баҳодиҳӣ ҳамчун далел ба парванда роҳ дода мешавад.

Дар таносуб бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1961 дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда оид ба махсусияти пайдоиш ва рушди намудҳои алоҳидаи далелҳои нав дар мурофиаи ҷиноятӣ (сарчашмаҳои нави далел) пешбинӣ шудаанд. Дар асоси таҳлили моддаи 72-юми Кодекс намудҳои зерини иловагии сарчашмаҳои далелҳо пешбинӣ шудаанд: 1) нишондоди коршинос; 2) хулосаву нишондоди мутахассис; 3) сабтҳои пинҳонӣ; 4) гуфтугӯи телефонии гӯшкарда шуда ва сабтгардида; 5) мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ. Чунин навовариро метавон пеш аз ҳама бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ асосонок намуд. Пеш аз ҳама, мураккабшавии механизмҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои алоҳидаи содиршуда сабаб шуданд, ки масъалаи истифодаи мақсадноки алоқаҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таҷҳизотҳои нави техникии замонавӣ дар раванди исботкунӣ мавриди танзими қонунӣ қарор дода шаванд. Воқеан дар шароити муосир бе истифодаи мақсадноки дастовардҳои техникӣ, аз қабили мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ, кушодани ҷиноятҳои алоҳида имконнопазир аст. Муқарраротӣ боби 9-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд дар он мазмуну моҳияти ҳар як намудҳои алоҳидаи далелҳои нав дар мурофиаи ҷиноятӣ дар алоҳидагӣ шарҳ дода шуда, тартиби мурофиавии расмигардонии намудҳои алоҳидаи далелҳои нав пешбинӣ мешуданд. Вале таҳлили боби 9-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар

асл вазъ чунин набуда мазмуну моҳияти на ҳамаи навъҳои алоҳидаи далелҳо ошкор карда шудаанд. Аз ин рӯ, бо назардошти талаботҳои мурофиавӣ зарур аст, ки ба боби нуҳуми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағийрот ворид карда шуда, ба он моддаҳои нав ба масъалаи рушди намудҳои алоҳидаи далелҳои нав, ки дар Кодекс ба расмият дароварда нашудаанд, бахшида шаванд. Аз ҷумла зарур аст, ки ба пайдоиш ва рушди намудҳои алоҳидаи далелҳои нав дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили «хулоса ва нишондоди мутахассис», «сабтҳои пинҳонӣ», «гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида»; «мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ» илова карда шавад.

Боварии комил дорем, ки таклифҳои пешниҳодшуда то андозае метавонанд дар ҷодаи такмили танзими ҳуқуқии муқаррароти боби 9-уми қисми 2 моддаи 72-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Гуценко К.Ф.Уголовный процесс. / Под. ред. К.Ф. Гуценко.- М. 1997.- С. 115.
2. Гуценко К.Ф. Уголовный процесс. Учебник для студентов юридических вузов и факультетов / Под ред. К.Ф. Гуценко. – Изд-во Зерцало, М- 2005.- С.115-116.
3. Григорьев В.Н. Уголовный процесс / В.Н. Григорьев, А.В. Победкин, В.Н. Яшин.- М., 2005.- С. 198.
4. Ғозиев М. Мурофиаи ҷиноятӣ // М. Ғозиев.- Душанбе, «Деваштич», 2009. - С.303.
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 таҳти № 564
6. Комментарий к Уголовно-процессуальному Кодексу Российской Федерации.\ Под общ.ред. В.В.Мозякова. – 2-е изд., перераб. и доп.- М.: «Издательство «Экзамен XXI», 2002.- с.207-209
7. Лупинский П.А. «Уголовний процесс» М – 2001 С.69.
8. Маҳмудов И.Т. «Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ» // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии

Тоҷикистон) Душанбе.- 2014. - №5. (Нашрияи махсус). - С.35-41.
9. Раҳматҷонов А. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умуми / А. Раҳматҷонов, М.М. Оқилова. Хуҷанд- 2003. - С.166.
10. Раҳматуллоев А.Э.. Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавӣ-ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ.- Хуҷанд.2011.- С.65-75.
11. Раҳимзода Р.Ҳ. «Ба сифати далелҳо мубаддал гардонидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бастовардашуда: проблемаҳои ҷойдошта» // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). - Душанбе. 2014. №5 (Нашрияи махсус).- С.17-20.
12. Сафаров Иномджон Правовая система государства Саманидов (IX-X вв.)- Душанбн: Ирфон,1999. С.166; Сафаров И.Д. Суд и процесс в государстве Саманидов / Тезисы апрелькой научно- теоретической конференции профессорского-прподавателького состав. Сер. Общественных наук.-Душанбе, 1994.- С.166-167
13. Хайруллоев Ф.С. Принцип справедливости в исламском праве. Монография. 2-е издание.Душанбе:Академия МВД РТ. 2017.С.151.
14. Хоҷаева Н.Б. “Рушди падидаи даделҳои шайъӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон” Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи:Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқукии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳукуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи ҶТ» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ». Душанбе-2019. С.493-503.
15. Хоҷаева Н.Б. “Сарчашмаҳои далел мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ ва Федератсияи Русия”. // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Душанбе: «Сино» 2015. - №3/1 (158) С.92-101.
16. Хоҷаева Н.Б. “Инкишофи институти далел ва исботкунӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуӣ: «Ҷой ҳуқуқи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир» 27.05.2015. С.160-172

17. Хоҷаева Н.Б. “Намудҳои далелҳо мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия” // Илм ва фановарӣ (маҷаллаи илмӣ) Душанбе: «Сино» - 2015.-№ 2 (6). - С.158-173.
18. Хоҷаева Н.Б. «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, истифодабарӣ ва нигоҳдории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» // Паёми ДМТ Вестник ТНУ (научный журнал) - Душанбе; «Сино», 2017. - № 2/6.- С.224-231
19. Хоҷаева Н.Б. “Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, истифодабарӣ ва нигоҳдории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ” // Маводи (тесизи) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати устодони кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои “2018-2028”, “Соли рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ” “140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” Душанбе 2018.- С.435-436.
20. Хоҷаева Н.Б. “Проблемаҳои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ” // Паёми ДМТ (маҷҷалаи илмӣ). - Душанбе: «Сино» 2014. -№ 3/8 (150). қисми 2.- С.68-72
21. Хоҷаева Н.Б. “Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативи ҷӯстуҷӯи дар исботкунӣ мувофиқи кодекси мурофиавии ҷиноятии кишварҳои ИДМ” // Паёми ДМТ. (маҷҷалаи илмӣ). - Душанбе: «Сино» 2015.- № 3/4 (170). - С.47-50.

**Самадов Бахтиёр Одилжанович –**
**к.юр. н., доцент, заведующий кафедрой предпринимательского и международного права ТГУ ПБП**
**Хакими Фирдавс Гайратзода –**
**докторант (PhD) 3-го года обучения, по специальности юриспруденция ТГУ ПБП**

# ОТВЕТСТВЕННОСТЬ В СФЕРЕ ИННОВАЦИОННОЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ТАДЖИКИСТАНА

В Республике Таджикистан одна из основных функций государства является экономическая. Конституционные нормы гарантируют осуществления свободной экономической деятельности для всех. Прежде всего, она заключается в создании необходимых условий для устойчивого и нормального развития экономических отношений, в том числе общих правил деятельности основных участников этих отношений, т.е. субъектов предпринимательской деятельности. Как правило, законодательство в сфере предпринимательской деятельности при государственном регулировании такой деятельности предусматривает институт ответственности во всех сферах, инновационной в частности, который имеет свои особенности регулирования и реализации[16, с. 133].

Бесспорно, что каждый предпринимательствующий субъект, в сфере осуществляя предпринимательской инновационной деятельности, должен нести юридическую ответственность как за отдельные допущенные им правонарушения, так и за отрицательные результаты своей деятельности в целом.

Следует отметить, что в настоящее время понятие ответственности в предпринимательской сфере полностью не изучено. В юридической литературе оно обозначается такими терминами, как хозяйственная ответственность, юридическая ответственность за хозяйственные правонарушения, ответственность за правонарушения в сфере экономики, которые, по сути, являются синонимами[10, с. 115-120; 12, с. 248-265; 14, с. 136-137, 17, с.75].

В современном этапе развития поставлен вопрос о возможности более широкого понимания юридической ответственности как

ответственности за правильное выполнение лицом своих обязанностей, а не только в негативном значении как принуждения, наказания, отрицательного последствия, наступающего вследствие невыполнения обязательства[19,с.72-78]. По нашему мнению, права и обязанности предпринимателей составляют содержание предпринимательских отношений, которое является многогранным по природе и находится в сфере как публичных, так и частных интересов, особенно в сфере инновационной деятельности[18, с.191].

Право предпринимателя во всех сферах (производство товаров, реализация, предоставления услуг, выполнении работ и др.) представляет собой выражение и конкретизацию в правовых нормах принципа свободы предпринимательства. Конечно, это необходимо в целях защиты интересов предпринимателя при осуществлении им своей деятельности.

Как известно, обязанность предпринимателя представляет собой меру ограничения его экономической свободы. Во всех сферах предпринимательской инновационной деятельности обязанность предпринимателя представляет собой условие правомерности поведения предпринимателя, которое устанавливается с помощью правовых требований или правовых запретов. Как правило, правовые требования указывают, какие действия предприниматель должен совершить в интересах отдельного лица, и группы лиц, или государства в целом.

По сущности, ответственность является необходимым элементом системы средств правового регулирования предпринимательской деятельности, который обеспечивает соблюдение предпринимателями норм права. Так, установленные законодательством мер ответственности предпринимателя за ненадлежащее исполнение своих обязанностей оказывает значительное влияние на содержание правового статуса предпринимателя, которое ограничивается определенными принципами и целями установления и применения ответственности.

В сфере осуществления предпринимательской инновационной деятельности рассматривая проблематику, следует согласиться с мнением выдающего учёного Олейник О. М., что предпринимательская (хозяйственная) ответственность – вид неблагоприятных последствий, заключающийся в лишении правонарушителя (изъятии у него) имущества, а также в запрещении, прекращении права на осуществление предпринимательской

деятельности, принудительной реорганизации или ликвидации юридического лица[12,с. 461].

Прежде всего, предпринимательская ответственность в целом зависит от нормального государственного регулирования такой деятельности. Государственное регулирование предпринимательской деятельности представляет собой воздействие государства на неё путём принятия нормативно – правовых актов, правовых актов индивидуального регулирования, организации контроля за соблюдением требований законодательства к предпринимателям и применения мер стимулирования и ответственности к нарушителям этих требований.

Государственное регулирование в целом представляет собой практическую реализацию всех ветвей власти – законодательной, исполнительной и судебной. Следует согласиться с критикой точки зрения авторов о том, что и государственное управление и государственное регулирование – лишь обобщенные варианты практической реализации исполнительной власти[8,с. 21; 13,с. 399].

Как правило, все ветви власти (законодательная, исполнительная и судебная) призваны гарантировать компетентное регулирование общественных отношений, предпринимательских правовых отношений, также отношения возникающие с государственным управлением и регулированием, судебный контроль за деятельностью органов исполнительной власти. Следует отметить, что, к сожалению, высокий уровень коррупции в органах исполнительной власти, в том числе в процессе осуществляемого ими контроля за предпринимательской инновационной деятельностью, свидетельствует о недостаточности контроля за деятельностью самих органов исполнительной власти и их должностных лиц.

В юридической литературе отмечается, что правовыми формами государственного воздействия на экономику являются нормативно - правовые акты, которые регулируют поведение неопределённого круга лиц и акты ненормативного характера[15,с.103].

В Республике Таджикистан после принятия Конституции в 1994 году, предпринимательская деятельность стала свободной и гарантированной. «Государство гарантирует свободу экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной» (статья 12)[1].

Более того, с принятием части первой Гражданского кодекса Республики Таджикистан[2] (ГК РТ) в 1999 году в п. 3 ст. 1 закреплено

само понятие предпринимательская деятельность. В целом гражданское законодательство, нормы ГК РТ регулируют отношения между лицами, осуществляющими предпринимательскую деятельность.

Ответственность, как правило, возникает в случае нарушения обязательства, в сфере предпринимательской инновационной деятельности в частности. Как предусмотрено в статье 330 ГК РТ, обязательства должны исполняться надлежащим образом в соответствии с условиями обязательства и требованиями закона, иных правовых актов. Здесь следует дополнить, что в случае не своевременного и не надлежащего исполнения обязательств, впоследствии, может привести к неблагоприятным последствиям.

Содержание норм настоящей статьи ГК РТ имеет поле действия также и всем государственным органам, должностным лицам государственных органов, которые реализуют государственное управление и государственное регулирование предпринимательской деятельности.

В этой сфере, глава 24 ГК РТ «Ответственность за нарушение обязательств» содержит статью 422, понятие нарушения обязательств. Закреплено, что под нарушением обязательства понимается его неисполнение либо исполнение ненадлежащим образом (несвоевременное, с недостатками товаров и работ, с нарушением других условий, определенных содержанием обязательства) - ненадлежащее исполнение. А на основании содержания норм статьи 432 ГК РТ, лицо, не исполнившее обязательства либо исполнившее его ненадлежащим образом, несёт ответственность при наличии вины (умысла или неосторожности), кроме случаев, когда законом или договором предусмотрены иные основания ответственности.

В течение последних лет в стране приняты ряд законов, нормативно-правовых актов регулирующих предпринимательскую деятельность, инновационной в том числе. Многие законы, нормативно-правовые акты содержат специальную главу, ответственность за нарушение закона.

В этом контексте, Закон Республики Таджикистан №822 от 16 апреля 2012г. «**Об инновационной деятельности**»[3] содержит статью 21. Законом, в этой статье закреплено, что физические и юридические лица за несоблюдение положений настоящего Закона привлекаются к ответственности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Кроме этого, развитие предпринимательской инновационной деятельности в стране, прежде всего, взаимосвязано с государственной политикой, государственной поддержкой, что позволит реализации мерам ответственности.

Особо следует отметить, что государственная поддержка инновационной деятельности предусмотрены в нормах статьи 13 Закона Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности». Как закреплено, государственная поддержка инновационной деятельности осуществляется государственными органами в таких формах, как:

– финансирование научно-исследовательских, опытно-конструкторских и технологических работ по созданию новой или усовершенствованной продукции, новой или усовершенствованной технологии, предназначенных для практического применения;

– предоставление субъектам инновационной деятельности государственного имущества, результатов интеллектуальной деятельности и приравнённых к ним средств индивидуализации, во владение и в пользование;

– производственно-технологическая поддержка субъектов инновационной деятельности;

– создание необходимых организационных, правовых и экономических условий, обеспечивающих инвестирование реализации государственной инновационной политики;

– установление льгот в соответствии с законодательством Республики Таджикистан;

– других формах государственной поддержки инновационной деятельности, не запрещённых законодательством Республики Таджикистан.

Таким образом, в Республике Таджикистан поэтапное совершенствование норм законов о государственной поддержке предпринимательской деятельности охватывает также сферы ответственности. Например, если проанализировать закон Таджикистана от 2002г., который регламентировал осуществление предпринимательской деятельности «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республики Таджикистан» предусматривал нормы об ответственности. Такие сферы как, ответственность за нарушение законодательства о государственной регистрации, общие основы и ответственность за неправомерное воспрепятствование предпринимательской деятельности,

ответственность за нарушение установленного порядка проверки предпринимательской деятельности, ответственность за нарушение настоящего Закона были предусмотрены.

Сравнительно-правовой анализ показывает, что ныне действующий закон Таджикистана от 26 июля 2014г. «О государственной защите и поддержке предпринимательства»[5] объединил в одной статье все нормы об ответственности, статья 24. Если же, с правовой точки зрения рассмотреть содержание статей настоящего закона, то можно прийти к такому мнению, что нормы закона направлены для соблюдения правовых норм со стороны юридических лиц и индивидуальных предпринимателей. Например, содержание заключительной части статьи 32 Закона, указывает, что за нарушение настоящего Закона юридические и физические лица привлекаются к ответственности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Проанализированные нормы закона, а также Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020годы[6], утверждённая Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля 2011 №224, позволяет сделать вывод о том, что ответственность в сфере инновационной деятельности лежит не только на физических и юридических лиц, а более всего особая ответственность возлагается на Совет по координации инновационного развития (гл.3, пар.5).

Как показывает практика о привлечении к ответственности кого либо, государственных органов, физических или юридических лиц, тем более координационный Совет конечно, в большинстве случаев их действия ведут к невозможности осуществления свободной предпринимательской инновационной деятельности, свободного развития конкуренции на рынках.

В правовом поле регулирования свободной предпринимательской, инновационной деятельности привлекает внимание содержание норм Закона Республики Таджикистан № 1269 от 25 декабря 2015 «О проверках деятельности хозяйствующих субъектов»[4]. Данный Закон устанавливает правовые основы проведения проверок, порядок и процедуры их проведения, права и обязанности хозяйствующих субъектов, должностных лиц проверяющих органов и направлен на защиту здоровья, законных прав и интересов граждан, окружающей среды, национальной безопасности и защиту деятельности проверяемых хозяйствующих

субъектов, независимо от форм собственности. На основании статьи 3 Закона, целью проведения проверок деятельности хозяйствующих субъектов является сокращение рисков для здоровья граждан, окружающей среды, безопасности общества, защита собственности путём обеспечения соблюдения законодательства Республики Таджикистан хозяйствующими субъектами в процессе осуществления своей деятельности.

Практика осуществления свободной предпринимательской инновационной деятельности, как со стороны юридических лиц свидетельствуют о том, что ответственность лежит на предпринимательствующих субъектов. Хотя, законодателем закреплены основные принципы проведения проверок деятельности хозяйствующих субъектов со стороны уполномоченных государственных, проверяющих органов. Законные принципы основываются Конституцией страны. Так, в соответствии ст. 1 Конституции Республики Таджикистан закреплено: Республика Таджикистан - демократическое, правовое государство.

Более того, Таджикистан, являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека.

Таким образом, вышеупомянутые нормативно-правовые акты государства в заключительной части содержат нормы об ответственность за нарушение настоящего закона. То есть, лица, виновные в нарушении положений законов, несут ответственность в соответствии с законами Республики Таджикистан.

Хотя, эффективное стимулирование научно-технического прогресса, как главного фактора современного социально-экономического развития повысив ответственность и роль государства в его обеспечении предусматривались, и предусматриваются в государственных нормативных актах, документах. Таковым выступает, например Концепция развития предпринимательства в Республике Таджикистан на период до 2015 года, утверждённая Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 декабря 2004 года № 469[7]. Одним из приоритетных задач согласно этого документа считался то, что в связи с дальнейшей необходимостью стимулирования развития предпринимательства при реализации социально-экономической политики государства, со стороны государственных органов должны предприниматься соответствующие меры.

В этой связи, не стоит забывать о том, что требования законности, как правило, распространяются на все органы государственной власти, на их высших должностных лиц и на рядовых служащих, на общественные объединения - партийные, профсоюзные и иные организации, на хозяйственные товарищества и общества, производственные и потребительские кооперативы, унитарные предприятия, на всех граждан, на всю предпринимательскую деятельность. А его исполнение – долг.

В юридической литературе справедливо отмечается, что нести юридическую ответственность - значит претерпевать, испытывать на себе неблагоприятные последствия своих действий (бездействий), а также принимать на себя риск неблагоприятных последствий, связанных с осуществляемой деятельностью[9,с.152; 11,с.535].

Если брать, к примеру ПК РК, то как отмечалось выше он по сути регулирует общественные отношения, возникающие в связи с взаимодействием субъектов предпринимательства и государства, в том числе государственным регулированием и поддержкой предпринимательства. По этому вопросу правильно подчеркнул профессор В.С. Белых «Выходит, что ПК РК – это не предпринимательский кодекс, а закон об основах государственного регулирования предпринимательской деятельности»[1].

Заключение

1. Нужен ли кодифицированный акт о предпринимательстве. Если исходить из такого формата, который представлен в других пост советских государствах то однозначно нет.

2. Если главная задача разработки кодекса это поддержка предпринимательства и придания предпринимательству развития, то необходимо в первую очередь реформа в налоговой сфере. Налоговое законодательство играет важную роль в развитии предпринимательства. Неслучайно за небольшой период времени в Республики Таджикистан несколько раз принимался налоговый кодекс. В проекте обоснования Налогового кодекса было указано, что Кодекс разработан специально для развития предпринимательской деятельности. Принятие предпринимательского кодекса не является приоритетом для развития бизнеса. В этом контексте необходимо привести налоговое законодательство в соответствие с требованиями общественных отношений. Уравновесить частно- публичные интересы. Принятие предпринимательского кодекса не будет иметь эффекта когда Налоговое законодательство не будет преследовать цель только публичного интереса.

---

[1] Белых В.С. О концепции, структуре и содержании предпринимательского кодекса Республики Казахстан// Материалы международной научно-практической конференции (5 марта 2014 года) проект предпринимательского кодекса Республики Казахстан: состояние и перспективы. С.32

3. Для разработки предпринимательского кодекса (если на то и пошло) нужно привлекать и представителей науки, ассоциацию предпринимателей и других заинтересованных лиц, не ограничиваться только представителями власти.

4. По сути концепции правовой политики, кодификации подлежат однородные общественные отношение, а не разнородные.

Таким образом на основании представленного можно сделать вывод, что принятие Предпринимательского кодекса без учета высказанных проблем, а также юридически обоснованных базовых и теоретических положений и правового ориентира не имеет смысла. Принятие кодекса усложнит задачу и ухудшит зависимое положение предпринимателя при регулировании предпринимательских отношений. В результате на базе кодекса будут приняты новые нормативно правовые акты, которые в итоге увеличат количество нормативно-правовых актов вместо намеченного их уменьшения.

Наряду с предпринимательским кодексом также ставится задача систематизации банковского законодательства в рамках единого акта - Банковского кодекса Республики Таджикистан (абз.7 ч.24 Концепция).

Принятие Банковского кодекса не сулит, какими либо положительными моментами. В банковской сфере действует десятка нормативно правовых актов и более пятидесяти нормативных актов различного характера принятое регулятором в этой области – Национальным Банком Таджикистана.

Характерной особенностью Кодекса является его стабильность. Поэтому в теории право отмечается что «При наличии кодекса внесение в него хотя бы одного изменения потребовало бы целой системы обусловленных им «периферийных» изменений в соответствующих других статьях кодекса. Поэтому на изменение кодекса законодатель идет только в случаях действительно существенной необходимости в этом»[1]. Однако банковское законодательство постоянно изменяется или дополняется различными нормами. Это в первую очередь связанно с изменениями в общественной жизни происходящее в предпринимательской сфере. Инкорпорировать все законы в банковской сфере в единый – Кодекс не является оправданным. Известно, что на базе каждого принятого кодекса разрабатываются и применяются специальные законы. Будит

[1] Иоффе О. С., Шаргородский М. Д. Вопросы теории права. – М.: Юр. Литература. – 1961. С. 365

так, что наравне с банковским кодексом будит существовать еще несколько нормативный правовых актов. В этом случае возникает вопрос, что же дал банковский кодекс? Не запутал ли он систему нормативно правовых актов. Как соотносить банковский кодекс с ГК?

Подытоживая нужно сказать, что если в начальном этапе становления законотворческой деятельности страны СНГ исходили из единого мнения, то по пришествии двух десятилетий, с учетом научных достижений основанных на приоритетах национальных интересов, а также государственной политикой в различных направлениях то сейчас при разработке проектов закона ориентиром модельные законы и законотворческая практика других стран не берется в основу.

Модельный кодекс в действительности на начальном этапе сыграло важную роль. Он заложил основу для развития гражданского законодательства, укрепил значение частноправовых начал правового регулирования имущественных отношений в обществе.

Если на данный момент происходит изменения и отклонения от модельного кодекса то в будущем с учетом глобализации, расширением границ товарооборота, заключением межгосударственных соглашений произойдет сближение законодательство между странами. Такая ситуация прослеживается в законодательстве в сиу вступления Таджикистана в ВТО.

М.К. Сулейменов подчеркивает, что «в странах СНГ может быть различное политическое устройство, различное конституционное и уголовное законодательство, но гражданское законодательство должно быть гармонизированным. Хотим мы этого или не хотим, но мы обречены на тесное экономическое сотрудничество, ибо экономические системы у нас однотипны, а наши товары никому, кроме нас самих, не нужны. Стремление создать единое экономическое пространство невозможно без единого правового пространства. А этот означает прежде всего единое гражданско-правовое регулирование. И опыт ЕС в создании такого пространства является неоценимым»[1]

**Литература:**

1. Иоффе О. С., Шаргородский М. Д. Вопросы теории права. – М.: Юр. Литература. – 1961. С. 365

[1] Сулейменов М.К. Значение модельного гражданского кодекса для стран СНГ. HTTPS://ONLINE.ZAKON.KZ/DOCUMENT/?DOC_ID=33945897#POS=6;-106

2. Белых В.С. О концепции, структуре и содержании предпринимательского кодекса Республики Казахстан// Материалы международной научно-практической конференции (5 марта 2014 года) проект предпринимательского кодекса Республики Казахстан: состояние и перспективы. С.32
3. Егорова Е. Новый предпринимательский кодекс Республики Казахстан// Повышение качества образования, современные инновации в науке и произодстве: Сборник трудов Международной научно-практической конференции. – Экибастуз: изд филиала КузГТУ в г. Прокопьевске, 2016. С.78
4. Алексеева Д.Г., Андреева Л.В., Андреев В.К. Российское предпринимательское право (под ред. И.В. Ершова, Г.Д. Отнюкова). - "Проспект", 2010г. 1072 с
5. Гаюров Ш. К., Косимов Ф. А., Разработка и принятия предпринимателйского кодекса в РТ//Правовая жизнь. № 1 (29) 2020. С.323 (тадж.язык). С.323

**Болтуев Самад Шарифбоевич,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи**
**соҳибкорӣ ва байналхалқии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**(Хуҷанд)**

# ОИДИ ТАНЗИМИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Мазмуну муҳтавои истиқлолият ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар ҳамаи шакл ва намудҳояш дар баробари озодӣ ва мустақилият масъулиятро низ дар назар дорад. Истиқлолияти давлатӣ бошад беш аз ҳама чунин масъулиятро дар назди халқу миллати худ, насли оянда ва бе ягон шакку шубҳа дар назди тамоми ҷомеаи умумиҷаҳонӣ тақозо мекунад.

Таърихи қариб сисолаи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки бо шахсияти Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита алоқаманд аст, ба туфайли хирадмандиҳои дурбинонаи ӯ ҳамчун арбоби давлатӣ, дар поягузории ҳуқуқии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол давраҳои хеле мураккаб ва тақдирсозро гузашт.

Илми ҳуқуқшиносии замони муосир, аз он ҷумла илми ҳуқуқи гражданӣ ҳам, ба таҳқиқи муаммоҳои мубрами танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Зеро мавриди муқарар намудани матлабу мароми пажуҳишҳои илмӣ-ҳуқуқӣ олимони пешоҳанги ин соҳа хеле дуруст дарк мекунанд, ки ҳамаи масъалаҳои дар ҷомеа пайдошаванда аз назари ҳуқуқӣ бояд баррасӣ ва то қадри имкон бо қонунҳо танзим шаванд. Чунки яке аз нишонаҳо ва омилҳои муҳими давлати ҳуқуқбунёд, ки Тоҷикистон ҳам мувофиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] бояд тадриҷан чунин мақомро гирад, волоияти қонун дар ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бе ягон истисно мебошад. Зиёда аз он, илми ҳуқуқи гражданӣ ҳам чун соҳаи намунавӣ (классикӣ) барои тамоми соҳаҳои ҳуқуқи табиати хусусӣ дошта бояд саҳми назарраси худро дар таҳқиқи зуҳуроти навтарини замони муосир – фаъолияти соҳибкорӣ, гузорад. Чунки қонунгузор аллакай мафҳуми аз ҳама умдатарин, мукаммалтарин, мушаххастарин ва аниқи фаъолияти соҳибкориро дар яке аз меъёрҳои ҳуқуқии қисмати аввалияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (б.2 қ.3 м.1)[2] овардааст. Ақидаи мазкурро тақвият дода истода ишора намудан мехостем, ки дар санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар муносибат бо дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ин соҳа хислати ҳамоҳангкунанда дорад – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”[3] маҳз ҳамин мафҳум бо таҳриру иловаи ночиз қариб айнан оварда шудааст. Ҳамчунон боиси тазаккур аст, ки танзими муносибатҳои

[1]Дар ин ҷо ва минбаъд дар назар дошта шудааст: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 06 ноябри соли 1994 бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 маи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту дигаргуниҳо ворид карда шудаанд. – **www.prezident. tj**

[2]Дар ин ҷо ва минбаъд дар назар дошта шудааст: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қ.қ. 1-3, ки солҳои 1999-2005 қабул шудаанд, бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 02 январи соли 2020. – **www. mmk.tj**

[3]Дар ин ҷо ва минбаъд дар назар дошта шудааст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 26 июли соли 2014 қабул гаштааст, бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 02 январи соли 2020. - **www.prezident. tj**

ҷамъиятӣ байни шахсони машғули фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар муносибатҳо бо иштироки онҳо дар қатори вазифаҳои қонунгузории гражданӣ пешбинӣ шудааст (б.2 қ.3 м.1КГ ҶТ).

Яке аз самараҳои назарраси истиқлолияти давлатӣ дар масъалаҳои ҳуқуқ барои кишвари мо мустақилияти фаъолияти қонунгузорӣ шуд. Вале ин озодӣ аз ҳолати тобеиятии қариб ҳафтодсола аз муносибати омиронаи марказ, ки сиёсати ҳуқуқии ҳамаи ҷумҳуриятҳои аъзои Иттиҳоди Шуравиро бо роҳи муқарар намудани Асосҳои қонунгузории соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, муқарар менамуд, оқибатҳои гуногун дошт. Боиси тазаккур ва қаноатмандист, ки чунин мустақилият соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистонро ифода ва тасдиқ намуд. Вале ҳамчунон масъулияти хеле калонро оиди пурра намудани он фазои холие, ки дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ баъди даст кашидан аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давраи Шуравӣ пайдо мешуд, бояд хотиррасон намуд. Шояд маҳз аз ҳамин сабаб бошад, ки дар қатори аввалин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабулкардаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони нав соҳибистиқлол гашта қароре дар бораи он буд, ки минбаъд то қабул намудани санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқии мувофиқ ба мазмуни муносибатҳои ҷамъиятии зарурияти танзимро пайдо намуда санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давраи Иттиҳоди Шуравӣ қувваи қонунии худро гум намекунанд ва амал мекунанд.

Барои пайдо шудани фазои ҳуқуқии муътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим шудани онҳо бо қонун кафолати бештар дорад, чунки ваколату салоҳияти мақомоти олиии қонунбарор ҳамчун яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, реҷаи ба асосҳои демократӣ асосёфтаи фаъолияти вай (регламент) барои таҳкиму тақвияти қонуният ва адолати иҷтимоӣ мувофиқ мебошанд. Аз ҳамин сабаб ва бо ҳамин мақсад мақомоти олии қонунбарори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ - Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони то ба дараҷаи касбӣ расиданаш ҳам талошҳои бисёр барои ҳар чӣ тезтар пурра намудани фазои холӣ бо қонунҳои сифатан нав мекард. Албатта, имруз аз қуллаҳои баланди дастовардҳои сӣ соли сипарӣ гаштаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон мазмуну мундариҷаи бисёре аз он қонунҳоро мукаммал гуфта намешавад ва воқеан бисёре аз онҳо аз эътибор соқит ҳам дониста шуданд ё дар таҳрири нав қабул шудаанд. Вале қадру қиммати ҳар як иқдомро, алалхусус дар соҳаи давлатдорӣ, аз нигоҳи ҳамон давраи воқеияти таърихӣ, баҳо додан лозим аст. Аз ҳамин сабаб фақат

воқеияти қабул шудани ин ё он қонуни танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамон давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва/ё оқибатҳои гарони он дар шароити муташанниҷи сиёсӣ-ҳуқуқӣ худ дастоварди назарраси аҳкоми давлатдорӣ мебошад. Чунки эътибору нуфуз ва қувваи қонунии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамон вақт қабулшуда аҳамият ва моҳияти сиёсӣ ҳам доштанд. Он замон, то ташкил намудани парламенти касбӣ, вакилони халқии ба сессияи навбатии як-ду руза даъват шуда даҳҳо қонунҳое қабул мекарданд, ба таъхир монондани баррасии ҳеҷ яке аз онҳо асло мумкин набуд. Ба назари мо чунин мерасад, ки принсипи асосии мақомоти қонунбарори он давра аққалан аз ҷиҳати шумора пурра кардани фазои холии қонунгузорӣ буд.

Дурустии самти интихобкардаи сиёсати ҳуқуқии[1] хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поя ва таҳкурсӣ барои қабул карда шудани қонуни асосӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони нав соҳибистиқлол дар муҳлатҳои кутоҳтарин (соли 1994) нcorrect новобаста аз шароити вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шуд.

Оиди аҳамият ва моҳияти таърихии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат як нуқтаро қайд кардан кофист. Дар арафаи ҷашни 15 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарнавишти миллат коршиносони Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА - ОБСЕ) дар қатори панҷ Конститутсияҳои беҳтарини дунё Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ номбар намуданд[2]. Зеро фақат тартиби қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи чунин қоидаҳо ба монанди мавҷуд будани имконияти пешниҳоди лоиҳаи алтернативӣ, гузаштани муҳокимаи умумихалқӣ ва ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бевосита аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат хислатҳои демократии онро якчанд маротиба баланд мекунад. Мазмуну муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқии дар моддаҳои алоҳида пешбинишуда, ки дар асоси амалияи давлатдории мамлакатҳои ҷомеаи мутамаддин ташаккул ёфтаанд, афзалият ва мукаммалияти

[1] Дар ин бора муфассалтар ниг.: «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 феврали соли 2018 таҳти № 1005 тасдиқ гаштааст. - **www.prezident. tj**

[2]Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев С.Ш. Международно-правовые акты о правовом режиме трансграничных водных ресурсов / Геополитикаи инноватсионии захираҳои стратегӣ: муаммо ва дурнамои рушд: Маҷмӯаи мақолаҳо ва фишурдаи гузоришоти олимону устодон дар конфререренсияи илмӣ-назариявии ДДҲБСТ бахшида ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (23-26 апрели соли 2013). – Хуҷанд. – Ношир. – 2013. - С.32 - 37.

онро ҳамчун заминаи давлати ҳуқуқбунёд, кафолати ҳуқуқии воридшавии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонишавӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ тасдиқ мекунад.

Конститутсия ҳамчун қонунии асосии мамлакат сарчашмаи ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мебошад. Азбаски ҳуқуқи соҳибкорӣ хусусияти корпоративӣ[1] дорад ин хислати конститутсия ба вай бештар дахл дорад. Вале оиди меъёрҳои дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда махсусан таъкид кардан зарур аст. Он давра, соли 1994, ҳоло қонунҳои алоҳида дар бораи моликият қабул нашуда буданд, вале дар қисми якуми ин модда омадааст, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Албатта, ин ҷо масъалаи асосӣ вобаста бо моликияти хусусӣ аст. Чунки иқтисодиёти бозорӣ фақат дар мавриди мавҷуд будани моликияти хусусӣ самаранок амал карда метавонад. Барои фаъолияти соҳибкорӣ ҳам моликияти хусусӣ шакли афзалиятноки моликият мебошад. Маҳз ба ҳамин мазмун соҳибкорӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт гашта барои ташаккул додани давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи мутамаддин заминаи иқтисодӣ фароҳам меоварад[2]. Маҳз аз ҳамин сабаб дар қисми дуюми ин модда омадааст, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Минбаъд, дар қонунҳои гуногуни нав қабулшаванда ин нуқта такмилу инкишоф ёфт. Вале дар ҳамон давра ба тариқи конститутсионӣ эълон намудани моликияти хусусӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии иқтисодиёти мамлакат ҷуръату ҷасурии сиёсӣ-ҳуқуқии ҳар яке аз шаҳрвандони дар раъйпурсӣ иштирок дошта, пеш аз ҳама Асосгузори сулҳу ваҳдати Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки чунин ғояи тақдирсозро на фақат пешниҳод намуданд, балки дар ҷаласаҳои комиссияи конститутсионӣ истодагарӣ намуданд, тақозо менамуд. Чунки мафкураи ҷомеа дар тули таърихи қариб ҳафтодсолаи идеологияи коммунистӣ куллан

---

[1]Ин ҷо чунин хислати ҳуқуқи соҳибкорӣ дар назар дошта шудааст, ки вай маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии лар соҳаҳои гуногун ва мустақили ҳуқуқ пешбинишуда мебошад. Масалан, як меъёри ҳуқуқии дар ҳуқуқи ҷиноятӣ кирдору рафтори соҳибкорро танзимкунанда (масалан, соҳибкории ғайриқонунӣ) ва ба низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳам ворид мешавад.

[2]Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев У.С. Некоторые комментарии Указа «Об объявлении моратория на все виды проверок субъектов малого и среднего предпринимательства» // Ахбори ДДҲБСТ (Вестник ТГУ ПБП). – Хуҷанд. – 2008. - № 3 (июль-август). - С.17 – 21.

тағьир ёфта буд ва ба назари мардум на фақат аз нигоҳи қонунгузорӣ, балки ахлоқу мафкураи ҷомеа, соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти манфур ва машғул шудан бо он падидаи номатлуб ҳисоб мешуд[1]. Ҳарчанд дар ниҳоди мардуми Шарқ, аз он ҷумла тоҷикон, хислатҳои соҳибкорӣ аз қадимулайём мавҷуд бошанд ҳам баъди сукути тулонӣ дар давраи шуравӣ ин меъёрҳои ҳуқуқӣ барои бедор кардани ҳисси ташаббусу шуурнокии соҳибкорӣ як таккони бузург гардиданд[2].

Муаммоҳои қонунгузорӣ ва татбиқи амалии он дар муносибатҳои ҷамъиятӣ хеле бисёранд ва онҳо мунтазам баъди пайдошавияшон ҳалли худро ёфта истодаанд. Вале аз он вақте ки Асосгузори сулҳу ваҳдати Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми ҳар сола ба Маҷлиси Олӣ муроҷиат карданро шуруъ намуданд, дар он ҳамчун дар оина ин муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо инъикоси худро меёфтанд. Паёми имсола, ки дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон арҷгузорӣ шуда буд, ин муаммоҳоро хеле аниқ ва мушаххас ифода намуд. Дастовардҳои назарраси мамлакатро дар пешбурди иқтисодиёт ва самаранок истифода бурдани захираҳои молиявии давлатӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар қайд карда истода Асосгузори сулҳу ваҳдати Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаммои афзоиши қисми даромади буҷети давлатиро бо роҳи ҳавасманд намудани андозсупорандагон ва андозбандии пурраи онҳо дар ислоҳот дар бахши андоз вобаста ба ҳар чӣ содда намудани низоми андозбандӣ ва кам кардани шумораи андозҳо тавассути муносиб сохтани миқдори умумии онҳо мебинанд. Бинобар ин, дар Паёми имсола аз 26 январи соли равон таъкид карда шуд: «Шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки молия ва қарз, риояи қатъии низоми истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимояи

---

[1]Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев С.Ш. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар давраи соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон / Истиқлол – заминаи рушди Тоҷикистон. – Хуҷанд. - Ношир. – 2016. – 368с. - С. 154 – 161.

[2] Ниг.:Болтуев С.Ш. Оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ / Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он (Маҷмуаи маърузаҳои конфронси илмӣ-назариявӣ. 18-19 октябри соли 2018.). – Хуҷанд. – 2018. - С.132-135.

истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, ба хусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд»[1].

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз самаранок истифода гардидани захираҳои бойи табиии он ва вусъат додани истеҳсолоти саноатӣ вобастагии калон дорад. Ин раванд ислоҳоти ҷиддии қонунгузорӣ ва сиёсати танзимкунониро тақозо дорад, зеро имруз қонунгузории амалкунандаи мамлакат дар ин самт ба талаботи муосир пурра ҷавобгу намебошад ва бояд бо дар назардошти таҷрибаи пешрафта ва ҳимояи манфиатҳои кишвар дар соҳаи истифодабарии қаъри замин такмил дода шавад.

Сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи иқтисод бояд дастгирии ҳаматарафаи ташаббуси шахсӣ ва соҳибкориро дар мадди аввал гузорад. Дар ин самт вазифаи аввалиндараҷа аз байн бардоштани монеаҳои маъмурии сунъӣ ва таъмини шаффофияту оммафаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои аввалин дар ин самт содда кардани қоидаҳои маъмурӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, яъне мо бояд ҳам қонунгузорӣ ва ҳам мафкураи соҳибмансабонро дар ин самт дигар кунем.

Барои дастгирии боз ҳам бештари соҳибкорӣ ба вазорату идораҳои ваколатнок зарур аст, ки дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ нақшаи чорабиниҳои мушаххасро таҳия намуда ба баррасии ҳукумат пешниҳод намоянд. Чунки то ҳол баъзе аз мансабдорони ваколатноки давлатӣ дарк накардаанд, ки давраи идоракунӣ бо роҳи фармонфармоӣ ва амрдиҳии маъмурӣ гузашта рафтааст. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ давлат ва соҳибкори хусусӣ бояд чун ҳамкори манфиати умумӣ дошта муносибат кунанд. Давлат барои манфиати умумии ҷомеа муносибати ҳамдигарии соҳибкоронро метавонад бе истифодабарии услубҳои маҷбуркунӣ фақат танзим намояд.

Ба назари мо чунин мерасад, ки яке аз муаммои асосии инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз қонунгузорӣ вобастааст, дар масъалаи муносибати ҳамдигарии қонунҳо бо санадҳои зерқонунӣ мебошад. Чунки кафолати ҳуқуқии дар қонунгузории ҷорӣ – аз

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021//Манбаи электронӣ: http: // www.prezident.tj / node / 16771 (санаи муроҷиат: 25.04.2021)

Конститутсия то қонунҳои алоҳида - пешбинӣ шуда бо мазмуну мундариҷаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилии идораю вазоратҳо ба нестӣ мераванд. Зеро ба мансабдорони мақомоти поёнии бевосита ҳуқуқтатбиққунанда фармони роҳбари соҳавии худ қувваи бештари амалӣ дорад.

Ҳамчун ҷамъбасти ақидаронихо оиди ин масъалаи замонавӣ ва доғи руз таъкид карданӣ ҳастем, ки фақат бо саъйу кушиши дастаҷамъии олимони ҳуқуқшинос, мақомоти қонунбарор, шахсони мансабдори бевосита ҳуқуқтатбиққунанда тамоилоти инкишофи муносибатҳои соҳибкориро ҳамчун дурнамо муқарар намуда истода муаммоҳои танзими самараноки фаъолияти соҳибкориро ҳамчун сектори воқеии иқтисодиёт таъмин кардан мумкин аст.

**Руйхати адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021//Манбаи электронӣ: http: // www.prezident.tj / node / 16771 (санаи мурочиат: 25.04.2021)
2. Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев С.Ш. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар давраи соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон / Истиқлол – заминаи рушди Тоҷикистон. – Хуҷанд. - Ношир. – 2016. – 368с. - С. 154 – 161.
3. Болтуев С.Ш. Оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ / Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он (Маҷмуаи маърузаҳои конфронси илмӣ-назариявӣ. 18-19 октябри соли 2018.). – Хуҷанд. – 2018. - С.132-135.
4. Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев С.Ш. Международно-правовые акты о правовом режиме трансграничных водных ресурсов / Геополитикаи инноватсионии захираҳои стратегӣ: муаммо ва дурнамои рушд: Маҷмӯаи мақолаҳо ва фишурдаи гузоришоти олимону устодон дар конфререренсияи илмӣ-назариявии ДДҲБСТ бахшида ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (23-26 апрели соли 2013). – Хуҷанд. – Ношир. – 2013. - С.32 - 37.
5. Ин ҷо чунин хислати ҳуқуқи соҳибкорӣ дар назар дошта шудааст, ки вай маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии лар соҳаҳои гуногун ва

мустақили ҳуқуқ пешбинишуда мебошад. Масалан, як меъёри ҳуқуқии дар ҳуқуқи ҷиноятӣ кирдору рафтори соҳибкорро танзимкунанда (масалан, соҳибкории ғайриқонунӣ) ва ба низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳам ворид мешавад.

6. Дар ин бора муфассалтар ниг.: Болтуев У.С. Некоторые комментарии Указа «Об объявлении моратория на все виды проверок субъектов малого и среднего предпринимательства» // Ахбори ДДҲБСТ (Вестник ТГУ ПБП). – Хуҷанд. – 2008. - № 3 (июль-август). - С.17 – 21.

**Зайнидинов Ф. А. –**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

## НАЗАРИЯҲОИ ҲУҚУҚӢ ОИДИ ТАСНИФОТИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

Дар мубоҳисаҳои илмии солҳои охир, яке аз мушкилтарин масъалаҳо мазмуни консептуалӣ ва таснифи шахсони ҳуқуқӣ, инчунин мансубияти ин категорияи ҳуқуқӣ ба қонунҳои хусусӣ ва давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии он таъсидодшуда эътироф карда мешавад.[1] Дар баробари ин аз тарафи мақомоти қонунгузор, санади меъёри-ҳуқуқӣ “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”- аз 14.05.2013, № 1319 қабул карда шудааст, ки ба масъалаи мазкур мушаххасан равшанӣ меандозад.[2] Ба ин васила қайд кардан зарур аст, ки пеш аз таъсиси шахси ҳуқуқӣ бояд ҳадафҳои таъсиснамоии он ба инобат гирифта шавад. Баҳсҳое, ки дар донишкадаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқҳои муқоисавӣ ба вуҷуд омадаанд, моро водор намуданд, ки мушкилоти шахсони ҳуқуқиро на танҳо дар ҷомеаи илмӣ, балки дар ҷомеаи тиҷоратӣ низ баррасӣ намоем. Қабати васеи дигар масъалаҳои ҳалношуда оғоз ёфта истодаанд, ки на танҳо фаҳмиши назариявӣ,

[1] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми умумӣ, Душанбе, 2000.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз 14.05.2013, № 1319.

балки ҳалли фаврии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Ҳамин тавр, дар солҳои охир, имконияти мутобиқи намунаҳои бисёр давлатҳои пешрафта, ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ бештар баррасӣ шуда истодааст. Аммо ин на танҳо баррасии асосҳои консептуалии ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар мегирад.

Дар ин хусус фикру ақида ва пешниҳодҳои як қатор олимони соҳа вуҷуд дорад, ки ба масъалаи мазкур мушаххасан равшанӣ меандозад. Ба ин васила В.Ф.Яковлев изҳор менамояд, ки шахсони ҳуқуқӣ, як категорияи ҳуқуқи хусусӣ мебошанд.[1] Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ба ҳам омезиш додани муносибатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, яке аз тамоюлҳои умумии рушди танзими ҳуқуқии муосир мебошад. Қариб дар ҳама кишварҳои мутараққӣ, унсурҳои ҳуқуқи хусусии марбут ба истифодаи расмиёти шартномавӣ ва мувофиқат ба соҳаҳои ҷамъиятӣ ворид шуда истодаанд, ки дар онҳо баробарии тарафҳо ба таври анъанавӣ вуҷуд надошта, он асосан аз равандҳои объективии демократикунонӣ ва рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, бисёр шахсони ҳуқуқие вуҷуд дошта дорои хусусиятҳое мебошанд, ки тамоман ё қисман аз доираи хусусиятҳои шаҳрвандӣ берун меоянд. Агар мо фарқияти возеҳи байни ин категорияҳои шахсони ҳуқуқиро аз ҷиҳати ташкилию ҳуқуқӣ эътироф намоем, мо бояд минбаъд розӣ шавем, ки дар байни шахсони ҳуқуқӣ ҳатто вақте, ки онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ иштирок мекунанд, шахсоне ҳастанд, ки на танҳо аз ҷиҳати сифатҳои функсионалӣ, балки, аз чихати хукукии худ низ хосанд. Баъзе аз онҳо бо санадҳои ҳуқуқии хусусӣ ба танзим даровардa мешаванд, ки онҳо пеш аз ҳама ва баъзан пурра дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ амал мекунанд, аммо ҳадафи иҷтимоии худро дар ҷомеа иҷро мекунанд. Қисмати дигари шахсони ҳуқуқӣ, тибқи санадҳои қонунгузории давлатӣ ба танзим дароварда шуда, дар муносибатҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд, аммо дар баробари ин метавонанд ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи хусусӣ амал кунанд, дар мавриде, ки онҳо дар доираи ҳуқуқӣ, иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ бошанд. Дар ин раванд бояд зикр намуд, ки онҳо шакли ташкили, барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ доранд.[9] Аммо хусусияти байнисоҳавии онҳоро Г.Е. Авилов ва Е. Суханов рад мекунанд.[1,5]

[1] Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З., Муминов Н.И. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 70-75.

Инчунин таъкид карда мешавад, ки иштирок дар муомилоти шаҳрвандии мақомоти давлатӣ, шахсони дигари дорои ваколатдор, бояд тавассути восита ва усулҳои қонунгузории шаҳрвандӣ танзим карда шаванд. Барои ба таври васеъ омухтани ҷанбаи мазкур, паҳлуҳои тафриқавии қонунгузории давлатҳои хориҷиро бояд баррасӣ намуд. Масъалан манфиатҳои қонунгузории шаҳрвандии Олмон дар нимаи дуюми асри нуздаҳум, бешубҳа дар ташкили тарҳи шахси ҳуқуқӣ худи мафҳум ва ду намуди он - иттифоқҳо ва муассисаҳо саҳм гузоштааст. Аҳамияти дастовардҳои илми ватанӣ ва амалияи ҳуқуқи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки сохтори тамаддунии барои гардиши шаҳрвандӣ эҷодшуда ҳатто барои бисёр муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ, инчунин барои шахсони алоҳида (ҳайат, мақомот, муассисаҳо ва ғайра) муносиб ва ҳатто зарурӣ гаштааст. Хуб мебуд, гӯем, ки ин падида ғояҳои тахассусии олимонро дар дигар соҳаҳои илм, ки на тафсири мафҳумҳои гуногуни тамаддунро, балки ниёзҳои иҷтимоиро меомӯзанд, инъикос намекунад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ шахсони ҳуқуқиро бештар чунин сохторҳо меноманд, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории шаҳрвандӣ танзим нашудааст ё аз ҷониби он танҳо то андозае ба ҳадафи асосии онҳо вобаста набуда, балки аз ҷониби дигар шохаҳои ҳуқуқ танзим карда мешавад. Ҳамзамон, возеҳ аст, ки онҳо аз нигоҳи хусусияти иҷтимоию функсионалии худ, он созмонҳое (субъектҳо) нестанд, ки фаъолияташон тибқи қонунгузории шаҳрвандӣ танзим карда мешавад. Бисёр иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ҳизбҳо, иттифоқҳои касаба, автономияҳои миллӣ-фарҳангӣ ва ғайра), мақомот, муассисаҳое ҳастанд, ки бевосита дар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқӣ номида мешаванд. Аммо онҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, ки мавзуи асосии танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошанд, ба таври назаррас фарқ мекунанд. Онҳо дар ҷомеа ҳадафи гуногун, вазифаҳо, функсияҳо ва дар баробари ин тартиби дигари фаъолиятро дороанд. Аксарияти онҳо мақомоти маъмурӣ буда, дар иртибот бо дигар иштирокчиёни муносибатҳо, чун қоида, на аз нуқтаи назари бетарафӣ, балки ба нокофиягӣ ва тобеъӣ роҳнамоӣ мешаванд. Фарқияти асосӣ дар он ҳолат зоҳир мешавад, ки ҳарду алакай номбар шудаанд ва ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Дуруст аст, ки баъзе аз лаҳзаи сабти номашон дар маҷмӯъ ба қайд гирифта мешаванд, баъзеи дигар тибқи санадҳои алоҳидаи мақомоти болоӣ

оид ба таъсиси онҳо сабти ном шудаанд ё нашудаанд.[1] Моликияти шахсони ҳуқуқии мавриди баррасӣ қарордошта мақоми махсус дошта, одатан танҳо дар истифода аст. Тақдири ин молу мулк пас аз барҳам додани шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунҳои давлатӣ тағйир меёбад. Аз ҷумла, он наметавонад дар байни кормандон ё аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ паҳн карда шавад. Ва тавре ки дар боло қайд кардем, онҳо усули махсуси бақайдгирӣ доранд.

Баръакси шахсони ҳуқуқии ҳуқуқи хусусӣ, шахсони ҳуқуқии ҳуқуқи давлатӣ, одатан, дорои қобилияти умумӣ нестанд, аммо махсус ҳуқуқӣ мебошанд. Моделҳои ташкилӣ ва таркиби субъективии онҳо яксон нестанд. Роҷеъ ба масъалаи мазкур бояд зикр намуд, ки дар мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо кадрҳои хусусӣ мавҷуданд. Ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқҳои баробари аъзоёни онҳо асос ёфтаанд, новобаста аз сармояи гузошташуда фарқ мекунанд. Ҳамзамон, гуфтаҳои боло маънои онро надоранд, ки мафҳумҳои умумӣ ба вуҷуд намеоянд, балки баръакс онҳо ҳамчун воситаи шинохти воқеият заруранд. Дар соҳаи таҳлилшуда он дар ҳузури шахсони ҳуқуқие, ки дар соҳаи муносибатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд, зоҳир мешавад. Ҳар кадоми онҳо сифати асосии худро доранд, ки бетағйир мемонанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар шаклҳои омехта, сифати муайян низ бартарӣ дорад.[2] Масалан, вақте ки шахсони ҳуқуқии ҳуқуқи хусусӣ таҳти тобеияти мақомоти давлатӣ вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд ё вақте, ки мақомоти давлатӣ муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро ба даст меоранд, аз ҷумла таҷҳизот ё лавозимоти лозима харидорӣ мекунанд, моҳияти шахси ҳуқуқӣ тағир намеёбад. Он хусусӣ ё давлатӣ боқӣ мемонад.

Бо таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои асосии шахсони ҳуқуқӣ дар қонунҳои шаҳрвандӣ, таснифоти мавҷуда ва қобили истифода будани онҳо ба шахсони ҳуқуқии "ғайри анъанавӣ", аз рисолаҳои зерини муқаррароти аввалия ҷудо кардан мумкин аст:

1) шахси ҳуқуқӣ ин ташкилот аст;

2) шахсони ҳуқуқии давлатӣ ва ғайридавлатӣ вуҷуд доранд;

3) шахсони ҳуқуқӣ метавонанд тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ бошанд.

---

[1] Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи граждани ва савдои мамлакатҳои хориҷӣ. – Душанбе, 2014. – С. 110

[2] Тағойназаров Ш.Т. Шахсони юридики / Ҳуқуқи гражданӣ, қ.1. - Душанбе, 2001. С. 110.

Бидуни рад кардани аҳамияти онҳо барои таснифи шахсони ҳуқуқӣ, мо қайд карда метавонем, ки камбудиҳое дар ин самт мавҷуданд, ки онҳоро дар таснифи ҳуқуқӣ ҳамчун асос ҳисобидан имкон надорад. Ҳамин тавр, мафҳуми "ташкилот" ҳама шаклҳои маълумро дар бар намегирад. Дар байни шахсони ҳуқуқие, ки дар муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд тавре, ки зикр шудааст мақомот, муассисаҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва ғайра мавҷуданд. Ғайр аз он, созмон аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷамъиятӣ яке аз намудҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Тафовут байни шахсони ҳуқуқии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар аввал он қадар равшан аст, зеро таърифи мазкур бо раддия тибқи қоидаҳои мантиқ муайян карда намешавад. Ғайр аз он, эътироф ва бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ҳамеша бо фаъолияти давлат алоқаманд аст. Инҳо функсияҳои давлатӣ ё вазифаҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат ваколатдор карда шудаанд. Дар ниҳоят, ин тақсимот ба мафҳумҳои мавҷудияти танҳо як мақомоти марказии ҷамъиятӣ асос ёфтааст. Бояд қайд кард, ки дар тӯли солҳои дароз, дар охири асри XIX, тамаддунҳо мафҳуми «шахси ҳуқуқии ҷамъиятӣ» -ро истифода мебурданд. Зиёда аз якуним аср, Кодекси шаҳрвандӣ тибқи қонунҳои давлатӣ масъалаи гуруҳбандии шахсони ҳуқуқиро муайян кардааст.

Аввалин бор дар ин бора дар Кодекси шаҳрвандии Чили дар соли 1855 ва Аргентина дар соли 1869, инчунин Кодекси шаҳрвандии Олмон аз соли 1900 дарҷ шуда буд. Дар асри XX ин категория дар конститутсияҳои бисёр давлатҳо, аз ҷумла Кипр, Юнон, Португалия, Испания, Туркия, Бразилия, Коста-Рика, Панама, Уругвай ба эътибор гирифта шуда буд. Категорияи шахсони ҳуқуқии давлатӣ ҳамчун қонуни конститутсионӣ эътироф карда шуд. Ин анъана бо рамзҳои муосири шаҳрвандӣ ва тиҷоратии шумораи афзояндаи давлатҳо идома дорад. Категорияи шахсони ҳуқуқӣ, ки тибқи қонунҳои давлатӣ пешбинӣ шудаанд, дар моддаи 2 Кодекси шаҳрвандии Нидерландия (бо иловаҳо дар соли 2002), м. 27-и Кодекси граждании Гурҷистон 1997, м. 57 Кодекси граждании Молдова (иловаҳо дар соли 2008), м. 81 Кодекси граждании Украина дар соли 2003, дар аксари Кодексҳои шаҳрвандии Амрикои Лотинӣ ва ғайра дарҷ шудаанд. Кодексҳои шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ аксар вақт танҳо ёддошти шахсони ҳуқуқиро дар доираи қонунҳои давлатӣ пешбинӣ мекунанд.

Дар баробари ин қайд кардан роиҷ аст, ки масъалаи омузиши пурраи шахсони ҳуқуқӣ, дар Кодексҳои граждании баъзан давлатҳои дар боло дарҷ гашта ба таври возеҳ матни қонунии худро пайдо намудаанд. Масъалаи Кодекси граждании Олмон вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро ба таври возеҳ муайян намудааст. Дар баробари ин, масълаи гуруҳбандии шахсони ҳуқуқӣ, эътироф кардани онҳо ва саркашӣ аз танзими онро Кодекси граждании Нидерландия муқаррар намудааст. Модели дуввум чунин ба назар мерасад, ки афзалиятнок аст, аммо ин кофӣ нест, зеро бояд возеҳ шуд, ки қонунҳои шаҳрвандӣ бо шахсони ҳуқуқии ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор намегиранд, агар онҳо дар муносибатҳои танзимнамудаи он иштирок накунанд. Дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар Испания, Аргентина ва Гурҷистон қонунҳои махсус дар бораи шахсони ҳуқуқии давлатӣ қабул карда шудаанд, ки асосҳои танзими ҳуқуқии онҳоро ба низом медароранд. Ин тарзи танзими шахсони ҳуқуқии, ҳуқуқи ҷамъиятӣ омӯзиши бодиққатро талаб мекунад.

Бо ҷамъбасти таҷрибаи қонунгузории шаҳрвандӣ ва таҳқиқоти илмӣ оид ба ҳуқуқи давлатӣ, пешниҳод карда мешавад, ки параметрҳо барои мафҳуми умумии шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла консепсияҳои ҳам хусусияти ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқии давлатӣ пешбинӣ карда шаванд. Ҳангоми моделсозии таърифҳо, мо метавонем ақидаи В.Э. Чиркинро таҳия кунем, ки дар як қатор асарҳояш тавсиф шудааст. Шахси ҳуқуқӣ ташкилотест, ки аз ҷониби давлат ба ин сифат эътироф карда шуда, дорои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва идоракунӣ буда, дар ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва ё муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ иштирок мекунад, инчунин дорои амвол дар асоси ҳуқуқи моликият, истифода ё дигар асосҳо, дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳо буда, ҳамзамон барои қарорҳо ва амали худ масъуланд.

Дар асоси ин таърифи аввал, мафҳуми шахси ҳуқуқии ҳуқуқи ҷамъиятро метавон таҳия кард. Он ҳамчун як ташкилоти ғайритиҷоратӣ эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби давлат ба ин сифат таъсис дода шудааст ва дорои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ мебошад. Дар мақсадҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ тавассути истифодаи қудрат иштирок мекунад, инчунин ҳуқуқ дорад мутобиқи муққаррароти қонун, дар муносибатҳои ҳуқуқии

шаҳрвандӣ иштирок кунад, дар баробари ин дорои моликият дар асоси амвол мебошад.[1]

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки он дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо буда, барои амалҳо ва ҳаракатҳои худ бо тартиби махсус ва ё иловагӣ бо тартиби масъулияти шаҳрвандӣ ҷавобгар аст

**Руйхати адабиёт:**


1. Авилов Г. Е. Унификация правовых норм о торговых товариществах в рамках ЕЭС // Проблемы современного международного частного права. Сборник обзоров. М., 1988.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми умумӣ, Душанбе, 2000.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз 14.05.2013, № 1319.
4. Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З., Муминов Н.И. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 70-75.
5. Суханов Е. А. О понятии юридического лица и предприятия // Законодательство России в XXI веке: по материалам научно-практической конференции. Москва. 17 октября 2000 г. М., 2002.
6. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи граждани ва савдои мамлакатҳои хориҷӣ. – Душанбе, 2014. – С. 110
7. Тағойназаров Ш.Т. Шахсони юридики / Ҳуқуқи гражданӣ, қ.1. - Душанбе, 2001. С. 110.
8. Ҳуқуқи граждании Џумҳурии Тоџикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум// Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К ва номзади иилмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: <<Эр- граф>>, 2013. - С. 80-85
9. Яковлев В. Ф. Структура гражданских правоотношений // Гражданские правоотношения и их структурные особенности. Сб. ученых трудов. Вып. 39. Свердловск, 1975.


[1]Ҳуқуқи граждании Џумҳурии Тоџикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум// Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К ва номзади иилмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: <<Эр- граф>>, 2013. - С. 80-85

**Давлатов Бахтиёр
Саидакбарович-ассистенти
кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи
судии факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ**

## ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУАЙЯН КАРДАНИ МАФҲУМИ АНДОЗ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Андоз ва андозбандӣ, мафҳум, хусусият ва ҷанбаи танзимӣ-ҳуқуқии он баробари пайдоиши давлат ва ҳатто пеш аз он вуҷуд дошт. Бо баробари инкишофи ҷомеа ва муносибатҳои иқтисодии давлат андоз низ инкишоф ёфта истодааст. Дар ҳама давру замон вобаста ба ин масъала таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ ва проблемаҳои танзимӣ-ҳуқуқӣ ҷой дошт ва дорад. Албатта мавҷуд будани духурагиҳо ё дуруст дарк накардани онҳо боиси бавуҷуд омадани проблемаҳои зиёд дар низоми қонунгузорӣ, назария ва амалия мегардад. Яке аз проблемаҳои асосӣ ин дарк накардани моҳияти худи андоз мебошад.

Дуруст муайян кардани мафҳуми категорияи ҳуқуқии андоз чунин аҳамиятро доро мебошад:

1. барои дақиқан фарқ кардани муносибатҳои андоз, молия ва буҷет кӯмак мекунад.
2. кафили ҳуқуқи молик ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз хизмат карда, намуд ва андозаи ҷавобгариро муқаррар мекунад.
3. барои муайян кардани доираи вазифа ва ваколати кормандони мақомоти андоз мусоидат мекунад.
5. мафҳуми ягонаи ҳуқуқии андоз барои бартараф намудани ихтилофҳо дар соҳаи дахлдори ҳифзи ҳуқуқ хизмат мекунад.
6. он барои ба эътидол овардани низоми андоз хидмат карда, ба шахсоне, ки дар доираи андозбандию андозситонӣ қонуншиканӣ мекунанд, аз ҷавобгарӣ саркашӣ карда наметавонанд.

То имрӯз аз ҷониби олимони назариявӣ ва кормандони амалия мафҳуми андоз ба таври мушаххас маънидод нашуда, ақидаи умумиэътирофшуда ҷой надорад. Зеро, ки андоз ин ҷанбаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто таърихӣ мебошад ва аз руи ҳар яки ин

категорияҳо ба таври гуногун тавсиф карда мешавад.

Олимон Вылкова Е.С[1]. Нечаев А.С., Антипина О.В.[2], андозро як ин пардохти ҳатмии инфиродии бебозгашт, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба фоидаи давлат дар шакли бегона кардани ҳуқуқ ба моликият, ихтиёрдории хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии воситаҳои пулӣ мебошад, ки барои таъминоти фаъолияти молиявии давлат ва мақомоти ҳокимиятии он равона шудааст, пешниҳод кардаанд. Агар чанде ки тамоми хусусиятҳои андозро ин мафҳум дар бар нагирад, вале ба таври конкретӣ пениҳод шудааст ва қобили дастгирӣ мебошад. Пешниҳоди олимон ҳам мафҳуми ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисодии андозро дар худ инъикос мекунад.

Ба ақидаи М.Ф. Ивлиева "андоз ин пардохти инфиродӣ, бебозгашт ва аз тарафи давлат муқарраршуда, ки хусусияти инфиродии ҳатмӣ ва ба буҷети давлатӣ воридшуда дошта, дар ҳаҷми муайян ва дар давраи муайян пардохт карда мешавад"[3]. Дар ақидаи муаллиф нишонаҳои андоз пурра оварда шудааст, вале дар он сухан тамоман дар бораи андозсупоранда намеравад. Дигар ин ки андоз метавонад хусусияти ғайриинфиродӣ низ дошта бошад. Аз ин лиҳоз ин нуқтаи назар пурра ва қобили қабул нест.

Олимони дигар ба монанди А. В. Перов ва А.В. Толкушкин бошанд, андозро ҳамчун мусодираи воситаҳои пулӣ дар шакли ҳатмии бебозгашт барои эҳтиёҷоти давлат, ки хусусияти ҷазодиҳӣ ва ё ҷубронро надорад, маънидод кардаанд[4]. Мафҳуми пешниҳодшуда ба таври васеъ маънои андозро ифода мекунад. Яъне тамоми категорияҳои андоз (категорияи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ)-ро дар бар мегирад. Вале ҳама хусусиятҳои андоз ва бо кадом мақсад андоз мусодира мешавад, дар ин таъриф дида намешавад. Бинобар ин онро умумиэътирофшуда гуфта намешавад.

И.Г.Кузьминой бошад, ба он ақида аст, ки "андоз манбаи махсусгардонидашудаи пулие мебошад, ки аз ҷониби давлат ё мақоми ваколатдори он дар шакли ҳатмӣ муқаррар карда мешавад ва аз маҷмӯи даромадҳои муайяни истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии

[1] Вылкова Е.С., Романовский М.В. Налоговое планирование: Учебник. – СПб., Питер, 2004

[2] Нечаев А. С., Антипина О. В. Налогообложение в России: анализ и тенденция развития // Финансы и кредит. – 2014. – № 1. – С. 74

[3] Ивлиева М.Ф. Налогообложение производственных кооперативов. Правовые вопросы: Дис. канд. юрид. наук. М., 1991. С. 37.

[4] Перов А. В., Толкушкин А.В. Налоги и налогообложение: Учебное пособие, – М.: Юрайт–Издат, 2012. С. 152.

субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ рӯёнида мешавад[1]”. Мафҳуми пешниҳодшудаи муаллиф андозро як категорияи иқтисодӣ, яъне аз ҷониби давлат мусодира кардани як қисми молу мулки субъекти соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ифода мекунад. Дуюм ин, ки ин мафҳум механизми ситонидани андозҳоро ба дараҷаи дуруст инъикос намекунад. Давлат ё мақомоти ваколатдори он не, балки давлат тавассути мақомоти ваколатдори худ маблағи пардохти андозҳоро ҷамъоварӣ мекунад. Давлат ва мақомоти давлатӣ барои худ дар алоҳидагӣ маблағи андозро ҷамъоварӣ карда наметавонанд.

Н.И. Химичева мафҳуми андозро ҳамчун пардохти ҳатмии аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллии ваколатдор нисбати андозсупорандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) муқарраршуда, ки бо ворид гаштани он ба буҷети давлатӣ ба андозаи муайян ва мӯҳлати муайян ситонида мешавад, мефаҳмад[2]. Олим як хусусияти нави ҳатмии андозро “барои муҳлати муайян” пешниҳод кардааст, ки бояд дастгирӣ ёбад. Агар чанде дар низоми қонунгузории андоз давраи андоз муқаррар шудааст, вале бояд дар мафҳуми андоз, ки моддаи 7 КА ҶТ оварда шудааст ворид карда шавад.

Ақидаи дигарро А.А. Жданов пешниҳод мекунад, ки тибқи он андоз вобаста ба тавсифи ҳуқуқиаш ин пардохти аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муқарраршуда мебошад. Ба ақидаи муаллиф андоз ин ухдадории пардохти ғайриэквивалентии аз ҷониби андозсупоранда пардохтшаванда ба ҳаҷми муқарраркарда ба буҷети давлат ё ба фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ мебошан, ки дар асоси қонунгузории андоз ва дигар санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки дар асоси ваколати худ мебароранд, мебошад[3][4]. Ин муқаррарот дигар аломатҳои андозро низ дар бар мегирад.

Бо баробари рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ мафҳуми андоз ҳамчун як шакли мусодираи ҳатмӣ аз ҷониби давлат нисбати як қисми молу мулки (дар шакли пулӣ) мансуб ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инкишоф ёфтааст[5].

Ин нуқтаи назарро А.З. Дадашев ва Т.Ф. Юткин низ дастгирӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо андоз ин пардохти ҳатмии бебозгашт аз

---

[1] Кузьмина И.Г. Развитие системы налогообложения России: Дис. ... канд. эконом, наук. М., 1994. С. 14.
[2] Злобин Н.Н. Налог как правовая категория: Дис. … канд. юрид. наук. — М., 2003. С. 13.
[3] Кузьмина И.Г. Развитие системы налогообложения России: Дис. ... канд. эконом, наук. М., 1994. С. 14.
[4] Жданов А.А. Финансовое право РФ. М., 1995. С. 81.
[5] Финансовое право: Учебник / Под ред. О.Н. Горбуновой. М., 1996. С.178.

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шакли бегона кардани маблағҳои онҳо барои дастгирии молиявии давлат ва мақомоти худидораи маҳаллӣ бо мақсади қонеъ кардани эҳтиёҷоти барои ҷомеа зарурӣ мебошад, ки хусусияти даврӣ дорад[1].

Ин мафҳум хусусияти иқтисодии андозро муайян мекунад. Дар он танҳо як нишонаи ҳуқуқӣ - хусусияти ҳатмӣ доштани андоз дарҷ ёфтааст ва бо ин мазмуни ҳуқуқии мафҳуми «андоз»-ро ифода карда наметавонад. Ғайр аз ин, олимон як хусусияти дигари асосии андоз, яъне бо мақсади қонеъ кардани эҳтиёҷоти барои ҷомеа заруриро нишон додаанд. Аз ин як нуктаи калидӣ бар меояд: "Хароҷоти давлатӣ вобаста ба амалигардонии функсияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ёрии андозҳо маблағгузорӣ карда мешаванд".

Олими дигар Эберг "андозро ҳамчун пардохтҳои пулии ба бюҷет воридшуда, ки андоза ва тартиби ситонидани онро худи давлат бидуни пешниҳоди ягон хидматрасонӣ дар ивази он ва бо мақсади танзими хароҷоти иҷтимоӣ муқаррар мекунад" таъриф додааст[2]. Ин таъриф ба пуррагӣ на танҳо моҳияти асосии андоз балкӣ мазмуни дигар пардохтҳои ҳатмӣ ё пардохтҳои гумрукиро ифода карда метавонад. Яъне хусусияти фарққунандаи андоз аз дигар пардохтҳои номбаршуда ҷудо карда нашудааст. Бинобар ин мафҳуми асосии умумиэътирофшудаи андозро дода наметавонад.

Флор бошад, чунин мешуморад, ки "андоз миқдори маблағе мебошад, ки мақомоти давлатӣ аз ҳисоби даромади ҳамаи андозсупорандагон ба таври ҳатмӣ онро меситонад ва дар шакли хизматрасонии иҷтимоӣ ба кулли аҳолӣ онро харҷ мекунад»[3]. Аз ин нуқтаи назар бар меояд, ки давлат танҳо маблағи андози ҷамъовардашударо гардиш медиҳад. Яъне онро дубора боз ба тамоми аҳолӣ бар мегардонад ва оқибат функсияи иҷтимоии он иҷрошуда ҳисоб меёбад. Лекин ногуфта намонад, ки ҳама аъзои ҷамъият андозсупоранда намебошанд, вале функсияи иҷтимоии давлат барои тамоми узви ҷомеа амалӣ мешавад.

Аз ҳама ақидаҳои дуруст ин пешниҳоди олим Л.Мел мебошад, ки тамоми унсурҳои таркибии андозро дар бар мегирад. Мувофиқи он «Андозҳо ин пардохтҳои пулии дар шакли бебозгашт аз шахсони

[1] Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: Учебник. М., 2000. С. 71.

[2] Данилов Н.В. Уголовная ответственностьза уклонение от уплаты налоговс организации: Дис. … канд. юрид. наук. — М., 2008. С. 15.

[3] Адабиёти ишорашуда.

воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ пардохтшавандае мебошанд, ки дар доираи имконияти андозбандии онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади руйпуш кардани хароҷоти иҷтимоии давлат ситонида мешавад»[1]. Дар ақидаи муаллиф мафҳуми ҳуқуқии андоз нисбати мафҳуми иқтисодии он васеътар кушода шудааст. Айни ҳол, муайян кардани категорияи ҳуқуқии андоз зарур ва муҳим мебошад.

Нуқтаи назари С.И. Улезкоро, ки дар тадқиқоти худ оид ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии низоми андозии давлат овардааст мо дастгирӣ мекунем[2].

Кодекси андози ҶТ таърифи зерини андозро пешниҳод мекунад. Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.[3]

Оё ин таърифи додашуда мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқии андозро муайян карда метавонад? Барои ин ҳолатро муайян кардан аломатҳои андозро, ки хусусияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онро тавсиф мекунанд, таҳлил кардан зарур аст. Андоз дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- ҳатмӣ будани супоридани андоз. Ӯҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба пардохти андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршуда аз моддаи 45 Конститутсияи ҶТ ва моддаи 7 КА ҶТ бар меояд. Ин чунон маъно дорад, ки андозсупоранда бояд тамоми пардохтҳои заруриро ба буҷетҳои сатҳи дахлдор пардохт намояд. Ин ӯҳдадорӣ "нисбати тамоми андозсупорандагон ҳамчун талаботи бечунучаро татбиқ карда шуда, бо қувваи давлат таъмин карда мешаванд[4]". Ҳангоми иҷро нагардиданаш аз ҷониби андозсупорандагон оқибати ҳуқуқӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ, андозӣ ва маъмуриро ба миён меорад.

Танзими ҳуқуқии андозбандӣ хусусияти императивӣ дошта, тартиби амалишавӣ, кам ё зиёд кардани он, асосҳои озод шудан аз андозсупорӣ, имтиёзҳои андозсупорӣ ва дигар ҳолатҳо яктарафа, яъне бо иродаи давлат муайян карда мешавад.

[1] Адабиёти ишорашуда.
[2] Улезько С.И. Теоретические основы исследования уголовно-правовой охраны налоговой системы России: Автореф. дис. докт. юрид. наук. М., 1998. С. 37.
[3] Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 №901 м.7

[4] Соловьев В. «Публичное» и «частное» в налоговом праве // Законодательство и экономика. 2000. № 8. С. 31.

Ҳамзамон, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оиди ин масъала ақидаҳои дигар низ ҷой дорад. Масалан, В.Соловьев чунин мешуморад, ки андозсупоранда бо дарки аҳамияти объектҳои андозбандӣ барои худ метавонад муносибатҳои молумулкиро интихоб кунад, ки боиси пайдоиши ӯҳдадориҳо оид ба супоридани андозҳо мегардад ва дар натиҷа субъект бо иродаи худ ба муносибатҳои ҳуқуқии андоз ворид мешавад. Ин нуқтаи назар ба фикри мо нодуруст аст. Зеро муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (ба даст овардани моликият, ба даст овардани фоида) ва ҳуқуқи оммавиро, ки пардохти андозро дар бар мегиранд, ҷудо кардан лозим аст.

Аввал ин ки уҳдадориии андозсупорӣ воқеан бо хоҳиши субъект пайдо мешаванд, ки барои қонеъ кардани талаботи худ молу мулкро ба даст меорад ё ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад. Пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқии андоз аз иродаи шахс вобастагӣ надорад. Андоз пардохт барои хариди объекти андозбандишаванда набуда, балки ҷузъи таркибии он мебошад;

Дигар хусусияти муҳими ҳуқуқии андоз ин бегона кардани маблағҳое мебошад, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ доранд. Яъне ҳуқуқи моликият ба маблағҳои пулӣ аз андозсупоранда ба давлат мегузарад, ки маблағи андозро ташкил медиҳанд.

Дар айни замон, гузаштани ҳуқуқи моликият аз лаҳзаи ворид гардидани маблағи андоз ба буҷети давлат ба миён намеояд, балки аз лаҳзаи ба даст овардани ҳуқуқи ситонидани маблағи андоз аз тарафи давлат ба миён меояд. Андозсупоранда ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани қисми молу мулки худро, ки дар шакли миқдори муайяни пулӣ мебошад, надорад. Ин маблағ бояд ба буҷети давлат ворид карда шавад. Андозсупоранда вазифадор аст, ки ин маблағро мунтазам ба фоидаи давлат интиқол диҳад, зеро дар акси ҳол, ҳуқуқ ва манфиатҳои молиявии бо қонун ҳифзшавандаи давлат поймол карда мешаванд».

Аксари олимон ба он ақидаанд, ки супоридани андоз як шакли бегонакунии молу мулк (пул) мебошад. Мусодираи моликият аз ҷониби давлат ба манфиати ҷамъият дар шакли пардохт моҳияти андозро ифода мекунад[1]. Аммо, чунин мусодира бояд оқилона бошад. Олимон ба хулосае омаданд, ки агар ҳаҷми маблағи пардохти андоз ба вазъи иҷтимоӣ ва молиявии андозсупоранда таъсири манфӣ

[1] Козырин А.Н. Налоговое право зарубежных стран: вопросы теории и практики. М., 1993 г. С. 3; Налоговая система России / Под ред. А.З. Дадашева, Д.Г. Черника. М., 1999. С. 15.

расонад, пас ин боиси содир кардани ҷиноятҳо дар соҳаи андоз аз ҷониби андозсупорандагон мегардад[1]. Яъне андозсупоранда роҳҳои саркашӣ аз супоридани андозро чораҷуӣ карда оқибат онро содир мекунад.

Ҳамин тариқ, андозсупоранда ҳангоми супоридани маблағи андоз ба буҷети давлат аз ҳуқуқи моликият аз як қисми молу мулки худ (дар шакли пулӣ) маҳрум мешавад, яъне дар молу мулки он тағирот ба миён меояд.

Дигар хусусияти андозро ин беподош ва инфиродӣ будани он ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки андозсупоранда андозро бидуни ягон ҷуброн (хизмтрасонӣ ё иҷрои кор) аз тарафи давлат дар ин ё он шакл пардохт мекунад, яъне пардохти андоз ӯҳдадории мутақобилаи давлатро оид ба иҷрои амалҳои мушаххас ба манфиати андозсупоранда ба миён намеорад. Ҳатто пардохти маблағи андоз дар оянда ба фаъолияти давлат дар ягон ҳолат таъсир расонида наметавонад.[2]" Ин ба мақсади асосии андозбандӣ ишора мекунад (яъне руйпуш кардани талаботҳои иҷтимоии давлат, ки аз талаботҳои алоҳидаи ҳар як андозсупоранда ҷудо карда шудаанд, мебошад). Аммо, бояд дар назар дошт, ки андозсупоранда як узви ҷомеа буда, давлат ба манфиати он функсияҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва инсондустиро амалӣ мекунад. Аз тарафи давлат нисбати ҳар як андозсупоранда манфиатҳои бавосита ба миён меояд. Албатта, сифат ва андозаи ин имтиёзҳои аз ҷониби давлат овардашуда аз ҳаҷми пардохти андоз аз андозсупоранда вобастагӣ надорад. Зеро давлат функсияҳои барои давлат манфиатоварро иҷро мекунад ва ин нисбати тамоми узви ҷомеа татбиқ карда мешавад.

Хусусияти дигари андоз ин дар шакли пулӣ пардохи шудани он мебошад, яъне пардохти андоз дар шакли табиӣ ғайриимкон аст. Қонунгузории ҶТ намуди пардохтҳоро, ки ба буҷети давлатӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид мешаванд, дар шакли пули миллӣ муқаррар кардааст. Ворид шудани маблағҳои андозӣ бо асъори хориҷӣ низ имконият доштанаш мумкин аст. Тартиби андозбандӣ ё андозситонӣ, ки нисбати андозсупоранда татбиқ карда мешавад, аз манбаи даромад, хароҷот ё дигар объектҳои андозбандишавандаи он ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани он арзиши он бо пул ба

[1] Тупанчески Н.Р. Уклонение от уплаты налогов в сравнительном плане. М., 2001. С. 35.
[2] Государственное право Германии. М., Институт государства и права РАН. 1994. Т. 2. С. 136.

назар гирифта шуда, арзиши андозӣ муайян карда мешавад. Ягона хусусияти мол ки андоз аз он муайян карда мешавад, ки арзиши он мебошад. Вобаста ба ҳаҷм, ранг, сифат, шумора ва дигар хусусиятҳо андозситонӣ ғайриимкон аст. Зеро ки андоз худаш хусусияти арзишӣ дорад.

Дар асоси таҳқиқу таҳлили ақидаҳои олимон ва дигар ҳолатҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан зарур аст.

1. Метавон гуфт, ки андоз "яке аз зуҳуроти истиқлолияти давлат аст". Тасдиқ ва муайян кардани тартиби ситонидани он аз ҷониби шохаи қонунгузории давлат амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, нисбати муқаррар намудани андоз талаботҳои нисбатан вазнин татбиқ карда мешаванд. Талаботи махсуси мурофиавӣ оид ба қабули санади махсус вобаста ба ворид намудани тағирот ба қонунгузрии андоз вуҷуд дорад. Номгӯи пардохтҳои литсензия дар қонунгузории бюҷети ҶТ пешбинӣ шудаанд, таъсиси онҳоро ифода намекунанд, зеро ин санад унсурҳои муҳими ӯҳдадориҳои андоз (объекти андозбандӣ, манбаи андоз, давраи андоз, меъёри андоз, тартиби ҳисобкунии андоз, тартиб ва мӯҳлати пардохт)-ро дар бар намегиранд. Ин санадҳо бояд тавре таҳия карда шаванд, ки андозсупоранда аниқ донад, ки чӣ гуна андозҳоро, кай ва бо кадом тартиб бояд пардохт кунад. Набудани унсурҳои андозбандӣ боиси эътироф нашудани андоз мегардад ва дар натиҷа барои пардохт накардани он ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд дошта наметавонад.

2. Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузор мебошад, ки ба буҷети давлат дар шакли пулӣ ва ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад. Андозҳо манбаи асосие мебошанд, ки давлат тавассути онҳо функсияҳои иқтисодию иҷтимоии худро амалӣ мекунад ва ҳангоми саркашӣ аз супоридани онҳо ба амнияти иқтисодӣ ва соҳибихтиёрии давлат зарари калон мерасонад. Бинобар ин муқаррар кардани чораҳои таъсиррасонӣ нисбати андозсупорандагон, ки аз пардохти он саркашӣ мекунанд, асоси ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлат мебошад.

3. Мафҳуми дақиқи андоз ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-андозии муносибатҳо бо пардохти андозҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Мафҳуми андоз бо баробари тағирёбии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ доимо такмил ва инкишофро тақозо мекунад.

4. Дар мафҳуми андоз, ки дар моддаи 7 КА ҶТ муқаррар кардааст, ду хусусияти ҳатмии дигар намерасад: 1. аз тарафи давлат ба таври яктарафа бидуни ризогии андозсупоранда муқаррар кардани андоз ва 2. барои муҳлати муайян ситонида мешавад. Ин муқаррарот дар КА ҶТ оварда шудааст, вале дар мафҳуми додашудаи он бояд пешниҳод карда шавад. Бинобар ин мафҳуми нави андозро ки дар моддаи 7 КА ҶТ оварда шудааст мо пешниҳод мекунем: "Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян ва барои муҳлати муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподошро дошта, аз тарафи давлат мустаъқиман муқаррар карда мешавад".

**Руйхати адабиёт:**


1. Тупанчески Н.Р. Уклонение от уплаты налогов в сравнительном плане. М., 2001. С. 35.
2. Государственное право Германии. М., Институт государства и права РАН. 1994. Т. 2. С. 136.
3. Соловьев В. «Публичное» и «частное» в налоговом праве // Законодательство и экономика. 2000. № 8. С. 31.
4. Козырин А.Н. Налоговое право зарубежных стран: вопросы теории и практики. М., 1993 г. С. 3; Налоговая система России / Под ред. А.З. Дадашева, Д.Г. Черника. М., 1999. С. 15.
5. Улезько С.И. Теоретические основы исследования уголовно-правовой охраны налоговой системы России: Автореф. дис. докт. юрид. наук. М., 1998. С. 37.
6. Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 №901

**Каримов Х.С. -**
**ассистенти кафедраи**
**ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУОМИЛОТИ ГРАЖДАНИ АРЗИШҲОИ АСЪОРӢ

Ҳимояи ҳуқуқҳои граждании субъективӣ ва манфиатҳои аз тарафи қонун ҳимояшаванда ва алалхусус манфиатҳои шарикони муомилоти граждании арзишҳои асъорӣ бо тартиби аз тарафи қонун пешбинишуда роҳандозӣ мегардад, яъне, ки тавассути татбиқи меъёри додашуда, васоит ва роҳҳои ҳимоя. Дар баробари ин сухан оиди ҳимояи чӣ манфиатҳои оммавӣ ва чӣ хусусии иштирокчиёни муомилоти граждании арзишҳои асъорӣ: шахси воқеи ва ҳуқуқӣ меравад.

Муомилоти муқаррарии ҳуқуқи граждании арзишҳои асъорӣ на танҳо эътирофи ҳуқуқҳои муайяни граждании субъектҳои бозори асъорро дар назар дорад, балки таъмини муҳофизати боэътимоди онҳоро низ амали менамояд. Дар сивилистика дарки ягонаи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо, таносуби шаклу васоити ҳимоя коркард нашудааст. Е.Е. Богданова таҳлили дақиқи назарҳои асосиро оиди масъалаи додашударо гузаронида, сабаби "васеъияти мухталифияти ақидаҳо"-ро дар аз тарафи олимон истифоданамоии маҳакҳои мухталиф ҳангоми ҷудонамоӣ ва таснифи шаклҳои ҳимоя мебинад.

Фарзи мисол, О.А. Красавчиков ишора менамояд, ки "шаклҳои бароҳандозии ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ аз тарафи қонун вобаста аз объект ва хусусияти вайронкунии ҳуқуқи ҳимояшаванда муайян мешаванд" ва шаклҳои зеринро ҷудо менамояд: эътирофи ҳуқуқ, барқарорнамоии вазъияти пеш аз ҳуқувайронкунӣ вуҷуддошта, инчунин пешгирии амалҳои ҳуқувайронкунанда, тағйирдиҳӣ ва ё қатъи муносибати ҳуқуқ, аз ҳуқуқвайронкунанда ситонидани зарар, дар ҳолатҳои аз тарафи қонун ва ё шартнома пешбинигардида. Дар баробари ин аз тарафи муаллиф тартиби судӣ(умумӣ) ва маъмурӣ(махсус) –и ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ ҷудо мешаванд, худмуҳофизаткуниро бошад ӯ роҳӣ хоси ҳимоя қайд менамояд.

Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданиро А.П. Сергеев юрисдиксионӣ(тартиби судӣ ва маъмурӣ) ва ғайриюрисдиксионӣ(бо назаргирии худмуҳофизаткунӣ) номбар мекунад. Ӯ васоити ҳимояи ҳуқуқҳои гражданиро чораҳои хосияти маҷбуркунӣ номбар мекунад. Дар баробари ин А.П. Сергеев ба беасосии илмии номгӯй ишора менамояд: худмуҳофаткуниро ӯ на ба усул, балки ба шакли ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ мутаалиқ менамояд.[1] [2] Ҳамин тариқ, вобаста аз маҳаки интихобгашта ҷавоб ба савол оиди мафҳум ва мутаносибии шаклу роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ метавонад мухталиф бошад.

Дар назар аст, ки шакли ҳимояи ҳуқуқҳои поймолгаштаи гражданӣ метавонад юрисдиксионӣ – вақте, ки шахси манфиатдор ба мақомоти ваколатдори давлатӣ барои ҳимоя муроҷиат менамояд ва ғайриюрисдиксионӣ - вақте, ки шахси манфиатдор баҳсро бидуни муроҷиати мазкур ҳал менамояд, мебошанд, масалан, вақте, ки вайронкунандаи қонун ихтиёран ӯҳдадориашро оиди барқарорнамоии зарари расонида иҷро менамояд. Бархе аз роҳҳои ҳимоя хоси маҳс шакли юрисдиксионии ҳимояанд (масалан, баровардани ҳукм оиди иҷроиши ӯҳдадорӣ дар шакли моддӣ). Худмуҳофизаткунӣ бошад бояд ҳамчун шакли мустақили ҳимояи ҳуқуқи гражданин вайроншуда, бо тариқи амалҳои мустақилона роҳандозӣ шуда, барраси гардад. М.С. Кораблева, Е.Е. Богданова ҳамчунин бар он назаранд, ки худмуҳофизатнамоӣ дорои хосияти хос аст.[3]

Дар муносибатҳои ҳуқуқи асъорӣ истифодаи чунин роҳӣ ҳимояи манфиатҳои хусусӣ, ба мисли эътирофи ҳуқуқ танҳо дар ҳолатҳои нодир дорои аҳамияти мустақил аст. Барқарорсозии вазъ, ки пеш аз ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд буд, ба сифати роҳӣ мустақили ҳимоя дар ҳолатҳое истифода мегардад, ки ҳуқуқи субъективии вайронгашта дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ аз байн нарафт ва метавонад бо роҳи азбайнбарии оқибатҳои вайронкунии он ҳимоя гардад.

---

[1] Ниг.: Богданова, Е.Е. Формы и способы защиты гражданских прав и интересов / Е.Е. Богданова // Журнал российского права. - 2003. - № 6.
[2] Ниг.: Советское гражданское право: Учебник. В 2-х томах. Т. 1 / под ред. О.А. Красавчикова. - С. 95-97.
[3] Ниг.: Кораблева, М.С. Защита гражданских прав: новые аспекты / М.С. Кораблева // Актуальные проблемы гражданского права / под ред. М.И. Брагинского; Исследовательский центр частного права. Российская школа частного права. - М.: «Статут», 1999. - С. 85-108. См.: Определение № 18-В99-92к: Обзор судебной практики Верховного Суда РФ // Бюллетень Верховного Суда РФ.-2001,-№4.

Муҳимтарин дар муомилоти граждании муосир – ин озоднамоии қарздиҳанда аз алоқаи шахсӣ ва ҷудонопазираш бо қарзгиранда мебошад. Дар сивилистика дарки ягонаи табиати асосҳои имконнопазирии виндикатсия аз хариддори боинсоф коркард нашудааст.[1] [2] Дар И.А. Покровский ишора намуда буд: виндикатсияи нисбати чунин чизҳо, ки барои муомилоти махсус ва оддишуда, масалан пулҳо, қоғазҳо ба тақдимкунанда ва ғ. таъин шудаанд, одатан умуман истисно мегардад. Е.А. Суханов қоидаи мазкурро ба пулҳои инфиродӣ-муайяншуда низ хос мегардонад.[3]

Чӣ тавре, ки О.Н. Нерсесов ишора менамуд аз табиати худи пули қоғазӣ татбиқнопазирии даъвои виндикатсионӣ нисбати онҳо бар меояд. Чунин даъво, сараввал, умуман бо дарназаргирии мушкилоти инфиродикунонии объекти даъво ва дуюм, он боиси маҳдудкунонии муомилоти босуръаташон, ки мақсади моҳияташон он аст, имконнопазир мешуд. Л.А. Лунтс дар ин қисмат, қайд менамуд, ки барои он ки пул тавонад бомувафақият вазифаашон – олоти муомилотро иҷро намоянд, зарур аст, ки ҳар як дорандаи пули қоғазӣ тавонад оиди ҳуқуқи мутлақаш нисбати ин пули қоғази бовар дошта бошад. Давлатҳои мухталиф оиди масъалаи мазкур тарафдори қоидаҳои ягонаанд:сараввар, маблағ(аз ҷумла асъори хориҷии нақдӣ) “боиси бекоршавӣ бо ивазнамоии пули қоғазии аздастрафта ва ё нобудшуда бо нусхаашон нестанд; дуюм,барои дорандаи асъор ҳуқуқи бешубҳа нисбати пули қоғазӣ муқаррар мегардад. Аломати охиронро баррасӣ намуда, Л.А. Лунтс имконнопазирии паҳнгардии онро нисбати асъори хориҷӣ қайд менамуд ва онро бо он асоснок кард, ки асъори хориҷӣ “танҳо дар мавриди шартномабандӣ оиди савдои беруна аҳамиятнок аст”.

Дар масъалаи ширкати ҶТ дар ташкилотҳои байналмилалии қарзӣ бошад, аз ҷумла шарики дар Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд , бо ширкатҳои байналмилалии молия ҳамкорӣ менамояд, ҳамчунин ҶТ хостгори ҳамкории сатҳи балан молиявӣ мебошад.

[1] Ниг.: Мурзин, Д.В. Добросовестное приобретение имущества по договору / Д.В. Мурзин // Проблемы теории гражданского права / Институт частного права. - М.: «Статут», 2003. - С. 77-78.
[2] Ниг.: Покровский, И.А. Указ. соч. - С. 222-233; Лапач, В.А. Указ. соч. - С. 429-430; Мурзин Д.В. Добросовестное приобретение имущества по договору.-С. 77-126.
[3] Гражданское право: В 2 т. Том I. Полутом 1: Учебник / отв. ред. проф. Е.А. Суханов. - С. 313.

Ба ақидаи В.А. Бублик Ҳимояи манфиатҳои асъории давлат бо татбиқи роҳҳои маъмурӣ камнатиҷа аст. Ва ӯ қайд менамояд, ки Моҳияти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки барои интиқоли асъор ба хориҷа истифода мегардад, роҳҳои барояш номувофиқро, ки аслан дорои хусусияти маъмуриanд, рад менамояд.

Ба сифати иштирокчии ҳуқуқи граждании муомилоти асъор, давлат метавонад манфиатҳои хешро бо истифода аз роҳҳои ҳуқуқи граждании ҳам умумӣ ва ҳам махсус ҳимоя намояд. Дар ҳолати аввал ин – роҳҳои умумиграждании ҳимояи ҳуқуқҳои ашёгӣ ва ӯҳдадоркунанда, ки метавонанд аз тарафи дилхоҳ субъекти муносибатҳои ҳуқуқи граждани татбиқ гарданд, мебошанд. Дар ҳолати дуюм – роҳҳои махсус, ки маҳс барои давлат хос аст.

Бояд қайд намуд зери мафҳуми муҳофизати ҳуқуқҳои гражданӣ дар муносибатҳои асъорӣ бо маънои васеъаш тамоми маҷмӯи чораҳои таъминкунандаи равиши муътадили амалигардии ҳуқуқҳо фаҳмида шавад. Зери мафҳуми муҳофизати ҳуқуқҳои гражданӣ бо маънои маҳдуд бошад маҷмӯи чораҳое, ки ба барқароркунӣ ва ё эътирофи ҳуқуқҳои гражданӣ ва ҳимояи манфиатҳо ҳангоми вайронгардии онҳо равонгашта фаҳмида шавад.

**Руйхати адабиёт:**


1. Гражданское право: В 2 т. Том I. Полутом 1: Учебник / отв. ред. проф. Е.А. Суханов. - С. 313.
2. Покровский, И.А. Указ. соч. - С. 222-233; Лапач, В.А. Указ. соч. - С. 429-430; Мурзин Д.В. Добросовестное приобретение имущества по договору.-С. 77-126.
3. Покровский, И.А. Указ. соч. - С. 222-233; Лапач, В.А. Указ. соч. - С. 429-430; Мурзин Д.В. Добросовестное приобретение имущества по договору.-С. 77-126.
4. Кораблева, М.С. Защита гражданских прав: новые аспекты / М.С. Кораблева // Актуальные проблемы гражданского права / под ред. М.И. Брагинского; Исследовательский центр частного права. Российская школа частного права. - М.: «Статут», 1999. - С. 85-108. См.: Определение № 18-В99-92к: Обзор судебной практики Верховного Суда РФ // Бюллетень Верховного Суда РФ.-2001,-№4.
5. Богданова, Е.Е. Формы и способы защиты гражданских прав и интересов / Е.Е. Богданова // Журнал российского права. - 2003. - № 6.

**Султонова Д.Ш.**
**ассистенти кафедараи**
**ҳуқуқи граждании факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ИШТИРОК ДАР СОХТМОНИ ҲИССАГӢ

Тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳиссагузор ва иморатсоз мебошанд. Пас аз гузаштан ба маблағгузории лоиҳа, бонк эҳтимолан тарафи шартнома мегардад[1].

Ба андешаи Н.Д. Романенкова «зарурати дақиқ муайян кардани доираи уҳдадории иморатсоз ва мазмуни онҳо бо масъалаи риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои ҳиссагузорон, ки ба чунин уҳдадориҳо мувофиқат мекунанд ва дар солҳои охир вайрон кардани онҳо тамоюли манфӣ аст»[2].

Тавре ки маълум аст, шартномаи гражданӣ факти ҳуқуқие мебошад, ки ифодаи мувофиқашудаи иродаи субъектҳои ҳуқуқии баробарҳуқуқ мебошад. Қонунгузории амалкунандаи кишвар механизми татбиқи қобилияти баробари ҳуқуқии ҳамаи намудҳои шахсони ҳуқуқиро ҳангоми иҷрои фаъолияти мавриди баррасӣ дар бар намегирад. Қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ мақсаднок (махсус, маҳдуд) ҳисобида мешавад, ки иштироки онҳоро танҳо дар муносибатҳои муайяни маҳдуди ҳуқуқии гражданӣ фароҳам меорад, зеро шахси ҳуқуқӣ, чун қоида, метавонад танҳо чунин ҳуқуқҳои гражданиро дошта бошад, ки ба ҳадафҳои фаъолияти он, ки қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайян кардааст ва танҳо масъулияти марбут ба ин фаъолиятро дошта метавонад, мувофиқат кунанд[3].

Иморатсоз як шахсияти калидӣ дар муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд[4].

---

1 Хамов А.Ю. Правовая защита участников отношений долевого строительства: Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Москва. 2019 С. 53.

2 Романенкова Н.Д. Правовой статус застройщика по договору участия в долевом строительстве многоквартирных домов и (или) иных объектов недвижимости: дис. …канд. юрид.наук. - М.,2009. - С.82.

3 Суханов Е. А. Юридические лица как участники гражданских правоотношений // Гражданское право: Учеб. / Отв. ред. Е. А. Суханов. М., 1998. Т. 1. - С. 189.

4 Резцова А.В. Правовая природа договора долевого участпя в жилищпом строптельстве: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Москва. 2006 - С.110.

Бояд қайд намуд, ки на ҳама шахси ҳуқуқӣ, балки шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имконияти ба сифати иморатсоз баромад намуданро дорад (яъне шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ иморатсоз буда наметавонад).

Дар мамлакат имрӯзҳо бо дарназардошти мавҷуд набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқ дилхоҳ ширкатҳои сохтмонӣ имконият доранд, ки маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои сохтмони молу мулки ғайриманқул ҷалб намоянд. Аммо, аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ бармеояд, ки ба ҳама гуна ширкатҳои сохтмонӣ имконияти ҷалби маблағҳоро барои сохтмон додан имконнопазир аст. Танҳо ба ширкатҳои сохтмоние ҳуқуқи ҷалби маблағ бояд дода шавад, ки имкониятҳои молиявӣ, техникӣ ва таҷрибаи ғании корӣ дар сохтмон дорад. Тибқи м. 3 Қонуни намунавӣ (моделӣ) "Дар бораи сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул дар асоси ҳиссагӣ", ки аз тарафи Ассамблеяи байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ 27 ноябри соли 2020 қабул гардидааст, ширкати сохтмоние, ки ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ аст, ҳуқуқ дорад аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ барои сохтмони объекти молу мулки ғайриманқул дар асоси шартнома барои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ маблағ ҷалб кунад: 1) мавҷудияти ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва хулосаи мусбии экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳа; 2) ҳаҷми маблағҳои худи иморатсоз бояд ҳадди аққал 15% арзиши нақшаи сохтмон (бунёди) объектҳои молу мулки ғайриманқули дар эъломияи лоиҳаи сохтмон пешбинишударо ташкил диҳад; 3) ӯҳдадорӣ оид ба кредит, қарз, ссуда, ба истиснои қарзҳои мақсаднок, ки бо ҷалби маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ва бо сохтмони (бунёди) объектҳои молу мулки ғайриманқул дар доираи як иҷозатнома алоқаманд нестанд; 5) молу мулки ба ширкати сохтмонӣ тааллуқдошта барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шахсони сеюм, инчунин таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои худи ширкати сохтмонӣ, ки бо ҷалби маблағ аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ва бо сохтмони (бунёди) молу мулки ғайриманқул дар доираи як иҷозати сохтмон алоқаманд нестанд, истифода бурда нашавад; 6) ширкати сохтмонӣ талаботи устувории молиявиро риоя намояд ва дигар талаботҳо.

Талаботи мазкур ҳатман бояд зимни таҳияи қонуни махсус оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба инобат гирифта шавад, зеро он ба манфиати ҳиссагузорон мебошад.

Аломати дигари иморатсоз ҳамчун тарафи шартнома мавҷудияти қитъаи замин, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи истифодабарӣ ё ҳуқуқи иҷора мебошад. Хусусияти мазкур хеле мушаххас таҳия шудааст. Бо назардошти моликияти истисноии давлат будани замин, дар ҶТ ба халқ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин кафолат дода шудааст. Қонунгузории замин истифодабарии қитъаи заминро дар шаклҳои якумраи меросӣ, бемуҳлат, муҳлатнок ва иҷора кафолат додааст.

Нишонаии навбатӣ, ки иморатсоз барои он масъул мебошад, ҷалби маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ махсус барои иҷрои ин маблағҳо барои сохтмони биноҳои истиқоматӣ ё дигар объектҳои ғайриманқул мебошад.

Маълум аст, ки дар ин ҷо дар бораи фаъолият, яъне амалҳои мунтазам иҷрошаванда сухан ронда мешавад. Ғайр аз ин, ин фаъолият бояд ҷамъоварии маблағро дар бар гирад. Иморасоз метавонад бо ҳар асос, ки хилофи қонун намебошад, маблағи пулӣ ҷалб намояд. Аммо, дар асл, аз эҳтимол дур аст, ки вай уҳдадориҳои гуногуни гражданӣ гирад, ки дар доираи он пул аз як субъект ба дигараш интиқол дода мешавад. Дар чунин вазъ, на шартномаи қарз, на шартномаи кредит, на шартномаи хариду фурӯш, на пул кор кардан ба сифати саҳм ба сармояи оинномавӣ ё ҳиссагӣ ва на чизи дигар (шартномаи шарикии оддӣ ва ғ.) ғайриимкон аст. Маълум аст, ки мавҷудияти ин хусусиятро дар ибтидои муносибатҳои мавриди баррасӣ талаб кардан имоннопазир аст. “Барои тай кардани ҳазор километр роҳ қадами аввал гузошта мешавад”. Дар ҳолати мо, ин маънои онро дорад, ки иморатсоз бо бастани аввалин шартномаҳои иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони манзил, албатта, наметавонад ҳанӯз далели мавҷудияти фаъолият дар шакли ҷамъоварии маблағро дар асоси системавӣ пешниҳод кунад. Инро танҳо пас аз чанд вақт, пас аз он ки ӯ дар самти амалисозии ҳадаф – дар асоси маблағҳое, ки иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ барои ин мақсадҳо ҷалб мекунанд, сохтмони объекти молу мулки ғайриманқулро оғоз кардан мумкин аст.

Дар доираи ин хусусият, боз як талаботи дигар бояд иҷро карда шавад. Ин риояи хусусияти мақсадноки ҷалби маблағ мебошад. Худи муомилот бояд хусусияти махсуси мақсаднок дошта бошад: ягона ҳадафе, ки барои он пули аз ҳиссагузор гирифташударо истифода бурдан мумкин аст, сохтани объекте мебошад, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки ин талаботро ба таври

дуруст шарҳ додан душвор аст, ки иморатсоз ҳуқуқ надорад ин маблағҳоро ба ҷуз аз қонеъ кардани эҳтиёҷоти сохтмон харҷ кунад.

Бо назардошти қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ ҳамчун як иштирокчии эҳтимолии сохтмони манзили ҳиссагӣ, бояд қайд намуд, ки ин иштирок бояд ба ҳадафҳои фаъолияти он, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ сабт шудаанд, мувофиқат кунад. Номбар кардани ягон шахси ҳуқуқие, ки ҳиссагузор шуда наметавонад, душвор аст (ташкилотҳои тиҷоратӣ). Дар баъзе ҳолатҳо, дар он шахсони ҳуқуқии тақрибан ҳама шакли ташкилию ҳуқуқӣ иштирок карда метавонанд.

Дар баъзе ҳолатҳо иморатсоз ҳамчун як иштирокчии касбии сохтмон ҳисобида мешавад ва дар ҳолатҳои дигар – ҳамчун сармоягузор ё «фармоишгар» (дар фаҳмиши қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ). Дар ин ҳолат, ҳатто номҳои гуногун иҷозат дода мешаванд: «иморатсоз», «фармоишгар», «фармоишгар-имратсоз». Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи "иморатсоз" ба маънои "бинокор, банно, хонасоз" маънидод гардидааст, ки дарвоқеъ истилоҳи мазмунан ба муносибатҳо вобаста ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ мувофиқ аст.

Иморатсоз шахси ҳуқуқие мебошад, ки бақайдгирии шахси ҳуқуқиро гирифта, сармояи назаррас дорад (азбаски арзиши қитъаи замине, ки барои моликият харида шудааст ё иҷораи он баланд аст) ва сохтмони қонуниро бо ҷалби маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ анҷом медиҳад. Мавҷуд набудани маҳдудиятҳои қонунгузорӣ дар интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ, ки иморатсоз мебошад, доираи иштирокчиёни эҳтимолиро васеъ намуда, мушкилоти мутобиқати фаъолияти ба доираи қобилияти ҳуқуқдорӣ алоқамандро бартараф мекунад[1].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ақидаҳо дар бораи вазъи ҳуқуқии иморатсоз низ ба ҳам мувофиқат намекунанд.

А.Н. Медведев чунин мешуморад, ки байни иморатсози воқеӣ ва шахсе, ки вазифаҳои иморатсозро иҷро мекунад, фарқ кардан лозим аст. Ҳамзамон, гарчанде ки мафҳумҳои иморатсоз ва фармоишгар гуногунанд, дар сохтмон ин ду мафҳум аксар вақт ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Ин аз он ҷиҳат аст, ки фармоишгар, чун қоида, иҷрои як қисми функсияҳои ӯ (вазифаҳои иморатсоз) ба ташкилоти

[1] Тархова. С. 45

шахси сеюм, ки назорати техникии сохтмонро анҷом медиҳад, вогузор мекунад[1].

В.В. Бузырев ва Б. Чекалин[2] мавқеи зеринро дастгирӣ мекунад: онҳо вазифаҳои иморатсоз, фармоишгар, пудратчӣ ва сармоягузорро муттаҳид мекунанд. Ба ақидаи онҳо иморатсоз шахсе мебошад, ки ҳадди аққал чор функсияи зеринро иҷро мекунад: хариди қитъа ва ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ, ташкили маблағгузорӣ, сохтмон.

Ба андешаи Г.Ханатаев қонунҳои дар охири сол қабулшуда, ки муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни сохтмон ба миён меоянд, танзим мекунанд, вазъияти мавҷударо бо таърифи истилоҳи «иморатсоз» тағйир надодаанд[3].

Ҳамин тавр, иморатсоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ қитъаи заминро барои сохтмони ҳиссагӣ ба даст овардааст ва иштирокчиёни он барои сохтмони ҳиссагӣ тибқи қонун маблағ ҷалб намуда, дар қитъаи замин бинои бисёрхонагӣ ва ё дигар молу мулки ғайриманқул дар асоси иҷозатномаи бадастомада бунёд менамояд. Дар баробари ин, ба дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба истиснои объектҳои саноатӣ, гаражҳо, иншоотҳои тандурустӣ, хӯроки умумӣ, тиҷорат, савдо ва дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул дохил мешаванд.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки ин таъриф мавқеи иморатсозро то андозае маҳдуд мекунад (масалан, шахси воқеӣ (шаҳрванд) бошад; инчунин шахсони ҳуқуқие, ки шакли ташкилию ҳуқуқии он ба он иҷозат намедиҳад, наметавонад иморатсоз бошанд). Чунин маҳдудиятҳо ба як қатор муқаррароти қонуни гражданӣ ошкоро мувофиқат намекунанд. Ба андешаи мо, бояд ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ зарур бошад, ки вазъи ҳуқуқии иморатсозро танзим мекунанд. Ҳолате, ки як истилоҳи ҳуқуқӣ дар санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ дорои мазмуни мухталиф аст, ғайри қобили қабул аст, зеро ин дар раванди татбиқи қонун мушкилот эҷод мекунад. Вазъи ҳуқуқии иморатсоз бояд тавассути призмаи мафҳуми «сохтмон» баррасӣ карда шавад. Сохтмон раванди дарозмуддатест, ки чунин марҳилаҳо, ба монанди ба даст овардани ҳуқуқи азхудкунӣ

[1] Медведев А.П. Асари зикршуда. С. 316.
[2] Бузырев В.В., Чекалин В.С. Экономика жилищной сферы: Учеб. Пособие. М.: ИНФРАМ, 2001.С. 113.
[3] Ханатаев Г. Правовое положение застройщика // Хозяйство и право. 2005. № 3. С. 7

(гирифтани қитъаи замин ё гирифтани соҳибияти қитъаи замин аз ҷониби соҳиби қитъаи замин); ҷудо кардани замин; гирифтани иҷозатномаҳои зарурӣ; сохтмон ва ғайраро дар бар мегирад.

Агар шаҳрванд ҳиссагузор бошад, пас иморатсоз ҳуқуқи ҷалби маблағҳои худро барои сохтмон (бунёди) бинои истиқоматӣ бо назардошти уҳдадориҳо ба даст меорад, ки пас аз иҷрои он шаҳрванд метавонад ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ дар чунин бино дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки, иморатсозон наметавонанд аз шаҳрвандон дар асоси дигар шартномаҳои дигар маблағгузорӣ ҷалб кунанд: ҳаммаблағгузорӣ, фаъолияти якҷоя (шарикии оддӣ), хариду фурӯши молу мулки ғайриманқули оянда, ва ғайра. Аз тарафи дигар, шахсони ҳуқуқие, ки дар сохтмони ҳиссагӣ иштирок мекунанд, метавонанд то ҳол на танҳо шартномаҳои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, балки дигар шартномаҳои пешбининамудаи қонунгузориро низ банданд, ба шарте ки дар ин сохтмони ҳиссагӣ танҳо шахсони ҳуқуқӣ ширкат варзанд.

Иморатсоз маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагиро барои сохтмон (эҷоди) объектҳои молу мулки ғайриманқул ҷалб мекунад. Ҷалб ва истифодаи маблағҳои ҳиссагузорон аз ҷониби иморатсоз ба мақсадҳои ба ғайр аз сохтмони объектҳои ғайриманқул иҷозат дода намешавад.

Ҳамин тариқ, иморасоз – субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ танҳо шахсони ҳуқуқии тиҷоратие мебошанд, ки барои ба даст овардани фоида аз ҳиссагузорон барои сохтмон маблағ ҷалб мекунанд. Ҳамзамон, на шумораи объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки иморатсоз дар эҷоди он иштирок кардааст ва на давомнокии чунин фаъолиятҳо аҳаммият нахоҳанд дошт. Ҳатто як объекти ягонае, ки аз ҷониби як соҳибкори иморастоз бо ҷалби маблағҳои ҳиссагузорон сохта шудааст, ҳуқуқ медиҳад, ки онро ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ банудубаст кард, зеро ӯ дар раванди фаъолияти худ фоида ба даст меорад, гарчанде ки аксарияти он, албатта, ба лаҳзаи ба охир расидани сохтмон рост меояд[1].

Ташкили сохтмон гузаштани якчанд марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: иҷрои корҳои тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ дар асоси натиҷаҳои бадастомада ва сохтмони воқеӣ анҷом дода мешавад. Дар марҳилаи зеҳнӣ, маълумот дар бораи шароити

[1] Хатанаев Г. Асаи зикршуда. С.78.

сохтмони оянда ва фаъолияти ояндаи объекте, ки барои сохтмон ба нақша гирифта шудааст, инчунин тадқиқоти муҳандисӣ ва ғ., омӯзиши шароити табиӣ ва омилҳои таъсири антропогенӣ барои истифодаи оқилона ва бехатари ҳудудҳо ва қитъаҳои замин дар ҳудуди онҳо, омода кардани маълумот дар бораи асосноккунии мавод барои банақшагирии ҳудудӣ, банақшагирии ҳудуд ва тарҳрезии меъморию сохтмон анҷом дода мешавад. Ин марҳила бо имоатсоз ба интиқол додани натиҷаҳои корҳои муҳандисӣ-геологӣ, топографӣ-геодезӣ, гидрометеорологӣ, муҳандисӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар корҳо, маводҳои дахлдор дар шакли ченакҳои техникӣ, хулосаҳо хотима меёбад. Дар марҳилаи дуюм, лоиҳаҳо ва сметаҳои он таҳия карда мешаванд ва он одатан бо ташхиси коршиносони лоиҳа ба анҷом мерасад. Марҳилаи сеюм сохтмони объект тибқи лоиҳа ва смета мебошад[1].

Зарур аст, ки имкони иштирок дар бунёди объекти молу мулки ғайриманқули субъект, ки ба ҳамаи талаботҳои номбаршуда ҷавобгӯ бошад ва вазъи ҳуқуқии он муқаррар карда шавад ё сохтани объекти молу мулки ғайриманқул аз ҷониби якчанд субъектҳои касбӣ дар доираи салоҳияти худ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, иморатсоз бояд дорои:

а) қитъаи замин мебошад;

б) иҷозат барои сохтмони бинои истиқоматӣ ва ё дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул;

в) ба талаботҳои муайя ҷавобгӯ будан (устувории молиявӣ, мавҷудияти маблағҳои худӣ ва ғайра).

Дар ин ҳолат, иморатсоз бояд маблағҳоро аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ танҳо бо мақсади сохтани бинои истиқоматӣ ва ё дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба истисноии объектҳои саноатӣ, ҷалб кунад. Дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул метавонанд гаражҳо, иншоотҳои тандурустӣ, хӯроки умумӣ, тиҷорат, савдо, фарҳанг ва дигар объектҳои молу мулки ғайриманқулро, ба истисноии иншооти саноатӣ, бошад.

Бо мақсади пешгирӣ аз сӯиистифода ва бемасъулиятии иморастоз, суботи молиявӣ дошта бошад, ки стандартҳои баҳодиҳии суботи молиявии иморатсоз инҳоро дар бар мегиранд:

– андозаи маблағҳои худи иморатсоз;

---

[1] Гринев В.П. Долевое строительство. Как защитить свои права и закоииые интересы. М.2005. СЮ.

– стандарти таъмини уҳдадориҳо;
– стандарти безарар.

Иморатсоз бояд ҳар семоҳа маблағҳои худро ҳисоб кунад. Маълум аст, ки ҳисоб бояд дар рӯзи охирини тақвимии семоҳа анҷом дода шавад.

Арзёбии устувории молиявии иморатсоз тибқи стандарти таъмини уҳдадориҳо дар семоҳа гузаронида мешавад.

Нишондиҳандаи меъёри безарар аз ҷиҳати табиӣ аз ду нишонаи қаблӣ то андозае фарқ мекунад. Он ба шумораи солҳои се соли охири кори иморатсоз, ки ӯ ҳеҷ талафоте надошт, баробар аст. Ин стандарт низ набояд аз як стандарт кам бошад.

Аз ин лиҳоз, ширкатҳои навтаъсис тартиби махсуси мутобиқати ин таносуб ба стандартро доранд. Барои қонеъ гардонидани стандарти зараровар, чунин ширкат бояд пас аз соли аввали фаъолият фоида ба даст орад.

Устувории молиявии фаъолияти иморатсоз мувофиқи таносуби зарар дар семоҳа баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳиссагузор дар сохтмони ҳиссагӣ шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқие буда метавонанд, ки маблағҳоро барои сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва ё дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул дар асоси шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ сармоягузорӣ мекунанд. Ҳамзамон, омили муайянкунандаи ҳиссагузори сохтмони ҳиссагӣ аз дигар шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии маблағҳои худро ба сохтмон сармоягузорикунанда фарқ мекунад, ин аст, ки ҳиссагузори сохтмони ҳиссагӣ, ба фарқ аз дуввум, пулҳои худро дар сохтмон бо роҳи бастани муносибатҳои ҳуқуқие ба миён меорад, ки танҳо дар асоси шартномаҳо оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба вуҷуд меоянд.

Танҳо шахси дорои қобилияти пурраи амал метавонад дар мавриди иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба ҳайси ҳиссагузор - пас аз расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ - ва аз синни чордаҳсолагӣ мустақилона қарор қабул кунад, агар ноболиғ даромади худро ихтиёрдорӣ кунад: музди меҳнат, стипендия ва ғайра.

Ҳамзамон малум аст, ки соҳибкорони инфиродӣ набояд ҳамчун шаҳрвандоне баррасӣ карда шаванд, ки молу мулки ғайриманқулро барои эҳтиёҷоти шахсӣ харидорӣ мекунанд.

Н.А. Маштакова таснифоти зерини шаҳрвандон – иштирокчиёни сохтмони ҳиссагиро вобаста ба ҳадафи иштироки онҳо дар сохтмони

ҳиссагӣ пешниҳод кардааст. Олим шаҳрвандонро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: «шаҳрвандон-истеъмолкунандагон» ва «шаҳрвандон-сармоягузорон»[1].

Барои татбиқи қонунгузории ҳимояи истеъмолкунандагон, агар баҳс дар суд ҳал карда шавад, бояд исбот карда шавад, ки молу мулк танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, хонавода ва дигар ниёзҳои берун аз фаъолияти соҳибкорӣ харида мешавад. А.Н. Кайл қайд мекунад, ки «дар тасдиқи ин далел, ҳолатҳои зеринро мушаххас кардан мумкин аст: оё ин шаҳрванд соҳиби манзил аст, оё оилаи ҳиссагузор аз чӣ иборат аст, масоҳати манзили зисти қаблан ишғолкардашуда, оё он ҳамчун ниёзманди беҳтар кардани шароити манзил ва ғайра ба қайд гирифта шудааст[2]. Ҳамзамон, ҷуброни зарари маънавӣ, ки ба шаҳрвандоне, ки дар сохтмони ҳиссагӣ иштирок мекунанд, расонида шудааст, бо асосҳои умумии пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад.

Ба гурӯҳи «шаҳрвандон-сармоягузорон» соҳибкорони инфиродӣ ва дигар шахсоне шомиланд, ки гарчанде расман мақоми соҳибкори инфиродиро надоранд, аммо аз амалиёте, ки аз шартномаҳо оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бармеояд, фоида ба даст меоранд. Иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ, ба истилоҳ «шаҳрванд-сармоягузор», даромадро бо роҳи нақд бо фурӯхтани манзил аз нархи пардохткардаашон баландтар мегиранд.

Аммо, муайян кардани истеъмолкунанда ё ба истилоҳ ҳадафи тиҷоратӣ ва сармоягузор-тиҷоратӣ хеле мушкил аст. Гузашта аз ин, бо назардошти он, ки сохтмон як раванди хеле тӯлонӣ аст (ба ҳисоби миёна 2,5-3 сол), ҳадафи сармоягузорӣ кардани маблағҳо дар охир, дар раванди татбиқи он ва пас аз ба итмом расидани сохтмони объекти манзил метавонад тағйир ёбад. Ҳолате ба миён меояд, ки ҳангоми бастани шартнома, ҳиссагузор мақсади ба даст овардани биноҳои истиқоматиро барои эҳтиёҷоти шахсӣ (шаҳрванд-истеъмолкунанда) мутаносибан ҳангоми бастани шартнома дар бар мегирад. Дар оянда, ҳадафҳои ӯ метавонанд вобаста аз ҳолатҳои мухталифе, ки дар бозори молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд меоянд

[1] Маштакова Н.А. Договор об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости: теория, практика, перспективы развития: дис. … канд.юрид.наук. - Екатеринбург, 2012. С.104.

[2] Кайль А.Н. Долевое строительство. Как не дать себя обмануть, [электронный ресурс] // Консультант: справ, правовая система. Версия Проф. М., 2010. Доступ из локальной сети Индустриального районного суда г.Ижевска Удмуртской республики.

ва афзалиятҳои худи ӯ тағйир ёбанд, бинобар ин, дар охири сохтмон, ҳадафи сармоягузорӣ аллакай фоида ба даст овардан аст. Масалан, ҳиссагузор метавонад манзил ё ҳуқуқро ба манзил, мубодила, ипотека ё иҷора (кироя) фурӯш, манзилро ба манзили ғайриманқул барои ҷойгир кардани корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва ғ. истифода намояд. Дар ин вазъият шаҳрванд аз гурӯҳи «шаҳрвандон-истеъмолкунандагон» ба гурӯҳи «шаҳрвандон-сармоягузорон» мегузарад. Дар айни замон, баъзе шаҳрвандоне, ки маблағҳои озод доранд, пас аз сохтани хона онҳоро ба сохтмони ҳиссагӣ сармоягузорӣ мекунанд ва манзилро дубора мефурӯшанд, дар натиҷа, барои ин дар шакли даромади хеле калон даромад мегиранд. Барои баъзе шаҳрвандон тиҷорати ба истилоҳ молу мулки ғайриманқул манбаи асосии даромад ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, муайян кардани ҳадафи ҳиссагузор дар ин муносибатҳои ҳуқуқӣ амалан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки имрӯз, сарфи назар аз ҳадафи пешбинишудаи сармоягузорӣ, ба муносибати байни иморатсоз ва шаҳрвандоне, ки иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ мебошанд, сарфи назар аз он ки онҳо «шаҳрвандон-истеъмолкунандагон» ё «шаҳрвандон-сармоягузорон мебошанд" барои вайрон кардани уҳдадориҳои иморатсоз ноустуворонаи баландтар татбиқ карда мешавад.

Н.А. Маштакова қайд мекунад, ки «шаҳрвандон-сармоягузорон шаҳрвандоне мебошанд, ки маблағҳои озод доранд, онҳоро ба сохтмони ҳиссагӣ сармоягузорӣ мекунанд ва пас аз сохтани хона фурӯхтани манзил, ки дар ниҳоят даромади хеле калон дорад[1].

Ба ақидаи мо, барои ба ин ё он категория вогузор кардани шаҳрванд бояд асоси он барои ворид шудан ба муносибатҳои сохтмони ҳиссагӣ бошад. Амалҳои «истеъмолкунанда» ва «сармоягузор» аз он ҷиҳат монанданд, ки ҳарду категория хавфи муайян доранд, ки ин онҳоро ба ҳам наздик мекунад. Аммо, барои бандубасти «истеъмолкунанда» ба сифати соҳибкор соҳиб шудани маҳаки «низомнокӣ», ки ба «сармоягузор» хос аст, намерасад. Мутаассифона, то имрӯз илм ва қонун маҳаки возеҳи ба

[1] Маштакова Н.А. Договор об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости: теория, практика, перспективы развития: дис. … канд.юрид.наук. - Екатеринбург, 2012. С. 108.

«сармоягузор» ва «истеъмолкунанда» тақсим кардани шаҳрвандонро пешниҳод накардаанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1999, № 6, мод. 153; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; с.2010 №3. мод.156, №12,қ.1, м.802; с.2012, №7, мод.700, №12, қ.1, м.1021, с. 2013, №7.мод.504; с.2015, №3,мод.200; с.2016,№7, мод.612.
2. Бузырев В.В., Чекалин В.С. Экономика жилищной сферы: Учеб. Пособие. – М.: ИНФРАМ, 2001. – 256 с..
3. Гринев В.П. Долевое строительство. Как защитить свои права и закоииые интересы. – М. 2005.
4. Кайль А.Н. Долевое строительство. Как не дать себя обмануть, [электронный ресурс] // Консультант: справ, правовая система. Версия Проф. М., 2010. Доступ из локальной сети Индустриального районного суда г.Ижевска Удмуртской республики.
5. Маштакова Н.А. Договор об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости: теория, практика, перспективы развития: дис. … канд.юрид.наук. - Екатеринбург, 2012. С.104.
6. Маштакова Н.А. Договор об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости: теория, практика, перспективы развития: дис. … канд.юрид.наук. - Екатеринбург, 2012. 242 с.
7. Резцова А.В. Правовая природа договора долевого участпя в жилищпом строптельстве: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Москва. 2006 – 172 с.
8. Романенкова Н.Д. Правовой статус застройщика по договору участия в долевом строительстве многоквартирных домов и (или) иных объектов недвижимости: дис. …канд. юрид.наук. - М.,2009. – 236 с.
9. Суханов Е. А. Юридические лица как участники гражданских правоотношений // Гражданское право: Учеб. / Отв. ред. Е. А. Суханов. М., 1998. Т. 1. – 233 с.

10. Хамов А.Ю. Правовая защита участников отношений долевого строительства: Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Москва. 2019 – 224 с.
11. Ханатаев Г. Правовое положение застройщика // Хозяйство и право. 2005. № 3.

**Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович –**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқииқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Шарипов Самандар Самариддинович –**
**Ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

## ЭНЕРГИЯ (НЕРӮИ БАРҚ) ҲАМЧУН АШЁ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Энергия ва нерӯи барқро ҳамчун объект ва ашё дар ҳуқуқи граждан ҳисобидан мумкин аст. Чунки энергия аз ҷумла нерӯи баркр ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва  ҳамчун ашё барои қонеъ кардани талаботи инсон зарур аст.

Имрӯз таъминоти нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо аз он вобаста аст. Ҳаёти ҳаррӯзаи одамонро низ бидуни истифодаи нерӯи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Вобаста  ба муҳимияти энергия (нерӯи барқ) дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 ироа гардид, ки Ҳукумати Тоҷикистон азм дорад, ки

бо мақсади дарояндаи наздик таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, бо нерӯи барқ пурра қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ва иқтисоди миллӣ бунёду таҷдиди як силсила иншооти хурду бузурги ҳаётан муҳимро вусъат бахшад[1].

Дар таърифи расмии мафҳуми нерӯ, аниқтараш нерӯи барқ, ки дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» ҷой дода шудааст, нерӯи барқ ҳамчун моли махсус маънидод мешавад. Чунин таърифи нерӯи барқ хеле мухтасар ва эмпирикӣ (таҷрибавӣ) буда, бештар ба хусусиятҳои юридикии нерӯи он ишора мекунад, на бевосита ба худи нерӯи барқ.

Энергия яке аз сифатҳои материя – меъёри ҳаракати он, инчунин қобилияти анҷомдиҳанда (иҷрокунанда) мебошад[2]. Энергия ашё набуда, лекин он дар як вақт падидаи моддӣ мебошад[3], – қайд мекунад П.Г. Лахно. Нерӯи барқ – ин нерӯи ҷараёни барқ, яъне ҳаракати самтноки (бонизоми) ҳиссаҳои заряддодашуда (электронҳо, конҳо ва ғайра) мебошад[4].

Азбаски нерӯи барқ ба осонӣ ба дигар шаклҳои неру табдил меёбад, бинобар ин, истифодаи ҷараёни барқ хеле гуногун аст. Бо ёрии таҷҳизоти гуногун, нерӯи барқ ба нерӯи механикӣ табдил ёфта, кори механикиро иҷро мекунад, ба нерӯи гармӣ, нерӯи афканишоти, электромагнитӣ табдил меёбад.

Ба ақидаи муҳаққиқ М.И. Брагинский энергия дар қиёс ба ашёҳо сифати муайяни материя, яъне қобилияти иҷро намудани (анҷом додани) кор, таъмин намудани иҷрои амалиётҳои гуногуни технологӣ, муҳайё намудани шароити зарурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолият мебошад[5].

Нерӯи барқ ва захираҳои энергетикӣ неъматҳои моддие мебошанд, ки оид ба онҳо муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд. Мувофиқи ақидаи О. Двинин, захираҳои энергетикӣ ва энергия ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ баромад мекунанд ва вақте, ки шахс

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 январи соли 2021 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 04.02.2021).
[2] Ниг.: Ожегов С. И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. Изд-е 4-е, доп. – М., 1999. – С. 911.
[3] Ниг.: Лахно П.Г. Энергетическое право – что это такое? // Энергетика и право. Выпуск 2 / Под ред. П.Г. Лахно. – М.: Новая правовая культура. – 2009. – С. 50.
[4] Ниг.: Жданов Л.С., Маранджян В.А. Курс физики для средн. спец. учебн. завед. Изд-е 2-е, Стереот. – М., 1968. Ч. 2. – С. 73.
[5] Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. **Книга вторая.** – М.: Статут, 2000. – С. 141; Корнеев С.М. Юридическая природа договора энергоснабжения // Закон. – 1995. – № 7. – С. 118.

аз навъҳои гуногуни энергия истифода мекунад, ӯ бояд эҳсос намояд, ки ба худ намуди алоҳидаи объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро мегирад[1].

М.З. Раҳимов дар китоби дарсии зери таҳрири О.У. Усмонов, аз фанни ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1 аз соли 2001 қайд менамояд, ки объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ гуфта, ҳамаи он чизеро мефаҳманд, ки нисбат ба он дар байни шахсон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ ба вуҷуд меоянд. Объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ неъматҳои мушаххаси харида ё фурӯхташуда, нигоҳдошта, дар истифода буда, кашонда шуда ва ғ. шуда метавонанд, ки қобилияти қонеъ гардонидани ин ё он талаботи инсонро дорад[2].

Муаллифон Ф.С. Сулаймонов ва Д.С. Сафаров дар китоби дарсии зери таҳрири Ш.К. Ғаюров ва Ф.С. Сулаймонов аз фанни ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1 аз соли 2013 қайд менамоянд, ки объекти ҳуқуқи гражданӣ ба маънои объективӣ – ин муносибатҳои ҷамъиятие эътироф карда мешаванд, ки аз ҷониби меъёрҳои граджанӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Хулоса кардан мумкин аст, ки объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ (дар маънои субъективӣ) ин неъматҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкие, ки субъектон баҳри бо воситаи онҳо қонеъ намудани манфиатҳои худ дар муносибатҳои граджанӣ-ҳуқуқӣ ширкат меварзанд, баромад менамоянд[3].

Ба ақидаи муаллифони дигар таҳти мафҳуми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ фаҳмида мешавад, ки вобаста ба онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва вуҷуд доранд. Мафҳуми молу мулк, ашё, мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби қонунгузор вобаста ба ҳар як навъи алоҳидаи шартномаҳо ва дигар соҳаҳои истифодаи қонунгузории гражданӣ истифода бурда шудааст. Масалан, дар бораи мафҳуми мол дар моддаҳои 488, 490 ҳамчун мавзӯи шартномаи хариду фурӯш[4], дар бораи нерӯи барқ ва таъминкунӣ ба он дар м. 569 КГ ҶТ ҳамчун мавзӯи шартномаи таъмини барқ бахшида шудааст, сухан меравад.

---

[1] Ниг.: Двинин О.А. Вопроси теории и практики договора электроснабжения в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 17–18.

[2] Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 / Зери таҳрири О.У. Усмонов. – Душанбе, Матбуот, 2001. – С. 145.

[3] Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми I // Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 122–123.

[4] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 378–379.

Ба фикри мо энергия аз ҷумла нерӯи барқ ба сифати объект ба қатори дигар молҳо дар муносибатҳои гражданӣ – ҳуқуқӣ мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ кардани талаботи моддӣ ва маънавии инсон аз аҳамият холӣ нест.

Аз ин бар меояд, ки объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ки дар ҷараёни бастан ва иҷро намудани шартномаҳои таъминкунӣ бо нерӯ ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба вуҷуд меоянд, чунин неъматҳои моддӣ чун нерӯи барқ ва дигар захираҳои энергетикӣ ҳисоб меёбанд. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ энергия «аз нуқтаи назари таснифоти объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ҳамчун ашёи манқул, оддӣ, тақсимнашаванда, истеъмолшаванда муайян шудааст, ки ба он аломатҳои ҷинсият хосанд»[1].

Е.А. Суханов қайд менамояд, ки энергия, дар муқоиса бо ашёҳо, сифати муайяни материя мебошад ва кори муфидеро иҷро мекунад[2]. Дар ин ҷо, энергия яқинан ба «дигар молу мулк» мансуб дониста шудааст (ба маънои ибораи дар м. 140 КГ ҶТ истифодашуда). Дар адабиёти ҳуқуқӣ энергия, инчунин ҳамчун «арзиш» ва «неъмати иқтисодӣ»[3], ҳамчун «моли арзиши аслидошта, ки аз хароҷот ҷиҳати истеҳсоли он ташаккул меёбад, муайян шудааст»[4].

Бояд қайд кард, ки дар доктринаи замонавии сивилистӣ муайян шудани энергия ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, ҳамчун молу мулк ва мол боиси ихтилофи ҷиддии ақидаҳо намебошад. Дар ҳар сурат муайян намудани хусусиятҳои энергия ҳамчун падидаи физикӣ ва ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, молу мулк ва мол зарур аст. Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ ба чунин хусусиятҳои энергия ишора шудааст:

– муттасилии (ногуссастании) раванди истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия[5];

– энергияро бо дарназардошти хосиятҳои физикии он ғундоштан, андӯхтан, захира кардан, ба мисли дигар молҳо дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ доштан ғайриимкон аст[1].

---

[1] Гражданское право: учебник. Изд-е 4-е, перераб. и доп. / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2003. Т.2. – С. 90.

[2] Ниг.: Гражданское право: учебник. Изд-е 3-е, перераб. и доп. / Под ред. Е.А. Суханова. Т. III. – С. 332.

[3] Корнеев С.М. Договор о снабжении электроэнергией между социалистическими организациями. – М., 1956. – С. 29.

[4] Гражданское право России. Обязательственное право. Курс лекций / Под ред. О.Н. Садикова. – С. 170–171.

[5] Ниг.: Лукьянцева И.А. Договор энергоснабжения: теория, законодательство и правоприменительная практика: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2009. – С. 36.

– азбаски энергия ҳамзамон бо интиқоли он истеъмол карда мешавад, онро наметавон баргардонд (масалан, бо тартиби реститутсия)[2];

– интиқоли энергия ба истеъмолкунанда бе истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, зерсохтори мувофиқ: хатҳои интиқоли барқ, шабакаҳои об, стансияҳои обкашӣ ва трансформаторӣ ва ғайра номумкин аст[3];

– истифодаи энергия таҷҳизоти махсуси техникиро тақозо мекунад, ба мисли таҷҳизоти қабулкунандаи энергия, асбобҳои назоратӣ – ченкунанда, воситаҳои таъмини бехатарӣ ва ғайра[4];

– нерӯи барқ ва гармиро танҳо тавассути шабакаи пайвасткунӣ интиқол додан мумкин аст[5];

– хусусиятҳои муфиди энергия дар ҷараёни истифода ва истеъмоли он зоҳир мегарданд. Натиҷаи истифодабарии энергия метавон корҳои анҷомдодашуда, амалиёти техникӣ ва ғайра бошад. Аммо худи энергия дар ин маврид нобуд шуда, дар шакли маҳсулот ё дигар шакл таҷассум намеёбад[6];

– нисбати энергия «ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият, истифодаи ваколатҳои молик будан ва ихтиёрдорӣ намудан маҳдуд аст[7].» Масалан, энергияро ба гарав мондан, ба иҷора додан, ба мерос мондан ва ба мерос гирифтан номумкин аст[8];

– нерӯи барқ осон ва зуд ба масофаи дур бо шабакаҳои барқӣ интиқол дода мешавад[9].

Дар шароитҳои муосири иқтисодӣ, нерӯи барқ бояд ба сифати неъмати мустақил эътироф шавад, зеро он дорои аломатҳои асосии

---

[1] Ниг.: Гражданское право: учебник. Изд-е 2-е, перераб. и доп. / Под ред. Е.А. Суханова. Т II. Полутом 1. – М., 2003. – С. 306.

[2] Ниг.: Гражданское право России. Обязательственное право. Курс лекций / Под общ. ред. О.Н. Садикова. – М.: Юристъ, 2004. – С. 169.

[3] Ниг.: Гражданское право: учебник / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. Т.2. Т. 2. 4.2 ПРОСПЕКТ, 1997. – С. 90.

[4] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 90.

[5] Ниг.: Гражданское право России. Обязательственное право. Курс лекций / Под ред. О.Н. Садикова. – С. 169.

[6] **Ниг.:** Гражданское право: учебник. Изд-е 2-е, перераб. и доп. / Под ред. Е.А. Суханова. ТII. Полутом 1. – М., 2003. – С. 306.

[7] Комментарий к Гражданскому кодексу РФ, части второй. Изд-е 3-е, перераб. и доп. / Под ред. Т.Е. Абовой, А.Ю. Кабалкина. – М., 2006. – С. 179 (автор комментария к ст. 539 – Л.В. Андреева).

[8] Ниг.: Приказ Федеральной энергетической комиссии РФ и Федерального долгового центра при Правительстве РФ от 4 сентября 2000 г. – № 52/101 «О порядке реализации арестованной электрической энергии...» (Информационный бюллетень Федеральной энергетической комиссии РФ. 2000. – № 17).

[9] Ниг.: Свирков С.А. Договорные обязательства в электроэнергетике. – М: Статут, 2006. – С. 48.

мол буда, ашё мебошад[1], – менависад О.А. Двинин. П.Г. Лахно бошад, менависад, ки энергия – ин ашё набуда, лекин дар як вақт падидаи моддӣ мебошад[2].

Мушкилоти масъала дар он аст, ки на дар қонунгузорӣ ва на дар назария, мутаносибан таърифи расмӣ ва таърифи ягонаи илмии мафҳуми «ашё вуҷуд надорад». Чи тавре, ки Л.В. Лапач қайд мекунад «сарфи назар аз аҳамияти муҳими ашё барои тартиб додани мафҳуми молу мулк, ҳеҷ яке аз низомҳои маъруфи ҳуқуқҳои миллӣ мафҳуми ашёро муайян накардааст. Ин на саҳви қонунгузор, балки масофагирии комилан табиӣ аз таърифҳои умумӣ мебошад, ки, чӣ тавре маълум аст, хавфнок аст»[3].

К. Салковский бо пайравӣ аз Рими бостон навишта буд, ки «ашё ҳама он чизест, ки дар фазо (макон) воқеъ буда, шахсият намебошад»[4]. К.И. Скловский ашёро ҳамчун ҳар як объекти (предмети) моддӣ (ё ҷисмӣ), ки шахс намебошад, маънидод мекунад[5].

Л.В. Лапач гуфтаҳои К.И. Скловскиро тавсиф намуда, менависад: «Ин фикри К.И. Скловскиро дар ҳақиқат наметавон «дур партофт», чунки он тақсими асосии техники ҳуқуқро инъикос мекунад: дар он (дар ҳуқуқ) ғайр аз субъект ва объект чизи дигаре нест. Бинобар ин, ҳама чизе, ки субъект нест, он объект (ашё) мебошад»[6]. Дар китоби дарсии қаблан зикршуда зери таҳрири А.П. Сергеев ва Ю.К. Толстой, ашёҳо ҳамчун «предметҳои моддии олами беруна» ва арзишҳои моддии аз тарафи табиат додашуда ва аз тарафи одамон офаридашуда, ки ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои граждании баромад мекунанд, аз ҷумла, албатта намудҳои гуногуни энергияҳои мутеи одам буда (энергияи гармӣ, энергияи барқ, энергияи атомӣ), муайян шудаанд[7].

Л.В. Шеникова зери мафҳуми «ашё» предметҳои ҳамчун ҷисмӣ физикӣ вуҷуддоштаро, ки одамон ба доштанашон дастрасӣ доранд, мефаҳмад[8]. С.В. Скрябин ашёро ҳамчун предмети олами моддии

---

[1] Ниг.: Двинин, О. А. Вопроси теории и практики договора электроснабжения в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М.: 2006. – С. 51.
[2] Ниг.: Лахно П.Г. Энергетическое право – что это такое? // Энергетика и право. – С. 50.
[3] Лапач Л.В. Проблемы строения категории «имущество» в российском гражданском праве: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2007. – С. 151.
[4] Сальковский К. Основы системы и истории римского гражданского права. – Киев, 1910. – С. 200.
[5] Ниг.: Скловский К.И. Собственность в гражданском праве. Изд-е 2-е. – М., 2000. – С. 428.
[6] Лапач Л.В. Асари ишорашуда. **– С. 151–152.**
[7] Ниг.: Гражданское право: учебник**.** Изд-е 6-е, перераб. и доп. / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2002. Т. 1. – С. 254.
[8] Ниг.: Щенникова Л.В. Вещные права в гражданском праве России: учеб. пособие. – М. : Бек, 1996. – С. 3.

дорандаи шакли ҷисмии аз лиҳози юридикӣ эътирофшуда, ки ба воситаи он таҷассуми берунии худро ёфта ва барои дорандааш манфиати муайяни молу мулкиро ифода менамояд, арзёбӣ мекунад[1]. Ба ақидаи В.П. Мозолин, зери мафҳуми «ашё» бояд предметҳоеро фаҳмид, ки ҷавҳари моддӣ-ҷисмӣ доранд, яъне ҷисмҳоеро, ки дар ҳолати сахт, моеъ ва газмонанд қарор доранд. Онҳо предметҳои табиати зинда ва беҷон мебошанд, ки аз рӯйи таъиноти худ метавонанд объекти ҳуқуқи моликият бошанд[2]. Баъзе аз таърифҳои илмии мафҳуми «ашёҳо» аз лиҳози мазмуни худ пурра энергияро низ фаро мегиранд. Инро ба назар гирифта, И.А. Лукьянцева қайд мекунад, ки энергия – ин аниқ на шахс, на шахсият ва на субъект аст[3]. Н.В. Аполинская барои муайян намудани ашёҳо ҳамчун объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ чунин аломатҳоро зарур ва басанда медонад:

1) хусусияти моддӣ доштани ашёҳо, яъне ба неъматҳои олами моддӣ таалуқ доштани онҳо;

2) дастрас будани онҳо, яъне имконияти воқеии шахс ба доштани онҳо дар марҳилаи рушди тамаддун;

3) муфид будани ашё, яъне қобилияти он барои қонеъ намудани талаботи муайяни инсон[4].

Ю.С. Гамбаров қайд мекунад, ки «энергия бояд ба сифати ашё шинохта шавад, зеро он дар муомилоти мустақил қарор дорад ва зимнан бо муомилоти он, ҳамон як тасаввуроте, ки нисбати ашёҳои муқаррарӣ, ҷисмӣ ҳосил шудаанд, алоқаманд мебошанд»[5].

Ҳамзамон дар рафти омӯзиши объектҳои ҳуқуқи гражданӣ У.А. Меликов ба масъалаи «ашёҳои ҷисмдор» ва «ашёҳои беҷисм» таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд[6]. Дар воқеъ нерӯи барқ низ мисли «ашёҳои беҷисм» аст ва хосиятҳои худро дорад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили фикру ақидаҳои олимон дар бораи мафҳум, моҳият ва аломатҳои ба он хос, якчанд хулоса баровардан мумкин аст: якум, энергия, аз ҷумла энергияи барқро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ҳисобидан

---

[1] Ниг.: Скрябин С.В. Вещь как объект гражданских прав // Объекты гражданских прав: Материалы международной научно–практической конференции (в рамках ежегодных цивилистических чтений). – Алматы, 25–26 сентября 2003 г. / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы: КАЗГЮУ, 2004. – С. 84.

[2] Ниг.: Мозолин В.П. Право собственности в Российской Федерации в период перехода к рыночной экономикеи. – М., 1992. – С. 47.

[3] Ниг.: Лукьянцева И. А. Асари ишорашуда. – С. 38.

[4] Ниг.: Аполинская Н. Определение вещи как объекта гражданского права Российской Федерации // Сибирский юридический вестник. – 2002. – № 1. – С. 28.

[5] Гамбаров Ю.С. Гражданское право. Общая часть. – М., 2003. – **С. 587.**

[6] Ниг.: Меликов У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в интернете. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 140–142.

комилан дуруст аст; дуюм, нерӯи барқ чунин неъмати муфидест, ки онро бо чашм, гуш, бинӣ эҳсос намудан ғайриимкон ва кушиши ба дигар узвҳои бадан (масалан, даст) ошкор намудан барои ҳаёт ва саломатӣ хатари ҷидди дорад; сеюм, хусусиятҳои ба нерӯи барқ хос ва фарққунандаи он аз дигар намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба тафовути ҷиддии муносибатҳо нисбати ин объект ба вуҷуд меомада ва тартиби танзими ҳуқуқи онҳо мегардад; чорум, нерӯи барқ ашёи беҷисм мебошад.

Аз ин ру, мувофиқи мақсад мебуд агар дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ дар қатори ашёҳои манқула энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи беҷисм ворид карда шавад, зеро энергия ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ намудани талаботи моддӣ ва маънавии инсон зарур аст.

**Руйхати адабиёт:**


1. Лапач Л.В. Асари ишорашуда. **– С. 151–152.**
2. Ниг.: Гражданское право: учебник**.** Изд-е 6-е, перераб. и доп. / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2002. Т. 1. – С. 254.
3. Ниг.: Щенникова Л.В. Вещные права в гражданском праве России: учеб. пособие. – М. : Бек, 1996. – С. 3.
4. Ниг.: Скрябин С.В. Вещь как объект гражданских прав // Объекты гражданских прав: Материалы международной научно–практической конференции (в рамках ежегодных цивилистических четений). – Алматы, 25–26 сентября 2003 г. / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы: КАЗГЮУ, 2004. – С. 84.
5. Ниг.: Мозолин В.П. Право собственности в Российской Федерации в период перехода к рыночной экономикеи. – М., 1992. – С. 47.
6. Ниг.: Лукьянцева И. А. Асари ишорашуда. – С. 38.
7. Ниг**.:** Аполинская Н. Определение вещи как объекта гражданского права Российской Федерации // Сибирский юридический вестник. – 2002. – № 1. – С. 28

**Муҳаммадиев Д.М.-**
**унвонҷӯи Институти**
**тадқиқотӣ илмии ДМТ**

# ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ ТАБИИ ДАР АСРҲОИ АСРИ XVII ВА ИБТИДОИ АСРИ XVIII

Афкори ҷамъиятии таърихи инсоният дар асри XVII пеш аз ҳама бо таълимоти масоили ҳуқуқи табиӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандӣ доштанд. Дар он давра намояндагони машҳури ин таълимот ҳуқуқшинос Гуго Гротсий (1583 – 1645) ва файласуфи англис Томас Гоббс (1588 – 1679) маҳсуб меёфтанд.

Барои шарҳи таъсири бадастовардаи илм ва илмҳои табиатшиносӣ, ки барои шарҳу баёни илмии падидаҳои муҳити бавуҷудовардаи илмҳои илоҳӣ, шароитҳои мусоид фароҳам меоварданд, олимони асри XVII ва ибтидои асри XVIII бо кӯшиши зиёд таъсири қонунҳои математика ва табиатшиносиро дар раванди таърих татбиқ менамуданд. Гоббс замонеро орзу мекард, ки дар он муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳо бо як боварии қатъӣ ҳамчун таносубҳои шуморавии шаклҳои геометрӣ дақиқу возеҳ муайян карда мешуданд. Ӯ ҳатто пешниҳод намуда буд, ки он вақт насли инсон аз ҷаҳони бефосила истифода мебарад, ҳамаи мухолифату муқовиматҳои байниинсонӣ аз миён бардошта мешаванд. Гоббс барои табдили усулҳои геометрӣ ва механикӣ ҳамчун меъёри ҳама намуд андешаҳои илмӣ кӯшиш ба харҷ дода бошад ҳам, хусусиятҳои хоси қонунҳои ҳаёти ҷомеа ва мураккаб ва калони онҳоро ба ҳисоб нагирифта буд. Бо вуҷуди ин, кӯшиши ҳалли мушкилоти ҳаёти ҷомеа тавассути ақли солим, на бо роҳи эътиқоди кӯр-кӯрона, андешаи пешқадами он замон дониста мешавад.

Гоббс рисолаи «Таърих»-и Фукидидро бо забони англисӣ тарҷума карда буд. Гуго Гротсий бошад, китоби Татситро ба нашр расонид ва ҳамзамон худ муаллифи чандин асарҳои илмию таърихӣ аз қабили давраи қадимаи Ҳолланд, дар бораи инқилоби Нидерландия ва ин амсол медонист. Дар ин васила ҳадафи ҳарду олим барои пешрафти илмҳои таърих, бо назардошти вазъи илмии дар асарҳояшон бавуҷудовардаи онҳо хеле калон арзёбӣ мегардад. Яке аз

муҳимтарин асарҳои Гротсий «Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ» ба шумор меравад, ки соли 1625 ба табъ расида, тақрибан соли 1710 бо забони русӣ тарҷума ва нашр шуда буд.[1] Асари бо салиқаи хеле баланд нигоришёфта ва машҳури Томас Гоббс буд, бо унвони «Левиафан» («Қавиҳайкал») соли 1651 нашр гардида, дар як муддати кӯтоҳ бо чандин забонҳои олам тарҷума шуд ва дар аксар кишварҳои мутамаддини ҷаҳон паҳн гардид. Аз ҷумла ин асари таърихӣ-фалсафӣ аз соли 1936 инҷониб чандин маротиба бо забони русӣ нашр шудааст.[2]

Ба монанди Макявелли ва гуманистон дигар Гоббс ва Гротсий низ сохти давлатдориро аз назари инсонӣ мушоҳида намуда, ба хулосае омаданд, ки «қонунҳои табиӣ на аз илоҳиёт, балки аз ақли солим ва таҷрибаи пешқадам маншаъ мегиранд».[3] Онҳо назарияи бо хости худовандӣ пайдо шудани давлатро эътироф накарда, онро ҳамчун падидаи талаботи инсонӣ ва ақлу шуури одамӣ маънидод карда буданд.

Ба мисли Аристотел Гуго Гротсий ҳам чунин меҳисоб, ки табиатан инсон мавҷудияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Кӯшиши бо худ муносибат доштани инсонро ӯ муҳимтарин хусусияти табиати одамӣ эътироф карда буд. Инсонҳои ҷомеаи ибтидоиро тавсиф намуда, Гротсий чунин андеша дошт, ки онҳо дорои моликияти хусусӣ набуданд. Ҳар як шахси ҷомеаи ибтидоӣ метавонист барои худ озодона аз воситаҳои истеҳсолот истифода барад. Он ҷомеа на тавре буд, ки «як нафар ё чанд нафар ҳамаро аз они худ карда, барои истифода ба дигарон диҳанд». Ин гуна сохторро Гротсий ҳуқуқ ба олотҳои давраи ибтидоӣ номида буд. Бо вуҷуди ин, чунин вазъияти безиддият ва ҷой надоштани моликияти хусусӣ то он даврае идома ёфт, ки инсонҳо ба фазои бузургтаре-фарохтаре дохил гардиданд ва дар он муҳит «байни худ рафоқати байниҳамдигарии фавқулоддаро пеша намуданд». Вале баъд аз падид омадани заминдорӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ, ҳамчунин дар сурати инкишофи маҳорату тадбирҳои гуногун ва маккорию муғамбирӣ, ҳамаи нозу неъматҳои табиат барои қонеъ намудани талаботи нафсонӣ равона гардиданд. «Аз гуногунии маҳорату қудратҳои инсонӣ мусобиқаҳо ва ҳатто кушторҳо ба вуҷуд

---

[1] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). Се китобе, ки дар онҳо хуқуқҳои озод, Ҳуқуқи халҳо, Ҳамчунин қоидаҳои ҳуқуқи оммавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. М., 1956.

[2] Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (Қавиҳайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). М., 1936.

[3] Маркс К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. – С. 111.

омада, дар охир вақте некиҳо бо бадиҳо ва ҳалолҳо бо ҳаромҳо омехта гардиданд, рӯзгори шайтонию ҳайвонӣ барқарор шуд». Вақте инсонҳо боварӣ ҳосил намуданд, ки оилаҳои парокандаи алоҳида ба хушунату зӯроварӣ муқобилият нишон дода наметавонад, байни худ қарор доданд, ки бо ҳам муттаҳид гардида ба ин васила ҷамъияти якдилона ва давлат созанд. Ин қарор барои он қабул гардид, ки вазъияти хушунат ва зӯроварии ваҳшиёна ба табиати муносибатҳои инсонӣ халали ҷиддӣ ворид намуда буд. Ҳамин минвол, «инсонҳои давраи ибтидоӣ дар як давлат ва дар як ҷомеа, ҳамчунин ҳатто дар як қабила на бо хости худовандӣ, балки бо майлу хоҳиши худ муттаҳид гардида, ба ин восита тавонистанд, ки чандин мушкилоти пешомадаашонро ҳал намоянд». Ба ақидаи Гротсий «давлат ин иттиҳоди инсонҳои озод аст, ки барои риояи ҳақиқат ва манфиати умум нигаронида шудааст».[1]

Гоббс ба мисли Гротсий чунин меҳисобид, ки инсонҳои дар муҳити табиӣ рӯзгордошта, ҳанӯз соҳиби давлат набуданд, вале ӯ кӯшиши онҳоро барои бунёди муносибати байниҳамдигарӣ инкор карда буд. Ӯ ба он пешниҳоди Гротсий розӣ шуда наметавонист, ки дар ҳолати табиӣ як инсон аз инсони дигар чиз ё ашёи ба он дахлдоштаро аз худ кунанд. Баръакс Гоббс чунин меҳисобид, ки ба инсонҳо дар ҳолати табиӣ худхоҳии лаҷомгусехта хос буда, онҳо бештар кӯшиш ба он доштанд, то ҳама чизро аз они худ намоянд ва ҳама ҷойро ишғол созанд. На бунёдҳои ахлоқӣ, балки шартҳои истифодаи шахсӣ кирдори инсонҳоро муайян месозад. Инсонҳои ҷомеаи ибтидоӣ дар ҳолати «муборизаи байниҳамдигарӣ ва зиддияти байнихудӣ» қарор доштанд.[2]

Ҳангоми ҳолати табиӣ, дар шароити муборизаҳои шадид ҳама ба муқобили якдигар «ҷой надоштани саноат ва маҳсули кору амал, набудани ягон хел коркарди замин, мавҷуд набудани баҳрнавардӣ, илм, санъат, маданият, адабиёт ва ҷомеаи солим, инчунин гирифтории одамон ба тарсу ваҳми беохир ва хатари марги даҳшатбору хушунатомез, рӯзгори одамӣ яккаву танҳо, камбағали, берабт, бемаъно, дурушт ва баъзан якбора ба шикасти азиме дучоршаванда маънидод мегардад». Вале вазъият тамоман таҳаммулнопазир буда,

[1] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҲ). – С. 202, 209.
[2] Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (ҚавиҲайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). М., 1936. – С. 115.

инсонҳо бояд онро куллан тағйир медоданд. Ягона роҳи баромадан аз ин ҳолатҳои даҳшатбори табиӣ дар пешбурди ақлонии инсон пешравӣ дида мешуд. Барои озодона даст ёфтан ба неъматҳои ммоддӣ-заминӣ ба одамон зарур буд, ки ҳама дороии худро якҷоя намуда, давлат барқарор созанд ва ба ин васила муборизаи даҳшатноки «ҳама ба муқобили якдигар»-ро хотима бахшанд.

Тавре ба мушоҳида мерасад, хусусиятҳои табиати инсонӣ ва ҳолатҳои ибтидоии табиати одамон ҳам аз нуқтаи назари Гротсий ва ҳам дар доираи андешаҳои Гоббс дар ифодаи пайдоиши давлатдорӣ ҳамчун натиҷаи аҳдномаи ихтиёрии ҷамъиятӣ ба ҳамдигар мувофиқ омадаанд. Дар ин васила вақте сухан оиди ҳуқуқу ӯҳдадориҳои давлат ва зердастону раият меравад, боз ба шохаҳо ҷудошавии ҷомеа ва зиддияту ихтилофот падид меоянд. Бо ин назардошт, аксари муаррихони он давра ва аз ҷумла Гоббс ақида доштанд, ки ин раванди ҷамъиятию таърихӣ беохир идома ёфта, аз байн намеравад. Дар доираи андешаҳои Гротсий бошад, инқилоби буржуазии ғалабаовар дар Нидерландия ва озодшавии мардуми ин сарзамин аз асорати испаниҳо ба таври васеъ таҷассум ёфтаанд. Ин ҳуқуқшиноси машҳури ҳолландӣ эътироф намуда буд, ки «фармони давлатро ба ҳуқуқи табиӣ ва муқаддасоти илоҳӣ тавъам намуда, онро мутеъи касе ё чизе сохтан хатои маҳз аст».[1]

Ба ақидаи Гуго Гротсий агар «шоҳ аз руҳияти хусуматомез воқиф гардид, оиди нобудшавии халқи худ андеша намояд» ва ё «агар бо қонуншиканӣ ва вайронсозии талаботи ҳуқуқии мардумон мубориза барад» мухолифат намудан бо ҳукумати олӣ қонунӣ аст. Вале ҳуқуқ ба инқилоб ва муқобилият нишон додан ба ҳукуматро Гротсий ҳамчун истиснои нодир эътироф менамояд. Мувофиқи қонун, - гуфта буд ӯ, - бо ҳукуматдорони сатҳи болоӣ, ки худ ҳимоятгари қонуну ҳуқуқҳои ҷомеа дониста мешаванд, берун аз қонун пой намегузоранд, мубориза бурдан ғалат аст.[2] Ин ақидаҳои Гротсий бо мақсадҳои буржуазияи ҳолландӣ, ки аллакай дар сари давлатдорӣ қарор гирифта буданд, мувофиқат доштанд. Чунин андешарониҳо нисбат ба ақидаҳои куҳнапарастонаи Гоббс, ки оиди устуворӣ ва шикастнопазирии ҳуқуқҳои ҳукумати олӣ баромад намсуда буд, хеле бартарият доштанд. Гоббс чунин ақида дошт: ҳуқуқи одамон дар

[1] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). – С. 159.
[2] О праве войны и мира – С. 167-171.

ҳолатҳои табиӣ номаҳдуд аст, зеро инсонҳо аз рӯи аҳдномаи ихтиёрии ҷамъиятӣ ин ҳуқуқҳоро ба давлат доданд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқҳои давлат низ номаҳдуд шуморида мешаванд.

Гоббс беҳуда асари ба давлат бахшидаи худро «Қавиҳайкал», яъне «махлуқи баҳрии библиягии» дорои тавононии бузург ном ниниҳода буд. Ӯ дар ин асараш давлатро ҳатто худои заминӣ меҳисобид. Ба андешаи вай гӯё давлат на бо хости худовандӣ, балки тавассути шартномае, ки инсонҳо ҳуқуқҳои худро ба давлат бахшидаанд, арзи ҳастӣ намудааст. Воқеан, давлати пешниҳоднамудаи Гоббс бе маҳдудият эътироф гардида буд. Гоббс пешниҳод намуда буд, ки қонунҳои давлатӣ ба ҳайси ҳуқуқи ягона дар рӯи замин эътироф карда шаванд. Ин пешниҳоди олими ҳуқуқдонро муаррихону донишмандони олам ҳамчун намунаи беҳтарини ҳуқуқҳои насли башар дар ҳамон давра маънидод кардаанд.

На танҳо ҳукумати номаҳдуди давлатӣ ба ҳуқуқҳои табиӣ алоқамандӣ дошт, балки ӯҳдадориҳои ақлониву бошуурона оиди тараддуд баҳри рӯзгори бомароми табақаи поёнии ҷомеа низ ба доираи ин ҳуқуқҳо ворид карда шуда буданд. Вазифаи аввалиндараҷаи давлат таъмини ҳаёти солиму рӯзгори гуворо ба камбағалону бечорагон маҳсуб медонист. Ин гуна ҳаёти солиму рӯзгори гувороро аз нуқтаи назари худ шарҳу тафсир карда, Гоббс чор шарти ин масъаларо пешниҳод менамояд: ҳимояи шаҳрвандон аз душманони беруна, нигоҳдории сулҳу дӯстӣ дар дохили давлат, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва сатҳи дороии мардум, ба ҳар як шаҳрванд додани ҳуқуқ оиди истифодаи озоди меҳнати шаҳрванди дигар.[1]

Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Гоббс ба орзую омоли буржуазияи англис ва дворянҳои нав, махсусан он табақаҳое, ки аз ҳокимияти мутлақ аз байн бурдани бенизомиҳои феодалӣ ва инкишоф додани озодиҳои буржуазии бо тартиби муайянро тақозо менамуданд, рост меояд.

Мо медонем, ки ғояпардозиҳои ҳуқуқи табиӣ ҳанӯз дар раванди таърихнигорӣ ва ҳуқуқшиносии замони антиқа ба вуҷуд омада буданд. Дар асрҳои миёна низ чунин мафкурасозиҳо пурра аз байн нарафтаанд. Вале дар ин давраи таърихӣ ин ғояҳо маҳз ба асосҳои

[1] Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (Қавиҳайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). – С. 25.

ғуломдорӣ ё худ феодализм ва дин хизмат менамуданд. Ба таври дигар гӯем, дар ақидаҳои Гротсий ва Гоббс назарияи асосёфтаи ҳуқуқҳои шахсӣ ва озодиҳои шахсият дар навбати худ мафҳуми озодии виҷдон ва андешарониҳоро таҷассум менамоянд.

Ба муқобили тартиботи ҳуқуқӣ ва беҳуқуқии даврони феодалӣ бархоста, сохти буржуазии асри XVII бисёр орзую умедҳои мардумонро инъикос намудааст. Ҳамзамон дар ғояҳои назарияпардозони машҳӯри ин давра мафкураи истифодаи неъматҳои заминӣ барои кулли ҷомеа беҳуда равшану возеҳ таҷассум наёфтаанд. Оиди ӯҳдадориҳои доимии давлат барои нигоҳубини мардуми авом ва фароҳам овардани шароити муҳими рӯзгордорӣ ба онҳо ҳам Гуго Гротсий ва ҳам Томас Гоббс чандин маротиба такрор ба такрор дар мақолоту нигоришоти илмиашон таҷасум ёфтаанд.

Андешаҳои назариявии Гротсий дар бораи мубориза ҳои дохиливу беруна ва муносибатҳои байналмилалӣ хеле назаррас баён гардидаанд. Ҳанӯз дар асри XVII далелҳо оиди адолатхоҳии ин ё он ҷангу муборизаҳо падид омада, комилҳуқуқии онҳо исбот карда шудаанд. Вобаста ба ин дар асрҳои миёна муҳофизат ва ё паҳнсозии динҳои комилҳуқуқи ягона, ҳифз ё васеъсозии ҳудуди қабилаҳои худӣ ва баъдан ҳудуди халқиятҳо, ҳамчунин ҷазодиҳӣ барои қасамшиканӣ ва дигар ҷинояткориҳои хусуматомези ҳокимону давлатмандон боадолатона таҷасу еёфтанд. Ҳамин минвол, бартарияти андешаҳои Гротсий оиди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ новобаста аз миллату нажод ва равияҳои динию мазҳабӣ табиати умумиинсониро авлотар ва дар ҷои аввал гузоштааст. Халқе, ки ба иззати нафси мардумони дигар расида, ҳуқуқҳои онҳоро поймол месозад, - навиштааст Гротсий, - абадан асосҳои оромию осудагии худро дар оянда аз байн мебарад, зеро он халқро ҳамавақт зарбаи ҷавобӣ дунболгир мешавад.[1]

Гротсий ҳаққоният ва табиӣ будани ҷангҳоро инкор намекунад. Аммо дар навбати аввал, ӯ ба қоидаҳои ватанхоҳӣ такя намуда исрор мекунад, ки куштор ва азобу шиканҷаҳои беҳуда барои насли инсон раво дониста намешавад, дар навбати дигар бошад, вай байни ҷангҳои боадолатонаву беадолатонаи тафриқавӣ, кулии далелнок мегузорад. Ба доираи ҳадафҳои адолатноки ҷангу муборизаҳо ӯ пеш

[1] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). – С. 48-49.

аз ҳама ҳимояи худ ва ҳимояи ватан, аз дасти душман баргардонидани ғаниматҳои ҷангӣ, подош ва вайроншавии ҳуқуқҳои инсонро дохил менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар зери таъсири Гротсий ва дигар ҳуқуқшиносони асри XVII масоили муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқҳои байналхалқӣ ва созишномаҳои дипломатӣ дар саҳифаҳои таърихнигории ҷаҳонӣ ҷои намоёнро ишғол намуда буданд.

Дар асарҳои Гротсий ва Гоббс мавҷудияти Худованд инкор карда нашудааст. Ба ақидаи Гротсий Худо офарандаи оламу одам ва ҳамзамон нақшнигори табиати инсонӣ ва ҳуқуқҳои табиӣ маҳсуб меёбад. Вале Худованд инсонҳоро бо чунин хусусиятҳо ба вуҷуд оварда, баъдан офаридани таърих, тариқи зисту зиндагонӣ, интихоби қонунҳо, сохтани давлату ҷомеа ва ин амсол амалҳоро ба худи онҳо ҳавола кардааст. Дар китоби «Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ» ҳатто оиди ин масъала худи муаллиф дарҷ намудааст, ки «қонунҳои табиат хеле устуворанд ва худи Офаридгор низ онҳоро тағйир дода наметавонад».[1] Дар ҳамин васила Гоббс низ чунин меҳисобид, ки «Худованд ба инсон ақли табииро додааст, аммо таърихи инсоният аллакай на бо қонунҳои Худованд, балки аз рӯи ақли инсонӣ пеш меравад».[2] Ба андешаи Гоббс на танҳо давлату давлатдорӣ, балки дин ҳам маҳсули ақли инсонӣ дониста мешавад. Масалан, дини буддоӣ дар натиҷаи кӯшишҳои табиии ҷустуҷӯи сабабҳои пайдоиши воқеот ва пеш аз ҳама сабабҳои хушбахтию бадбахтиҳои одамон падид омадааст. Агар инсон сабабҳои аслии воқеоту пайдоиши ашёҳоро дуруст сарфаҳм рафта натавонад, он вақт ҳатман ба дарёи тахаюлоту падидаҳои хаёлӣ ва сохтаву бофтаҳои абстрактӣ ғӯтавар мегардад. Вақте одамон ба мушкилоту монеаҳои пайвастаи рӯзрор рӯбарӯ гардида, дар ҳаллу рафъи онҳо бечора мемонанд, он вақт ҳамаро аз ночорӣ ба қисмату тақдир ва эҷодкори абстрактии ҳодисаҳо нисбат медиҳанд. Вобаста ба ин гуфтаҳо агар ба нуқтаи назари бархе шоирону файласуфони қадим дигарбора назар андӯзем, хоҳем дарёфт, ки «танҳо тарсу ваҳм ва ночории инсонҳо худоёнро эҷод намудааст».

---

[1] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). – С. 72.

[2] Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (ҚавиҲайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). – С. 283.

Дар муқоиса бо бисёрхудой, боварӣ ба Худои муқтадири ягона "метавонад хеле осон майли инсон нисбат ба дарки сабаби пайдоиши ҷисмҳои табиӣ ва хусусияту фаъолияти гуногуни онҳоро, ба тарси одамон аз он, ки ҳаводисе ба онҳо рӯй медиҳад, инкишоф диҳад". Аз ин лиҳоз ҳодисаҳои баамаломада ва таъсири онҳо шахсиятро мисли файласуфони қадим огоҳ намуда, одамонро ба пеш мебарад ва андеша мекунад, ки гуё кулли ашёҳои олам ба аввалияту абадият пайваста мебошанд. "Маҳз дар зери ҳамин мафҳумҳо фаҳмиш ё шинохти Худованд зоҳир мегардад". Андешаҳои худро оиди сарчашмаҳое, ки дин аз онҳо ибтидо меёбад ҷамъбаст намуда, Гоббс ба хулосае меояд, ки "маҳз чор чиз - тасаввур оиди падидаҳо, надонистани сабабҳои такрорӣ, итоаткорӣ нисбати он чизҳое, ки инсонҳо аз онҳо ҳарос доранд ва дар қабули ашёҳои алоҳида ҳамчун фол ё нишона"[1] сабаби пайдоиши дин гардидаанд.

Бояд гуфт, ки дар қиёси Каломи Худованд ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, Гоббс нисбат ба Гротсий бо назари зиёди танқидӣ менигарад. Новобаста ба он, ки таълимоти ҳарду мутафаккир оиди моҳияти давлат аз қиссаҳои Библия пурра фарқ мекунанд, Гротсий баъзе аз ин қиссаҳоро ҳамчун далелҳои бебаҳс эътироф намудааст. Масалан, ӯ ақида дорад, ки дар одамони ҷомеаи ибтидоӣ мафкураи моликияти хусусӣ ба Худованд нисбат дода мешуд, зеро Худо ҳамаи чизу ашёро аввалин бор дар раванди офариниши олам ва бори дуввум пас аз зери об мондани он офаридааст.[2] Гоббс низ қиссаи офариниши оламро танқид накарда бошад ҳам, баъзе аз қиссаҳои Библияро зери тозиёнаи танқид гирифта буд. Тадқиқотчиён муайян карданд, ки Гоббс дар иншои асараш "Қавиҳайкал" панҷкитоби Моисейро хонда, эътироф карда наметавонем, ки ин ҳама қисматҳоро худи муаллиф навиштааст. Вагарна, чӣ тавр маълумот оиди "ҷои ба хок супоридани худро касе намедонад", ба дасти ӯ расидааст, дар ҳоле, ки ин навиштаҷот танҳо баъд аз иншои ин китоб падид омадааст. "Вақте андеша меронем, ки Моисей ҳанӯз дар вақти зинда буданаш оиди ҷои қабри худ сухан меронад, хеле тааҷҷубовар аст".[3] Дар он давра ҳолати илмҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла асарҳои илмӣ оид ба таърих бештар аз

[1] Гоббс Т. Левиафан... – С. 102-105.

[2] Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). – С. 202.

[3] Спиноза якҷоя бо Гоббс ба танқиди Аҳди қадим (Таврот) баромад намуда, ихтилофоти дар он ҷой доштаро ошкор сохтааст ва ақидаи муаллифияти Моисей дар бораи аз ибодатхонаи яҳудиён ҳамчун бидъаткор ҷӯдо сохтанро зери суол мебарад.

хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Нидерланди ҳамчунин бевосита аз вазъи синфии эҷодкунандаи онҳо вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳеҷ ба ҳайрат намеояд, ки назарияпардозони ҳуқуқи табиии голландӣ ва англис дар асри XVII хеле боқатъият назарияҳои кӯҳнаи феодалӣ ва калисоро аз ҷамъомадҳои франсавӣ, немисӣ ва русӣ гирифта буданд. Аз ҷумла ин амал ба рӯҳонии католики фаронсавӣ Ж. Боссюэ (солҳои 1627 - 1704), муаллифи асарҳои "Муҳокима оиди таърихи ҷаҳонӣ", "Таърихи иштибоҳи калисоҳои протестантӣ" ва "Сиёсате, ки аз вожаҳои аслии Каломи Худованд истинод аст" дахл дошта метавонад. Ба туфайли забони оммафаҳм ва услуби хуби баён ин асарҳо байни ҷомеа ҳаводорони зиёд пайдо карда, дар охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII, на танҳо дар ватани худи муаллифон, балки дар тамоми кишварҳои Аврупо ва аз ҷумла дар Россия шӯҳрат ёфтанд.

Ба мисли Гуго Гротсий ва Томас Гоббс, Боссюэ низ чунин андеша дошт, ки ҳокимияти давлатӣ дар натиҷаи шартномаи озоди ҷамъиятӣ, ки созиши он хеле зарурат дошт, падид омадааст. Зеро танҳо ҳокимияти давлатӣ метавонад ба даҳшатҳои ҳалокатовари одамон тоб оварад. Вале дар муқоиса бо Гоббс ва Гротсий ин омилро Боссюэ таъбири оқилонаи пайдоиши давлат бо назарияи қадимаи худопарастӣ номидааст. Фитрати ҷамъиятии инсон ва кӯшишҳои маъмулии онро нисбати ба даст овардани манфиатҳо эътироф намуда, Боссюэ дар ин ҷо низ боз сарнавишт ва қазову қадари, фармудаҳои диниро, ки онҳо сабабгори умдаи воқеоти таърихӣ бониста мешуданд, нисбат ба табиати одамӣ ва кӯшиши инсонҳо барои ба даст овардани манфиатҳои хеш муҳимтар меҳисобад.

Барои бо ягон васила ҳал намудани мухолифати ҳалнопазире, ки аз муроҷиатҳои яквақтина ба назарияҳои кӯҳна ва назарияҳои пешқадами асри XVII сарчашма мегиранд, Боссюэ сабабҳои воқеоти таърихиро ба гурӯҳҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо месозад. Фитрати табиӣ ва сифати инсонҳову ҳадафи халқҳо танҳо сабабҳои дуюмдараҷаи ҳаводису воқеоти таърихӣ дониста мешуданд ва ибтидои ин воқеъа ҳаводисаҳо пеш аз ҳама хостаи Худованд маҳсуб мешавад. Он бевосита дар шакли мустасно падид омада, дар мӯъҷизаҳои ба чашм диданашавандаи Худованд зуҳур меёбад. Аммо воқеан, нақши Худованд аввалиндараҷа ва муайянкунанда буданд, зеро ҳаёт инсон ва халқҳоро ба он хусусиятҳо, сифатҳо ва хислатҳое,

ки ба ҳайси сабабҳои дуюмдараҷа баён мегарданд, ҷудо месозад. Таърихро ба вуҷуд оварда, инсонҳо танҳо матлабҳои қазову қадарро ба амал мебароранд, ва гумон мекунанд, ки мустақилона амал карда истодаанд.

Дар хотир дорем, ки Гуго Гротсий Худовандро офаридгори замину замон ва инсонҳо эътироф карда, дар навбати худ пешниҳод намуда буд, ки ҳуқуқи табииро ҳатто он ҳам тағйир дода наметавонад. Ҳамин минвол, барои қадарият (провиденциализм) дигар ҷой намонд. Баръакс, Боссюэ ҳам нақши Худовандро дар офариниши инсон ва хусусиятҳои он маҳдуд намепиндорад. Худованд, ба андешаи ӯ, "кули инсонҳоро идора мекунад". "Агар истилогаронро ба по хезонидан хоҳад, тавре ин амалро ба роҳ мемонад, ки онҳо аз тарсу ҳарос пештар мегузаранд ва ҷанговарони онҳоро ба ҷанги мағлубнопазир талқин месозад. Ва агар қонунгузорҳоро сохтан хоҳад, ҳикмату дурандешии худро ба онҳо тақдим менамояд ва имкон фароҳам месозад, ки онҳо балоҳои пешмеомадаву хатарҳои шоҳигариро дарк карда, асосҳои оромии ҷамъиятро таъмин созанд". Яъне ҳар чизе, ки ба ақидаи сусти инсонҳо дар мисоли воқеот ва хушбахтиҳо ворид мегардад, "нақшаи пештар тарҳрезишудаи Худованд" мебошад. Ҳамин тариқ, Боссюэ кӯшиш менамояд, ки қадриятро (провидентсиализмро) дар асоси ақидаҳои парокандагардидаи ватанхоҳони асрҳои XV - XVI ва олимони асри XVII наҷот дода, ақидаҳои кӯҳнаи диниро ба назарияҳои нави мулоҳизакорона, ки ба ҳеҷ ваҷҳ онҳо ба якдигар ҳамоҳангӣ надоштанд, мувофиқат кунонад.[1] Дар давраи ҳукмронии ҳокимияти мутлақ дар Фаронса шӯҳрат ва асосёбии он дар назарияҳои ҷамъиятӣ табиӣ маҳсуб мешавад. Боссюэ дар рисолаи худ бо унвони "Сиёсат" беҳуда ба он бовар намекунонад, ки ҳокимияти мутлақ ба ҳокимияти Худованд наздик аст ва дар навбати худ хеле табиӣ дониста мешавад, зеро он тимсоли давлати падар ва оила мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Косьминский Е.А. Историография средных веков. - С. 119.
2. Мобилон соли 1681 "Шаш китоб дар бораи дипломатия"-ро ба табъ расонидааст.


---

[1] Косминский Е.А. Историография средних веков. - М., 1963. - С. 136 - 142.

3. Гроций Г. О праве войны и мира (Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ). Се китобе, ки дар онҳо хуқуқҳои озод, Ҳуқуқи халҳо, Ҳамчунин қоидаҳои ҳуқуқи оммавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. М., 1956.
4. Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (Қавиҳайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). М., 1936.
5. Маркс К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. – С. 111.
6. Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского (ҚавиҲайкал ё худ материя, шакл ва давлатдории калисоӣ ва шаҳрвандӣ). М., 1936. – С. 115.
7. Гоббс Т. Левиафан... – С. 102-105.
8. Спиноза якҷоя бо Гоббс ба танқиди Аҳди қадим (Таврот) баромад намуда, ихтилофоти дар он ҷой доштаро ошкор сохтааст ва ақидаи муаллифияти Моисей дар бораи аз ибодатхонаи яҳудиён ҳамчун бидъаткор ҷӯдо сохтанро зери суол мебарад.
9. Косминский Е.А. Историография средних веков. - М., 1963. - С. 136 - 142.
10. Пуфендорф С. Политическое рассуждение о согласии политики истинной с религию христианскою. СПб, 1815. - С. 6-8.
11. Прокопович Ф. Соч. - М.; - Л., 1961, - С. 81.
12. Плеханов Г.В. История русской общественной мысли. китоби 2, - М.; - Л., 1925. - С. 47.
13. Магистрат - идораи шаҳрдорӣ дар Россияи асрҳои 18-19.
14. Богословский М.М. Областная реформа Петра Великого. - С. 12 - 13.
15. Вико Д. Основания новой науки об общей природе наций. - Л,, 1940.
16. Глыга А.В. История как наука. Дар китоби Фисофские проблемы исторической науки. - М., 1969. - С. 16.
17. Косьминский Е.А. Историография средных веков. - С. 119.

**Майнусова Зарнигор Маҳмудовна –**
**унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи**
**соҳибкорӣ ва байналмиллалии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

# ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ МУҚАРАРОТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР БАХШИ САВДОИ ФОСИЛАВИИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Вақтҳои охир рушди фаъоли технологияҳо ба монанди интернет, радио, телевизион ба назар мерасад. Дар робита ба ин, зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳо, ки тавассути интернет, радио ва телевизион ба вуҷуд меоянд, вуҷуд дорад. Ин хусусан дар соҳаи фурӯши мол муҳим аст, вақте ки мол дар мағозаи доимӣ харида намешавад, балки тавассути интернет, радио ё телевизион фармоиш дода мешавад. Савдои фосилавӣ суръат мегирад, ки ин фаҳмо аст, зеро он қулай ва зуд аст. Ба ин нархҳои нисбатан арзонтари мағозаҳоро бо сабаби набудани хароҷоти фурӯшанда барои иҷораи фазои чакана ва анбор, инчунин хароҷоти дигаре, ки дар шароити фурӯши стационарӣ ногузиранд, илова кардан мумкин аст. Аммо, сарфи назар аз ҳамаи ин афзалиятҳо, дар кишвари мо, шартномаи фурӯши чаканаи мол тавассути воситаҳои фосилавӣ (минбаъд шартномаи хариду фурӯши фосилавӣ номида мешавад) дар танзими қонунгузорӣ камбудиҳо дорад, зеро дар муқоиса бо дигар кишварҳо (дар аз ҷумла, кишварҳои Аврупо), нисбатан ба наздикӣ васеъ паҳн шуданд. Бо афзоиши шумораи харидорон, зарурати фаврии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи фурӯши масофа ба миён омад. Махсусан масъалаи танзими масъулияти фурӯшанда муҳим аст.

Барои ҳалли ин масъала мо бояд ба қоидаҳои масъулият тибқи шартномаи фурӯши чакана, сипас ба муқаррароти умумӣ оид ба фурӯш, сипас ба муқаррароти умумии масъулият рӯ орем.[1]

Масъулияти фурӯшанда бо Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" муқаррар карда шудаанд.

---

[1] Нетишинская Л. Ф. К вопросу о защите прав потребителей // Арбитражный и гражданский процесс. 2012. № 10. С. 19-20.

Харидоре, ки ба ӯ моли сифати номувофиқ фурӯхта шудааст, агар ин аз ҷониби фурӯшанда мувофиқа нашуда бошад, ҳуқуқ дорад бо интихоби худ талаб кунад:

1) ройгон бартараф намудани камбудиҳои мол ё ҷуброни хароҷот барои ислоҳи онҳо аз ҷониби харидор ё шахси сеюм;

2) мутаносибан паст шудани нархи харид;

3) иваз кардани моли тамғаи шабеҳ (модел, рақами мақола) ё ба ҳамон як моли тамғаи дигар (модел, рақами мақола) бо аз нав ҳисобкунии нархи харид. Ҳамзамон, нисбат ба молҳои аз ҷиҳати техникӣ мураккаб ва гарон ин талаботҳои харидор дар сурати камбудиҳои назаррас қонеъ карда мешаванд.

4) рад кардани иҷрои шартнома ва талаботи баргардонидани маблағи барои мол пардохтшуда. Бо талаби фурӯшанда ва аз ҳисоби ӯ харидор бояд маҳсулоти ноқисро баргардонад.

5) ҷуброни пурраи зиёне, ки ба ӯ дар натиҷаи фурӯши моли дорои сифати номатлуб расонида шудааст.

Дар байни ин чораҳои масъулиятнок, бепул бартараф кардани камбудиҳо барои шартномаи мавриди баррасӣ махсусан баҳсбарангез аст. Мувофиқи банди 1 мод. 20 Қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, агар мӯҳлати рафъи камбудиҳои маҳсулот бо созиши тарафҳо дар шакли хаттӣ муайян нашуда бошад, ин камбудиҳо бояд аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори ваколатдори инфиродӣ; воридкунанда) бартараф карда шаванд, яъне дар мӯҳлати ҳадди ақал барои рафъи онҳо бо назардошти усули маъмул истифодашаванда. Мӯҳлати рафъи камбудиҳои мол, ки бо розигии тарафҳо дар шакли хаттӣ муайян карда шудааст, наметавонад зиёд бошад[1].

Қоидаи дар боло зикршуда дар мавриди хариду фурӯши чаканаи мол дар ҷойҳои муқарраршуда қулай ва мувофиқ аст. Фавран бартараф намудани камбудиҳо мавҷуд набудани созишномаи хаттии байни тарафҳоро дар назар дорад ва 45 рӯз аз лаҳзаи ошкор шудани чунин камбудиҳо аз ҷониби харидор муқаррар карда мешавад[2]. Дар мавриди савдои фосилавӣ, иҷрои ин қоида душвор аст. Фурӯшанда

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 6.10.2008, №424, № 436, аз 28.12.2013 № 1052, аз 18.03.2015 № 1193, аз 2.01.2018 № 1498, аз 29.01.2021 № 1769.

[2] Шерстобитов А.Е. Закон о защите прав потребителей. Комментарий к закону и практика его применения. М.: МЦФЭР, 2004. С. 200.

имкони "фавран" бартараф кардани камбудиҳои молро надорад ва инчунин аксар вақт ин корро дар давоми 45 рӯз аз лаҳзаи ошкор шудани камбудиҳо анҷом медиҳад.

Вақте ки фурӯшанда ва харидор дар масофаи каме аз ҳамдигар қарор доранд, аввалин коре, ки харидор бояд анҷом диҳад, молро ба фурӯшанда интиқол медиҳад. Ғайр аз он, фурӯшанда бояд моли ба ӯ додашударо барои камбудиҳо тафтиш кунад, моли хушсифатро ба харидор омода ва фиристад. Ҳамаи ин амалҳо, сар карда аз фиристодани мол ба мизоҷон, муддати хеле тӯлонӣ доранд. Дар ин ҳолат, қоидаҳои гуногун нисбати он бояд татбиқ карда шаванд. Ба андешаи мо, барои рафъи камбудиҳо як давраи қатъии муайяншударо муқаррар кардан лозим аст ва оғози ҷараёни давра на ҳамчун лаҳзае эътироф карда мешавад, ки харидор камбудиҳои молро, ки мафҳуми нисбӣ аст, вале лахзае, ки моли нуксондор ба фурушанда фиристода мешавад. Квитансияи ташкилоте, ки молро барои таҳвил қабул кардааст, далели фиристодани мол аз ҷониби харидор хоҳад буд. Хароҷоти интиқол бояд аз ҷониби фурӯшанда сурат гирад.

Дар банди 2 -и мод. 20 Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон сабт шудааст: фурӯшанда вазифадор аст, ки дар мавриди моли дарозмуддат дар ҳолати таъмир ва ҳангоми пешниҳоди ин талабот аз ҷониби харидор дар давоми се рӯз ба харидор пешниҳод намояд. бо молҳои пойдор бо хосиятҳои асосии истеъмолӣ ройгон, расонидани онро аз ҳисоби худ таъмин менамояд.

Аён аст, ки дар доираи савдои фосилавӣ иҷрои ин меъёр ҳам аз нуқтаи назари риоя кардани мӯҳлатҳо ва ҳам аз нуқтаи назари ташкили савдо душвор аст.

Масъалаи мӯҳлати иваз кардани молҳои дорои сифати нокифоя камтар ҷолиб аст. Дар банди 1 -и мод. 21 Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муқаррар карда шудааст: барои аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори инфиродӣ ваколатдор, воридкунанда) иваз кардани моли дорои сифати номувофиқ, аз санаи муқарраршуда 7 рӯз муқаррар карда мешавад. талаботи истеъмолкунанда ва агар назорати иловагии сифати чунин мол аз ҷониби фурӯшанда талаб карда шавад - 20 рӯз аз рӯзи пешниҳоди ин талабот. Агар фурӯшанда ҳангоми пешниҳоди талабот моли барои иваз кардан мавҷуд набошад, иваз бояд дар давоми як моҳ аз рӯзи пешниҳоди чунин талабот анҷом дода шавад;

агар барои иваз кардани мол зиёда аз ҳафт рӯз лозим шавад, пас бо талаби истеъмолкунанда фурӯшанда дар давоми се рӯзи пас аз дархост дар бораи иваз кардани мол ӯҳдадор аст ба истеъмолкунанда ройгон барои истифодаи муваққатӣ диҳад. дар давраи иваз кардани молҳои дарозмуддат бо хосиятҳои асосии истеъмолӣ, таъмини расонидани онро аз ҳисоби худ.

Дар доираи савдои фосилавӣ, фурӯшанда аслан имкони иваз кардани молро дар мӯҳлати муқарраршуда надорад, ҳамон тавре, ки ройгон ба харидор барои истифодаи муваққатӣ ба мӯҳлати иваз кардани моли пойдор дар давоми се рӯз дода мешавад.

Хулосаҳои дар боло зикргардидаро зарур мешуморем, ки барои бартараф кардани камбудиҳои фурӯши фосилавӣ (45 рӯз аз лаҳзаи фиристодани мол ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори ваколатдори инфиродӣ, воридкунанда)) ва иваз кардани мӯҳлатҳои қатъии муайяншуда зарур аст. молҳои дорои сифати нокифоя (30 рӯз аз рӯзи гирифтани он ва агар зарурати назорати иловагии сифати ин мол аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори ваколатдори инфиродӣ, воридкунанда) - 45 рӯз аз рӯзи гирифтани он молҳо).

Ҳуқуқро қонунӣ кардан лозим аст, ки фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори ваколатдори инфиродӣ) ӯҳдадор нест, ки ба истеъмолкунанда барои истифодаи муваққатии молҳои дорои хосиятҳои асосии истеъмолӣ дар давраи иваз ё таъмири он ройгон диҳад. молҳои пойдор.[1]

Рушди босуръати технологияҳои муосир, ки дар тӯли 20 соли охир дар Тоҷикистон ба амал омадаанд, боиси тағйири бозори маҳсулот бо афзоиши ҳиссаи фурӯши онлайн гардид. Аксар вақт ғизо, доруворӣ, либос, техникаи маишӣ, мебел ва дигар молҳои истеъмолӣ аз фосилаи дур харида мешаванд. Фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ тавассути интернет, инчунин молҳое, ки дар қаламрави Тоҷикистон муомилот мамнӯъ ё маҳдуд карда шудаанд, манъ аст.

Ин усули фурӯш рӯз аз рӯз маъмултар мешавад, зеро вақти барои дарёфти маҳсулоти зарурӣ дар шабакаи ҷаҳонӣ сарфшударо бо хароҷоти як харидор ҳангоми шахсан дидан ба як қатор нуқтаҳои

[1] Сахно Е.О. Ответственность продавца по договору дистанционной купли-продажи// В сборнике: Актуальные проблемы современного частного права. Сборник научно-практических статей Всероссийской научно-практической студенческой конференции. 2016. С. 217-219.

савдо муқоиса кардан мумкин нест ва сиёсати нархгузории мағозаҳои интернетӣ имкон медиҳад аҳолӣ маблағи зиёдро сарфа кунанд. Барои фурӯшандагон фурӯши фосилавӣ қулай аст, зеро ниёзе ба зиёд кардани ҳайати кормандон, нигоҳ доштани майдони фурӯш вуҷуд надорад ва дар натиҷа метавонад хароҷоти собитро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Аммо, маҳз масофаи фурӯши мол яке аз сабабҳои маъмултарини баҳсҳои байни фурӯшанда ва харидор мебошад. Тасодуфӣ нест, ки қонунгузор ҳангоми харидани мол аз рӯи намунаҳо ё фосилаи дур, харидор наметавонад пеш аз харид воҳиди муайяни молро интихоб кунад, сифат ва мувофиқати он ба хосиятҳои эълоншударо тафтиш кунад. Агар маълумот дар бораи маҳсулот танҳо дар каталогҳо, брошюраҳо, нархномаҳои фурӯшанда мавҷуд бошад, бидуни он ки бо маҳсулот ё намунаи он шинос шавед, пас сухан дар бораи усули дурдасти фурӯши маҳсулот меравад.

Ҳангоми анҷом додани амалиёти анъанавии хариду фурӯши мол тавассути интернет, харидор аксар вақт дарк намекунад, ки байни ӯ ва фурӯшанда шартномаи хариду фурӯши чакана баста мешавад. Тарафҳо бояд оид ба мавзӯъ (номи маҳсулот, миқдори он), нарх ва таҳвил ба мувофиқа бирасанд. Агар харидор мустақилона молро аз фурӯшанда гирифта натавонад, таҳвилро ҳам парки нақлиёти фурӯшанда ва ҳам интиқолдиҳандагони тарафи сеюм (ширкатҳои нақлиётӣ ё хадамоти хаткашон) анҷом дода метавонанд. Ҳуқуқи моликият ба харидор ҳангоми интиқоли он мегузарад, агар харидор пешакӣ арзиши арзиши молро пардохт кунад ё ҳангоми пардохт, агар харидор то ҳол барои мол пардохт накарда бошад, ё пурра пардохт нашудааст.

Хариди харид дар мағозаҳои онлайн аксар вақт барои харидор зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои худро дар суд пайдо мекунад. Ин ҳолат рӯй медиҳад, агар фурӯшанда аз рӯи ҳисобнома -фактура пардохт гирад ва ӯҳдадориҳои худро дар назди харидор дар шакли интиқол (фиристодани) ашёи пардохтшударо иҷро накунад. Фурӯшандагон шикоятҳои муштариёнро нодида мегиранд ва аз гирифтани огоҳиҳои ба онҳо фиристодашуда худдорӣ мекунанд. Дар ҷараёни мурофиа маълум мешавад, ки мағоза воқеан дар макони эълоншуда ҷойгир нест, алоқаҳои нашршуда нодурустанд. Ин рафтори фурӯшандаро метавон ҳамчун беадолатӣ, хусусияти амалҳои ӯ - қаллобӣ, ки ба

фиреби харидор ва бойшавии беасос нигаронида шудааст, тавсиф кардан мумкин аст.

Хусусан хатарнок будани пардохт аз ҷониби харидор тавассути интиқоли маблағ аз корти бонкии ӯ ба корти фурӯшанда ё намояндаи ӯ мебошад. Ин усули пардохти мол на танҳо ба фурӯшанда имкон медиҳад, ки даромади воқеии худро барои кам кардани пардохтҳои андоз пинҳон кунад, балки дар асл истеъмолкунандаро аз ҳуқуқи муроҷиат ба фурӯшанда маҳрум мекунад, зеро муомилоти фурӯши байни шахсони воқеӣ қонун нест. Тамос бо бонк боиси баргардонидани маблағҳои интиқолшуда нахоҳад шуд, зеро ҳамаи амалиётҳо аз ҷониби дорандагони корт ҳангоми интиқол тасдиқ карда мешаванд. Агар фурӯшанда пас аз пардохти он ба харидор аз додани ашё саркашӣ кунад, ҳама муроҷиатҳои ӯро нодида гирад, ҷабрдида бояд барои пайдо кардани ҷинояткор ба полис муроҷиат кунад ва сипас ба суд бо талаби қатъи шартномаи хариду фурӯш, ҷуброн муроҷиат кунад. барои зарари маънавӣ, ситонидани ҷарима барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар мӯҳлати муқарраршуда ва ҷарима барои риоя накардани талаботи қонунии харидор бо тартиби пешакӣ.[1]

Бо дарназардошти таҷрибаи манфии шахсони сеюм ҳангоми харид тавассути Интернет, харидорон аксар вақт аз хариди молҳо ҳатто аз мағозаҳое, ки обрӯи хуб доранд, метарсанд, зеро дарҳол пас аз пардохти пешакӣ, харидор танҳо квитансияи бонкӣ дорад. Гумон меравад, ки пурзӯр кардани назорат аз болои дӯконҳое, ки фурӯши масофаро анҷом медиҳанд, масалан бо дархости ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз соҳибкорон бо тафтиши минбаъдаи онҳо ба мақсад мувофиқ мебуд.

Профилҳои (ҳисобҳои) тиҷоратӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд аз ҷониби мақомоти танзимкунанда ба мисли дӯконҳои муқаррарии чакана, ки молро аз фосилаи дур намефурӯшанд, мавриди санҷиши ҷиддӣ қарор гиранд.

Агар истеъмолкунанда аз маҳсулот даст кашад, ба фурӯшанда танҳо хароҷоти расонидани ин маҳсулот аз истеъмолкунанда ҷуброн карда мешавад. Бо дарназардошти паҳншавии амалиётҳои фурӯши мол тавассути воситаҳои фосилавӣ, дар амал аксар вақт ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки фурӯшанда ҳангоми пардохти мол ба маҳал

[1] Часть вторая Гражданского кодекса Российской Федерации от 26.01.1996 г. №14-ФЗ // Собрание законодательства РФ от 29.01.1996 г. № 5 ст. 410.

ва вақти мувофиқашуда интиқол медиҳад, аммо харидор рад мекунад харид кардан, намехоҳад ҷуброни хароҷоти фурӯшанда. Дар чунин ҳолатҳо, фурӯшандагон аксар вақт нисбати харидоре, ки аз қабули мол даст кашидааст, ягон чора намебинанд, зеро маблағи хароҷот одатан кам аст ва ҳалли вазъияти мунокишавӣ вақти зиёдро мегирад.[1]

Сарфи назар аз сатҳи хеле баланди танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, қонунгузор бояд то ҳол дар мавриди рушди фурӯши масофа чанд тағирот ворид кунад. Таҷрибаи мавҷудаи судӣ нишон медиҳад, ки сабаби қонуншиканиҳои фурӯшанда аксар вақт надоштани дониши зарурии ҳуқуқии шахсони мансабдор (кормандон), инчунин нахостани масъулияти зарари расонидашуда, баргардонидани пули барои мол гирифташуда мебошад. Ба муроҷиати истеъмолкунанда беэътиноӣ карда, фурӯшандагон гумон мекунанд, ки аз сабаби тарси хоси бисёр шаҳрвандон бинобар надонистани хусусиятҳои мурофиавии шаҳрвандӣ, нахостани вақт ва пул беҳуда ва набудани сатҳи саводи ҳуқуқӣ аз ҷониби аризадиҳанда амали дигар сурат нахоҳад гирифт. Аммо, рад кардани фурӯшанда аз баррасии талаботи истеъмолкунанда метавонад барои ӯ як қатор оқибатҳои манфиро ба бор орад: аз бад шудани обрӯ дар бозор то ҷаримаҳои дар суд татбиқшаванда.[2]

Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои ихтилофӣ дар аксари мавридҳо ба мурофиаи судӣ намерасанд, зеро онҳо дидаю دониста фурӯшандаро дар ҳолати ногувор мегузоранд, ки дар натиҷа ба соҳибкорон ҷуз қонеъ кардани талаботи истеъмолкунанда чизе намемонад.[3]

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ боиси рушди тиҷорати электронӣ гардид. Чунин ба назар мерасад, ки бидуни тарк кардани хона, гирифтани молҳои заруриро бевосита дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо қулай аст.

Аммо, шумо бояд аз баъзе хусусиятҳои мавҷуда огоҳ бошед, ки масофаи фурӯшро аз фурӯши мол дар нуқтаҳои муқарраршудаи фурӯш фарқ мекунанд.

Фурӯши фосилавии молҳо як намуди шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад, ки дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моли

[1] Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации (учебно-практический) / под ред. С. А. Степанова. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Проспект: Екб.: Институт частного права, 2010. - 620 с.

[2] Барабачкова М.Н., Корнилова Н.В. Дистанционная купля - продажа товаров: актуальные проблемы практики// E-Scio. 2019. № 10 (37). С. 368-374.

[3] Корнилова, Н.В. О производных способах приобретения права собственности / Н.В. Корнилова // Право и государство: теория и практика. 2018. № 3 (159). С. 26-30.

пешниҳодкардаи фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо ё дар аксҳо ё истифодаи шабакаҳои почта, телекоммуникатсия баста шудааст. шабакаҳо, аз ҷумла шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии "Интернет", инчунин шабакаҳои коммуникатсионӣ барои пахши каналҳои телевизионӣ ва (ё) каналҳои радио ё бо тарзҳои дигаре, ки имкони шиносоии бевоситаи харидор бо мол ё намунаи молро истисно мекунанд. бастани чунин созишнома.[1]

Хусусияти асосии чунин савдо дар он аст, ки харидор то гирифтани мол шахсан имконият надорад бо мол шинос шавад.

Ҳангоми бастани аҳд на харидор ва на фурӯшанда мустақиман тамос намегиранд, якдигарро намебинанд. Бастани аҳд дар шакли электронӣ, одатан, тавассути қабули харидор аз пешниҳоди оммавӣ, ки дар вебсайти махсуси интерактивии фурӯшанда (мағозаи интернетӣ) ҷойгир шудааст, сурат мегирад. Масалан, ҳамчун аломати қабули пешниҳод, харидор майдони лозимии вебсайти фурӯшандаро пахш мекунад, ки дар шакли тугма тарҳрезӣ шудааст ва замимаи электронии дар экран кушодашударо пур мекунад. Ҳамзамон, пардохти молҳои харидашударо низ метавон дар шакли электронӣ бо истифода аз системаҳои электронии пардохт анҷом дод, ки технологияҳои онҳо ба истифодаи кортҳои бонкӣ ё системаи пулҳои электронии дар ин самти интернет қабулшуда асос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, дар савдои фосилавӣ харидор дар ҳолати осебпазир қарор дорад.

Тадқиқотчиён як қатор мушкилоти танзими ҳуқуқии гардиши молро дар Интернет муайян мекунанд, ки ҳангоми савдои фосилавӣ ба вуҷуд меоянд[2]:

1. Мушкилоти мушаххаси корбар: Он дар хусусиятҳои бастани шартнома дар шакли электронӣ бо истифода аз имзои электронӣ, инчунин дар мушкилоти ҳифзи маълумоти шахсии корбарон ифода ёфтааст. Аз ҷумла, қонуни федералии "Дар бораи маълумоти шахсӣ" нигоҳдорӣ ва коркарди маълумоти шахсии русҳоро танҳо дар қаламрави Федератсияи Русия пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми

[1] Богданов В. В. Исторические этапы развития современного законодательства о защите прав потребителей. М., 2018. С. 143.
[2] Зенин И. А. Гражданское и торговое право зарубежных стран: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2018. С. 111; Парций Я. Е. Дистанционные покупки. Защита прав потребителей. М., 2019. С. 91.

харидани мол аз мағозаҳои интернетии хориҷӣ мушкилот ба вуҷуд меорад;

2. Мушкилоти миёнаравҳои иттилоотӣ: Ҳангоми қабули қарор дар масофаи дур харидани мол, бояд ба маълумоти пешниҳодкардаи фурӯшанда дар бораи худ, дар бораи мол ва шартҳои харид (дар бораи хосиятҳои асосии истеъмолии мол диққати махсус дода шавад). ва суроғаи (маҳалли ҷойгиршавии) фурӯшанда, дар бораи ҷои истеҳсоли мол, номи пурраи фирмаи (номи) фурӯшанда, дар бораи нарх ва шартҳои хариди мол, дар бораи таҳвили он, мӯҳлати хидмат, мӯҳлати нигоҳдорӣ ва мӯҳлати кафолат, дар бораи тартиби пардохти мол ва ғайра). Аммо, ҳама маълумот дар бораи фурӯшанда дар як вебсайти интернет ҷойгир карда мешавад, ки он ғайримоддӣ аст ва маҷмӯи иттилоот ва нармафзор аст: аз ин рӯ, худ аз худ наметавонад боиси таъсиси муассисаи доимӣ гардад. Илова бар ин, аксарияти соҳибони сайтҳо дар Интернет сервер надоранд ва барои ҷойгир кардани сайт дар сервер онҳо ба ташкилотҳои махсусе муроҷиат мекунанд, ки таҷҳизоти мувофиқ доранд ва хидматҳои мувофиқро пешниҳод мекунанд. Шояд маълум шавад, ки маълумот дар бораи фурӯшандаи моли дар сайт мавҷудбуда нодуруст аст ва дар ин сурат харидор дар тамос бо фурӯшанда ё кӯшиши баргардонидани мол ва ҷамъоварии пул мушкилот дорад.

3. Мушкилоти ҳуқуқӣ: Бо назардошти мураккабӣ ва тақсимоти инфрасохтори шабакавӣ, аз ҷумла захираҳои технологӣ дар байни қаламравҳои мухталиф, қоидаҳои классикии муайян кардани салоҳият дар шакли софи худ дар муносибатҳои интернетӣ татбиқ намегарданд. Проблемаи юрисдиксия дар заминаи муҳокима дар бораи имконияти татбиқи қонунгузории миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ё муқаррароти инфиродии он ба муносибатҳое, ки бо гузаронидани фурӯши масофа аз хориҷа алоқаманданд, баррасӣ карда мешавад.

4. Проблемаи танзими ҳуқуқии байналмилалии тиҷорати электронӣ:

Шумораи зиёди созмонҳои байналмилалӣ ба муттаҳидсозии гардиши электронии тиҷоратӣ машғуланд. Аммо, дар натиҷа, масъалаҳои инфиродии хусусӣ бояд танзими ҳуқуқӣ бошанд, на дар маҷмӯъ тиҷорати электронӣ, аз ин рӯ, мушкилот дар муқоиса бо

созишномаҳои байналмилалии ҷорӣ ва муносибатҳои кории воқеан ба вуҷуд омада бо мубодилаи электронии маълумот ба миён меоянд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар қонунгузорӣ дар самти танзими ҳуқуқӣ дар амалисозии фаъолияти дурдасти соҳибкорӣ камбудиҳо мавҷуданд, ки бинобар мавҷудияти онҳо мушкилоти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон низ вуҷуд доранд.

Ҳалли ин мушкилот дар чанд самт дида мешавад. Пеш аз ҳама, барои муқаррар кардани қоидаҳои ягонаи бозори тиҷорати электронӣ қонунгузории миллӣ дар соҳаи фурӯши масофаи молро яксон кардан лозим аст.

Дуюм, заминаи меъёрӣ барои васеъ кардани имкониятҳои худтанзимкунии фаъолияти соҳибкорон оид ба фурӯши фосилавии мол дар Интернет, аз ҷумла ташкили феҳристи огоҳиҳое, ки дар он метавон доменро пайваст кард номи мағозаи онлайн бо соҳибкори мушаххас.

Чунин сабти ном қисман мушкилоти андозро дар соҳаи тиҷорати электронӣ ҳал хоҳад кард.

Сеюм, кафолати харидорон-истифодабарандагони шабакаи компютериро қонунӣ кардан лозим аст.

Дар робита ба ин, зарур аст:

1) пешниҳоди ҳатмии маълумот дар бораи хусусиятҳои шартномаи электронӣ то бастани ҳама гуна шартномаи электронӣ, аз ҷумла миёнаравони иттилоот;

2) муқаррар намудани қонунгузории рӯйхати ҳадди ақали маълумоте, ки ҳангоми бастани шартномаи электронӣ бояд пешниҳод карда шаванд, шакли пешниҳоди ин маълумот;

3) дар сурати таъсиси сайти тиҷоратӣ, қонунӣ гардонидани талабот оид ба бақайдгирии ҳатмии он ва пешниҳоди маълумот дар бораи шахси ҳуқуқие, ки маълумоти худро дар он ҷойгир мекунад ва дар бораи миёнарави иттилоот, ки фаъолияти сайтро таъмин мекунад;

4) муқаррар намудани масъулияти миёнаравони иттилоот барои надиҳидани чунин маълумот[1].

Дар айни замон, чунин ба назар мерасад, ки ин иқдомҳо метавонанд ба беҳбуди равобити тиҷоратӣ дар дохили як кишвари мушаххас равона карда шаванд, ки ин мушкилотро пурра ҳал

[1] Зенин И. А. Гражданское и торговое право зарубежных стран: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2018. С. 115.

намекунад. Дар айни замон зарур аст, ки дар сатҳи байналмилалӣ кори систематикӣ оид ба таҳияи қоидаҳои универсалии гузаронидани фурӯши фосилавӣ бо истифода аз интернет вуҷуд дошта бошад[1].

Муносибати байни харидор ва фурӯшандаро ҳангоми фурӯши фосилавии молҳо ва расонидани хидматҳо вобаста ба чунин фурӯш танзим мекунанд. Ҳамчун хусусияти асосии ин намуди тиҷорат, бриёед лаҳзаеро муайян кунем, ки харидор аз имконияти шиносоии воқеии шахсӣ бо мол то гирифтани он маҳрум аст. Асоси ҳуқуқии бастани шартномаи хариду фурӯш харидории бевосита бо намунаи мол, тавсиф, хусусиятҳо ва мушаххасоти он тавассути дидани каталогҳо, тасвирҳо, буклетҳо, инчунин бо истифода аз усулҳои дигари шиносоӣ бо молҳое, ки объекти дарки ҷисмониро истисно мекунанд, ҳангоми бастани ин намуди шартнома[2]. Дар вақти муомилот на фурӯшанда ва на харидор якдигарро намебинанд, яъне. мустақиман тамос нагиред. Бастани чунин транзаксия дар шакли электронӣ, чун қоида, тавассути қабули харидор аз пешниҳоди оммавии фурӯшанда, ки дар вебсайти махсуси интерактивӣ (мағозаи интернетӣ) ҷойгир шудааст, сурат мегирад.

Масалан, бо пешниҳоди оммавии фурӯшанда розӣ шуда, харидор майдони бо тугма нишондодашударо пахш мекунад ва замимаи электрониро, ки пас аз пахш кардан дар экран кушода мешавад, пур мекунад. Аҳамият диҳед, ки пардохти молҳои харидашударо инчунин метавон дар шакли электронӣ бо истифода аз усулҳои электронии пардохт анҷом дод, ки технологияҳои онҳо ба истифодаи кортҳои бонкӣ ё системаи пулҳои электронии дар ин соҳаи Интернет қабулшуда асос ёфтааст (Yandex.Money , WebMoney ва ғайра). Аз он чизе ки гуфта шуд, бармеояд, ки дар савдои фосилавӣ харидор дар ҳолати осебпазиртар қарор дорад ва аз ин рӯ қонунгузор барои истеъмолкунандаи дурдаст рӯйхати васеътари ҳуқуқҳоро муқаррар кардааст.

Қоидаҳои муқаррарнамудаи бастани шартномаи хариду фурӯш ҳуқуқи истеъмолкунандаро дар сатҳи дур ҳимоя мекунанд. Аммо, аниқ кардан лозим аст, ки муқаррароти зикрнамудаи мо ба: асарҳо;

[1] Ермолина И.В. Проблемы защиты прав потребителей при покупке товаров дистанционным способом// Мировая наука. 2019. № 11 (32). С. 132-136.

[2] Гражданский Кодекс ДНР: Закон ДНР от 13.12.2019 № 81-IIНС (ред. от 25.12.2020) / Официальный сайт Народного Совета ДНР [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dnrsovet.su/zakonodatelnayadeyatelnost/prinyatye/zakony/grazhdanskij-kodeks-donetskoj-narodnoj-respubliki/ (дата обращения: 30.01.2021). –Загл. с экрана

муомилоти амволи ғайриманқул, ба истиснои ичораи чунин амвол; амалиёт бо коғазҳои қиматнок; хизматрасонии молиявӣ; фурӯши мол тавассути автоматҳо; хадамоти телекоммуникатсионӣ; аҳдҳое, ки дар музояда гузаронида мешаванд, агар иштирок дар он бидуни истифодаи воситаҳои алоқаи фосилавӣ имконпазир бошад.

Дар асоси талаботи қонунии дар боло зикргардида оид ба бастани шартномаи хариду фурӯш тавассути воситаҳои фосилавӣ, мо қайд мекунем, ки дар байни афзалиятҳои хариди фосилавӣ бояд қайд карда шавад: арзиши ҳадди ақали саъю кӯшиш; сарфаи вақт; сиёсати нисбатан содиқонаи нархгузорӣ; доираи васеи маҳсулот; хусусияти зидди табъизкунандаи муомилот, зеро ин усул ба одамони маъюб имкон медиҳад, ки бидуни зарар ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо харид кунанд.

Аммо, ҳатто бо назардошти афзалиятҳои баҳснопазири ин усули хариди мол ва миқдори назарраси заминаи меъёрӣ, ки ҷанбаҳои асосии бастани муомилотро дар ин соҳа танзим мекунад, сатҳи эътимод ба хариди фосилавӣ ҳанӯз ҳам хеле паст боқӣ мемонад. Ин вазъиятро бисёр ҷанбаҳои мушкиле, ки дар соҳаи фурӯши фосилавӣ ба вуҷуд меоянд, асоснок мекунанд[1]. Биёед танҳо чанде аз онҳоро таъкид кунем.

Аввалин мушкилоте, ки дар соҳаи савдои фосилавӣ ба вуҷуд меояд, ин мушкили мушаххаси корбарон аст, ки махсусан дар бастани шартнома дар шакли электронӣ ифода меёбад[2]. Аз ин ҷиҳат, шакли созиш дар тиҷорати электронӣ то ба имрӯз як нуқтаи мушкил боқӣ мемонад, зеро муқарраароти қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ки агар ҳама гуна муомилот ба таври шифоҳӣ сурат гирад, агар ягон фармони мушаххаси қонунгузорӣ ё созишномаи ҳизбҳои дигар. Дар ин ҷо, бояд мушкилиҳои марбут ба истифодаи имзои электронӣ, инчунин мушкилоти ҳифзи маълумоти корбаронро қайд кард, ки тибқи он нигоҳдорӣ ва коркарди маълумоти шахсии шаҳрвандон бояд танҳо дар қаламрави кишвар сурат гирад, ки дар навбати худ ҳангоми

---

[1] Архипов В.В., Килинкарова Е.В., Мелащенко Н.В. Проблемы правового регулирования оборота товаров в сети Интернет: от дистанционной торговли до виртуальной собственности // Закон. - 2014. - с. 124 (С. 120-143).

[2] Саинская Л.А. Проблемы защиты прав потребителей при дистанционной торговле через сеть «Интернет» // Отечественная юриспруденция. – 2015. - № 1(1). – С.211. (С. 21-24)

харидани мол аз мағозаҳои интернетии хориҷӣ баъзе мушкилот эҷод мекунад[1].

Мушкилоти дуввуми савдои фосилавӣ миёнаравони иттилоот аст. Ҳангоми харидани мол аз масофа, харидор бояд ба маълумоти пешниҳодкардаи фурӯшанда дар бораи худ, дар бораи маҳсулот ва шартҳои харид диққати ҷиддӣ диҳад. Тавре ки қаблан зикр шуда буд, фурӯшанда вазифадор аст ба харидор маълумот дар бораи хосиятҳои асосии истеъмолии мол ва суроғаи (маҳалли ҷойгиршавии) фурӯшанда, маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ, маҳалли ҷойгиршавии воқеиро пешниҳод намояд. (суроға), мавҷудияти патент ё иҷозатнома, дар бораи ҷои истеҳсоли мол, номи пурраи ширкат (номи) фурӯшанда, дар бораи нарх ва шартҳои хариди мол, дар бораи таҳвили он, мӯҳлати хидматрасонӣ, мӯҳлати анҷом ва мӯҳлати кафолат, дар бораи тартиби пардохти мол, инчунин дар бораи давраи пешниҳоди бастани шартнома, маълумот дар бораи тартиб ва вақти баргардонидани мол ва дар ин ҷо мушкилот ба миён меоянд.

Гап дар сари он аст, ки маълумот дар бораи фурӯшанда дар вебсайти интернет ҷойгир карда мешавад, аммо худи вебсайт моддӣ нест ва маҷмӯи иттилоот ва нармафзор аст: аз ин сабаб он наметавонад асоси муассисаи доимӣ гардад. Дар байни чизҳои дигар, аксарияти соҳибони сайтҳо дар Интернет ҳамчун соҳибони серверҳо амал намекунанд, аз ин рӯ, барои ҷойгир кардани сайт дар ягон сервер, онҳо бояд ба созмонҳои махсусе муроҷиат кунанд, ки таҷҳизоти мувофиқ доранд ва мувофиқи онро таъмин мекунанд. хизматрасонӣ. Инчунин мумкин аст, ки маълумот дар бораи фурӯшанда дар сайт беэътибор ё ҳатто бардурӯғ аст ва он гоҳ комилан маълум нест, ки агар ӯ мехоҳад молро баргардонад ва пули пардохтшударо ҷамъ кунад, ба кӣ ва ба куҷо муроҷиат кунад.

Мушкилоти миёнаравҳои иттилоотӣ дар шакли савол дар бораи дараҷаи имконпазир ва иҷозатдодаи масъулони соҳибони сайтҳо, ки операторони платформаҳои савдо мебошанд, барои маълумоте, ки дар сайтҳои онҳо ҷойгир шудаанд, ифода карда мешавад.

Ҳамчун мушкили сеюми фурӯши фосилавӣ, масъалаи юрисдиксияро, ки дар давраи тиҷоратикунонии Интернет дар нимаи

---

[1] О персональных данных: Закон ДНР № 61–IНС от 19.06.2015 года (ред. от 24.04.2020) / Официальный сайт Народного Совета ДНР [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://dnrsovet.su/zakon-donetskojnarodnoj-respubliki-o-personalnyh-dannyh/ (дата обращения: 30.01.2021). –Загл. с экрана.

аввали солҳои 90 -уми асри XX аҳамияти хос пайдо кардааст, бояд қайд кард. Бо назардошти мураккабӣ ва пайдоиши инфрасохтори шабакавӣ, инчунин захираҳои технологии байни қаламравҳои мухталиф, қоидаҳои анъанавии муайян кардани салоҳият наметавонанд дар шакли аслии худ дар муносибатҳое, ки дар Интернет ба вуҷуд меоянд, татбиқ карда шаванд. Ин мушкилот боиси баҳсҳои зиёде дар бораи имкони татбиқи қонунгузории миллӣ оид ба ҳифзи истеъмолкунандагон ё муқарраротИ инфиродии он дар муносибатҳои марбут ба фурӯши масофа аз хориҷа мегардад.

Проблемаи чоруми тиҷорати электронӣ мушкилоти танзими ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Дар ин ҳолат, ҷудо кардани ин ҷанбаи мушкилот дар доираи қонунгузорӣ шояд то ҳадде номуносиб ба назар расад.

Дар систематикунонии тамоми гардиши тиҷорати электронӣ шумораи зиёди созмонҳои мухталифи байналмилалӣ иштирок мекунанд, аммо на танҳо маҷмӯи маълумоти электронии тиҷоратӣ, балки танҳо масъалаҳои мушаххаси мушаххас бояд танзим карда шаванд. робитаи байни созишномаҳои мавҷудаи байналмилалӣ ва муносибатҳои воқеан навбунёди корӣ, ки дар он мубодилаи электронии маълумот.

Хулоса. Дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки дар айни замон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ камбудиҳо мавҷуданд, ки боиси мушкилоти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мегарданд.

Бо назардошти ин, ба самтҳои зерини рушди қонунгузорӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти ҳуқуқие, ки ҳангоми фурӯши фосилавӣ ба вуҷуд меоянд, диққат додан зарур аст:

1. Бо мақсади муқаррар намудани қоидаҳои ягонаи бозори тиҷорати электронӣ, инчунин васеъ намудани дастгоҳи консептуалии ин соҳа, бояд қонунгузорӣ дар соҳаи фурӯши фосилавии мол ба низом дароварда шавад;

2. Зарурати асоснок сохтани заминаи меъёрӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳо барои худтанзимкунии фаъолияти соҳибкороне, ки ба фурӯши фосилавии мол дар Интернет машғуланд, ки ташкили феҳристи огоҳиҳоро пешбинӣ мекунанд, вуҷуд дорад. метавонист номи домении мағозаи онлайнро бо як соҳибкори мушаххас пайванд кунад. Ин навоварӣ то андозае мушкилоти

андозбандии тиҷорати электрониро ҳал хоҳад кард, ки он ҳам дар воқеъиятҳои ҳуқуқии ба вуҷуд меояд;

3. Барои корбарони оддии шабакаи компютерӣ муттаҳидсозии қонунии кафолатҳоро талаб мекунад. Дар ин самт, имконоти зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

- дар бораи хусусиятҳои шартномаи электронӣ ҳам бевосита аз ҷониби фурӯшанда ва ҳам аз ҷониби миёнарави иттилоот маълумот пешниҳод кардан лозим аст;
- дар сатҳи қонунгузорӣ рӯйхати ҳадди ақали иттилоотро ҳангоми бастани шартномаи электронӣ пешниҳод кардан, инчунин шакли пешниҳоди чунин маълумотро ислоҳ кардан лозим аст;
- талабот дар бораи бақайдгирии ҳатмии сайти тиҷоратӣ, инчунин пешниҳоди маълумот дар бораи шахси ҳуқуқие, ки маълумоти худро дар он ҷойгир мекунад ва дар бораи миёнарави иттилоот, ки фаъолияти сайтро таъмин мекунад, бояд ба таври қонунӣ муттаҳид карда шавад;
- масъулияти миёнаравони иттилоотро барои пешкаш накардани маълумоти зикршуда муқаррар кардан лозим аст.

Ҳангоми таҳлили равишҳои қонунгузорони кишварҳои узви ИА ба ҳалли баҳсҳо бо истеъмолкунандагон, ки аз қарордодҳои тиҷорати электронӣ бармеоянд, инчунин ба муқаррароти қонунҳои миллӣ дар бораи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ муроҷиат кардан лозим аст, зеро чунин баҳсҳо аксар вақт табиатан сарҳад доранд ва ин қонунҳо ҷои баррасии онҳоро ва қонуни амалкунандаро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, тибқи Санади ҳуқуқи байналмилалии хусусии Чехия 201220 (§ 87), шартномаҳо тибқи қонунгузории давлате танзим карда мешаванд, ки бо он шартнома зичтар алоқаманд аст, агар худи тарафҳо қонуни дахлдорро интихоб накарда бошанд. Интихоби қонуни татбиқшаванда бояд бевосита ифода карда шавад ё бидуни шак, аз шартҳои шартнома ё шароити парванда бармеояд. Агар муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартнома бо истеъмолкунанда ба вуҷуд меоянд, бо қаламрави яке аз кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо зич алоқаманд бошанд, агар корбар дар Ҷумҳурии Чех гузаронида шавад, истеъмолкунанда аз ҳимояи қонунгузории Чехия маҳрум карда намешавад. агар тарафҳо қонуни амалкунандаи як кишвари узви Иттиҳоди Аврупоро интихоб накарда бошанд.

Тавре ки аллакай қайд карда шуд, қонунгузории Чехия муқаррароти Дастурамали 2013/11/EU дар бораи ҳалли алтернативии баҳсҳоро барои истеъмолкунандагон ва Низомномаи (EU) No 524/2013 дар бораи ҳалли баҳсҳои онлайнии истеъмолкунандагонро аз 21 майи соли 2013 истифода мебарад.

Ба муқаррароти Кодекси граждании Чехия, ки шартномаҳои фосилавиро бо истеъмолкунандагон бастааст, тағйироти дахлдор ворид карда шуд. Соҳибкор вазифадор аст то истеъмолкунанда маълумотро дар бораи имконияти истифодаи усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо пеш аз бастани шартномаи электронӣ пешниҳод намояд. Бо ин мақсад, соҳибкор дар вебсайти худ платформаи мувофиқи ADR -ро нишон медиҳад.

Дар ҳамин ҳол, соли 2015 Словакия Қонуни махсусро дар бораи ҳалли алтернативии баҳсҳои истеъмолкунандагон қабул кард[1]. Мувофиқи Эзоҳи тавзеҳии ин Қонун, созмоне, ки ҳалли алтернативии баҳсҳоро анҷом медиҳад, бояд барои қатъ кардани он тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳад, аз ҷумла кӯшиш кунад, ки байни истеъмолкунанда ва фурӯшанда бо назардошти манфиатҳои қонунии ҳарду ҷониб созиш ба даст орад. Сухан дар бораи бастани созишномаи мусолиҳа байни истеъмолкунанда ва фурӯшанда меравад, ки бо розигии ҳарду ҷониб ҳатмӣ мебошад. Қонун доираи шартномаҳои истеъмолиро, ки ин Қонун татбиқ намегардад, инчунин асосҳоеро муайян мекунад, ки тарафи баҳси алтернативӣ баррасӣ шуда метавонад аз иҷрои қарор даст кашад. Барои оғози ADR бояд пул пардохт карда шавад, дар ҳоле ки тартиби ADR ройгон аст.

Тибқи ADR, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба фурӯшанда бо дархост дар бораи рафъ,ислоҳи камбудиҳои мол ва хизматрасонӣ муроҷиат кунад, агар ӯ бо қонеъ кардани шикояти қаблан ба фурӯшанда фиристодашуда розӣ набошад ё фикр кунад, ки фурӯшанда шикояти ӯро вайрон кардааст ҳуқуқҳо. Яъне, пеш аз оғози ҳалли алтернативии баҳсҳо, истеъмолкунанда бояд кӯшиш кунад, ки онро мустақиман бо фурӯшанда ҳал кунад.

ADR аризаи воридшударо баррасӣ мекунад ва муайян мекунад, ки оё баррасии алтернативӣ мавҷуд аст ё онро рад мекунад. Ҳамин тавр, истеъмолкунанда метавонад аризаи худро тавассути платформаи

[1] Zákon č. 391/2015 Z. z. o alter natívnom riešení spotrebiteľskýchsporova o zmenea doplnení niektorýchzákonov.

онлайн пешниҳод кунад. Тибқи қонун, ташкилотҳои ARS Идораи танзими саноати шабакавӣ, Идораи танзими алоқаи электронӣ ва хадамоти почта ва Бозрасии тиҷорати Словакия мебошанд. Дар хотир доред, ки Бозрасии тиҷорати Словакия ҳуқуқ дорад баҳсҳоеро ҳал кунад, ки ба салоҳияти дигар мақомот дохил намешаванд, ба истисноии баҳсҳое, ки аз шартномаҳо оид ба расонидани хадамоти молиявӣ ба миён меоянд.

Рӯйхати субъектҳои ADR дар вебсайти Вазорати иқтисодиёти Словакия мавҷуд аст. Ҳуқуқи интихоби ин ё он ташкилоти ADR ба истеъмолкунанда тааллуқ дорад. Ҳамзамон, муқаррароти шартнома, ки истеъмолкунандаро маҷбур месозад ҳалли баҳсро бо ташкилоти пешакӣ муайяншуда ба инобат нагирад.

Агар дар натиҷаи баррасии алтернативии баҳс созишномаи мусолиҳа ба даст наоянд ва ташкилоти ARS асос дорад, ки шубҳа дошта бошад, ки фурӯшанда ҳуқуқи истеъмолкунандаро поймол кардааст, баррасӣ бо додани ақидаи асоснок анҷом меёбад, ки наметавонад шикоят кардааст ва бинобар мундариҷаи иттилоот аз ҷониби суд мавриди баррасӣ қарор дода намешавад. Сарфи назар аз хусусияти ҳатмии ин андешаи асоснок, он метавонад барои истеъмолкунанда, агар ӯ тасмим гирад, ки ба суд даъво пешниҳод кунад, метавонад дастгирии муҳим гардад.

Дар доираи савдои фосилавӣ фурӯшанда воқеан имкон надорад, ки молро дар мӯҳлати муқарраршуда, инчунин ройгон ба харидор барои истифодаи муваққатӣ дар давраи иваз кардани моли истифодаи дарозмӯҳлат дар давоми се рӯз иваз намояд. Бинобар ин зарур аст барои савдои фосилавӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо мӯҳлати зайл0 муқаррар карда шавад: 45 рӯз аз лаҳзаи фиристодани мол ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) ва иваз кардани моли сифати номуносиб; 30 рӯз аз рӯзи гирифтани он ва дар ҳолати зарурати санҷиши иловагии сифати ин мол аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) - 45 рӯз аз рӯзи гирифтани он молҳо). Илова бар ин лозим аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қоида оид ба он, ки фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) уҳдадор нест ба

истеъмолкунанда барои моли дорои хосиятҳои асосии истеъмолӣ ройгон барои истифодаи муваққатӣ мол пешниҳод кунад.

**Руйхати адабиёт:**


1. Архипов В.В., Килинкарова Е.В., Мелащенко Н.В. Проблемы правового регулирования оборота товаров в сети Интернет: от дистанционной торговли до виртуальной собственности // Закон. - 2014. - с. 124 (С. 120-143).
2. Саинская Л.А. Проблемы защиты прав потребителей при дистанционной торговле через сеть «Интернет» // Отечественная юриспруденция. – 2015. - № 1(1). – С.211. (С. 21-24)
3. О персональных данных: Закон ДНР № 61–IНС от 19.06.2015 года (ред. от 24.04.2020) / Официальный сайт Народного Совета ДНР [Электронный ресурс]. -Режим доступа: https://dnrsovet.su/zakon-donetskojnarodnoj-respubliki-o-personalnyh-dannyh/ (дата обращения: 30.01.2021). –Загл. с экрана.
4. Гражданский Кодекс ДНР: Закон ДНР от 13.12.2019 № 81-IIНС (ред. от 25.12.2020) / Официальный сайт Народного Совета ДНР [Электронный ресурс]. –Режимдоступа: https://dnrsovet.su/zakonodatelnayadeyatelnost/prinyatye/zakony/grazhdanskij-kodeks-donetskoj-narodnoj-respubliki/ (дата обращения: 30.01.2021). –Загл. с экрана
5. Зенин И. А. Гражданское и торговое право зарубежных стран: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2018. С. 115.
6. Ермолина И.В. Проблемы защиты прав потребителей при покупке товаров дистанционным способом// Мировая наука. 2019. № 11 (32). С. 132-136.

**Аслонзода С.Н. –**
**аспиранти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

# ПРИНСИПҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

Принтсипи таъмини ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба дастрасии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун ба воситаҳои зарурии инкишофи қобилиятҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии шахсият барои ҳама табақаҳои шаҳрвандон ва гуруҳҳои аҳолӣ бояд кафолат дода шавад. Дар алоқамандӣ бо ин устувори ҳуқуқӣ ҳар як фард ба шуғли озодона бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба мақсад мувофиқ аст, ки ба намуди ҳуқуқи тадқиқ шудаистода тарзҳои махсуси амалишавӣ мебахшад, онро бо ҳимояи ҳуқуқии баландсифат таъмин месозад, имконияти тағйир додан ё бекор кардани онро дар ҳудуди Конститутсияи амал карда истода аз байн мебарад. Ҳуқуқ заминаи иҷтимоии мавҷудияти инсон, шахсият мебошад; ҳуқуқ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тамаддунҳои гуногун оҳанги гуногун дорад.

Таъмин намудани аҳолӣ бо миқдори зарурии иншоотҳои варзишӣ; ҷорӣ намудани тартиботи истифодабарии аҳолӣ аз ин иншоотҳо бо баҳисобгирии имкониятҳои гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ; таъмин ва дастгирӣ намудани ташкилёбии муассисаҳои таҳсилоти иловагии равияи варзиш; ҳавасмандкунии гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ вазифаи давлат аст[1].

Мафҳуми ҳуқуқи машғулшавӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷузъи комили статуси ҳуқуқии шахсият мебошад. Таъкид меравад, ки дар раванди амалишавии ҳуқуқи мазкур субъектҳои он, инчунин ҳуқуқу вазифаҳои тарафҳо аниқ муайян карда мешаванд, яъне ҳуқуқи шаҳрвандон ва вазифаҳои давлат, ки бо амалигардонии ҳуқуқи онҳо барои машғул гаштан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз шохаҳои соҳаи иҷтимоӣ ҳастанд, ки маҷмӯи вазифаҳои иҷтимоӣ -фарҳангиро иҷро менамоянд[2].

---

[1] Рибчич И.Е. Правовое регулирование государством развития физической культуры и спорта - доминирующее направление управленческой стратегии страны// Политическое управление: научный информационно-образовательный электронный журнал. 2015. № 2 (10). С. 30-37.

[2] Гребнев Р. Д. Конституционно-правовые вопросы государственного управления спортом / Р. Д. Гребнев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия Юридические науки. - Москва. - 2011. - № 2. - С. 22-28.

Устуворгардонии қонунҳо ва дастурамалҳои асосии сиёсати давлатӣ дар санадҳои қувваи баланди ҳуқуқӣ дошта ба давлат имконияти муайян намудани самтҳо дар фаъолияти худ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, мақомотҳои ҳокимияти иҷроия дар тартиб додани барномаҳои мақсаддори сатҳи гуногун бо баҳисобгирии равияҳои асосии муқаррари сиёсати дохилӣ ва берунаи давлат фароҳам меоварад. Дафъатан бояд қайд намуд, ки сиёсати давлат воситаи чандириест ва имконияти баҳисобгирии тағйирёбиҳои шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ, талабот ва завқи ҷомеаро дар ин ё он соҳа фароҳам меоварад, бинобар ин дар қонунҳо (санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии бештар устувор) фақат раванд ва принтсипҳои асосии сиёсати давлатӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 рақами 243 «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» қонунгузорӣ оиди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз рӯйи принтсипҳои зерин асос ёфтааст: -масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳаҳо, ташкилотҳо, инчунин шахсони масъул барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба машғулият бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

-ягонагии базаи меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-кафолати ҳуқуқҳо барои машғулият бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва дастрасии он ба ҳама қишрҳои аҳолӣ;

-таъмини бехатарии ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ -тамринӣ ва чорабиниҳои варзишӣ;

-эҳтиром ва риояи ӯҳдадориҳои байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

-мусоидат намудан ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар байни гуруҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ беҳимоя (шахсони дорои маҳдудияти имкониятҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, маъюбон, ятимон, фарзандони оилаҳои камбизоат ва ғ.);

-ҷалб кардани ҷавонони дар вазъияти мушкили ҳаёт буда ба варзиш, инчунин пешгирии зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, аз ҷумла нашъамандӣ, шаробзадагӣ ва ҷиноятсодиркунӣ дар байни ҷавонон;

-ҳамкории намояндаи мақомоти давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо федератсияҳои варзишӣ[1].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти 2007 № 243 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2007. - №3 - мод.176; 2012. - № 825.

Принтсипи якум (принтсипи бефосилагӣ ва муттасилии тарбияи ҷисмонии гуруҳҳои гуногуни синнусолии одамон дар ҳамаи давраҳои ҳаёти онҳо) маънои онро дорад, ки давлат дар назди худ мақсад мегузорад, ки ҳамаи гуруҳҳои синнусолии аҳолиро бо чорабиниҳои варзишӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва беҳдошти саломатӣ фаро гирад. Кори мақомотҳои давлатӣ, мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ чунин бояд ба роҳ монда шавад, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳаёти инсон ҳамеша, аз солҳои кӯдакӣ то пиронсолӣ, вуҷуд дошта бошанд. Равандҳои мувофиқи кор дар муассисаҳои томактабии кӯдакона пешбинӣ шудаанд, баҳайси фанни ҳатмӣ ба барномаҳои мактабӣ дохил гардидаанд, дар ҷойи кор ва зист гузаронида мешаванд.

Принтсипи мазкури сиёсати давлатӣ бо принтсипи баҳисобгирии манфиати ҳама шаҳрвандон зимни коркард ва амалигардонии барномаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷониби шаҳрвандон шинохтани масъулият барои солимӣ ва вазъи ҷисмонии худ алоқамандии зич дорад. Чорабиниҳое, ки ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудаанд, натанҳо ба барномаҳои мақсадноки рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, балки ба барномаҳои дигари раванди иҷтимоӣ метавонанд дохил гарданд.

Принтсипи баъдина- шинохтани мустақилияти ҳамаи иттиҳодияҳои варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ва баробарии ҳуқуқҳои онҳо ба дастгирии давлат маънои онро дорад, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба фаъолияти иттиҳодияҳои варзишӣ, ки дар чаҳорчӯбаи қонун сурат гирифта бошад, набояд дахолат кунанд. Иттиҳодияҳои варзишӣ имконияти гирифтани кӯмак аз тарафи давлатро доранд ва дар мувофиқа бо низомномаҳои худ худидоракунанда буда мустақил фаъолият мекунанд.

Принтсипи чаҳоруми сиёсати давлатӣ муносибати давлатро ба тарафи молиявии ташкил ва рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян менамояд: барои созмонҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва варзишӣ-техникӣ, ҳаракати олимпии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин барои муассисаҳои саноати варзиш бояд шароити мусоиди маблағгузорӣ фароҳам оварда шавад. Ба андозаи калон амалишавии принтсипҳои боқимонда аз дастгирии молиявии давлат, худидоракунии маҳаллии равияҳои дахлдор, аз дастрасии объектҳои инфрасохтори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба шаҳрвандони қаторӣ

вобастагӣ дорад. Бар замми ин сухан на дар бораи маблағгузориҳои бевосита, балки дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди маблағузорӣ меравад. Ҳамин тавр, маблағгузорӣ метавонад ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ бошад, вале новобаста аз ин давлат фароҳам овардани шароити мусоидро ба ӯҳдаи худ мегирад.

Қонун «шароити мусоид» гуфта чиро дар назар дорад, дар ин бора ҳарфе нест, лекин метавон фарзия пешниҳод намуд, ки сухан ин ҷо оиди ҳавасмандкунии маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо роҳи пешкаш кардани имтиёзҳо, қарздиҳӣ, дастгирии маъмурии сохтмонҳои аҳамияти иҷтимоӣ дошта ва ғ. меравад.

Инак, имконияти ба таҳлил фаро гирифтани масъалаи рушди принтсипҳои мазкур дар доираи сиёсати давлатие, ки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба сомон мерасонад, фаро расид.

Кумитаи мазкур бо мақсади амалигардонии ваколати худ дар соҳаи муайяни фаъолият ҳуқуқ дорад:

-аз мақомотҳои иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб кардан ва гирифтани маълумотҳои зарурӣ бо мақсади амалисозии босифати сиёсати давлат оиди ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва инчунин барои қабули қарорҳо аз рӯйи масъалаҳои дар ихтиёри Кумита буда;

-таъсис додани нишонаҳои соҳавии хизмати шоиста, бо он мукофотонидани кормандон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои дастовардҳои бузург дар соҳаи муқаррарии фаъолият;

-ҷалб намудани созмонҳои илмӣ ва дигарҳоро, олимон ва мутахассисонро барои ҳалли масъалаҳои соҳаи муқаррарӣ;

-созмон додани мақомотҳои мутобиқатӣ, машваратӣ ва мумайизӣ (шӯроҳо, комиссияҳо, маҳфилҳо, гуруҳҳо), коллективҳои эҷодӣ ва меҳнатӣ барои амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои муайяни соҳа, ки ба ихтиёри Кумита дода шудааст ва тасдиқи дастурҳои он;

-таъсис ва барҳам додани муассисаҳо ва созмонҳои тобеи Кумита буда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-созмон додани нашрияҳои чопӣ ва воситаҳои ахбори умум барои ба табъ расонидани санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ ва паҳнкунии иттилоот дар соҳаи муқаррарии фаъолият, эълонҳои расмӣ, ҷойдиҳии дигар маводҳо оиди масъалаҳои ба ихтиёри Кумита ва муассиса ва ташкилотҳои мутааллиқи он.

Дар соҳаи муқаррарии фаъолияташ Кумита ҳуқуқ надорад вазифаҳои тафтиш ва назорат, инчунин вазифаи идораи амволи давлатиро амалӣ гардонад, ба истисно̄и ҳолатҳое, ки бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҳумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Маҳдудиятҳои дар пункти боло зикршуда ба ваколатҳои Раис оиди идоракунии амвол дахл надорад, ки ба Кумита бо вазифаи идоракунии амалӣ, ҳалли масъалаҳои ҳайати кормандон ва масоили ташкили фаъолияти Кумита тасдиқ шудааст. Дар амалисозии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи муқаррари фаъолият Кумита барои муқаррар кардани вазифа ва ваколатҳои мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки дар қонунҳои конситутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд, ҳуқуқ надорад, инчунин ҳуқуқ надорад дар амалӣ шудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ҳуқуқҳои ташкилотҳои тиҷоратии ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ намояд, ба истисно̄и ҳолатҳое, ки имконияти ҷорӣ кардани чунин маҳдудиятҳо дар асоси санадҳои мақомотҳои ваколатдори марказии иҷроияи ҳокимият бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад[1].

Принтсипҳои сиёсати давлатӣ ба андозаи дастгирии давлат амалӣ мешаванд. Яке аз чораҳо маблағгузории ҳамасолаи чорабиниҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз он ҷумла, чорабиниҳо оиди омодагӣ ба иштироки варзишгарон дар Бозиҳои Олимпӣ ва дигар мусобиқоти варзишии байналмиллалӣ аз ҳисоби буҷа мебошанд.

Ҳар сол дар Қонун дар бораи буҷа барои соли муайян маблағҳое пешниҳод мешаванд, ки барои маблағгузории хароҷоти соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш харҷ мешаванд. Пулҳо барои маблағгузории қисми хароҷоти таъминоти тимҳои варзишӣ, баргузор кардани чорабиниҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, сохтмон ва таъмири иншоотҳои варзишии амалкунанда сарф мегарданд. Ҳамин тавр, маблағгузории чорабиниҳо фақат як қисми хароҷотҳои буҷа дар соҳаи мазкур мебошанд. Чораҳои дигари дастгирии давлат ҳам дар

[1] Мақоми Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи с. 2017. №257// Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон АДЛИЯ. Тафсири 6.00 аз 06 12 2019.

асоси маблағгузории бӯҷавӣ амалӣ мегарданд (масалан, таъмини иншоотҳои тарбияи ҷисмонӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва варзишӣ-техникӣ, ки моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд).

Бо вуҷуди ин чун пункти алоҳида ҷудо шудани ин андозаи дастгирии давлат- маблағгузории чорабиниҳо- бениҳоят муҳим арзёбӣ мешавад, агар ба он аз дигар нуқта назар андозем. Ҷамъиятҳо ва ташкилотҳои варзишӣ ба маблағҳои пулӣ танқисӣ ҳис мекунанд, бинобар он бе мадади молиявии давлат онҳо имконияти гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ надоранд, наметавонанд варзишгаронро барои иштирок дар мусобиқаҳои варзишии байналмиллалӣ омода созанд, қудрати дар онҳо иштирок кардан надоранд. Вале на ҳама чорабиниҳои варзишӣ ба умеди мадади давлат шуда метавонанд, бинобар ин ба сифати бартаридоштаҳо Бозиҳои Олимпӣ ва мусобиқоти дигари байналхалқӣ афзалият доранд.

Андозаҳои дигари дастгирии давлат ба вуҷуд овардани шароит барои равандҳои муайяни фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш талаб менамоянд. Ин гуна дастгирӣ фақат маънои маблағгузаронӣ аз бӯҷаро ба равандҳои пешбинишуда надорад, балки, масалан, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони иншоотҳои тарбияи ҷисмонӣ, беҳдошти саломатӣ ва варзиширо низ дар назар дорад; ӯҳдадории дар лоиҳаҳои сохтмонҳо ҷой додани объектҳои мувофиқи варзишӣ, таъмин намудани онҳо бо воситаҳои алоқа ва хизматрасониҳои коммуналӣ; ҳавасмандкунии сохтмон ва нигаҳдошти иншоотҳои варзишӣ дар ҷойи зист шаҳрвандон; пешниҳоди имтиёзҳо дар додани ин ё он маблағҳо ва ғ.

Чунин андозаи дастгирии давлат монанди «фароҳам овардани шароит барои аз тарафи созмонҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва корхонаҳои саноати варзишӣ истифода бурдани захираҳои давлатии молиявӣ, моддӣ-техникӣ ва иттилоотӣ, инчунин коркард ва технологияҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва техникӣ» пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ ва карздиҳӣ, ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмини дастрасӣ ва ошкорбаёнӣ, фармоишҳои давлатӣ барои гузаронидани коркадрҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва техникӣ, инчунин эҷоди технологияҳои нав, пешкаш кардани натиҷаҳои корҳои мазкур ба корхонаҳои саноатӣ.

Фароҳам овардани шароит барои зиёдшавии миқдори ҳамаи навъҳо ва шаклҳои мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, клубҳо дар ҷойи зисти шаҳрвандон, лагерҳои варзишӣ-беҳдоштии кӯдакон ва ҷавонон, диспансерҳои табобатӣ- тарбияи ҷисмонӣ ва устувор

гардонидани базаи моддӣ- техникии онҳо метавонад ташаккули барномаҳои мақсаднокро дар худ ҷой диҳад, аз он ҷумла оиди рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, бо баҳисобгирии зарурати сохтмони мактабҳои варзишии нав, лагерҳои варзишӣ- солимгардонӣ ва объектҳои варзишии дигар, ҳавасмандкунии ин навъи фаъолият, ҷудо намудани биноҳо ва ҳудудҳои зарурӣ, ёрии ташкилӣ- методӣ, таъйин кардани имтиёзҳо дар супоридани маблағҳои андоз ва хизматҳои коммуналӣ, тайёр намудани кадрҳои бомаҳорат барои кор дар ташкилотҳои номбурда, ба иҷора ё истифодаи бемузд супоридани таҷҳизотҳои зарурӣ ва ғ.

Ба гуруҳи алоҳидаи андозаҳои дастгирии давлат масъалаи фароҳам овардани шароит барои истифодаи вусъатноки василаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар устувор кардани саломатии модар ва кӯдак мебошад. Ин боз як таъкидест ба тамоми ҷомеа дар бораи муҳим будани масъалаи саломатии аҳолӣ, ки аз мустаҳкам намудани солимии модару кӯдак сар мешавад. Чораҳои номбаршуда метавонанд дар ташаккули гуруҳҳои махсус барои машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, коркарди методикаҳои махсуси кор бо гуруҳҳои номбурдаи аҳолӣ, дар ташкили чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва беҳдошти саломатӣ барои духтарон ва занон бо баҳисобгирии хусусияти фаъолияти онҳо ва тавсияҳои мутобиқи илмӣ- методӣ ифода ёбанд.

Чунин андозаи дастгирии давлат, монанди ташкили додани иҷозатномаҳо барои фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва сертификаткунонии ҳатмии таҷҳизот ва техникаи варзишӣ бояд сазовори диққати махсус гардад. Иҷозатномадиҳӣ ба гумон аст, ки ҳамчун андозаи дастгирии давлат баҳо дода шавад, зеро ин назорати қатъии мақомотҳои давлатӣ аз болои ин навъ фаъолият мебошад, ки амалӣ шудани он барои шахс ва аҳли ҷомеа хатар эҷод менамояд. Бар замми ин иҷозатномадиҳӣ бешак як ҷузъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад.

Дар марҳилаи ҳозира фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба иҷозатномадиҳӣ фаро гирифта нашудааст. Дар ин замина мо бо ақидаи Аристова Л.В. розӣ нашуда наметавонем. Ӯ бо исрор менависад, ки ба номгӯи намудҳои фаъолияти доштани иҷозатномаро талаб мекардагӣ илова карда шавад: «фаъолияти ташкилотҳои

ғайридавлатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оиди расонидани хизматҳои тарбияи ҷисмонӣ, солимгардонӣ ва варзишӣ»[1].

Сертификаткунонии ҳатмии таҷҳизот ва техникаи варзиширо ҳамчунин ба андозаҳои дастгирии давлат мансуб донистан душвор аст. Чун иҷозатномадиҳӣ сертификаткунонӣ ҳам ин назорат аз болои мувофиқаткунии молҳо ва хизматрасониҳо ба талаботҳои муқарраргӣ, ки пеш аз ҳама ба таъмини бехатарии молҳо ва хизматрасониҳо нигаронида шудаанд, дар мамлакати мо сертификаткунонии ихтиёрӣ ва ҳатмӣ вуҷуд дорад.

Давлат зарур мешуморад, ки фаъолияти ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш оиди омодасозии варзишгарони сатҳи баланд ва иштироки онҳо дар мусобиқоти байналмиллалӣ, ҳавасманд карда шавад. Шаклҳои ҳавасмандкунӣ дар қонуни мазкур муайян карда нашудаанд, вале ба хулоса омадан мумкин, ки инҳо ҳам ҳавасмандкунии маънавӣ ва ҳам моддӣ мебошанд.

Давлат наметавонад талаботҳои моддӣ ва молиявии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро пурра таъмин намояд, вале он метавонад шароит фароҳам оварад, то шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии нисбат ба варзиш бепарво набуда тавонанд дар дастгирии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ихтиёрӣ иштирок намоянд. Бо ҳамин мақсад ҳавасмандкунии ҳимоятгарӣ ва эҳсонкорӣ эълон карда мешавад.

Воқеан, қонунгузории амалкунандаи андоз дар амал ин гуна ҳавасмандкуниро намеписандад. Аз соли 1998 то соли 2002 шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои худ хайроти бо мақсади эҳсонкорӣ додаро тавонистанд «беандоз» гардонанд. Ба сифати яке аз равандҳои дастгирии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш давлат тарғиботи ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ва олимпии Тоҷикистон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ба пуррагӣ таъмин менамояд. Тарғиботро мақомотҳо ва созмонҳои гуногуни давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ пеш аз ҳама ба василаи воситаҳои ахбори умум амалӣ мегардонанд, вале шаклҳои дигари он низ мавҷуданд, масалан, гузаронидани машғулиятҳо, дохил кардани мавзуҳои мувофиқ ба барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ва ғ.

Дар рафти ин тадқиқот ба мафҳуми аз ҷониби қонунгузорӣ тасдиқшудаи сохтори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун маҷмӯи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки фаъолиятро бо мақсади тарбияи ҷисмонии аҳолӣ ва рушди варзиш дар Тоҷикистон ба роҳ

[1] Аристова Л.В. Лицензирование в спорте. - //Теория и практика физической культуры, 1999. - №4. - С. 12

мемонанд, бояд шарҳ дод. Сохтори номбурда бо субъектҳои ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаи ваколати онҳо тавсиф карда мешавад. Субъектҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш инҳоянд:

-мақомоти давлати ваколатдор дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- мақомоти маҳаллии ваколатдори ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

-ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин клубҳои варзишӣ (тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, варзишӣ-техникӣ, варзишӣ-солимгардонӣ);

-Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон;

-федератсияҳои варзишӣ (иттиҳодияҳо, ҷамъиятҳо);

-муассисаҳои илмии таҳсилотии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

-мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, клубҳои омодагии ҷисмонии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои варзишӣ-техникии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсусгардонидашудаи захираҳои олимпии кӯдакон ва наврасон; мактабҳои захираҳои олимпӣ; мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ; марказҳои омодагии варзишӣ; марказҳои тайёрии олимпӣ;

- ҷамъиятҳои ихтиёрии варзишии иттифоқҳои касаба;

-шаҳрвандони машғули тарбияи ҷисмонӣ, варзишгарон, доварони варзиш, инчунин мураббиён (тренерҳо) ва дигар мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

Ҳамин тавр, мо чаҳор принтсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян менамоем: принтсипи мутассилӣ ва давомати тарбияи ҷисмонц, принтсипи баҳисобгирии манфиатҳои кулли шаҳрвандон дар коркард ва амалигардонии барномаҳои федералии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, принтсипи эътироф кардани мустақилияти ҳамаи иттиҳодияҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ҳуқуқҳои баробар доштани онҳо ба дастгирии давлат, инчунин принтсипи фароҳам овардани шароити мусоиди маблағгузории ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, варзишӣ-техникӣ, ҳаракати олимпии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин корхонаҳои саноати варзишӣ.

Таҳлили амалишавии принтсипҳои мазкури сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш имкон медиҳад хулоса намоем, ки

дар даҳсолаи охир асосҳои танзими ҷараёни идоракунии давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳаҷми пурра қариб ҳеҷ гоҳ иҷро нагардидааст. Фақат ба баъзе равандҳо афзалият дода шуда буд: омода намудани варзишгарон ба мусобиқоти байналмиллалӣ, ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ҳифзи баъзе объектҳои инфрасохтори варзиш, ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои варзишӣ-техникӣ, дастгирии ташкилотҳои варзишии алоҳида, ҳамкории байналмиллалӣ.

Андозаи дастгирии давлатии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хусусан он қисме, ки маблағгзориро аз бӯҷаҳои дахлдор талаб мекунад, дар шакли маҷмӯи чорабиниҳо даровarда ба барномаҳои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин ба барномаҳои дигари мақсадноки раванди иҷтимоӣ дошта дохил карда шуданд. Барномаҳои мақсаднок бо нишондоди захираҳо, иҷрокунандагон, мухлатҳо амалишавии маҷмӯи чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ- нақшакашӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва дигар чорабиниҳо, ки ҳалли самараноки масъалаҳои соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, иқтисодӣ, ҳифзи табиат, иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд, фаро мегиранд.

Барномаҳои мақсаднок яке аз воситаҳои муҳимтарини амалишавии сиёсати давлат, таъсиррасонии фаъоли он ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ҷараёни кор оиди тартиб додани барномаҳои мақсаднок ба марҳалаҳои зерин ҷудо карда мешаванд: коркарди лоиҳаи контсептсияи барномаи мақсаднок; қабули қарор оид коркарди лоиҳаи барномаи мақсаднок ва тасдиқи контсептсияи ин барнома; коркарди лоиҳаи барномаи мақсаднок; мутобиққунонии лоиҳаи барномаи мақсаднок; санҷиши мумайизии лоиҳаи барномаи мақсаднок, аз ҷумла аз ҷониби мумайизони озод; муҳокимаи лоиҳаи барномаи мақсаднок дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмили барномаи мақсаднок дар мувофиқа бо мулоҳизаҳо; тасдиқи барномаи мақсаднок.

Ҳамчун ташаббускори ҳалли масъалаҳои ҳалталаби гузошташуда бо методҳои барномавӣ метавонад ҳар як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад намояд. Мутобиқи барномаҳои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо ташаббусҳо федератсияҳои намудҳои гуногуни варзиш, ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷумла Кумитаи олимпии Тоҷикистон, дигар субъектҳои манфиатдор метавонанд баромад намоянд.

Дар асосноккунии зарурати ҳалли масоили ҳалталаб бо усулҳои барномавӣ бартарӣ ва ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, равияҳои сиёсати сохторӣ ва илмӣ-техникӣ, пешгӯиҳои рушди талабот ва захираҳои молиявии умумидавлатӣ, натиҷаи таҳлили вазъи иқтисодӣ. иҷтимоӣ ва экологии мамлакт, шароитҳои сиёсат ва иқтисодиёти берунӣ, инчунин шартномаҳои байналмиллалӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Барномаҳо вобаста аз сатҳашон аз ҷониби мақомотҳои ваколатдор тасдиқ карда мешаванд. Барои тасдиқи барномаҳо ин гуна мақомот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар асоси таклифҳои пешниҳодшуда дар бораи омода намудани барномаи мақсадноки мувофиқ қарор қабул менамояд, муҳлатҳо ва арзиши коркард ва фармоишгари давлатиро муайян менамояд.

Сарчашмаҳои маблағгузории барномаҳои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маблағҳои буҷаҳои дахлдор ва манбаҳои ғайрибуҷавӣ, даромадҳо аз гузаронидани лотереяҳои варзишӣ мебошанд.

Ба манбаъҳои ғайрибуҷавӣ, ки ба малағгузории барномаҳои мақсаднок ҷалб карда мешаванд, инҳо дохил мешаванд: пардохтҳои иштирокчиёни амалишавии барнома, аз ҷумла муассиса ва ташкилотҳои бахшҳои иқтисодии давлатӣ ва ғайридавлатӣ; маблағҷудокунии мақсаднок аз даромади софи корхонаҳои дар амалишавии барномаҳо манфиатдор; қарзҳои бонкӣ, воситаҳои фондҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ, маблағгузорони хориҷии ба амалишавии барномаҳо (ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо) манфиатдор ва мадохилоти дигар.

Барои амалишавии барномаҳои мақсаднок фондҳои махсус ташкил ёфта метавонанд. Манбаҳои воситаҳои ба ин фондҳо равонашаванда инҳоянд: даромади софи дар ихтиёри корхона ва ташкилотҳо монда; воситаҳои буҷаҳо; маблағҳои фондҳои ғайрибуҷавӣ ва ғ. Маблағгузорони хориҷӣ дар асоси ширкати саҳмӣ ба маблағгузории барномаҳои мақсаднок роҳ дода мешаванд, ҷалби сармояи хориҷӣ ба амалишавии чорабиниҳои барномавӣ дар мувофиқа бо қонунгузорӣ оиди инвеститсияҳои хориҷӣ ба роҳ монда мешавад. Ба ғайр аз манбаъҳои номбурда маблағгузориҳои чорабиниҳои барномавӣ дар ифоқа бо қонунҳои амалкунанда қарзҳои инвеститсионӣ ва конверсионӣ буда метавонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат рушди саноати варзиширо (аз ҷумла сохтмони корхонаҳои нави саноати варзиш ва азнавсозии

корхонаҳои мавҷударо) дар мувофиқа бо барномаҳои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзишии ҳамаи сатҳҳо дастгирӣ кӯмак менамояд. Муттаасифона, андозаи мазкур механизми иҷроиш надорад. Андозаҳои дастгирии давлат, ки дар амалҳои муайяни мақомотҳои давлатӣ ифода мегарданд, бояд батартибдарории воқеии ҳуқуқиро доро бошанд (имтиёзҳои андозбандӣ ва дигараш, фароҳам овардани шароити воқеии рушд бо ширкати давлат, сохтмони корхонаҳои саноати варзишии нав ва такмилдиҳии пештар мавҷудбуда, маблағгузории лоиҳаҳои аниқи рушди соҳаи саноати варзишӣ). Воситаҳо барои маблағгузории барномаҳои махсуси рушди саноати варзишӣ метавонанд дар натиҷаи идоракунии давлатии гузаронидани лотереяҳои варзишӣ ба даст оянд, вале алҳол фақат танзими давлатии иҷозатномадиҳии ин намуди фаъолият ба амал бароварда мешавад.

Дар байни равияҳои асосии ислоҳот навсозӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаи иҷтимоӣ дар барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, марказикунонии захираҳои молиявии давлат барои пешниҳоди пурарзиш ва хушсифати хизматрасониҳои ройгон, ки онҳоро Конститутсия кафолат медиҳад, аз тарафи дигар, инкишофи гуногунии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасониҳои дигар ва вусъати механизмҳои бозории пешниҳоди онҳо нишон дода мешуд.

Чунин пешравиҳои институтсионалӣ метавонанд танҳо дар ҳолати вусъат ёфтани имкониятҳои ташаккули бозори рақобатноки хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, гузариш ба фармоишҳои озмунӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо самаранок буда метавонанд.

Дар асоси эҷоди меъёрҳо принтсипҳои бозории сиёсати иҷтимоӣ ва талаботи қатъии вусъати шаклҳо ва роҳҳои пешкаши хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба асоси як қатор барномаҳои маҷмӯии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузошта мешавад. Дар ин ҳолат баҳисобгирии «таназзули бозор»-и дар пешниҳоди хизматрасониҳои оммавӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ҷой доштаро тавсия додан мумкин аст.

Дар амал ҷорӣ кардани принтсипҳои бозор дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ алҳол хеле маҳдуд аст. Ба қатори масоили ҳалталаби ин соҳа дохил мешаванд: вуҷуд надоштани рақобати воқеӣ дар шаҳрҳои хурд, миёна ва дар баъзе шаҳрҳои калон ва мавҷуд набудани таҷрибаи мувофиқи технологияи аниқи эҷоди вазифаҳои техникӣ дар хизматрасониҳо бо сохтори муайяни нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ ба натиҷаҳо, ва инчунин ноилшавӣ ба мувофиқати иҷтимоӣ ва самаранокии хизматрасониҳои

ройгон, қисман ройгон ва пулакӣ, хизматрасониҳои асосӣ (самараи иҷтимоӣ ба онҳо кафолати конститутсионӣ додааст) ва иловагӣ.

Дар қатори принтсипҳои асосӣ, ки бояд сиёсати самараноки буҷавиро таъмин намоянд, тавҷеҳи хароҷотҳои буҷавӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои иҷтимоӣ- иқтисодии ниҳоӣ ва принтсипҳои озмунии тақсимоти захираҳои буҷавӣ дохил мешаванд. Ин принтсипҳоро ба назар гиифта сиёсати буҷавии давлат дар соҳаи хароҷотҳо ташаккул меёбад. Яке аз равияҳои асосии он дар банақшадарорӣ ва иҷроиши буҷа дохил кардани принтсипи барномавии мақсаднок мебошад.

Дар ҳудуди равияи мазкур сохтори тақсимоти маблағҳои буҷавӣ дар байни барномаҳо, ки барои ҳалли масоили шадиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона шудааст, коркард ва дохил карда шуда истодааст. Илова бар ин ислоҳоти сохтори муассисаҳои буҷавӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳадафи ислоҳот дар ихтисори бахши давлатӣ ва баландкунии ҳамзамони самаранокии он мебошад. Ихтисоркунии бахши давлатӣ бояд аз ҳисоби гузариши қисме аз ташкилотҳои буҷавӣ ба бахши хусусӣ ба тарзи ихтиёрӣ дар шароити камкунии даврагии қисми буҷавии маблағгузории онҳо ба амал ояд. Ин гуна ташкилотҳо дар асоси озмун дар тақсимоти маблағҳои буҷавӣ иштирок карда барои иҷроиши ӯҳдадориҳои худ пурра ҷавоб медиҳанд. Ташкилотҳои буҷавии боқимонда мустақилияти молиявии худро аз даст медиҳанд аз ҳисоби буҷа аз рӯйи сметаи хеле устувор маблағҳоро истифода менамоянд.

Аз рӯйи қонунгузории амалкунанда муассиса ин ташкилотест, ки аз тарафи сармоядор барои амалишавии вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоӣ- фарҳангӣ ва дигар амалиётҳои хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта ва аз ҳисоби ӯ пурра ё қисман маблағгузоришаванда барпо карда шудааст. Муассиса дар муносибат ба амволи ба он супоридашуда дар вобастагӣ бо мароми фаъолияти худ, супоришҳои сармоядор ва таъйиноти молу мулк ҳуқуқи соҳиб будан, истифода бурдан ва идора кардани онро амалӣ мегардонад. Муассиса аз рӯйи ӯҳдадориҳои худ барои маблағҳои дар ихтиёри худ дошта ҷавоб медиҳад. Дар ҳолати камомади маблағҳои пулӣ дар асоси ӯҳдадорӣ ҷавобгариро соҳиби молу мулк ба души худ мегирад.

Чунин тарзи хоҷагидорӣ барои вазъи молиявии тафриқавии муассисаҳо мусоидат менамояд. Азбаски ҳадафи ташкилотҳои буҷавӣ иҷро намудани вазифаҳои иҷтимоӣ аст, асоси ҳолати буҷавии онҳоро самаранокӣ ва натиҷанокии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ташкил

медиҳад. Вале даромадҳои ғайрибӯҷавии муассисаҳо на аз натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои онҳоро идоракунанда, балки бештар аз мавқеи ҷойгиршавии биноҳои онҳо, аз маблағгузориҳои давраи пешазислоҳотии онҳо, аз шуҳрату обрӯйи онҳо ва, албатта, аз навъҳои хизматрасониҳои онҳо вобаста аст. Дар натиҷа баъзе муассисаҳо ба қадри кофӣ захира барои фаъолияти муътадил надошта фақат аз ҳисоби маблағгузориҳои бӯҷавӣ фаъолият мекунанд. Дигарашон бошад ҳаҷми бо маблағгузориҳои бӯҷавӣ баробари захираҳои ғайрибӯҷавӣ доранд ва ба шароити бозори пешниҳоди хизматрасониҳо мутобиқ гаштаанд. Дар ин ҳол ҳам давлат муносибати якхеларо нисбат ба маблағгузории сметавии ин муассисаҳо амалӣ гардонида вазъи нобаробариро дучанд мегардонад,

Фаъолияти соҳибкории муассисаҳои бӯҷавӣ бо иҷроиши вазифаҳои низомномавии иҷтимоӣ ба мухолифат медароянд. Дар ҳолати амали принтсипҳои маблағгузории сметавии давлатӣ ҳаҷми захираҳои ҷудошаванда аз натиҷаҳои фаъолияти асосии муассиса вобастагӣ надорад, зеро на хизматрасониҳо, балки амалкунии воҳиди сохторӣ маблағгузорӣ мешавад. Бинобар ин иҷроиши вазифаҳои асосӣ муассисаро аз гирифтани даромад барои хизматрасониҳои пулӣ дур мегардонад, яъне он фаъолияти ғайрибӯҷавиро аз ҳисоби кам кардани ҳаҷм ва паст кардани сифати хизматрасониҳои шартан бепули бӯҷавӣ вусъат медиҳад.

Чунин мантиқи ҳодисаҳо аз бознагаштан ё пурра бознагаштани пули ба хизматрасониҳо сарфшудаи бӯҷа ба хароҷоти бесамари захираҳои бӯҷавӣ оварда мерасонад.

Сиёсати бӯҷавии давлат дар муносибат бо чунин муассисаҳо бояд дар муқобилгузории маблағгузори онҳо ба воситаи механизмҳои мувофиқ сурат гирад. Механизми бештар самарадиҳанда ба бӯҷагирии барномавии ҳадафнок (маблағгузории тавҷеҳ ба натиҷа), ки имрӯз гузариш ба он амалӣ гашта истодааст. Ба ғайр аз ин механизми мураккаб маблағгузории сметавии меъёрӣ ва фармоиши иҷтимоии давлатӣ метавонанд истифода шаванд. Муффасалтар дар бораи механизмҳои мазкури дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истифодашаванда истода гузарем.

Рушди сохтори мавҷудаи маблағгузории муассисаҳои бӯҷавии гузариш аз маблағгузории сметавӣ ба маблағгузории меъёрии ҳадафнок мебошад, ки ба муассисаҳо баргардонидани хароҷотҳои барои расонидани хизматҳои алоҳида ба муштариён аз рӯйи меъёрҳои ягона, ки аз тарафи давлат ҳамчун нишондодҳои натиҷаноки

фаъолият қабул шудааст, тасмим гирифта мешавад. Хусусияти фарқкунандаи методи мазкур вобастагии пулҳои буҷавӣ на аз ҳайати кормандони муассиса, хароҷотҳои воқеӣ барои мавҷудият, балки аз ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоии он муайян мешавад.

Маблағгузории меъёрии ҳадафнок танҳо дар ҳолати гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ таъмин карда мешавад. Номгӯи меъёрҳои хароҷот чунин намуд дорад: барои таъмини хӯроки варзишгарон, мураббиён ва дигар мутахассисон др вақти гузаронидани мусобиқот; барои музди доварони варзишӣ барои хизматрасонӣ дар мусобиқоти варзишӣ; барои таъмин кардан бо воситаҳои тиббии фармакологӣ ва таҷдидӣ, бо препаратҳои витаминдор, сафеда ва глюкозадор, доруҳои таъйиноти табобати умумӣ ва маводҳои захмбандӣ барои иштирокчиёни мусобиқоти варзишӣ; барои хариди инъомҳои хотиравӣ дар гузаронидани мусобиқот; барои таъмини иштирокчиён бо воситаҳои нақлиёт; меъёри арзишии 1 одам/рӯз дар вақти гузаронидани ҷамъомадҳои марказонидашудаи таълимӣ-тамринӣ; меъёрҳои додани подоши харҷҳои иҷорапулӣ барои истифода аз иншоотҳои варзишӣ дар гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ.

Рушди минбаъдаи маблағгузориҳои меъёрии ҳадафноки муассисаҳои буҷавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд бо равияи муайяннамоии қонунии феҳристи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки пешниҳоди онҳоро давлат ба аҳолӣ дар шакли ройгон кафолат медиҳад, пеш бурда шавад. Дар ин ҷо на нишондиҳандаи шумораи ба варзиш машғулбудагони муассиса, балки шумораи муштариёни хизматрасониҳо дар назар гирифта шудааст. Дар маҳаки рушди методи мазкур меъёрҳои коркарди пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, усулҳои баҳодиҳӣ ба талаботҳои гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ ба пешкаши хизматрасониҳои варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, меъёрҳои кори равшаннамоӣ дар соҳаи тарзи солими ҳаёт ва машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғ. талаб карда мешавад.

Хусусияти шиддатёбандагии сохтори меъёрии маблағгузорӣ дар қиёс бо тартиботи амалкунандаи сметавӣ маълум аст, зеро он ба натиҷа, манфиати муштарӣ ва давлат равона карда шудааст. Ин сохтор имкон медиҳад воҳидҳои кории зиёдатӣ ихтисор карда шаванд, истеҳсолгарони бебарор, ки хизматрасониҳои онҳо талабот надоранд, аз соҳа дур карда шаванд, он нисбатан шаффоф аст, ба ҷомеа ҳисобот медиҳад ва инчунин имкон медиҳад, ки ба хароҷотҳои буҷа барои

таъминоти муассисаҳое, ки аз ҳисоби фаъолияти тиҷоратӣ вуҷуд доранд, хизматрасониҳои ройгонро дар ҳаҷми бениҳоят кам ва бо сифати пасттарин пешниҳод мекунанд, роҳ дода нашавад.

Аммо хусусияти маҷбурии меъёрҳои хизматрасониҳои иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ба ҳисоб гирифта ин сохтор имкони ҳалли масъалаи ҳалталаби асосии маблағгузории сметавӣ, таъмини манфиатдории пешкашкунандагони хизматрасониҳоро дар баландшавии самараи фаъолияти худ намедиҳад. Дар ҳалли масъалаи мазкур кӯмак кардан вазифаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ мебошад.

Фармоиши иҷтимоии давлатӣ гуфта шартномаҳои дар байни фармоишгари давлатӣ ва пешкашкунандаи хизматрасониҳои дар асоси озмун қабулшударо дар назар доранд, ки дар асоси шартҳои он давлат ӯҳдадор мешавад хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, тиббӣ ва дигар хизматрасониҳои хусусияти иҷтимоӣ доштаро, ки онҳоро соҳибкор ба аҳолӣ ба шакли ройгон ё қисман ройгон пешниҳод кардааст, маблағгузорӣ намояд. Дар марҳалаи ҳозира фармоиши иҷтимоӣ ҳамчун сохтори шартномавӣ ҷойгиркунии фармоиши давлатӣ барои расонидани хизматҳои соҳаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон истифода бурда намешавад.

Хусусияти хоси фармоиши давлатӣ ин ҷойгиркунии супориш барои расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар натиҷаи озмуни байни ташкилотҳои ҳама шаклҳои моликият, расонандаи хизматҳои шабеҳ, дар асоси шартнома мебошад. Бо сабаби он ки аксари хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъмингари ягона дорад ва ташкили тартиби озмунии он имкон надорад. Истифодакунандаи хизматрасониҳо шахси воқеӣ мебошад ва инро ба ҳисоб гирифта ҳуқуқи интихобро ба ӯ вогузор менамоем. Вале метавонанд маҳдудиятҳои зерин ҷой дошта бошанд. Ҳуқуқи интихоби истеҳсолкунандаро доштани истеъмолгар дар асоси фармоиши давлатӣ дар ҳолатҳое имкон надорад, ки давлат ройгон будани хизматрасониҳоро кафолат диҳад, зеро истеъмолгар метавонад таъминкунандаеро бо нархҳои гарон интихоб намояд. Сониян, истеъмолгар на ҳамеша қобилияти интихоби бомаҳорати расонандаи ин гуна хизматҳоро дорост, кордонии касбӣ дар пешниҳодоти онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад (соҳаҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва маориф). Дар ин ҳолатҳо интихоби пешакии расонандаҳои хизматҳои иҷтимоӣ дар асоси сохтори фармоиши давлатӣ давлат бояд ба субот расонад. Истеъмолгар бошад метавонад барои худ

хизматрасонро аз онҳое, ки давлат бо онҳо шартномаи пешакӣ баста буд, интихоб намояд.

Интихоби бевоситаи таъмингар дар соҳаҳое имкон дорад, ки дар он ҷо давлат вазифадор нест, ки хизматрасониҳои ройгонро пешниҳод намояд, истеъмолгар бошад дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба қадри кофӣ хабардор ва салоҳиятдор аст. Масалан, хизматрасониҳои мактаби варзишии кӯдакон ва наврасонро истеъмолкунанда метавонад худаш мустақилона интихоб намояд, дар ин ҳол ба маблағгузории сметавӣ муассиса метавонад пули иловагии ҳадафнок барои гуруҳи муайяни истифодабарандагони хизматрасониҳои он ҷудо намояд, ва ин маблағгузории алтернативӣ мебошад. Пули иловагиро ба фарзандони оилаҳое додан мумкин аст, ки даромади онҳо аз камтарин малағ барои рӯзгузаронӣ бештар нест, инчунин ба варзишгарони боистеъдод новобаста аз даромадҳои оила.

Фармоиши иҷтимоӣ нисбат ба сохтори меъёрии ҳадафнок тарзи самараноктари маблағгузориҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад, чунки он дар асоси шартномавӣ бунёд мегардад. Вале агар меъёрҳои давлатии маблағгузорӣ хароҷоти ба пешкаши хизматрасонӣ сарфшударо напӯшонанд, супориш иҷро намегардад, ва ин ҳол тез-тез рух медиҳад.

Илова бар ин тарзи ғайришартномавии ҷойгиркунии супоришҳо барои хизматрасонихои иҷтимоӣ рақобати байни таъминкунандаҳоро маҳдуд месозад.

Ҳамин тавр, маблағгузориҳои меъёрии мақсаднок камбудиҳои шакли сметавии онро такрор менамояд, зеро хароҷоти ташкилотро барои расонидан хизматҳо намепӯшонад ва боиси пастшавии арзиш ва беҳтаршавии сифати онҳо намегардад. Яъне онро танҳо дар он ҳолатҳое истифода бурдан мумкин аст, ки ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоӣ ғайриимкон бошад.

Механизми аз ҳама самараноктарини маблағгузориҳои бӯҷавии хароҷотҳои иҷтимоӣ маблағгузории барномавии мақсаднокро ҳисобидан мумкин аст. Таърифи ягонаи мақбули ҳама будаи бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок вуҷуд надорад. Ин бо маҷмӯӣ будани мафҳум, бо «кушоду равшан» будани он, бо қобилияти таҳаввулгароии он маънидод карда мешавад. Дар намуди умумитарин бӯҷавикунонии барномавии мақсаднокро ҳамчун сохтори банақшагирии бӯҷа, ки хароҷотҳои кардаро бо самараи умедворӣ аз ин хароҷотҳо, бо натиҷабахшии иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо таъриф кардан мумкин аст. Агарчанде ки дар ин муайянкунӣ сухан дар бораи

усули барномавии мақсаднок ҳамчун сохтори банақшагирии бӯҷа меравад, хусусиятҳои ин метод танҳо бо банақшагирӣ маҳдуд намегарданд. Муносибати барномавии мақсаднок ба кулли давраҳои равиши бӯҷавӣ таъсир мерасонад. Аз ҳамин сабаб хосиятҳои барномаи мақсаднокро ҳам иҷроиш ва ҳам назорати иҷроиши бӯҷа ба худ қабул мекунанд.

Комплексӣ будани истилоҳи мазкурро таърифи додаи Ф.С. Мошер хеле хуб нишон медиҳад: «Барои сиёсатшинос ва ҳуқуқшинос бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок маънои тасаввур ва таҳлил кардани фармоишҳои бӯҷавиро дар шакле, ки интихоби беҳтаринро барои ҷомеа таъмин менамояд. Барои амалдор ин истилоҳ маънии чандирии беҳад ва озодии бисёрсамтаи ҳаракат, инчунин масъулияти бузурги шахсӣ ва серталабӣ нисбати зердастонро тақозо менамояд. Барои вазорат ва идораҳо он маънои мустақилияти бузург, чандирӣ дар қабули қарорҳо ва масъулияти калонро дар истифодабарии фондҳои ҷудо кардашударо дорад. Барои ҳисобчӣ бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок бо ҳисоботи иловагии музди кор, тақсим намудани ҳисоботҳои амалиётҳои ҷорӣ ва капиталӣ, бо ҳисоботи ҷудогонаи воситаҳои гардишӣ ва истифодабарии технологияҳои дигари махсуси ҳисобот муттаҳид мешавад»[1].

Мураккабии мазмунии бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок дар он мебошад, ки ин методро ҳам барои накшабандии хароҷотҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ҳам барои банақшагирии хароҷотҳои маъмурони алоҳидаи маблағҳо ва бӯҷагирандагони вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳои бӯҷавӣ, корхонаҳои давлатӣ ва ғ. истифода бурдан мумкин аст. Шаффофияти контсепсияи бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок маънии онро дорад, ки системаи элементҳои ба он дохил карда шуда якзайла набуда, баръакс, бисёрвариантӣ, байни хароҷотҳои давлатӣ ва натиҷаҳои барои ҷомеа зарурӣ тарзҳои гуногуни барқарор кардани робитаро роҳ медиҳад.

Моҳияти асосии бӯҷавикунонии барномавии мақсаднок аз он иборат аст, ки хароҷотҳои давлатиро бо бадастоварии натиҷаҳои барои ҷомеа зарурӣ бо ҳам мепайвандад. Мувофиқи принтсипи самаранокӣ ва камхарҷии истифодаи маблағҳои бӯҷавӣ «ҳангоми тартибдиҳӣ ва истифодаи бӯҷаҳо мақомотҳои ваколатдор ва гирандаҳои маблағҳои бӯҷавӣ бояд дар назди худ мақсад гузоранд, ки

[1] Frederick C. Mosher, Program Budgeting; Theory and Practice with Pa.rticular Reference to the U.S. Department of tiie Army. 80-8 L UHT. no: GAO/AIMD-97-46 Performance Budgeting/.P.7-8.

бо истифодаи ҳаҷми камтарини маблағҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шаванд ё ҳаҷми муайяни воситаҳои буҷавиро сарф карда натиҷаҳои беҳтаринро ба даст оваранд». Истифодабарии амалии ин меъёри умуман дуруст бо набудани шарҳи мафҳуми «натиҷаи муайяншуда» ва талаботҳо ба баҳодиҳии ин натиҷа маҳдуд карда шудааст.

Тафовути байни ду гуруҳи нишондодҳо мавҷудияти муносибатҳои гуногунро нисбати ташкили баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии ахбор муайян менамояд. Иттилоот оиди нишондодҳои натиҷаи дилхоҳи ҷомеавиро тавсифкунанда одатан на дар асоси гувоҳии инфиродӣ, балки дар асоси маҷмуи мулоҳизаҳо тартиб дода мешавад. Маълумотҳо оиди нишондодҳои натиҷаи ниҳоии дилхоҳи ҷомеавӣ мувофиқи қоида дар идораҳои статистикӣ ё дар мақомотҳои ҳокимияти иҷроия дар асоси баҳисобгирии идоравӣ гирд оварда мешаванд.

Ҳисоботи ҳаҷми корҳои иҷрошуда бояд бевосита дар муасисаҳои буҷавӣ ба роҳ монда шавад. Ин барои онҳо нисбатан вазифаи нав аст, чунки сохтори пештараи ҳисобот аслан ба назорати иҷроиши сметаи хароҷотҳо равона карда шуда буд. Акнун чанде аз масъалаҳои ҳисоботи натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти муассисаҳои буҷавиро дида мебароем.

Дар байни равандҳои асосии ислоҳот, азнавсозии пешниҳоди хизматрасониҳои варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, марказикунонии захираҳои молиявии давлатӣ барои пешкаши пурарзиш ва сифатноки хизматрасониҳо, ки онҳоро Конститутсия кафолат медиҳад, аз тарафи дигар, рушди гуногунии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дигар намуди хизматрасониҳо ва вусъати механизмҳои бозории пешниҳоди онҳо нишон дода шудааст. Ин гуна пешравиҳои институтсионалӣ ба шарти вусъат додани имкониятҳои бозори рақобатноки хизматрасониҳои мазкур, аз ҷумла, гузариш ба фармоишҳои озмунии пешниҳоди хизматрасониҳо самаранок буда метавонанд.

Хуллас, принтсипҳои танзими давлатии фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ин меъёрҳои ҳуқуқӣ, талаботҳои дастурӣ, қоидаҳои рафтор, ки барои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пешниҳод карда шудаанд. Ин принтсипҳо инҳоянд: сиёсати двалатии ҳифзи тандурустии шаҳрвандон; дастраси омма будани варзиш; таъминоти иттилоотӣ; тамоюли солимгардонӣ доштани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; рушди ҳамаҷонибаи шахсият дар варзиш.

**Руйхати адабиёт:**

1. Frederick C. Mosher, Program Budgeting; Theory and Practice with Pa.rticular Reference to the U.S. Department of tiie Army. 80-8 L UHT. no: GAO/AIMD-97-46 Performance Budgeting/.P.7-8.
2. Аристова Л.В. Лицензирование в спорте. - //Теория и практика физической культуры, 1999. - №4. - С. 12
3. Мақоми Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи с. 2017. №257// Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон АДЛИЯ. Тафсири 6.00 аз 06 12 2019.
4. Рибчич И.Е. Правовое регулирование государством развития физической культуры и спорта - доминирующее направление управленческой стратегии страны// Политическое управление: научный информационно-образовательный электронный журнал. 2015. № 2 (10). С. 30-37.
5. Гребнев Р. Д. Конституционно-правовые вопросы государственного управления спортом / Р. Д. Гребнев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия Юридические науки. - Москва. - 2011. - № 2. - С. 22-28.

**Болтуев Умеджон Самадович**
**соискатель отдел частного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, Национальной Академии наук Таджикистана**

## ЗАЩИТА ПРАВ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ ПОСРЕДСТВОМ ИНТЕРНЕТ-ТОРГОВЛИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Переход Республики Таджикистан к рыночной экономике делает насущной проблему эффективного регулирования рыночных отношений в условиях свободы деятельности хозяйственных субъектов по производству товаров, работ, услуг. При этом становления цивилизованного рынка представляется не мыслимым без развития практики делового партнерства в предпринимательской среде. Среди

прочего остро в этих отношениях встает вопрос об обеспечении гарантий защиты прав обычным гражданам, которые как потребители приобретают товары, пользуются услугами и по необходимости заказывают работы. В определенных случаях эти товары и услуги не отличаются надлежащим качеством. Решение подобных задач в настоящее время требует формирования институциональных механизмов вырабатывающих нужное для экономики поведение людей. Начиная рассмотрения поставленного вопроса, представляется целесообразным обратить внимание проблеме становления законодательства о защиты потребителей в сфере интернет - торговли. Такая постановка вопроса на наш взгляд отвечает целям данного исследования, так как именно развития юридической мысли по вопросу защиты прав потребителей указывает на объективность и необходимость осуществления такой защиты в сети интернет. Само понятие потребителя закреплено в статье 1 Закона РТ «О защите прав потребителей» от 9 декабря 2004 года. «***потребитель*** – физическое или юридическое лицо, имеющее намерение заказать или приобрести либо заказывающее, приобретающее или использующее товары (работы, услуги) исключительно для личных, семейных, домашних и иных нужд, не связанных с осуществлением предпринимательской деятельности». Поскольку потребитель использует товар только для домашних, семейных и личных нужд приобретённые товары посредством интернет ресурсов должны соответствовать определённым стандартам качества. Определение качества товара также закреплено в ст.1 Закона РТ «О Защите прав потребителей» «***качество товара*** *(работы, услуги)* - совокупность соответствующих характеристик товара (работы, услуги), относящихся к его способности удовлетворить установленные и (или) предполагаемые потребности потребителя (безопасность, функциональная пригодность, эксплуатационные характеристики, надежность, экономические, информационные эстетические требования и др.).

Требования предъявляемые законодательством к качеству товара регулируются и контролируются соответствующими государственными органами, но соответствующие государственные органы должным образом не могут контролировать качество товара приобретаемые посредством интернет - торговли. Для того чтобы изучить вопрос об интернет – торговли считаем необходимым акцентировать внимание в первую очередь на появление самой сети интернет в Таджикистане и вовлеченность населения в эту сферу.

Посредством глобальной сети (интернет) возможности человека становятся шире и пользование этими средствами вовлекает с каждым днём всё больше и больше потребителей. С каждым днём людей-пользователей глобальной сети интернет становится больше.

Наиболее резкое развитие интернет в Таджикистане произошла в 2005 году, когда впервые в мире, в том числе в нашей стране, была внедрена и успешно протестирована мобильная связь со стандартом 3G (UMTS, CDMA 2000). Первым «удивительным» сервисом для потребителей всемирной паутины стали контакты посредством видео[1] [1] .

По данным на 2020 год, доля частных операторов на рынке связи страны составила 93,4%. Количество пользователей Интернета на начало 2021 года составляло более 3,3 миллиона, а количество абонентов мобильной связи - более 6 миллионов. [6] .

На сегодняшний день в РТ возможность доступа к интернету составляет более 90%, более 50% населения стали активными его пользователями[2]. Увеличение пользователей сети интернет порождает собой разного рода взаимоотношения потребителей с их контрагентами. Приобретения товаров посредством интернет-сайтов на сегодняшний день является быстроразвивающимся направлением предпринимательской деятельности. Считаем, что для раскрытия вопроса о взаимоотношениях потребителя с продавцами посредством интернет-магазинов следует акцентировать внимание на разновидностях, существующих сайтов.

Содержательную часть интернета составляют сайты, через которые удовлетворяются потребности пользователей (потребителей) интернета, поэтому исследование этого информационного ресурса с позиции его правовой природы особенно актуальна.

Продажа товаров в основном производиться через «сайты», в которых пользователи сети выбирают товар наиболее подходящий для себя. В словарях даются разные понятия «сайта», например «страница для выкладывания информации со своим адресом в интернете[3]»; веб- сайт-опубликование человеком или организацией савокупности информационных страниц в интернете о конкретной теме[4].

---

[1] Интернет дар Тоҷикистон: Гузаштаи бошукӯҳ, ояндаи пурмоҷаро (тадж.). Радиои Озодӣ. Дата обращения: 12 февраля 2018.

[2] См. Меликов У.А. «Проблемы правового режима объектов гражданских прав в интернете» Монография.- Душанбе: «Ирфон», 2018. –С6.

[3] См. Большой энциклопедический словарь.- М: ООО «Издательство АСТ» Астрель, 2003. С.928.

[4] См. Словарь Кембриджа. Режим Доступа (дата обращения 22.04.2015)

В англоязычных словарях в большинстве случаев используется слово «веб-сайт». Слово «site» переводится как «место», поэтому словосочетание «веб-сайт» передаёт более точный смысл того, что является одним из элементов интернета.

В.Б. Наумов отмечает, что «сайт представляет собой упорядоченную систему страниц, объединённых гиперссылками. Страница сайта имеет свой уникальный адрес в сети интернет и представляет собой написанную с помощью команды языка HTML своеобразную программу, посредством которой осуществляется управление формированием изображения страницы при доступе к ней пользователя[1]».

На наш взгляд в данный момент в Республике Таджикистан существует 2 вида сайтов, посредством которых можно приобрести товары:

1-ый вид - электронные сайты предоставляющее свои услуги в виде посредников между продавцами и покупателями, например www.somon.tj, www.alif.shop, www.tajmarket.tj, www.dukon.tj, и др.

2-ой вид это непосредственно сайты, которые занимаются продажей товаров например www.megamag.tj, www.volna.tj, www.avrang.tj, www.magnit.tj, и др.

Первый случай это когда сайт призван соединить интересы покупателя с продавцом. Этот вид интернет-магазинов достаточно распространён, поскольку предпринимателю не обязательно производить товары или оказывать какие либо услуги. Но данный вид интернет-сайтов достаточно опасен, поскольку домен не отвечает за качество товара или оказанные услуги посредством их сайтов.

Во втором случаи продавцом товаров следует считать того индивидуального предпринимателя или юридическое лицо, реквизиты которого установлены на сайте. Существуют случаи, когда на сайте компании имеется юридический адрес, но как же быть покупателю, если отсутствует адрес продавца? Само создание сайта и определение его владельца на сегодняшний день достаточно сложно. Определение интернет-сайта в юридической литературе в основном формулируется на основе технической характеристики сайта. Достаточно важным на наш взгляд является изучение этого вопроса Меликовым У.А., который в подробности раскрыл процесс создания сайта. Для функционирования сайта необходимы такие важные компоненты, как доменное имя и веб

[1] См. Наумов В.Б. Право и интернет: Очерки теории и практики.- М. Книжный дом 2002, С.201.

хостинг. Обычно взаимосвязь этих компонентов складывается на основании договорных отношений между обладателем сайта, домена и обладателем хост сервера[1]. Конечно для потребителя неважно кто является владельцам сайта или веб хостинга, для него важно кто является ответственным лицом и кто сможет удовлетворить его претензии. Например сайт www.megamag.tj предлагает своим покупателям бытовую технику и всё для дома, но в разделе контакты предоставляется информация только виде электронной почты и телефона.

Другой пример www.volna.tj являющееся юридическим лицом предоставил полную информацию о своём местонахождении. В содержании обоих этих сайтов, к сожалению, отсутствуют гарантийные сроки, права и обязанности потребителей и сервисные услуги, только в www.alif.shop нам удалось обнаружить положение о правах потребителей и порядок возврата товара продавцу.

Что же касается юридической стороны заключения сделок через интернет- магазины. Существуют несколько разновидностей сделок в интернет-сайтах. Одной из разновидностей сделок является заключения посредством электронной почты путём обмена письмами. Другой вид это принятия условия соглашения на сайте, путём аудио-видео сообщения и подписания соглашения посредством электронной подписи, кроме этого в качестве покупки товара может быть использовано HTML веб страницы, где указанно покупка товара.

Относительно этого вопроса А.Ю.Рыков отмечает, что: «представляется неоспоримым тот факт, что сделки в интернете по своим признакам не отличаются от сделок вне сети. Интернет является средством, а не предметом или объектом для совершения сделки в интернете и необходимо использовать специальные программные и аппаратные средства[2].

А.Абдуджалилов считает, сделку совершенную в виртуальном пространстве, нетипичной сделкой, обоюдные права и обязанности сторон в данном случае презюмируются.[3]

А.С. Кемрадж, касаясь юридической силы и свойства сделок, заключенных через сети Интернет, и отталкиваясь из указанных фактов, отмечает, что письменная форма сделки считается соблюденной при

---

[1] См. Там же С.167.

[2] См. Рыков А.Ю. Гражданско-правовое регулирование сделок в глобальной компютерной сети Интернет: дисс. Канд.юрид.наук. М.-2009, С.79.

[3] См. Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в Интернете. Монография. – Душанбе, Андалеб-Р, 2015. – С. 93.

выполнении двух условий: 1) если сделка составлена в виде документа, закрепляющего содержание волеизъявления сторон; 2) если документ подписан собственноручной подписью, либо её аналогами (имеется в виду электронная цифровая подпись)[1].

Меликова У.А. предлагает разработать и принять Закон РТ «Об электронной коммерции». Учитывая при этом новые явления, которые активизировались в последние 10 лет, такие как цифровые валюты, цифровой экономики, и электронное предпринимательство, только после этого может быть применена гражданско-правовая ответственность[2].

Обобщив вышеуказанные доводы и предложения учёных правоведов считаем необходимым предложить внести изменения и дополнения в действующее законодательство Республики Таджикистан, частности в Закон РТ «О защите прав потребителей» предлагаем внести дополнения в ст.18 Закона РТ «О защите прав потребителей» следующего содержания: «В случаи приобретения товаров посредством интернет- торговли и обнаружения не качественности товара, продавцом считается сторона обладающий сайтом, домена и обладателем хост сервера. В отношении последних распространяются все правоотношения, возникающие в сфере защиты прав потребителей.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в Интернете. Большой энциклопедический словарь.- М: ООО «Издательство АСТ» Астрель, 2003. С.928.
2. Кемрадж А.С. К вопросу о юрисдикции государства в отношении отдельных сегментов сети Интернет// Правовые аспекты использования интернет-технологий. 2005. № 7. С.10
3. Монография. – Душанбе, Андалеб-Р, 2015. – С. 93.
4. Меликов У.А. «Проблемы правового режима объектов гражданских прав в интернете» Монография.- Душанбе: «Ирфон», 2018. –С6.
5. Наумов В.Б. Право и интернет: Очерки теории и практики.- М. Книжный дом 2002, С.201.


[1] См.Кемрадж А.С. К вопросу о юрисдикции государства в отношении отдельных сегментов сети Интернет// Правовые аспекты использования интернет-технологий. 2005. № 7. С.10

[2] См. Меликов У.А. «Проблемы правового режима объектов гражданских прав в интернете. Монография// Душанбе Ирфон 2018 с.- С.152.

6. Рыков А.Ю. Гражданско-правовое регулирование сделок в глобальной компютерной сети Интернет: дисс. Канд.юрид.наук. М.- 2009, С.79.
7. Словарь Кембриджа. Режим Доступа (дата обращения 22.04.2015)

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ**
**магистранти соли дуюми**
**ихтисоси танзими ҳуқуқии**
**молия ва қарзи факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон**

## КОНСЕПСИЯҲОИ ОБЪЕКТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ МУОСИР

Дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ашёи ғайриманқул мавқеи хоссаро ишғол менамояд, зеро ин объектҳо реҷаи ҳуқуқи граждании махсус дошта, асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон, заминаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, макони истеҳсоли маҳсулот, ҷойи иҷрои функсияҳои меҳнатӣ ва ғайра мебошанд. Ба таври дигар, объектҳои молу мулки ғайриманқул таъиноти истиқоматӣ, ғайриистиқоматӣ, истеҳсолӣ, хизматӣ, истироҳатӣ дошта метавонанд. Молу мулки ғайриманқул яке аз неъматҳои моддии арзишманд ва “доимӣ”-и истеъмолнашаванда ба шумор меравад. Молу мулки ғайриманқул дар ҳама давру замон реҷаи ҳуқуқии махсусро доро буда, муомилоти он мураккаб сурат мегирад ва аз ҳуқуқи римӣ оғоз шуда, то инҷониб танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба ашёи ғайриманқул дар заминаи меъёру қоидаҳои тафриқавӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба таври мухталиф роҳандозӣ карда мешавад. Таърихан реҷаи ҳуқуқии махсуси ашёи ғайриманқул аз тартиби хоси муомилоти қитъаи замин оғоз гардида, дар он даврони рушди инсоният расман молу мулк ба манқул ва ғайриманқул ҷудо нагардида, худи қитъаи замин (чун объекти

марказии молу мулки ғайриманқул) тавассути қоидаҳои махсус ба муомилот ворид карда мешуд.

Тақсимоти таърихӣ ва расмии ашё ба манқул ва ғайриманқул аз решаҳои ҳуқуқи римӣ сарчашма мегирад. Ин тақсимоти таърихӣ ва мураккаб, муайянкунандаи қоидаҳои муомилоти ашё, дар ҳуқуқи муосир на бо тақдири табиӣ[1], балки бо таъиноти функсионалии он асоснок аст ва бо шарофати он замин ҳамчун объекти муҳим ва арзишманди шаҳрвандон баррасӣ карда мешавад. Ҳамчун хусусияти хоси тафовут ҳуқуқшиносони римӣ salva rei substantia – қобилияти ҳаракат кардани ашё ҳангоми нигоҳ доштани моҳияти ҷисмонии он, яъне бидуни тағйирёбии шакл, таъиноти иқтисодӣ, бидуни расонидани зарар ё кам кардани арзиши онҳо интиқоли ашёҳоро муайян менамуданд. Ашёҳое, ки ба чунин ҳаракат қодир нестанд, ғайриманқул (res immobiles) ҳисобида мешуданд. Ҳамаи намудҳои дигари ашё ба категорияи манқул (res mobiles) тааллуқ доштанд[2].

Баъди ҳуқуқи римӣ таснифоти классикии ашё ба манқул ва ғайриманқул дар тамоми низоми ҳуқуқӣ пазируфта шуд, аммо муносибат ба молу мулки ғайриманқул ба таври гуногун сурат гирифт. Дар қисме аз низомҳои ҳуқуқӣ (Олмон, Бразилия, Португалия, Нидерландия, Юнон, Япония ва дигар) реҷаи ҳуқуқии классикии молу мулки ғайриманқул, ки дар Рими Қадим коркард гардида буданд, эътироф ва қонунан мустаҳкам карда шуд, яъне дар қонунгузории ин мамлакатҳо ба монанди ҳуқуқи римӣ қитъаи замин объекти асосии ғайиманқул муайян шуда, объектҳои ба он алоқаманд ҳамчун қисми таркибии қитъаи замин муқаррар карда шудаанд. Дар қисми дигари низомҳои ҳуқуқӣ (Фаронса, Белгия, Италия, Испания, Миср, Канада, мамлакатҳои аъзои ИДМ ва ғайра) таҷрибаи ҳуқуқи римиро вобаста ба додани реҷаи ҳуқуқии ягона ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқаманд эътироф накарда, дар қонунгузории худ номгӯи гуногуни объектҳои молу мулки ғайриманқулро дарҷ намуда, ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқаманд реҷаи ҳуқуқии гуногун доданд, яъне реҷаи ҳуқуқии дугонаро барои онҳо муайян намуданд.

---

[1] Motive zu dem Entwurfe eines Bürgerlichen Gesetzbuches für das Deutsche Reich. Band III. Sachenrecht. Amtliche Ausgabe. Zweite unveränderte Auflage. Berlin, 1896. S. 36.

[2] Дормидонтов Г.Ф. Система римского права. Общая часть. - Казань. 1910. - С. 135.

Мафҳум, низоми объектҳо ва махсусиятҳои муомилоти молу мулки ғайриманқул барои қонунгузории муосир умумӣ (универсалӣ) намебошад.

Таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул ягона таснифоти ашё дар ҳуқуқи гражданӣ аст, ки дар замони муосир қариб дар аксарияти низомҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст. Таснифи мазкур аввалан дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ аҳаммияти хосса дорад, дувум, ин таснифот дар муқоиса бо дигар таснифоти ашё дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкам шудааст. Тафовутҳо дар низомҳои ҳуқуқӣ боиси таснифи ашё дар баъзе кишварҳо ба ҳайси манқул ва дар баъзе дигар мамлакатҳо ба ашёи ғайриманқул оварда мерасонад. Масалан, тибқи қонунгузории Олмон, қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд, қисмҳои таркибии он ашёҳои ба замин сахт алоқаманд (биноҳо, дарахтон ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Агар робита бо замин муваққатӣ бошад, он гоҳ ашё манқул эътироф карда мешавад. Кодекси граждании Швейтсария аз 10 декабри соли 1907[1] таърифи хеле васеи молу мулки ғайриманқулро дар бар мегирад, ки дар баробари замин ва сарватҳои serизаминии он, бино ва иншооте, ки бо замин мустаҳкам алоқаманданд, инчунин “ҳуқуқҳои ба таври мушаххас мустаҳкам ва доимии ба феҳристи молу мулки ғайриманқул воридшуда” -ро дар бар мегирад.

Ашёи манқул объекте, ки озодона аз як ҷой ба ҷои дигар интиқол доданашон имконпазир аст ва қувваҳои табиии идорашавандаи (масалан, барқ) ба ашёи ғайриманқул алоқаманднабуда мебошад.

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ ягонагии мафҳум ва номгӯи объектҳои молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад. Бояд қайд кард, ки ҳар як мамлакат бо дарназардошти шароит ва манфиатҳои миллии худ масъалаҳои молу мулки ғайриманқулро танзим менамояд. Дар як мамлакат объекти муайян мумкин аст молу мулки ғайриманқул ва дар ҳудуди мамлакати дигар тибқи қонунгузории он молу мулки манқул эътироф карда шавад. Ин ягон вайрон кардан қоидаву принсипҳои танзими ҳуқуқӣ нест, зеро муайян намудани самти инкишофи низоми ҳуқуқи миллии ҳар як давлат ба ваколати истисноии вай мансуб аст. Дар баробари ин, молу мулки ғайриманқул

[1] Гражданский кодекс Швейцарии. Электронный ресурс. https://www.fedlex.admin.ch/eli/cc/24/233_245_233/en (дата обращения: 25.04.2021).

асосан ин реҷаи ҳуқуқии махсус додан ба ин ё он молу мулк мебошад. Давлат агар зарур шуморад ба ин ё он молу мулк реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқулро паҳн намояд, пас онро объекти ғайриманқул эътиоф мекунад, дар акси ҳол он ҳамчун молу мулки манқул боқӣ мемонад.

Низомҳои ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷӣ номгӯи гуногуни молу мулкеро, ки ба объектҳои молу мулки ғайриманқул тааллуқ доранд, муайян менамоянд. Ба молу мулки ғайриманқул қитъаҳои замин ва биноҳое, ки дар онҳо бунёд шудаанд, дохил мешаванд. Илова бар ин, мафҳуми "молу мулки ғайриманқул" метавонад асбобҳои кишоварзӣ, асбобҳо, ашёи хоми дар корхонаҳо истифодашавандаро фаро гирад, масалан, ин объектҳо дар Фаронса ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудаанд. Тибқи қонунгузории Англия, соҳиби ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ба қитъаи замин, инчунин соҳиби калиди хона, соҳиби молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб мераванд. Дар баъзе иёлоти ИМА бинои барои намоишгоҳ бунёдшуда вазъи молу мулки манқулро дорад[1].

Ин гуногунӣ дар танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ боиси мавҷудияти мухталифӣ дар танзими ҳуқуқӣ, муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва вазъи ҳуқуқии молу мудки ғайримақул гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул, на низоми ақидаҳо ва нуқтаи назарҳо дар бораи объектҳои молу мулки ғайриманқул, балки меъёру қоидаҳои монанди дар қонунгузории мамлакатҳо мустаҳкамгардида оид ба реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул мебошанд. Консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул андешаву назарияҳои олимон набуда, балки онҳо дар асоси таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар самти молу мулки ғайриманқул коркард гардидаанд. Таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷиро оид ба молу мулки ғайриманқул ҷамъбаст намуда, онро ба гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст, ки шартан онро дар адабиёти илмӣ "консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул" меноманд. Дар номи консепсияҳо ишораи бевосита ба "объектҳои молу мулки ғайриманқул" бо он хусусиятнок аст, ки нақши асосиро дар онҳо масъалаи муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул, реҷаи ҳуқуқии қитъаи замин ва

[1] Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. - М., 1982. – 324.

объектҳои бо алоқаи зичдоштан (молу мулки ғайриманқул тибқи таъинот) иҷро менамояд.

Маъмулан дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ ду консепсияи муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул мавҷуд аст:

1) консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ё консепсияи қитъаи замин;

2) консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул.

Бо тамоми гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул ин падидаи ҳуқуқӣ бо мавҷудияти алоқаи ҳуқуқии қитъаи замин ва ашёҳои дар он ҷойгиршуда (бунёдшуда) фарқ мекунанд. Чунин тафовут дар адабиёти илмӣ[1] одатан бо дараҷаи таъсири низоми ҳуқуқи римӣ шарҳ дода мешавад.

Консепсияҳои мазкур аз ҷиҳати муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва вазъи ҳуқуқи гражданиии ин объектҳо хусусиятнок мебошанд. Дар консепсияи гуногунӣ ба ҳайси молу мулки ғайриманқул объектҳои гуногун, ба монанди қитъаи замин, бино, иморат, иншоот, маҳсулот ва растаниҳои ба замин алоқаманд (то лаҳзаи ҷудо шудан аз замин) ва молу мулки дигар дохил карда мешавад. Моҳияти ин консепсия дар реҷаи ҳуқуқи граждании алоҳида додан ба объектҳои молу мулки ғайриманқул, бахусус ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқамандии зичдошта зоҳир мегардад. Хусусияти дигари ин консепсия дар он аст, ки ҳар як объекти молу мулки ғайриманқул объекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад. Ҳатто молу мулки ғайриманқули ба замин алоқаи мустаҳкамдошта низ хусусияти мустақил доранд, яъне тақдири ҳуқуқии он аз қитъаи замин вобаста нест. Маҳз ҳамин хусусият мураккабиро дар танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд овардааст, зеро барои амалишавии ҳуқуқҳо ба объекти ба қитъаи замин алоқаманд мавҷудияти дигар падидаҳо, ба монанди суперфитсия, ҳуқуқи сохтмон ва дигар тақозо карда мешавад.

Ҳамзамон вақтҳои охир бо назардошти хусусияти мустақил ва реҷаи ҳуқуқии гуногун доштани қитъаи замин ва объектҳои дар он бунёдшуда (аз ҷумла сохтмони худсаронаи объектҳои молу мулки

---

[1] Rosenbauer H. Das Wohnungs-bzw. Teileigentum und seine Einordnung in das bürgerliche Recht. Nürnberg, 1968. S. 68.

ғайриманқул) мушкилот дар эътирофи ҳуқуқ ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадааст.

Консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул аввалин маротиба дар Кодекси граждании Фаронса[1] пешбинӣ гардидааст ва имрӯз дар қонунгузории як қатор мамлакатҳо мавриди корбаст қарор дорад. Аҷибаш дар он аст, ки баъди ҳуқуқи римӣ, ки дар он консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул амал менамуд, дар фазои ҳуқуқи гражданӣ Фаронса аввалин шуда, бо қабули аввалини санади кодификатсионии соҳаи ҳуқуқи гражданӣ – Кодекси граждании Фаронса заминаи ҳуқуқӣ барои мавҷудияти минбаъдаи консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул фароҳам овард. Яъне Фаронса таҷрибаи мавҷудаи ҳуқуқи римиро ретсепсия накарда, ба пайдоиши консепсияи нави молу мулки ғайриманқул замина гузошт.

Кодекси граждании Фаронса санади кодификатсионие мебошад, ки аввалин маротиба дар сатҳи қонунгузорӣ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро рӯи кор овард ва ин таҷриба дар қонунгузории дигар мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИДМ мавриди истифода қарор дода шуда истодааст.

Консепсияи мазкур дорои як қатор хусусиятҳои хоси реҷаи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул аст. Ҷиҳати хоси ин консепсия дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории мамлакатҳои онро эътирофнамуда таърифи мафҳуми молу мулки ғайриманқул бо роҳи нишон додани объектҳои он муайян мегардад. Дар консепсияи зикргардида зарурати мавҷудияти маҳакҳое лозим аст, ки дар асоси онҳо ашё ба манқул ва ғайриманқул мансуб дониста шавад. Масалан, дар м. 517 Кодекси граждании Фаронса муқаррар шудааст, ки "молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯи предмете, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд". Дар меъёри мазкури Кодекс се маҳаки асосӣ барои эътирофи молу мулк ба сифати ғайриманқул муайян шудааст, ки инҳо мебшанд: 1) молу мулке, ки тибқи табиати худ ғайриманқул мебошанд; 2) молу мулки ғайриманқул вобаста ба таъиноти худ; 3) "ҳуқуқи ғайриманқул ва даъво".

[1] Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1-4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006. – С. 227.

Молу мулки тибқи табиати худ ғайриманқул мулу мулке дар назар дошта мешавад, ки табиатан худи онҳо ғайриманқул мебошанд ва ин объектҳо асосӣ ба шумор меравaнд, зеро дигар молу мулке, ки ба он (қитъаи замин) вобастагӣ ва алоқамандии зич дорад, ғайриманқул эътироф карда мешавад. Тибқи санади мазкур ба ин гуруҳи молу мулки ғайриманқул қитъаи замин, иншоот, осиёбҳои бодӣ ва обӣ, маҳсулот ва меваҷот дохил мешаванд. Тибқи м. 518 Кодекси граждании Фаронса "қитъаи замин ва иншоот вобаста ба табиати худ ғайриманқул мебошанд". Ду объектро, яъне қитъаи замин ва иншоотро Кодекси мазкур вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ғайриманқул эътироф намудааст. Дар ин маврид бояд таҳти мафҳуми "иншоот" бино низ дар назар дошта шавад, чунки бино навъи алоҳидаи иншоот ба ҳисоб меравад. Дар асоси м. 519 Кодекси граждании Фаронса "осиёбҳои бодӣ ва обӣ, ки дар сутунҳо мустаҳкам шудаанд ва як қисми иншоотро ташкил медиҳанд, аз рӯи табиати худ ғайриманқул мебошанд". Дар баробари ин, м. 520 муқаррар мекунад, ки "маҳсулот дар решааш ва меваҳои ҳанӯз аз дарахтон гирифтанашуда низ молу мулки ғайриманқул мебошанд".

Маҳаки табиӣ ҳамчун асоси мансубияти молу мулк ба ғайриманқул маънои онро дорад, ки объект аз лаҳзаи пайдоиш ғайриманқул, яъне имконияти интиқоли онҳо имконнопазир аст ва онҳо маҳсули натиҷаи фаъолияти инсон нестанд, зеро табиат онҳо офаридааст. Дар асоси қонунгузории граждании мамлакатҳои пасошӯравӣ ба объектҳое, ки тибқи табиати худ ғайриманқул мебошанд, қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминӣ баромад менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки дар қонунгузории мамлакатҳои консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро мустаҳкамнамуда дар масъалаи муайян кардани низоми объектҳои ғайриманқул ягонагӣ дида намешавад. Масалан, дар қонунгузории мамлакатҳои ИДМ вобаста ба табиати худ қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминӣ ба сифати молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудааст. Бино ва иншоот бошад, вобаста ба таъиноти худ, бо дарназардошти алоқамандии зис доштан ба замин ва имконнопазирии иваз кардани он бидуни расонидани зарари воқеӣ ба таъиноти он ғайриманқул муқаррар карда шудаанд. Аз ҳамин лиҳоз, эътирофи иншоот ба сифати ғайриманқул вобаста ба табиати худ

баҳснок мебошад, чунки на вобаста ба табиати худ, балки вобаста ба таъиноти худ он ғайриманқул мебошад. Танҳо молу мулке вобаста ба табиати худ ғайриманқул буда метавонад, ки агар он бидуни натиҷаи фаъолияти инсон, бидуни алоқамандӣ доштан ба замин ғайриманқул аст. Яъне онҳо набояд сунъӣ бошанд, балки аз лаҳзаи пайдоиши худ бояд онҳо хусусияти ғайриманқулро дошта бошанд.

Ашёе тибқи таъиноти худ ғайриманқул эътироф мегардад, ки ба замин алоқаи мустаҳкам дошта, интиқоли онҳо бидуни расонидани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноташон ғайриимкон аст. Тибқи ҳуқуқи фаронсавӣ молу мулки зерин тибқи таъиноти худ ғайриманқул мебошанд, агар соҳибмулк дар қитъаи худ онҳоро барои исифодабарӣ ва нигоҳдорӣ ҷойгир намояд: ҳайвоноте, ки барои коркарди замин хизмат менамоянд; асбобу анҷоми кишоварзӣ; тухмиҳое, ки ба деҳқонон ё дигар шахсон барои иҷрои ухдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда дода шудааст. Ҳамчунин молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи предметҳое, ки ба молу мулки ғайриманқул ҳамроҳ буда, бе таъсиррасонӣ ё бад шудани ҳолати охирон ғайриимкон аст[1]. Дар асоси қонунгузории граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ бошад, тибқи таъинот бино, иморат, иншоот, сохтмони нотамом, дарахтони бисёрсола ва дигар ашёи ғайриманқул ба ҳисоб меравaнд.

Ҳамзамон молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи ашёи манқуле мебошанд, ки аз ҷониби соҳиби он ба таври доимӣ ба замин вобаста карда шудаанд.

Алоқаи зич (ё мустаҳкам) доштан ба замин яке аз маҳакҳои асосӣ дар консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул аст. Барои эътирофи ашё ҳамчун ғайриманқул он бояд ба заминаи алоқаи устувор дошта бошад, ки интиқоли одии онҳоро бидуни расонидани зарар ба таъиноти он ғайриимкон гардонад. Аз ин рӯ, дараҷаи мустаҳкамии молу мулки ғайриманқул ба замин, инчунин тавассути кадом воситаҳо васл кардани он ба замин дорои аҳаммияти амалӣ аст. Ашёи манқул, ки ба замин васл карда шудаанд, дар сурати мавҷудияти талаботи зерин ғайриманқул эътироф карда мешавад: а) агар соҳибмулк ин молу мулкро ба таври доимӣ ба қитъаи замини худ вобаста намояд; б) агар молу мулки манқул ба замин бо василаҳои

[1] Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости. Дисс. канд. юрид. наук. Москва-2007. С.46.

муайян (масалан, гаҷ, оҳак ё семент) мустаҳкам шуда бошад, ки алоқаи устувори онро бо замин таъмин мекунад; в) ҷудо намудани ин ашё аз қитъаи замин бидуни расонидани зарар ё вайрон шудани таъиноти ашё (шикастан, хароб шудан, паст шудани сифати он, мавҷуд набудани имконияти тибқи таъиноти пештара истифода намудани он) имконнопазир бошад.

Дар қонунгузории граждании амалкунандаи ҶТ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул амал менамояд. Тибқи м. 142 Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999[1] ба ашёи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Ҳамчунин ба молу мулки ғайриманқул, инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи амволи ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Тибқи муқаррароти моддаи болозикр ба сифати молу мулки ғайриманқул объектҳои гуногун, ба монанди бино иншоот, сохтмони нотамом ва ғайра баромад менамоянд. Тибқи қонунгузории ҶТ объектҳои зикршуда хусусияти мустақил дошта, дар муомилоти гражданӣ алоҳида (аз қитъаи замин) ворид шуда метавонанд.

Хусусияти хоси реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунунгузории ҶТ дар он аст, ки дар низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул мавқеи қитъаи замин ҳамчун объекти асосии ғайриманқул коста карда шудааст. Дар консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул новобаста аз реҷаи ҳуқуқии гуногун доштани қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқамандии зичдошта, қитъаи замин нақши асосӣ дорад, чунки бино, иморат, иншооти дар қитъаи замин бунёдшуда тақдири ҳуқуқии қитъаи заминро пайгирӣ менамоянд. Аммо, дар қонунгузории мамлакат ин масъала ба таври баръакс ҳалли худро ёфтааст, яъне объектҳои ба

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.

қитъаи замин алоқаи зичдошта тақдири ҳуқуқии қитъаи заминро пайгирӣ накарда, балки қитъаи замин тақдири объектҳои ба он алоқамандро пайгирӣ менамояд. Моддаи 27 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 13 декабри соли 1996[1] муқаррар менамояд, ки **"ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино (иморат, иншоот) ҳуқуқи истифодаи қисмати қитъаи замин, ки ин бино (иморат, иншоот) дар он қарор дорад, ҳамчунин қисми ҳамшафати он қитъаи замине, ки барои хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур аст, ба шахси ин бино (иморат, иншоот)-ро харида бемузд мегузарад".** Ин яке "навоварӣ"-и қонунгузории граждании ҶТ дар самти молу мулки ғайриманқул мебошад. Дар қонунгузории мамлакат "навоварӣ"-и мазкур аз давраи шӯравӣ[2] пайдо шуда, аз замони хориҷ намудани аз номгӯи объекҳои моликияти хусусӣ ва манъ намудани ҳама гуна муомилот бо он истифода карда мешавад. Қобили зикр аст, ин қоида (яъне тақдири ҳуқуқии бино, иморат, иншоотро пайгирӣ намудани қитъаи замин) танҳо дар шароите татбиқшаванда аст, ки агар муомилот бо қитъаи замин манъ ё маҳдуд шуда бошад. То 1 августи соли 2012 ҳама гуна муомилот вобаста ба ҳуқуқи истифода бурдани қитъаи замин маҳдуд гардида буд ва танҳо баъди ворид намудани илова ба Кодекси замини ҶТ ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин объекти ҳуқуқи гражданӣ эътироф карда шуд. Баъди иҷозат додани муомилоти ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бояд дар қонунгузорӣ нақши асосию марказӣ доштани қитъаи замин ва тақдири ҳуқуқии онро пайгирӣ намудани объектҳои ба он алоқаи зичдошта барқарор карда шавад.

Қонунгузории граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ оид ба молу мулки ғайриманқул дорои хусусияти умумӣ аст, яъне муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар ин мамлакатҳо тавассути меъёрҳои монанд танзим карда мешавад. Сабаби асосии чунин хусусият дар он аст, ки асосан дар ҷараёни таҳияи Кодексҳои граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ муқаррароти Кодекси моделӣ

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1996, № 23. м. 351; с. 1997, № 23-24, м. 333; с. 1999, № 5, м.59; с. 2001, № 4, м.176; с. 2004, № 2, м.55, №3. м. 190; с.2006, №7, мод.347; с.2008, №1. қ.2 м. 22; №6, м.463; с.2011., №3, м.171; с.2012, №4, м.269; №8, м. 828;с.2016,№11, мод.879.

[2] Декрет ВЦИК от 20 августа 1918г. «Об отмене права частной собственности на недвижимость в городах» // Собрание узаконений и распоряжений рабочего и крестьянского правительства. Отд.1. -1918. - № 62. - Ст. 674; Постановление СНК от 8 августа 1921г. «О предоставлении собственникам муниципализированных строений права возмездного отчуждения недвижимого имущества». 1921. - № 60. – С. 410.

(намунавӣ) барои мамлакатҳои аъзои ИДМ, ки бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ аз 29 октябри соли 1994[1] қабул шудааст, ба инобат гирифта шудааст. Дар моддаи 25 санади мазкур муқаррар гардидааст, ки "ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқул) қитъаи замин, қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ ва ҳама он чизе ки ба замин алоқаманд, яъне объекҳое, ки ҷойивазкунии онҳо бидуни расонидани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноти онҳо ғайриимкон аст, аз ҷумла ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола, бино, иншоот ва ғайра дохил мешавад". Мафҳуми зерине, ки дар Кодекси намунавии гражданӣ пешбинӣ гардидааст, қариб дар қонунгузории граждании аксарияти мамлакатҳои аъзои ИДМ ба назар мерасад.

Консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул навъи дигари таҷрибаи амалкунандаи танзими ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул мебошад. Консепсияи мазкур аз ҳуқуқи римӣ пайдо гардида, дар Рими Қадим қитъаи замин объекти ягона ва марказии ғайриманқул ҳисобида шуда, объектҳои дигари ба он алоқаманд қисми таркибии қитъаи замин эътироф мегардиданд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт ки консепсияи мазкур таърихи қадима дошта, консепсияи нахустин дар самти молу мулки ғайриманқул маҳсуб меёбад.

Муайян намудани реҷаи ҳуқуқи граждании ягона нисбат ба қитъаи замин ва объектҳои ба он мустаҳкам моҳияти конеспсияи мазкурро ифода мекунад. Моҳияти консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар истифодаи самаранкои объектҳои молу мулки ғайриманқул, зарурати тобеияти бино (иморат, иншоот) ва қитъаи замине, ки ин объектҳо дар он ҷойгиранд, ба реҷаи ҳуқуқии ягона зоҳир мегардад. Ҷиҳатҳои хоси консепсияи мазкур дар асосҳои зерин зоҳир мегардад:

а) қитъаи замин объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул аст. Дигар объектҳо мустақилона ҳамчун молу мулки ғайриманқул муқаррар карда намешавад. Бино, иншоот ва дигар объектҳои ба

---

[1] Гражданский кодекс (часть первая). Модель Рекомендательный законодательный акт Содружества Независимых Государств. Принят на пятом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств 29 октября 1994 года. Электронный ресурс: https://iacis.ru/baza_dokumentov/modelnie_zakonodatelnie_akti_i_rekomendatcii_mpa_sng/modelnie_kodeksi_i_zakoni/10 (дата обращения: 30.07.2021 года).

замин алоқаи мустаҳкамдошта қисми муҳимми таркибии охирин мебошанд;

б) қисми муҳими таркибии қитъаи замин эътироф гардидани объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зичдошта (аз ҷумла бино, иморат, иншоот). Мафҳуми қисми таркибӣ бояд аз мафҳуми мансубият фарқ карда шавад. Аз як ҷиҳат ин ашёҳо як функсия – пайгирӣ тақдири ҳуқуқии ашёи асосиро иҷро менамоянд. К. Хофакер миёни ин мафҳумҳо тафовут гузошта, қайд мекунад, ки қисми таркибӣ – ин ашёест, ки бидуни он ашёи ташкилшуда ба таъиноти муайяншудаи худ мутобиқат намекунад; мансубият – ин баръакс, ашёе мебошад, ки мустақилона вуҷуд дошта метавонад ва он ба ашёи дигар барои алоқаи пойдор маҷбур шудааст[1].

в) эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти мустақили ғайриманқул. Яъне танҳо қитъаи замин объекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб рафта, қисмҳои муҳимми таркибии он объекти мустақил эътироф намегарданд;

г) вобаста будани тақдири ҳуқуқии бино, иншоот ва дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зичдошта ба тақдири ҳуқуқии қитъаи замин. Бояд зикр намуд, ки консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ҳамчун таҷрибаи классикӣ баъди ҳуқуқи римӣ дар Уложенияи граждании Олмон[2] ва қонунгузории граждании дигар мамлакатҳо мустаҳкам гардид.

Алоқаи ҳуқуқии объект бо замин пеш аз ҳама ба талаботи имконпазирии иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Возеҳ аст, ки якҷоя истифода намудани ин объектҳо бо як таъинот воҳиди нави хоҷагидориро бунёд менамояд, ки он молу мулки муайяни тақсимнашаванда, арзиши иловагии иқтисодӣ фаро мегирад, ки ҷудошавии объектҳои аввалиро таври назаррас коҳиш медиҳад ё пурра аз байн мебарад. Илова бар ин, “шахсони сеюм ба воҳиди ягонаи хоҷагидорӣ ҳамчун объекти ягонаи ҳуқуқ такя намуда, арзиши иқтисодии он бояд нигоҳ дошта шавад. Нигоҳдории арзиши иқтисодӣ, на худи асоси пайдоиши сохтор (конструксия)-и ҳуқуқӣ, балки оқибати ҳифзи ҳуқуқии мавҷудияти ашё мебошад”[3]. Ҳамин

[1] Schmückel K., Zimmermann G. Historisch-kritischer Kommentar zum BGB. Berlin, 1990. S. 336.

[2] Гражданское уложение Германии = Deutsches Bürgerliches Gesetzbuch mit Einführungsgesetz: Ввод. закон к Гражд. уложению; пер. с нем.; науч. ред. А. Л. Маковский [и др.]. М., 2004.

[3] Дар ин ҷо сухан дар бораи порчаи Дигест D. 41, 3, 30, 2 меравад, ки барои тамоми таърихи ҳуқуқии минбаъда муҳим аст, ки тибқи он ҳуқуқшиноси римӣ Pomponiu ҳама ашёҳоро ба се категорияи зерин

тавр, ягонагии иқтисодӣ ва механикӣ ягонагии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ бояд ба таъмини яквақтаи иштироки ашёҳои ба ҳам алоқаманд дар муомилот равона карда шавад[1].

Дар қонунгузории граждании Олмон бевосита молу мулк ба манқул ва ғайриманқул тасниф нагардида, истилоҳи "қитъаи замин" ва "ашёи манқул" истифода мегардад. Қитъаи замин ягона объекти молу мулки ғайриманқул эътироф гардида, дигар объектҳо қисми муҳими таркибии қитъаи замин эътироф карда шудаанд. Яъне бевосита истилоҳи "молу мулки ғайриманқул" дар он истифода намегардад ва объектҳои молу мулки ғайриманқул таҳти категорияҳои "қитъаи замин" ва "қисми таркибии муҳими қитъаи замин" ифода карда мешавад.

Дар консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ба сифати молу мулки ғайриманқул танҳо қитъаи замин эътироф мегардад. Объектҳои дигари ба қитъаи замин алоқаманд қисми таркибии он ҳисобида шуда, тақдири ҳуқуқии онҳо аз тақдири қитъаи замин вобаста аст. Бино, иморат, иншоот ва дигар навъи сохтмон, инчунин маҳсулоти замин, дарахтон, растаниҳо (то мавриди ҷудо намудани онҳо аз замин) молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд. Бо ҳамин назардошт, қонунгузрии граждании Олмон чунин роҳи танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқулро пеша намуда, ба консенсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул асос гузошт, ки моҳияти консепсияи мазкур дар эътирофи қитъаи замин чун объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул зоҳир мегардад.

Дар фарқият аз консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки дар он қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминии объектҳои алоҳидаи молу мулки ғайриманқул муқаррар гардидаанд, дар консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул танҳо қитъаи замин объекти ғайриманқул муайян мегардад ва мафҳуми он ба таври васеъ муайян шуда, зери замин, сатҳ ва фазои болоии қитъаи заминро фарогир мебошад.

---

тақисм намуда буд: res, quae uno spiritu continentur; res, quae ex pluribis inter se cohaerentibus constant; res, quae ex distantibus constant.

[1] Леонтьева Е.А. Концепция единого объекта недвижимости в германском гражданском праве. Право в современном мире. - С. 123

Дар замони муосир баъзе мамлакатҳое, ки дар он консепсияи объектҳои молу мулки ғайриманқул амал менамояд, ба консепсияи ягонагӣ рӯ оварда истодаанд. Аз ҷумла, дар Федератсияи Россия андешаҳои илмӣ вобаста ба ин масъала пешниҳод гардида, ҷиҳати татбиқи он чораҳои дахлдори қонунгузорӣ андешида шуда истодааст. Маврид ба зикр аст, дар консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадани зиддияти реҷаи ҳуқуқӣ бидуни шубҳа дар замони муайян ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Аз ин рӯ, консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул бештар қобили қабул аст, аммо гузариш аз конеспсия гуногунӣ ба консепсияи ягонагӣ мураккаб мебошад, зеро ислоҳоти қонунгузорӣ, ташкилӣ ва идоракуниро талаб менамояд. Дар баробари ин, дар низоми ҳуқуқие, ки муомилоти қитъаи замин маҳдуд карда шуда бошад ва ё иҷозат бошаду механизмҳои анҷом додани муомилот бо қитъаи замин (ё ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин) коркардшуда набошад, ҷорӣ намудани қоидаҳои консепсияи ягонаи объектҳои молу мулки ғайриманқул имконнопазир аст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1996, № 23. м. 351; с. 1997, № 23-24, м. 333; с. 1999, № 5, м.59; с. 2001, № 4, м.176; с. 2004, № 2, м.55, №3. м. 190; с.2006, №7, мод.347; с.2008, №1. қ.2 м. 22; №6, м.463; с.2011., №3, м.171; с.2012, №4, м.269; №8, м. 828;с.2016,№11, мод.879.
3. Гражданский кодекс (часть первая). Модель Рекомендательный законодательный акт Содружества Независимых Государств. Принят на пятом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств 29 октября 1994 года. Электронный ресурс: https://iacis.ru/baza_dokumentov/modelnie_zakonodatelnie_akti_i_re

komendatcii_mpa_sng/modelnie_kodeksi_i_zakoni/10 (дата обращения: 30.07.2021 года).
4. Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1–4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006.
5. Гражданский кодекс Швейцарии. Электронный ресурс. https://www.fedlex.admin.ch/eli/cc/24/233_245_233/en (дата обращения: 25.04.2021).
6. Гражданское уложение Германии = Deutsches Bürgerliches Gesetzbuch mit Einführungsgesetz: Ввод. закон к Гражд. уложению; пер. с нем.; науч. ред. А. Л. Маковский [и др.]. М., 2004.
7. Декрет ВЦИК от 20 августа 1918г. «Об отмене права частной собственности на недвижимость в городах» // Собрание узаконений и распоряжений рабочего и крестьянского правительства. Отд.1. -1918. -№ 62. - Ст. 674; Постановление СНК от 8 августа 1921г. «О предоставлении собственникам муниципализированных строений права возмездного отчуждения недвижимого имущества». 1921. - № 60. – С. 410.
8. Motive zu dem Entwurfe eines Bürgerlichen Gesetzbuches für das Deutsche Reich. Band III. Sachenrecht. Amtliche Ausgabe. Zweite unveränderte Auflage. – Berlin, 1896.
9. Rosenbauer H. Das Wohnungs-bzw. Teileigentum und seine Einordnung in das bürgerliche Recht. – Nürnberg, 1968.
10. Schmückel K. Zimmermann G. Historisch-kritischer Kommentar zum BGB. – Berlin, 1990.
11. Дормидонтов Г.Ф. Система римского права. Общая часть. – Казань. 1910.
12. Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости. Дисс. канд. юрид. наук. Москва-2007. – 194 с.
13. Леонтьева Е.А. Концепция единого объекта недвижимости в германском гражданском праве. Право в современном мире. – 122-140 с.
14. Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. - М., 1982. – 324 с.

**Ҳакимов Яқуб Бахтиёриддинович,**
**сармутахассиси шуъбаи**
**қонунгузории кишоварзӣ,**
**истифодаи сарватҳои табиӣ**
**ва ҳифзи муҳити зисти**
**Маркази миллии қонунгузории**
**назди Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон.**

# РУШД ВА ИНКИШОФИ ЛИЗИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мафҳуми "лизинг" чун падида на танҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ, инчунин дар илмҳои иқтисодӣ низ маъруф аст. Яке аз масъалаҳои муҳим баҳри таҳлил намудани лизинг муайян намудани таърихи инкишоф ва рушди ин падида дар ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад.

Таҳлил намудан аз нигоҳи таърихӣ имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ҳуқуқофарии онҳо оид ба падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ошкор карда шавад. Дар баробари ин аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили ин падида муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама ба мо лозим аст, ки зарурияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқии таърихиро муайян намоем.

Б.М. Кедров қайд менамояд, ки омӯзиши таърих барои дарки имрӯзу оянда мусоидат карда, таҷрибаи таърихӣ инкишофи мақсадноки илмро таъмин менамояд[1]. Ф.С. Сулаймонов иброз менамояд, ки тамоми институтҳои ҳуқуқӣ дорои таърихи худ буда, дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ба миён омадаанд[2].

М.М. Соҳибов ба маврид қайд мекунад, ки аз нигоҳи таърих таҳлил намудани падидаи иҷора, аз ҷумла дар марҳилаҳои гуногуни таърихи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо ва таҷрибаи ғании ҳуқуқофарии онҳо дар ин самт ошкор карда шавад. Ҳамзамон аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он

[1] Кедров Б.М. История науки и принципы ее исследования // Вопросы философии. – 1971. - №9. – С. 78.
[2] Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёй: монография. – Душанбе, 2015. – С.30.

дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили он низ ошкор карда мешавад[1].

Албатта андешаи мазкур қобили дастгирист, зеро ҳар як падида таърихи инкишофи худро дорад. Маҳз омӯзиши таърихи рушд ва инкишофи он барои минбаъд амалигардонӣ ва татбиқнамоии он мусоидат менамояд.

О.В. Гумилевская қайд менамояд, ки дар назарияи илми ҳуқуқи граждании муосир ҳолатҳое ба назар мерасад, ки бештар масъалаҳои амалӣ дар онҳо дида мешавад. Бинобар ин зарурати таҳлили ҷанбаҳои таърихии падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба миён меояд[2]. Дар ҳамин замина, Г.С. Азизқулова иброз медорад, ки муттаассифона мо аз таърих сабақи кам дорем. Он зоҳиран ба мо чизи каме омӯхтааст, вале ҳар қадами он исботи ҳақиқати абадист. Дар ҳамин замина иброз менамояд, ки ҳар як мутахассисро зарур аст, ки дар дилхоҳ соҳаи таҳқиқот ҳатман заминаҳои таърихии онро мавриди омӯзиш қарор диҳад[3]. Баррасии масъалаи падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз нигоҳи таърихӣ, пеш аз ҳама барои дарк намудани омилҳои пайдоиши падидаи мазкур ва дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии он дар замони муосир хизмат мекунад. Дар баробари ин омӯзиши таърихии ин масъала хусусияти амалӣ низ дорад. Он имконият медиҳад, ки таҷрибаи гузаштаро аз худ намуда, баҳри татбиқнамоии он дар оянда чораҳои судманд андешида шавад.

Кӯшиши маънидод намудани мафҳуму моҳияти иҷораро ҳанӯз Арасту дар замони худ анҷом дода буд. Ӯ дар асараш, ки бо номи “Риторика” машҳур аст, қайд намуда буд: “Боигарӣ дар истифодабарӣ аст, на дар соҳибмулкӣ”[4]. Маълум мешавад, ки муносибатҳои иҷоравӣ, умуман муносибатҳои гражданӣ мавриди таҳлили олимону мутафаккирони Юнони қадим қарор гирифтааст. Ҳамин тавр, Арасту то андозае мафҳуми иҷораро муайян намудааст, ки метавон андешаи ӯро ба таври зерин дод: иҷора – имконияти аз рӯйи молумулк гирифтани фоида бе пайдо намудани ҳуқуқи

[1] Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 20.

[2] Гумилевская О.В. Оснавания признания права собственности на самовольную постройку: дис. … канд. юрид. наук. – К., 2008. – С. 15.

[3] Азизқулова Г.С. Рецензия на учебник «История государства и права Таджикистана» часть 1 (от древнейших времен до Х в.) авторы Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. – Душанбе, 2013. – 357с. // Правовая жизнь. - №4 (04), 2013. – С. 167-168.

[4] Аристотель. Риторика //Античные риторики. – Москва: Дрофа, 1978. – С. 164.

моликиятӣ (ихтиёрдорӣ), танҳо бо ҳуқуқи истифодабарии он мебошад.

Аммо бо ин гуфтаҳо розӣ шудан ғайриимкон аст, зеро муносибатҳои онвақта хусусияти иҷоравӣ дошта, хусусиятҳои лизингро пурра надоштанд ва он муносибатҳоро ба пайдоиши институти иҷора вобаста кардан дурусттар аст. Худи мафҳуми "иҷораи молиявӣ", хусусиятҳои "лизинг"-ро дар бар гирифта наметавонад, ин мафҳумҳо аз якдигар фарқ доранд[1].

Дар сарзамини тоҷикон дар танзими шартномаҳои иҷора дар китоби Авесто андешаҳо вуҷуд доштанд. Дар он ҷо ба иҷораи шартномаҳо диққати махсус дода мешуд ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани онҳо муқаррар шуда буд. Барои иҷро накардани шартномаҳо на танҳо қарздор, балки хешони наздики он низ ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд, ки ин одати ҳуқуқӣ барои мустаҳкам намудани низоми шартномавӣ равона карда шуда буд[2].

Дар замони Сосониён "Қонунномаи Сосониён" аз чилу чор фасл иборат буд, фасли сиву чоруми он ба масъалаи иҷора бахшида шуда буд[3]. Баъди забти Осиёи Марказӣ аз тарафи арабҳо, муомилоти тиҷоратӣ аз ҷониби арабҳо муайян карда мешуд. Бастани шартномаҳои гуногуни молу мулкӣ, аз ҷумла шартномаҳои иҷора аз диди ҳуқуқӣ хеле мукаммал буда, иҷрои шартномаҳо ба қасам (савганд), замонат, кафолат, гарав, ноустуворона таъмин карда мешавад[4]. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки дар сарзамини тоҷикон дар давраи таърихӣ истилоҳи лизинг вуҷуд надошт, онро танҳо аз нигоҳи як навъи иҷора буданаш қайд намудан имконпазир аст. Аммо ба пуррагӣ гуфтан ғайриимкон аст, ки лизинг дар аҳди қадим дар ин сарзамин вуҷуд дошт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лизинг ҳамчун як навъи иҷора муқаррар карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 6 декабри соли 1990 қабул карда

---

[1] Сохибзода М.М., Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021), - С. 4-14.

[2] Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН "Дониш" – 2019. – С. 11.

[3] Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Зери назари профессор Холиқзода А.Ғ., Душанбе: Эр граф, 2015, - С. 5.

[4] Усмонов О.У. Гражданская право дореволюционного Таджикистана / Труды юридического факультета, Выпуск 1. Душанбе, 1973. – С. 108.

шуд[1]. Ҳарчанд лизинг ҳамчун як навъи иҷора эътироф шуда бошад ҳам, аммо дар Қонуни мазкур ягон муқаррарот оиди падидаи лизинг ё иҷораи молиявӣ ба назар намерасад.

Падидаи лизинг бори аввал дар таҳрири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 дар боби 33, §7 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад. Боби мазкур асоси ҳуқуқии лизингро муайян намуда, фарогири 5 модда буд. Тибқи м. 693 аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) иҷорадеҳ (лизингдеҳ) уҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагир (лизинггир)-ро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ ба моликият харидорӣ намояд ва ин амволро пулакӣ ба ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ пешниҳод кунад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ барои интихоби амволи ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест. Аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолие, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ба истисно қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ метавонанд таҳвил дода шаванд[2].

Баъдан 2 январи соли 2019 ба Кодекси мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, аз ҷумла ба м. 693 Кодекси мазкур, ки 2 қисми нав ба он илова гардид. Тибқи ин тағйиру иловаҳо аз лаҳзаи додани объекти лизинг ба иҷорагир талаботи иҷорадеҳ объекти таъминшудаи лизинг эътироф мешаванд ва худи иҷорадеҳ бошад, кредитори таъминшуда эътироф мешавад. Иҷорагир ҳуқук дорад танҳо ҳамон қисми арзиши мавзӯи лизинг, ки аз бақияи пардохтҳои лизингӣ зиёд аст, фурӯшад, ба гарав гузорад ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки шартномаҳои ҳуқуқи граждaниро ба танзим медарорад, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзӯи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурияи Тоҷикистон

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 декабри соли 1990 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

[2] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

“Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” қабул гардид[1]. Агар ба қонунгузории кишвар диққат диҳем, маълум мегардад, ки истилоҳи иҷораи молиявиро аз аввал якҷо бо истилоҳи лизинг қайд намудаем. Аммо дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё иҷораи молиявӣ бо лизинг як аст? Истилоҳи иҷораи молиявӣ бо лизинг якҷо ба қонунгузории мо аз куҷо пайдо шуд? Инчунин, дигар саволҳои ба ин монанд.

Лизинги муосири тоҷик таърихи инкишофи худро дорад. Танзими ҳуқуқии лизинг дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон §7 боби 33 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) сурат гирифтааст. Ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» низ падидаи мазкурро бо номи иҷораи молиявӣ ва дар даруни аломати қавс «(лизинг)» муқаррар намудааст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки лизинг ба иҷора тааллуқ дорад ё ба молия (маблағгузорӣ)? Мумкин истифодабарии истилоҳи иҷораи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар ё ин ки истифодаи истилоҳи мазкур аз номи Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» мебошад[2].

Ба ҳар ҳол дарк намудан лозим аст, ки оё иҷораи молиявӣ мазмуни пурраи лизингро фаро мегирад ва агар фаро гирад пас барои чӣ дар баробари иҷораи молиявӣ лизинг истифода шудааст? Аслан, истифодаи истилоҳи иҷораи молиявӣ ба ивази лизинг чандон мувофиқ нест, зеро иҷораи молиявӣ на ҳама аломатҳои лизингро фаро мегирад. Лизинг назар ба иҷораи молиявӣ васеътар мебошад, ки иҷораи молиявиро танҳо як намуди он эътироф кардан мумкин аст[3].

Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки лизинг ва иҷораи молиявӣ аз якдигар тафовут доранд. Бинобар ин зарурати муайяннамоии ин мавқеъ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур аст. Дар қонунгузории кишвари мо бори аввал истилоҳи иҷораи молиявӣ ва лизинг соли 1999 баъди қабули Кодекси гражданӣ ба вуҷуд омад. Агар ба таҷрибаи давлатҳои дигар назар кунем, дар Федератсияи Россия соли 1996 дар Кодекси гражданӣ ва соли 1998 дар қонун истилоҳи

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
[2] Конвенция о международном финансовом лизинге // СЗ РФ. – 1999. – № 32. – Ст. 4040.
[3] Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156.

лизинг ба вуҷуд омад. Соли 1998 Қонуни федералии ФР "Дар бораи лизинг" ном дошт, аммо худи ҳамон сол баъди ратификатсияи Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» ба ин қонун истилоҳи иҷораи моливӣ ворид карда шуд ва истилоҳи лизинг дар қавсайн муқаррар карда шуд. Ҳамчунин дар баробари ин қайд кардан бамаврид аст, Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи лизинг" ном дорад. Мумкин истифодаи иҷораи молиявӣ якҷо бо лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар бошад, аммо Тоҷикистон то ҳол Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ»-ро ратификатсия накардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон тӯлонӣ дорад. Рушд ва инкишофи ин падида баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба назар мерасад. Таҳлили Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" нишон медиҳад, ки баъди қабул ба он 3 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардид. Бори аввал тағйиру иловаҳо 15 марти соли 2016 ба Қонуни мазкур ворид карда шуд, ки дар он чандин тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ба назар намерасид, аммо новобаста ба ин дар Қонуни мазкур моддаи алоҳида бо номи намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад, ки тибқи он намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг): - иҷораи молиявӣ (лизинг) бо минбаъд ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ (лизинг); - иҷораи молиявии (лизинги) амалиётӣ; - иҷораи молиявии (лизинги) баргардонидашаванда маҳсуб меёфт.

Бори дуввум, 14 ноябри соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки дар ин тағйирот чандин навгониҳо дар Қонуни мазкур ба вуҷуд омад. Чи тавре ки ба назар мерасад, дар як сол ду маротиба ба Қонун тағйиру иловаҳо ворид гардид. Тағйиру иловаҳои бори дуввум воридгардида, тағйироти ҷиддиеро ба вуҷуд овард, ки дар аксарияти моддаҳои Қонуни мазкур тағйирот ворид гардид. Шумораи чунин тағйиру иловаҳои воридгардида, 25 ададро ташкил медод, яъне 25 тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур ворид гардид. Яке аз тағйиротҳои ҷиддие, ки ба вуҷуд омад, дар аксарияти моддаҳо ва матни Қонуни мазкур истилоҳи иҷораи молиявӣ хориҷ карда шуда, ба ивази онҳо истилоҳи лизинг истифода шуд. Аммо дар номи Қонун истилоҳи иҷораи молиявӣ боқӣ монд.

Бори сеюм, тағйиру иловаҳо 22 апрели соли 2019 ба Қонуни мазкур ворид карда шуд. Тибқи ин тағйиру иловаҳо моддаи алоҳида ба Қонуни мазкур ворид карда шуд, ки тибқи он рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи лизинг бо тартиб ва бо шартҳои барои рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи гарав пешбинишуда амалӣ карда мешавад. Ҳангоми рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи лизинг, лизинггир ҳуқуқ дорад то фурӯши мавзӯи лизинг уҳдадориҳоро оид ба пардохтҳои лизинг ё ҳамон қисме, ки муҳлати иҷрои он гузаронида шудааст, иҷро намуда, рӯёнидан аз ҳисоби он ва фурӯши онро қатъ намояд. Созишномае, ки ин ҳуқуқро маҳдуд менамояд, эътибор надорад.

Рушд ва инкишофи лизинг дар амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” ба назар мерасад. Корхонаи мазкур ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ мақсадаш ба даст овардани фоида буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 таъсис дода шудааст. Фаъолияти корхона тибқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” амалӣ карда мешавад, ки Оинномаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 тасдиқ карда шудааст.

Корхона шахси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебарорад ва дорои баланси мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи фирмавии Корхона, бланкаи кории худ, штамп ва нишонаи фирмавӣ мебошад. Корхона бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дорои корхонаҳои фаръӣ бошад, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ филиалҳои худро таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Корхона ҳуқуқи истифодабарии карзҳои бонкиро дорад. Корхона ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз амали мақомоти давлатӣ, аз ҷумла амалҳои мақоми ваколатдор, ки ба фаъолияти асосии он вобастагӣ дорад, ба суд даъво кунад.

Маълум аст, ки солҳои охир таъминоти лизингӣ бо таҷҳизот босуръат меафзояд. Ҳамин тавр, дар давраи солҳои 2008-2018 шумораи тракторҳое, ки бо лизинг дода мешаванд, ду баробар ва шумораи мошинҳои даравкунанда - 1,9 маротиба афзудааст. Афзоиши суръати расонидани мошинҳо ва таҷҳизот барои лизинг дар соҳаи кишоварзӣ дар пасманзари эҳтиёҷоти фаврии онҳо ба

истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ сурат мегирад. Мусаллам аст, ки системаи мавҷудаи муносибатҳои агролизинг камбудиҳо дорад, ки дар байни онҳо истифодаи нокифояи самарабахши тадбирҳои дастгирии давлатӣ мавҷуданд. Рақобати сусти бозор дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи мубрами рушди лизинг мебошад, зеро он бо ширкати Тоҷикагролизинг алоқаманд аст, ки беш аз 80% бозори хизматрасонии лизингиро дар иқтисоди миллӣ ишғол мекунад[1]. Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобати лизингӣ кам ба назар мерасад, зеро 80%-и муносибатҳои лизингӣ дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба таҳлили рушд ва инкишофи таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ намудан имконпазир аст:

1. Падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) ба вуҷуд омад. Маҳз ҳамин санад бори аввал, яъне соли 1999 танзими ҳуқуқии лизингро муқаррар намуд.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки шартномаҳои ҳуқуқи граждaниро ба танзим медарорад, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзӯи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" қабул гардид.
3. Рушд ва инкишофи лизинг дар амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" ба назар мерасад. Корхонаи мазкур ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ мақсадаш ба даст овардани фоида буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 таъсис дода шудааст. Фаъолияти корхона тибқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" амалӣ карда мешавад, ки Оинномаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 тасдиқ карда шудааст.
4. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо баъзе

[1] Зиёев З.М. Финансово-экономические аспекты развития лизинговых отношений в сельском хозяйстве (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2020. – С. 5-6.

давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ тафовут дорад. Масалан, дар аксар давлатҳо аввал муносибатҳои воқеӣ оид ба лизинг ба вуҷуд омад, баъдан он дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омад, баъдан муносибатҳои воқеӣ.

5. Умуман таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- аз соли 1999 то соли 2003;
- аз соли 2003 то ҳозир.

Марҳилаи аввал, яъне аз соли 1999 то соли 2003 барои он ҳамчун марҳилаи мустақил эътироф карда шудааст, ки пайдоиши ин падида ба соли 1999 замони қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) рост меояд. Танзими ҳуқуқии иҷораи молиявӣ (лизинг) аз соли 1999 то соли 2003 маҳз тавассути ҳамин кодекс амалӣ карда мешуд. Дар баробари санади мазкур соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" қабул гардид, ки қонуни мазкур санади махсуси ҳуқуқӣ оид ба падидаи иҷораи молиявӣ дар кишвар маҳсуб меёфт.

Марҳилаи дуюм, яъне аз соли 2003 то ҳозир замони пайдоиши меъёрҳои нави ҳуқуқиро ба бор овард. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" муносибатҳои ин соҳа дар амал каме бошад ҳам, рушд намуд. Махсусан, таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" тавонист дар кишвар муносибатҳои амалии лизингиро ба миён орад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар амалиётҳои лизингӣ маҳз аз ҷониби корхонаи мазкур анҷом дода мешавад. Аммо солҳои охир пайдоиши ширкатҳои нави лизингӣ низ ба рушд ва инкишофи муносибатҳои лизингӣ замина гузошта истодаанд. Тағйиру иловаҳое, ки солҳои охир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" ворид гардид, аз он дарак медиҳад, ки вобаста ба татбиқнамоии меъёрҳои Қонуни мазкур дар амал чораҳо андешида шуда истодаанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кедров Б.М. История науки и принципы ее исследования // Вопросы философии. – 1971. - №9. – С. 78.

2. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёй: монография. – Душанбе, 2015. – С.30.
3. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 20.
4. Гумилевская О.В. Оснавания признания права собственности на самовольную постройку: дис. … канд. юрид. наук. – К., 2008. – С. 15.
5. Азизқулова Г.С. Рецензия на учебник «История государства и права Таджикистана» часть 1 (от древнейших времен до X в.) авторы Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. – Душанбе, 2013. – 357с. // Правовая жизнь. - №4 (04), 2013. – С. 167-168.
6. Аристотель. Риторика //Античные риторики. – Москва: Дрофа, 1978. – С. 164.
7. Сохибзода М.М., Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021), - С. 4-14.
8. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН “Дониш” – 2019. – С. 11.
9. Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Зери назари профессор Холиқзода А.Ғ., Душанбе: Эр граф, 2015, - С. 5.
10. Усмонов О.У. Гражданская право дореволюционного Таджикистана / Труды юридического факультета, Выпуск 1. Душанбе, 1973. – С. 108.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 декабри соли 1990 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
12. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
14. Конвенция о международном финансовом лизинге // СЗ РФ. – 1999. – № 32. – Ст. 4040.
15. Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156.
16. Зиёев З.М. Финансово-экономические аспекты развития лизинговых отношений в сельском хозяйстве (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2020. – С. 5-6.

**Очилова Фируза Аюбовна**
**старший преподаватель**
**кафедры гражданского и**
**трудового права юридического**
**факультета ТГУ ПБП**

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОТВЕТСТВЕННОСТИ АКЦИОНЕРОВ В ГРАЖДАНСКИХ ПРАВООТНОШЕНИЯХ

В Республике Таджикистан на практике встречаются случаи, когда имущество общества выведено на другие юридические лица, а акционеры узнают об этом только по истечении определенного времени в суде[1]. Такое обстоятельство дел негативно влияет на состояние гражданского оборота, способствует нарушению прав и законных интересов акционеров. Подобная постановка вопроса действительно подчёркивает существование проблемы ответственности лиц, связанных с созданием акционерного общества, однако, не принимающих мер для нормального функционирования данного хозяйствующего субъекта. Ответственность в подобных ситуациях может быть, как гражданско-правовой, а в некоторых ситуациях, когда присутствует преступное посягательство на имущество или имущественные права хозяйствующего субъекта, так и уголовная ответственность отдельных лиц.

[1] С данным вопросом можно более подробно ознакомиться по Делу № 2 – 652 / 2017; № 2 – 58 / 2018; № 2 – 376 / 2017 Согдийского экономического суда.

Анализ юридической литературы указывает на сложность рассмотрения вопроса ответственности учредителей акционерного общества, акционеров, а также членов органов управления обществом. Исходя из этого, представляется необходимым в рамках данной главы рассмотреть вопрос об ответственности указанных категорий участников акционерных отношений в отдельности.

Акционерами могут быть любые юридические и/или физические лица, закупившие акции общества во время его учреждения или на рынке ценных бумаг или приобретшие их в соответствии с законом (путем дарения, наследования, по решению суда и т.д.)

Акции предоставляют их владельцам (акционерам) обусловленный объем прав, который может быть разнообразным в зависимости от того, какую акцию приобрело то или иное лицо, которое стало акционером. При этом каждая акция этого акционерного общества одного типа дает акционерам равный объем прав.

С.А. Имомова, исследуя правовые основы осуществления субъективных прав акционеров, приходит к следующему выводу: «Совокупность правомочий акционера неразрывно соединена с самой акцией, после покупки которой акционер, во-первых, владеет субъективными правами, которые вытекают из акций, правовая натура которых имеет обязательственный характер, во-вторых, является носителем вещных субъективных прав на саму акцию, так как может подарить, обменять, продать или другим образом определить ее судьбу»[1].

По утверждению И.В. Мишуровой могут быть следующие причины приобретения акций:

- для контроля над обществом (акции предоставляют акционерам законом предусмотренную способность контролировать ход деятельности акционерного общества и тем самым влиять на ход разработки и принятия решений и, возможно, менеджеров; чем больше число голосующих акций, принадлежащих акционеру, тем значительнее его влияние на деятельность общества);

- для получения денежных средств (дивиденды играют важную роль в принятии решения об инвестировании; регулирование выплаты дивидендов может генерировать относительно предсказуемый приток денежных средств);

[1] См.: Имомова С.А. Правовые основы осуществления субъективных прав акционеров по законодательству Республики Таджикистан : автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – С. 11.

- для увеличения уставного капитала (с целью получения дополнительного дохода и тем самым увеличения капитала общества необходимо продажа акций)[1].

В акционерных правоотношениях самыми многочисленными по составу участников являются акционеры. Исходя из смысла ст. 47 Закона Республики Таджикистан «Об акционерных обществах», акционеры выступают в качестве источника власти, направленного на организацию и управление деятельностью всего общества, а общее собрание акционеров – высший орган в сложной системе корпоративного управления акционерным обществом.

В результате анализа норм законодательства, а также положений специальной литературы можно подчеркнуть, что, несмотря на наличие у акционеров значимой роли в организации деятельности и управления акционерным обществом, особым образом не оговариваются вопросы, касающиеся ответственности этих участников акционерных правоотношений. На наш взгляд, особое правовое положение акционеров и их роль в управлении обществом диктуют необходимость и актуальность правовой регламентации данного вопроса.

Исходя из сказанного, нормы закона, предусматривающие ответственность в акционерном обществе также нацелено и на акционеров. Однако данная мысль не соответствует действительности. Акционеры в акционерном обществе имеют полномочия по управлению обществом, в этой связи акционеры должны быть наделены ответственностью перед хозяйствующим субъектом за разработку и принятия решений общим собранием общества[2]. Здесь речь идёт о моменте консолидации акций в руках группы лиц или одного акционера. Ситуация в Таджикистане на практике такова, что в большинстве акционерных обществ контрольный пакет объединен и тем самым сконцентрирован в руках группы лиц или одного лица.

Практика же организации деятельности акционерных обществ в иностранных государствах демонстрирует, что наблюдаются случаи, которые отличаются от практики Таджикистана. Например: «Только 13% крупнейших британских корпораций открытого типа, которые имеют крупных акционеров, суммарно имеют 25% пакетов акций от

---

[1] См.: Мишурова И.В., Панфилов Е.А. Корпоративное управление : учебное пособие. – М., 2010. – С. 135–136.

[2] См.: Молотников А.Е. Значение института ответственности в регулировании акционерных правоотношений // Предпринимательское право. – М. : Юрист, 2006. – № 1. – С. 2–9.

общего капитала общества. Основу экономики США составляют также акционерные общества, однако эти хозяйствующие общества строятся на дробленом характере акционерного капитала. Положение дел в Германии таково, что капитал в акционерных обществах собран в консолидированные группы, и в этой связи немецкие владельцы имеют большие связи с данными акционерными обществами относительно американских корпораций»[1].

Кроме того, статистика показывает, что в США 49% всех акционеров акционерных обществ - это физические лица, в ФРГ 42% акционеров - юридические лица, в Японии около 40% акций принадлежит финансовым учреждениям и 42% консолидированы в руках страховых учреждений.

Структура владения акционерным капиталом в указанных государствах такова, что, в зависимости от объединения различных отличных друг от друга групп лиц в акционерные общества, на эти обстоятельства также стал реагировать правовой массив. Ввиду такого положения, в юридической доктрине сформировался ряд теорий и теоретических основ по осуществлению контроля над акционерным обществом. Наиболее полный перечень сведений по данному вопросу включила следующих теорий, например: «теория акционерного контроля, контроля финансовых институтов и менеджерскую теорию»[2].

В рамках первой теории речь идет об акционерах, обладающих достаточным количеством акций, необходимых для управления акционерным обществом, посредством принятия решений в рамках общего собрания акционерного общества.

Вторая теория характеризуется возможностью оказания финансовыми институтами финансовой помощи акционерному обществу и, тем самым, - возможностью влияния на принятие решений акционерным обществом.

В рамках третьей теории речь идет об установлении круга и статуса лиц, которые участвуют в управлении акционерного общества, в частности, генерального директора, членов совета директоров и т.д. Если акцентировать внимание на практику государств в плане применения отмеченных теорий, то в США

---

[1] Косаренко Н.Н. Корпоративное право : учебно-методическое пособие / Косаренко Н.Н., Мыскин А.В. – М. : Юстиция, 2017. – 54 с.

[2] Очилова Ф.А. Вазъи ҳуқуқии саҳмдор дар ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2011. – С. 7 –18.

распространена именно третья теория. Связано это с тем, что наблюдается сосредоточение акционерного капитала в руках большого количества акционеров, кроме того, финансовым институтам запрещено приобретать акции акционерных обществ, что в итоге создает условия для распространения именно «менеджеристской теории». По этой причине в США особым образом обстоят дела с определением правового положения и, конечно, с вопросом об ответственности акционеров и других лиц, осуществляющих управление корпорациями.

В Республике Таджикистан в большинстве случаев дела обстоят таким образом, что акции в открытых акционерных обществах сконцентрированы в руках одного лица или ограниченного круга лиц.

Можно предположить, что такая ситуация связана с отсутствием понимания корпоративных норм, неразвитостью культуры поведения и организации управления акционерным обществом и, что немаловажно, ограниченной возможностью для миноритарных акционеров в реализации защиты их законных прав и интересов.

Если даже исходить из того, что в Республике Таджикистан в законодательном порядке закреплен подход, исходящий из теории акционерного контроля, нам представляется, что следует говорить не только об ответственности членов органов управления акционерным обществом, но и ответственности всего хозяйствующего субъекта. На наш взгляд в случае консолидации основной массы акций акционерного общества в руках единого субъекта, он может влиять на формирование и деятельность органов управления и общества в целом. Говоря о вопросе ответственности акционера консолидирующего основную массу акций в своих руках, мы способствуем повышению внимания данному вопросу. С другой стороны практика гласит об обратном, то есть невозможности привлечения подобного субъекта к ответственности. Связывается это с тем, что в большинстве случаев акционерами выступает другие юридические лица, которые в свою очередь, не имея имущества, лишаются способности возмещения причиненных убытков.

Акционерное общество осуществляет свою деятельность исходя из правового режима ответственности участников этого акционерного общества. По нашему мнению, в таких случаях используется «принцип ограниченной ответственности акционеров»[1]. Однако, с такой

[1] Очилова, Ф.А. К вопросу о возникновении ответственности акционерного общества в Республике Таджикистан // Ученые записки. Серия гуманитарных наук. – Худжанд, 2014. – № 4 (41). – С. 235–239.

постановкой вопроса согласны не все, по мнению Д.В. Ломакина, смысловое содержание принципа ограниченной ответственности акционеров указывает на ответственность акционеров во всех случаях, даже по обязательствам акционерного общества. Акционерное общество как самостоятельный хозяйствующий субъект несет ответственность перед другими юридическими лицами. В данной ситуации акционеры не несут ответственности всего акционерного общества. Риски же акционеров определяются и ограничиваются только суммами стоимости их акций в обществе[1]. Тем самым необходимо правильно сформулировать мысль, которая ограничивает ответственность акционера и акционерного общества. Можно утверждать, что в п. 1 ст. 9 Закона Республики Таджикистан «Об акционерных обществах» закреплена норма, где регламентируются вопросы об ответственности акционера и акционерного общества. Из смысла данной нормы вытекает, что в вопросах ответственности акционеров и акционерного общества наблюдаются правила, в соответствии с которыми ответственность акционеров ограничивается только убытками, которые они несут в объемах стоимости их акций в акционерном обществе, то есть акционеры не несут ответственности всего акционерного общества Е.В. Пестерева по этому поводу указывает: «взаимоотношение акционера и акционерного общества по вопросам ответственности связывается с рисками потери вкладов акционеров в уставной капитал акционерного общества»[2].

Подытоживая сказанное, следует отметить следующее:

1. Акционерное общество осуществляет свою деятельность исходя из правового режима ответственности его участников. Исходя из того, что акционеры не несут ответственности по обязательствам акционерного общества, их ответственность является ограниченной. Она ограничивается только убытками и несением риска в объемах стоимости их акций в акционерном обществе. Исходя из этого предлагается ч. 2 ст. 106 ГК Республики Таджикистан и ч.1 ст. 9 Закона Республики Таджикистан «Об акционерных обществах» изложить в следующей редакции:

«Акционеры, осуществившие в неполном объеме оплату приобретенных в ходе их размещения акций, несут солидарную

---

[1] Ломакин Д.В. Общие положения об органах акционерного общества // Вестник Московского университета. Серия 11: право. – 2003. – № 4. – С. 28.

[2] Белов В.А., Пестерева Е.В. Хозяйственные общества. – М. : АО «Центр ЮрИнфоР», 2002. – С. 123.

ответственность по обязательствам общества, в пределах не оплаченной ими части доли стоимости принадлежащих им акций».

2. В рамках акционерных правоотношений необходимо ответственность акционеров разделить на следующие виды:

1) солидарная ответственность акционеров связана с обязательствами общества, вследствие неоплаты акционером стоимости акций общества;

2) субсидиарная ответственность акционеров, возникающая вследствие объявления акционерного общества несостоятельным (банкротом).

Солидарная ответственность акционера возникает в результате неоплаты стоимости акций. Данный вид ответственности акционера обладает следующими признаками:

а) наличие невыполненной обязанности по оплате приобретенных акций общества;

б) солидарный характер ответственность акционеров;

в) акционер несет ответственность по любым обязательствам общества.

Субсидиарная ответственность акционеров по обязательствам общества, возникающая в результате несостоятельности (банкротства). Для него характерны следующие особенности:

а) наличие вины в поведении акционера выражающаяся в форме умысла;

б) ответственность акционеров субсидиарного характера возникнет только в случае виновного поведения акционера относительно факта несостоятельности (банкротства) акционерного общества.

**Список литературы:**


1. Очилова, Ф.А. К вопросу о возникновении ответственности акционерного общества в Республике Таджикистан // Ученые записки. Серия гуманитарных наук. – Худжанд, 2014. – № 4 (41). – С. 235–239.
2. Ломакин Д.В. Общие положения об органах акционерного общества // Вестник Московского университета. Серия 11: право. – 2003. – № 4. – С. 28.
3. Белов В.А., Пестерева Е.В. Хозяйственные общества. – М. : АО «Центр ЮрИнфоР», 2002. – С. 123.

4. Молотников А.Е. Значение института ответственности в регулировании акционерных правоотношений // Предпринимательское право. – М. : Юрист, 2006. – № 1. – С. 2–9.
5. Имомова С.А. Правовые основы осуществления субъективных прав акционеров по законодательству Республики Таджикистан : автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – С. 11.
6. Мишурова И.В., Панфилов Е.А. Корпоративное управление : учебное пособие. – М., 2010. – С. 135–136.

**Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода – омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РӮЁНИДАНИ ФОИЗҲО ҲАМЧУН ШАКЛИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ БАРОИ ИҶРО НАКАРДАНИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ

Дар замони муосир уҳдадориҳои пулӣ унсури ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ буда, ба онҳо дар низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ дар навбати аввал бо гуногуншаклӣ ва тафовути онҳо алоқаманд буда, ба бозори ҳозиразамон нигаронида шуда, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки тибқи моддаи 12 он асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил намуда, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад[1].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КГ ҶТ) ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, боиси такмили институтҳои ҷойдоштаи ҳуқуқӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нав, аз ҷумла, институти уҳдадориҳои пулӣ гардид. Реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо дарназардошти талаботи кунунии муомилоти бозорӣ дар

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С.9.

қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва пеш аз ҳама, дар меъёру муқаррароти КГ ҶТ оид ба иҷрои онҳо (шартҳои иҷро, оқибатҳои ба таъхир андохтани иҷро, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва бо таври матлуб иҷро накардани онҳо ва ғайра) муқаррар карда шуд.

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат боиси буҳронӣ гардидани вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар гардид. Аз ин ҷо, ҷиҳати тақвият додани заминаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ корҳои амалӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд. Бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи дурнамои ҳамасолаи сиёсати пулию қарзӣ бояд суботи молиявии кишвар таъмин, фишангҳои пулию қарзӣ самаранок истифода ва механизмҳои таъсирбахшии онҳо ҷорӣ карда шаванд.[1]

Қайд намудан зарур аст, ки аз иҷрои уҳдадориҳои пулӣ суботи муомилоти иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия, таҳияи чунин механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ ва рӯёнидани товони зарар мусоидат намоянд.

Рӯёнидани фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр, ин шакли мустақилонаи ҷавобарии ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки тартиби махсуси истифода бурданро дорад.

Амали ҳуқуқии номбаршуда барои ҷабрдида боз як асосро барои талаб кардани талафот фароҳам меорад. Он норасоии муҷозотҳои анъанавии универсалии дар муомилоти тиҷоратиро ба мисли рӯёнидани зиён ва ноустуворона пур мекунад. Ба ғайр аз ин, ситонидани фоизҳо на танҳо талафоти кредиторро ҷуброн мекунад, балки ҳамзамон, ҳуқуқвайронкунандаеро ҷазо медиҳад, ки на ҳамеша аз сабаби боздоштани муҳлати иҷрои воситаҳои пулӣ даромади молумулкиро соҳиб мешавад. Ҳамин тавр, қонунгузор ситонидани фоизҳоро на ҳама вақт ба омили гирифтани даромад аз ҷониби

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо аз 10 майи соли 2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/20101 (санаи муроҷиат: 10.05.2019).

ҳуқуқвайронкунанда вобаста медонад. Ҳамзамон, ба назар гирифтан зарур аст, ки м. 395 КГФР (м. 426-и КГ ҶТ) то ба ҳол амалан ягона қоидаи қонунгузориест, ки дар муомилоти тиҷоратӣ барои ислоҳ кардани баргардонидани қарзи пулӣ ва ба назар гирифтани паст шудани арзиши аслии он имконият медиҳад.[1]

Рӯёнидани фоизҳоро аз рӯйи тартиби м. 426 КГ ҶТ шакли «ғайринамунавӣ»-и ҷавобгарӣ эътироф карда, ҳуқуқшиносони алоҳида, аз ҷумла, мутахассисони назариявию амалиявӣ чунин меҳисобанд, ки фоизҳо барои истифодаи нодурусти воситаҳои пулии ғайр бояд новобаста аз мавҷудият ё набудани гуноҳ ва дар ухдадориҳо оид ба амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ бошад, ҳамчунин, новобаста аз мавҷудияти ҳолатҳои қувваи рафънопазир рӯёнида шавад. Дар асоснокнамоии мавқеи худ онҳо ба хусусияти пул чун объекти ҳуқуқи граждании, ҳамчун чизи ивазшавандаи ҳамеша дар муомилоти молумулкӣ мавҷудбуда ва дар ҷараёни истифода бурдани хусусияти худро аз даст надиҳанда ишора мекунанд.

Аз ин рӯ, дар қарздор мавҷуд набудани воситаҳои зарурии пулӣ дар ҳеҷ гуна ҳолат, ҳатто ҳангоми мавҷудияти ухдадориҳое, ки метавонанд чун қувваи рафънопазир тавсиф карда шаванд, наметавонанд, ки чун асос барои озод кардан аз ухдадорӣ барои иҷро накардани ухдадории пулӣ хизмат намояд.[2]

Дурустии гуфтаи болоиро дар қисми хусусиятҳо зери шубҳа қарор надода, онҳо хоси ҳар ухдадории пулӣ мебошанд, ба туфайли онҳо иҷрои ухдадории пулӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад, ки ба таври объективӣ номумкин гардад. Ба ҳар ҳол зикр мекунем, ки хусусияти зикргардидаи ухдадориҳои пулӣ бо асосҳои ҷавобгарӣ барои иҷрои онҳо алоқаманд намебошад. Дар ҳақиқат, маблағҳои пулӣ ивазшавандаанд ва ҳамеша дар муомилот мавҷуданд, он гоҳ қарздор дар ҳама ҳолат имконияти ба ҷо овардани баъзе аз амалеро ба хотири он дорад, то ин ки маблағи зарурӣ барои баргардонидани қарз ёфт шавад.

Барои ин қарздор метавонад, ки моликияти ба ӯ тааллуқдоштаро фурӯшад, аз шахсони сеюм қарз гирад ва ғайра. Вале ҳангоми баррасии талабот оид ба рӯёнидани ноустуворона барои гузаронидани муҳлати пардохти иҷрои ухдадорӣ, ки бо онҳо гузоштани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ухдадории пулиро

---

[1] Хохлов В.А. Гражданско-правовая ответственность за нарушение договора: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 1998. – С.271-272.

[2] Брагинский М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Общие положения. – М.: Статут, 1997. – С.557.

алоқаманд медонанд, бояд ҳатман ба назар гирифта шаванд ва табиати муътадилии пул ба ин монеагирӣ намекунад (м. 432 КГ). Натиҷаи қонунии эътирофи фоизҳо, ки бо тартиби дар м. 395 КГФР (м. 426 КГ ҶТ) муайян кардашуда рӯёнида мешавад, шакли ҷавобгарии ҳуқуқи граждании буда, зарурати ба онҳо истифодабарии муқаррароти умумии қонунгузории граждани оид ба ҷавобгарӣ, аз ҷумла, меъёрҳои м. 401 КГ ФР (м. 432 КГ ҶТ) мебошад.[1]

Зарурати истифодабарии принсипи гуноҳ, чун яке аз асосҳои ҷавобгарӣ ҳангоми рӯёнидани фоизҳо бо тартиби дар м. 426 КГ ҶТ муқарраргардида, низ аз меъёрҳои м. 1122 КГ ҶТ бармеояд. Қисми 2 моддаи мазкур муқаррар мекунад, ки фоизҳо барои истифода бурдани маблағҳои ғайр танҳо аз бадастдарорандаи гунаҳгор рӯёнида мешавад. Мантиқан, дар назар доштан дуруст аст, ки принсипи гуноҳ, дар баробари дигар асосҳои ҷавобгарӣ бояд ба дигар ҳолатҳои пардохти фоизҳо тибқи м. 395 КГФР (м. 426 КГ ҶТ) низ татбиқ карда шавад.[2]

Мисол: Суди иқтисодии вилояти Хатлон аз 6 сентябри соли 2016 бо дастрасии моддаҳои 165-168 ва 174-и Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома қабул намуда, даъворо қисман қонеъ намуда, аз ҳисоби Ғ., ба фоидаи Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Кӯлоб 3332,69 доллари ИМА маблағи асосии қарз ва фоизҳои ҳисобшуда ба маблағи 2000 доллар ИМА, ҷамъ маблағи 5332,69 доллари ИМА, мутаносибан бо асъори миллӣ баробар ба 41966,13 сомонӣ, бо роҳи фӯруши амволҳои манқули ба гарав гузошташуда, дар савдои оммавӣ рӯёнидааст. Аз ҳисоби Ғ., ба фоидаи Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Кӯлоб ба маблағи 839,32 сомонӣ хароҷоти судӣ, руёнида шудааст. Суд талаби даъворо дар қисми руёнидани фоизҳои ҳисобшуда ба маблағи 2304,30 доллари ИМА, рад кардааст.

Суд муайян намудааст, ки 12 сентябри соли 2011 байни Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ш. Кӯлоб Ғ., шартномаи кредит, таҳти №EBRD/AIB/03-1-2-010097 ба маблағи 4500 доллари ИМА басташуда, муҳлати пардохти он то 12 марти соли 2013 муайян карда шудааст. Бахри таъмини иҷрои уҳдадории қарзии худ ҷавобгар амволи хона,

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства // Вестник Высшего арбитражного суда РФ. – М., 1999. – №1. – С.74; Ипатов А.Б. Отдельные вопросы применения статьи 395 ГК РФ // Юрист. – М., 2001. – №10. – С.47-52.

[2] Гаврилов Э.П. Ответственность за неисполнение денежного обязательства. – М.: Юрид. лит, 1997. – №11. – С13-15.

моли дар гардиш буда, таҷҳизот, инчунин ҷавоҳироти тилоро тибқи шартномаҳои гарав, ки 12 сентябри соли 2011 ба расмият дароварда шудааст, дар назди Бонк ба гарав гузоштааст. Мувофиқи банди 1.1-и шартномаи қарзӣ ҷавобгар уҳдадорӣ гирифтааст, ки шартҳои шартномаи кредитиро вобаста ба муҳлат мақсаднок истифода бурда ва саривақт баргардонидани қарзро риоя намуда ҳар моҳ пардохти фоизҳои ҳисобшуда ва надертар аз муҳлати бо шартномаи кредит муайяншуда пардохти пурраи қарзи асосиро таъмин менамояд. Аммо ҷавобгар тартиби талаботи шартномаро дағалона вайрон намуда, маблағи асосӣ ва фоизҳои онро саривақт пардох накардааст. Дар натиҷа ба ҳолати 29 июни соли 2016 уҳдадории худро иҷро накардааст. Дар натиҷаи напардохтан муҳлати шартномаи кредит ба охир расида, Бонк барои баргардонидани маблағи асосӣ, фоизҳо ва барои дар муҳлати муқарраршудаи талаботи шартнома ҷарима аз суд хоҳиш намудааст, ки аз ҳисоби фуруши амволҳои ба гарав гузоштаи Ғ. ва Д., мувофиқи шартномаҳои гарав ва замимаҳои руйхати амволҳо ба фоидаи Бонк қарзи асоси ба маблағи 3332,69 доллари ИМА ва фоизҳои ҳисобшудаи напардохта ба маблағи 4304,30 доллари ИМА, ҷаъм маблағи 7636,99 доллари ИМА дар санаи пардохт бо асъори миллӣ, руёнида шавад.

Мутобиқи бандҳои 1.1-ишартномаи қарзии байни тарафҳо басташуда қарздиҳанда уҳдадор шудааст, ки бақарзгиранда маблағи 4500 доллари ИМА, ба муҳлати ниҳоии пардохти онто 12 марти соли 2013, яъне 18 моҳ, бо ситонидани 17,83 % фоизи солона, ҳамчун қарз диҳад. Мувофиқи банди1.1 шартномаи байни тарафҳо қарзгиранда уҳдадор шудааст, ки шартҳои шартномаи мазкурро бо принсипҳои музднокӣ, муҳлатнокӣ баргардонӣ ва истифодабарии мақсадноки қарз қатъиян риояву иҷро намояд. Ҳолати мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, тамоми паҳлуҳои риоя нашудани иҷрои уҳдадориҳои қарзии тарафҳо аз ҷониби суд дуруст баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст.[1]

Барои қабул кардани ҳалнома оид ба рӯёнидани фоизҳо муқаррар кардани мавҷудияти танҳо як ҳолат кифоя аст. Ин ҳам бошад қарздор ғайриқонунӣ соҳиби маблағҳои пулӣ гардида бошад. Ифодаи овардашуда, бояд доираи ниҳоят васеъи муносибатҳоро фаро гирад. Аз ҷумла, боздошти интиқоли маблағи талаб кардашавандаи

[1] Маводи Бойгонии Суди Олии иқтисодии вилояти Хатлон, парвандаи №2-2267/16 аз 6.09.2016.

шарик, ариза оид ба набудани қарздорӣ дар он ҳолате, ки он амалан ҷой дорад, гирифтан ва соҳиб шудан ба маблағи ба таври хато интиқолдодашуда ва ғайра. Мавқеи баёнкардашударо бисёр муаллифон дастгирӣ мекунанд.[1]

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, вақте ки соҳибкор сари вақт пардохти маблағи ба ӯ тааллуқдоштаро нагирифтааст, маҷбур мешавад, ки барои истифодабарии воситаҳои пулии қарзӣ мурочиат намояд. Дар натиҷа, он ба андозаи фоизҳо зиёнеро мебинад, ки барои истифода бурдани маблағҳои пулии қарзӣ бояд пардохт намояд. Қарздор уҳдадор аст, ки ба кредитор ин зиёнҳоро дар шакли пардохти фоизҳо ба маблағи қарздорӣ пардохт намояд. Вобаста ба ин, барои муқаррар кардани ҷавобгарӣ худи омили вайрон кардани уҳдадории пулӣ бояд аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад, ки дар он ба таври ғайриқонунӣ соҳибшавии қарздор ба маблағҳои пулии ғайр ифода меёбад[2], ки зери онҳо ҳама гуна пулеро бояд фаҳмид, ки нисбат ба онҳо кредитор ҳуқуқи талаб карданро дорад.[3]

Қарор дар бораи даст кашидан аз ситонидани фоизҳоро танҳо дар он ҳолате одилона меҳисобем, ки вайрон кардани низоми ҳисоббаробаркунӣ мавҷуд бошад, вале аз худ кардани маблағҳои пулӣ вуҷуд надошта бошад (масъалан, маблағи ба шарик интиқол доданашуда амалан дар суратҳисоби маркази ҳисобию хазинадорӣ ҷойгир бошад).

Дар моддаи 426 КГ ҶТ сухан оид ба ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ меравад. Пардохти фоизҳо барои истифода бурдани маблағи ғайр бо омилҳои гузаронидани муҳлати пардохти уҳдадориҳои пулӣ ё бидуни асос гирифтан ё ба пасандоз гузоштан аз ҳисоби шахси дигар алоқаманд мебошад. Ин модда яке аз пурбаҳстаринҳо дар таснифбандии чораҳои таъсиррасонӣ ва ҳам муайянкунии оқибатҳои амалӣ мебошад.

Фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ дар ҳақиқат пардохт мебошад, агар ин истилоҳ танҳо на ба маънии маҳдуди он, балки чун ифодаи оғози умумии пардохти ҷуброне бошад, ки хоси ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Дар чунин ҳолат «пардохт»-и ба худ хос, умуман, ҳар навъ ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи граждаииро эътироф кардан мумкин аст.

---

[1] Ниг.: Белов В.А. Применение норм ст. 395 ГК РФ // Финансовый бизнес. – М., 1997. – №6. – С.56-64; Белевич А.В. Об ответственности за неисполнение денежного обязательства // Законодательство. – 1998. – №12. – С.8-12.
[2] Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. – СПБ.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2001. – С.135.
[3] Ниг.: Хохлов В.А. Ҳамон асар. – С.275.

Дар мавриди он ки тасдиқ намудани ҳар навъи истифода бурдани пулҳои ғайр боиси ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ оид ба фоизҳо гардад ҳам, вале асос ва шарти бавуҷуд омадани чунин уҳдадорӣ як хел намебошанд. Пас, муқаррар намудани тартиби ягонаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ номумкин аст. Агар чанде, пардохтани фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр ва ҳам фоизҳои вобаста ба гузаштани муҳлати пардохти онҳо рӯёнидашаванда, гарчанде бебаҳс аст, бо вуҷуди ин, дар маънои ҳуқуқӣ шабеҳ донистани онҳо норавост, зеро, дар ҳолати аввала фоиз барои истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр ва дар ҳолати дуюм бошад, барои муҳлатгузаронӣ дар пардохти онҳо рӯёнида мешавад.

Масъалаи рӯёнидани фоизҳои солона тибқи талаботи м. 426 КГ ҶТ, масъалаи баҳснок буда, оид ба табиати ҳуқуқии онҳо дар байни олимон ақидаи ягона вуҷуд наадорад. Рӯёнидани фоизҳои солона барои истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр, ҳамчун пардохт буда, яке аз далелҳои асосии онҳо ишора ба хусусияти хоси маблағҳои пулӣ, қобилияти онҳо барои овардани даромади дар шароити ҳозираи иқтисодӣ мебошад.[1] Чунин фаҳмиши хусусияти пулро набояд мутлақ эътироф кард, зеро пул метавонад, ки вобаста ба ҳолатҳои воқеӣ (набудани имконияти илова кардани сармоя, истифодабарии пул новобаста аз мақсади гирифтани фоида ва ғайра) даромад наорад. Чунин фаҳмиши фоизҳо ифодаи амалӣ низ дорад, зеро истифодабарии маблағҳои пулии ғайр ҳангоми гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ ҳангоми чунин муносибат имконияти дар як вақт татбиқ намудани ноустуворонаро барои гузаронидани муҳлати пардохт инкор намекунад.

Бояд қайд намоем, ки даст кашидан аз ба назар гирифтани асосҳои аниқи пайдоиши уҳдадории пардохти фоизҳои қонунӣ метавонад боиси бесарусомонии зиёд дар истифода бурдани меъёрҳои м. 426 КГ ҶТ гардад. Зеро, дар баъзе ҳолатҳо уҳдадории ба назаргирифтаи онҳо умуман бо ҳеҷ кадом истифода бурдани маблағҳои ғайр аз ҷониби шахсони ба гирифтани фоизҳо ҳуқуқдошта, алоқаманд намебошад. Эҳтимол, фарқ дар тартиби рӯёнидани чунин «пардохт»-ро ҳангоми вайрон кардани уҳдадории пулӣ ва ҳангоми бойшавии беасос маънидод кардан мушкил мебошад.

---

[1] Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика. Сборник памяти С.А. Хохлова / Отв. ред. А.Л. Маковский. – М.: Междунар. Цент финансов-экон. развития, 1998. – С.332; Гафуров А.Д. Дисциплина расчетов в условиях рыночной экономики: правовые аспекты. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – С.134.

Дар ҳолати пардохти барои қарз эътироф шудани фоизҳо, мантиқан дуруст мебуд, ки қоидаҳои м. 342 КГ ҶТ оид ба пардохти баҷо овардашудае, ки барои иҷрои пурраи ӯҳдадории пулӣ нокифоя аст, ҳангоми набудани созишномаи дигар, пеш аз ҳама, хароҷоти кредиторро оид ба гирифтани иҷро мепӯшонид, баъдан, фоизро, дар қисми боқимонда бошад - маблағи умумии қарзро, инчунин, дар муносибат бо рӯёнидани фоизҳо барои истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр, ки то ба имрӯз ва низ на беасос, ба таври собитқадамона амалияи судӣ муқобилият нишон медиҳад, истифода бурда шавад.

Ҳамчунин, нофаҳмо аст, ки бо кадом тарз аз мавқеи нуктаи назари ироагардида, метавон хислати фоизҳоро дар муносибат бо зиёнҳои ба ҳисоб гирифташуда ба таври консептуалӣ асоснок намуд. Ба сифати яке аз далелҳои асосии консепсияи баррасишаванда дастур оид ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ пеш оварда мешавад, ки тибқи он фоизҳои солона бояд ба зарардида, новобаста аз ҳолатҳое, ки қарздор аз ҷавобгарӣ барои напардохтани он озод карда мешавад, аз тарафе, ки ӯҳдадории пулиро бо таври номатлуб иҷро намудааст, пардохта мешавад (м. 78 Конвенсияи Вена[1] ва қ. 1 м. 7.4.9 Принсипҳои УНИДРУА).[2]

Қоидаҳои дар онҳо мустаҳкамкардашуда, ҳамчун шаҳодати он баррасӣ карда мешавад, ки зери мафҳуми фоизҳое, ки ҳангоми гузаронидани муҳлати иҷрои ӯҳдадории пулӣ рӯёнида мешавад, дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ ҳамчун пардохти ба худ хос фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, чунин тарзи муносибат низ солҳои охир ба танқиди ҷиддӣ гирифтор шудааст.[3]

Бо вуҷуди ин, ҳолатҳое низ имконпазиранд, ки аз қарздор айнан меъёрҳои фоизҳои солона чун шакли мустақили ҷавобгарии ҳуқуқи граждани рӯёнида мешаванд. Ин ба он ҳолатҳое дахл дорад, ки новобаста аз намуди ӯҳдадории шартномавӣ аз тарафи қарздор ӯҳдадории муҳлати гузаштаи пардохти пул барои маҳсулоти додашуда, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ғайра ҷой дорад, яъне ӯ барои

---

[1] Конвенция ООН О договорах международной купли-продажи товаров от 11 апреля 1980 г. // Руководство по правовому управлению рисками по внешнеторговым контрактам для малого и среднего предпринимательства: методическое пособие для экспортно-ориентированных субъектов малого и среднего предпринимательства / М.Г. Бакуев. – Екатеринбург: ООО «ПРОГРЕСС ГРУПП». – 2014. – С.25.

[2] Принципы международных коммерческих договоров (Принципы УНИДРУА) // Документ разработан Международным институтом унификации частного права (УНИДРУА), имеющим статус межправительственной организации, членом которой является также и Российская Федерация. International Institute for the Unification of Privat Law (UNIDROIT). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http:// studwood.ru›printsipymezhdunarodnyh kommercheskihdogovorovunidrua). – 1994. – С.32-33.

[3] Ниг.: Жарский А. Проценты за просрочку денежного обязательства по внешнеторговым контрактам как средство правовой защиты пострадавшей стороны // Хозяйство и право. – М., 2001. – №11. – С.40-44.

иҷро накардан ё гузаронидани мухлати иҷрои уҳдадории пулӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Дар асоси моддаи 523 КГ ҶТ дар ҳолатҳое, ки агар дар шартномаи хариду фурӯш уҳдадории харидор дар мавриди то аз ҷониби фурӯшанда додани мол пурра ё қисман пардохтани арзиши мол (пешпардохт) пешбинӣ гардида бошад, харидор вазифадор аст дар мухлати муқаррарнамудаи шартнома ва агар дар шартнома чунин мухлат муқаррар нагардида бошад, дар мухлати тибқи м. 335 ҳамин Кодекс муайянгардида пардозад. Дар ҳолати уҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи хариду фурӯшро дар хусуси пешпардохти арзиши мол иҷро накардани харидор қоидаҳои пешбининамудаи м. 353 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки агар фурӯшанда маблағи пешпардохтро гирифта, уҳдадории худро вобаста ба додани мол (м. 492) анҷом надиҳад, харидор ҳуқуқ дорад додани молҳои арзишашон пардохташуда ё баргардонидани пешпардохти барои молҳои аз ҷониби фурӯшанда доданашударо бо ҳисоб кардани фоиз аз рӯзе, ки мебоист додани мол сурат гирад, то рӯзи додани мол ба харидор ё ба ӯ баргардонидани пешпардохт талаб кунад. Дар шартнома уҳдадории фурӯшанда оид ба пардохти фоиз ба маблағи пешпардохт аз лаҳзаи аз харидор гирифтани ин маблағ пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

Моҳиятан, маблағи пардохти фоизҳо ба пешпардохти харидор – қарзи тиҷоратӣ мебошад. Айнан, бо ҳамин шартҳо фоизҳо аз фурӯшанда чун пардохт барои истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр, танҳо ҳангоми мавҷудияти шартҳои мувофиқ дар шартнома рӯёнида мешаванд.

Ҳангоми баррасии далелҳо таснифоти табиати ҳуқуқии фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ҳолати дигар бештар таваҷҷуҳро ҷалб менамояд, ки ҳангоми нокифоягии назариявӣ дар ташаккули амалияи судӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Сухан дар бораи муносибатҳои ҷамъиятии ноустувор меравад, ки бо тазоҳуроти шадиди ҷамъиятӣ ба амал меоянд. Вобаста ба ин, Л.А. Новоселова қайд менамояд, ки мутаассифона, муқаррароти м. 395 КГ ФР (м. 426 ГК ҶТ) оид ба тартиб ва андозаи фоизҳои ворид кардашаванда бо чунин тарзе ифода карда шудааст, ки ҳангоми ноустуворӣ ва афзоиши андозаи фоизҳо оид ба амалиёти қарзӣ ба беасос бой шудани кредитор ва ҳангоми паст шудани андозаи фоизҳо бошад, боиси рӯёнидани нопурраи талафоти он мегардад. Дар ҳолати охирин, кредитор аз имконияти ба

таври илова пешниҳод намудани талабот оид ба рӯёнидани зарарҳо маҳрум нашудааст. Ҳангоми афзоиши ставкаҳо ҳеҷ гуна механизме, ки беасос бой шудани кредиторро истисно менамояд, дар Кодекси граждании ба таври бевосита пешбинӣ нашудааст.[1] Бечунучаро, ҳолати зикргардида метавонист, ки ҳангоми таснифи табиати ҳуқуқии уҳдадорӣ дар бораи пардохти фоизҳои барасишаванда чун уҳдадорие, ки аз далели бойшавии беасоси қарздор бармеояд, аҳамият дошта бошад. Вале чунин меҳисобем, ки барои чунин таснифот асосҳои кофӣ вуҷуд надоранд, зеро маблағҳои пулии ба кредитор пардохтшаванда, чун қоида, аз тарафи қарздор дар асоси қонун ё шартнома ба даст оварда мешавад.

Дар ин ҳолат, ба ақидаи мо, дар робита ба он ягон камбудие вуҷуд надорад, ки муқаррароти м. 426 КГ ҶТ ягон тартиби махсус, андоза ва ё механизми ҳисоб карда ворид намудани фоизҳоро ба маблағи уҳдадории пулии иҷронагардида дар давраи ноустуворӣ ва афзоиши ставкаҳои фоизӣ, ҳамчунин, дар давраи паст шудани онҳо ба назар намегирад. Зеро он ба таври воқеӣ арзиши истифодабарии маблағҳои пулиро дар ҳамин давра ифода менамояд.

Вале ҳисоб карда, ворид намудани фоизҳо ба маблағи қарзи пулӣ на ҳамеша бо ҷавобгарии қарздор алоқаманд аст. Фоизҳо метавонанд, ки ҳангоми расман аз ҷониби қарздор истифода бурда шудани маблағҳои пулии ғайр низ ситонида шаванд. Дар ин ҳолат, онҳо аз тарафи кредитор пардохт намудани молумулки ба он тааллуқдошта ҳисобида шуда, шакли ҷавобгарӣ намебошанд. Номгӯи ҳолатҳое, ки бо онҳо қонун уҳдадории пардохт намудани фоизҳоро барои истифода бурдани маблағҳои ғайр вобаста менамояд дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ муқаррар гардидааст ва онҳо имкон медиҳанд, ба хулосае оем, ки фоизҳо акнун новобаста аз он пардохт карда мешаванд, ки оё маблағҳои пулии ғайр мувофиқи шартнома ё ҳангоми набудани муносибатҳои шартномавӣ ба даст омадаанд. Зикр бояд кард, ки қоидаи нисбатан аниқ ва мантиқан дурустро оид ба рӯёнидани фоизҳо барои ифтифода бурдани маблағҳои пулии ғайр муқаррар намуда, қонунгузор ба савол оид ба табиати ҳуқуқии ин фоизҳо ҷавоби аниқ надодааст. Ин боиси нуктаи назари гуногун дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи табиати ҳуқуқии фоизҳо барои исфтифодабарии маблағҳои пулии ғайр гардидааст.

[1] Ниг.: Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства // Вестник Высшего арбитражного суда РФ. – М., 1999. – №3. – С.70-71.

Фоизҳое, ки вобаста ба уҳдадориҳои пулӣ рӯёнида мешаванд, чун тарзи рӯёнидани зарар вобаста ба гузаронидани муҳлати иҷрои баргардонидани маблағҳои пулӣ дар шакли андозаи эҳтимолии фоидаи аздастрафта, имконияти дар фоизҳои умумӣ истифодабарии принсипҳои умумии гузоштани ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро барои вайрон кардани уҳдадориҳои боби 24 КГ ҶТ таъмин мекунад.

Фоизҳои солона, ки ба сифати чораи мустақили иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ ва эътироф карда мешаванд, аз зарар ва ноустуворона фарқ мекунад. Ин мавқеъ бо мантиқан эҷоди қонунгузории гражданӣ[1] тасдиқ карда мешавад, ки ба назари мо, нисбатан асоснок мебошад. Масала оид ба чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании кредитор дар назди қарздор барои иҷро накардан ё иҷрои ноиатлуби уҳдадорӣ вобаста ба пешниҳоди қарз баҳснок боқӣ мемонад.

Агар имконияти рӯёнидани зарар ё тибқи шартномаи қарз муқаррар намудани ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворона, чун қоида, боиси шубҳа набошад, он гоҳ вобаста ба имконияти дар ин ҳолат татбиқ намудани ҷавобгарӣ дар шакли фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои ғайр м. 426 КГ ҶТ нуқтаи назарҳо фарқ мекунанд.

В.В. Витрянский қайд менамояд, ки нисбат ба кредитор татбиқ намудани шакли ҷавобгарии пешбинишударо ҷонибдорӣ намудан ғайриимкон мебошад м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ). Ӯ зикр мекунад, ки чунин тарзи муносибат ба табиати ҳуқуқии уҳдадории пулӣ вобаста ба пешниҳод намудани қарз мухолифат дорад (уҳдадории қарзии пулӣ набуда) ва амалияи судӣ онро дастгирӣ намекунад. Барои ҳамин, шаклҳои ҷавобгарии кредитор, ба ақидаи ӯ, метавонанд, ки танҳо рӯёнидани зарар ва ситонидани ноустуворонаи шартномавӣ бошад.[2] Олимони дигар баръакс, баррасии аз ҷониби кредитор вайрон карда шудани уҳдадориҳоро оид ба пешниҳоди қарз, чун асоси пардохти фоизҳо барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр дар давраи чунин вайронкуниҳо меҳисобанд.[3]

Зикр бояд кард, ки фоизҳо барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳои пулӣ аз зиён дар он аст, ки андозаи фоизҳо пешакӣ муайян ва қайд

---

[1] Ниг.: Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С.261; Хохлов В.А. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. – 1996. – №8. – С.38-43.

[2] Витрянский В.В. Ҳамон асар. – С.168.

[3] Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации / Под ред. проф. Т.Е. Абовой, А.Ю. Кабалкина. – М., 2003. – Ч.2. – С.512.

карда шуда, зарурат ба исбот намудани зиёни расондашуда ё фоидаи аздастрафтаро надорад. Масъалаи дар як вақт рўёнидани фоизҳо ва ноустуворона, ки дар шартнома ба назар гирифта шудааст, низ баҳснок мебошад. Муносибати қонунгузор оид ба таносуби фоизҳо бо ноустуворона низ норавшан мебошад. Зикр бояд намуд, ки рўёнидани зиён – ин андозаи ба ҳадди баланд имконпазири ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ барои вайрон намудани ӯҳдадориҳо, аз ҷумла, ӯҳдадориҳои пулӣ мебошад. Агар ба татбиқи ҳам ноустуворона ва ҳам фоизҳои солона роҳ дода шавад, чунин ҳолат дар ниҳояти кор сабаби аз ҳисоби қарздор беасос бойшавии кредитор мегардад.

Ҳолатҳои дар боло овардашуда имконияти ошкор кардани монандии зиёд миёни фоизҳоро ҳангоми гузаронидани мӯҳлати ӯҳдадории пулӣ ва ҷарима дар шакли ноустуворонаи мӯҳлаташ гузашта фароҳам меоранд.

Якум, ин ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби қарздор ҳангоми ҳуқуқвайронкунии давомнок - гузаронидани мӯҳлати иҷрои ӯҳдадорӣ мебошад.

Дуюм, қарздор ӯҳдадор аст ки ноустуворона ва фоизҳоро мутобиқи қонун ё шартҳои шартнома пардозад.

Сеюм, набудани зарурати аз тарафи кредитор пешниҳод шудани исботи мавҷудият ва андозаи зарарҳои расонидашуда мебошад.

Чаҳорум, андозаи фоизҳое, ки бояд пардохта шаванд, қаблан муқаррар карда шудааст ва ё механизми аниқи баҳисобгирии онҳо муайян гардидааст.

Панҷум, ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарарҳо аз тарафи кредитор дар қисме, ки аз маблағи фоизҳо бештар аст, дар асоси қ. 1 м. 426 КГ ҶТ ба ӯ тааллуқ дорад, ҳамчунин, тибқи қоидаҳои умумӣ ба ноустуворона дар шакли хислати ба ҳисоб гирифташавандаи он истифода бурда мешавад (қ. 1 м. 424 КГ ҶТ).

Фарқ миёни ноустуворона ва фоизҳо барои иҷро накардани ӯҳдадории пулӣ вобаста ба ҳолатҳои расмии ҳуқуқӣ ба ҳам монанд эътироф карда мешаванд. Ба онҳо монанд Л.А. Новосёлова инҳоро дохил намудааст:

- фоизҳо аз ҷониби қонунгузор ноустуворона (ҷарима) номида нашудаанд, ҳарчанд ки ҳеҷ чизе ӯро манъ накардааст, ки мафҳуми аниқи табиати муҷозоти ҳангоми гузаштани мӯҳлати иҷрои ӯҳдадории пулиро дода, онҳоро ба сифати ноустуворона (ҷаримаи мӯҳлаташ гузашта) касб кунад (қ. 1 м. 426 КГ ҶТ);

- ҳангоми ба ҳам монанд будани қоидаҳое, ки таносуби муҷозотҳои барасишавандаро бо зиён муайян мекунанд, бо вуҷуди ин, фарқиятҳои назаррас низ мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, қонунгузории гражданӣ имконияти тибқи қонун ё шартнома муқаррар намудани таносуби гуногуни зиён ва ноустуворонаро фароҳам меорад (қ. 1. м. 424 КГ ҶТ).

Дар ҳолати вайрон карда шудани уҳдадории пулӣ пардохти ноустуворона ва фоизҳо меъёри ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ маҳсуб гардида, ба истифодабарии қонунӣ муқобил гузошта мешавад. Ҳисоб карда ва ворид намудани фоизҳо вобаста ба пардохт (баргардонидан)-и маблағи пулӣ бошад, чун пардохт барои истифода бурдани маблағҳои пулӣ ба ҷо оварда мешавад, ки дар меъёрҳои м. 829 КГ ҶТ оид ба фоизҳо вобаста ба шартномаи қарз, чунин уҳдадориҳо ба ҷо оварда мешавад ва тибқи он агар тартиби дигаре дар қонун ё шартномаи қарз ба назар гирифта нашуда бошад, кредитор ҳуқуқи аз қарзгиранда гирифтани фоизҳоро ба маблағи қарз дар андоза ва тартиби бо шартнома миёни онҳо муқарраркардашуда дорад. Бо асос ба принсипҳои озодии шартнома, КГ ҶТ ба ҷонибҳои шартнома имконияти мустақилона муайян кардани андозаи фоиз ва ё ноустуворонаро барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ фароҳам меорад.

Бо дарназардошти хусусияти ҷуброни ин ду чораи таъсирасонӣ ба тарафҳои шартнома, лозим аст, ки оқибатҳои воқеии вайрон карда шудани уҳдадори пулиро ба эътибор гиранд, ки аз қоидаҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ бармеояд ва принсипҳои бовиҷдононаю адолатонаро риоя кунанд. Чораҳои зикргардида набояд бо ҳадафи бойшавӣ, махсусан, бо роҳи муқаррар кардани «фоизҳои судхӯрона» истифода шаванд. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки судҳои иқтисодӣ, бо такя ба қ. 5 м. 10 КГ ҶТ ба шахс ҳифзи ҳуқуқҳои ба ӯ тааллуқдоштаро рад менамоянд, зеро кредитор аз ҳуқуқҳои худ суйистифода карда, талабот оид ба пардохти фоизҳо дар андозаи ниҳоят баланди бо ҳолатҳои воқеии муносибатҳои аниқ асосноккардашударо пешниҳод менамояд. Дар дигар ҳолат судҳо чун асос муқаррароти м. 358 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки муносибатҳои аз рӯи моҳият ба ин монандро ба танзим медароранд. Айнан, чунин тарзи муносибат вақтҳои охир бартарӣ дошта, зеро дар чунин ҳолатҳо суд кредиторро ба пуррагӣ аз ҳуқуқаш маҳрум намесозад, балки танҳо ноустуворонаи

пардохтшавандаро кам мекунад, агар он ба таври аёнӣ нобаробар бошад. Масъалаҳои асос ва шартҳои пайдоиши уҳдадории пулӣ; таносуби фоизҳо бо дигар чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждан̣ӣ (зиён ва ноустуворона); имкониятҳои кам кардани андозаи фоизҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳснок мебошад.

Дар бештари корҳои илмӣ эътироф карда мешавад, ки ҳалли онҳо бояд аз равшан кардани масъалаи тартиби нисбатан умумӣ оид ба табиати ҳуқуқии фоизҳои қонунӣ вобастагӣ бошад, ки дар м. 426 КГ ҶТ ба назар гирифта шудаанд. Пеш аз ҳама, баҳсҳо оид ба табиати фоизҳои солона буда, барои фаҳмонидани масъалае меравад, ки оё онҳо яке аз навъҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадории пулӣ ё пардохт барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр мебошанд.

Олимони дигар зикр мекунанд, ки фоизҳои солона аз истифодаи воситаҳои пули ғайр ба сифати ноустуворона (ҷарима) барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ (Э.П. Гаврилов, А.А. Попов) буда, нисбат ба онҳо ба қоидаҳои умумии ноустуворона махсусан, дар м.м. 330-333, 394, 396, 401, 404-406 КГ ФР (м.м. 355-358, 424, 427, 432, 435, 437 КГ ҶТ) татбиқ карда мешавад. Ҳамин тавр, «гипотеза ва ҳам диспозитсияи м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) бо унсурҳои конструктивии мутобиқаткунандаи қ. 1 м. 330 КГ ФР (қ. 1 м. 355 КГ ҶТ) шабоҳат доранд». Дар иртибот ба ин, пешниҳод менамоянд, ки қоидаҳои м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) нисбат ба м. 330 КГ ФР (м. 355 КГ ҶТ), меъёри махсус, яъне чун меъёр дар бораи ноустуворонаи қонунӣ дониста шавад.

Ҳатто ақидаи олимоне, ки мавқеи мазкурро дастгирӣ менамоянд, аз ҳамдигар фарқ менамояд. Як гурӯҳи олимон чунин ҳисоб мекунанд, ки фоизҳое, ки дар м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ РТ) пешбинӣ карда шудааст, як намуди ноустуворона мебошад.[1] Далелҳои зиёди ҷиддӣ барои тасдиқи ин нуқтаи назар оварда шудааст, ки як теъдоди онҳо аз муқаррароти Кодекси гражданӣ бармеоянд. Асос аз он иборат аст, ки аз нуктаи назари расмии ҳуқуқӣ фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ба пурррагӣ зери мафҳуми ноустуворонае фаҳмида мешаванд, ки дар м. 355 КГ ҶТ нишон дода шудааст.

[1] Ниг.: Гаврилов Э.П. Некоторые аспекты ответственности за нарушение денежных обязательств // Хозяйство и право. – М., 2001. – №9. – С.89-92; Попов А. Ответственность за неисполнение денежного обязательства // Хозяйство и право. – М., 1997. – №8. – С.74-80.

Мо бо он мувофиқем, ки хусусиятҳои истилоҳоти навъҳои алоҳида ва моддаҳо худ ба худ дар асоси он маҳдуд кардани мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва конструксияҳо наметавонанд, ки гузошта шаванд. Барои ҳамин, он далел ба ин гуфтаҳо монеа эҷод намекунад, ки фоизҳо дар муқаррароти м. 426 КГ ҶТ ба таври бевосита ноустуворона номида нашудаанд. Ба ғайр аз ин, дар қонунгузории граждании як қатор меъёрҳое мавҷуданд, ки дар онҳо тибқи эътирофи умум, истилоҳи «фоиз» ба сифати ҳаммаъноии калимаи «ҷарима» истифода бурда мешавад, ҳарчанд ки ин ба таври бевосита нишон дода намешавад. Масалан, ҳамин чора, ки боз хусусияти ошкорои ҷазодиҳӣ низ дорад, дар қ. 3 м. 1023 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст. Тибқи он маблағҳои аз ҷониби шахс беасос амонат гирифта шуда, ба онҳо уҳдадории суғуртавӣ вогузор шудааст, ба туфайли он ки ин ё он уҳдадориро ба таври номатлуб иҷро кардааст, ки тибқи талаби мақомоти назорати давлатии суғуртавӣ ба нафъи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда ба зам намудан ба онҳо маблағи фоиз мувофиқи м. 426 кодекси мазкур рӯёнида мешаванд.

Далели дигари консепсияи таҳлилшаванда дастур барои ягонагии таносуби ноустуворона ва фоизи қонунӣ бо зиён мебошад. Дар ин ҳолат ба таври асоснок зикр карда мешавад, ки хусусияти фоизҳои санҷишӣ дар муносибат бо зиён дар асоси м. 426 КГ ҶТ муқарраркардашуда наметавонад, ки чун монеа барои тарафҳо ба хотири баррасӣ намудани муносибатҳои дигари онҳо бо зиён баҳогузорӣ шавад. Масалан, он ки фоизҳо бо тартиби истисноӣ, интихобӣ (алтернативӣ) ё ин ки ҷаримавӣ рӯёнида мешаванд.

Бо дарназардошти муносибатҳои дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мавҷуда аз тарафдорони нуқтаи назари баррасишаванда имконияти асоснок намудани боз як қатор далелҳое пайдо шудааст, ки бо шарҳи дастурии марҳилаи болоии судӣ асос ёфтааст. Ба онҳо ягонагии шартҳои ҷавобгарӣ барои рӯёнидани ноустуворона ва ҳам фоизҳо барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ дар тартиби умумӣ тибқи м. 426 КГ ҶТ дахл доранд. Ҷавобгарӣ бо тартиби умумӣ дар ҳарду ҳолат ҳангоми мавҷудияти гуноҳ ба миён меояд. Ба ғайр аз ин, барои табиати ягонаи ҳуқуқии ноустуворона ва фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, он низ ишора мекунад, ки фоизҳо ва ҳам ноустуворонаҳо метавонанд аз тарафи суд тибқи ваколати онҳо кам карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи таҳлили мо дар як вақт рӯёнидани фоизҳо ва ноустуворона, ки дар шартнома ё қонун дар назар гирифта шудааст, баҳснок мебошад. Чунончи, агар тарафҳо дар шартнома ҷавобгарӣ барои гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулиро муқаррар карда бошанд, пас, онҳо аз ҳуқуқи тағйир додани андозаи ҷаримаро дар м. 426 КГ ҶТ муқаррар намудааст, истифода бурданд, барои ҳамин он татбиқ карда намешавад. Вале агар ноустуворона тибқи қонун пешбинӣ карда шуда бошад, он гоҳ меъёри он бояд дар муносибат бо меъёри м. 426 КГ ҶТ махсус эътироф карда шуда, вобаста ба он охирин низ набояд татбиқ карда шавад.

Боиси зикр аст, ки ҳолати баррасишаванда дастгирӣ наёфта бошад ҳам, ошкор кардани ҷиҳатҳои сусти он мушкил аст. Тибқи нуқтаи назари дигар, фоизҳо аз рӯи м. 426 КГ ҶТ чораи мустақили ҷавобгарии ҳуқуқи граждании дар баробарии зиёнҳо ва ноустуворонаҳо мебошанд.[1] Вобаста ба ҳамин мавқеъ, зикр бояд кард, ки ин ё он фаҳмиши моҳияти фоизҳо «барои истифода бурдани маблаҒи ғайр» дар ниҳояти кор аз ҷавоб ба он саволе вобаста аст, ки чаро вайронкунанда уҳдадор аст фоизҳоро пардохт намояд ва асосноккунии ҳуқуқӣ барои чунин уҳдадорӣ кадом аст? Бояд зикр намуд, исбот кардан душвор аст, ки тибқи тартиби дар м. 426 КГ ҶТ овардашуда фоизҳо дар ҳолатҳои алоҳида, аз ҷумла, вақте ки онҳо барои гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулӣ муқаррар карда шудаанд, чораи мустақили ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мебошад.

Далелҳои гуногун ба хотири дастгирии нуқтаи назари охирин аз ҷумла, аз тарафи М.Г. Розенберг, В.А. Белов, Е.А. Суханов, М.И Брагинский пешниҳод шуда буданд. Новобаста аз далелҳои гуногуни аз ҷониби олимони зикршуда овардашуда, як хусусияти муҳими онҳоро муттаҳидкунанда мавҷуд аст. Ин ҳам бошад таваҷҷуҳи махсус ба м. 426 КГ ҶТ дар калимаҳои «истифода бурдан» дода мешавад. Моҳияти консепсияи баррасишаванда дар он ифода меёбад, ки зери асоси уҳдадории пардохти фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ дар ин меъёр худи далели ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои ғайр новобаста аз он фаҳмида мешавад, ки тибқи кадом ҳолатҳои аниқ чунин истифода бурдан амалӣ карда мешавад.

Пас, ба ақидаи М.Г. Розенберг муқаррароти м. 395 КГ ФР «оқибатҳои умумии истифодабарии воситаҳои пулии ғайрро дар

---

[1] Ниг.: Хохлов В.А. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. – 1996. – №8. – С.39; Рахимов М.З. Ҳамон ҷо. – С.261.

назар дорад, ки ба ҳамаи ҳолатҳо новобаста аз асоси истифодабарӣ (шартномавӣ ё ғайришартномавӣ) татбиқ мешавад».[1] Ӯ ҳамчунин, қайд мекунад, ки «асос барои талаби кредитор оид ба ӯ пардохт шудани фоизҳои қонунӣ худи далели дар дасти қарздор мавҷуд будани воситаҳои пулие мебошад, ки онҳо ба кредитор тааллуқ доранд, ё воситаҳои худии қарздор ва ё воситаҳои шахсони сеюм, ки бояд ба ӯ дода шаванд. Ин ба таври бевосита аз ҷумлаи якуми қ. 1 м. 426 КГ ҶТ бармеояд.

Масъала оид ба яку якбора рӯёнидани фоизҳо ва ноустуворона, ки дар шартнома ба назар гирифта шудааст низ баҳснок мебошад. Хусусияти фоизҳои солонаи ҳисобшавандаро нисбат ба хароҷот муайян карда мавқеи қонунгузор дар ин ҳолат оид ба таносуби онҳо бо ноустуворона низ норавшан мебошад. Зикр бояд кард, ки рӯёнидани зиён – ин андозаи ба ҳадди баланд имконпазири ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳо, аз ҷумла, уҳдадориҳои пулӣ мебошад. Агар ба татбиқи ҳам ноустуворона ва ҳам фоизҳои солона роҳ дода шавад, чунин ҳолат дар ниҳояти кор сабаби аз ҳисоби қарздор беасос бойшавии кредитор мегардад. Ҳамзамон, ба назар гирифтан лозим аст, ки аз қоида оид ба нораво будани дар як вақт рӯёнидани ҳам ноустуворона ва ҳам фоизҳо истисно ҷой доранд. Ин ҳолат ба шарте имконпазир аст, ки агар барои ҳар як марҳилаи гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ, шакли мувофиқи ҷавобгарӣ татбиқ карда шавад, ба шарте, ки марҳилаҳои дар боло зикргардида ба якдигар мувофиқат намоянд. Айнан бо чунин роҳ таҷрибаи судӣ пеш меравад.

Дар ҳолате ки агар дар шартнома миёни кредитор ва қарздор бо сабаби гузаронидани муҳлати пардохт ҷавобгарӣ дар шакли пардохти ноустуворона барои ҳар рӯзи гузаронидани муҳлат ва рӯёнидани фоизҳо барои истифода бурдани маблағҳои ғайр бо гузаштани вақти муайян аз рӯзи муҳлати пардохт ба назар гирифта шуда бошад, суд аз қарздор як қисми ноустуворонаро то он рӯзе мерӯёнад, ки бояд пардохти фоизҳо ва барои тамоми муҳлати гузаронидашуда фоизҳо пардохт карда шаванд. Он чизе ки ба таносуби фоизҳо мувофиқи м. 426 КГ ҶТ ва зиёнҳо дахл дорад, он гоҳ тибқи қоидаи умумӣ, пардохти фоизҳо барои истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр хусусияти баҳисобгирифташаванда дар муносибат ба андозаи

[1] Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика. Сборник памяти С.А. Хохлова / Отв. ред. А.Л. Маковский. – М., 1998. – С.321-325.

зиёнҳоро дорад, ки ба кредитор ба туфайли чунин истифодаи ғайриқонунӣ расонида шудааст.

Мафҳуми фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулие, ки дар м. 426 КГ ҶТ пешбинишуда, ба сифати тарзи ҳисоб намудани зиёни воқеии тарафи ҷабрдида, ки дар натиҷаи чунин вайронкунӣ расонида шудааст, имкон медиҳад, ки ба таври пай дар пай ва пурра ба хусусиятҳои истифодабарии чораи зикршуда тавзеҳот дода шавад. Хусусияти дар муносибат ба зиён, санҷишӣ доштани фоизҳо бо он маънидод карда мешавад, ки онҳо танҳо як қисми зиёни эҳтимолиро дар назар доранд. Он чизе ки ба ноустуворона ва фоизҳо тааллуқ дорад, онҳо аз рӯйи табиати ҳуқуқиашон тарзи рӯёнидани зиён мебошанд. Хусусияти ноустуворона дар он ифода меёбад, ки мувофиқи тартиби ҳисоб кардан он бевосита бо андозаи оқибатҳои имконпазири молумулкии вайрон карда шудани уҳдадориҳо вобаста нест. Вагарна, он бояд аз ҷониби тарафҳо андозаи қаблан муайяншуда ва ба ҳисоб гирифташудаи зиёнҳо ҳисоб карда шавад, на ин ки ноустуворона бошад. Нисбат ба ин механизми ҳисоб кардани фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ ба алоқаи бевоситаи онҳо аз андозаи зарарҳое ишора мекунад, ки дар натиҷаи вайронкунӣ расонида шудаанд. Дар акси ҳол, ягон асосе барои он вуҷуд надорад, ки чунин фоизҳо ноустуворона ҳисобида шаванд. Айнан, чунин фикру мулоҳизаҳо бояд ҳангоми ҳалли саволе истифода бурда шаванд, ки ин ё он дастурҳо оид ба рӯёнидани фоизҳо «бо талаботе, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд», ба ин ё он ҳолати қонунгузории гражданӣ ворид карда шудаанд, оё аслан ин тибқи м. 426 КГ ҶТ фоиз ҳисобида мешавад ё ин ки ноустуворона. Нораво будани якбора (бо роҳи ҷамъ кардани онҳо) ситонидани ноустуворона ва фоизҳо бевосита аз фаҳмиши охириниҳо ба сифати тарзи ҳисоб кардани зиён ба миён меояд.

Дар асоси муқаррароти умумӣ оид ба таносуби рӯёнидани ноустуворона ва фоизҳо, ноустуворона танҳо мумкин аст ба тартиби ҷаримавӣ нисбат ба фоизҳо татбиқ карда шавад, агар дар ин бора бевосита дар шартнома ё қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар ин ҳолат кредитор ҳуқуқи талаб кардани фоизҳоро тибқи м. 426 КГ ҶТ вобаста ба он қисме дорад, ки онҳоро ноустуворона фаро нагирифтааст. Аз нуктаи назари имконияти кам кардани андозаи фоизҳо аз тарафи суд низ пурра асоснокшуда ба ҳисоб меравад, вале ин ҳам танҳо дар ҳолате, ки чунин андозаи зиёдкардашуда тибқи шартномаи тарафҳо дар асоси қ. 1 м. 426 КГ ҶТ муқаррар карда шуда бошад. Табиати

фоизҳои қонунӣ тибқи м. 426 КГ ҶТ ба меъёри аз нав молиякунонии Бонки миллии Тоҷикистон мансуб будани онҳо муайян карда намешавад, ё ба андозаи устувор муқаррар карда шудани онҳо (албатта, агар худи ин андоза ба меъёри амалкунандаи устувори фоиз мувофиқ бошад).

Дар ниҳояти кор чизи асосие, ки онҳоро асоснок менамояд, ин мутобиқати андозаи зиёни кредитор мебошад, ки ӯ бояд ногузир аз вайрон кардани уҳдадории пулӣ бинад. Вале дар тамоми ҳолатҳо моҳияти фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ оварда шудаанд, барои он тағир намеёбад, ки андоза ва тартиби ҳисоб кардани онҳо, аз ҷумла, таносуб бо зиёнҳо, тибқи шартномаи тарафҳо асоснок карда мешаванд. Андозаи тағйирёфтаи фоизҳо бошад, тибқи шартномаи тарафҳо дар ҳолати гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ муқаррар карда шудааст, аслан, на ин ки дар асоси қ. 1 м. 426 КГ ҶТ, балки муқаррароти қ. 1 м. 358 КГҶТ асос меёбад. Чунин андозаи фоизҳо тибқи созишномаи тарафҳо тағйир дода шуда, ноустуворона мебошад, он метавонад, ки аз тарафи суд дар асоси м. 358 КГ ҶТ дар ҳолати ба таври ошкоро ба оқибатҳои вайроншуда нобаробар буданаш кам карда шавад (вале на камтар аз фоизҳое, ки тибқи қоидаҳои м. 426 КГ муайян шудаанд).

Агар андозаи фоизҳое, ки дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ тибқи шартнома ва ё қонун кам карда шуда бошад, чунин фоизҳо нисбат ба зиёнҳо хусусияти истисноӣ дошта бошанд, он гоҳ дар бораи маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарӣ ҳарф бояд зад.

Қонунӣ будани чунин маҳдудсозӣ бояд вобаста ба қоидаҳои умумие баррасӣ шавад, ки м.м. 431 ва 432 КГ ҶТ муқаррар кардааст. Қобили зикр аст, ки чун фоизҳо тибқи м. 426 КГ ҶТ яке аз тарзҳои ҳисоб кардани зарарҳо мебошанд, дар ҳолатҳое, ки аз тарафи шартнома ё қонун кам карда шудани андозаи рӯёнидани зарарҳо истисно карда нашавад, ҳеҷ чиз набояд барои талаб карда гирифтани фоизҳои кредитор дар ҳаҷми пурра монеа шавад. Дар миёни асосҳои уҳдадории пардохтани фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд, аҳамияти бештар ба ҳолатҳои вайрон карда шудани уҳдадории пулӣ дода мешавад. Дигар тарзи ғайриқонунии доштани воситаҳои пулӣ бошад, аксар чунин асос ҳисобида намешавад. Инро набояд одилона ҳисобид, зеро ҳар навъ нигоҳдории ғайриқонунии пул, новобаста аз он ки оё бо гузаштани муҳлати пардохти қарзи пулӣ вобаста аст (умуман, оё он бо вайрон кардани уҳдадорӣ алоқаманд аст

ё не), барои соҳаи молумулкии тарафи ҷабрдида оқибатҳои баробар дар шакли маҳрум сохтани ҳуқуқ барои ихтиёрдорӣ кардани пул, истифода бурдани онҳо дар давоми марҳилае, ки чунин вайронкуниҳо давом мекунад, дониста мешавад. Аслан, хусусияти «ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр» аз хусусиятҳои уҳдадориҳои пулӣ вобаста буда, на бештар нисбат ба хусусияти уҳдадориҳои пулӣ аз хусусиятҳои худи пулҳо вобаста аст. Мутобиқи муқаррароти м. 426 КГ ҶТ уҳдадориҳои пардохти фоизҳо категорияи ягонаи ҳуқуқӣ намебошанд.

Вобаста ба асосҳои пайдоиши чунин уҳдадорӣ он ба ҳайси чораи ҷавобгарӣ барои гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ ва дигар меъёри ғайриқонунӣ, вале на алоқаманд бо вайрон намудани уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла, нигоҳ доштани воситаҳои пулии ғайр ё ин ки уҳдадорие, ки аз бойшавии беасос ба миён меояд, баромад мекунад. Зимнан, дар ду ҳолати аввала рӯёнидани фоизҳо дар шакли мустақили ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ баромад мекунад, ё худи ҳамон, чораи мустақили ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ, ки тибқи моҳияти ҳуқуқии худ тарзи ҳисоб кардани андозаи зиён, яъне хисороти воқеии шахси зарардида мебошад, ки вайронкунандаи дахлдор расонидааст.

Эътироф карда шудани фоизҳои қонунӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ дар ҳақиқат меъёри ҷавобгарӣ барои баровардани хулоса оид ба зарурати истифода бурдани қоидаҳои умумӣ мегардад, ки дар қонунгузории гражданӣ пешбинӣ гардидаанд. Барои ҳамин, агар қарздор вобаста ба уҳдадориҳои пулие, ки бо амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, тамоми чораҳои бошууронаро ба кор барад, ки аз ӯ мувофиқи хусусияти уҳдадориҳои пулӣ ва шартҳои муомилот барои иҷрои матлуби он талаб карда мешуд, вале, ба ҳар ҳол онҳоро иҷро накард, ӯ набояд, дар асоси қоидаҳои м. 426 КГ ҶТ ҷавобгар бошад. Ҳарчанд, ҳолатҳои ба таври бегуноҳ вайрон карда шудани уҳдадории пулӣ дар муомилоти молумулкии рушдёфта эҳтимолан бояд, ба таври истисно, яъне нодир бошанд.

Вале ин маънои онро надорад, ки қарздоре, ки ба таври бегуноҳ иҷрои уҳдадории пулиро ба таъхир андохтааст, умуман, набояд фоизҳоро пардозад. Зеро, дар чунин ҳолат дуруст мебуд, дар бораи аз тарафи ӯ пайдошавии уҳдадорӣ аз бойшавии беасос, қонунӣ сухан ронем. Барои пайдоиши чунин уҳдадорӣ гуноҳи вайронкунанда аҳамият надорад, зеро асоси он на далели ҳуқуқвайронкунӣ мебошад,

балки он вазъияте, ки яке аз тарафҳо моликиятро аз ҳисоби шахси дигар гирифтааст ё нигоҳ доштааст, яъне дар чунин ҳолат барои аз зарурати пардохтани истифодабарии қарзи пулӣ барканор карда шуда бошад.

Нуқтаи назари мазкур саволи мураккабро оид ба таносуби фоизҳо чун меъёри ҷавобгарӣ ва чун ҷавобгарие, ки аз бойшавии беасос ба вуҷуд меояд, ба миён меорад. Он тарзе нисбатан дуруст ҳисобида мешавад, ки қоидаҳо оид ба ухдадориҳо аз бойшавии беасос танҳо дар ҳамон ҳолатҳое истифода бурда шаванд, ки асос барои истифода бурдани ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ яъне, бо тартиби иловагӣ, яъне субсидиарӣ мавҷуд нестанд. Вале, масъалаҳои вобаста ба ҳамин савол пайдошуда баррасии алоҳидаро тақозо доранд. Бо вуҷуди ин, судҳо на ҳамеша ба нишондодҳои қонун мувофиқ буда, меъёрҳои гуногунро истифода мебаранд ва ё меъёри аз нав маблағгузориро муайян мекунанд, ки андозаи он ба меъёри ҳисобӣ барои тамоми марҳилаи истифодабарӣ нисбатан наздик аст.

Дар фарқ аз ноустуворона, ки нисбат ба он мутобиқи қ. 1 м. 424 КГ ҶТ, қонун ва ё шартнома метавонад, ки дигар принсипи таносуби он бо зиёнро муқаррар намояд, КГ ҶТ имконияти муайян намудани фоизҳои истисноӣ ё интихобиро тибқи м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ накардааст. Вале дар моддаи мазкур фоизи ҷаримавӣ муқаррар карда шудааст. Тибқи он новобаста аз он, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ барои иҷро накардан ё бо таври номатлуб иҷро накардани ухдадориҳои пулӣ тибқи шартнома фоизи муайяни ҷарима месупорад, ба зиммаи он Кодекси гражданӣ, инчунин, супоридани ҷаримаи иловагиро пешбинӣ менамояд (қ.5 м. 426 КГ ҶТ). Ба назари мо, ин ҳолат ба талаботи принсипи баробарӣ, ки дар ҳуқуқи гражданӣ ҳукмфармост, ҷавобгӯ намебошад ва соҳибкори қарздорро нисбат ба субъектҳои дигар дар ҳолати нобаробарӣ мегузорад. Таҷрибаи истифодаи м. 426 КГ ҶТ оид ба баъзе аз лаҳзаҳои мураккаби ҳисоб кардан ва рӯёнидани фоизҳо барои истифодаи ғайриқонунии маблағҳои пулии ғайр боиси сар задани баҳсҳои зиёд гардидааст.

Агар фоизҳо чун яке аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ мавриди баррасӣ қарор гирад, он гоҳ масъалаи ба ҳисоб гирифтани оқибатҳои гузаштани муҳлати пардохт аз ҷониби қарздор ниҳоят муҳим ба назар мерасад. Дар ин ҷо табиати ҷуброни ҷавобгарии ишорагардидаи талаботи бовиҷдонона, дурандешона ва адолатона чун оғози умумии ҳуқуқи гражданӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Бо

дарназардошти ин, амалияи судӣ дар баъзе ҳолатҳо бо ҳалномаи худ кам кардани маблағи фоизҳоро имконпазир эътироф мекунад, ки мувофиқи м. 426 КГ ҶТ бояд пардохт шавад. Дар як қатор ҳолатҳо чунин тарзи муносибат бо он асоснок карда шудааст, ки фоизҳо ба андозаи ниҳоят баланд рӯёнида шуда, кредитор аз ҳуқуқҳояш суйистифода мекунад ва пас, тибқи қ. 5 м. 10 КГ ҶТ суд метавонад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои ӯро рад кунад. Дар ҳолатҳои дигар судҳо муқаррароти м. 358 КГ ҶТ ба асос гирифтаанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии аз рӯи табиати худ ба ҳамдигар монандро танзим менамояд.

Мувофиқи қисми 7 Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ставкаи мувофиқи м. 426 КГҶТ муқарраркардаи фоизҳо, ки ҳангоми иҷро накардан ё гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулии пардохтшаванда дидаю дониста ба оқибатҳои гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мувофиқат накунад, суд хусусияти ҷуброни фоизҳоро ба назар гирифта, мувофиқи м. 358 Кодекси гражданӣ ҳуқуқ дорад меъёри фоизҳоеро, ки бо сабаби гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулӣ рӯёнида мешаванд, кам намояд. Ҳангоми ҳалли ин масъала оид ба имконияти кам кардани андозаи ставкаи фоизҳои истифодашаванда, суд бояд тағйири ҳаҷми меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистонро дар давраи гузаронидаи муҳлат, инчунин, дигар ҳолатҳое ба назар гирад, ки ба ҳаҷми ставкаи фоиз таъсир мерасонанд.[1] Имконияти аз ҷониби суд кам кардани маблағи фоизҳо м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) дар он ҳолате нисбатан мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад, ки дар марҳилаи гузаштани муҳлат он устувор буд ва асос барои аз ҷониби суд кам кардани он нест.[2]

Ҳамин тавр, меъёри бозтамвили БМТ, ки дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд чун ҳадди ақал ҳисобида шавад, агар тарафҳо бо ҳалномаи худ андозаи онро кам накарда бошанд. Ба назар гирифтан лозим аст, ки ба судҳо пешниҳод карда мешавад, ки на маблағи фоизҳои ҳисоб кардашаванда, балки андозаи маблағҳое ба назар гирифта шавад, ки тибқи он ба ҳисоб гирифта шудаанд. Вобаста ба ин эҳтимол дорад, ки паст кардани микдори маблағи муҷозот оид ба номутобиқатии маблағи фоизҳои қарзи асосӣ дуруст бошад, зеро маблағи қарз натиҷаи вайрон карда шудани уҳдадорӣ намебошад.

[1] Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр». – С.39.

[2] Ниг.: Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. – М.: Статут, 2000. – С.79.

Ҳуқуқшиносоне, ки фоизҳоро чун пардохт барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр баррасӣ мекунанд, низ эътироф мекунанд, ки истифодаи бевоситаи меъёрҳои м. 333 КГ ФР (м. 358 КГ ҶТ) дар чунин ҳолат буда наметавонад, чунки онҳо танҳо ба ноустуворона тааллуқ доранд. «Татбиқи қоидаҳои ин модда аз рӯи қиёс беасос ба назар мерасад, чунки аввалан, худи меъёри м. 333 КГ ФР (м. 358 КГ ҶТ) маҳдудияти ҷиддии озодии шартнома буда, паҳн кардани он ба меъёрҳои дигар дар робита ба он беасос аст.

Сонияn, хулоса оид ба табиати ҷуброншавандаи фоизҳо барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр ба гумон аст, ки тавонад чун асоси кофӣ барои дар онҳо паҳн кардани қоидаҳо оид ба ноустуворона хизмат намояд».[1]

Дар робита ба гуфтаҳои боло зарур мешуморем, ки дар КГ ҶТ меъёри алоҳида оид ба имконияти паст кардани андозаи меъёри фоизҳо дар ҳолати номутаносиб будани он ба оқибатҳои вайрон кардани уҳдадории пулӣ илова карда шавад.

Мувофиқи м. 426 КГ ҶТ ба муҷозоти молиявӣ набояд пардохти фоизҳо анҷом дода шавад. Дар қонунгузории амалкунанда моддае вуҷуд надорад, ки имконияти ҳисоб кардани «фоизҳо дар фоизҳо»-ро дастгирӣ ва танзим намояд. Ин дуруст аст, зеро баръакси он ба принсипи озодии шартнома мухолифат менамояд (қ. 5 м. 10 КГ ҶТ). Чунин ҳолат ба таври комилан мантиқӣ буда, бо набудани чунин модда ва имконнопазир будани ворид намудани ҷавобгарии дукарата барои худи ҳамон як вайронкунӣ маънидод карда мешавад.

Мушкилот ва баҳсҳои зиёд ҳангоми асосноккунии чораҳо оид ба афзалияти пардохти талабот, ки бо уҳдадориҳои пулӣ алоқаманданд ва ҳангоми нокифоя будани маблағи пардохти ба ҷо овардашуда барои иҷрои он ба миён меояд (м. 342 КГ ҶТ). Зикр менамоем, ки он предмети баҳсҳои олимоне мебошад, ки масалаҳои татбиқи м. 426 Кодекси граждaниро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Мутобиқи он маблағи пардохти ба ҷо овардашуда, барои иҷрои уҳдадории пулӣ нокифоя аст, пеш аз ҳама, барои хароҷоти кредитор оид ба гирифтани иҷро, сипас фоизҳо ва дар қисми боқимонда бошад маблағи асосии қарз равона карда шавад. Фоизҳои дар ин меъёр зикргардидаро як қатор олимон бо фоизҳо айният медиҳанд, ки бо м. 395 КГ ФР (м. 426

[1] Белов В.А. Применение норм ст. 395 ГК РФ // Финансовый бизнес. – М., 1997. – №6. – С.56-62; Белевич А.В. Об ответственности за неисполнение денежного обязательства // Законодательство. – 1998. – №12. – С.8-11.

КГ ҶТ) муқаррар карда шудаанд.[1] Маблағи асосии қарз, тибқи ақидаи онҳо, бояд дар навбати охир пардохта шавад, то замоне, ки он пардохта нашудааст, ба он бояд фоизҳо ҳисоб карда шаванд. Ин қарздорро барои иҷрои ҳарчи зудтари уҳдадории пулӣ ҳавасманд месозад, зеро дар акси ҳол андозаи қарзи ӯ афзоиш хоҳад ёфт.[2]

Вале ҳангоми чунин тарзи кор қарздор дар ҳолати ниҳоят мушкил қарор мегирад, зеро умуман метавонад, ки аз имконияти пардохти қарзи худ маҳрум гардад. Дар робита бо ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назар оид ба қонунгузорӣ ворид намудани тағйирот ироа гардида буд, ки ба ҳифзи қарздор мусоидат мекард. В.А. Хохлов навиштааст, ки барои рӯёнидани фоизҳо аз қарзи асосӣ маҳдудиятҳои ниҳоят кам ҷорӣ карда шудаанд. Аз нуқтаи назари ӯ «ба таври қонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқҳои кредитор барои ба таври мустақилона муайян кардани дараҷаи пулҳои воридшаванда (қарзи асосӣ ё фоизҳо) зарур мебошад. Масалан, бо роҳи муқаррар кардани қоидаҳо дар бораи рӯёнидани фоизҳои маблағи минбаъда берун аз соли муайяншуда сараввал чун пардохти қарз ҳисоб карда мешавад».[3]

Вале ба ҳар ҳол амалияи судии иқтисодӣ эътироф кардааст, ки м. 319 КГ ФР (м. 342 КГ ҶТ) муҳлати иҷро «муътадил»-и уҳдадории пулиро муқаррар карда, он муносибатҳоеро ба танзим намедарорад, ки ҳангоми гузаштани муҳлати пардохт ба амал меоянд. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна дастур оид ба пай дар пайии маблағҳои пулӣ мавҷуд нест, ки ҳангоми вайрон кардани уҳдадории пулӣ рӯёнида шаванд (ҷарима, ноустуворона, зиён).[4]

Мо чунин меҳисобем, ки судҳо бояд ба назар гиранд, ки зери фоизҳое, ки то пардохти маблағи асосии қарздорӣ пардохта мешаванд, ҳамчун фоиз барои истифодабарии воситаҳои пулӣ дар назар дошта шаванд. Инҳо фоизҳое мебошанд, ки мувофиқи уҳдадориҳои пулӣ пардохта мешаванд, аз ҷумла, фоизҳо барои истифодабарии маблағи қарз, бунак, пешпардохт ва ғайра. Фоизҳое, ки дар м. 426 КГ ҶТ ба назар гирифта шуда, барои иҷро накардан ё

[1] Ниг.: Хохлов В.А. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. – 1996. – №8. – С.38-44; Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. – М.: Статут, 1997. – С.343-345.

[2] Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве. – СПБ.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2001. – С.68.

[3] Хохлов В.А. Ҳамон ҷо. – С.38-44.

[4] Ниг.: Новоселова Л.А. О правовых последствиях нарушения денежного обязательства // Вестник Высшего арбитражного суда РФ. – М., 1999. – №1. – С.74-84.

гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ҷорӣ карда шудаанд, баъди адо кардани маблағи қарзи асосӣ пардохта мешаванд.[1]

Афзалияти пардохти уҳдадориҳои пулиро метавон бо шартномаи тарафҳо вобаста ба хислати ихтиёрии муқаррароти м. 342 КГ ҶТ тағйир дод, аз ҷумла, тарафҳо метавонанд ихтиёран бартарии рӯёнидани фоизҳоро ҳангоми гузаштани муҳлати пардохт ҳал намоянд. Бо вуҷуди ин, давом додани баҳсҳо оид ба татбиқи моддаи ишорагардида изҳори аниқро оид ба он ҷойҳое талаб мекунад, ки бояд фоизҳое ишғол намоянд, ки бо тартиби дар м. 426 КГ ҶТ нишон додашуда рӯёнида мешаванд. Барои ин ба м. 342 КГ ҶТ бояд тағйироти мувофиқ ворид карда шавад.

Маблағҳои пулии ғайрро на танҳо субъектҳои алоҳида, балки давлат низ метавонад ғайриқонунӣ истифода барад, агар ки он низ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи граждадӣ бошад. Масалан, мақомоти андоз метавонад, ки маблағҳои пулиро аз ҳисоби андозсупоранда ғайриқонунӣ барорад. Дар баробари ин, дигар амалҳои зиддиқонунӣ низ метавонад ҷой дошта бошанд. Дар натиҷа саволи муҳиме бармеояд, ки ба кадом муносибатҳо амали м. 426 КГ ҶТ паҳн мегардад.

Фоизҳое, ки дар м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) ба назар гирифта шудаанд, дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи граждадӣ, ҳамчунин, дар муносибат бо мақомоти андоз, гумрук ва дигар мақомоти давлатӣ истифода бурда шаванд қ. 3 м. 2 КГ ФР (қ. 3 м. 2 КГ ҶТ). Истифодаи беасоси муҷозотҳои молиявӣ аз ҷониби мақомоти мазкур боиси истифодабарии м. 395 КГ ФР (м. 426 КГ ҶТ) намегардад, ки бо ин бисёр муаллифон розианд.[2]

Дар м. 16 КГ ҶТ сухан оид ба имконияти ҷуброн кардани зарарҳо, хароҷоте меравад, ки аз ҷониби шахси дахлдор маҷбуран ба ҷо оварда мешавад, зарарёбӣ ва ё зиён дидани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ва ғайра, ки бо амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ боис мегарданд. Дар ҳамин ҳолат, амалӣ кардани ҳуқуқҳои кредитор барои ҷуброн кардани зарарҳо дар робита бо истифодаи ғайриқонунии маблағҳои пулии ӯ бо теъдоди зиёди мушкилоти амалӣ алоқаманд аст. Дар навбати аввал, қарздор бояд андозаи зарарҳои дидааш ва мавҷудияти сабаби алоқаи аҳмиятноки ҳуқуқӣ миёни онҳо

[1] Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр». – С.40.

[2] Ниг.: Ляпунов С.Г. Последствия неисполнения обязательства // Гражданин и право. – М., 2002. – №3. – С.35-39.

ва истифодаи ғайриқонунии маблағҳои пулии худро асоснок намояд. Дар ин ҳолат, ӯ бояд исбот кунад, ки ба хотири кам кардани зиёнҳо тадбирҳои оқилона андешидааст.

Бояд қайд намоем, ки дар сурати амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, ки аз боиси онҳо шахси зиёндида имкони истифода бурдани маблағҳои пулиро надорад, зиёнҳои аз ин сабаб ба амаломада мутобиқи м. 426 КГ ҶТ рӯёнида мешаванд. Зарарҳое, ки дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ расонида шудаанд, боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ мегарданд. Дар ҳудуди он ҳифзи ҳуқуқи субъективии шахси зиёндида таъмин карда мешавад. Муносибати ҳуқуқии ишорагардида бояд аз муносибати ҳуқуқии соҳаи дигар, аз ҷумла, муносибатҳои ҳуқуқии андоз фарқ карда шаванд. Чунин маҳдудкунӣ ақаллан барои он лозим аст, ки истифодаи роҳҳои ҳуқуқи гражданӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ дар чаҳорчӯбаи дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ номумкин аст. Хусусияти ҳуқуқҳои граждание, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, ин амалинамои онҳо бо хоҳиши субъет ва ба манфиати ӯ мебошад (м. 1 КГ ҶТ).

Беасос баровардани маблағҳои пулӣ аз ҷониби мақомоти андоз аз ҳисоби шахсе, ки андозро пардохтааст, ҳуқуқи ба ӯ тааллукдоштаи субъекти гражданиро вайрон мекунад. Дар навбати худ ҳуқуқи зикргардида табиати ҳуқуқӣ-уҳдадорӣ дорад ва мазмуни он «ҳуқуқи бемуҳлат, бечунучаро ва абстрактии талаб кардани пардохти пули»-е мебошад, ки ба шахси қарздор нигаронида шудааст[1]. Ҳамин тавр, агар нозироти андоз санади ғайриқонунӣ дар бораи аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби шахси муайян қабул кунад, ӯ ба ҳуқуқи субъективии ӯ суиқасд мекунад. Дар натиҷаи амалӣ намудани фаъолияти зиддиҳуқуқии зикргардида, ин ва ё он шахс метавонад, ки аз молу мулкаш маҳрум гардад ва дар ниҳояти кор зиён мебинад. Муносибатҳои ҳуқуқи граждание, ки дар ин ҷо ба амал меоянд, дар доираи он зиёни ба зарардида расонидашуда рӯёнида мешаванд. Аз рӯи табиати худ ин муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ мебошанд ва ҳам намуди муносибатҳои деликтӣ (ҳуқуқвайронкунӣ) таъриф карда мешаванд.[2]

---

[1]Новоселова Л.А. Проблемы гражданско-правового регулирования расчетных отношений: дисс… докт. юрид. наук. – М., 1997. – С.68-73.

[2] Ниг., масалан: Бойцова В.В., Бойцова Л.В. Интерпретация принципа ответственности государства за вред, причиненный гражданам, в практике Конституционного Суда РФ // Государство и право. – М., 1996. – №4. – С.48-51.

Новобаста аз он ки амалҳои ғайриқонунии дар боло зикргардидаи мақомоти давлатӣ хусусияти амрдиҳию маҷбуркунӣ доранд ва вобаста ба иҷрои вазифаҳои ба мақомоти зикргардида вогузоршуда амалӣ карда мешаванд, ин ба табиати муносибатҳои баррасишаванда таъсир намерасонад.[1] Ба таври ғайриқонунӣ соқит кардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби шахси воқеӣ, ё ҳуқуқӣ ва дар бонк талаби мақомоти давлатиро метавон асос барои ҳисоб карда ворид сохтани фоизҳо барои истифодабароии ғайриқонунии маблағҳои пулии ғайр бо тартиби дар м. 426 КГ ҶТ муқарраргардида ҳисобид.

Андозаи фоизҳо бояд мувофиқи шартнома муайян карда шаванд, вале ҳангоми дар шартнома набудани шартҳо оид ба фоизҳо – вобаста ба маблағи бозтамвили БМТ муайян кардан мумкин аст.

Ба ақидаи О.Н. Содиков бояд на маблағи Бонки марказӣ, балки маблағи бонкеро истифода бурдан лозим аст, ки мизоҷи он кредитор бошад, ва ин ба ақидаи муаллиф, ба кредитор имкон медиҳад, ки аз хароҷоти беасоси молиявие канорагирӣ намояд, ки аз боиси фарқ дар андозаи ин ставкаҳо ба амал меояд.[2] Ин қарор бартариҳои худро дорад, зеро тағйирёбии маблағҳо дар минтақаҳо назаррасанд (фарқи солона ба 50 дарсад мерасад) ва аз он шартҳое, ки дар онҳо айнан, ташкилоти зарардида ҷойгир аст, асос гирифтан дуруст мебуд, лекин истифодабарии ин маблағҳо шаклҳои якмаъно ва бебаҳси исбот кардани андозаи маблағҳоро талаб мекунад ва метавонад, ки боиси эътирози қарздор гардад. Бояд эътироф намуд, ки чунин тарзи кор дар ҳақиқат аз рӯи қоидаҳои умумӣ нисбатан одилона мебуд, ҳарчанд ки бо нишондодҳои бевоситаи қонун мувофиқ нест.

Баъзе аз олимони ҳуқуқшинос зикр мекунанд, ки на маблағи (пардохти) Бонки марказӣ, балки маблағи бонкеро бояд истифода бурд, ки кредитор (кредиторҳо) мизоҷи он мебошад ва ин ба ақидаи муаллиф, ба қарздор имкон медиҳад, ки аз зиёнҳои беасоси молиявӣ канорагирӣ намояд, ки аз боиси фарқ дар ин маблағҳо (пардохтҳо) ба амал меоянд. Муаллифони дигар оид ба мақсад мувофиқ будани муқаррар намудани ҳуқуқи худи кредитор ба ҳисоб гирифтани ставкаҳои қонеъкунандаи маблағи пардохти он: рӯзи пешниҳод

---

[1] Лавров Д.Г. Денежные обязательства в российском гражданском праве: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2000. – С.156-157.

[2] Комментарий к Гражданскому кодексу Российский Федерации. (постатейный) / Ответ, ред. д.ю.н. проф. О.Н. Садиков. – М.: Юридическая литература-КОНТАКТ; ИНФРА-М, 1997. – Ч.1. – С.478-492.

намудани даъво, дар рӯзи баровардани ҳалнома ё рӯзи иҷрои муносиби уҳдадорӣ сухан меронанд.[1]

Мутаассифона, тафсири м. 426 КГ ҶТ дар ин қисм аз думаъноӣ озод нест. Дар он гуфта мешавад, ки «суд метавонад талаби қарздорро қонеъ гардонад, вобаста ба маблағи ба ҳисоб гирифташудаи фоизи бонкӣ дар рӯзи пешниҳод намудани даъво ва ё дар рӯзи баровардани ҳалнома дар рӯзи пардохти воқеӣ». Тавсия карда мешавад, ки бартарӣ ба нархи баҳисобгирӣ дода шавад, ки аз рӯи моҳиятан дар тамоми марҳила мавҷудаи истифодаи маблағҳои пулии ғайр нисбатан наздик аст, чунин маблағҳо метавонанд, ки якчанд адад бошанд. Вобаста аз тафсири таҳтуллафзии м. 426 КГ ҶТ онҳо ба ду нав, яъне аз лаҳзаи бо даъво муроҷиат намудан ва дар лаҳзаи баровардани ҳалнома тақсим мешаванд.

Маълум аст, ки ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯи як ставкаи нисбат ба ҳар моҳ, ду, се ва ё зиёда ивазшаванда нисбатан осонтар аст. Агар дар муҳлати нигоҳ доштани маблағ ставкаи баҳисобгирӣ тағйир ёбад, он гоҳ ба ақидаи В.А. Хохлов, бо тарзи мувофиқ ҳисоб кардани фоизҳо низ асоснок мебуд. Вале қонун муқаррар кардааст, ки тибқи қоидаи умумӣ, андозаи ставкаи ҳисоботӣставкае ҳисобида мешавад, ки «дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ» мавҷуд буд, ба ғайр аз ин, «суд метавонад, ки талаботи кредиторро қонеъ гардонад, вобаста ба андозаи ставкаи баҳисобгирии фоизи бонк дар рӯзи пешниҳод намудани чек ё дар рӯзи баровардани ҳалнома», тарафҳо наметавонанд мустақилона тағйир диҳанд. Онҳо танҳо метавонанд андозаи фоизро кам ё зиёд намоянд.

Зикр бояд кард, ки барои маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарӣ аз рӯи уҳдадориҳо дар Кодекси гражданӣ м. 431 бахшида шудааст, вале чунин маҳдуднамоӣ танҳо ба зиён дахл дорад ва он бояд бевосита дар қонун ва ё шартномаи тарафҳо муқаррар карда шавад. Вале гуноҳи кредитор (қ. 1 м. 435 КГ ҶТ) метавонад, ки ҳамчун асос барои кам кардани андозаи ҷавобгарии қарздор хизмат кунад, зеро дар қонун айнан дар мавриди «ҷавобгарӣ дар маҷмӯъ» сухан меравад, на ин ки оид ба чораҳои алоҳидаи он.[2] Дар масъалаи ҷавобгарӣ дар амалияи судҳо чунин муқаррарот мавҷуд аст. Суд ҳуқуқ дорад, ки андозаи ҷавобгарии бонкро камтар кунад, агар муқаррар карда шавад, ки

[1] Хохлов В.А. Ответственность за пользование чужими денежными средствами // Хозяйство и право. – 1996. – №8. – С.38-46.

[2] Ниг.: Рахимов М.З. Ответственность предпринимателя за нарушение договорных обязательств // Вестник Высшего экономического суда РТ. – Душанбе, 1999. – №3. – С.68.

муштарӣ бо амалҳои худ барои ба бонк ворид шудани супоришҳои зикргардида мусоидат кардааст (қ. 1 м. 435 КГ ҶТ).[1]

Моҳияти асл, махсусан, барои фаъолияти бонкӣ, тавзеҳоте мебошад, ки тибқи он фоизҳои дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ ба назар гирифташуда танҳо ба маблағи муайяни пулӣ бояд пардохта шаванд ва бояд ба фоизҳо барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр ҳисоб карда нашаванд, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Барои ба ҳисоб гирифтани фоизҳое, ки бояд рӯёнида шаванд, мушаххасоти бузургии хусусиятҳои асосии талаботи аввалини зеринро бояд донист:

- мавҷудияти асос барои истифода бурдани ставкаи мазкур;
- андозаи маблағи пулие, ки ба он фоизҳо ҳисоб карда мешавад;
- андозаи фоизҳо;
- лаҳзае, ки аз он фоизҳо ҳисоб карда мешаванд;
- даврае, ки барои он, онҳо ҳисоб карда мешаванд;
- мавҷудият ва ё набудани омилҳои маҳдудкунанда, аз ҷумла, таносуби маблағи фоизҳои ситонидашаванда бо маблағҳои дигари муҷозот.

Асос барои рӯёнидани зиён аз таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ба мақсади ғайриқонунӣ соҳибшавӣ ва истифодабарии маблағҳои пулии ғайр иборат аст. Вале ба назар мерасад, ки асоси дуюмро истисно кардан ба мақсад мувофиқ аст. Вақте қонун муқаррар мекунад, ки фоизҳо бояд «барои истифодабарӣ» пардохт карда шаванд, дар гумон аст, ки он зарурати муқаррар кардани омили далели даромад гирифтани қарздор ва ё дигар нафъро аз маблағҳои нигоҳдоришавандаро дар назар дорад. Шубҳаовар аст, ки таҷрибаи ҳуқуқ татбиқнамоӣ ҳамин роҳро пеша карда бошад.

Ҳамин тавр, мавҷудияти як ҳолатро исбот кардан кофист, ки қарздор ба таври ғайриқонунӣ маблағҳои пулии ғайрро соҳиб шудааст. Зери маблағҳои пулии ғайр дар доираи м. 426 КГ ҶТ ҳар навъ пулеро фаҳмидан лозим аст, ки дар муносибат ба онҳо дар кредитор ҳаққи талаб кардан пайдо шудааст. Далели нигоҳ доштани моликияти дигар, агар он баҳои пули ҳам дошта бошад, барои истифода бурдани меъёрҳои м. 426 КГ ҶТ асос намебошад. Эҳтимол,

[1] Қисми 2 Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2009, №2 «Дар бораи баъзе масалаҳои амалияи баҳсҳои вобаста ба бастан, иҷро карда ва бекор кардани шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ». – С.21.

қонунгузор зарурати вазнин кардани уҳдадории пардохти фоизҳои танҳо он нафареро ба асос мегирад, ки дар шакли пул моликият дорад, ки имкон медиҳад онҳоро ба осонӣ ба соҳаҳои даромаднок ҷойгир кунад ва фоида ба даст орад.

Маблағи воситаҳои пулие, ки ба онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд – онҳо барои гирифтан пешбинигардида (нигоҳдошташуда, беасос ба даст овардашуда ва ғ.) мебошанд. Дар ҳар ҳолат он бояд бо ҳалномаи суд муайян карда ва ҷудо карда шавад, зеро бузургии асосӣ барои ҳисобкунии фоизҳо мебошад. Барои ҳамин дар ҳалномаҳои судӣ ва санадҳои иҷроия, ки айни замон ба рӯёнанда (талабкунанда) бо тартиби ҳатмӣ ҳуқуқдода мешавад, бояд он маблағе зикр карда шавад, ки ба он фоизҳо ҳисоб гардида ворид карда мешаванд, яъне аз рӯзи ҳисобкунии андозаи ин фоизҳо онҳоро иҷро кардан лозим аст. Маблағи аниқе, ки онро фоизҳои рӯёндашуда ташкил медиҳанд, бояд аз ҷониби бонки мувофиқ он рӯзе муайян карда шавад, ки амалан, иҷрои ҳалномаи судӣ ба ҷо оварда мешавад, яъне аз суратҳисоби қарздор маблағе гирифта ва ба қарздиҳанда интиқол дода мешавад, ки мувофиқи ҳалномаи суд рӯёнида мешавад.

Агар ба қарздор он маблағе пардохт шуда бошад, ки барои иҷрои уҳдадории пулӣ нокифоя аст, он гоҳ тибқи м. 342 КГ ҶТ маблағҳои воридшуда, пеш аз ҳама, барои пӯшонидани хароҷоти кредитор оид ба гирифтани иҷро, баъдан фоизҳо, қисми боқимонда бошад, маблағи асосии қарзро мепӯшонад. Дар моддаи зикргардида, тибқи ақидаи олимони ҳуқуқшинос, фоизҳо бояд бо фоизҳое айният дода шаванд, ки дар м. 426 КГ ҶТ муқаррар карда шудаанд. Ба назар мерасад, ки кредитор ҳуқуқ дорад, ки ба таври мустақилона ҳисобкунии маблағҳои воридшавандаро ба ҷо оварда ва дараҷаҳои онҳоро муайян кунад (бо тартиби дар м. 342 КГ ҶТ муқарраргардида). Вале дар ин ҷо зикр бояд кард, ки пеш аз ҳама, фоизҳо ба фоизҳо ҳисоб карда намешаванд, барои рӯёнидани фоизҳо аз қарзи асосӣ бошад, маҳдудиятҳо ниҳоят кам мебошанд.

Ба назар мерасад, ки чунин маҳдуд кардани қонунии ҳуқуқи кредитор ба мустақилона муайян кардани дараҷаи пулҳои воридшаванда (қарзи асосӣ ва ё фоизҳо) зарур аст. Масалан, бо роҳи муқаррар кардани қоидаҳо дар мавриди он ки берун аз сол рӯёнидани фоизҳои маблағҳои баъдӣ сараввал чун пардохти қарз ҳисоб карда мешаванд. Агар қарздор, қарзро интиқол дода, ба маблағи пулӣ чун «баргардонидани қарз» ишора карда бошад, кредитор бошад, ин

рафтори қарздорро ба баҳс накашида, чунин бояд ҳисобид, ки дар ҳолати мазкур шартнома оид ба тартиби махсуси баҳисобгирӣ ҷой дорад.

Эзоҳи расмӣ ва ҷавоб ба савол оид ба андозаи фоизҳо ва тартиби рӯёнидани онҳо дар қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр» ҷой доранд.

Муайян кардани андозаи фоизҳои солона метавонад тибқи шартнома амалӣ карда шавад ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоизҳо бошад, вобаста ба ҳаҷми меъёри бозтамвилии Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳангоми пардохти фоизҳои солона оид ба меъёри бозтамвили БМТ (яъне ба сифати пардохт ва чун чораи ҷавобгарӣ) миқдори рӯзҳо дар сол (моҳ) мувофиқан баробар ба 360 ва 30 рӯз гирифта мешаванд, агар бо созиши тарафҳо дигар тартиби қоидаҳои ҳатмӣ барои тарафҳо, инчунин, расмиёти муомилоти корӣ муқаррар нашуда бошад.[1] Ба ҳисоб гирифтани фоизҳои аниқ метавонад, ки ба муайяннамоии андозаҳои онҳо асоснок карда шавад, ки дар як рӯз мавриди пардохт қарор мегиранд. Агар, масалан, андозаи баҳисобгирии БМТ ба 180 фоизи солона баробар бошад, он гоҳ фоизҳо ҳар рӯз 0,5 фоизро ташкил мекунанд. Дар ин ҳолат, муқаррар кардани миқдори рӯзҳои ба таъхир гузоштани муҳлати пул кифоя аст. Фоизҳо то лаҳзаи амалан иҷро намудани уҳдадории пулӣ, ки бо шакл ва тартиби муайяншудаи пардохт, шакли ҳисоббаробаркунӣ ва муқаррароти м. 339 КГ ҶТ дар бораи ҷойи иҷрои уҳдадории пулӣ, агар дар қонун ва ё шартномаи тарафҳо ҳолатҳои дигар муқаррар нагардида бошад, ҳисоб карда мешаванд.[2]

Меъёрҳои бозтамвили БМТ ба тағйироти мунтазам дучор гардидаанд, барои ҳамин, андозаи фоизҳо барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр аз он вобаста аст, ки кадоме аз меъёри бозтамвили амалкунандаро дар ин ва ё он вазъият истифода бояд бурд. Дар навбати худ, вазъияти мазкур бо он пешакӣ муайян карда мешавад, ки оё таносуби воқеии уҳдадории пулӣ дар рӯзи пешниҳод намудани талабот оид ба пардохти фоизҳо иҷро гардидааст? Тибқи

---

[1] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №7 «Оид ба таҷрибаи тартиби татбиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр». – С.36-37.

[2] Ҳамон ҷо. – С.37.

қисми 3 қарори мазкур, дар ҳолате, ки маблағи қарзро қарздор бо гузаронидани муҳлат пардохт карда бошад, суд ҳангоми рӯёнидани фоизҳо меъёри баҳисобгириии фоизи бонкиро дар рӯзи амалан иҷро намудани уҳдадории пулӣ (пардохти қарз), агар тартиби дигари муайян кардани меъёри фоиз бо шартнома муқаррар нагардида бошад, татбиқ мекунад. Ин маблағи қарз агар дар лаҳзаи баррасии талабот аз ҷониби қарздор пӯшонида нашуда бошад, он гоҳ суд ҳуқуқи истифода бурдани меъёри фоизи бонкиро татбиқ менамояд: дар рӯзи пешниҳод намудани даъво ё дар рӯзи пардохти қарзи воқеии қарз ва ё дар рӯзи баровардани қарори суд.[1]

Дар он ҳолатҳое, ки фоизҳо барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр (м. 426 КГ ҶТ) чун чораи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадории пулӣ ва андозаи аз ҷониби қонун ба назар гирифташудаи андозаи фоиз, ки ҳангоми иҷро накардан, ё бо сабаби гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадори пулӣ пардохта мешавад, ба таври назаррас ба оқибатҳои гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ мувофиқат накунад, суд хусусияти ҷуброни фоизҳоро ба назар гирифта дар асоси м. 358 Кодекси гражданӣ ҳуқуқ дорад, меъёри фоизҳоеро кам менамояд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи имконияти кам кардани меъёри фоизҳои истифодашаванда, суд бояд тағйири ҳаҷми меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи гузаронидани муҳлат, инчунин, дигар ҳолатҳои ба андозаи меъёрҳои фоизҳо таъсиррасонандаро ба назар гирад ва онҳо бо мақсади муътадилгардонии муомилоти пулӣ ба таври назаррас зиёд гардонида мешаванд.[2]

Хусусияти муносибатҳои қарздиҳии бонкӣ, асосан, аз уҳдадориҳои пулӣ бармеояд, дар робита ба вайрон кардани уҳдадории асосӣ чораи махсуси ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ, яъне рӯёнидани фоизҳо барои истифодаи ғайриқонунии маблағҳои пулии ғайрро пешбинӣ мекунад. Дар муносибат ба шартҳо оид ба ҷавобгарии тарафҳо қоидаи диспозитивӣ амал мекунад, ки дар м. 831 КГ ҶТ нишон дода шуда, дар ҳолате, ки қарзгиранда маблағи қарзро дар муҳлати муайяншуда барнамегардонад, ба ҳамин маблағ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қисми 1 м. 426 КГ ҶТ аз ҳамон рӯзе, ки қарз

[1] Ҳамон ҷо. – С.37.
[2] Ҳамон ҷо. – С.39.

бояд баргардонида шавад, то рӯзи баргардонидани он новобаста аз пардохти фоизҳо ба он пардохта мешавад.[1]

Ҳамин тавр, ҳангоми иҷрои номуносиби шартномаи қарзӣ (кредитӣ), тарафе, ки ҳуқуқҳои он вайрон карда шудааст, ба ғайр аз талабот оид ба иҷрои уҳдадорӣ, мувофиқи м. 427 КГ ҶТ ҳуқуқ дорад, ки нисбат ба тарафи дигар чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждaниро дар шаклҳои зерин татбиқ намояд:

- зарар дар ҳаҷми хароҷот, ки барои барқарорсозии ҳуқуқи вайронгардида, дар зиёни воқеӣ, ҳамчунин, даромади аздастрафта истеҳсол ва ё талаб карда мешавад (м. 423 КГ ҶТ);

- ноустуворона, ин маблағи пулии тибқи қонун ё шартнома муайянкардашуда эътироф карда мешавад. Ҳангоми набудани чунин шартҳо, андозаи ноустуворона тибқи қонун муқаррар карда мешавад. (м. 355 КГ ҶТ);

- фоизҳо барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ дар андозае, ки дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ ба назар гирифта шудааст, аз ҳамон рӯзе, ки қарз бояд баргардонида шавад ва то рӯзи баргардонидани он ба кредитор фоизҳо мепардозад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад (қ. 1 м. 831 КГ ҶТ).

Аз гуфтаҳои боло натиҷагирӣ намуда, қайд менамоем, ки меъёри дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ овардашуда, аксаран, ҳамчун қоидаи умумӣ барои муқаррар намудани оқибатҳои ба таъхир андохтани мӯҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ фаҳмида мешавад. Вале ҳудуди амали меъёри мазкур васеътар буда, он дар мавридҳои муқаррар намудани оқибатҳои «ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр» низ татбиқ мегардад. Ҳамзамон, нигаҳдории ғайриқонунии маблағҳои пулӣ метавонад, ки сабаби вайронкунии ҳам уҳдадории пулӣ ва ҳам он уҳдадорие бошад, ки гарчанде бо додани пул вобаста ҳам бошад, аммо уҳдадориҳои пулӣ ҳисобида намешавад. Зиёда аз ин, ба таври ғайриқонунӣ нигоҳ доштан метавонад, ки бо ягон намудҳои уҳдадорӣ алоқаманд набошад. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо вобаста ба маблағи воситаҳои пулии ғайриқонунӣ истифода бурдашуда, нисбат ба ташкилоти қарзи (бонкҳо)-и гунаҳгор, ки бо супориши мизоҷ барои иҷро ҷалб карда шудааст, ба ин ташкилот татбиқ карда мешавад.

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.43.

Таҳлили санадҳои судӣ, ҳалномаҳо, парвандаҳои судӣ нишон медиҳанд, ки аз ҷониби судяҳои Суди Олии иқтисодӣ ҳангоми таҳияи парвандаҳо ҳамчун таҷрибаи корӣ Пленумҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баррасии масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ истифода бурда намешавад, ки ин ҳолати нигаронкунанда мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки минбаъд агар ба масъалаи мазкур тааллуқ дошта бошад, дар таҳияи парвандаҳои судӣ ҳамчун таҷрибаи кории фаъолияти судӣ Пленумҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас дарҷ гардида, мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки муносибатҳои асосии муайян кардани табиати ҳуқуқии фоизҳои солонаро, ки дар м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд, метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

- фоизҳое, ки аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ чун роҳи ҷуброн кардани зиёнҳо вобаста ба гузаронидани муҳлати интиқол додани маблағҳои пулӣ дар шакли андозаи эҳтимолии даромади аздастрафта рӯёнида мешаванд. Онҳо имконияти ба фоизҳои нишондодашуда истифода бурдани принсипҳои асосии вогузор кардани ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро барои вайрон кардани уҳдадориҳои пулӣ (боби 24 КГ ҶТ) таъмин мекунанд. Аз ин ҷо, онҳо принсипи ҳисоб кардани ноустуворона ҳамчун шакли таъмин кардани иҷрои уҳдадориҳо намебошад (м.м. 355-358 КГ ҶТ);

- фоизҳо барои истифодабарии маблағҳои пулии ғайр, ки ҳамчун қоидаи умумӣ ба сифати ноустуворонае, ки дар м.м. 355-358, 424, 427, 432, 435, 437 КГ ҶТ муайян карда шудааст. Ҳамин тавр, «фарзия ва диспозитсияи м. 426 КГ ҶТ ба ҳамдигар бо унсурҳои мутобиқи сохтори қ. 1 м. 355 КГ ҶТ шабоҳат доранд». Дар робита ба ин пешниҳод мегардад, ки қоидаҳои м. 426 КГ ҶТ чун меъёри махсус дар муносибат бо м. 355 КГ ҶТ оид ба ноустуворонаи қонунӣ баррасӣ гардад.

Он чизе ки оид ба ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадории пулӣ тааллуқ дорад, ҳамчун чораи ҷавобгарии ҳуқуқи граждании кредитор дар назди қарздор барои иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо оид ба пешниҳоди қарз баҳснок боқӣ мемонад. Агар имконияти рӯёнидани зиёнҳо ё бо шартномаи қарзӣ (кредит) дар шакли ноустуворона муқаррар кардани ҷавобгарӣ чун қоида шубҳаро ба миён наорад ҳам, вале оид ба имконияти дар ин ҳолат истифода бурдани ҷавобгарӣ дар шакли фоизҳо барои истифодаи ғайриқонунии

маблағҳои пулӣ ақидаҳо гуногунанд (м. 426 КГ ҶТ). Дар ин ҷабҳа мо ҷонибдори нуқтаи назаре мебошад, ки тибқи он фоизҳо аз рӯи м. 426 КГ ҶТ чораи мустақили ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ дар баробари зиёнҳо ва ноустуворонаҳо мебошад (М.З. Раҳимзода, Е.А. Суханов).

Бояд қайд намоем, ки ноустуворона ва фоизҳо барои истифода набурдани уҳдадории пулӣ вобаста ба ҳолати ҳуқуқию расмӣ наметавонанд, ки ба ҳам монанд эътироф карда шаванд. Аввалан, фоизҳое, ки дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, аз ҷониби қонунгузор ноустуворона (ҷарима) номида нашудаанд; дуюм, ҳангоми монандии муайяни қоидаҳое, ки таносуби муҷозотҳои баррасишавандаро бо зиёнҳо муайян мекунанд, дар ин ҷо фарқиятҳои назаррас ҷой доранд. Ҳамин тавр, қ. 1 м. 424 КГ ҶТ имконияти аз тарафи қонун ё шартнома муқаррар кардани таносуби гуногуни зиёнҳо ва ноустуворона (муқаррар кардани ноустуворонаи ҷаримавӣ, истисноӣ ва ё интихобӣ (алтернативӣ)-ро иҷозат медиҳад.

**Тағоев М.Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ факултети молиявию иқтисодии ДМТ**

## ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚИИ МОЛИЯКУНОНИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТҲОИ РӮ БА РУШД

Бо назардошти гурӯҳбандии созмонҳои байналмилалӣ, мамлактҳои рӯ ба рушд гурӯҳи калони давлатҳои ҷаҳони муосирро ташкил дода, шумораи онҳо беш аз 120 воҳидро ташкил мекунад. Ин гурӯҳи давлатҳо, ки бештар дар минтақаҳои Амрикои Лотинӣ, Осиё ва Африқо ҷой гирифтаанд, ба нишондиҳандаҳои пасти иқтисодӣ, заминаи номукаммали ҳуқуқии пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ва мушкилиҳои макроиқтисодӣ шадидан рӯ ба рӯ мебошанд. Барои ҳалли проблемаҳои макроиқтисодии ин давлатҳо аслан, маблағҳои дохилӣ нокифоя арзёбӣ мешаванд. Аз ин рӯ, онҳоро лозим аст, ки ҷиҳати дарёфти сармояи берунӣ ба бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ рӯй оранд. Бо назардошти нишондиҳандаҳои пасти макроиқтисодӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар самти дастгирии молиявии онҳо пайваста

чорачӯӣ менамоянд. Ин тамоюл асосан аз солҳои 70-уми асри XX сарчашма мегирад.

Тайи даҳсолаҳои охир дар фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ самти нави ҳамкорӣ пайдо шуд. Ин ҳам бошад, бо пайдо шудани давлатҳои нави пасошуравӣ бо иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта иртибот дорад. Барои ин гурӯҳи давлатҳо, очилан зарурат пеш омад, ки номутаносибии тавозуни пардохти давлатҳо, кам кардани мушкилоти қарзи беруна дар баъзеи онҳо, ки ба устувории тамоми низоми мавҷудаи ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ таҳдид мекарданд, бартараф гардонида шаванд. Инчунин огоҳӣ аз ногузирии ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти дастгирии молиявии созмонҳои молиявии байналмилалиро зиёд кард.

Дар ин росто, барпо кардани муносибатҳои холисона ва дурбинона бо давлатҳои пасошуравӣ ва махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калонро соҳиб буд, ки ин аз хоҳиши ин давлатҳо маншаъ мегирифт. Ташкили ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ аз он ҷиҳат муҳим ва ногузир буд, ки ин гурӯҳи давлатҳо аз норасоии захираҳои молиявӣ дар бозори дохилӣ норасоии шадидро эҳсос мекарданд. Дар ин замина, ташкили фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои ҳамкорӣ шарти асосӣ маҳсуб меёфт.

Паст рафтани нишондиҳандаҳои содиротии мамлакатҳои пасошуравӣ боиси он гашт, ки барои ин гурӯҳи мамлакатҳо хизматрасонии қарзи берунӣ боз ҳам гарон гардад. Ҳамзамон ҳолати мазкур ба сатҳи баланди беқурбшавии асъори миллӣ оварда расонид.

Моҳияту аҳамияти барномаҳои дастгирикунандаро муфассал баррасӣ карда, муайян кардан мумкин аст, ки маҳз ин восита дар роҳандозии ҳамкории самараноки Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (ГБҶ) ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) бо роҳи таҳияи ҳуҷҷати ҳуқуқии "Стратегияи шарикӣ" хеле муҳим аст. Маҳз аз сатҳу сифати тарҳрезии барномаҳои рушд, мусоидат ба рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсири мусбат мегирад. Шартҳои асосии ҳамаи барномаҳои устуворгардонӣ, ки тавассути ХБА, ГБҶ ва БОР амалӣ мешаванд, ислоҳоти сохторӣ дар бахшҳои иқтисодиёт мебошанд. Пешниҳоди кумакҳои молиявӣ ба кишварҳои дорои иқтисоди гузаришӣ бошад, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иҷрои баъзе шартҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст. Ин расмиётро баъзан "асосноккунӣ"-и қарзҳо низ меноманд. Ӯҳдадориҳои возеҳи

кишварҳо - гирандагони қарз ва кӯмаки молиявии созмонҳои молиявии байналмилалӣ ба ивази расонидани кӯмаки молиявӣ бо ду сабаб заруранд: - ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва - кафолати хизматрасонии қарзҳои додашуда. Аз сабаби он, ки дар даҳсолаҳои охир ҳаҷми қарзи додашуда хеле афзудааст, шартҳои пешниҳоди қарзҳо низ шадидтар гардидааст.

Принсипи истифодашудаи асосноккунии гирифтани кӯмаки молиявӣ дар ҳамоҳангӣ бо кишвари қарзгиранда аз рӯи барномаи муайяни иқтисодию иҷтимоӣ ва санадҳои ҳуқуқии байни тарафҳо ба имзорасонидашуда, сурат мегирад, ки маблағгузории онро ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ ва БОР амалӣ менамоянд. Одатан, барномаҳо нишондиҳандаҳои мушаххаси микдориро пешниҳод мекунанд ва қарз бошад, марҳила ба марҳила ҷудо карда мешавад.

Ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои мақсадноки мамлакатҳои дорои иқтисоди гузариш, созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар доираи «Консенсуси Вашингтонӣ» як қатор талабҳоро ба миён мегузоранд. Консепсия, аз як тараф, татбиқи тағйироти сохторӣ, аз ҷумла: хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ ва аз тарафи дигар, ба даст овардани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявиро пешбинӣ мекунад.[1] Ҳадафмандии барномаҳои аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ маблағгузоришаванда аз он иборат аст, ки ба эътидол овардани иқтисоди миллӣ дар кишвари қарздиҳанда бояд ба таъмини рушди устувори иқтисодии он равона карда шавад. Бо мақсади таъмини устувории тавозуни пардохти кишвари қарзгиранда, барномаи устувор бояд посух ба мувофиқати пешниҳоди маҷмӯӣ дошта бошад. Дар ин замина, ба меъёри фоизӣ ва танзими қурби асъор аҳамияти махсус дода мешавад. Ин ба он вобаста аст, ки онҳо ба пасандозҳо ва сармоягузорӣ таъсири шадид доранд ва ба дурнамои рушди иқтисодӣ вобастаанд. Ҳадафи асосии барномаҳои устуворнамоӣ таъсиррасонӣ ба вазъи пешниҳод тавассути тадбирҳое ба монанди бартарафнамоии номутаносибии афзоиши содирот ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ мебошад.

Солҳои охир дар мавқеи созмонҳои байналмилалии молиявӣ оид ба таъсири мушкилоти иҷтимоии барномаҳо тағйироти сифатӣ ба

[1]Доклад Международного валютного фонда. «Перспективы развития мировой экономики» Вашингтон, 2014. // http://www.imf.org

амал омадаанд. Бо назардошти оқибатҳои манфии модели дефлятсионии монетаристӣ, созмонҳои молиявии байналмилалӣ ба проблемаҳои дарозмуддати сохторӣ ва институтсионалии сиёсати иқтисодӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карданд. Чунин кӯшишҳо ба таҳкими заминаи истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ, такмили системаи идоракунӣ дар бахши хусусӣ ва давлатӣ ва баланд бардоштани шаффофияти буҷетҳои давлатӣ равона карда шудаанд. Ин тағирот дар сиёсати ХБА, ГБҶ ва БОР аз ташаккули муносибати нави мусбат дар раванди танзими иқтисодиёти кишварҳои дорои иқтисоди гузариш шаҳодат медиҳанд. Қисми зиёди қарзҳои ХБА, ГБҶ ва БОР ба татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва ташкили системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудаанд. Агар қаблан ХБА исрор меварзид, ки ҳукуматҳои кишварҳои қарздиҳанда бо он як барномаи иқтисодиро мувофиқа карда, худашон қарор қабул мекунанд, ки чораҳо оид ба ҳифзи камбизоатонро аз таъсири иҷтимоии ин барномаҳо истифода баранд ё не, ҳоло ҷанбаҳои тақсимотии онҳо бо ҳукуматҳо аллакай дар вақти тайёр кардани онҳо. Сарфи назар аз он, ки ХБА, ГБҶ ва БОР принсипҳои умумии таҳияи барномаҳои дастгирии ислоҳоти сохториро доранд, ҳар як амалиёти мушаххас бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва сиёсии кишвари гиранда омода карда мешавад. Барои ноил шудан ба самти зарурии барнома, кафолати дурусти афзалиятҳо ва дастгирии мувофиқи ХБА, ГБҶ ва БОР, кишвари қарзгиранда ва дигар қарздиҳандагон ва донорҳо бояд дар бораи ташхиси мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ, пайдарҳамии чораҳои андешидашуда ва нақшаи умумии маблағгузорӣ ба мувофиқа расанд. Принсипҳои асосие, ки бояд заминаи чунин маблағгузории созмонҳои молиявии байналмилалиро ташкил диҳанд, ба андешаи мо, истифодаи мақсадноки захираҳои молиявии ҷудошуда, самти иҷтимоии онҳо, таъмини ҳифзи муҳити зист дар татбиқи лоиҳаҳо ва ноил шудан ба самаранокии иҷтимоии лоиҳаҳои мақсаднок мебошанд. Вазъи кунунӣ дар бисёр кишварҳои дорои иқтисоди гузариш аз он шаҳодат медиҳад, ки дар онҳо мушкилоти ҳалношудаи иҷтимоӣ зиёданд. Ба ин мушкилот дохил мешаванд: мавҷуд будани бекории пинҳонӣ, алахусус дар байни ҷавонон, паст шудани сатҳи маърифати афзояндаи аҳолӣ, ифлосшавии муҳити зист, паст шудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва ғайра. Ин мушкилот ҳалли оҷилии худро талаб мекунанд, вале маблағҳои буҷаи мамлакатҳои рӯ ба рушд маҳдуданд. Дар асоси

ин, мо чунин мешуморем, ки маблағҳои созмонҳо молиявии байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бояд ба ҳалли ҳарчи зудтари ин мушкилот равона карда шаванд.

Ҳамаи лоиҳаҳои мақсадноки аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, бояд на танҳо самараи иқтисодӣ диҳанд, балки онҳо бояд самти муайяни иҷтимоӣ дошта бошанд. Таъсири маҷмӯӣ аз татбиқи лоиҳаи мақсаднок аз якчанд таъсир иборат аст, ки ба буҷети давлатӣ, ба буҷетҳои минтақаҳое, ки лоиҳа татбиқ карда мешавад, гирифтани маблағ ба ихтиёри сармоягузорон ва инчунин таъсири ғайримустақимро ворид мекунад. Аммо, дар аксари ҳолатҳо, таъсири иҷтимоии лоиҳаҳои мақсаднокро чен кардан душвор аст ва механизми мушахасси ченкунӣ низ ҷой надорад, ки ин норасоӣ бояд зудтар ҳалли худро пайдо намояд. Баъзе зуҳуроти таъсири иҷтимоиро дақиқ чен кардан мумкин аст, дар ҳолатҳои дигар танҳо баҳоҳои сифатӣ ва хулосаҳои коршиносон имконпазиранд.

Ҳамин тариқ, бартарии асосии маблағгузории мақсаднок аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ қобилияти мутамарказ кардани захираҳои назарраси пулӣ барои ҳалли мушаххаси иқтисодӣ, кам кардани хавфҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Истифодаи маблағгузории мақсаднок ба қарзгирандагон кафолатҳои зарурӣ фароҳам оварда, онҳоро аз ҳар гуна хатарҳои эҳтимолӣ муҳофизат мекунад. Дар доираи афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ, маблағгузории мақсадноки лоиҳаҳо аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ ҳавасмандии ҷалби сармояи хориҷӣ ба самтҳои асосии татбиқи сиёсати иқтисодии мамлакат мегардад.

Сарчашмаҳо:


1. Доклады Международного валютного фонда: перспективы развития мировой экономики. - Вашингтон // http: www.imf.org
2. Доклады Всемирного банка о тенденциях распространения стандартов и кодексов. http: www.worldbank.org
3. Зиядуллаев Н.С., Зиядуллаев У.С. Международный финансовый центр в Москве: возможности и механизмы формирования //Общество и экономика, 2014, № 4, с. 121-140.
4. Шарипов М.А. Монетарная политика в условиях финансовой глобализации. // Экономика и менеджмент инновационных технологий. Электронный ресурс. http: ekonomika.snauka.ru

**Муродзода Ҷаҳонгир***

## ПРОБЛЕМАҲОИ МУБРАМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тақсимоти низоми ҳуқуқӣ ба соҳаҳои ҳуқуқ аз зарурати амалӣ ва назариявӣ вобаста аст. Дар таҷрибаи амалӣ ин тақсимот тафовути санадҳои асосии қонунгузорӣ ва тахассуси ҳуқуқшиносони амалиро таъмин мекунад. Аз нигоҳи назариявӣ тақсимот ба мо имконият медиҳад, ки манфиатҳои мактабҳои асосии ҳуқуқро муайян кунем, фарқияти диссертатсияҳо ва дигар таҳқиқоти назариявиро дар соҳаи ҳуқуқ фарқ кунем.

Дар ҷомеаи муосир ташаккули соҳаҳои нав натиҷаи табиии дигаргуниҳои объективие мебошад, ки дар низоми иҷтимоию сиёсӣ ба амал меоянд. Мушкилии рӯзафзуни муносибатҳои иҷтимоӣ пайдоиши танзимгарони нави иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон ба таври анъанавӣ соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳуқуқи конститутсионӣ, гражданӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ, молиявӣ, меҳнатӣ мебошанд. Аммо аксар вақт соҳаҳо ба монанди ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, андоз, соҳибкорӣ ва ғайра мустақил ҳисобида мешаванд.

Ташаккул ва рушди ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории соҳибкорӣ мушкилоти дарки моҳият ва ҷойи ин маҳакро дар низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меорад. Меъёрҳое, ки мустақилияти соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи соҳибкориро тасдиқ мекунанд, одатан баҳсбарангез мебошанд.

Сабаби ин дар номуайянии фаҳмиши категорияҳои умумии назариявӣ, ба монанди мавзӯъ ва усули танзими ҳуқуқӣ аст. Азбаски дар байни олимон дар фаҳмидани моҳият ва хусусияти ҳуқуқии соҳибкорӣ ягонагӣ вуҷуд надорад, зарур мешуморем, ки консеспяиҳо (мактабҳои) ҳуқуқии соҳикбориро, ки дар илм мавҷуданд, баррасӣ намоем.

Айни ҳол се консепсияи асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ вуҷуд дорад.

*1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ.* Тарафдорони ин консепсия пайравони консепсияи ба ном «консепсияи ҳуқуқи хоҷагӣ» мебошанд, ки таҳти роҳбарии академикҳои Россия ва Украина В.В. Лаптева ва В.К. Мамутова коркард шудааст. Ин консепсия аз ҳамоҳангии муносибатҳо дар соҳаи хоҷагии халқ -

---

*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

идоракунии ҳокимияту тобеият (амудӣ) ва шартномавӣ (уфуқӣ) бармеояд ва барои асоснок кардани низоми маъмурӣ-банақшагирӣ равона шудааст[1]. Тарафдорони ин нуқтаи назар аз он бармеоянд, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ (хоҷагӣ) маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои хоҷагиро танзим мекунад. Бартарии мавқеи фаҳмиши ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ин мукаммалӣ ва маҷмуии ҳамаҷонибаи он мебошад. Яъне фаҳмидани ҳуқуқи соҳибкорӣ на танҳо ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, балки ба маънои дигари муҳим, аз ҷумла ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ аст. Фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои рушди соҳибкорӣ, дар қонунгузории муайян ва дақиқу ҳамаҷониба дарҷ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамоҳангии манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ бояд дар қонунгузории соҳа дар бораи соҳибкорӣ ҳалкунанда бошад[2].

Дар Тоҷикистон тарафдорони ин консепсия Д.Ш. Сангинов ва П.З. Мирзоев мебошанд. Ба андешаи онҳо дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибкорӣ дар қатори соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ қоидаи фаъолияти хоҷагии субъекти соҳибкориро муқаррар мекунад. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ маҷмӯи меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ, муносибатҳои бо онҳо алоқаманд, инчунин муносибатҳои танзими давлатии фаъолияти мазкурро ба низом медарорад. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи соҳиб-корӣ ба танзим даровардa мешаванд, мавзӯи соҳаи мазкурро ташкил медиҳанд. Ин муносибатҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) муносибатҳои соҳибкорӣ, яъне муносибатҳои дар раванди ҷорӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷудоянда; 2) муносибатҳои ғайритиҷоратии ба муносибатҳои соҳиб-корӣ зич алоқаманд. Баъзан чунин муносибатҳо дар вақти ҷорӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ хислати ташкилию молумулкӣ дошта (масалан, таъсис ва барҳамдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ), фаъолияти як қатор ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (муассиса, корхона ва ғ.), фаъолияти биржаҳои меҳнат ва фондӣ оид ба ташкили савдо дар бозори зарурӣ ба вуҷуд меояд. Чунин фаъолияти хоҷагӣ хислати ғайритиҷоратӣ дорад, аммо асос бунёд мекунад, аксар вақт шарти зарурӣ мебошад, барои фаъолияти

[1] Лаптев В.В. Предпринимательское право: понятие и субъекты. — М.: Юристь, 1997. С. 44.
[2] Лаптев В.В. Некоторые проблемы предпринимательского (хозяйственного) права // Государство и право. — 2005. — № 5. — С. 102-110

соҳибкории оянда замина мебошад; 3) Муносибати дар ҷараёни танзими давлатии соҳибкорӣ ба вуҷудоянда. Давлат ба мақсади амалисозии манфиати оммавии ҷамъият ба субъектони амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо усулҳои гуногун ва бо татбиқи шаклҳои гуногун таъсир мерасонад[1].

*2. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ.* Ҳуқуқи соҳибкорӣ - соҳаи комплексии ҳуқуқ мебошад, ки дар худ меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ–ҳуқуқии муталиқи соҳаҳои гуногуни ҳуқукро мутаҳид мекунад, ба монанди ҳуқуқи гражданӣ, маъмурӣ, байналмилалӣ, молиявӣ ва ғайра[2].

Консепсияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ тӯли солҳои зиёд на танҳо дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ, балки дар кишварҳои хориҷаи дур таҳия шудааст. Аз ҷумла он ба хулосаҳои В.К. Рейхер, ки беш аз 60 сол пеш пешниҳод шуда, бояд се шарт ҷой дошта бошад, асос меёбад:

- маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд ба доираи мушаххас ва мушаххаси муносибатҳои иҷтимоӣ мувофиқат кунанд, яъне ягонагии объективӣ дошта бошанд;
- доираи мушаххаси муносибатҳо, ки бо чунин маҷмӯа танзим карда мешавад бояд аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дошта бошад;
- маводи танзимкунанда, ки ин гуна маҷмӯъро ташкил медиҳад, бояд доираи васеъ дошта бошад[3].

*3. Ҳуқуқи соҳибкорӣ як қисми ҳуқуқи гражданӣ.* Ин консепсия бевосита мухолифи консепсияи ҳуқуқи соҳибкорӣ (хоҷагӣ) ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ. Консепсияи мазкур ба эътироф намудани ягонагии танзими муносибатҳои гражданӣ ва соҳибкорӣ аз ҷониби Кодекси гражданӣ асос ёфтааст, ки дар асоси он ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи гражданӣ амал мекунад[4]. Аммо ба андешаи М.К. Сулаймонов ин консепсия бешубҳа ягонагии соҳаи танзимро, ки байни меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ оид ба

---

[1] Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2019. С.25,30.

[2] Жилинский С.Э. Правовая основа предпринимательской деятельности (предпринимательское право): Курс лекций. — М.: Изд. группа Норма-Инфра-М, 1998. С.38.

[3] Райхер В.К. Общественно-исторические типы страхования. М.-Л.: АН СССР, 1947. С.189.

[4] Гражданское право: учебник / под ред. Е. А. Суханова. - М., 1998. Т. 1. С.18.

батанзимдарории фаъолияти соҳибкорӣ ҷой доранд, ба назар намегирад[1].

Дар ин замина ба ақидаи мо танқиди соҳаи мустақил будани ҳуқуқи соҳибкорӣ нодуруст ва беасос аст. Мо чунин мешуморем, ки консепсияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дуруст аст. Асоснокии андешаи худро чунин иброз менамоем:

1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф карда мешавад ва дорои мавзӯи танзими ҳуқуқӣ танҳо ба он муталиқ мебошад, яъне муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқамананд, инчунин усулҳои махсуси танзими ҳуқуқии онҳо.

2. Дар ҷараёни татбиқи ин фаъолият субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба муносибатҳои ҳам хусусӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам ба муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқии ҷамъиятӣ ворид мешаванд. Манфиати субъектҳо, ки ба муносибатҳои хусусӣ барои баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ворид мегарданд, пеш аз ҳама барои ба даст овардани фоида равона карда шудааст.

3. Ҳуқуқи соҳибкорӣ дорои зерсоҳаҳои худ мебошад, ки ба онҳо ҳуқуқи тиҷорат, ҳуқуқи корпоративӣ, ҳуқуқи сармоягузорӣ, ҳуқуқи рақобат, ҳуқуқи интернетӣ, ҳуқуқи тиббӣ, ҳуқуқи варзишӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

---

[1] Сулейменов М.К Гражданское право и предпринимательство: проблемы теории и практики // Гражданское право и предпринимательство. Материалы междунар. науч.-практ. конф. 31 мая - 1 июня 2011 г. — Алматы: (GIZ) GmbH , 2011. С.11.

**Хайём Раҷабзода Раҷаб, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ва унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

# МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ХУРД БО МАҚОМОТИ АНДОЗ

Пеш аз он ки бевосита дар бораи муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз сухан ронем, бояд мафҳумҳои қонунгузории категорияҳои мазкурро баррасӣ кард.

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол то 1000000 (як миллион) сомонӣ аст.

Дар ин самт бояд хотирнишон намуд, ки тибқи моддаи 4 Қонуни мазкур ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғуланд, мансуб нестанд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
- таҳвили алюминийи аввалия;
- фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ;
- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ;
- фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.[1]

Ғайр аз ин, қонунгузор масъалаи муфассалтарро пешбинӣ менамояд, ки киҳо метавонанд субъекти соҳибкории хурд ҳисобида шавад.

Вобаста ба ин якчанд меъёрҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд КА ҶТ) мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Масалан, мутобиқи қисми 1 моддаи 289 КА ҶТ даромади умумии солонаи шахсони воқеӣ - резидентон ва ғайрирезидентон, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома бақайд

---

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ.2, мод. 404; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1194, аз 30.05.2017 № 1436, аз 2.01.2020 № 1684.

гирифта шудаанд, аз ҳамаи намудҳои фаъолияти амалишавандаи онҳо наметавонад аз як миллион сомонӣ зиёд бошад.Ба ҳамин монанд, тибқи қисми 2 моддаи 290 КА ҶТ субъектҳои соҳибкории хурде, ки даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи онҳо дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз як миллион сомонӣ зиёд намебошад аз андози низоми соддакардашуда истифода мебаранд.

Муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз бо дарназардошти меъёрҳои дар боло зикргардида, анҷом дода мешавад.

Мутобиқи моддаи 84 КА ҶТ Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳудудии андоз иборат мебошанд. Ба мақомоти ҳудудии андоз раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар шаҳрҳо (ноҳияҳо), раёсати андози андозсупорандагони калон бо нозиротҳои он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дигар мақомоти минтақавии андоз, инчунин мақомоти минтақавии мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тааллуқ доранд. Мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳудудии андоз системаи ягонаи мутамаркази мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд. Мақоми ваколатдори давлатӣ ба низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Мақомоти ҳудудии андоз бевосита ба таври амудӣ (вертикалӣ) ба мақомоти дахлдори болоии андоз ҳисоботдиҳанда ва тобеъ буда, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тобеъ нестанд. Мақомоти андоз шахсони ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақил, суратҳисобҳои махсус дар Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти он дар маҳалҳо, мӯҳр бо акси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи худ ба забони давлатӣ мебошанд. Мақомоти андоз дорои рамз мебошанд, инчунин ҷиҳати ҳавасмандгардонии кормандони ба натиҷаҳои назаррас ноилгашта аз нишони сарисинагии идоравӣ истифода мебаранд, ки тасвири онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Мақомоти андоз дар масъалаҳои таъмини назорати давлатии пардохти пурра ва саривақтии андозҳо дорои тамоми

ваколатҳо мебошанд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки тибқи КА ҶТ ситонидани андозҳо ба дигар мақомот вогузор шудааст.[1]

Моддаи 89 КА ҶТ ҳуқуқҳои асосии мақомоти андозро муқаррар намудааст, ки онҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд низ истифода мешаванд. Ба ин ҳуқуқҳо дохил мешаванд:

1) дар доираи ваколатҳояшон санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки Кодекси мазкур пешбинӣ кардааст, мустақилона ё дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намоянд;

2) назорати андозро амалӣ намоянд;

3) ҳамкориҳои байналмилалиро оид ба масъалаҳои андозбандӣ амалӣ намоянд;

4) аз андозсупоранда (агенти андоз) талаб намоянд, ки дастрасӣ ба муоинаи иттилооти таъмини барномавии барои автоматизатсиякунонии ҳисоботи муҳосибӣ ва андоз зарур ва (ё) системаи иттилоотии дорои иттилооти ҳуҷҷатҳои аввалияи ҳисоботиро оид ба объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳое, ки ба андозбандӣ алоқаманданд, дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) истифода шудани чунин таъминоти барномавӣ ва (ё) системаи иттилоотӣ, таъмин намояд;

5) дар ҷараёни санҷиши андоз тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои андозсупорандаро (агенти андозро), ки аз содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳолати вуҷуд доштани имконияти нобуд сохтан, пинҳон намудан, тағйир додан ё иваз намудани ин ҳуҷҷатҳо, гиранд;

6) мутобиқи Кодекси мазкур ҳаҷми ӯҳдадории андозро (бо истифода аз усулҳои баҳодиҳии мустақим ва ғайримустақим, нархҳои бозорӣ ё иттилооти муоинаи хронометражӣ) ҳисоб намоянд;

7) дар ҷараёни санҷишҳои андоз санҷиши ҳуҷҷатҳои молиявӣ, китобҳои муҳосибӣ, ҳисоботҳо, сметаҳо, пулҳои накд, коғазҳои қиматнок ва дигар сарватҳо, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳоро анҷом диҳанд, оид

---

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838; с. 2013, №12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210, №11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, №3, мод. 150, №11, мод. 883; с. 2017, №1-2, мод. 21, №5, к.1, мод. 280; с. 2018, №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529; с. 2019, №4-5, мод. 227, №6, мод. 322, №7, мод. 473; с. 2020, №1, мод. 21, мод. 22); (Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1045, № 1046, аз 18.03.2015 № 1188, аз 23.11.2015 № 1244, № 1245, аз 15.03.2016 № 1297, аз 14.11.2016 № 1367, аз 24.02.2017 № 1398, аз 30.05.2017 № 1423, аз 21.02.2018 № 1510, № 1511, аз 3.08.2018 № 1546, аз 4.04.2019 № 1599, аз 20.06.2019 № 1620, аз 19.07.2019 № 1644, аз 2.01.2020 № 1675, № 1676, аз 04.07.2020 № 1708, аз 17.12.2020 № 1744, № 1745)

ба масъалаҳои дар рафти санҷишҳои зикршуда бамиёномада аз шахсони мансабдор ва дигар кормандони ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ иттилоот, баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ гиранд;

8) дар рафти санҷиши андоз молу мулкеро, ки объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманд мебошад, новобаста ба маҳалли ҷойгиршавиаш муоина намоянд, баруйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупорандаро (агенти андозро) (ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) бо тартибе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, гузаронанд;

9) дар рафти санҷиши андоз биноҳои истеҳсолӣ, савдо, анборҳо ва дигар биноҳои корхонаҳо ва шахсони воқеиро, новобаста ба маҳалли ҷойгиршавиашон, ки барои гирифтани даромад ё барои нигоҳдории объектҳои андозбандӣ истифода мешаванд, аз назар гузаронанд;

10) ба роҳбарон ва дигар кормандони мансабдори ташкилотҳо, инчунин ба шахсони воқеӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андози ошкоршуда супоришҳо диҳанд, ки барои иҷро ҳатмӣ мебошанд ва иҷрои онҳоро назорат намоянд;

11) барои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз муҷозот ва ҷаримаҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намоянд, оид ба боздошти (бекор намудани) амалиёти иҷозатномаҳо барои иҷрои намудҳои алоҳидаи фаъолият дархост намоянд;

12) мутобиқи Кодекси мазкур аз андозсупорандагон, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони воқеӣ андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо ситонанд, аз ҷумла тавассути пешниҳоди даъвоҳо ба суд;

13) дар ҳолати вайрон намудани қонунгузории андоз намудҳои муқарраршудаи ҷавобгариро татбиқ намоянд;

14) аз андозсупоранда (агенти андоз) пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дурустии ҳисоб ва сари вақт пардохти (нигоҳ доштан ва гузаронидани) андозҳо ва вобаста ба ҳисоботи андози тартибдодашудаи андозсупоранда (агенти андоз), инчунин ҳисоботи молиявии андозсупоранда (агенти андоз), аз ҷумла бо замима намудани хулосаи аудиторӣ дар ҳолате, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин шахс гузаронидани аудити ҳатмӣ муқаррар шуда бошад, баёноти хаттӣ талаб намоянд.

15) тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсолоти иҷро ва дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳоро татбиқ намоянд ва маблағҳои қарзи андозро рӯёнанд;

16) ҷиҳати гузаронидани назорати андоз мутахассисон, экспертҳо ва тарҷумонҳоро ҷалб (даъват) намоянд, ки пардохти хизматҳои онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои экспертизаи судӣ амалӣ карда мешавад;

17) дар ҳолати ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии соҳаи андоз, ба сифати шоҳид шахсонеро, ки барояшон ҳолатҳои барои гузаронидани назорати андоз аҳамиятдошта маълуманд, даъват намоянд;

18) тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе кам намудани ҳаҷми умумии воридоти андозҳо дар шаҳрҳои (ноҳияҳои) алоҳида ё гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон бо тариқи озмоиш ба мӯҳлати на кам аз 12 моҳи пайи ҳам ояндаи тақвимӣ кам намудани шумораи эъломияҳои пешниҳодшаванда, пардохти андозҳо ба буҷет ва (ё) бо тариқи дигар тартиби пардохти андозҳоро содда намоянд.

Мақомоти болоии андоз ҳуқуқ доранд қарорҳои мақомоти поёнии андозро дар ҳолати мувофиқ набудани онҳо ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор кунанд.

Мақомоти андоз, инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки КА ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

Ҳарчанд ки муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз бо дарназардошти меъёрҳои дар боло зикргардида, анҷом дода шаванд ҳам, вале амалияи имрӯзаи ҳуқуқ зарурати баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро бо сабаби ноустуворӣ ва номукаммалии қонунгузорӣ тақозо менамояд. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки санҷишҳои андозӣ, ки бо мақсади назорати риояи қонунгузории андоз, пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ гузаронида мешаванд, ба қонунгузории андоз муҳлати он муайян карда шуда, барои субъектҳои соҳибкории хурд то 7 рӯзи корӣ, пешбинӣ карда шавад.

Аннотатсия

Муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз

Дар мақолаи манзуршуда баъзе аз масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ба мақсади таҳқиқи муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз дар Тоҷикистон таҳлили чунин санадҳо меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, №1107.

**Зариф У.М.**
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Телефон. 209-18-22-11.
E-mail: umed.us@mail.ru

## БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОГОҲИНОМАИ НАҚШАИ ТАҲИЯИ ЛОИҲАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИЕ, КИ БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ТАЪСИРИ МЕРАСОНАД

Банақшагири як раванди мураккабу пурпечутобест, ки фаъолияти зеҳнии ҳар як фард, мақомот ва идораро дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян намудани раванди ояндабини минбаъдаи фаъолияти худ дар назар дошта шудааст. Нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкори таъсири имконпазир мерасонад, бояд пешакӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ огоҳ карда шуда, бо мақсади огоҳ намудани онҳо аз ин раванд, ки минбаъд қабули лоиҳа барои фаъолияти онҳо таъсир мерасонад, таҳия карда мешавад.

Огоҳонидан оид ба нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад, як иттилооте, ки ба саҳми субъектҳои соҳибкорӣ расонидан бо мақсади хабардор намудани онҳо дар назар дошта мешавад. Огоҳи ба маъноӣ Фарҳанги забони тоҷикӣ огоҳ намудан, хабардор карда ё иттилооте, ки ба ягон кас гуфтан, воқиф намудан ва фаҳмонидан дар назар дошта шудааст[1].

Огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғози давраи аввали гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад, ки таҳиякунанда ҳангоми муайян намудани он дар ҳол

[1] Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Душанбе .С. - 2010. С 13. Ҷилди 2.

маълумоти муайянеро ба субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод менамояд. Дар баробари ин дуруст пешниҳод намудани маълумотҳо низ яке аз муқарраироти муайяннамудаи қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он тартиби дурусти ба соҳибкорон ошкор намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад, хабардор менамояд.

Огоҳи намудани субъектҳои соҳибкорӣ аз як тараф пеши роҳи таваккалии (риск) зиёдро гирад, ки ба манфиати соҳибкорон қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқиро ба миён орад. Аз тарафи дигар, як раванди банақшагирии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба таъсир расонидан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси мавҷуд будани муқарраротҳои асоснок ва далелҳои воқеӣ дар оянада дар назар дошта мешавад.

Кафолатҳои амалӣ намудани тавакаллии фаъолияти соҳибкориро дар ин ҳолат тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ давлат ба уҳда гирифта раванди таъсиррасони ба фаъолияти соҳибкориро тибқи нақшаҳои пешакӣ ва мувофиқашуда бо субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият дар раванди таҳлил, муайян намудани моҳияти мушкилиҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо, доираи амали лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, муҳтавои масъалаи мазкур, роҳҳои имконпазири ҳалли он, ба вуҷуд наомадани хароҷоти беасос вобаста ба амалӣ намудани он, ҳамчунин бо мақсади дастрас намудани таклифҳо оид бо дигар роҳҳои имконпазири ҳалли масъалаи зикргардида, таҳиякунанда бо шахсони манфиатдор машварати оммавӣ мегузаронад, ки огоҳинома таҳия менамояд[1].

Бояд қайд кард, ки огоҳинома бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[2] таҳия шуда, дар он маълумотҳои лозими ва зарурие, ки талаб карда мешавад, бояд ҳатман ҷойгир карда шавад.

Дар баробари ин, кафолати давлатии огоҳи намудани субъектҳои соҳибкорӣ аз раванди таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасон яке аз маҳакҳои муҳим ба ҳисоб рафта бо дарназардошти ин субъектҳои ташаббусгузори таҳияи

[1] Саидзода И.Ҳ., Мирзоева Н. Татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2018. – №2(30) апрел-июнь. – С. 45.
[2] Манъбаи дастраси: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 30 майи 2017 №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.05.2021).

лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ лоиҳаи омоданмудаи худро, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имкорпазир мерасонад, бояд дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълумот ҷойгир намоянд.

Мувофиқи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ[1] раванди банақшагирии таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба баланд бардоштани сатҳи шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи танзимкунии меъёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Марҳалаи мазкур ба ӯҳдадориҳо оид ба таҳия ва дар як сол ду маротиба, яъне дар моҳҳои январ ва июл пешниҳод намудани рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба нақша гирифташуда ва вориднамудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёриии ҳуқуқии амалкунанда асос меёбад. Ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда якҷоя бо тавсифи мухатсари чораҳои пешниҳодшаванда ва таъсироти имконпазирии онҳо пешниҳод мегардад.

Дар баробари ин, нақшаҳои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҳамаи вазорату идораҳо ба таври расмӣ бояд дар муддати нимсола ба мақоми ваколатдор пешниҳод намоянд. Мақсад аз таҳияи нақшаиҳои пешакии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин аз:

- муайян намудани ташаббусҳои танзимкуние, ки таҳия ва тасдиқи онҳо ва ё пешниҳод намудани онҳо ба Ҳукумат барои тасдиқ намудан ба нақша гирифта шудааст;
- ворид кардани ин ташаббусҳо ба рӯзномаи ҷаласаҳои Ҳукумат ва дигар мақомоти давлатӣ;
- муайян намудани алоқа ё такроршавӣ бо дигар ташаббусҳои ба нақша грифташуда ё дар назар дошташуда;
- хабардор намудани доираҳои соҳибкорон доир ба нақшаҳои мақомоти давлатӣ оид ба танзимукунӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба машваратҳо оид ба ташаббусҳои дахлдор.

Огоҳи намудан аз раванди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки минбаъд мақомоти ваколатдор ва таҳиякунандагон фаъолияти худро бо субъектҳои соҳибкорӣ ҷоннок намоянд ва минбаъд ҳамкории зичро бо мақсади баррасии пешгуиҳои илмӣ ва асоснок оид ба ҳалли мушиклоти ҷойдошта баррасӣ намоянд.

---

[1] Манъбаи дастраси: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» //// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

Огоҳ намудани субъектҳои соҳибкорӣ аз таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун ғамхории давлат аз дастгириҳои пайвастаи фаъолияти соҳибкорон дар ҷодаи иштироки онҳо дар раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо дар назар дошта шудааст.

Дар ин ҷода саҳми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ назаррас аст, ки бевосита дар ҳар як баромадҳои худ дар бораи саҳми соҳибкорон дар рушду гулгулшукуфоии ватани азизамон арзанда арзёбӣ менамояд.

Дар баробари ин, дастгирии пайвастаи фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди қабули қарорҳо назаррас буда, ҳамин буд, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018 то 1 январи соли 2021 ба ҳамаи намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мораторияи эълон карда шуд[1]. Бояд қайд намуд, ки ҳар як нақшаи кории фаъолияти давлат бо дарназардошти манфиатҳои соҳибкорон ба роҳ монда шуда, огоҳ намудани онҳо ва дастгирӣ намудан дар ин ҷода тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқ ба замимаи №1 Даструамали гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳинома дар бораи оғози таҳия, намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар маълумотҳо бо дар назардошти замимаи мазкур таҳия шуда дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

Аз соли 2019 то соли 2021 дар Портали интернетӣ зиёда аз 40 огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгир карда шудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир мерасонад[2]. Аз огоҳиномаҳои ҷойгиркардашуда танҳо 4 огоҳинома ба субъектҳои таҳиякунанда барои ҷавобгу набудан ба талабот ва такмили минбаъдаи он баргардонида шудаанд.

Бояд хотирасон намуд, ки огоҳиномаҳои баргардонидашуда ба манфиати соҳибкорон таъсир расонида, муқаррароти қонунгузории

[1] Манъбаи дастрасӣ: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълони мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 16 январи соли 2018, №990 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.05.2021).

[2] Ниг: Манбаи дастрасӣ: сомонаи Портали ирнтернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://www.portali-huquqi.tj/ (санаи муроҷиат 23.05.2021).

Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тартиби пешниҳод намудани маълумот риоя нашудааст.

Дар баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки пешниҳод намудани маълумот ва ҷойгир намудани он дар Портали интернетӣ субъектҳои соҳибкориро аз нақшаҳое, ки пешакӣ таҳия намудаанд, барои минбаъд фаъолият намудан дар ин ҷода огоҳ намуда, ҷиҳати такмил ва дар асоси лоиҳаи пешниҳодшуда самтгирии фаъолияти кориро давом додан ҳушдор медиҳад.

Агар ба тартиби пешниҳод ва ҷойгиркунонии маълумотҳо оид ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ назар афканем, дар он маълумотҳои бо дигар тартиб ва дар дигар шакл пешниҳод карда шудааст. Мисол, дар Федератсияи Россияи огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли муқарраршуда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанда маълумотҳоро ворид намуда, дар мизи мудаввар ё конференсия, ки аз ҷониби таҳиякунанда гузаронида мешавад, иштирок намуда ақидаҳои худро дар ин хусус иброз намоянд[1]. Яъне, таҳиякунанда маълумотро танҳо оид ба масъалаи муайян ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар макони муайян пешниҳод намуда, барои иштирок ва баррасии пешниҳодҳои иброзшуда шароит фароҳам меорад.

Мувофиқи Дастуамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ аз маълумотҳои зерин иборат мебошад:

- намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад;
- муҳлати таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- мuҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- муҳлате, ки дар муддати он аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳодҳо вобаста ба ҷойгир намудани огоҳинома қабул карда мешаванд.

Маълумоти пешниҳодшуда дар Портали интернети ҷойгир карда шуда, танҳо хусусияти огоҳи намуданро дорад. Яъне, таҳиякунанда субъектҳои соҳибкориро расман огоҳ менамояд, ки дар кадом муҳлат лоиҳаи мазкур омода карда мешавад ва нисбати киҳо паҳн мегардад.

---

[1] Манбаи дастрасӣ: Портали ирнтернетии иттилооти ҳуқуқии Федератсияи Россия // http: https://regulation.gov.ru/ (санаи мурочиат 23.05.2021).

Дар ин ҳолат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танҳо огоҳи пайдо менамоянду халос. Ба монанди дигар давлатҳо мақоми таҳиякунанда шароит барои баррасии огоҳинома ё лоиҳаи мазкур муҳайё карда намешавад. Мақсад аз огоҳи намуда, ин дар давоми на кам аз 30 рӯзи тақвимӣ огоҳ намудани субъектҳои соҳибкорӣ мебошад.

Машваратҳои оммавӣ тибқи тартиби муқарраршуда танҳо дар Портали интернетӣ гузаронида шуда, аз натиҷаи он маҷмуи таклифҳо таҳия карда мешавад.

Таҷрибаи огоҳиномаҳои нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор маълумотҳои болозикрро ҳамчун аввалиндараҷа ҷойгир намудан дар Портали интернетӣ муайян карда то ба ҳол бе таъсир расонидан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли болозикр маълумот пешниҳод карда нашудааст, яъне маълумотҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, характери огоҳ намудан ва бештар хусусяти тавсиявиро дорад.

Дар баробари маълумотҳои болозикр таҳиякунандаро зарурат пеш меояд, ки дар сурати мавҷуд будани муқарраротҳое, ки оид ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои субъектҳои соҳибкорӣ уҳдадориҳои барзиёд ё маҳдудиятҳо пешбинӣ мешаванд, маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад;
- баёни мухтасари мақсади дахолати давлат дар робита ба мушкилоти муайяншуда;
- тавсифи чораҳо, ки дар лоиҳаи пешниҳодшудаи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешавад;
- тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёри ҳуқуқӣ);
- арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимою иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- санаи анҷом додани машваратҳои оммавӣ бо тарафҳои манфиатдор;
- суроғаи почта барои ирсоли таклифҳо;
- телефон барои тамос ва суроғаи электронии шахси мутасаддӣ[1].

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамал дар бораи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 июли соли 2018, №355 // // Махзани

Маълумотҳои пешниҳодшдуа имконият фароҳам меорад, ки дар байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мубоҳисаро ба миён орад.

Таҳлилҳо бо огоҳиномаҳои дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки аз ҷумла, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон пешниҳод намудани маълумот оид ба огоҳиномаи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар давлатҳои номбаршуда характери маълумотнокнамоӣ ва шароит муҳайё намуданро ба миён оварда, ягон мубоҳисаро дар Портали интернетӣ ба вуҷуд намеорад, баръакс дар макон ва шароити муайян имкони муҳайё намудани шароит барои баррасӣ ва ҳалли мушкилотҳо дар шакли мизи мудаввар ё конференсия ташкил карда мешавад, огоҳ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имконияти баррасии масъалаҳоро аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танҳо дар Портали интернетӣ ба вуҷуд оварда, имкони мусоид барои ибрози ақида нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳа ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорон дар шакли электронӣ ташкил менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳарчанд қонунгузор дар дигар шакл гузаронидани машваратҳои оммавӣ бо субъектҳои соҳибкорӣ муқаррар накарда бошад, таҳиякунандагон имкон доранд, ки дар дигар шакл, аз ҷумла, мизи мудаввар, конференсия ва ҷамъомадҳо мубоҳисаҳо ва баррасӣ намудани огоҳиномаҳои нақшаи таҳияи лоиҳаро гузаронанад. Яъне, қонунгузор гузаронидани машварати оммавиро дар робита бо ҷойгир намудани огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар дигар шаклро маҳдуд накардааст.

Ҳамзамон, дар баробари хусусияти огоҳ намудани соҳибкорон, инчунин хусусияти шароит муҳайён намудан дар шакли электрони ибрози ақида ва пешниҳод намудан нисбати нақша ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Ҷойгир намудани огоҳинома аз як тараф барои субъектҳои соҳибкорӣ имкони иштироки ва огоҳи ёфтан аз огоҳиномаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро новобаста аз макони ҷойгиршавии субъектҳои соҳибкорӣ ба миён орад, аз тарафи дигар, хароҷотҳои дастрасӣ ба интернетӣ ва вақти муайянро талаб менамояд.

Дар баробари ин, огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ имкони хубе барои субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати таҳлили вазъи воқеӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар робита ба танзими

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.05.2021).

муносибатҳои мазкур вобаста аз минтақа ва маҳалли ҷойгиршавии соҳибкорон шароити мубоҳисаро фароҳам меорад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ барои ҳифзи манфиатҳои худ дар робита ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи пешниҳодшуда мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро бо дарназардошти вазъи воқеии ҳаёти мавҷудбуда ва мушкилотҳои мавҷуд дар минтақаи воқеъ гардида баррасӣ менамоянд.

Дар баробари таҳлилҳои болозикр бояд қайд кард, ки дар сурати риоя нашудани талаботи пешниҳод намудани маълумот нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақоми ваколатдор онро ба таҳиякунанда бар мегардонад. Мақсад аз бар гардонидани огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳа ин такмил додан ва асоснок намудани огоҳинома ва ба талабот ҷавобгӯ будани онро ифода менамояд.

Баргардонидани огоҳинома барои субъектҳои соҳибкорӣ аз як тараф мавқеи давлат ва мақоми ваколатдори давлатиро оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ва тарафҳои манфиатдор кафолатдиҳанда будани фаъолияти ниҳоди мазкурро шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар, имкони шароит муҳайё намудан аз ҷониби мақоми ваколатдор доир ба таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва намояндагони тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи соҳибкорӣ ва дар таҳия намудани тавсияҳо оид ба гузаронидани ислоҳоти зарурӣ бо мақсади беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии танзимкунии давлатӣ равона карда мешавад[1].

Таҷрибаи нишон медиҳад, ки дар огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод намудани уҳдадориҳои барзиёд, маҳдудиятҳо ва хароҷоти беасос нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми буҷети давлатӣ мумкин аст, ки ба таваккалии фаъолияти соҳибкорӣ таъсири худро расонад.

Дар огоҳинома муайян намудани мушкилоти мавҷуд буда, бо мақсади ҳалли роҳҳои имконпазири масъала яке аз фаъолияти танзимнамоии мақомоти давлатӣ оид ба расидагӣ ба раванди ҳаллии

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 ноябри соли 2015, №673 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.04.2021).

мушкилот дар ҷодаи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Мушкилоти мавҷуда дар огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳа бояд тавре шарҳ дода шавад, ки ба таври умумӣ имкони фаҳмо будани дарки дурусти мубрамияи масъалаи матраҳшуда тавсиф ёбад. Дуруст масъалагузори намудани мушкилотҳо ба оқибати самарабахши дуруст ва оқилона танзимнамоии мушкилоти мавҷуда оварда мерасонад.

Таҷрибаи огоҳиномаҳои нақшаҳои ҷойгиршуда дар Портали интернетӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби субъектҳои таҳиякунанда дар баъзе ҳолатҳои дарки дурусти мушкилоти фаъолияти мавҷудбуда маълумот пешниҳод карда намешавад, ҳамзамон, танҳо бо шарҳу тавсиф додани меъёри қонунгузорӣ ва асоснокии қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ оварда мешаваду халос. Ҳоло он, ки тавсифи муайяни мушкилот метавонад оқибати танзимнамоиро тағйир диҳад. Дар натиҷаи гузаронидани машваратҳои оммавӣ мумкин аст, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва шахсони манфиатдор дигар роҳи ҳалли мушкилот пешниҳод карда шавад. Дар таҷрибаи машваратҳои оммавӣ то ҳол нисбати огоҳиномаҳои нақшаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод оид бо дигар роҳҳи ҳалли танзим намудани мушкилоти мавҷуда пешниҳод нашудааст, лекин ин маънои онро надорад, ки таҳиякунанда на ин, ки танҳо роҳи манфиатбор ва дурусти аз нигоҳи худ интихобнамударо пешниҳод намояд. Дар баробари ин ҳалли мушкилоти мавҷударо бояд бо дигар роҳҳое, ки мавҷуд аст, дар огоҳинома нишон диҳад[1]. Ошкор намудани дигар роҳҳаои ҳалли мушкилот нишонаи бо такя ба принсипҳои демократӣ, мубоҳисавӣ ва шаффоф қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро инъикос менамояд.

Дар баробари асосҳои болозикр, таҳиякунанда бояд хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ мухтасар дарҷ карда шаванд. Дарҷ намудани хароҷотҳои давлатӣ барои субъектҳои таҳиякунанда аз як тараф таҳлили амиқи иқтисодию иҷтимоӣ танзими муносибатҳои равонашударо ба миён орад, аз тарафи дигар, дар асоси таҳлилиҳои илмӣ ҳисобу китоби ҷараёни минбаъдаи дар амалия татбиқ намудани меъёрҳои санади мазкур бояд муайян карда шавад.

Ҳисоби дурусти оқибатҳои таъсиррасонии иқтисодӣ аз моҳияти дарки дурусти хароҷотҳои барзиёд ҷилавгири менамояд. Зеро дар

---

[1] Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2017. – 530 с.

натиҷаи таҳлил мумкин аст, ки оқибатҳои ғайричашмдоште ба миён ояд, ки ин хароҷотҳо дар оянада ба нақша гирифта нашуда буд.

Дар баробари ин, санаи анҷом додани машваратҳои оммавӣ бо тарафҳои манфиатдор яке аз уҳдадориҳои асосии мақоми таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Мақоми ваколатдор бояд бо тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, ҷомеаи соҳибкорӣ оид ба дастгири ёфтани нақшаи лоиҳа ва минбаъд ҷонибдори намудани лоиҳа вохурӣ анҷом диҳад.

Баррасии таклифу пешниҳодҳои субъектҳои соҳибкорӣ ба нафъи фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, ба инобат гирифтани онҳо низ ҳамчун дастгири ёфтани пешниҳодҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар раванди таҳия ва баррасии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ташкил намудани мубоҳиса ва баррасии таклифҳои ҷонибҳои манфиатдор имкони ошкоро суҳбат намудан бо таҳиякунанда нисбат ба ҳуқуқу манфиатҳое, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санди меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меояд, шароит фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки субъектҳои таҳиякунанда таклифу пешниҳодҳои шахсони манфтиатдорро дар маҷмӯъ ҷамъ намуда, аз натиҷаи он ҳисобот пешниҳод намоянд. Дар баробари ин, ҳар як таклифу пешниҳодҳое, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, бояд бо асоснокии он сабаби рад намудан ва ба инобат гирифтани он дар ҳисоботи мақоми таҳиякунанда арзёбӣ гардад.

Дар сурати ба инобат нагирифтани таклифҳои иброзшуда, мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад, ба манфиати соҳибкорон нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо зикр намудани ба инобат гирфтани таклифҳои мавҷуда дар хулоса дарҷ намояд.

Дар сурати мавҷуд набудани таклифу пешниҳодҳо нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳия лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳиякунанда дар ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ, ки зинаи дуюми гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад, маълумот дарҷ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки зикр намудани маълумот аз ҷонибдорӣ ёфтан ё наёфтани нақшаи таҳияи лоиҳа аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва ҷонибҳои манфиатдор бояд асоснок бошад ва дар муҳлате, ки аз ҷониби таҳиякунанда муайян карда шудааст, гузаронида шавад.

Умуман, огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳифзи ҳуқуқӣ соҳибкорон вижагиҳои хоси худро дошта, аз

огоҳ намудани соҳибкорон доир ба танзими мушкилоти мавҷуда, баррасии роҳи ҳалли он ва даромаду хароҷотҳоро дар бар гирифта, имкони тарзи дурусти ояндабинӣ ва кам намудани таваккалии фаъолияти соҳибкорӣ бо дар назардошти ба таври расмӣ огоҳ намудани онҳо, ҷиҳати пешгирии хароҷотҳои барзиёд, уҳдадориҳои зиёдати ва монеаву маҳдудиятҳо дар самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳа ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун қисмати ошкоро пешниҳод намудани маълумот оид ба танзими фаъолияте, ки ба муҳити фаъолияти тиҷоратии онаҳо таъсир мераонад, иборат мебошад. Дар ин раванд, нодуруст пешниҳод намудани маълумот метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири манфии худро расонад. Аз як тараф, таъсири манфӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ин бо роҳи зиёд намудани таваккали мебошад. Яъне, соҳибкор нақшаҳои ояндани худро бо дарназардошти раванди банақшагирии фаъолияти танзимкунӣ ба роҳ мемонад.

Дигар ин, ки мақоми ваколатдори давлатӣ мониторинги фаъолияти соҳибкориро амали намуда, пеш аз он, ки огоҳиномаҳо ба талабот ҷавобгу нестанд, инчунин таваккалии фаъолияти соҳибкориро зиёд менамояд ё маълумот дуруст пешниҳод карда нашудааст, онро бар мегардонад. Мақсад аз баргардонидани огоҳинома ин такмили он, бартараф намудани монеаҳои беасос дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ба талабот ҷавобгу пешниҳод намудани маълумот ва маълумоти дуруст ва санҷидашуда ворид намуданро дар бар мегирад.

Дигар мушкилоте, ки ҳангоми таҳияи огоҳиномаи нақшаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таҷриба муайян карда шуд, ин нагузаронидани вохӯриҳо ва машваратҳои оммавӣ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар назар дошта мешавад. Мувофиқи ақидаҳои болозикр, қонунгузор ҳарчанд дар дигар шакл гузаронидани машварати оммавиро бо ҷомеаи соҳибкорӣ маҳдуд накардааст, лекин аз ҷониби таҳиякунандагон танҳо машварати оммавӣ дар Портали интернетӣ гузаронида мешавад.

Бояд қайд кард, ки мақсад аз амали шудани низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ ҳосил намудани вобаста ба таъсири дилхоҳ доштан ё надоштани муқаррароти нав пешбинӣ менамояд. Падидаи таҳлили таъсири

танзимкунӣ барои ошкор сохтани оқибатҳои эҳтимолии ғайричашмдошт ва ё хароҷоти пинҳонии ба талаботи меъёрӣ вобаста, инчунин муайян намудани хароҷоти эҳтимолии риояи ин муқаррарот аз ҷониби шаҳрвандон ё доираи соҳибкорон ва оқибатҳои мусбат ва манфии иқтисодию иҷтимоиии он кӯмак мерасонад[1], ки таъмин намудани сифати далелҳои ҷамъоваришуда ва қонунӣ будани онҳо, раванди мубоҳисаҳои шаффофро доир ба сиёсат фаро мегирад, то ки ба ҷонибҳои манфиатдор имконият дода шавад, ки нуқтаи назари худро ироз намоянд.

Ташкил намудани мубоҳисаи шаффоф дар дигар шакл, аз ҷумла, конференсия, мизи мудаввар, семинар ва ҷамъомадҳо бо мақсади ба инобат гирифтани афкори ҷомеа ва ҷонибҳои манфиатдор, аз як тараф иштироки ҷомеаро дар раванди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин намуда, аз тарафи дигар кафолати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла, соҳибкорон, баланд бардоштани сифати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дарки дурусти мушкилот ва ҳалли ниҳоии онро дар назар дошта мешавад.

Бо ҳамин мақсад, дар доираи огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ташкил намудани вохӯриҳо бо ҷомеаи соҳибкорӣ ҷиҳати расман огоҳнамудани онҳо аз таҳияи лоиҳаи санадни меъёрии ҳуқуқӣ ва ба инобат гирифтани фикру ақидаҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳа ба инобат гирифта мешавад.

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 ноябри соли 2015, №673 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.04.2021).

**Мавлоназаров О. А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ДАР БОЗОРИ ИТТИЛООТӢ

Бозори иттилоотӣ яке аз шаклҳои муташаккилонаи таҳия, истифодабарӣ ва паҳннамудани иттилооти ҳифзшаванда мебошад. Дар он давлат, мақомотҳои маҳалли ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иштирок менамоянд. Дар он бояд эҳтиёҷоти дархосткунандагон ҳамчун истеъмолкунандагони иттилоот қонеъ гардонида шаванд.

Яке аз иштирокдорони бозори иттилоотиро иштирокдорони касбӣ меноманд. Яъне онҳо дар таҳия, истифодабарӣ ва паҳннамудани иттилооти ҳифзшаванда донишу малакаи махсус доранд. Масалан, дар пешбарии кори сомонаи интернетии вазорату идораҳо ва дигар мақомотҳо нақши маъмури муҳтавои иттилоотӣ муҳим аст. Вай корманд ё воҳиди сохтории вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад, ки бо санади меёрии дахлдори роҳбари мақомоти мазкур таъин карда шудааст ё, аз рӯи зарурат, бо мақсади мувофиқа ва иҷрои корҳои бо иттилоот таъмин намудани сомонаи расмии ин ё он мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст. Маъмури муҳтавои иттилоотӣ, чун қоида, корманди хадамоти матбуоти (шӯъбаи робита бо ҷомеа ё дигар воҳиди сохтори дахлдори) вазорату идораҳо ва дигар мақомотҳои давлатӣ мебошад.

Дар қисми якуми моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, таҳти № 411, ду тарзи дастрасӣ ба иттилооти дастрасии бемаҳдуди мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори онҳо, ки чунин иттилоотро доранд (хизматрасонанда), муайян карда шудааст.

Дар сархати якуми қисми якуми ин модда «ҳатмӣ будани расонидани иттилоот ба маълумоти умум» ҳамчун тарз эътироф шудааст, ки он дар ҳуқуқи иттилоотии муосир як муносибати нав

аст. Одатан, чунин тарзро истифода менамуданд: «пешниҳоди иттилоот ба шахсони манфиатдор». Яъне дастрасӣ ба иттилооте дар назар дошта шудааст, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ омадаанд, ғайр аз маълумоти бо қонунҳои ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи Номгӯи маълумоти дорои сирри давлатӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро вобаста ба сирри давлатӣ танзим мекунанд, иттилооти «Барои истифодаи хизматӣ», инчунин дигар намудҳои иттилоот, ки барои дастрасӣ маҳдуд карда нашудаанд, аз ҷумла: шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки иттилооти муҳимро дар бар мегиранд; гирифтани нусхаи ҳуҷҷати дахлдор ё иқтибос аз он; гирифтани маълумотномаи хаттӣ, ки иттилооти аҳамиятдоштаро дар бар мегирад;  шунидани нақли шифоҳии муҳтавои иттилооти муҳим; гирифтани маълумот дар бораи сарчашмаи нашри иттилооти мазкур дар нашрияи расмӣ; гирифтани манбаҳои иттилооти электронии аз ҳуҷҷатҳои расмӣ гузаронидашуда, ки ба гуруҳи иттилооти дастрасиашон маҳдуд дохил карда нашудаанд.

Дар фарқият аз «пешниҳоди иттилоот ба шахсони манфиатдор» «ҳатмӣ будани расонидани иттилоот ба маълумоти умум» ташаббуси иттилоотикунонӣ ба хизматрасонанда иртибот дорад. Чунин хизматрасонии ҳатмӣ яке аз уҳдадориҳои ҳатмии хизматрасонанда (сархати 3 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 2 – юми апрели соли 2020, таҳти № 1690) мебошад. Дар ин маврид иттилоотикунонӣ на ба шахси алоҳидаи манфиатдор, балки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҷомеа ба иттилоот равона шудааст. Чунин тарзи иттилоотикунонии амудӣ (вертикалӣ) бевосита аз ҷониби субъектони зикршуда тариқи тафсири иттилоотӣ амалӣ шуда метавонад. Барои дарку қабули шунавоӣ ва ё биноӣ, сарфи назар аз дарки воқеии онҳо аз ҷониби омма, дастрасии умум тавассути сомонаи расмии онҳо дар реҷаи онлайн, бидуни он (оффлайн), бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ё технологияҳои мултимедиавӣ таъмин шуда метавонад. Ҳангоми расонидани иттилоот ба маълумоти умум тавассути замимаи браузер гирандагони чунин хизматрасонӣ метавонанд бо хизматрасонанда дар тамос бошанд, савол диҳанд ё ҷиҳатҳои нофаҳмои ҳисобот ё маълумоти дигари хабариро пурсон шаванд.

Дар сархати дуюми қисми якуми ин модда «қонеъ гардонидани дархости шахсони ҷудогона ва дастаҷамъона ба иттилоот» ҳамчун тарз эътироф шудааст. Дар ин маврид ба хизматрасонанда шахсони воқеӣ (м. 17 КГ ҶТ) ва шахсони ҳуқуқии хусусӣ (муассисаҳои хусусӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои тиҷоратии хусусӣ) бо дархости иттилоотӣ муроҷиат мекунанд. Онҳоро дар сархати дуюми м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ҳамчун гирандагони хизматрасонӣ муаррифӣ кардаанд. Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин муассиса ва корхонаҳои давлатие мебошад, ки дорои манфиати умум мебошанд, субъекти чунин дархост буда наметавонанд.

Ба сифати дархосткунанда, ба андешаи мо, инчунин сармуҳаррири воситаи ахбори омма ва ё журналист баромад карда метавонанд. Озодии матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма аз сензура ва ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хусусӣ ба дастрасии иттилооти барои онҳо муҳим тавассути онҳо яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқ ба иттилоот мебошад. Мутобиқи маълумотҳои кушода то санаи 1 – уми январи соли 2019 дар ҶТ 376 рӯзнома, аз ҷумла 112 рӯзномаи давлатӣ ва 264 рӯзномаи хусусӣ, 245 маҷалла, ки аз он 114 маҷаллаи давлатӣ ва 131 маҷаллаи хусусӣ, 317 матбаа, аз ҷумла 37 матбааи давлатӣ ва 280 матбааи хусусӣ, 71 нашриёт, аз ҷумла 10 нашриёти давлатӣ ва 61 нашриёти хусусӣ инчунин 10 агентиҳои иттилоотӣ, аз ҷумла 1 давлатӣ ва 9 хусусӣ дар қайди мақомотҳои ваколатдори давлатӣ (мақомоти андоз ва Вазорати фарҳанги ҶТ) мебошанд. Ин иштирокдорони касбии муносибатҳои ҳуқуқи иттилоотӣ метавонанд дар таъмини озодии дастрасӣ ба иттилоот ё ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ки манфиати шахсӣ ё ҷамъиятӣ дорад саҳмдор бошанд. Онҳо метавонанд дар асоси дархости ҷудогона ва дастаҷамъона ба иттилоот ва ё бо ташаббуси худ барои дастрасӣ ба иттилооти аҳамияти муҳими иҷтимоидошта ба хизматрасонанда расман муроҷиат намоянд. Ба ҳар шакле, ки набошад монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналист, ҳамчунин маҷбур намудани ӯ барои паҳн кардан ё рад намудани пахши иттилоот, ки бо таҳдиди зӯроварӣ, нобуд сохтан ё вайрон кардани молу мулк, паҳн кардани дурӯғи бофтае ё фош намудани дигар маълумоте, ки ҷабрдида мехоҳад онҳоро ниҳон дорад,

алоқаманд аст, ҳамчунин бо роҳи таҳдид поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии журналист, тибқи м. 162 КҶ ҶТ ҷиноят мебошад.

Объекти дархости иттилоотӣ, инчунин иттилооти инфиродан муҳим буда метавонад ва дастрасӣ ба он маҳдуд карда намешавад.Чунин иттилоот барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти дархосткунанда **ҳамчун истеъмолкунандаи иттилоот,** ҳифзи ҳуқуқ ва дахлнопазирии ӯ зарур мебошад. Аз ҷониби шахси мансабдор радкунии ғайриқонунӣ ба шаҳрванд додани санад ё ҳуҷҷатҳое, ки бевосита ба ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дахл доранд ва мутобиқи тартиби муқарраршуда ҷамъоварӣ шудаанд, инчунин додани маълумоти нопурра ё қасдан додани маълумоти барғалат, агар он ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамин шаҳрванд зарар расонида бошад, чунин кирдор тибқи м. 148 КҶ ҶТ ҷиноят мебошад.

Дар қисми дуюми ин модда дуруст қайд мегардад, ки тартиби ҳатман ба маълумоти умум расонидани иттилоот дар қонунгузории иттилоотӣ муайян шудааст. Масалан, дар қонунҳои ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва ғайра. Теъдоди зиёди санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд, ки дар онҳо тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст. Масалан, низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», қоидаи пешниҳоди хизматрасонии интернетӣ дар ҳудуди ҶТ ва ғайра.

Дар ҳамин қисми ин модда оид ба уҳдадории иттилоотии мақомот ва ташкилот, инчунин шахсони мансабдори онҳо дар хусусии ба маълумоти омма бетаъхир расонидани иттилооте, ки ба амнияти ҷомеа, ҳаёт ва саломатии мардум таҳдид менамоянд, сухан меравад.

Мувофиқи сеюми ин модда иттилоот ба маълумоти омма тавассути дар нашрияҳои махсус чоп кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҷойгир намудани онҳо дар маъхазу манбаъҳои маълумоти дастраси доираи номаҳдуди шахсони манфиатдор расонида мешавад. Нашрияҳои махсус буда метавонанд рӯзномаву ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо, солнома ва маҷмӯаву буллтенҳое, ки ном, рақами бақайдгирӣ, на камтар аз як маротиба дар як сол ба табъ мерасанд. Маъхазу манбаъҳои маълумоти дастраси доираи номаҳдуди шахсони манфиатдор маҷмӯи маълумот дар шакли хониши мошиннавис ё шакли дигар, ки ҳомили моддии иттилоот мебошад. Нигориши овозҳо, ки ба тафсири иттилоотӣ иртибот

дорад ва ё тасвири объектҳои дигари иттилоотӣ ё инъикоси онҳо тавассути воситаи техникӣ дар ягон шакли моддӣ, ки имконияти бисёркаратаи амалӣ сохтани дарк, таҷдид ё дастрас кардани онҳоро фароҳам меорад.

Дар асоси қисми чоруми ин модда шахси манфиатдор метавонад иттилоотро тибқи дархост бо тарзҳои зайл дастрас намояд: шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои расмие, ки дорои иттилооти дархост шудаанд; гирифтани нусхаи ҳуҷҷати дахлдор ё иқтибос аз он; гирифтани маълумотномае, ки дорои иттилооти матлуб аст; шифоҳӣ воқиф гардидан аз мазмуни иттилооти дархостшаванда; воқиф гардидан аз манбае, ки дар нашрияи расмӣ иттилооти дархостшударо чоп кардааст.

Ин тарзҳо шаклҳои гуногуни ба муомилот баровардани иттилооти инфиродан муҳим буда, гирандагони хизматрасонӣ тариқи шиносоӣ, яъне қироати ҳомили моддии иттилоот бевосита ё бо истифодаи воситаи техникӣ аз он дониши муайяне пайдо мекунад. Бо тарзҳои дигар низ номуайянии ҷойдоштаро азбайн мебарад ва варианти дурусти кирдорро интихоб мекунад.

Мувофиқи қисми панҷуми ҳамин модда аз иттилооти дархостшуда ҳамчунин ба тарзи шифоҳӣ воқиф гардидан ё онро хаттӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои электронӣ пешниҳод кардан мумкин аст. Хизматрасонанда тариқи тафсири иттилоотӣ метавонад эҳтиёҷоти дархосткунандаро қонеъ гардонад. Одатан дар ин маврид усулҳои баҳодиҳӣ, баёни нуқтаи назар, шарҳ, инчунин изҳори андеша оид ба объекти иттилоотӣ татбиқ мешаванд. Самараи тафсири иттилоотӣ бештар аст. Дархосткунанда баъд аз он дигар овора намешавад. Ба худ аз санъати баланди суханварӣ ва салоҳиятнокии хизматрасонанда, дониши муайяне пайдо мекунад.

Тарзи дигари зикршуда далели дастрасӣ ба ҳомили моддии иттилоот асту бас. Мумкин аст ҷараёни иттилоотӣ идома ёбад, зеро дониши муайяне ҳоло пайдо нашудааст. Дархосткунанда метавонад барои ин кор ба дигар иштирокдорони касбии ин ҷараён адвокат, аудитор, нархгузор ва ғайра муроҷиат намояд.

Мувофиқи моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» иҷрои дахлдори уҳдадориҳои иттилоотӣ аз ҷониби хизматрасонанда андешидани маҷмӯи чорабиниҳои кадрӣ, ташкилӣ ва техникиро талаб мекунад. Тибқи қисми якуми ин модда субъектони мазкур бояд дар сохтори худ шӯъба ва ё

хадамоти робита бо ҷомеа дошта бошанд. Бо сабаби набудани маблағ ё надоштани иҷозати таъсиси воҳидҳои нави корӣ, ба навбат ба зимаи дигар воҳидҳои сохторӣ ё қисмҳои истеҳсолии муассиса ё корхонаи давлатӣ гузоштани кори иттилоотӣ муносибати ҷиддӣ нест. Шӯъба ва ё хадамоти робита бо ҷомеа муаррифии муассиса ё корхонаи давлатиро таъмин карда метавонад, агар воҳидҳои кории он кадрҳои салоҳиятноки соҳаи амнияти иттилоотӣ бошанд. Бо воситахои техникии амнияти иттилоотӣ таъмин буда, кори иттилоотӣ, ба хусус хатарҳои онро дар муассиса ё корхонаи давлатӣ дониста, таъсири онро бартараф намояд. Хизматрасонандагон иштирокдорони касбии муомилоти иттилооти ҳифзшаванда мебошанд.

Дуруст аст, ки тибқи қисми дуюми ин модда уҳдадории бо иттилоот таъмин намудани шахсони дархосткунандаи иттилоот бояд дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо бояд дарҷ карда шавад. Ҳамзамон барои ташкили дурусти кори иттилоотӣ бояд хадамоту шӯъбаҳои махсуси онҳо низомномаҳои худро дошта бошанд. Мудири онҳо ва мутахассисони сохторҳои зикршуда ҳатман бояд дастурамалҳои мансабӣ дошта бошанд. Ин санадҳои меъёрии локалӣ аз ҷониби роҳбарони субъектони зикршуда тасдиқ мешаванд. Онҳо зарурати бақайдгирии давлатиро дар мақомоти марказӣ ва ҳудудии адлияро надоранд. Вале чунин ҳолат маънои онро надорад, ки матни санадҳои мазкур танзим надоранд. Бинобар ин, матни санадҳои локалии соҳаи кори иттилоотӣ бояд идомаи санадҳои қонунгузорӣ бошанд. Яъне матни қонунгузорӣ ба шароити мушаххаси идоракунӣ ва ё истеҳсолӣ дар муассиса ва ё корхонаи давлатӣ бо меъёрэҷодкунии локалӣ мувофиқ гардонида мешавад. Сохтори мутобиқ дошта, хусусиятҳои кори иттилоотиро дар ҷойи муайян ва тибқи вазъи ҳуқуқии хизматрасонанда инъикос намоянд. Матни онҳо набояд такрори матни санадҳои қонунгузорӣ ё матни ҳуҷҷатҳои таъсисии хизматрасонанда бошанд. Дар онҳо муносибати касбии меъёрэҷодкунии локалӣ бояд риоя карда шавад.

Мувофиқи қисми сеюми моддаи мазкур барои иҷрои уҳдадориҳои иттилоотӣ хизматрасонандагон ҳамчун субъектони манфиати умум метавонанд ташкилотҳоеро, ки ба расонидани иттиллоот машғуланд, дар асоси шартнома бо салоҳдиди худ ҷалб намоянд. Чунин ҳолат гувоҳӣ имконияти ҷойдоштани модели бавоситаи иҷрои уҳдадории мазкур мебошад. Дар ин

модели ҳуқуқӣ аломатҳои «аутсорсинг» ва «аутстафинг» ба назар мерасанд.

«Аутсорсинг» калимаи англисӣ буда (outsourcing), маънои истифодаи захираҳои бегонаро дорад. Яъне субъектони манфиати умум хадамот ё шӯъбаи махсус таъсис намедиҳад. Барои иҷрои кори иттилоотӣ аз хизматрасониҳои редаксияи воситаҳои ахбори омма ё агентиҳои иттилоотӣ тибқи шартномаи супориш (м. 912 – 920 КГ ҶТ) истифода мекунанд. Дар асоси ин шартнома як тараф (вакили субъекти манфиати умум) аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (вакилкунанда – субъекти манфиати умум) иҷро кардан ё ба ҷо овардани амали муайяни ҳуқуқиро уҳдадор мешавад. Вобаста ба ин вакил хизматрасонии муайяни иттилоотиро анҷом медиҳад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективиро бевосита ваколатдиҳанда пайдо мекунад. Шояд дар мавриди мазкур ба ном «шартномаи аутсорсинги иттилоотӣ» лозим бошад? Ба андешаи мо ба чунин шартномаҳои «нав» зарурат вуҷуд надорад. Шартномаи супориш воситаи ҳуқуқии мувофиқ ва эътирофшудаи КГ ҶТ буда, имконияти меъёрии он муносибатҳои мазкурро танзим менамоянд.

Аутстафинг (outstaff) калимаи англисӣ буда, мувофиқи он кормандони аз ҷадвали штатии хизматрасонанда беруна функсияҳои таъмини дастрасии иттилоотро иҷро мекунанд. Хизматрасонанда бо иштирокдорони касбии соҳаи иттилоот (сармуҳаррири воситаи ахбори омма, агентии иттилоотӣ ва ғайра) шартномаи хизматрасонии иттилоотиро мебандад (м. 797 – 803 КГ ҶТ), дар асоси он иҷрокунанда ба фармоишгар ҳайати кормандони худро барои иҷрои уҳдадориҳои иттилоотии ӯ ва дар ҷои фаъолияти ӯ сафарбар мекунад. Кормандони иҷрокунанда бо фармоишгар шартномаи меҳнатӣ надоранд, вале дар асоси супориши корфармо (иҷрокунанда) дар ҳудуди фармоишгар уҳдадориҳои меҳнатии худро иҷро мекунанд.

Мусаллам аст, ки маълумотҳои шахсии ташкилотҳои «аутсорсинг» ва ё «аутстафинг» (номи ташкилот, нишонии почта, рақами телефон, факс, нишонии почтаи электронӣ, нишонии шабака, минбаъд - маълумоти ташкилот) ба маълумоти шахси дархосткунандаи иттилоот расонида мешавад.

Тибқи қисми чоруми ин модда қоидаҳои иҷрои дархост барои гирифтани иттилоот аз ҷониби роҳбари хизматрасонандаи дахлдор муқаррар карда мешаванд.

Қоидаҳои мазкур ном ва тартиби кори ташкилоту хадамот ва шӯъбаҳо ё шахсони мансабдореро, ки вазифаи таъмини дастрасии иттилоот ба зиммаашон гузошта шудааст, гурӯҳҳои иттилооти манзуршаванда, намудҳои хизматрасонии бо пешниҳод шудани он алоқаманд (аз ҷумла тартиби дастрасии системаҳои автоматиконидашудаи иттилоот), тартиби пардохти ҳаққи хизматрасонии мазкур ва дигар шартҳои дастрасии иттилоотро дар бар мегиранд. Аз чунин ҳолат бармеояд, ки новобаста аз тарзи иҷрои дархост барои гирифтани иттилоот, танзими он ба салоҳияти субъекти манфиати умум дахл дорад. Иҷрокунандагони худӣ ё тибқи шартномаи супориш ё шартномаи хизматрасонии иттилоотӣ ҷалбшуда, уҳдадор мебошанд, ки тартиби иҷрои дархост барои гирифтани иттилоотро риоя намоянд.

Дар ҷамъбасти хулоса ва андешаҳоям пешниҳодҳо дорам. Бешубҳа, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» барои ташаккулёбии бозори иттилоот нақши муайяне дорад. Вале фаҳмиши иттилооти дастрасии маҳдуд дар он (сархати 5 моддаи 2) хилофи манфиатҳои дигар иштирокдорони бозори иттиллотӣ мебошад. Мувофиқи он чунин иттилоот танҳо иттилооте мебошад, ки сирри давлатиро дорад. Пешниҳод менамоям, ки ба сархати 5 моддаи 2 ин қонун чунин ифода карда шавад: **«иттилооти дастрасии маҳдуд – иттилооти ҳифзшавандае, ки муомилоти озоди он барои таъмини амнияти шахсӣ, касбӣ ва давлатӣ маҳдуд карда шудааст».** Дар ин асос баробарии ҳифзи сирҳои шахсӣ, касбӣ ва давлатӣ таъмин карда мешаванд.

**Каримзода Р.М.** – сардори Раёсати кадр ва таъминоти ҳуқуқии КВДҶ "Тоҷикагролизинг", унвоҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

## Мафҳум ва хусусиятҳои бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар асоси қонунгузории Тоҷикистон

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба эҳтироми шаъну шарафи инсон, таъмини озодии интихоби ҳар як узви ҷомеа аз шаклҳои иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ асос ёбад. Давлат баробарии

имконияту шароитро барои рушди фарҳангии шаҳрвандон таъмин намуда, самтҳо, мазмун ва шаклҳои дастгирии давлатии фарҳангро бо назардошти анъанаҳои миллӣ, сатҳи рушди сиёсию иқтисодии ҷомеа муайян мекунад.

Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд[1].

Заминаи ҳуқуқии таваҷҷуҳи хоса ба соҳаи фарҳанг ва дастгирии давлатии он муқаррароти конститутсионӣ мебошад. Дар асоси моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад[2].

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қасри фарҳанги ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд иброз намуда буданд, ки: «Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, хусусан, дар зарфи солҳои охир рушди ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа таъмин ва сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварамон хеле беҳтар гардид. Рушди устувори иқтисоди миллӣ ба мо имкон фароҳам оварда, ки ба пешрафти соҳаҳои иҷтимоиёт, аз ҷумла фарҳанг ва бунёду азнавсозии иншооти соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем»[3].

---

[1] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018., № 1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2020 с.).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016. Душанбе, 2016. - С.15.

[3] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қасри фарҳанги ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд аз 14.09.2020 сол [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: // http://president.tj/node/23845 (санаи муроҷиат: 02.11.2020 с.).

Дар шароити муосир ноил шудан ба мақсаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, назорати доимии вазъи ҷомеа ва сатҳи рушди фарҳангии онро талаб мекунад. Мутобиқи Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, № 501 ба вуҷуд овардани шароитҳои ҳуқуқӣ барои ҳарчи бештар ҷалб намудани маблағҳои инвесторони ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ, пули бонкҳо, даромадҳо аз шаклҳои фаъолияти пулии фарҳангӣ ва хизматрасонии пулӣ яке аз ҳадафи ниҳоиии таъмини молиявӣ ва моддӣ-техникии соҳаи фарҳанг буда, ҳалли якчанд масъалаҳоро талаб мекунад: системаи нави арт-менеҷмент ва маркетинг таъсис дода шавад, хадамоти фарҳангӣ-фароғатӣ густурда, гуногунранг ва барои кулли гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ дастрас, шаффоф гардонида шавад. Дар ташкили хадамоти фарҳангӣ-фароғатӣ ба инкишофи шаклҳои моликияти ғайридавлатии муассисаҳои фарҳанг ва санъат диққати махсус дода шавад, системаи андозгузорӣ мувофиқи қонуни андоз ва усулҳои ҳавасмандкунии инвесторон, спонсорон, метсенатҳо, шахсони ҷудогона, созмонҳои ғайриҳукуматии ватанӣ ва фондҳои байналмилали, такмил дода шаванд[1].

Бо ин назардошт, дар соҳаи фарҳанг вазифаҳои ҳам табиати иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ гузошта шудаанд, ки ин аз зарурати фаъол кардани потенсиали фарҳангии Тоҷикистон, афзоиши сифатии ниёзҳои фарҳангӣ ва истироҳати шаҳрвандон ва ҳамоҳангсозии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи он гувоҳӣ медиҳад.

Биниши рушди минбаъдаи сармояи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар хусусияти зерин мушаххас карда мешавад: сатҳи маданиятнокии аҳолӣ баланд бардошта шуда, модернизатсияи фазои фарҳангӣ, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ, ҳамбастагии фарҳанги анъанавӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, сармоягузориҳо дар рушди инфрасохтори эҷодиёт ва фароғатӣ-фарҳангӣ таъмин карда мешавад. Инчунин дар соҳаи фарҳанг "Нуқтаҳои" асосии пешрафти назарраси институтсионалӣ инҳо мебошанд: заминаи меъёрию ҳуқуқӣ бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйиротҳои иҷтимоию

[1] Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005., № 501 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2020 с.).

фарҳангӣ дар мамлакат; низоми дастгирии сармоягузориҳо ба рушди соҳаи фарҳанг[1].

Бо мақсади дастгирӣ ва рушди ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, давлат сиёсати фарҳангиро амалӣ менамояд ва аз принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои гуногуни хусусияти ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, истифода мебарад. Яке аз воситаҳои муассири ҳавасмандгардонии дар соҳаи фарҳанг ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасонии фарҳангӣ мебошад.

Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 буд, ки дар асоси он дар ҷумҳурӣ 2330 адад муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 1354 китобхонаи давлатию оммавӣ (ба истисноии Китобхонаи миллӣ), 325 қаср ва хонаҳои фарҳанг, 434 клуб, 57 клуби сайёр, 14 марказҳои фарҳангу фароғатӣ, 6 филармонияҳои халқӣ, 44 боғҳои фарҳангию фароғатӣ, 25 театри ҳалқӣ, 49 осорхона, 16 хона-осорхона, 23 ансамбли тарона ва рақс, 14 ансамбли шашмақомсароӣ, 6 ансамбли фалаксароӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 9 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 6 ансамбли рақсӣ фаъолият доранд. Дар Барнома муқаррар шудааст, ки дар таъмини рушди бемайлони соҳаи фарҳанг ҳиссаи сармояи соҳибкорони ватанӣ, ҳавасмандии эҳсонкорӣ, татбиқи лоиҳаҳо баҳри ҷалби сарчашмаҳои маблағгузории ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ чандон назаррас нест. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза, роҳи ҳалли мушкилоти соҳаи фарҳангро танҳо дар доираи имкониятҳои иқтисодии давлат маҳдуд накарда, балки баҳри пешрафти соҳа ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ, ҷоринамоии хизматрасониҳои музднок, рушди бозори сарватҳои фарҳангӣ, ривоҷу равнақи соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии эҳсонкориро ба роҳ мондан зарур аст[2].

Аммо барои инкишофи дахлдори соҳаи фарҳанг, таъмини иҷроиши мақсаду вазифаҳои сиёсати фарҳангии кишвар, танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои зерин монеа мебошанд: дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани миханизмҳои нави ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, ки ба

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 октябри соли 2016., №392 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020 с.).

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, №53 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020 с.).

иқтисоди бозоргонӣ мувофиқат намояд; мукаммал набудани заминаи ҳуқуқии низоми хизматрасонии фарҳангӣ ба аҳолӣ, мавҷуд набудани ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ баҳри ҷалби субъектони хоҷагидор дар соҳаи фарҳанг ва ғайра. Масалан, дар асоси моддаи 798 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) дар баробари дигар намудҳои хизматрасонӣ, хизматрасонии фарҳангӣ ҳамчун мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ пешбинӣ шудааст[1]. Аммо таҳлили қонунгузории соҳаи фарҳанг далели он аст, ки муқаррароти мушаххас оид ба мафҳум, намуд, махсусият ва механизми баамалбарории ин хизматрасонӣ меъёри мушаххасу мукаммал ҷой надорад[2].

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Ҷанбаҳои ҳуқуқии муқарраркунандаи бозори химатрасонии фарҳангӣ дар асри 20 махсусияти худро касб намуд ва боиси рушди соҳаи фарҳанг аз нигоҳи соҳибкорӣ гардид. Дар давраи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) тадқиқи мавзӯи танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур қисман дар корҳои чунин олимони соҳаҳои алоҳидаи кишвар ба монанди: Б.В. Ғаффоров[3], М.М. Захери[4], А.В. Золотухин[5], А.К. Каримов[6], Р.Н. Каримова[7], М.З.

---

[1] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999., № 885 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.01.2020 с.).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №1619 «Дар бораи ҳунармандӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2019, №1593 «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012, №838 «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 67 «Дар бораи кино»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №32 «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» аз 2 декабри соли 2002, №80; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, №516 «Дар бораи фарҳанг»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва ғайра.

[3] Гафforов Б.В. История культурно-просветительских учреждений Республики Таджикистан (1991-2011 гг.): дис. … канд. историк. наук. - Душанбе, 2014. - 187 с.

[4] Захери М.М. Современная культура Таджикистана в зеркале иранской прессы: дис. … канд. филолог. наук. - Душанбе, 2011. - 162 с.

[5] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[6] Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 188 с.

[7] Каримова Р.Н. История развития культуры Таджикистана в годы независимости: 1991-2011 гг.: дис. … канд. историк. наук. - Душанбе, 2012.- 173 с.

Раҳимзода[1], М.Х. Саидова[2], Д.Ш. Сангинов[3], А. Фирдавсӣ,[4] тадқиқ шудааст.

Дар хориҷи кишвар бошад баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси зерин таҳқиқ шудааст: М.А. Александрова[5], А.А. Ҷамбатов[6], М.В. Севостянов[7], Л.В. Федорова[8], М.Х. Шебзухова[9], Н.В. Суглаева[10], Н.А. Чернядева[11].

Ба ин нигоҳ накарда, тадқиқоти комплексии илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур дар ҶТ то ҳол гузаронида нашудааст ва дар робита бо ин зарурати гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи илмии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар ҶТ ҷой дорад.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи бозори хизматрасонии фарҳангӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои М.А.

---

[1] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳикбории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. - Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.; Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2021. - 400 с.

[2] Саидова М.Х. Функционирование и развитие физической культуры и спорта в условиях переходной экономики Республики Таджикистан: дис. ... канд. экон. Наук. - Душанбе, 2004 - 155 с.; Она же. М.Х. Организационно-экономический механизм развития сферы физической культуры и спорта в условиях рыночной экономики: теория, методология и практика (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … д-ра. эконом. наук. - Душанбе, 2017. - 41 с.

[3] Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг. Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 208 с.; Он же. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. - 52 с.; Он же. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. - 383 с.; Он же. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. - Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. - 424 с.; Сангинов Д.Ш., Муминов Н.И., Шарифов И.М. Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ - методӣ. Душанбе, 2017. – 160 с.

[4] Фирдавси Абдулхамид. Развитие культуры Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.): дис. … канд. историк. наук. – Душанбе, 2017. - 133 с.

[5] Александрова М.А. Гражданско-правовой режим культурных ценностей в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. - Санкт-Петербург, 2007. - 189 с.

[6] Джамбатов А.А. Гражданско-правовой режим объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. - Ставрополь, 2005. - 199 с.

[7] Севостьянов М.В. Гражданско-правовой договор возмездного оказания концертных услуг: дис. ... канд. юрид. наук. - Волгоград, 2006. - 190 с.

[8] Федорова Л.В. Правовое регулирование приватизации недвижимых объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 2013. - 222 с.

[9] Шебзухова М.Х. Правовая охрана проявлений фольклора: дис. ... канд. юрид. наук. - Ставрополь, 2002. - 169 с.

[10] Цуглаева Н.В. Гражданско-правовой оборот музейных предметов и коллекций: дис. …. канд. юрид. наук. - Волгоград, 2013. - 175 с.

[11] Чернядьева Н.А. Гражданско-правовое регулирование деятельности музеев в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - Пермь, 2005. - 234 с.

Александрова, Б.В. Ғаффоров, А.А. Ҷамбатов, М.М. Захери, А.В. Золотухина, А.К. Каримов, Р.Н. Каримова, М.З. Раҳимзода, М.Х. Саидова, Д.Ш. Сангинов, М.В. Севостянов, Л.В. Федорова, А. Фирдавсӣ, Н.А. Чернядева, М.Х. Шебзухова, Н.В. Суглаева ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои олимони зикршуда ва омузиши таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба чунин хулоса омадем:

1. Бозори хизматрасонии фарҳангӣ доираи ташаккули талабот ва пешниҳод ба хизматҳои фарҳангӣ мебошад, ки муносибати субъектҳои хоҷагидориро, ки намуди муайяни фаъолияти фарҳангиро баамал мебароранд бо истеъмолкунандагон ва давлат дарбар мегирад. Бозори хизматрасонии фарҳангӣ аз дигар намуди бозорҳои хизматрасонӣ вобаста ба хусусиятҳои зерин фарқ карда мешавад: ин бозор ба ғайр аз ташаккули самтҳои маҷмӯии маънавӣ ва арзишии аҳолӣ, инчунин рушди ҳаҷми хизматрасонӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд; давлат иштирокчии комилҳуқуқи ин бозор буда, мусоидакунанади ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад ва баъзан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ арзиши хизматрасониро пардохт мекунад, ки дар натиҷа хизматрасонӣ барои аҳолӣ ройгон гардида, барои субъектҳои хоҷагидории бозор даромад меорад; сифати хизматрасонӣ дар ин бозор аз фаъолнокии эҷодӣ ва қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатии корманди ташкилоти фарҳангӣ вобаста мебошад, хизматҳои дар ин бозор расонидашаванда аҳмияти иҷтимоӣ дошта, ба рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ, тасдиқи эҷодкорӣ, истеъдод ва таҷриба, рушди гуногунии фарҳангӣ, эҷодкорӣ ва навоварӣ мусоидат мекунанд.

2. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг самти махсуси фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи муттаҳиднамоии ду соҳа- фарҳанг ва тиҷорат бавуҷуд меояд. Объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг хизматрасонии фарҳангӣ мебошад, ки омили инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа мегардад. Шартҳои инкишофи устувори фаъолияти соохибкорӣ дар соҳаи фарҳанг қарорҳои асосноки иқтисодию ташкилӣ, санадҳои мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ, мусоидати молиявию қарзӣ ва

идоракуни дурусти соҳаи фарҳанг мебошад, ки амалҳои мутақобилаи ҳама унсурҳои онро дар шароити муносибатҳои бозоргонии инкишофёбанда таъмин мекунад.

3. Мустақилияти хоҷагии субъектони соҳаи фарҳанг самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои ба даст овардани на танҳо маблағгузории давлатӣ, балки барои ҷалби маблағи худи истеъмолкунандагон талаб мекунад ва он рақобати афзуншавандаи бозори хизматрасонии фарҳангиро тамин менамояд. Ба шумораи омилҳое, ки инкишофи қобилияти соҳибкории субъектонро дар соҳаи фарҳанг маҳдуд мекунад, омилҳои эксогенӣ ва эндогенӣ ворид мешавад. Ба омилҳои эндогенӣ омилҳои муҳити дохилии худи ташкилотҳои соҳаи фарҳанг дохил мешавад. Ба омилҳои экзогенӣ ҳолати номувофиқи муҳити институтсионалӣ, сатҳи пасти инкишофи фарҳангӣ ва қобилияти пардохт карда натавонистани маблағи хизматасонии фарҳангӣ аз ҷониби аҳолии ноҳияҳои дурдаст мебошад, ки дар онҷо рақобати солим вобаста ба хизматрасонии фарҳангӣ ҷой надорад ва ё маблағгузории давлатӣ дар ин бахш кофӣ намебошад.

4. Хизматрасонии фарҳангӣ – ин амали субъектони хоҷагидории соҳаи фарҳанг оид ба расонидани хизмати фарҳангӣ то ба истеъмолкунандагон ё оид ба амалӣ намудани функсияи таълимӣ ё тарбиявӣ мебошад. Хизматрасонии фарҳангӣ бо чунин аломатҳо аз дигар намуди хизматрасониҳо фарқ карда мешавад: хизматрасонии фарҳангӣ дар худ шаклҳои гуногуни хизматрасониро ҳамчун объекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ифода мекунад; хизматрасонии фарҳангӣ хусусияти эҷодӣ дорад ва оммавият ба он хос аст, ки дар намоиши оммавӣ ё иҷроиши оммавӣ ифода мегардад ва ба истеъмолкунанда фароғат меорад.

5. Хизматрасонии фарҳанг вобаста ба намуди фаъолият тасниф карда мешавад: а) хизматрасонии театрӣ; б) хизматрасонии телевизионӣ, радиоӣ ва мултипликатсионӣ; в) хизматрасонӣ дар сирк; г) хизматрасонии эстрадӣ (консертӣ); д) хизматрасонии осорхона; е) хизматрасонии намоишӣ; ж) хизматрасонии китобхона; з) хизматрасонӣ дар ташкил намудани идҳои оммавӣ (расму оинҳо, маросимҳо, карнавалҳо); и) хизматрасонии боғи ҳайвонот (террариумҳо, делфинариҳо, океанариумҳо) ва ғайра.

6. Ба таркиби субъективии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ аз як тараф театр, филармония, сирк, кинотеатр, осорхона, толори намоиш (галерея), боғи ҳайвонот ва ғайра, аз тарафи дигар бошад шаҳрванд дохил мешавад, ки дар шартнома истеъмолкунанда (фармоишгар) номида мешавад. Барои театр, филармония, сирк – хизматрасонӣ дар шакли омодагӣ, ташкил ва намоиш додани спектаклҳо, консертҳо, гузаронидани шабнишиниҳои эҷодӣ, фестивалҳо, озмунҳо, дигар намоишҳои оммавӣ, ташкил кардани шабнишинҳо мебошад. Барои ташкилотҳои кино - намоиши видео - ташкил ва намоиши кино ва видеофилмҳо, ки барои намоиши оммавӣ таъин гардидааст. Барои осорхона, толори намоишӣ, боғи ҳайвонот – ташкил ва намоиши объектҳои омодашудаи иҷтимоӣ ба мақсади маърифатнокӣ, фарҳангию маънавӣ ва иттилоотӣ мебошад. Ҳолати ҳуқуқии тарафҳо вобаста аз намуди хизматрасонии пешниҳодшаванда муайян карда мешавад.

7. Вайрон кардани уҳдадории иҷрокунанда (субъекти хоҷагидории соҳаи фарҳанг) дар назди истеъмолкунанда бо назардошти муқаррароти умумӣ дар муқаррароти махсус аз қабили дар набудани иттилоот оид ба маҳдудиятҳои синну соли чорабиниҳои оммавӣ, дер оғоз шудани гузаронидани чорабинӣ ё пеш аз вақт ба охир расидани он, дар беасос қатъ кардани чорабинӣ, наандешидани чора барои бехатарии истеъмолкунандагон дар чорабиниҳои фароғатӣ, ки ба меъёрҳои қонун ва ахлоқ мутобиқат намекунад, ифода мегардад.

8. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

8.1. Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг ва фаъолияти фарҳангӣ» қабул карда шавад ва Қонуни ҶТ аз 13 декабри соли 1997, №516 «Дар бораи фарҳанг» аз эътибор соқит дониста шавад. Қонуни нав аз муқаррароти умумӣ, кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи фарҳанг, вазифаҳои давлат дар соҳаи фарҳанг, кормандони эҷодкор, ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, идоракунӣ ва танзими иқтисодии соҳаи фарҳанг, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг бояд иборат бошад.

8.2. Қоидаҳои хизматрасони фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад, ки дарбаргирандаи муқаррароти

умумӣ, маълумот доир ба хизматрасонӣ, тартиби пардохти хизматрасонӣ, тартиби пешниҳод намудани хизматрасонӣ, масъулияти иҷрокунанда ва истеъмолкунанда доир ба пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018., № 1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2020 с.).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016. Душанбе, 2016. - С.15.
3. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қасри фарҳанги ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд аз 14.09.2020 сол [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: // http://president.tj/node/23845 (санаи муроҷиат: 02.11.2020 с.).
4. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005., № 501 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2020 с.).
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 октябри соли 2016., №392 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020 с.).
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, №53 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020 с.).

7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999., № 885 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.01.2020 с.).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №1619 «Дар бораи ҳунармандӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2019, №1593 «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012, №838 «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 67 «Дар бораи кино»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №32 «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» аз 2 декабри соли 2002, №80; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, №516 «Дар бораи фарҳанг»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва ғайра.

9. Гаффоров Б.В. История культурно-просветительских учреждений Республики Таджикистан (1991-2011 гг.): дис. … канд. историк. наук. - Душанбе, 2014. - 187 с.

10. Захери М.М. Современная культура Таджикистана в зеркале иранской прессы: дис. … канд. филолог. наук. - Душанбе, 2011. - 162 с.

11. Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

12. Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 188 с.

13. Каримова Р.Н. История развития культуры Таджикистана в годы независимости: 1991-2011 гг.: дис. … канд. историк. наук. - Душанбе, 2012.- 173 с.

14. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳикбории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. - Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.; Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2021. - 400 с.

15. Саидова М.Х. Функционирование и развитие физической культуры и спорта в условиях переходной экономики Республики Таджикистан: дис. ... канд. экон. Наук. - Душанбе, 2004 - 155 с.; Она же. М.Х. Организационно-экономический механизм развития сферы физической культуры и спорта в условиях рыночной экономики: теория, методология и практика (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … д-ра. эконом. наук. - Душанбе, 2017. - 41 с.

16. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг. Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 208 с.; Он же. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. - 52 с.; Он же. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. - 383 с.; Он же. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. - Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. - 424 с.; Сангинов Д.Ш., Муминов Н.И., Шарифов И.М. Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ - методӣ. Душанбе, 2017. – 160 с.

17. Фирдавси Абдулхамид. Развитие культуры Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.): дис. … канд. историк. наук. – Душанбе, 2017. - 133 с.

18. Александрова М.А. Гражданско-правовой режим культурных ценностей в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. - Санкт-Петербург, 2007. - 189 с.

19. Джамбатов А.А. Гражданско-правовой режим объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. - Ставрополь, 2005. - 199 с.
20. Севостьянов М.В. Гражданско-правовой договор возмездного оказания концертных услуг: дис. ... канд. юрид. наук. - Волгоград, 2006. - 190 с.
21. Федорова Л.В. Правовое регулирование приватизации недвижимых объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 2013. - 222 с.
22. Шебзухова М.Х. Правовая охрана проявлений фольклора: дис. ... канд. юрид. наук. - Ставрополь, 2002. - 169 с.
23. Цуглаева Н.В. Гражданско-правовой оборот музейных предметов и коллекций: дис. …. канд. юрид. наук. - Волгоград, 2013. - 175 с.
24. Чернядьева Н.А. Гражданско-правовое регулирование деятельности музеев в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - Пермь, 2005. - 234 с.

**Ризоева С.К. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

## САЙЁҲӢ МУАРРИФГАРИ ТОҶИКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛИ

Сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳон дар даҳсолаи охир аҳамият ва мавқеи хоси худро пайдо карда, бо самтҳои гуногун ва шаклу намудҳои гуногунии хизматрасонӣ тадриҷан рушд ёфта истодааст. Имрӯз дар бозори сайёҳии ҷаҳонӣ ду соҳаи мустақили сайёҳӣ: байналмилалӣ ва дохилӣ бо низом ва сохторҳои махсуси худ амал менамоянд ва дар байни ҷомеа низ маъруфият пайдо кардаанд.

Дар ҷаҳон баъди нафт ва маводи доруворӣ даромад аз сайёҳии байналмилалӣ ҷойи сеюмро ишғол менамояд ва он 30% содироти хизматрасониро ташкил медиҳад. Дар сатҳи ҷаҳон сайёҳони байналмилалӣ то 4,8% афзоиш ёфта, ба 1,4 млрд нафар ташриф расид ва даромади умумии он ба мамлакатҳо ба 1,5 трлн.доллар баробар гардид, ки ҳудуди 10% ММД ҷаҳониро ташкил медиҳад. Танҳо самти сайёҳии экологии иқтисоди ҷаҳон рӯзе тақрибан 1 миллиард доллар

даромад меорад ва ин нишондиҳанда тамоили устувори афзудан касб кардааст.

Самти иҷтимоии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ соҳаи сайёҳиро ҳамчун манбаъ ва воситаи афзалиятнок дар бахши шуғлнокии ҷомеа арзёбӣ менамоянд. Ба соҳаи мазкур дар маҷмӯъ 292 млн ҷойҳои корӣ рост меояд, ки аз 10 як ҳиссаи ҳамаи ҷойҳои кории ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ далели болоравии ҳаҷми соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти як қатор давлатҳои мутараққӣ мебошад, ба монанди Англия, Фаронса, Олмон, Испания, Австрия, Кипр, Малайзия, Италия, Туркия ва ғайра, ки соҳаи мазкур манбаи асосии даромади иқтисодиёти миллӣ гардидааст ва то 10% ММД онҳоро ташкил медиҳад. Аз рӯйи ояндабиниҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, шумораи сайёҳони байналхалқӣ то соли 2020 ба маротиб афзоиш ёфта, ба 1,6 млрд нафар мерасад ва дар ин асно маблағи масрафи онҳо барои истироҳат метавонад то ба 2 трлн. доллари америкоӣ баробар шавад. Ҳамчунин, ҳар сол дар ҷаҳон наздики 5 млрд ташрифи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ки 83 фоизи он (4 млрд ташриф) ба сайёҳии дохилӣ рост меояд. Мувофиқи пешбинии мутахассисон ин нишондиҳандаҳо то соли 2022 ба 1.6 миллиард ва то соли 2030 ба 2 миллиард сафарҳои сайёҳӣ меафзоянд. Дар ин радиф, суръати солонаи рушди иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда 2,2 фоиз ва дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ду маротиба зиёд, яъне 4,4 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки то соли 2020 шумораи сайёҳони мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ нисбат ба мамлакатҳои тараққикарда афзоиш меёбад [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳудудҳои нодири фарҳангиву табиӣ, аз қабили шаҳрҳои қадима, шаҳракҳо ва маҷмааҳои таърихӣ, обҳои шифобахш, олами нотакрори наботот ва ҳайвонот буда, миёни кишварҳои ҷаҳон бо таърихи куҳанбунёд, мардуми тамаддунсоз ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар кишвар зиёда аз 230 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, танҳо дар соли 2019 зиёда аз 40 хатсайри нави сайёҳӣ таҳия ва роҳандозӣ гашт бошад, пас дар соли 2020 боз 30 зиёд шудааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, соҳаи сайёҳӣ дар кишвар муаммоҳо ва мушкилоти худро дорад:

1) беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар меҳмонхонаҳо ва ба талабот ҷавобгӯ будани онҳо;

2) беҳтар гардонидани инфрасохтори сайёҳӣ;

3) ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва муаррифӣ намудани онҳо тавассути ВАО;

4) таҳияи стратегияи бозории арзаи маҳсулоти сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ;

5) нашри буклетҳо, плакатҳо, харитаҳо ва дигар маводи нашриётии таблиғотӣ-иттилоотӣ роҷеъ ба маҳсулоти миллии сайёҳӣ;

6) ташкил ва баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ дар дохили мамлакат бо ҷалби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо;

7) таъмини фаъолият оид ба пешбарии маҳсулоти миллии сайёҳӣ дар намояндагиҳои хориҷии мамлакат;

8) ташкили Марказҳои иттилоотии Тоҷикистон дар кишварҳои асосии содиркунандаи сайёҳон;

9) ташкили сафарҳои рӯзноманигорони хориҷӣ ба мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии мамлакат;

10) таъмини шароити зарурӣ барои соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати бунёди иншооти сайёҳӣ;

11) таъмини бехатарии сайёҳон.

Бо дарназардошти ин афзалият, барои батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 35 санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ қабул гардид.

Як қатор қонуну қарорҳое, ки дар кишварамон қабул гардидаанд барои рушди соҳаи сайёҳӣ заминаи устуворе гузоштанд аз ҷумла:

1) Конуни Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 сентябри соли 1999 №825 қабул гардид. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ , иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти туристиро дар Тоҷикистон муайян мекунад. Инчунин дар Қонуни мазкур аввалин маротиба мафҳуми туризм, турист, маҳсулоти туристӣ, туризми иҷтимоӣ, квотаи туристӣ, хизматрасонии туристӣ ва ғайра муқаррар шудааст. Мутобиқи моддаи 2 Конуни мазкур, « Туризм, шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад».

2) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани дараи Ромит» аз 18 сентябри соли 2000 таҳти №358.

3) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, санитариву курортӣ ва туризм дар давраи солҳои 2000-2010» аз 9 ноябри соли 2000 таҳти №461.

4) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи маҷмӯи рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012» аз 3 июли соли 2002 таҳти №276.

5) Барномаи давлатӣ рушди туризм дар Чумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 аз 28 майи соли 2009, № 299.

6) Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Чумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2019 аз 2 апрели соли 2009, № 202.

7) Барномаи рушди туризм дар Чумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017, аз 1-уми декабри соли 2014, № 738. Дар ин Барнома стратегия, самтҳои асосҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи туризм дар давраҳои миёнамуҳлат муайян шудааст.

8) Карори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди сайёҳӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» аз 1-уми марти соли 2018, № 80. Барномаи мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии сиёсати давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатнокии бозори сайёҳии кишвар дар минтақа, инчунин самтҳои асосӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ дар давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

9) Конуни Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017, № 1450. Мутобиқи Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии фаъолият дар соҳаи сайёҳии дохилӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда шудааст. Аввалин маротиба дар сатҳи қонунгузори Қонуни мазкур ба низоми сайёҳии дохилӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон субъектҳои идоракунанда, ҳамоҳангсоз ва мониторинг; субъектҳои хизматрасонӣ; субъектҳои истеъмолӣ ва объектҳои сайёҳиро дохил намуд.

Дар асоси Стратегияи миллии рушди Чумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вазифаҳои зерин барои рушди сайёҳӣ муайян гардидаанд: таъсиси механизми самараноки танзими давлатӣ

ва дастгирии сайёҳӣ; рушди ҳамкории байналмилалӣ; рушди инфрасохтори сайёҳӣ; ба роҳ мондани муколама ва шарики давлат дар бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ; таҳкими фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ; баланд бардоштани иқтидори сайёҳӣ; ташаккули имиҷи ҷолиби сайёҳии кишвар; рушди низоми дастгирии иттилоотӣ ва машваратии ширкатҳои сайёҳӣ;такмили омор.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ, ки санаи 22 декабри соли 2017 баргузор шуд, чунин пешниҳод намуданд: «Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад»[2].

Пас аз эълон шудани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар дар ин соҳа дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар соли мазкур шумораи сайёҳон ду маротиба афзуда, ба 1 миллиону 115 ҳазор нафар расид, даромад бошад, ба 240 миллион сомонӣ баробар шуд, ки қисми зиёди даромад аз ҳисоби меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо мебошад. Шумораи сайёҳони дохилӣ бошад, 710 ҳазор нафарро ташкил дод.

Бо ҷорӣ гардидани низоми раводиди электронӣ аз 59 кишвари соли 2015, теъдоди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар соли 2019 ба 146 давлат расид. Ба бистгонаи кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ба ҳайси сайёҳ бештар ба Тоҷикистон сафар кардаанд, Ӯзбекистон, Россия, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон, Чин, Туркия, ИМА, Олмон, Ҳиндустон, Украина, Белорус, Туркманистон, Британияи Кабир, Фаронса, Ҷопон, Италия, Молдова, Канада ва Корея шомил мебошанд.

Сайёҳони хориҷӣ асосан аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон-733,1 ҳазор нафар, ё 70,9 %; Федератсияи Россия-157,9 ҳазор нафар, ё 15,3%; Қирғизистон-68,8 ҳазор нафар, ё 6,6%; Қазоқистон-13,9 ҳазор нафар, ё 1,3%; Афғонистон- 8,8 ҳазор нафар ё 0,9%; Чин- 8,1 ҳазор нафар ё 0,4%; Эрон- ва ИМА мутаносибан-3,5 ҳазор нафар, ё 0,3%; Олмон-2,3 ҳазор нафар, ё 0,2% рост меоянд. Дар асоси маълумоти мақомоти сарҳадӣ 69,6 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба ҳайси сайёҳ ба хориҷа сафар намуданд [3].

Дар Паёми худ аз 26 декабри соли 2018 Пешвои миллат чунин қайд намуданд: «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон

гардидани соли 2018 ба дарки аҳамияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳон, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омадаанд, нисбат ба соли 2017 дуним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест. Дар баробари ин соли ҷорӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд». Ба мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои хеш (22.12.2017, 26.12.2018 ва 26.12.2019) ба рушди ин соҳаи барои иқтисодиёти мамлакат манфиатбахш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат на танҳо дар шаҳрҳо, балки, инчунин, дар деҳоти мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат дар Паёми худ аз 26 декабри соли 2019 овардааст: «Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд…

То имрӯз дар кишвар зиёда аз 230 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархӯрдор гардидааст.

Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем.

Ба хотири муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ барои тарбияи кадрҳо пешниҳод менамоям, ки дар заминаи Донишкадаи

соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шавад…» [4].

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 732 таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳии кишвар ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад. Бо пайдош ва паҳншавии вируси коронавирус нигоҳ накарда дар солҳои 2020-2021 дар Чумҳури Тоҷикистон инфрасохтори сайёхӣ рушд намуда, дар кулли ноҳияҳо,вилоятҳо ва шаҳри Душанбе меҳмонхонаҳо ва дигар иншоотҳои сайёҳӣ сохта шуд: Комплеси сайёҳӣ дар ноҳияи Муъминобод бо номи «Чилдухтарон» ва дар ноҳияи Шаҳристон қобили қайд мебошад.

**Адабиёт:**


1). Садриддинов Н.Т. Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ омили муҳим дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ. Монография / Н.Т.Садриддинов, И.М. Шодиев. – Душанбе, 2018. -С.138-139.

2). Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 22.12.2017., 26.12.2018. ва 26.12.2019.

3). Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо». - Душанбе, 2019.с.98.

4).Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 22.12.2017., 26.12.2018. ва 26.12.2019.

**Маҳмудов И.Т. – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Ба даст овардани Истиқлолияти комили сиёсӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 аз арзишмандтарин ва бузургтарин дастовардҳои халқи Тоҷикистон дар интиҳои садсолаи гузашта ба ҳисоб рафта, як гардиши куллӣ ва таҳаввулоти азимеро дар самти таҳким ва густариши давлатдории миллӣ, низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ба миён оварданд. Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифт ва таъмини реҷаи ягонаи қонуният, волояти қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии худ эътироф намуд.

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар мазмунан ва моҳиятан низ сатҳу сифати навро касб намуда, як марҳилаи тоза ва нав дар рушду инкишофи назорати прокурорӣ ҳамчун омили муҳими таъмини қонуният дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Аввалин санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибихтиёр Эъломия “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон” аз 24 августи соли 1990 ва Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон” аз 9 сентябри соли 1991, № 392 ба ҳисоб меравад, ки онҳо ҳамчун аввалин санадҳои таърихии сарнавиштсоз ва тақдирсози миллати тоҷик дар рушди бемайлони муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиию ҳуқуқии кишвар як гардиши куллӣ ва дигаргуниҳои азимро рӯйи кор оварданд. Хурсандибахш аст, ки маҳз дар ҳамин санадҳо ба нақши муҳими назорати прокурорӣ дар давлат ишора рафта буд. Аз ҷумла, дар Эъломия “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон” аз 24 августи соли 1990 таъкид

шуда буд, ки назорати иҷрои қонунҳоро дар ҳудуди мамлакат Прокурори ҷумҳурӣ ва прокурорҳои тобеи он ба амал мебароранд. Гузашта аз ин, дар қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1991, № 462 “Дар бораи ратификатсияи Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои Мустақил” (қисми 2) пешбинӣ шуда буд, ки минбаъд то лаҳзаи қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ қонунҳои дахлдори собиқ ИҶШС, ки хилофи Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, татбиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, то лаҳзаи қабули аввалин қонуни даврони соҳибихтиёрӣ оид ба прокуратура дар ҳудуди Тоҷикистон Қонуни ИҶШС “Дар бораи прокуратураи ИҶШС” аз 30 ноябри соли 1979 амал мекард.

Дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон таъмини реҷаи ягонаи қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз ҳар вақти дигар аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо менамояд. Бояд изҳор дошт, ки дар қатори дигар механизмҳои миллӣ, нақши муҳимро дар ҷодаи таъмини низоми қонуният ва волоияти қонун дар кишвар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

Ҳар як давлат новобаста аз сохтори сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳоеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом мавқеи муҳимро мақомоти прокуратура бо роҳи амалӣ сохтани функсияи назорати прокурорӣ ишғол менамояд. Прокуратура аз рӯи ваколатҳои конститутсионии худ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссае дорад. Шаҳодати он, ин дар боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби нӯҳум, моддаҳои 93-97) мустаҳкам намудани ҳолати ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ амалӣ менамоянд. Ба мақсади таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва инчунин манфиатҳои ҷомеаву давлат мақомоти прокуратура фаъолияти худро дар соҳаҳои алоҳидаи

назоратӣ ба роҳ мемонад. Мустақилиятӣ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, нораво будани дахолати прокурорҳо ба фаъолияти хоҷагӣ аз он муқарраротҳоеанд, ки ҳолати давлатӣ-ҳуқуқии прокуратура ва мавқеи махсуси онро дар низоми механизми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян намудаанд. Бояд қайд намуд, ки прокуратура яке аз механизмҳои муҳими амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шахрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд.

Прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи кормандони прокурорӣ боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Дар шароити афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат табиист, ки масъулияти мақомоти прокуратура дар самти таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат ва дахлнопазирии ҳудуди он меафзояд. Иҷрои бобарори вазифаҳои дар назди ин мақомоти масъули давлатӣ гузошташуда аз ҳар як корманди мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар Тоҷикистон масъулияти баландро тақозо карда, ҳалли онҳо танҳо дар заминаи роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои наздик, муфид ва мутақобилан судманди мақомоти прокуратура бо тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир мегардад.

Таъиноти конститутсионии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ба амал баровардани назорати прокурорист. Назорати прокурорӣ ҳамчун функсияи асосии мақомоти прокуратура дар солҳои истиқлоли давлатӣ ба як фишанги муҳими таъмини қонуният ва фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра, заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва

ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти мақомоти прокуратура фароҳам оварда шудаанд[1].

Танҳо дар зарфи 30-соли Истиқлоли давлатӣ бо дарназардошти зарурат ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ се маротиба (солҳои 1992,1996 ва 2005) оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура қонунҳои алоҳида қабул карда шудаанд.

Бори нахуст дар замони соҳибистиқлолии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 30 апрели соли 1992, № 652 қабул карда шуд. Аз ҷумла, дар пайванди ба аҳамияти таърихии аввалин Қонуни замони соҳибихтиёрии кишвар «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» донишманди тоҷик, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзоева Қ.А. қайд менамояд, ки ин Қонун барои истиқрори ҳокимияти конститутсионӣ мусоидат намуда, ҷомеаро аз ҳама гуна унсурҳои ҷиноятпеша нигоҳ дошта, барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон хизмати арзанда кард[2]. Қонуни мазкур аз 55 модда ва 8 боб иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ ва дигар паҳлуҳои муҳими фаъолияти мақомоти прокуратураро танзим менамуд. Мувофиқи ин қонун назорати умумӣ; назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби шаҳрвандон; назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ; назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо; назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон, дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; назорат ба риояи қонунҳо дар мақомоти идораи ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳо; тафтиши ҷиноятҳо ва такмилу тавзеҳи қонунҳо самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура маҳсуб меёфтанд. Дар асоси қонуни мазкур Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонугузорӣ дошт ва ҳамзамон метавонист оид ба масъалаҳои шарҳталаби Қонун ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намояд. Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Шӯрои Олии мамлакат, ки бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешуд, аз ҷониби Шӯрои Олӣ ба муҳлати панҷ сол ба вазифа таъин карда

[1] Маҳмудов И.Т. Назорати прокурорӣ ҳамчун шакли муҳим ва мустақили фаъолияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2018. № 11. С.181.
[2] Мирзоева Қ.А. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурииии Тоҷикистон» ва аҳамияти таърихии он / Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, № 3., 2012.С. 50-56.

мешуд ва дар назди Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият дошт ва ба он тобеъ буд.

Бо дарназардошти қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва зарурати ба он мувофиқ намудани қонунгузории амалкунанди кишвар, 11 марти соли 1996, № 289[1] аз ҷониби Маҷлиси Олӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Қонуни мазкур муҳимтарин масъалаҳои фаъолияти мақомоти прокуратура, аз қабили вазифаҳои прокуратура, самтҳои асосии фаъолият, принсипҳои ташкил ва фаъолияти он, низом ва сохтори прокуратура, соҳаҳои назорати прокурорӣ, мавзуи назорат ва ваколатҳои прокурор, инчунин масъалаҳои кадриро танзим менамуд. Ин қонун аз 63 модда ва 9 боб иборат буд. Дар он бо дарназардошти тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва бо мақсади ба талаботи замон мувофиқ гардонидани мазмуну фаъолияти мақомоти прокуратура самтҳо ва соҳаҳои нави назорати прокурорӣ ба миён омаданд. Аз ҷумла, назорат ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф шуданд. Мувофиқи қонуни мазкур шаҳрвандон аз объекти назорати прокурорӣ хориҷ карда шуданд, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Прокурори генералӣ низ бардошта шуд ва ҳамзамон соҳаи назорати прокурорӣ ба риояи қонунҳо ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо ба иштироки прокурор дар суд ҳангоми баррасии парвандаҳо табдил ёфт. Бори нахуст масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои ташкил ва таъмини фаъолияти мақомоти прокуратураи ҳарбӣ дар боби алоҳида (боби 8) мавриди танзим қарор дода шуданд.

Зарурати қабули Қонуни амалкунандаи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро аз 25 июли соли 2005, № 107[2]

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1996, № 5-6, моддаи 146, с.1997, № 9, моддаи 415.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005, №7, мод. 398; соли 2006, №3, мод. 141; соли 2007, №5, мод. 350, №7, мод. 652; соли 2008, №12, қ-1, мод.981; соли 2009, № 5, мод.314; соли 2011, №3, мод.150, №6, мод.428; соли 2012,№8,мод.810 ; соли 2013, №7, мод.497, мод. 498; №12,мод.876; соли 2014,№3,мод.139; №12,мод.820; соли 2016,№3,мод.125; соли 2017,№5, қ1, мод.267; соли 2019,№6,мод.308.

коршиносон бо омилҳои зерин асоснок намуданд: «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф ва тасдиқ намудани даҳҳо санадҳои байналмилалӣ, қабули зиёда аз дусад қонунҳои нав ва ворид намудани садҳо тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, инчунин таҷриба ва амалияи андухтаи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, густариши муносибатҳои байналмилалии он дар ин давра омилҳои асосӣ мебошанд, ки зарурати қабули қонуни нави мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён гузоштаанд»[1].

Қонуни конститутсионии мазкур аз 10 боб ва 70 модда иборат буда, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураро боз ҳам таҳким бахшида доираи ваколату вазифаҳои мақомоти прокуратураро дар самт ва соҳаҳои назорати прокурорӣ мушаххас гардонид. Мувофиқи қонуни амалкунанда ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими прокуратура муайян гардида, назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти ваколатдор, инчунин мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо аз самтҳои нав ва афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф шуданд. Ҳамзамон ба қонун боби алоҳида (боби 7) ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии прокуратура оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бо ҷинояткорӣ, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо илова карда шуд. Дар қонун инчунин масъалаҳои марбут ба тартиби таъин ва аз вазифа озод кардани Прокурори генералӣ, муовинони ӯ ва дигар прокурорҳои поёнӣ такмил ёфта, масъулияти Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ёфтааст. Мувофиқи тағйиротҳое, ки бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июли соли 2013, № 974 ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти

[1] Баромади Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Г. Холиқов оиди лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати сеюм аз 15 июни соли 2005 //Қонуният. № 2. 2005. С. 11.

прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид шуданд, дахлнопазирии прокуророн ва муфаттишон бардошта шуд.

Қонуни мазкур мавқеи назорати прокурориро дар мустаҳкам намудани қоуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза алайҳи ҷинояткорӣ боз ҳам қавитар гардонид[1].

Дар умум, бояд эътироф намуд, ки қонунҳои қабулшуда заминаҳои боэътимоди ташкиливу ҳуқуқии фаъолияти гуногунҷабҳа ва серпаҳлуи мақомоти прокуратураро фароҳам оварда, барои таъмини самаранокии назорати прокурорӣ дар ҳудуди мамлакат мусоидат намуданд.

Рушд ва пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ногузир ба пайдоиши самт ва соҳаҳои нави назорати прокурорӣ дар кишвар мусоидат намуданд. Аз ҷумла, иштироки прокурор дар суд мавриди баррасии парвандаҳо; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ; назорати ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятнок; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ; назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ месозанд, ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии прокуратура аз он самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура ба ҳисоб мераванд, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ пайдо шудаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷӯҳи ҳамешагии Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Иштироки бевосита ва суханронии Сарвари Давлат дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80 - солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз 24-декабри соли 2004, ҷаласаи васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2014, ҷаласаи Шӯрои амнияти кишвар аз 17 феврали соли 2015 ва дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура санаи 13 марти соли 2018 шаҳодати равшани ин гуфтаҳоянд. Зимни

---

[1] Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.10.

баргузории ин вохуриҳо Президенти кишвар фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳаматарафа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдоштаи ин низом ва беҳ сохтани фаъолияти он дар самти назорати иҷрои қонунҳо дар оянда дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд.

Аз ҷумла, дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили иди Рӯзи кормандони прокуратура таъкид доштанд, ки мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ равона гардидааст. Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷро якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин салоҳиятҳои васеъро надорад. Аз ин рӯ, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самарноки мақомоти прокуратура мебошад[1].

Бо назардошти натиҷаи баргузории ҳамин вохӯриҳо профессор Искандаров З.Ҳ. як чанд омилҳои минбаъд дар оянда таҳким бахшидани волоияти қонун ва таҳкими реҷаи қонуниятро аз ҷониби мақомоти прокуратура дар кишвар таъкид кардааст[2].

Дар саҳифаҳои адабиётҳои ҳуқуқӣ, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва васоити таълимӣ нуктаҳои назари мухталифи олимон, ходимони давлатӣ, сиёсатмадорони маъруф, муҳаққиқон ва кормандони амалӣ дар хусуси мавқеи ҳуқуқӣ ва ҳамчунин ба ин ва ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб донистани прокуратура ҷой дорад. Бахусус кӯшишҳои

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13.03.2018 / www.president.tj (санаи муроҷиат 13.03.2018)

[2] Искандаров З.Ҳ.Бо нияти нек, азму иродаи қавӣ, садоқат ба Ватан масъулиятро иҷро намуда, қонуниятро таҳким мебахшем (дар партави иҷои дастуру супоришҳои Сарвари Давлат). /Минбари ҳуқуқшинос. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. № 9-10 (24-25) 12 майи соли 2015. Саҳ.3.

донишмадони ватанӣ ва кормандони амалии мақомоти прокуратура тайи солҳои охир бобати таҳқиқи масоили марбут ба мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ, ҳамкории он бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин нақш ва вазифаҳои он дар ҷодаи таъмини қонуният, ҳифзи хуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мавриди зикри хос аст[1].

Ҳамзамон хонандагони гиромӣ метавонанд барои пайдо намудани маълумоти муфассал аз роҳи сипаринамудаи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз замони таъсис, дар солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ва фаъолияти рангину ибратомӯзи кормандони мақомоти прокуратура дар роҳи ҳифзу мустаҳкам намудани дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъмини реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеаву давлат, мубориза бо ҷинояткорӣ аз як қатор сарчашмаҳои муътамади илмӣ, ки бо қалами кормандони мақомоти прокуратураи Тоҷикистон иншо шудаанд, фаровон истифода баранд[2].

---

[1] Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).; Искандаров З.Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе // Государство и право. Душанбе, 2005. -№ 3; Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 саҳ.; Шермуҳаммад Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1.; Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017.; Ятимов С.С. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 27-28.; Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017.; Халифаев М.Н. Место и роль органов прокуратуры в современном обществе: взгляды и тенденции // Законность. Душанбе, 2009. № 1; Олимов М.М. Место и задачи органов прокуратуры по защите прав граждан в Республике Таджикистан // Законность. Душанбе, 2009. № 1.; Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- № 3. -С.83.; Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/9. С.263-269.; Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/8. С.199-204.; Имомов А.Х. Прокуратура дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, хуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Автореф. ... канд. юрид. наук. Душанбе, 2006.; Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.02. Душанбе. 2020 ва ғ.

[2] Ниг.: Кенджаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистана. – Душанбе: Фонд Кенджаева, 1995.-215 с.; Бобохонов Б., Исоев М. Прокуратура дар давраи Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: «Сарпараст». 2007. 303 с.; Нақши мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар. Душанбе: «ҶДММ Орбит». 2017. 294 с. / зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники адлия Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бахшида ба ҷашни 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Дар китобҳои мазкур оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар даврони Шуравӣ, инчунин дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2017 маълумоти мухтасар гирд оварда шудаанд.

Хурсандибахш аст, ки бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои боэътимод барои рушду пешрафти илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба миён омаданд. Маврид ба зикр аст, ки мо метавонем имрӯзҳо доир ба дилхоҳ падидаҳои ҳуқуқӣ аз андешаву назар ва таклифу пешниҳодҳои илман асосноки олимони тоҷик, ки дар нашрияҳои илмии миллӣ нашр шудаанд, фаровон истифода барем. Аз ҷумла зимни таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда, мо имкон пайдо намудем, ки ба таври мустасно танҳо аз афкори илмии олимони Тоҷикистон истифода намоем.

Дар асарҳои илмии зикршудаи олимону донишмадони тоҷик ва ходимони давлатӣ оид ба мавқеи мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар сохтори давлатӣ, ҷойи он дар низоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳамкориҳои он бо ҳокимияти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дурнамои прокуратура бо дарназардошти воқеяти ҳуқуқии кишвар, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва наздикшавии низоми ҳуқуқии кишварҳои олам андешаву назарҳои созанда ва қобили мулоҳиза иброз шудаанд.

Дар хусуси ҷой ва мавқеи прокуратура дар сохтори давлатӣ, инчунин мансубияти прокуратура ба ин ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ андешаву назарҳои мухталиф ҷой доранд.

Дар робита ба масъалаи баррасишаванда олими ҳуқуқшинос Имомов А.Х. (Азизмуҳаммад Холмуҳаммадзода) мавқеяшро чунин баён мекунад: «Андеашҳое ҷой доранд, ки прокуратура ба ин ё он шохаи анъанавии ҳокимият дохил карда шавад, ки чунин мақеъ мутлақо беасос ва нодуруст мебошад. Зеро таҳлилҳо собит менамоянд, ки фаъолияти прокуратура дар доираи на ҳокимияти иҷроия ва на ҳокимияти судӣ маҳдуд намегардад. Прокуратура бешаку шубҳа исбот намудааст, ки ба манфиати низоми таъмини қонуният, метавонад бо тамоми шохаҳои ҳокимият ва сохторҳои онҳо ҳамкорӣ намояд, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ татбиқ намояд. Дигар шохаҳои ҳокимият, метавонанд имкониятҳои назорати прокуририро барои ноил гардидан ба вазифаҳо дар самти бунёди ҷомеаи адолатпарвар, давлати

демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода баранд»[1].

Профессор Раҳимзода М.З. (Раҳимов М.З.) дар пайвандӣ ба мавзӯи таҳқиқшаванда таъкид менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон прокуратура ба ягон низоми ҳокимияти давлатӣ дохил нашуда, яке аз функсияҳои низоми худнигоҳдорӣ ва баровarvазниро бо роҳи татбиқ намудани чораҳои рафъсозандаи вайронкунии қонун фаъолияти ҳар яке аз шохаҳои ҳокимиятро дар доираи фазои конститутсонӣ таъмин менамояд. Мавсуф прокуратураро дар шароити имрӯз яке аз аввалин ва самараноктарин ташкилоти ҳифзкунандаи ҳуқуқ эътироф менамояд[2].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Маҳмудзода М.А. мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатие мебошад, ки самти фаъолияти густурдаи он ба таъмини назорати иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳо дар қаламрави кишвар равона гардидааст ва дар шароити муосир прокуратура ҳамчун низоми ягонаи марказонидашуда қудрату тавоноии дахлдорро бобати иҷрои ин функсияи муҳим дорост[3].

Ба андешаи ӯ накш ва мавқеи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки институти муҳимми давлатӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад, дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, мустаҳкам намудани қонуният дар кишвар ва ба ҳамин васила таъмини алоқаи ногусастанӣ байни ҳуқуқу ҳокимият ва давлату ҷомеа бузург аст[4].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Искандаров З.Ҳ. прокуратура дар масири таърих нахуст ҳамчун сохтори ҳокимияти иҷроия таъсис ёфта, бо мурури пешрафт ва тағйирёбии асосҳои конститутсионии давлат имрӯзҳо ба як мақомоти мустақили давлатӣ табдил ёфтааст[5].

---

[1] Имомов А.Х. Прокуратура дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).С.37.

[2] Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).С. 27.

[3] Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017. С.11.

[4] Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017. С.11.

[5] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). Душанбе, №4 (20).2017. С.69-70.

Дар китоби тозанашри хеш Прокурори генералии мамлакат Раҳмон Ю.А ба маврид таъкид менамояд, ки назорати прокурорӣ як шакли мустақили фаъолияти давлатие мебошад, ки аз ҷониби Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёриву истиқлолияти давлатӣ, асосҳои сохтори демократии давлат ва ҷомеа тавассути таъмин намудани волоияти қонун, таҳкими қоуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо роҳи санҷиши риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, новобаста аз таъсироту манфиатҳои маҳаллӣ ва идоравӣ тибқи қонун ба амал бароварда мешавад[1].

Ҳамзамон оид ба самаранокии ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тақвияти мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳифзи арзишу манфиатҳои миллӣ андешаҳои созгор ва шоистаи масъулини сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷой доранд.

Дар робита ба мавзуи мавриди назар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Ҳ. таъкид менамояд, ки назорати прокурорӣ ҷиҳати амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки ин самт хусусияти нақшавӣ пайдо намуда, қонуншиканиҳои ҷойдошта ошкор гарданд, такроршавии онҳо пешгирӣ карда шуда, натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, донишҳои касбӣ, маҳорату малакаи кормандони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дуруст арзёбӣ карда шавад[2].

Ба назари мавсуф ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура сол аз сол беҳтару хубтар гардида, аҳамияти он дар бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи қонуният, таъмини амният ва тартиботи ҳуқуқӣ хеле назаррас мебошад[3].

Мувофиқи нигоштаҳои профессор Ятимов С.С. имрӯз, заминаи ҳуқуқии фаъолияти муштараки мақомоти амнияти миллӣ ва прокуратура дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ ва фаромарзӣ, аз қабили қочоқи моводи мухаддир, аслиҳа, одамрабоӣ, ҳимояи тамомияти арзии кишвар, ҳифзи

[1] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 саҳ. С.8.
[2] Раҳимзода Р.Ҳ. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 20.
[3] Раҳимзода Р.Ҳ. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 20.

дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам аст. Мақомоти амнияти миллӣ ва прокуратура дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, бо пешниҳод кардани мавод ва далелҳои раднопазир ташкилоти экстремистӣ-террористӣ будани созмонҳои «ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон», «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкар-ут-Тайиба», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҷамъият-ут-Таблиғ», Ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони Таблиғот», ҷараёни «Салафия», «Гурӯҳи 24» ва «ҲНИТ»-ро исбот намуданд. Тибқи қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои мазкур дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъ карда шуд[1].

Ба андешаи собиқадори мақомоти прокуратура Салимзода Ш.О. назорати прокурорӣ ба баланд гаштани ҳисси масъулияти кормандони оперативию тафтишотӣ, таҳкими қонуният ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, баланд гардидани самаранокии ошкоркунӣ ва пешгирии ҷиноятҳо ва беҳтар гардидани сифати таҳқиқу тафтиш дар Агентии назорати маводи нашъаовар мусоидат менамояд[2].

Мувофиқи андешаи Султонзода С.С. бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки назорати иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро аз ҷониби кормандони Агентӣ вобаста ба баррасӣ намудани арзу муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дигар амалҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, амалӣ менамояд. Ба роҳ мондани чунин тарзи кор ҳамкориҳои дуҷонибаи мақомоти прокуратура ва Агентиро густариш дода, дар раванди муқовимат ба коррупсия нақши арзанда мегузорад[3].

---

[1] Ятимов С.С. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 27-28.

[2] Салимзода Ш.О. Дастовардҳо дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар – натиҷаи ҳамкориҳо // Қонуният. № 1. 2017.С. 40.

[3] Султонзода С.С. Ҳамкории мутақобила омили асосии паст намудани сатҳи коррупсия. //Қонуният. № 1. 2017. С. 32.

Вобаста ба махсусияти назорати прокурорӣ бошад, донишманди тоҷик Муҳаммадиев А.С. менависад, ки назорати прокурорӣ бо ваколатҳои бо қонун муқарраргашта асос ёфта, хусусияти универсалӣ дорад. Бо ин хусусиятҳои хоси худ он ба тариқи принсипиалӣ аз дигар мақомотҳои санҷишӣ-назоратии ҳокимияти иҷроия, ки функсияи назоратии онҳо бо соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ (бонкӣ, молиявӣ, экологӣ, зиддисӯхторӣ, тандурустӣ ва ғайраҳо) маҳдуд мегардад, фарқ мекунад. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки фаъолияти худи мақомотҳои ҳокимияти иҷроия дар самти амалӣ намудани функсияҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура назорат карда мешавад[1].

Дар идомаи таҳқиқоти хеш номбурда меафзояд, ки ҳамаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ чун мақомотҳои идоравии назоратӣ мақомоти махсусгардонидашудаи назоратӣ ҷиҳати таъмини риоя ва иҷрои қонунҳо дар самти муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Ваколатҳои прокуратура бошад, хусусияти умумӣ, универсалӣ дошта, ба ҳамаи самтҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки бо қонун ба танзим даровarda мешаванд, паҳн мегардад[2].

Дар воқеъ, прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамкориҳои судмандро амалӣ сохта дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ тавассути низоми мувозинату боздорӣ саҳми назаррас дорад[3].

Зимнан бояд ёдрас шуд, ки дар хусуси мансубияти прокуратура ба ин ва ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Дар ҳамин ҳол, тарафдорони ақидаи ба шохаи ҳокимияти қонунгузор мансуб будани прокуратура мавқеи худро чунин асоснок мекунанд: мақомоти қонунгузор қонун кабул менамоянд

---

[1] Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017. С. 43.

[2] Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017. С. 43.

[3] Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- № 3. С.83.; Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/9. С.263-269.; Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/8. С.199-204.

ва иҷроиши онҳоро дар каламрави кишвар прокуратура назорат мебарад. Бинобар ҳамин онҳо ба он ақидаанд, ки назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ маҳз аз ҷониби ҳокимияти конунгузор соҳиби ваколат мегардад, ташаккул меёбад ва бинобар ҳамин ба он бояд тобеъ бошад.

Маврид ба зикр аст, ки то замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура то адозае зери назорати ҳокимияти қонунгузор қарор дошт. Дар шароити кунунӣ саҳми ҳокимияти қонунгузор дар ташаккули сиёсати кадрӣ нисбат ба роҳбарияти Прокуратураи генералӣ назаррас аст. Зеро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Миллӣ барои таъин ва аз вазифа озод кардани Прокурори генералӣ ва муовинонӣ ӯ ризоият медиҳад (банди 4, моддаи 56). Ҳамзамон Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси Миллӣ масъул аст (моддаи 94). Бо вуҷуди саҳми назарраси ҳокимияти қонунгузор дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои ташкилӣ ва ҳамкориҳои прокуратура бо он, ба назари мо прокуратура наметавонад қисмати шохаи ҳокимияти конунгузор бошад, зеро ки функсияҳои ин сохторҳои муҳими давлатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳокимияти конунгузорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон намояндагӣ карда чун дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустақилона амалӣ мекунад. Ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо шохаи ҳокимияти қонунгузор дар он ифода мегардад, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда метавонад. Аз ҷумла оид ба вазъи риояи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур менамояд ва метавонад дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон иштирок карда оид ба вазъи қонуният дар мамлакат гузориш пешниҳод намояд.

Айни замон баъзе муаллифон бо назардошти равандҳои таърихии таъсиси мақомоти прокуратура, таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили функсияҳои он бар он ақидаанд, ки прокуратура вобаста ба табиати ҳуқуқии худ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб аст.

Ба ақидаи профессор А.М. Диноршоев, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мақомоти давлатие арзи ҳастӣ доранд, ки

дар низоми шохаҳои ҳокимият мавқеи онҳо норавшан мондааст. Ба ин мақомотҳо ӯ прокуратура ва бонки миллиро шомил намудааст. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда ба хулосае омадааст, ки прокуратура ва бонки миллӣ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб мебошанд[1].

Мавсуф ҷойи дигар таъкид менамояд, ки бояд ислоҳоти мақомоти прокуратура амалӣ карда шуда он ба низоми вазорати адлия дохил карда шавад. Вазифаи асосии прокуратура зимнан бояд муаррифӣ кардани манфиатҳои давлат дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судӣ бошад[2].

Мо бар он назарем, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти иҷроия алоқамандии зич дорад. Ба прокуратура ягон нишонаи ҳокимияти иҷроия хос набуда, гузашта аз ин фаъолияти ин шохаи ҳокимият зери назорати прокурорӣ қарор дорад. Прокурори генералӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст. Бо дарназардошти он ки тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як маврид Президент роҳбари давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроия аст, пас табиист, ки назорати прокурорӣ нисбат ба Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намешавад. Мақомоти прокуратура назорати иҷрои қонунҳоро ба амал бароварда ба мақомоти ҳокимияти иҷроия дар бобати ба амал баровардани вазифаҳои онҳо дар доираи қонун мусоидат менамояд. Фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия хислати идоракуниро дорад. Покуратура бошад идоракунии корҳои давлатиро ба роҳ намонда, карорҳои идоракунии характери ҳокимиятӣ доштаро қабул намекунад. Дар муносибат ба мақомоти ҳокимияти иҷроия таъиноти прокуратура ҳамчун мақомоти назоратӣ дар назорати риояи қонунҳо аз ҷониби ин мақомот ва шахсони мансабдори онҳо ва ба қонун мувофиқат намудани санадҳои ҳуқуқии онхо ифода мегардад. Тамоми фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ тобеъи назорати прокурорӣ мебошад.

Тарафдорони ба шохаи ҳокимияти судӣ нисбат донистани мақомоти прокуратура аз он бар меоянд, ки прокуратура вобаста

---

[1] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Автореф. ... канд. юрид. наук. Душанбе, 2006. С. 7–8.

[2] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе, 2007. С. 187.

самтҳои фаъолият ва иҷроиши функсияҳои худ ба ҳокимияти судӣ наздикӣ дорад.

Ба андешаи олими давлатшиноси тоҷик А. Имомов прокуратура мувофиқи усули тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба шохаи ҳокимияти судӣ мансуб мебошад[1].

Мувофиқи нуқтаи назари ҳуқуқшиноси варзида Шоҳиён Шермуҳаммад ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар катори дигар механизмҳои миллӣ, дар ҷодаи таъмини низоми қонуният ва волияти қонун дар кишвар нақши муҳим дорад[2].

Воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти судӣ дар самти таъмини адолати судӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ҳамкориҳои судмандро бо дарназардошти эҳтироми принсипи мустақилияти судҳо амалӣ менамояд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура ин иштирок дар суд аст. Прокурорҳо мувофиқи конунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии парвандаҳо дар суд иштирок намуда дар ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намуда, нисбати санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси судҳо эътироз меоранд. Ба ин васила прокурорҳо функсияи мурофиавии таъқиботи ҷиноятӣ, дастгирии айби давлатӣ ва ҳифзи ҳукукро амалӣ месозанд.

Муҳаққиқи ҷавон Исмоилзода С.А. дар таҳқиқоти диссератсионии худ ба чунин хулосае омадааст, ки прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти мустақили давлативу ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, низоми мутамаркази алоҳидаву мустақили мақомоти ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад. Он ба таври комил ба ягон шохаи ҳокимият давлатӣ шомил набуда, ба сифати мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд, ки метавонад миёни ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ низоми боздориро амалӣ созад[3].

Таҳлили меъёрҳои Конститутсия дар бораи мавқеъ, функсияҳо ва ҷойи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ

---

[1] Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Матбуот». 2007. С. 425.

[2] Шермуҳаммад Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1. С.15.

[3] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.02. Душанбе. 2020. С. 12.

бозгӯи онанд, ки мақомоти прокуратура дар низоми давлатӣ мавқеи хосса дошта ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб набуда, бо онҳо ҳамкориҳои зичро амалӣ менамояд.

Ҷой ва мавкеи мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун элементи низоми нигоҳдорӣ ва мувозинат на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини конуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд.

Ба мавқеи макомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормадони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80 солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон баҳои арзанда дода буданд: «Прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлтадорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият таалуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад»[1].

Прокуратура ҳамчун яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ дар шароити муосир дар самти таъмини волоияти қонун, ҳифзи арзишҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бориз дорад[2].

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ дар самти таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати ҷомеа ва давлат ва мубориза бо ҷинояткорӣ ба дастовард ва нишондодҳои назаррас комёб шудааст.

Аз ҷумла, дар ҳисоботи Прокурори генералии мамлакат оид ба вазъи риояи қонунҳо дар соли 2020 ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мешавад, ки дар ин давра прокурорҳо ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории ҷумҳуриро дар маҷмӯъ 5764 (5338) маротиба санҷида, бахри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шаритҳои ба

[1] См.: Народная газета. № 1. 5 января 2005 г.

[2] Маҳмудов И.Т. Роҳҳои такмили самаранокии назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният (маҷаллаи илмию-амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2015. С.22-29.

содиршавии онҳо мусоидаткунанда 13868 (11041) амр дода 6785 (5680) пешниҳод ва 9154 (7485) эътироз овардаанд. Бо натиҷаи баррасии санадҳои эътиноии прокурорҳо 10917 (9144) нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 4688 (4098) нафар ба ҷавобгарии моддӣ кашида шудаанд Инчунин прокурорҳо 27898 (23090) парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 3062 (2688) парвандаи ҷиноӣ оғоз намудаанд. Бо дахолати прокурорҳо 701,3 (597,8) млн. сомонӣ аз ҷумла 301,4 (278,9) млн. сомонӣ зарари расонидашуда ба манфиати давлат барқарор карда шудааст. Дар ҳамин давра назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, замин, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, буҷет, танзими асъор ва назорати асъор, бонкҳо, андоз, мубориза бо экстремизм ва терроризм, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки мақомот арзёбӣ гардиданд[1].

Самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура гуфта аслан, соҳа ва самтҳоеро меноманд, ки бо дарназардошти махсусияти объекти назоратӣ, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва омилҳои дигар беш аз ҳар вақти дигар ногузир зарурати таъмини реҷаи қонуниятро дар ҳамин самт ба миён меорад.

Аз ин рӯ, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири омилҳои дохилӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ дурнамои самтҳои афзалиятноки назорати прокурориро муайян менамоянд.

Дар шароити кунуни рушди давлатдорӣ ва эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон назорати прокурорӣ дар баробари дигар механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ба яке аз фишангҳои муҳиму боэътимоди таъмини қонуният, василаи муассири таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта дар таъмини фазои ҳуқуқии кишвар саҳми назаррас дорад.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ба имзо расидааст. Дар консепсия ба маврид зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

[1] Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Садои мардум. 29 январи соли 2021. № 12 (4274). С.4.

инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Мақомоти прокуратура дар ин давраи таърихӣ ва марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди муҳими ҷомеаи ҳуқуқбунёд, декократӣ, дунявӣ ва адолатпарвар арзи ҳастӣ карда, фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, вазифаҳои худро ҷиҳати ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, якпорчагӣ, сулҳу ваҳдат, амният ва соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, саҳми худро дар таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи қонунгузорӣ дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, идораи ҳарбӣ, корхонаю муассисаҳо ва бонкҳо, тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ сарбаландона амалӣ намуда истодааст[1].

Бо вуҷуди саҳми назарраси мақомоти прокуратура дар таъмини қонуният ҳамоно аз лиҳози дурнамо зарурати ҷоннок намудани назорати прокурорӣ дар самтҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти прокуратура ҷой доранд. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва пурзур кардани мубориза бо ҷинояткорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати прокурорӣ дар самтҳои зерини афзалиятнок тақвият дода шавад:

- назорати иҷрои қонунгузорӣ дар самти пешгирӣ, ошкорсозӣ ва мубориза бо зуҳуротҳои хатарнок, аз қабили экстремизм, терроризм, коррупсия ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъавор;

- назорати иҷрои қонунгузории замин ва ҳифзи муҳити зист;

---

[1] Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурииi Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.8.

- назорати иҷрои қонунгузорӣ дар самти тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ;

- назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андоз, назорати асъор, гумрук ва дигар сохторҳои молиявӣ бо дарназардошти нақши муҳими онҳо дар ғанӣ гардонидани қисмати даромади буҷети кишвар;

- назорати иҷрои қонунҳо дар самти огоҳонидан ва пешгирии ҷиноятқорӣ, инчунин коҳиш додани содиршавии ҷиноятҳо;

- назорати прокурорӣ аз тарафи мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон, ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- назорати иҷрои қонунҳо ва қонунӣ будани санадҳои судӣ дар мурофиаҳои судии ҷиноятӣ, гражданӣ ва иқтисодӣ;

- тақвияти самаранокии иштироки прокурор дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти амалисозии принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, аз ҷумла коркарди механизми ҳуқуқии таъмини иштироки прокурор дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар зарур аст, ки назорати иҷрои қонунҳои танзимкунандаи соҳа, инчунин қонунгузорӣ дар самти истифодаи сарфакоронаи нерӯи барқ, пардохти саривақтии маблағи он ва сайёҳӣ пурзур карда шавад.

Ёддовар бояд шуд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон илми назорати прокурорӣ ҳамчун соҳаи мустақили илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.0011 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ эътироф гашта дар пайвандӣ ба ин ихтисоси илмӣ давоми солҳои соҳибихтиёрии кишвар рисолаҳои илмӣ ҳимоя шудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби як зумра олимону донишмандони тоҷик, аз қабили шодравон Кенҷаев Сафаралӣ[1], Мирзоева Қутфиннисо Азизқуловна[1], Муҳаммадиев

---

[1] Кенжаев С. Обращения как важнейший фактор деятельности прокуроров по борьбе с нарушениями законности в сфере управления. Дис. … д-ра. юрид.наук в форме научного доклада. М., 1998. 68с.

Изатулло Сайфуллоевич[2], Маҳмудов Изатулло Тешаевич[3] ва дигарон дар масири солҳои Истиқлоли давлатӣ бевосита оид ба мавзуҳои алоҳидаи илми назорати прокурорӣ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя шудаанд, ки саҳми онҳо дар рушду пешрафти илми назорати прокурорӣ назаррас аст.

Ҳамзамон ҷойи ифтихор аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрии кишвар аз ҷониби як гурӯҳ устодони муътабар, олимони забардаст ва ҳамкорони масъулиятшиноси кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон назири Абдуллоев Н.А., Искандаров З.Ҳ., Баҳриддинзода С.Э., Мирзамонзода Х.М., Фозилов Н.Н., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С., Хоҷаева Н.Б., Авзалов А.Х., Раҳимзода М.С., Ҷалолов Х.Ғ., Сафиева М.С., Шоқулова С.И., Раҷабов А.Н., Исоев К.М., Раҳмон Ю.А., Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ, Мирзоева Қ.А., Раупов Ф.А., Салимзода Т.Н. ва дигарон таҳқиқотҳои муфиди илмӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти мақомоти прокуратура анҷом дода шудаанд. Аз ҷониби устодони кафедра бо мақомоти прокуратура ҳамкории муфид ва мутақобилан судманд ба роҳ монда шуда, саҳми онҳо дар омода кардани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Прокурори генералии мамлакат, расонидани кумаки методӣ, иштирок ва маърузa дар ҳаммоишҳои илмии сатҳи гуногун доир ба фаъолияти мақомоти прокуратура назаррасанд. Як зумра омузгорони кафедра, ба монанди профессорон Абдуллоев Н.А., Искандаров З..Ҳ. ва дотсент Маҳмудов И.Т. барои ба роҳ мондани чунин ҳамкориҳои самаранок бо медали ҳамкорӣ ва Ифтихорномаҳои Прокурори генералӣ сарфароз гаштаанд.

Ба таъкиди Прокурори генералии кишвар Раҳмон Ю.А. дар маҷмуъ, дар 30 соли даврони соҳибистиқлолии мамлакат (аз соли 1991 то семоҳаи якуми соли 2021) аз ҷониби прокуророн 135743 санҷиши риоя ва иҷрои қонунгузорӣ гузаронида, аз натиҷаи онҳо 229862 амр дода, 181066 эътироз, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳо ва қонунвайронкуниҳо 114025 пешниҳод

[1] Мирзоева К.А.Становление и развитие органов прокуратуры и прокурорского надзора в Таджикистане (20-е - рединва 30-х г.г.). Дис. … канд. юрид. наук. – М., 1996. 207с.

[2] Мухаммадиев С.И. Деятельность прокуратуры Таджикистана в условиях военного времени (историко-правовое исследование на примере Великой Отечественной войны 1941-1945 гг.). Дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. 515с.

[3] Махмудов И.Т. Теоретические основы и научно-практические проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в опреативно-розыскной деятельности (по материалам Республики Таджикистан): Дис. … канд.юрид.наук. – М., 2008. – 250 с.

оварда, 36857 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. 69388,6 га қитъаи замини ғайриқонунӣ додашуда ва худсарона ишғолгардида ба ҳолати аввала барагардонида шуданд. Аз натиҷаи бararсии санадҳои эътиноии прокурорӣ 132962 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 138288 нафар ба ҷавобгарии моддӣ ва 272296 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Бо дахолати прокуророн 397 млн. 467 ҳазор 901 рубли тоҷикӣ, 5 млрд. 234 млн. 878 ҳазору 518 сомонӣ, 10 млрд. 365 млн. 276 ҳазору 291 рубли Федератсияи Россия, 21 млн. 802 ҳазору 774 доллари ИМА, 49908 сарчорвои шохдор ва 16977 сар паррранда ба манфиати давлат барқарор карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, прокуратура ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ дар сохтори давлатии Тоҷикистон мавқеи хосса ва шоистаро касб намуда, дар масири 30-соли Истиқлоли давлатӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз хизматҳои арзанда ва назаррасро анҷом дода истодааст.

**Адабиёт:**

1. Мирзоева Қ.А. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Додситонии Ҷумҳуриии Тоҷикистон» ва аҳамияти таърихии он / Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, № 3., 2012.С. 50-56.
2. Баромади Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Г. Холиқов оиди лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати сеюм аз 15 июни соли 2005 //Қонуният. № 2. 2005. С. 11.
3. Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии

молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.10.

4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13.03.2018 / www.president.tj (санаи муроҷиат 13.03.2018)

5. Искандаров З.Ҳ.Бо нияти нек, азму иродаи қавӣ, садоқат ба Ватан масъулиятро иҷро намуда, қонуниятро таҳким мебахшем (дар партави иҷои дастуру супоришҳои Сарвари Давлат). /Минбари ҳуқуқшинос. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. № 9-10 (24-25) 12 майи соли 2015. Саҳ.3.

6. Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).; Искандаров З.Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе // Государство и право. Душанбе, 2005. -№ 3; Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 саҳ.; Шермуҳаммад Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1.; Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017.; Ятимов С.С. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 27-28.; Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017.; Халифаев М.Н. Место и роль органов прокуратуры в современном обществе: взгляды и тенденции // Законность. Душанбе, 2009. № 1; Олимов М.М. Место и задачи органов прокуратуры по защите прав граждан в Республике Таджикистан // Законность. Душанбе, 2009. № 1.; Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- № 3. -С.83.; Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. 2017. № 2/9. С.263-269.; Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/8. С.199-204.; Имомов А.Х. Прокуратура дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Автореф. ... канд. юрид. наук. Душанбе, 2006.; Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.02. Душанбе. 2020 ва ғ.

7. Кенджаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистана. – Душанбе: Фонд Кенджаева, 1995.-215 с.; Бобохонов Б., Исоев М. Прокуратура дар давраи Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: «Сарпараст». 2007. 303 с.; Нақши мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар. Душанбе: «ҶДММ Орбит». 2017. 294 с. / зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники адлия Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бахшида ба ҷашни 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Дар китобҳои мазкур оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар даврони Шуравӣ, инчунин дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2017 маълумоти мухтасар гирд оварда шудаанд.

8. Имомов А.Х. Прокуратура дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).С.37.

9. Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи

генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).С. 27.

10. Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017. С.11.

11. Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. № 1-2017. С.11.

12. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). Душанбе, №4 (20).2017. С.69-70.

13. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 саҳ. С.8.

14. Раҳимзода Р.Ҳ. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 20.

15. Раҳимзода Р.Ҳ. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 20.

16. Ятимов С.С. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. № 1. 2017. С. 27-28.

17. Салимзода Ш.О. Дастовардҳо дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар – натиҷаи ҳамкориҳо // Қонуният. № 1. 2017.С. 40.

18. Султонзода С.С. Ҳамкории мутақобила омили асосии паст намудани сатҳи коррупсия. //Қонуният. № 1. 2017. С. 32.

19. Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017. С. 43.

20. Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. № 1. 2017. С. 43.

21. Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- № 3. С.83.; Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/9. С.263-269.; Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/8. С.199-204.

22. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Автореф. ... канд. юрид. наук. Душанбе, 2006. С. 7–8.

23. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе, 2007. С. 187.

24. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Матбуот». 2007. С. 425.

25. Шермуҳаммад Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1. С.15.

26. Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.02. Душанбе. 2020. С. 12.

27. См.: Народная газета. № 1. 5 января 2005 г.

28. Маҳмудов И.Т. Роҳҳои такмили самаранокии назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният (маҷаллаи илмию-амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2015. С.22-29.

29. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Садои мардум. 29 январи соли 2021. № 12 (4274). С.4.

30. Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.8.

31. Кенжаев С. Обращения как важнейший фактор деятельности прокуроров по борьбе с нарушениями

законности в сфере управления. Дис. … д-ра. юрид.наук в форме научного доклада. М., 1998. 68с.

32. Мирзоева К.А.Становление и развитие органов прокуратуры и прокурорского надзора в Таджикистане (20-е - techn серединва 30-х г.г.). Дис. … канд. юрид. наук. – М., 1996. 207с.

33. Мухаммадиев С.И. Деятельность прокуратуры Таджикистана в условиях военного времени (историко-правовое исследование на примере Великой Отечественной войны 1941-1945 гг.). Дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2019. 515с.

34. Махмудов И.Т. Теоретические основы и научно-практические проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в опреативно-розыскной деятельности (по материалам Республики Таджикистан): Дис. … канд.юрид.наук. – М., 2008. – 250 с.

**Рофиева Азиза Ҳамдамовна,**
уновонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

# ТАБИЯТИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ ҲАМЧУН САМТИ СОҲИБКОРӢ

Бо дарки муҳимияти падидаи оила дар ташаккул ва пешрафти давлат ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи кафолати ҳимояи давлатии оила ҳамчун асоси ҷамъият ва амалишавии ҳуқуқи ҳар шахс ба ташкили оила қувваи конститутсионӣ касб намуд. Дар радифи ин меъёри конститутсионӣ аз солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, таҳкими заминаҳои ташаккули оила ва дастгирии оилаҳо бо дарназардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шуда, аз ҷониби

давлату Ҳукумати кишвар дар ин самт корҳои муайяне анҷом дода шуданд. Мақсади асосии таҳкими заминаҳои иҷтимоию иқтисодии оила таъмини болоравии сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии ҳар як оила дар асоси шуғли доимӣ, ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ, бозомӯзии касбӣ ва иштироки фаъолона дар рушди ҳамаи соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Баҳри рушди устувори иқтисодию иҷтимоии оилаҳо андешидани чораҳои зерин зарур мебошад: таъмини шуғли доимии аъзои оила; баланд бардоштани сатҳи даромаднокии оила аз ҳисоби тақвияти нерӯи зеҳнии аъзои оила; рушди соҳибкории оилавӣ ва тиҷорати оилавӣ; ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии насли ҷавон ва баланд бардоштани вазифаи тарбиявии оила; ташкили курсҳои касбомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ[1].

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи модар санаи 7-уми марти соли 2017 зикр намуданд, ки: “Шумораи соҳибкорон аз ҳисоби занон беш аз 138 ҳазор нафар буда, сарварии 20 ҳазору 500 хоҷагии деҳқониро занон ба уҳда доранд. Бо мақсади мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории занон Қарори Ҳукумати мамлакат “Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020” қабул шудааст. Дар ин асос тайи се сол тавассути сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қариб ба 6000 нафар занон дар ҳаҷми 18 миллион сомонӣ ёрии молиявӣ пардохта шудааст. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди занону духтарон ҳоло ҳам соҳиби касбу кор ва шуғли муайян набуда, ба захираҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва моддӣ кам дастрасӣ доранд. Бароиислоҳи чунин вазъият моро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии кадбонуҳо ва модарону хоҳарон тадбирҳои иловагӣ андешем, дар маҳалҳо соҳибкории хонаводагӣ ва соҳибкоронеро, ки дар ин самт фаъолият доранд, дастгирӣ карда, ҷалби духтарону бонувонро ба омӯзиши касбу ҳунар, аз

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801 "Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

ҷумла ҳунарҳои дастӣ ва дигар навъҳои косибӣ ҳарчи бештар вусъат диҳем. Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда минбаъд низ эътибори ҷиддӣ дода, ташаббусҳои созандаи бонувону духтарони соҳибкору ҳунарманд, бомаърифату ватандӯст ва худогоҳу худшиносро, ки пояҳои давлатдории миллиамонро таҳким мебахшанд, дастгирӣ менамояд”[1].

Таҷрибаи рушди кишварҳое, ки дар ислоҳоти бозории иқтисодиёт ва таъмини сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки соҳибкории хусусӣ на танҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ, балки дар ташкили омилҳои устувор, тараққиёти ичтимоию иқтисодӣ низ нақши рӯзафзун мебозад. Дар ҷаҳони муосир қисми зиёди соҳибкории хурдро соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад. Афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ин самти соҳибкорӣ самаранокии баланди фаъолияти субъектҳои он ва дарозмуддати будани динамизми тараққиётро муайян менамоянд. Дар як қатор давлатҳои хориҷа ассотсиатсияҳои махсусе мавҷуданд, ки дар соҳаи ташкили соҳибкории оилавӣ тадқиқот мегузаронанд, манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунанд ва барои мубодилаи таҷриба дар фаъолияти соҳибкории оилавӣ майдонҳои мубоҳиса пешниҳод мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона ҷалб карда шавад, анъанаҳои соҳибкории оилавӣ инкишоф дода шуда, сулолаҳои соҳибкории оилавӣ ташаккул дода шаванд. Яъне соҳибкории оилавӣ на танҳо муҳити мӯътадили иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд, балки муҳити соҳибкорӣ ва оиндабиниро низ ташаккул медиҳад.

Намунаи равшантарини муваффақияти молиявии соҳибкории оилавӣ империяҳои тиҷоратии Ротшилдҳо ва Рокфеллерҳо мебошад. Ҳамин тариқ, сарвати умумии бонкдорони Ротшилд мувофиқи ҳисобҳои консервативии коршиносон 3,2 триллион долларро ташкил медиҳад, гарчанде ки ҳеҷ кас наметавонад рақами дақиқро номбар кунад. Муаррихон мегӯянд сарвати

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи модар аз 07.03.2017 с.// http://prezident.tj/node/14719.

дигари сулолаи машҳури ҷаҳон Рокфеллер тақрибан як триллион камтар аст (2,2 триллион доллар)[1].

Дар шароити муосири ҷомеаи индустриалӣ ва постиндустриалӣ соҳибкории оилавӣ ҷойҳоеро ишғол мекунанд, ки муталлиқи соҳибкори миёна ва калон намебошад. Инҳо савдои хурди яклухт ва чакана, хизматрасонии маишӣ (ҷомашӯӣ, ателье, сартарошхонаҳо, дӯзандагӣ ва таъмири техникаи рӯзгор, либосу пойафзол ва ғайра), тиҷорати хурди тарабхона, хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ (кашонидани мебел), кирояи асбобу анҷоми маданию маишӣ ва рузгор, таъмири ҷузъӣ ва сохтмони манзил, гаражҳо, биноҳои хизмати маишӣ ва маданӣ, ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва ғайра мебошанд[2].

Соҳибкории оилавӣ сарфи назар аз миқёси фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, дараҷаи тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ ва рушди бозорӣ асоси ҳаёти корпоративии ҳамаи мамлакатҳо буд ва дар айни ҳол асоси тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ боқӣ мемонданд. Таърихан ширкатҳои оилавӣ дар аксар маврид институтҳои устувор буданд. Муҳимияти онҳо монанди пешрафтҳои иҷтимоию фарҳангӣ, технологӣ ва тартиботи нави бозор бо назардошти ҷаҳонишавӣ мебошад[3].

Дар айни ҳол қонунгузории давлатҳои танзимкунандаи соҳибкории оилавиро дар доираи кишварҳои пасошӯравӣ ба гурӯҳҳои зеринро ҷудо намудан мункин аст: 1) қонунгузорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро дар бар мегирад, ки соҳибкории оилавиро қонунӣ мегардонанд ва барномаҳои давлатии дастгирии онҳо ҷой дорад (Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Приднестроии Молдавия); 2) қонунгузорӣ, ки асосҳои вазъи ҳуқуқии соҳибкории оилавиро муайян мекунад (Латвия, Арманистон); 3) қонунгузорӣ, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи танзим ва пешбурди соҳибкории оилави мавҷуд нестанд, вале мафҳумҳои соҳибкории оилавӣ ё корхонаи оилавиро бо қонунҳои махсус дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ

[1] Каримова А. Плюсы и минусы семейного бизнеса// https://kontur.ru/articles/579.
[2] Семейное предпринимательство: международный опыт и перспективы развития в Республике Беларусь. Минск, 2021. С.9.
[3] Handbook of research on family business/edited by Panikkos Zata Poutziouris, Kosmas X. Smyrnios, Sabine B. Klein. 2006. P.1. (656p.)

муайян мекунанд (Озарбойҷон, Белоруссия, Қазоқистон); 4) қонунгузорӣ, ки дар он ҷанбаи соҳибкорӣ дар қонунҳои махсус дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (Тоҷикистон, Қирғизистон, Украина, Россия ва дигар давлатҳо) инъикос ёфтааст[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самти соҳибкорӣ дар асоси қонунгузорӣ мушаххас муқаррар нашудааст ва ба таври дахлдор ба рушд намудани он мусоидат наменамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 ибораи "соҳибкории оилавӣ" ва ё "хоҷагии оилавӣ" умуман ҷой надорад. Дар моддаи 1 ин Қонун омадааст: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳонӣ) субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст[2]. Дар таносуб аз қонуни амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 526 "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" (соли 2016 аз эътибор соқит дониста шуд) манфиатҳои оиларо ҳифз менамуд. Аз ҷумла дар моддаи 1 ин Қонун мукаррар шуда буд, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд. Хоҷагии деҳқониро метавонанд як шахс, як оила ё гурӯҳи шахсон ташкил диҳанд (м.3). Хоҷагии деҳқонии оилавӣ - хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ дар заминаи моликияти якҷоя асос ёфтааст (м.5). Сардори хоҷагии деҳқонии оилавӣ аз ҷониби аъзои оила интихоб карда мешавад (м.12). Узви хоҷагии деҳқонии фардӣ ва аъзои хоҷагии деҳқонии оилавӣ метавонанд мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи молу мулки хоҷагӣ ширкати хоҷагидорӣ ва ё

---

[1] Барков А.В., Баркова Л.А. Совершенствование правовой модели семейного предпринимательства в России с учетом зарубежного правового опыта// В сборнике: Актуальные проблемы развития гражданского права и процесса на современном этапе. Материалы II Всероссийской научно-практической конференции. Краснодарский университет МВД России. 2015. - С. 46-47.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

кооперативи истеҳсолии (кишоварзии) дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд (м.14)[1]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107 ибораи "соҳибкории оилавӣ" ҳато пешбинӣ нагардидааст[2]. Дар шароити имрӯза реҷаҳои махсуси танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ суст инкишоф ёфтаанд ва оид ба дастгирии соҳибкорони оилавӣ ташаббусҳо нокифояанд. Механизмҳои маблағгузории соҳибкории оилавӣ вуҷуд надоранд, сарчашмаҳои маблағгузории стартапҳо маҳдуд мебошанд, системаҳои махсуси андозӣ, инчунин барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ дар асоси технологияи баланд вуҷуд надоранд.

Бар муқобили нуқсони қонунгузорӣ дар ин самт дар амалияи Тоҷикистон бошад соҳибкории оилавӣ ҷой дорад. Ин навъи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 20 сол пеш маъмул шуд. Соҳибкории оилавӣ имрӯз, шояд дар ҳама ҷо ва барои ҳама дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз намояндагони қишрҳои болоии ҷомеа то шаҳрвандони оддӣ рушд мекунад[3].

Дар тафовут аз Тоҷикистон дар ҷумҳурии ҳамсоя Ӯзбекистон дар соли 2022 барои барномаи дастгирии соҳибкории оилавӣ, омӯзиши касбии бекорон ва ҷавонон, татбиқи лоиҳаҳо дар бахши хизматрасонӣ ҳокимияти Ӯзбекистон 13 трлн сум ($1,2 миллиард) равона менамояд. Бонкҳо қарзҳои имтиёзнок бо меъёри 7% барои машғул шудан дар хоҷагии қишлоқ дар заминҳои наздиҳавлигӣ пешниҳод менамоянд. Ба касоне, ки ба соҳибкории оилавӣ мехоҳанд машғул шаванд қарз ба муҳлати 3 сол бо назардошти муҳлати имтиёз аз 3 то 6 моҳ 14% солона дода мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омор то санаи 1 январи соли 2021

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 19 майи соли 2009, № 526 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2009, №5, мод.333.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ.2, мод. 404; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1194, аз 30.05.2017, № 1436, аз 2.01.2020, № 1684.

[3] Новый уровень семейного бизнеса// Подробнее: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20150810/novyi-uroven-semeinogo-biznesa-konkurs-blogerov-zhivoi-tekst.

дар Ӯзбекистон 45954 корхонаҳои оилавӣ бақайдгирифташуда, аз онҳо ба 43122 амалкунанда мебошанд[1].

Аз ин рӯ, ба сомон расонидани таҳқиқоти илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Дар давраи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) тадқиқи мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур қисман дар корҳои чунин олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ба монанди А.В. Золотухин[2], Ш.М. Исмоилов[3], М.А. Маҳмудзода[4], Ф.А. Маҳмадшозода[5], Ҷ.С. Муртазозода[6], М.З. Раҳимзода[7], Б.О. Самадов[8], Д.Ш. Сангинов[9],

---

[1] Семейный бизнес в Узбекистане поддержат льготными кредитами// Подробнее: https://asiaplustj.info/ru/news/centralasia/20211222/semeinii-biznes-v-uzbekistane-podderzhat-lgotnimi-kreditami. 22 декабря 2021 г.

[2] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[3] Исмаилов Ш.М. Сборник избраных статьей. – Душанбе: Изд-во: «Полиграф Групп», 2021. – 632 с.

[4] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. - 632 саҳ.; Маҳмудзода М.А. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ // «Қонунгузорӣ», №4 (32). 2018. - С. 19-23.

[5] Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03/ Махмадшоев Фарход Абдурахмонович; [Место защиты: Тадж. нац. ун-т].- Душанбе, 2012.- 201 с.

[6] Муртазакулов Дж.С. Дехканское (фермерское) хозяйство как организационно-правовая форма предпринимательской деятельности // Государство и право.- №4.—Душанбе.-2011. — С.5-16; Муртазакулов Дж.С. Гражданско-правовые проблемы дехканского хозяйства (по материалам Республики Таджикистан). Душанбе., Деваштич, 2002 . 206 с.; Муртазакулов Дж.С. Фермерское хозяйства в некоторых странах СНГ: становление, развитие, перспективы. М., ООО «НИПКЦ Восход - А», 2011. 224 с.; Муртазакулов Д.С. Гражданско-правовые проблемы организации и деятель¬ности дехканских (фермерских) хозяйств в Таджикистане. М.: ООО «НИПКЦ Восход-А», 2012. 336 с.

[7] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.

[8] Самадов Б.О. Правовой режим индивидуальной предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан и в Российской Федерации: сравнительно-правовой анализ: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03 / Самадов Бахтиёр Одилджанович; [Место защиты: Гос. ун-т - Высш. шк. экономики].- Москва, 2010.- 213 с.; Самадов Б.О. Гражданско-правовая ответственность в сфере нарушения прав потребителей в России и Таджикистане// В сборнике: Инженерное образование и вызовы культуры в XXI веке. Сборник материалов II-ой Международной научно-методической конференции "Наука, образование, молодежь в современном мире". Под редакцией Л.В. Волковой, О.М. Смирновой, М.Н. Филатовой. 2017. С. 78-82.

[9] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ . – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ . – Душанбе: Андалеб-Р., 2015. – 500 с.; Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. - Душанбе: «Мехрона -2017», 2019. 424 с.

Ҳ.Н. Ҳиматов[1], И.М. Шарифов[2] тадқиқ шудааст.

Дар хориҷа баъзе аз ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ аз ҷониби олимони зерин тадқиқ шудааст: Л.А Баркова[3], Д.А. Волков[4], Т.Ю. Назарова[5].

Ба ин нигоҳ накарда, тадқиқоти комплексии илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур дар ҶТ то ҳол гузаронида нашудааст ва дар робита бо ин зарурати гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи илмии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар ҶТ ҷой дорад.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои Барков А.В., Баркова Л.А., Берикболова У.Д., Золотухин А.В., Валенджян С.О., Муханова А.Е., Волков Д.А., Ершова И.В., Исмаилов Ш.М., Левушкин А.Н., Маҳмудзода М.А., Маҳмадшозода Ф.А., Мохов А.А., Муртазозода Ҷ.С., Назарова Т.Ю., Немилентсев М.К., Плотникова И.А., Раҳимзода М.З., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Смагулова Ж.Б., Султонова Т.И., Умирзакова М.Н., Химатов Х.Н., Шарифов И.М. ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар асоси таҳлили асарҳои олимони номбаршуда ва омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷа ба чунин хулоса омадем:

1. Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди чамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими

---

[1] Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов : по материалам Республики Таджикистан : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Химатов Хабибулло Неъматович; [Место защиты: Тадж. гос. нац. ун-т]. - Душанбе, 2008. - 194 с.

[2] Шарифов И.М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2020. - 162 с.

[3] Баркова Л.А. Семейное предпринимательство в механизме правового обеспечения гармонизации интересов семьи: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03 / Баркова Лариса Алексеевна;[Место защиты: Московская академия экономики и права].- Москва, 2015.- 189 с.

[4] Волков Д.А. Особенности организации и управления семейным предпринимательством в условиях России: диссертация ... доктора экономических наук: 08.00.05 / Волков Дмитрий Анатольевич;[Место защиты: «Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации»], 2016.- 314 с.

[5] Назарова Т.Ю. Семейное предпринимательство в Российской Федерации: направления развития: диссертация ... кандидата экономических наук : 08.00.01, 08.00.05 / Назарова Татьяна Юрьевна; [Место защиты: Тамб. гос. ун-т им. Г.Р. Державина]. - Тамбов, 2008. - 149 с.

ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.

2. Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарқкунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди аққал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.

3. Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амали гардида, шароити ҳуқуқии баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

4. Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори

ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

5. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намояд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

6. Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

7. Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд.

8. Механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии давлатӣ бархурдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектони соҳибкории оилавӣ некӯаҳволии худро беҳтар созад. Бешубҳа, соҳибкории оилавӣ дар мамлакати мо дар шароити муосир бояд аз ҷониби давлат ва доираҳои бузурги соҳибкорӣ бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила низ кӯмакҳои гуногун расонида шаванд.

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилавҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд.

10. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

10.1. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

10.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ;
- соҳибкории иҷтимоӣ;
- соҳибкории оилавӣ;
- соҳибкории стратегӣ;
- соҳибкории инноватсионӣ;
- соҳибкории зеҳнӣ;
- соҳибкории экологӣ;
- соҳибкории виртуалӣ".

10.3. Бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад.

**Сангинов Дониёр Шомаҳмадович,**
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
***Бобохонзода Парвиз Маҳмадазим,***
унвонҷӯи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

## НАЗАРЕ БА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ РАҚОБАТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ дар Тоҷикистон айни замон давраи рушди босуръатро аз сар мегузаронад ва бо ин сабаб маҷмӯи мушкилот дар ин соҳа ҷой дорад. Ин мушкилот дар Тоҷикистон пеш аз ҳама бо сатҳи санадҳои меъёрии дар ин соҳа қабулшуда (номуайянӣ ва номувофиқии талаботи қонунгузорӣ,

тағирёбии мунтазами беасоси қонунгузорӣ) ва бо сифати тадбиқи қонунҳо - мавҷуд набудани тартиби ягонаи баррасии парвандаҳои зиддиинҳисорӣ, сатҳи пасти кафолатҳои мурофиавӣ, набудани стандартҳои таҳияшудаи исботкунӣ, ваколатҳои васеи мақомоти зиддиинҳисорӣ, ки барои сӯиистифода замина фароҳам меоранд.

Шубҳае нест, ки амалиётҳои назорати фаъолияти инҳисорӣ, ки дар асоси заминаи мустаҳками меъёрӣ сохта шудаанд, воқеан барои таъмини рақобати солим ва одилона дар кишвар, рушди фаъоли бозори мол, кор, хизматрасонӣ ва ташаккулу рушди иқтисоди инноватсионӣ зарур аст. Оқибати манфии мавҷудияти инҳисор метавонад инҳо бошад: болоравии беназорати нархҳо, боздории фаъолияти соҳаҳои мухталиф. Аз ин рӯ, давлат бояд инҳисорро маҳдуд кунад, тадбирҳоеро татбиқ кунад, ки ба нигоҳ доштани рақобати солим, таъмини сатҳи муносиби зиндагии шаҳрвандон, нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадили низоми иқтисодӣ, ки дар якҷоягӣ ҳамчун асоси иқтисодиёти рақобатпазир хизмат мекунанд. Маҳдудияти инҳисор тавассути истифодаи усулҳои гуногуни маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар мафҳуми «фаъолияти зиддиинҳисорӣ» ифода ёфтааст. Ин маҷмӯи амалҳои маҳдудкунанда мебошад, ки бевосита ба нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули рақобати солим байни ташкилотҳо, аз ҷумла амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳо равона карда шудаанд.

Мақомоти ваколатдор дар ин самт Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (то 2006 Агентии давлатии сиёсати зиддимонополӣ ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[1]) мебошд. Дар асоси Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №227 Хадамоти зиддиинҳисории назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қать намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд[2].

Ба ҳайси қонунгузории зиддиинҳисорӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" аз 30 майи соли 2017, №1417[4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инҳисороти табиӣ" аз 5 марти соли 2007, №235[5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 декабри соли 2004, №72[6], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" аз 1 августи соли 2003, №34[7] ва чунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд:

- Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2019 "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инҳисороти табиӣ ва назорати фаъолияти рекламавӣ";
- Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2019 "Дар бораи "Тартиби муайян намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ва пасти инҳисорӣ дар бозорҳои хизматрасонии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон"";
- Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2018, №75 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, танзими инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ";
- Фармоиш Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №28а "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор";
- Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 227;
- Тартиби баррасии парвандаҳо дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "5" марти соли 2007, №3;
- Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз "5" марти соли 2007, №3[8].

Дар сатҳи ИДМ Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳисорӣ аз 25 январи соли 2000 қабул

карда шудааст, ки Шӯрои байнидавлатӣ оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳо-иштирокчиён, назорати риояи Шартнома, наздиккунии қонунҳои миллии рақобат ва таҳияи заминаи ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва манъкунии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар бозори моли давлатҳо-иштирокчиён таъсис дода шудааст[9].

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2019, №574 "Дар бораи тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба назорат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва некуаҳволии инсон (Федератсияи Россия) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Росияро дар ин соҳа танзим мекунад[10].

Дар доираи маърӯзаи мазкур мо кӯшиш менамоем муқоисаи меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ оид ба мафҳумҳои самти фаъолияти зиддиинҳисорӣ ва маҳдуд намудани ҳолати болоравии беасоси нархҳо ва камчинии молу маҳсулот ба сомон расонем.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳумҳои асосӣ дарҷ карда шудаанд. Дар асоси ин модда фаъолияти инҳисорӣ – суиистифода кардани субъекти хоҷагидор (субъекти бозор), гурӯҳи шахсон аз мавқеи ҳукмфармоӣ, созиш ё иҷрои амалҳои мувофиқашудаи худ, ки бо қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудаанд, муқаррар шудааст. Инчунин мафҳумҳои нархи баланди инҳисории мол, нархи пасти инҳисории мол, нархи баланди беасоси хизматрасонии молиявӣ ва нархи пасти беасоси хизматрасонии молиявӣ, созишномаи (амали мувофиқашудаи) субъектҳои хоҷагидор, ки рақобатро маҳдуд менамояд, созишномаҳои уфуқӣ (картел), созишномаҳои амудӣ, шартҳои табъизӣ (дискриминатсионӣ), шахсони бонуфуз.

Дар муқоиса ба Қонуни ҶТ дар сатҳи ИДМ ва давлатҳои алоҳида мафҳумҳои мукаммал ва ба ин самт вобаста бештар дарҷ шудаанд.

Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳисорӣ аз 25 январи соли 2000 ифодакунандаи чунин мафҳумҳо мебошад:

- фаъолияти инҳисорӣ - амали (беамалии) субъектҳои хоҷагидорӣ, мақомот ва маъмурият, ки бар хилофи қонунгузории миллии зиддиинҳисорӣ, ки ба пешгирӣ, маҳдуд ё барҳам додани рақобат ва / ё вайрон кардани манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон нигаронида шудааст;

- қонунгузории зиддиинҳисорӣ - санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар қаламрави давлатҳои аъзо амал мекунанд, дорои муқаррарот оид ба пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва саркӯбии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати беинсофона мебошанд.

Дар Қонуни моделии ИДМ "Дар бораи рақобат" чунин мафҳумҳо дарҷ шудаанд:

- татбиқи мунтазами фаъолияти инҳисорӣ - аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ (субъекти бозор) амалӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории давлат дар тӯли 3 сол зиёда аз 2 маротиба ошкор карда шудааст;

- консентратсияи иқтисодӣ - муомилот, амалҳои дигаре, ки иҷрои онҳо ба вазъи рақобат таъсир мерасонад ё метавонад таъсир дошта бошад[11].

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳуми «фаъолияти инҳисорӣ» бо назардошти мафҳуми дар Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳисории ИДМ таҷдид карда шавад ва мафҳуми «қонунгузории зиддиинҳисорӣ» илова карда шавад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, № 287 "Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд" номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд инҳоянд: 1. Орд (навъҳои 1 ва 2); 2. Нони аз орди навъҳои 1 ва 2 истеҳсолгардида; 3. Маҳсулоти макаронӣ; 4. Гандум; 5. Биринҷ; 6. Картошка; 7. Сабзавот: сабзӣ, пиёз, карам; 8. Қанди сафед, шакар; 9. Равғани растанӣ: равғани пахта ва равғани офтобпараст, равғани маска; 10. Маҳсулоти ширӣ: шир,

кефир, қаймоқ, сметана, творог; 11. Наск, нахуд, марҷумак, кашк, ярмаи ҷав; 12. Гӯшт: гӯшти гов, гӯшти гусфанд, гӯшти мурғ; 13. Тухми мурғ; 14. Намак; 15. Ҷой: навъи сабз ва сиёҳ; 16. Ғизои кӯдакона; 17. Маҳсулоти нафтӣ: бензини автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ; 18. Маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ; 19. Нуриҳои минералӣ, органикӣ ва химиявӣ барои соҳаи кишоварзӣ[12].

Барои нигоҳ доштани афзоиш ва ё болоравии беасоси нархҳои молу маҳсулоти муайян дар бозори мол Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» якчанд моддаҳо бахшида шудааст. Аз ҷумла моддаҳои 2, 4, 7, 9, 10, 11, 14, 15, 17 ва ғайра.

Дар асоси моддаи 10 (Нархи баланди инҳисории мол) Қонун нархи муқаррарнамудаи субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозори моли муайян дар ҳолате нархи баланди инҳисории мол ҳисобида мешавад, ки дар шароити рақобат дар бозори мол ва муомилоти мол бо чунин нишонаҳо ташаккул ёфтааст:

1) баланд бардоштани нархи қаблан муқarrаргардидаи мол (кор, хизматрасонӣ);

2) хароҷоти зарурӣ барои истеҳсол ва фурӯши мол бетағйир мондааст ва ё тағйироти онҳо ба тағйирёбии нархи мол мутобиқат намекунад;

3) шартҳои муомилоти мол дар бозори мол, аз ҷумла вобаста ба чораҳои танзими давлатӣ, бо назардошти андозбандӣ, танзими тарифӣ (нарх) бетағйир мондаанд ва ё тағйирёбии онҳо ба тағйирёбии нархи мол номутаносиб мебошанд;

4) нигоҳ доштан ва ё паст накардани нархҳои қаблан муқаррарнамудаи мол, агар дар баробари ин, дар маҷмӯъ шартҳои зерин татбиқ карда шаванд:

- хароҷоти зарурӣ барои истеҳсол ва фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) ба таври назаррас кам шуда бошад;

- шартҳои муомилоти мол дар бозори мол, аз ҷумла вобаста ба чораҳои танзими давлатӣ, бо назардошти андозбандӣ, танзими тарифӣ (нарх) имконияти тағйирёбии нархи молро бо тамоюли коҳишёбии он таъмин намоянд.

Нархи моле (кор, хизматрасонӣ), ки субъекти монополияи табиӣ дар ҳудудҳои тарифӣ ба чунин мол муайяннамудаи

мақомоти танзимкунандаи монополияи табиӣ муқаррар кардааст, ҳамчун нархи баланди инҳисорӣ эътироф намегардад.

Дар асоси моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» (Бозорҳои танзимшаванда) бо мақсади ҳимояи рақобат ва пешгирии инҳисоркунонии бозори мол, танзими давлатии бозори мол амалӣ карда мешавад. Ба низом даровардани нархгузорӣ дар бозори моли муайян (кор, хизматрасонӣ) бо роҳи танзими давлатии зиддиинҳисорӣ сурат мегирад. Дар сурати афзоиш ва ё болоравии беасоси нархҳои молу маҳсулоти муайян дар бозори мол, нисбати онҳо танзими зиддиинҳисорӣ ва назорати давлатӣ татбиқ мегардад. Назорати давлатӣ оид ба тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба молу маҳсулоти муайян аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати болоравии беасоси нархҳо ва камчинии молу маҳсулот, мудохилаи молӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар мувофиқа бо мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ амалӣ карда мешавад. Номгӯи молу маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор доранд, бо пешниҳоди мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқи сархати 11 ва 12 моддаи 22 (Ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ) Қонун Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда Тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, Тартиби муайянсозии нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоиашонро, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, Низомнома дар бораи тартиби танзими нарх ба маҳсулот ва молҳои тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор – доминантҳо ва инҳисорон, Қоидаҳои тартиби гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикршуда анҷом дода мешавад, Низомномаи тартиби ба

мақомоти зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархосту огоҳинома тибқи талаботи моддаҳои 25 ва 26 Қонуни мазкур, Қоидаҳои муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор, Тартиби муайян намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ва пасти инҳисорӣ дар бозорҳои хизматрасонии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва тасдиқ намояд; Низомномаи тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба маҳсулоти таъйиноти истеҳсолию техникӣ, молҳои истеъмоли халқ ва хизматрасониҳоро ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Аммо аз 8 номгӯи санадҳои зикршуда Хадамот танҳо 4 санад баъд аз қабули қонун қабул намудааст – Фармоишҳои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2019, "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инҳисороти табиӣ ва назорати фаъолияти рекламавӣ", аз 7 июни соли 2019 "Дар бораи "Тартиби муайян намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ва пасти инҳисорӣ дар бозорҳои хизматрасонии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 11 июли соли 2018, №75 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, танзими инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ", аз 1 марти соли 2018 № 28а "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор". Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018 № 257 "Дар бораи Низомномаи тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, молҳои истеъмоли халқ ва хизматрасониҳо" вобаста ба ин вазифаи Хадамот қабул шудааст. Дигар санадҳои зикршуда ё қаблан қабул шуда амал мекунанд ва ё ҳоло қабул нашудаанд.

Дар асоси Низомномаи тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба маҳсулоти таъиноти истеҳсолмю техникӣ, молҳои истеъмоли халқ ва хизматрасониҳо аз 30 майи соли 2018, №257 бо мақсади махдуд ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ, рақобати бевиҷдонона, ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои самарабахшии бозорҳои молӣ, инчунин

ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз болоравии беасоси нархҳо (тарифҳо) ба молҳои ниёзи аввалия танзими давлатии нархҳо ва тарифҳо татбиқ карда мешавад. Танзими давлатии нархҳо (тарифҳо) нисбати номгӯи мол, маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки ба онҳо танзими давлатии нарх ва тарифҳо амалӣ мегардад, ҷорӣ карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ ба номгӯи мазкур тибқи тартиби муқарраргардида тағйирот ворид карда мешавад. Дар таркиби нархҳои (тарифҳои) озоди яклухт ба маҳсулоти (хизматрасонии) таъиноти истеҳсолию техникӣ ва нархҳои озоди фурӯш ба молҳои истеъмоли халқ арзиши аслӣ, даромаднокӣ ва андозҳои амалкунанда (ба истиснои андозҳое, ки аз фоида пардохт мегарданд) ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба нархҳои озоди фурӯши молҳои истеъмоли халқ, ки пардохти андози аксизӣ муқаррар шудааст, маблағи меъёри муқарраргардидаи андози аксизӣ низ ҳамроҳ карда мешавад. Фоида (зарар) аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо тибқи нархҳои озоди (фурӯши) яклухт ҳамчун фарқияти байни маблағи фурӯш (бе андозҳои амалкунанда ва аксиз) ва хароҷот, ки ба арзиши аслии маҳсулот, молҳо ва хизматрасониҳо дохил мешаванд, тибқи тартиби муқарраршнамуда ба ҳисоб гирифта шуда, бо дар назар доштани хусусиятҳои хоси соҳаҳо муайян карда мешавад.

Намунаи муайян намудани нархҳо ба молҳои воридотӣ аз мамлакатҳои хориҷии наздик ва дур чунин аст:

1) Арзиши қарордодии молҳое, ки аз ширкатҳои хориҷӣ харида мешаванд, бо шумули хароҷоти расонидан то сарҳад, ки бо асъори миллӣ тибқи қурби муқарраргардида хисоб карда мешавад.

2) Хароҷоти нақлиётии расонидани молҳо аз сарҳад то истгоҳи муайяншуда.

3) Пардохтҳои гумрукӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст (аз ҷумла маблағи аксиз барои молҳои зераксизӣ).

4) Хароҷоти муомилот, аз он ҷумла: а) музди меҳнат ва пардохтҳои иҷтимоӣ; б) хароҷоти нақлиётӣ; в) пардохтҳои суғуртавӣ; г) фоизҳои қарз; д) хароҷоти нигоҳдорӣ; е) корҳои борбардорию борфурорӣ; ж) хароҷоти фурӯш; з) подоши комиссионӣ; и) пардохти барасмиятдарории гумрукӣ; к) дараҷаи фоиданокӣ. Таносуби хароҷоти муомилот нисбати нархи хариди

озод фоизи иловапулии савдоро ташкил медиҳад (6.5/6.1+6,2+6.3+6.4)

5) Маблағи андозҳо (б.4х меъёри андозҳо).

6) Нархи озоди ҳадди ақал (6.1+6.2+6.3+6.4+6.5).

Дар асоси Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз 5 марти соли 2007, №3 танзими нарх (тариф) ба маҳсулот, молҳои (хизматрасониҳои) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон бо мақсади маҳдуд ва пешгирӣ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҷорӣ гардида, барои муҳайё намудани шароитҳои фаъолияти самарабахши бозорҳои мол равона шудааст. Бо мақсади роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва халалдор намудани манфиати дигар субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ амали субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон манъ аст, аз ҷумла:

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо);

-муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳамагуна амалҳои дигар;

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйр надодани нархҳо (тарифҳо) дар музоядаҳо ва савдо;

-зӯран ҷорӣ кардани (дастгирии) нархҳои харид ё савдо, ё дигар шартҳои беадолатонаи муомилот барои гирифтани фоидаи зиёди инҳисорӣ, бо мақсади бартараф намудани рақибон;

-маҳдуд сохтани истеҳсол ё фурӯши молҳо бо мақсади беасос баланд бардоштани нархҳо;

-аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад;

-беасос баланд бардоштани (паст кардани) нархҳои амалкунанда ба маҳсулот, мол (хизматрасонӣ), ки ба онҳо талабот мавҷуд аст;

-вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст;

-муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ;

-ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмокунандагон талабот доранд ё онҳоро фармудаанд, агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад;

-беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад;

-маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

-ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо.

Бо мақсади маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ, роҳ надодан ва барҳамдиҳии рақобат, ҳамчунин халалдор намудани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ, нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ё мавқеи инҳисорӣ доранд, аз ҷониби мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ муайян карда мешавад. Оид ба тағйироти пешбинишудаи нархҳо (тарифҳо) ба маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон вазифадор мебошанд, ки дар мӯҳлати 3 рӯз ба мақомоти ваколатдор иттилоъ расонанд. Дар нархҳо, тарифҳои маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳои) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон арзиши аслӣ, даромаднокӣ ва андозҳои амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Арзиши аслии маҳсулоти субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон ҳамаи хароҷотҳои корхонаро ҷиҳати истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот ба дараҷаи моддаҳои калкулятсионӣ мувофиқи Низомномаи соҳавӣ оид ба калкулятсиякунонии арзиши аслии маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) ба қайд мегирад. Барои танзими нархҳо, тарифҳо субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон ба мақомоти ваколатдор ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

-асоснокии сабабҳо ҳангоми мавҷудияти тағйирёбии сатҳи нархҳо (тарифҳо);

-натиҷаи истифодаи нархҳои амалкунанда ба хизматрасонӣ, андозаи фоидаи (зарари) эҳтимолӣ барои давраи минбаъда;

-калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) бо рамзкушоии тамоми моддаҳои хароҷот;

-сметаи хароҷот ва даромад тибқи воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии махсус, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст;

-маълумотҳои ҳисоботӣ оид ба иҷрои воқеии сметаҳои тасдиқшуда;

-ҷадвали муқоисавии нархҳои (тарифҳои) амалкунанда ва ҷоришаванда.

Дар санадҳое, ки мо қабул намудаеем мафҳумҳои заминавӣ ба монандӣ нарх, тариф, нархгузорӣ, нархи озод, танзими нарх, нархи танзимшаванда (тариф), нархи собитшуда (тариф) ва ғайра ҷой надоранд. Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки чунин мафҳумҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ивлоа карда шаванд. Масалан дар Қонуни Ҷумҳурии Белорус «Дар бораи нархгузорӣ» аз 10 майи соли 1999, №255-З чунин мафҳумҳо пешбинӣ шудаанд:

- нарх - ифодаи пулии арзиши воҳиди мол;

- тариф - ифодаи пулии арзиши воҳиди кор, хизматрасонӣ;

- нархгузорӣ - раванди муқаррар, танзими нархҳо (тарифҳо) ва назорати татбиқи тартиби нархгузории муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд ва дигар шахсони нархгузор;

- нархи озод (тариф) - нарх (тариф), ки дар зери таъсири талабот ва пешниҳод дар шароити рақобати озод ташаккул ёфтааст;

- танзими нархгузорӣ - таъсир ба равандҳои муқаррар ва татбиқи нархҳо (тарифҳо) аз ҷониби мақомоти давлатӣ тавассути қабули чораҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, буҷетӣ ва молиявӣ ва ғайра бо мақсади ба эътидол овардан ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисоди ҷумҳурӣ. Он дар асоси шаклҳои танзими мустақим (маъмурӣ) ва ғайримустақим (тавассути таъсир ба омилҳои ташаккулёбандаи нарх тавассути татбиқи чораҳо дар соҳаи сиёсати пулӣ, андозӣ, тарифӣ) амалӣ карда мешавад;

- нарх (тариф)-и танзимшаванда - нархе (тарифе), ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба танзими нархгузорӣ муқаррар карда шудааст ё аз ҷониби субъекти нархгузорӣ (шахси ҳуқуқӣ, соҳибкор) бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи ин мақомот муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, нархи танзимшаванда (тарофа) метавонад арзиши муқаррарӣ ё маҳдуд дошта бошад;

- нархи (тариф) муқарраршуда - нархи (тарифе) танзимшаванда, ки субъекти нархгузорӣ бо арзиши қатъии ифодаи пулӣ муқаррар кардааст[13] ва ғайра.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон далели он аст, ки баъзаи меъёрии ҳуқуқӣ то ҳадде, танзимкунандаи бозори мол, кор ва хизматрасонӣ мебошад, аммо зарур аст, ки самти танзими ҳуқуқии зиддиинҳисориро бо назардошти давлатҳои хориҷа бояд мукаммал намуд. Масалан, дар Юнон танзими давлатӣ дар соҳаи нархгузорӣ ҳам тавассути муайянкунии мустақими нархҳо ва назорат аз болои риояи онҳо, инчунин тавассути татбиқи сиёсати нарх ва даромад дар марҳилаҳои муайяни рушди кишвар дар доираи сиёсати умумии иқтисодӣ ё дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ мешавад. Дар айни замон нархи тақрибан 20% молҳо ва хизматрасониҳои истеъмолӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ танзим карда мешавад. Асоси ҳуқуқии танзими нархҳо дар Юнон Фармони Президент мебошад, ки ҳамчун Кодекси танзими бозор мебошад. Тибқи муқаррароти ҳамин Кодекс, ҳама молҳо ва хизматҳое, ки таҳти танзими нарх қарор доранд, ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввал аз молҳо ва хизматҳое иборат аст, ки ба салоҳияти ҳукумат ва дигар ташкилотҳои давлатӣ дохил мешаванд. Ба ин молҳо ва хизматҳо маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли оммавӣ (гандум, тамоку, мавиз), тарифҳои барқ, нақлиёти ҷамъиятӣ, алоқа ва почта, интиқоли мусофирони ҳавоӣ ва баъзе дигар хизматрасониҳо дохил мешаванд. Ҳалли масоил дар бораи тағирёбии нархҳои ин молҳо ва хизматҳо ба зиммаи Кумитаи байнивазоратии нарх ва даромад, ки онро вазири иқтисоди миллӣ роҳбарӣ мекунад, супорида шудааст. Ба ин кумита вазирони молия, саноат, кишоварзӣ, савдо, инчунин баъзе вазирони дигар - меҳнат, тандурустӣ ва ғайра шомиланд.

Баррасии тағирёбии нархҳо аз ҷониби кумита бо пешниҳоди вазоратҳои гуногун ва ширкатҳои давлатӣ ё бо ташаббуси худи кумита ё ҳукумат сурат мегирад. Барои молҳо ва хизматрасониҳои категорияи якум ҳадди болоии нархҳо ё фоидаи максималӣ (ба ҳисоби фоиз ё мутлақ) ба фурӯшандаи яклухт ва чакана (корхона) алоҳида муқаррар карда мешавад. Ба ин категория асосан маҳсулоти хӯрокворӣи асосӣ дохил мешаванд, ки барои 10-тои он маҳдудияти болоии нархҳо муқаррар карда шудааст (ду намуди панир, чор навъи нон, як навъи орд ва шакар, ки барои онҳо нархи яклухт муқаррар карда шудааст). Ба ҳамин категория нӯшокиҳои спиртӣ, хизматрасонии тарабхонаҳо, барҳо, снэкҳо (категорияҳои паст), маҳсулоти кишоварзӣ, баъзе намудҳои мошинҳо ва қисмҳои нав барои онҳо, бензин, мазут, сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ, хизмати таксӣ ва ғайра дохил мешаванд. Назорати риояи нархҳои танзимшаванда ва ҷамъоварии маълумотро дар бораи сатҳи нархҳои дар бозор ҳукмфармо аз ҷониби шӯъбаи махсуси Вазорати савдо ба амал меорад. Ин вазорат инчунин хадамоти махсус - полиси бозор дорад, ки ба таври муназзам нархҳо дар бозору мағозаҳоро назорат мекунад. Барои нархҳоро дар сатҳи паст нигоҳ доштан, инчунин афзоиши ҳаҷми фурӯши молҳои истеъмолӣ ва маишӣ, ашёи рӯзгор ва ғайра дар кишвар соле ду маротиба ин молҳо бо нархҳои имтиёзнок фурӯхта мешаванд. Барои вайрон кардани қоидаҳои нарх ё қоидаҳои рақобат Кумитаи рақобат ваколатдор аст, ки дар бораи ситонидани ҷарима дар ҳаҷми аз 300 то 30 ҳазор доллар қарор қабул кунад. Гурӯҳи дуюм молҳо ва хизматҳои дигарро дар бар мегирад. Танзими нархҳоро барои онҳо вазири савдо амалӣ мекунад. Дар айни замон, имкон дорад, ки вазифаҳои иҷроияи онҳоро (пурра ё қисман) ба мақомоти маҳаллӣ супоранд, ки бо вуҷуди ин нақши ёрирасон доранд, зеро қарорҳои онҳо бидуни тасдиқи вазири савдо эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Молҳо ва хизматҳои гурӯҳи дуюм ба се категория тақсим карда мешаванд: 1) "нокифоя", 2) "зарурии басанда", 3) "ночиз". Категорияи дуюм молҳо ва хизматҳои зеринро дар бар мегирад: маводи шустушӯй, баъзе намудҳои ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, гипс, асбест, баъзе намудҳои таҷҳизоти хонагӣ, хизматрасонии таваққуфгоҳ, тарабхонаҳои категорияҳои

олӣ ва муассисаҳои фароғатӣ, нуқтаҳои тозакунии хушкӣ ва ғайра (дар маҷмӯъ 86 намуди молҳо ва хизматҳо). Нархҳои онҳо таҳти танзими начандон шадид қарор доранд ва танҳо ба хотири ҷилавгирӣ аз гирифтани фоидаи изофаи савдо назорат карда мешаванд. Дар ин ҳолат, масъалаи истихроҷи фоидаи барзиёд дар ҳарду ҳолат алоҳида ҳал карда мешавад. Ба категорияи сеюм молҳое дохил мешаванд, ки моли муҳим ҳисобида намешаванд. Нархҳо барои онҳо бидуни иштироки мақомоти давлатӣ озодона ташкил карда мешаванд[14,103].

Дар аввали моҳи октябри соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 631,8 ҳазор субъектони хоҷагидор ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 583,9 ҳазор соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Ин субъектон дар асоси рақобат (мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки дар он амали мустақилонаи ҳар яки онҳо, имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ)-и дахлдор самаранок маҳдуд менамояд) фаъолият менамоянд[15]. Аммо боиси рушд накардани иқтисодиёти кишвар ва болоравии нарх аз инҳисори онҳо (суиистифода кардани субъекти хоҷагидор, гурӯҳи шахсон аз мавқеи ҳукмфармоӣ, созиш ё иҷрои амалҳои мувофиқашудаи худ, ки бо қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудаанд) вобастагӣ дорад. Ҳолати истисноии субъекти хоҷагидор дар он ифода меёбад, ки як субъект дар дасти худ аксарияти истеҳсолот ва муомилоти мол (кор, хизматрасон)-ро қарор дода, онро ба манфиати худ барои ҳукмронӣ аз болои истеъмолкунандагон ва дигар иштирокчиёни бозор истифода мебарад. Дар шароити инҳисор як субъекти хоҷагидор фурӯшандаи (иҷрокунандаи, хизматрасонандаи) ягона мебошад. Барои дохил шудан ба бозор ба дигар субъектон монеа мегузорад.

Аз ин рӯ, зарур аст таҷрибаи қонунгузориии давлатҳои хориҷиро дар худ мавриди татбиқ қарор диҳем. Қонуни зиддиинҳисории ИМА созишномаҳои картелиро ҳамчун яке аз ҷиноятҳои ҷиддие баррасӣ мекунад, ки ҷаримаҳои калон ва ҳабс дар зиндонро пешбинӣ мекунанд. Чунин созишномаҳо худ аз худ ғайриқонунӣ мебошанд. Барои созишномаҳои амудӣ байни рақибон ва сатҳҳои гуногуни раванди истеҳсол ва тақсимот муносибати либералӣ бештар қабул шудааст. Танҳо

созишномаҳое, ки сатҳи нархҳои бозфурӯширо муқаррар мекунанд, ғайриқонунӣ мебошанд. Намудҳои дигари созишномаҳои амудӣ дар асоси «принсипи оқилона» баҳогузорӣ карда мешаванд. Қонунҳои Австралия аксар созишномаҳои нархгузорӣ, бойкотҳо, баъзе созишномаҳои истисноиро манъ мекунанд. Худи ҳамин равиш дар Ҳиндустон низ татбиқ карда мешавад, ки дар он ба шартномаи фурӯши молҳо (ё ягон созишномаи дигар) дохил кардани шартҳои пешбинишудаи нархҳои ҳадди аққали фурӯш манъ аст. Дар Чин натиҷаҳои савдои инҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд ва вобаста ба ҳолатҳо ҷарима таъин карда мешавад. Қонунгузории Иттиҳоди Аврупло дар бораи рақобат созишномаҳои байни корхонаҳо (ё амалияи мувофиқашударо), ки рақобатро маҳдуд мекунанд, манъ ва ба таври худкор беэътибор медонад. Дар Маҷористон (Венгрии) қонуни зиддиинҳисорӣ барои созишномаҳое, ки ба истеҳсолот ё тақсимоти беҳтар, пешрафти техникӣ ё иқтисодӣ ё баланд бардоштани рақобат ё ҳифзи муҳити зист дар шароити муайян мусоидат мекунанд, озодӣ фароҳам меорад[16,127].

Яъне зарур аст аз ин муқаррароти қонунгузорӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» муқаррарот ҷойгир намуд.

Ба андешаи мо муқаарророти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба такмил дорад. Масалан, дар асоси моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 кирдори инҳисорӣ (монополистӣ), ки бо роҳи муқаррар намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ё нархҳои пасти инҳисорӣ содир шудаанд, ҳамчунин маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор, маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархи ягона, бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар: а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар: а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; б) бо несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр бидуни нишонаҳои тамаъҷӯӣ; в) бо сӯиистифодаи мақоми хизматӣ; г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору ҳаштсаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад[17].

Масалан дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия моддаи 178 – маҳдудкунии рақобат ҷой дорад, аммо дар моддаи 185.3. сӯистеъмол (қалобӣ) дар бозор моддаи алоҳада ҷой дорад[18]. Дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии ҶТ ин муқаррарот дар моддаи 306 пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми алоҳида дар бораи паҳнкунии оммавии маълумоти бардурӯғ дар бораи тағирёбии нархҳои чаканаи маҳсулоти аввалия илова карда шуда, шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бо ҷарима ҷазо дода шаванд.

**Адабиёт:**

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2001, №75 «"Масъалаҳои Агентии давлатии сиёсати зиддимонополӣ ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 227 «Дар бораи Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли

1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Душанбе, 2016 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” аз 30 майи соли 2017, № 1417// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 235 "Дар бораи инҳисороти табиӣ"// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, № 34 "Дар бораи реклама"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

8. Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2019 "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инҳисороти табиӣ ва назорати фаъолияти рекламавӣ"; Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2019 "Дар бораи "Тартиби муайян намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ва пасти инҳисорӣ дар бозорҳои хизматрасонии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон""; Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2018, №75 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои

хоҷагидор дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, танзими инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ"; Фармоиш Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №28а "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор"; Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 227; Тартиби баррасии парвандаҳо дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "5" марти соли 2007, №3; Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз "5" марти соли 2007, №3Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

9. Договор стран СНГ от 23.12.1993 "О проведении согласованной антимонопольной политики"// http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_3465.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2019, №574 "Дар бораи тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба назорат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва некуаҳволии инсон (Федератсияи Россия) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

11. Модельный закон Содружества Независимых Государств «О защите конкуренции» от 28 ноября 2014 года, № 41-11// https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31674494.

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, № 287 "Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

13. Закон Республики Беларусь «О ценообразовании» от 10.05.1999 г. №255-З// https://kodeksy-by.com/zakon_rb_o_tsenoobrazovanii.htm.

14. Янович И.С. Антимонопольное законодательство зарубежных стран: общая характеристика// Вестник Московского университета. Серия 11: Право. 2019. № 6. С. 102-112.

15. Число предпринимателей в Таджикистане за восемь лет увеличилось на 75%// https://regnum.ru/news/economy/3076591.html

16. Татаринова С.С. Сравнительная характеристика правового регулирования конкуренции в Российской Федерации и зарубежных странах// Основы экономики, управления и права. 2018. № 2 (2). С. 126-129.

17. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, s. 1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, s.1, мод.986, №12, s.2, мод -’92; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, s.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, s.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №1-2, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод.9.

18. Уголовный кодекс Российской Федерации" от 13.06.1996 N 63-ФЗ// http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/

**Сангинов Дониёр Шомаҳмадович,**
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Абдуллозода Муҳаммади Амонулло,**
унвонҷӯи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

# НАЗАРЕ БА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲО ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Инсоният барои нигоҳдории зиндагии худ ва инкишофи фаъолияташ аз се гурӯҳ захираҳо истифода мебарад: маводҳо, энергия ва иттилоот. Инкишофи тамаддун доимо ин се гурӯҳро ба зиёдшавӣ мебарад ва ин ҳама ба худ муаммоҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Ин муаммоҳо ба сарфи захираҳо ва мутақобилияти гурӯҳҳо байни худ ва муҳити атроф алоқаманд мебошанд. Гурӯҳи энергетикӣ ба мақсади назорат, идоракунӣ ва пешгӯиву тарҳкунии ду гурӯҳи дигар (мавод ва иттилоот) истифода мешавад. Моҳиятан онҳо бе маҳдуд мебошанд, замкунӣ ва истифодаи самараноки маълумот ба мо барои бартараф кардани мушкилотҳое, ки соҳаи гурӯҳҳои энергия ва мавод ба вуҷуд меоранд, ёрӣ мерасонад. Истеҳсолоти маводҳо яке аз истифодабарандагони асосии энергияи фаъолияти зеҳнии инсон дар намуди коркарди технология, сохтани мошин, мол ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи энергетика фаъолияти одамонро ба маводҳои ба онҳо зарурӣ таъмин мекунад [1,3].

Истифодаи энергия дар ҷомеаи имрӯза яке аз унсурҳои муҳими ҳаёт мебошад, зеро ҳаёти инсон бе қувваи энергия (барқ, газ) душвор аст. Воситаҳои гуногуни меҳнат, ошхонаҳо, таҷҳизоти маишӣ, компютерҳо, баъзе воситаҳои нақлиёт – ҳамаи инҳо бе қувваи барқ муътадил кор карда наметавонанд [2,42].

Баъди соҳибистиқлол гардидан, Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаришро аз хоҷагидории марказонидашуда ба усули бозоргонии хоҷагидорӣ амалӣ намуда истодааст. Ин вазифаи

ҳаҷман мураккаб дар шароити бўҳрон ва мушкилоти молиявию иқтисодӣ, гусаста гардидани робитаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар чунин шароит ба даст овардани амнияти иқтисодӣ вазифаи асосии давлат мегардад, ки қисми таркибӣ ва муҳимтарини он амнияти энергетикӣ буда, таъмини интиқоли доимии захираҳои энергетикӣ ва ба таври ниҳой ноил шудан ба истиқлолияти энергетикиро дар бар мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди сўзишворию энергетикӣ мебошад. Қисми асосии захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон (53 %) ташаккул меёбад. Дар сохтори тавозуни сўзишворию энергетикии ҷумҳурӣ захираҳои гидроэнергетикӣ зиёда аз 90 % -ро ташкил медиҳанд. Захираҳои умумии иқтидори гидроэнергетикӣ дар як сол 527 млрд. кВт соатро ташкил медиҳанд. Сатҳи кунунии истеҳсоли қувваи барқ аз иқтидори гидроэнергетикии аз ҷиҳати техникӣ коршоям 6,5%-ро ташкил медиҳад. Захираҳои мавҷудаи кашфшудаи нафт, газ ва гази ғализ дар айни замон камтар аз 1%-и захираҳои умумиро ташкил медиҳанд, ки он ба 1033 млн. тонна баробар аст [3].

Дар асоси моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика" аз 29 ноябри соли 2000, № 33 энергетика соҳаи иқтисодиест, ки ҷустуҷў, истихроҷ, истеҳсол, таҷдид, интиқол, нигаҳдорӣ, расонидан, тақсимот ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ ва энергияро дар бар мегирад [4].

Аввалин санаде, ки дар Тоҷикистон дар соҳаи энергетика қабул шудааст, Қарори Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1993, № 139 "Дар бораи тадбирҳои ҳавасмандгардонии тараққиёти энергетикаи хурд ва истихроҷи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Дар асоси ин Қарор бо мақсади ҳавасмандгардонии истеҳсоли қувваи барқ дар Стансияҳои электрикии обии (СЭО) хурд, истифодаи манбаъҳои ғайримаъмулии энергия ва зиёд кардани истихроҷи ангишт дар корхонаҳои хурд сохтмони СЭО-ҳои хурд дар тамоми иншоотҳои гидротехникӣ мавҷуда ва обанборҳои таъиноти ғайриэлектрикӣ, сарфи назар аз тобеияти идоравиашон, иҷозат дода шуд, пешниҳоди консерни "Тоҷикангиштсанг" оиди дар асоси озмун

таъсис додани корхонаҳои шаклҳои мухталифи моликият дар соҳаи истихроҷу коркарди ангишт дар конҳо қабул гардид [5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика" аз 29 ноябри соли 2000, №33 аввалин қонуни соҳаи энергетика мебошад, ки дар дарони истиқлолият қабул гардида, мақсади он таъмини ҳуқуқии сиёсати давлати дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси механизмҳои бозоргонӣ, институтсионалӣ ва иттилоотӣ ба хотири тараққиёти боэътимодии он ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия иборат аст. Дар асоси моддаи 4 Қонуни мазкур мақсадҳои асосии давлат дар соҳаи энергетика аз инҳо иборат аст: таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳурӣ ба захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ ва кафолати амнияти энергетикии кишвар; таъмини ҳифзи муҳити зист ва аҳоли аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи энергетика; муҳайё намудани шароити зарурӣ барои пайгирона гузаштани энергетика ба муносибатҳои бозоргонӣ, ҷалб намудани сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ ба он, ба корхонаҳои энергетики додани мустақилияти иқтисодӣ ва таъмини тараққиёти онҳо дар асоси рақобати бозоргонӣ; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар асоси ҷори намудани технологияҳои пешқадам, сарфаҷӯии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани хароҷоти нисбии захираҳои энергетикӣ дар истеҳсоли маҳсулоти умумии миллӣ.

Дар айни ҳол дар баробари санадаҳои зикршуда чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи энергетика дар Тоҷикистон мебошанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафт ва газ" аз 18 марти соли 2015, №1190; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия" аз 19 сентябри соли 2013, №1018; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ангишт" аз 3 июли соли 2012, №870; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия" аз 12 январи соли 2010, №587; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт"

аз 30 июли соли 2007, №309 ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерқонунӣ [6].

Масалан дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, № 329 "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инҳисороти табиӣ", моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва бо мақсади мусоидат намудан ба рушди соҳаи электроэнергетика, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарифҳои неруи барқ ва гармӣ, ки аз ҷониби ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" ба истифодабарандагон интиқол дода мешавад (ба истиснои корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи Тоҷик"), тасдиқ намуд [7].

Рушди шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи энергетика зарурати объективии тағйир додани муносибатҳои мавҷударо дар соҳаи энергетика таъкид намуда, сохтори дақиқи ташкилию ҳуқуқиро талаб мекунад. Гузариш аз системаҳои идоракунии амудии ҳамгирошуда ба бозорҳои миллии нерӯи барқ дар кишвар раванди тӯлонӣ буд, ки дар якчанд марҳила сурат гирифт. Барои таъмини фаъолияти бозори энергетикӣ савдои мутамаркази ташкилотҳои инфрасохторӣ (система, шабака, операторон) зарур аст.

Умуман таҳлили ҳолати соҳаҳаи энерегетика нишон медиҳад, ки дар даҳ соли охир дар ҷумҳурӣ тамоюли манфие ба вуҷуд омадааст, ки бо сабабҳои зерин вобастагӣ доранд: паст гардидани сатҳи эътимоднокии кори таҷҳизот дар тамоми соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ, аз ҷумла манбаъҳои ҳосилкунандаи қувваи барқ, хатҳои интиқоли барқ, системаҳои хатти қубури таъминоти газ вобаста ба фарсудашавии таҷҳизоти асосӣ; паст гардидани захираҳои зарурии умумии иқтидори истеҳсоли қувваи барқ, гармӣ, истихроҷи газ, нафт ва ангишт; кам шудани ҳаҷҷми интиқоли мутақобилаи захираҳои энергетикӣ; якбора кам шудани корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ва ҳаҷми истихроҷу коркарди захираҳои энергетикӣ; вуҷуд надоштани сармоягузориҳо барои барқарор ва рушду, соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ; истифодаи ғайриоқилона ва ғайрисамарабахши захираҳои энергетикӣ аз ҷониби

истифодабарандагони тамоми гурӯҳҳо; пардохта нашудани маблағҳо барои қувваи барқ ва гази истифодашуда дар дохили ҷумҳурӣ.

Рафъи тамоюли манфии зикргардидаро дар ҷумҳурӣ мустақилона амалӣ намудан ғайриимкон аст. Қабул намудани фаъолияти мувофиқашударо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Евразия дар соҳаи рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ барои мӯҳлати наздиктарин ва оянда талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати энергетикии дар ҷумҳурӣ татбиқшаванда, баланд бардоштани ҳамгироии робитаҳои энергетикиро пешбинӣ мекунад. Татбиқи сиёсати мақсаднок дар соҳаи базаи меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва такмили он дар ояндаи пешбинигардида ҳалли вазифаҳои зайлро дар бояд дар назар дошта бошад: такмил додани қонунгузорӣ барои ҳаракати озоди сармоя, захираҳои меҳнатӣ ва таҷҳизоти технологӣ дар байни комплекси сӯзишворию энергетикии давлатҳои шарик; таҳия ва истифодаи самараноки механизмҳои муносибатҳои мутақобила дар бозорҳои мамлакатҳо бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилаи давлатҳои шарик; мусоидат ба таъсис ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ширкатҳои байнидавлатии сӯзишворию энергетикӣ, корпоратсияҳо ва консорсиумҳо; таҳияи механизми ҳалли масъалаҳои нопардохтҳои мутақобила дар энергетика, аз ҷумла дар асоси созишномаҳои клирингӣ, векселӣ, ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила ва созишномаҳо доир ба моликияти муштарак.

**Адабиёт:**

1. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ // Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 200 саҳ.

2. Мирзоев С.А. Танзими ҳуқуқии соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Қонунгузорӣ. - № 4 (24). 2016. - Саҳ. 42-45.

3. Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2003-2015 аз 3 августи соли 2002, № 318// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.10.2021 с.).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика" аз 29 ноябри соли 2000, № 33// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2000, №11, мод.504; с. 2005, №12, мод.633; с.2007, №6, мод.436; №7, мод.672; с.2009, №9-10, мод.549; с.2011, №6, мод.440, с.2013,№ 1054.

5. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1993, № 139 "Дар бораи тадбирҳои ҳавасмандгардонии тараққиёти энергетикаи хурд ва истихроҷи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.10.2021 с.).

6. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафт ва газ" аз 18 марти соли 2015, №1190, "Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия" аз 19 сентябри соли 2013, №1018, "Дар бораи ангишт" аз 3 июли соли 2012, №870, "Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия" аз 12 январи соли 2010, №587, "Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт" аз 30 июли соли 2007, №309.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" аз 22 июни соли 2019, № 329 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.10.2021 с.).

**Кабутов Эрадж Давламатович**, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ, кандидат юридических наук

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ТОРГОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Отказ от планово-приказной экономики в пользу свободного рынка не мог не затронуть основные механизмы заключения гражданско-правовых договоров хозяйствующими субъектами. Одним из самых сложных, но при этом довольно эффективных способов заключения договора являются торги.

Практика их использования расширяется год от года, торги стали применяться в самых разных сферах общественных отношений - как публичных так и частных.

Вместе с тем правовое регулирование процедуры торгов остается фрагментарным, действующее законодательство не содержит общих норм, устанавливающих принципы и правила проведения торгов. Одно только отсутствие четкой правовой регламентации оснований для признания торгов недействительными привело к увеличению количества случаев судейского усмотрения при разрешении подобных споров. Такое положение дел вряд ли оправданно.

Огромная значимость торгов для развития современной экономики, во многом неудовлетворительная практика их проведения, разрозненное законодательное регулирование, множество вопросов, касающихся механизма торгов, их сочетания с другими институтами гражданского права, пока что не имеющих четких ответов в отечественной науке, предопределили выбор диссертантом темы исследования.

На основе Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года от 1 декабря 2016 года, №636 мировая экономика вступает в период замедления роста, которое затрагивает крупнейших торговых, экономических и инвестиционных партнеров Таджикистана. Происходит изменение траектории их развития, что создает новые проблемы и открывает дополнительные возможности для дальнейшего развития экономики Таджикистана. В этих условиях сохранение устойчивых темпов экономического роста, обеспечение диверсификации и конкурентоспособности национальной экономики предстают наиважнейшими задачами. В то же время, сегодня страна нуждается в новой модели развития, основанной на стимулировании инвестиций и новых технологий в реальный сектор экономики (РСЭ), политике продуктивной занятости, ресурсообразующей финансовой системе и, самое главное, адекватном инвестиционном климате. Именно эти сектора в ближайшие годы будут определять качество будущего роста и направления структурных реформ, направленных на повышение эффективности использования национального богатства, представленного человеческим, природным, физическим и

финансовым капиталом[1].

В своем выступление Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон на Международном Форуме Предпринимателей 2018 года под лозунгом “Развитие предпринимательства, инвестиций и современные тенденции экономики” отметил, что Правительство Таджикистана с самого начала обретения независимости проводило политику «открытых дверей», и с каждым годом прямое экономическое и торговое сотрудничество со странами мира расширяется. Наша цель, прежде всего, способствовать инвестиционному климату для ведения эффективного экономического предпринимательства наших отечественных и иностранных предпринимателей и соответствовать международным критериям. Экономическое пространство Таджикистана всегда открыто для всех инвесторов, которые создают рабочие места, оказывают услуги на отечественном и зарубежном рынках, соблюдают национальные законы, для таких инвесторов предусмотрен пакет экономических и административных льгот. Вместе с тем необходимо разработать обоснованные проекты, которым будет уделяться особое внимание. На основе анализа и наблюдений было выявлено, что многие проекты, которые сегодня предоставляются инвесторам, имеют серьёзные недостатки, с технической и экономической стороны не обоснованы. Многие проекты не прошли маркетинговые исследования, в них отсутствуют возможности рыночного спроса на товары и услуги, нет информации о возврате инвестиций. Однако многие решения инвесторов основываются на возврате своих денег и средств[2].

Научное исследование видится актуальным также в свете последовательной государственной политики в области гармонизации законодательства о размещении публичных заказов и перехода к федеральной контрактной системе с тем, чтобы обеспечить высокое качество исполнения государственного заказа и препятствовать формированию

---

[1] Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года от 1 декабря 2016 года, №636. Душанбе, 2016. С.60.

[2] Выступление Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон на Международном Форуме Предпринимателей 2018 года под лозунгом “Развитие предпринимательства, инвестиций и современные тенденции экономики” от 15.10.2018 г.// http://www.prezident.tj/ru/node/18702.

неоправданно высоких цен и коррупционных схем.

Теоретические проблемы правового регулирования торгов в Республике Таджикистан до настоящего времени не были предметом изучения ученых-юристов на монографическом уровне.

Некоторые аспекты социально-культурных услуг стали объектом изучения следующих таджикских ученых-юристов: А.М. Диноршоева[1], А.В. Золотухина[2], Ш.М. Исмоилова[3], М.А. Махмудова[4], Ш.М. Менглиева[5], П.З. Мирзоева[6], В.А. Ойгензихта[7], М.З. Рахимова[8] Д.Ш. Сангинова[9] и др.

Некоторые аспекты правового регулирования торгов были разработаны в следующих монографических работах зарубежных

---

[1] См.: Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. - Душанбе, 2015. - 189 с.; Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина по Конституции Республики Таджикистан. - Душанбе, 2015. – 184 с.

[2] См.: Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2016. - 316 с.

[3] См.: Исмаилов Ш.М. Вопросы совершенствования правового статуса субъектов предпринимательской деятельности // Евразийский юридический журнал. - 2015. - № 8 (87). - С. 126-130.

[4] См.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / дар зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Маҳмудов М.А. - Душанбе: Эр-граф, 2004. - 600 саҳ. (ҳаммуаллиф); Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Шарқи озад, 2010. - 520 саҳ. (ҳаммуаллиф).

[5] См.: Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. - Душанбе: Истеъдод, 2011. - 696 с.

Безусловно, косметология ушла далеко вперед от значительных наработок древних специалистов. В арсенале современных косметологов великое множество методик для решения проблем самого разного характера. Находя в своей внешности любые неприятные черты, не стоит впадать в уныние или становиться заложником комплексов. Большинство проблем с кожей лица или тела, формой губ или носа, наличием лишнего веса или жировых отложений в ненужных местах можно решить, обратившись к специалисту. А некоторые из косметологических проблем являются сигналом к обязательному обращению к врачу.

Наиболее распространенной причиной обращений в косметологический кабинет или клинику молодых людей становится угревая сыпь. Она может одолевать, кстати, не только

молодых, но и зрелых людей. Не уступают по количеству обращений прыщи, угри и пигментные пятна.

Не стоит бороться с проблемой своими силами, если реальный результат не виден в течение длительного времени. Правильно подобранное лечение, курс специальных процедур и рекомендации по правильному питанию позволят быстро избавиться от угрей и прыщей надолго. Пигментные пятна не устранить уходом за кожей или диетой. Но специалист обязательно подскажет Вам вариант решения и этой проблемы.

Еще один повод для визита к косметологу – целлюлит. Некрасивая апельсиновая корка на самых привлекательных дамских местах может появиться в совсем юном возрасте. Заявления, что современная косметология не знает способа борьбы с этим дефектом, не обоснованы! Хороший специалист поможет избавиться от целлюлита надолго и за короткий промежуток времени.

Если красоту Вашего лица и тела портят рубцы или шрамы, не спешите опускать руки. Косметолог поможет сделать эти отметины практически незаметными, ускорит их заживление. Бородавки – также не повод для расстройства. С помощью современных методов они удаляются быстро и не оставляют следа.

Чрезмерное оволосение тела, а в большей степени лица, служит обязательным сигналом для визита к специалисту. Во-первых, это может свидетельствовать о каких-либо гормональных нарушениях в организме, а во-вторых, быстро становится реальной проблемой. Многочисленные способы эпиляции позволят избавиться от нежелательных волос в любой части тела как на определенный продолжительный срок, так и навсегда.

Люди среднего возраста среднего и высокого уровня достатка – наиболее сознательная часть посетителей косметологических кабинетов. Сегодня с проблемами старения к врачам обращаются не только женщины, но и мужчины. И это правильно! Ведь если начать заботиться и тщательно ухаживать за кожей как можно раньше, использовать те методы, которые порекомендует Вам специалист, Ваше лицо и тело будут оставаться привлекательными до глубокой старости (если конечно так можно сказать о человеке, который и в 70 лет свеж лицом и бодр душой).

Перечень косметологических процедур, применяемых специалистами, достаточно велик. Каждый из методов разработан для решения определенной проблемы и проявляет высокую эффективность в определенных ситуациях. Некоторые методы до сих пор являются темой для споров противников и сторонников. Однако последних с каждым годом становится все больше. И в этом – главное достижение косметологии как науки.

**Литература:**

1. Большая российская энциклопедия : [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов. — М. : Большая российская энциклопедия, 2004—2017.

2. Косметология в семейной клинике Гайде// https://guideh.clinic/kosmetologiya/.

3. Косметология – древнейшая наука о красоте// https://artmediaclinic.ru/useful/articles-cosmetology/kosmetologija-drevnejshaja-nauka-o-krasote/.

**Бойбобоев Р.У. – магистр кафедры предпренимателсього и коммерческого права юридического факултета ТНУ**

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ТУРИЗМА

Главной целью образовательного туризма является получение знаний и удовольствия от отдыха. Вспомогательными целями могут выступать деловые контакты, получение новых впечатлений, приятных знакомств, желание познакомиться с культурными ценностями принимающей стороны и др.

Образовательный туризм требует высокопрофессионального подхода, поскольку данный вид туризма включает в себя организацию образовательных путешествий для всех возрастных групп. В связи с этим для детей организовано проживание в семьях местных жителей, что позволяет контролировать ребенка, если он путешествует один. Для других возрастных групп существуют различные гостиницы, отели, резиденции и другие места проживания. По желанию туриста размещение может быть предоставлено и в семье.

Образовательный туризм в наши дни в основном проходит в рамках культурного обмена. Использование образовательных туров проходит либо в маленьких группах, либо в индивидуальном порядке. Образовательный туризм направлен на: становление и развитие личности;

- обмен информацией;

развитие международных связей;

- углубление знаний о стране пребывания.

Образовательный туризм - один из наиболее популярных видов путешествий. Данный сегмент туристического рынка наиболее востребован за границей. В особенности на островных государствах, поскольку дает возможность приносить хорошую прибыль и обеспечивать местное население работой.

Как отмечает большое количество исследователей, понятие «образовательный туризм» долгое время имело достаточно размытые границы. Познавательные и образовательные путешествия представляли как один общий вид туризма. Граница существующих различий стиралась, и только в начале XXI в. было дано четкое разделение понятий образовательного и познавательного туризма.

Образовательный туризм - это путешествия с целью углубить знания в интересующих индивида сферах, с возможностью получить диплом, сертификат или иной документ, удостоверяющий подлинность полученной квалификации. Также хотелось бы отметить, что это высоко мотивированное путешествие. Для многих людей образование является достаточно сложной проблемой. Но благодаря образовательному туризму можно легко и быстро усвоить необходимые знания по различным предметам.

Образовательный туризм определяется как «поездки отдельных индивидов или их групп в определенные регионы и страны с целью получения образовательных услуг по определенным программам». В настоящее время образовательный туризм представляет достаточно перспективный и быстро развивающийся сегмент туристского рынка. Выделяются следующие виды образовательного туризма:

- ориентированный на изучение иностранных языков;
- ориентированный на обучение различных видов спорта;
- профессиональное обучение.

**Содиков Ш.Р. – магистр кафедры предпренимателського и коммерческого права юридического факултета ТНУ**

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ГРУППОВОГО ТУРИЗМА

Групповые туры — это туры, которые организуются по групповым заявкам. Как правило, групповые туры не имеют фиксированной даты и стоимости, тур рассчитывается на дату указанную заказчиком и на указанное число туристов. Заказчик имеет возможность изменить программу проведения группового тура, убрать или включить дополнительные экскурсионные объекты, заказать дополнительное питание или проживание в других гостиницах.

Заявки на групповые туры могут быть получены от турфирм (турагентств), от коммерческих или государственных организаций. Групповые туры пользуются спросом у школ, ВУЗов, профсоюзов, крупных компаний организующих отдых и экскурсионное обслуживание для своих сотрудников.

В большинстве случаев действует правило — чем больше группа, тем дешевле стоимость тура в расчете на одного человека. Туроператор обычно работает на договорных условиях с музеями, экскурсионными объектами, транспортными компаниями, гостиницами, и т.д, поэтому стоимость групповых заявок может быть ниже чем при индивидуальном заказе. В некоторых случаях, индивидуальное обслуживание полностью исключено, например, при заказе бала в Елагиноостровском дворце группа не может быть менее 10 человек.

Групповой тур могут заказать и частные лица — при условии, что они самостоятельно соберут группу туристов и заблаговременно оплатят тур. Если вы являетесь частным лицом и желаете заказать групповой тур — обратитесь к вашему руководству по месту работы, предложите своим друзьям и знакомым, используйте для этого возможности форумов, клубов по интересам и социальных сетей (ВКонтакте, Одноклассники, и т.п). В этом случае ваша работа по организации тура и сбору туристов может быть компенсирована скидкой или бесплатным

обслуживанием для вас, либо дополнительной скидкой на всю группу, возможны и другие способы поощрения.

**Яров С.А. – магистр кафедры предпренимателського и коммерческого права юридического факултета ТНУ**

# ПРАВОВАЯ ОСНОВА ЕКСИКУТИВ СИРЧА (EXECUTIVESEARCH) КАК ВИДА УСЛУГ В СФЕРЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Executive search — это технология поиска управленцев высшего звена. В разных агентствах порядок действий может различаться, но есть «золотой стандарт»:

I. Изучение отрасли, бизнеса и задачи клиента.
II. Составление стратегии поиска.
III. Реализация стратегии поиска.
IV. Общение с кандидатами и их оценка.
V. Организация переговоров кандидата и клиента — агентство выступает в роли посредника, медиатора.
VI. Согласование оффера.
VII. Сопровождение сотрудника на новом месте работы.

Для Executive search характерно четкое разделение ролей: одни сотрудники общаются с клиентами, другие — с кандидатами, третьи занимаются ресерчем, четвертые исследуют рынок, их задача максимально глубоко все «прокопать». А в классическом подборе все эти функции обычно выполняет один человек — рекрутер. Иногда ему в помощь выделяют ресерчера, который работает не самостоятельно, а на подхвате.

Чем Executive search отличается от хедхантинга. Этот вопрос звучит примерно как «Чем ремонт отличается от дрели?». Суть в том, что Executive search — услуга, а хантинг — это инструмент. Хантинг применим практически во всех сферах подбора, даже в массовом найме. Если упростить, то этот инструмент работает примерно так: на закрытом рынке находим человека, который не ищет работу, и уговариваем его откликнуться на вакансию.

Чтобы профессионально заниматься Executive search, недостаточно уметь хантить. Это даст вам только 20%

необходимых навыков — остальные 80% лежат в другой плоскости.

Руководящие позиции можно закрывать и благодаря теплым кандидатам. При этом важно, чтобы агентство действовало в интересах клиента, а не пыталось упростить себе работу. То есть консультант:

I. понял задачу бизнеса,
II. сравнил «теплого» кандидата с другими на рынке;
III. разобрался, чем он лучше остальных;
IV. выбрал кандидата как наиболее подходящего под задачи клиента, а не потому что тот свободен и его проще уговорить.

Иногда критерий «теплоты» становится определяющим, и это нормально. Например, заказчику нужно срочно закрыть вакансию, а кандидат свободен и готов быстро приступить к работе. По критерию срочности он лучший, а по другим показателям достаточно хороший, чтобы справиться с задачами.

**Исмонализода Сайвалӣ Исмонали-**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ**
**ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

## НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ АЗ РӮИ СИННУ СОЛ

Дар асоси қисми 3 моддаи 1 Конститутсия ҶТ давлати иҷтимои буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишоф озодонаро фароҳам меорад. Дар баробари ин дар моддаи 39 Конститутсия пешбини шудааст, ки ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маюбӣ, гум кардани қобилияти корӣ, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъминоти иҷтимоӣ дорад[1]. Аз инру як намуди таъминоти иҷтимоӣ ин нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол мебошад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Душанбе, 2016.

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи бемори, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пиронсолӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад.

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, кор мекунанд, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад[1].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи Қонуни мазкур бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоиро нисбати шахсони зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ба ақидаи Д.Ш. Сангинов, Н. Шонасридинов, Э. Д. Кабутов, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол- ин пардохти умрбоди моҳона аз ҳисоби мабалғҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сифати сарчашмаи асосии шахсони ба синни муайян расида ва дорои собиқаи кории зарурӣ хизмат мекунад[2].

Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни ҶТ дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ нафақаи суғуртавӣ - пардохти пулие, ки

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», аз 13 декабри соли 1997, №517.
[2] Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н., Кабутов Э.Д. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. С-45.

барои шахси суғурташуда дар низоми давлатии суғуртаи нафақавӣ таъин гардидааст.

Собиқаи суғуртавӣ - даврае, ки шаҳрванд ё корфармо бо тартиби муқарраргардида саҳмҳои суғуртавиро пардохт намудааст ва он дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба назар гирифта шуда, барои таъин ва пардохти нафақа ҳуқуқ медиҳад[1].

Тавре ки дар боло зикр кардем нафақаи суғуртавӣ ба шахсоне таъин ва пардохт карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомати доимӣ доранд ва  саҳмҳои суғуртавӣ барои нафақаи суғуртавӣ барои  онҳо дар тули фаъолияти ҳаётӣ ба ҳисоби мақомоти давлатии суғуртаи иҷтимоӣ пардохт шудааст.

Ба сифати нишондиҳанда барои ҳисоби андозаи камтарини қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ, нафақаҳои иҷтимоӣ ва иловапулиҳо ба ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ қонунгузорӣ нафақаи заминавиро пешбинӣ намудааст, ки он ҳамчун танзимкунандаи пардохтҳои зикршуда хизмат мекунад.  Андозаи нафақаи заминавиро Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон муқаррар менамояд[2].

Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ҳамчун намуди таъминоти иҷтимоӣ аз дигар пардохтҳо бо чунин нишонаҳо фарқ мекунад:

– умрбод таъин карда мешавад;

– ҳуқуқ ба он ба собиқаи меҳнатӣ (суғуртавӣ) вобаста аст;

– ба шахсе дода мешавад, ки ба синни бо қонун муқарраршуда расидааст ва аз иҷрои уҳдадориҳо аз руи саҳми суғурта барои тамоми давраи он аз ҷониби суғурта кунандагон (корфармоён) ё бевосита аз ҷониби шахсони суғурта шуда иҷро шудааст[3].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз 12 январи соли 2010 № 595.

[2] Маҳмадуллозода Н.Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашрияи Нур», 2020. С-146.

[3] Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н., Кабутов Э.Д. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. С-45.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» намудҳои зерини нафақаҳои суғуртавиро муқарар намудааст:

- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол;

- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ;

- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон.

Таркиби нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ва маъюбӣ аз қисмҳои суғуртавӣ ва захиравӣ иборат мебошад.

Қисми суғуртавии нафақа - қисми асосии нафақа, ки вобаста ба ҳаҷми сармояи шартии нафақавӣ, ки дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба қайд гирифта шудааанд, ба шахси суғурташуда муқаррар карда мешавад.

Қисми захиравии нафақа - қисми нафақаи суғуртавӣ, ки вобаста аз ҳаҷми захираҳои инфиродии нафақавии шахси суғурташуда муқаррар гардида, аз рӯи маълумоти дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда мавҷудбуда ҳисоб карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол барои мардҳо ҳангоми расидан ба синни 63 ва барои занҳо ҳангоми расидан ба синни 58 аз рӯи шартҳои аз ҷониби суғуртакунандаҳо (корфармоён) ва ё бевосита аз ҷониби худи шахсони суғурташаванда ичрои ӯҳдадориҳо оид ба пардохти саҳмҳои суғуртавӣ ва мавҷуд будани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ барои мардҳо ва на камтар аз 240 моҳ барои занҳо, таъин карда мешавад. Дар баробари ин ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд ва доимӣ истиқомат мекунанд, нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол таъин карда мешаванд:

- ба мардҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

- ба занҳо - пас аз расидан ба синни 48 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ[1].

Асосҳое, ки боиси бавуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо (аз як тараф шахси суғурта шуда ва аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдори таъминоти нафақа) оид ба таъминоти нафақаи суғуртавӣ аз руи сину сол мебошад- ин расидан ба синни 63 барои мардҳо ва 58 барои занон муайян шудааст. Қонунгузорӣ ду шарти асосиро, яке пардохти ҳатмии саҳми суғуртавӣ ва доштани собиқаи суғуравии дахлдорро муқаррар намудааст, ки дар сурати мавҷудияти онҳо  шахси ба синни муқаррашуда расида,  ба таъминоти намуди нафақаи суғуртавӣ аз руи синну сол  ҳуқуқ пайдо менамояд[2].

Қонунгузорӣ ба баъзе категориҳои шахсон вобаста ба шароити ҷои иқомат ва ҷои кор барои пайдо намудани ҳуқуқ ба таъминоти нафақаи суғуртавӣ аз руи сину сол имтиёзҳо пешбинӣ намудааст:

а) шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 58 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ, ва на камтар аз 120 моҳи он дар ноҳияи Мурғоб;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ ва на камтар аз 96 моҳи он дар ноҳияи Мурғоб;

б) шахсони гирифтори касалиҳои нанизми гипофизарӣ (лилипутҳо) ва паканаҳои номутаносиб:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 48 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 43 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ;

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз 12 январи соли 2010 № 595.

[2] Маҳмадуллозода Н.Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашрияи Нур», 2020. С-147.

в) маъюбони гурӯҳи I аз рӯи биноӣ:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 43 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 120 моҳ;

г) иштирокчиёни рафъи оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 58 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

д) занҳое, ки 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 солаги тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб доранд ва ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд, дар сурати собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ доштан ҳуқуқи ба нафақа баромаданро пас аз расидан ба синни 53 солаги доранд[1];

е) занҳое, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор ва доимӣ истиқомат карда, 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 солаги тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб дошта, ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд, дар сурати собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ доштан ҳуқуқи ба нафақа баромаданро пас аз расидан ба синни 43-солаги доранд[2].

Ҳисоби собиқаи суғуртавӣ барои таъини нафақаи суғуртавӣ - барои муайян намудани ҳуқуқ ба нафақаи суғуртавӣ дар собиқаи суғуртавӣ давраҳои фаъолияти корие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар ин муддат шахси суғурташуда (ё ба ҷои ӯ) саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавиро супорида бошад.

---

[1] Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н., Кабутов Э.Д. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. С-46-47.

[2] Маҳмадуллозода Н.Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашрияи Нур», 2020. С-148-149.

Собиқаи суғуртавӣ аз рӯи моҳи пурра ба ҳисоб гирифта мешавад. Моҳи собиқаи суғуртавӣ моҳи тақвимие дониста мешавад, ки (барояш) шахси суғурташуда (ё ба ҷои ӯ) саҳмҳои суғуртавӣ супоридааст ва маълумот дар бораи музди меҳнати (даромади) моҳи мазкур пешниҳод гардидааст.

Ба собиқаи суғуртавӣ ҳангоми таъини нафақаи суғуртавӣ дар баробари давраи корӣ ё фаъолияте, ки дар тӯли он мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмҳои суғурта супорида шудааст, инчунин давраҳои фаъолияте ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар давоми он саҳмҳои суғурта супорида нашудааст, аз он ҷумла[1]:

- давраи хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва хизмати дигари ба он баробаркардашуда тибқи даъват;

- давраи гузаштани таҳсил дар шӯъбаи рузонаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус, дар мавриди мавҷуд будани собиқаи меҳнатӣ (суғуртавӣ) на камтар аз панҷ соли баъди анҷоми таҳсил;

- таҳсил бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дар курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзии мутахассисон, ординатура, аспирантура ва докторантура;

- давраи гирифтани кӯмакпулӣ аз рӯи бекорӣ, аммо на бештар аз 24 моҳ дар тамоми давраи фаъолияти меҳнатӣ;

- давраи фарзандони хурдсолро нигоҳубин кардани падар ё модаре, ки муваққатан кор намекунанд, аммо то ба синни 3 расидани ҳар як кӯдак вале дар маҷмӯъ на бештар аз 60 моҳ**;**

- давраи нигоҳубини маъюби гурӯҳи I ё кӯдаки маъюби то 18-сола, ки ба нигоҳубини шахси дигар эҳтиёҷ дорад, инчунин давраи нигоҳубини пиронсоли яккаву танҳои ба синни 80 расида;

- давраи дар маҳбас будани шахсоне, ки беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, беасос таъқиб гардидаанд ва баъдан сафед карда шудаанд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз 12 январи соли 2010 № 595.

Давомнокии давраи бе пардохти саҳмҳои суғурта ба собиқаи суғуртавӣ дохилшуда, ба истисנои талаботи пешбининамудаи сархатҳои шашум ва ҳафтуми қисми 3 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», дар маҷмӯъ набояд аз 60 моҳ зиёдтар бошад.

Собиқаи суғуртавӣ дар асоси маълумоти ба суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда воридгардидаи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва маълумоти пешниҳоднамудаи корфармо ё супорандаи саҳмҳои суғуртавӣ ҳангоми баҳисобгирии инфиродии шахсӣ ҳисоб карда мешавад.

Тавре ки маълум аст ҳуқуқ ба нафақаи суғуртавӣ аз руи синну сол ба собиқаи суғуртавӣ вобаста мебошад[1]. Дар асоси қонунгузории амалкунанда андозаи нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра наметавонад аз андозаи 100 фоиз ва бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра аз андозаи 70 фоизи нафақаи заминавии муқарраршуда кам бошад. Нафақаи суғуртавӣ бо собиқаи суғуртавии нопурра ба шахсоне, ки ба гирифтани нафақаи пурраи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд, вале дар маҷмӯъ собиқаи суғуртавии пардохтшудаи на камтар аз 60-моҳа доранд, таъин карда мешавад[2].

**Рӯйхати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва адабиётҳои истифодашуда:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Душанбе, 2016.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз 12 январи соли 2010 № 595.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», аз 13 декабри соли 1997, №517.

[1] Маҳмадуллозода Н.Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашрияи Нур», 2020. С-146.

[2] Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н., Кабутов Э.Д. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. С-49.

4. Маҳмадуллозода Н.Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашрияи Нур», 2020. 445с.

5. Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н., Кабутов Э.Д. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. 256с.

6. Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов Н. Душанбе, 2010. 400 с.

**Абдулхайри Ҳ. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

## ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИ ВА ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНӢ ВА РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТУРИСТӢ

Туризм дар замони муосир дар тамоми ҷаҳон чун зуҳуроти ҷамъиятие қабул карда шудааст, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ворид шуда, ба яке аз омилҳои муҳимтарини иқтисодӣ мубаддал гаштааст. Вай аз диди иқтисодӣ дар шакли хизматрасониҳои муайян зоҳир мегардад ва таъсири арзиши истеъмолии дар манфиат ё арзиш (самари нафъовар) ифодаёфтаро ифода менамояд, ки эҳтиёҷоти мувофиқи инсонро қонеъ мегардонанд. Амали ин гуна хизматрасониҳо ҳам бевосита ба худи инсон ва ҳам ба шароите нигаронида шудааст, ки инсон дар онҳо қарор дорад.

Замони истеҳсоли (пешниҳод кардани) хизматрасониҳо бо давраи истеъмоли онҳо рост меояд. Ба шумори хизматрасониҳо мансуб мебошанд, масалан, фурӯши роҳхатҳои туристӣ, дигар кардани макони ист, ҷойгиркунонӣ ва хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, таъмини хурок, ташкили консертҳо, тамошои маконҳои диданӣ ва дигарҳо. Хизматрасонӣ чун моли ба истеъмолкунанда пешкашшаванда дорои арзиши истеъмолӣ ва арзиш мебошад. Бузургии арзиши хизматрасонӣ бояд ба маблағи

масрафҳои меҳнати ҷамъиятии барои истеҳсоли он зарурбуда мувофиқат намояд.

Меҳнат дар соҳаи хизматрасониҳои туристӣ ҷиҳатҳои хос дорад ва аз фаъолияти кормандони дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт машғулбуда тафовут дорад[1].

Туризм бо як қатор ҷиҳатҳои танҳо ба соҳаи мазкури иқтисодӣ хосбуда фарқ мекунад, ки аз хусусиятҳои хизматрасониҳои дар корхонаҳои туристӣ пешкашшаванда бармеоянд. Вобаста ба ин нишон додани таъсири хусусиятҳои хизматрасониҳои туристӣ ба идоракунии корхонаи туристӣ, инчунин муайян кардани амиқӣ ва самтҳои рушди олоти идоракунӣ муҳим аст, то ки масъалаҳои ҳалталаби ба идоракунӣ ва рушди ин соҳа хосбуда ба таври дуруст ҳал карда шаванд.

Ҷиҳати муҳими саноати туристӣ чун объекти идоракунӣ дар хусусияти маҳсулоти туристӣ, ғайриимкон будани ҷудошавии вай аз манбаи бунёдшавии мушаххас зоҳир мегардад. Агар моли моддӣ тавонад ки аз истеҳсолкунандаи худ мустақилона вуҷуд дошта бошад, пас хизматрасонии туристӣ наметавонад аз манбаи бунёшавии худ ҷудо карда шавад. Ғайр аз ин, вай наметавонад, ки ғарам карда шуда, дар анбор чун захира нигоҳ дошта шавад.

Яке аз ҷиҳатҳои хоси туризм дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми фурӯши хизматрасонии туристӣ нақши ҷиҳати шахсият баланд мегардад, бино бар ин, дар менеҷменти саноати туристӣ бояд диққати калон ба идоракунии кормандон ва ташкили мусоиди муносибатҳои байнишахсӣ равона шавад[2].

Ҷиҳати хоси дигари туризм ин таъсири калон ба раванди вай аз ҷониби истеъмолкунандагони манфиатдор мебошад. Корхонаи туристӣ дар иҳотаи маҷмӯи зиёди мизоҷон амал мекунад, ки онҳо ба вай таъсири калон ва бевосита мерасонанд. Инчунин бояд ба инобат гирифт, ки ҳар яке аз гурӯҳҳои алоҳидаи мизоҷон

---

[1]Балаева Д.А., Дзарасова А.К. К вопросу стратегического планирования предприятий туристской отрасли /В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. – С. 13–15.

[2]Кабисов М.Е., Балаева Д.А., ДзарасоваА.К. Туристско-рекреационное развитие региона: инвестиционныйкомпонент / В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статейМеждународной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. С. 11–13

манфиатҳои хоси худро доранд, ки онҳо ба манфиатҳои дигар гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои туристӣ мувофиқат намекунанд. Корхонаҳои туристӣ аксаран дар ҳолати ҳамкорӣ бо муноқиша ва ихтилофи иштирокчиён қарор доранд. Ин аз боисест, ки манфиатҳои гуногуни иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои туристӣ бо ҳам зид мебошанд, масалан, соҳибони меҳмонхонаҳо, аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони омада. Ҳамин тавр, дар минтақаҳои туристӣ проблемаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони истироҳаткунанда ба миён меоянд. Зиёд дучор меоянд ҳолатҳое, ки аҳолии маҳаллӣ ҳангоми коста шудани манфиатҳои худ ба гурӯҳи пурқувват муттаҳид гардида, бар зидди фаъолияти туристӣ дар маҳал баромад менамоянд.

Ҳамзамон аксаран корхонаҳои туристӣ гурӯҳҳои аҳолии ба рушди хизматрасониҳои туристӣ манфиатор бударо муттаҳид менамоянд, инчунин дигар ташкилотҳои дар фаъолияти туристӣ иштирокдоштаро ҷалб намуда, бо кредиторҳо, мақомоти давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ, аҳли тиҷорат ва дигар иштирокчиён ҳамкорӣ менамоянд.

Агар корхонаи туристӣ дар назди худ мақсадҳои калонмиқёси ба рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал ҷавобгӯ буда гузорад, афзалиятҳо ва арзишҳои онро пос дорад, пас вай қодир аст, ки тавозуни манфиатҳои байни иштирокчиёни гуногуни ин соҳаи хизматрасониро таъмин намояд ва ҳатто аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ бинад. Маҳз баин хотир ба менеҷмент дар соҳаи туризм диққати муҳим дода мешавад:

- дар сатҳи корхонаи туристӣ бояд стратегияи фаъолияти фоидаовар ва босамара гузаронида шавад;

- дар сатҳи маҳалли алоҳида бояд сиёсате ба ҷо оварда шавад, ки аз ҷумла усулҳои банақшагирӣ ва ҳамоҳангосозии фаъолияти тамоми саноати туристиро дар бар гирад. Дар ин маврид дар рушди туризм ҳатман бояд аҳли ҷамоатчигии маҳал иштирок намояд.

Ҷиҳати хоси хизматрасонии туристӣ бо хусусиятҳои талаботи туристӣ алоқаманд аст, ки вай вобаста аз чунин сабабҳои асосӣ якхела нест.

Якум, бо ҳиснашавандагӣ ва ҳифзнашавандагии маҳсулоти туристӣ. Ин дар кори менеҷерҳои корхонаи туристӣ душвориҳо эҷод менамояд, то ки ҳар як истеъмолкунандаро бовар кунонад, ки маҳз хизматрасониҳои корхонаи мазкур барои харидорӣ кардан муфид мебошанд.

Дуюм, гуногуншаклии истеъмолкунандагон (мизоҷон, қабулкунандагони хизматрасониҳо)-и хизматрасониҳои туристӣ, ки ҳамчунин сабаби якхела набудани талабот мебошад. Усулҳои навтарини ба бахшҳо ҷудо кардани бозори туризм мизоҷонро вобаста аз даромади онҳо, мақсадҳои сафар, талабот ба хизматрасониҳои туристӣ, инчунин сохтори оила, синну сол, маълумот, оини ҳаёт ва дигарҳо ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд.

Сеюм, ҷиҳати хосаи маҳсулоти туристӣ ин вобастагии вай аз вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар макони мушаххас (мамлакат, минтақа) мебошад, ки ҳамчунин тафовут дар талабот ба хизматрасониҳои саноати туристиро бунёд менамояд. Дар байни омилҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаҳои шароити зист ва меҳнат, инчунин мавҷудияти вақти озод муҳим мебошанд. Имконот ва шароити давлатҳои демократиимуосир дар ҳамҷоягӣ бо нигарониши иҷтимоии ҷомеа ва иқтисоди бозорӣ барои рушди туризм ниҳоят муфид мебошанд. Дар чунин ҷомеаи мутаҳаррик, бофарҳанг ва озоди истеъмолкунандагон, бешубҳа талабот ба хизматрасониҳои туристӣ зиёд аст.

Менеҷменти истеҳсолкунандагони хизматрасониҳо водор аст, ки дархостҳо ва хоҳишҳои дигаршавандаи мизоҷонро баҳисоб гирад, вале ҳиссаи асосӣ ва муҳимтарини маҳсулоти туристӣ, ки вай бояд ба он худро мутобиқ гардонад, ин пешниҳодоти табиӣ мебошад. Ин шарт барои иҷрокунандагони хазматрасониҳои туристӣ аломати аз ҳама муҳими туризм мебошад. Корхонаи саноати туристӣ ҳаҷми хизматрасониҳоро вобаста аз вазъи шароити табиӣ-иқлимӣ муайян менамояд. Вобастагии мазкурро бояд роҳбарияти корхонаҳои туристӣ ҳатман баҳисоб гиранд, чунки дигаршавиҳои талабот ба пешниҳодоти хизматрасониҳои мушаххас метавонанд ба натиҷаҳои амалкунии тамоми корхона ба таври муҳим таъсир расонанд.

Ҷиҳати истеҳсолӣ-хизматрасонии фаъолияти туристӣ аз хосияти дигаршавиҳои мавсимӣ вобастагии бармало дорад, ки ин ба ноустувории шуғли кормандони соҳаи туризм меоварад. Баъзе ҷанбаҳои мусбат ва манфии мавсимӣ будани туризмро барои корхонаҳои ин соҳа баррасӣ менкунем.

Ҷанбаи мусбати мавсимӣ будани туризм дар ҳавасмандкунии хосияти бисёрҷабҳа доштани ҷойҳои корӣ ифода меёбад ва боис ба он мегардад, ки кормандони корхонаҳои туристӣ ҳар кадоме вазифаҳои ниҳоят гуногунро ба дарназардошти хосиятҳои мавсимӣ иҷро менамоянд. Ҷиҳати манфии хосияти мавсимӣ доштани  туризм бо идома додани тақсимоти нобаробари вақти корӣ (мавҷуд будани дараҷаи ниҳоят баланди шуғли кормандон ва норасогии сарбории кории онҳо дар мавсимҳои байнӣ) алоқаманд аст, ки чун оқибат, ба афзоиши вазни қиёсии кормандони пурра ба кор машғулнабуда ва ҳамчунин тез-тез аз кор рафтани кормандон меоварад.

Бояд хусусияти умумии туризм - маҷмӯи бисёрнамудаи байнисоҳавии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ-маиширо қайд намуд, ки муҳимии туризмро чун соҳаи соҳаи иқтисодиёти миллӣ муайян менамояд. Дар он арзишҳои моддии нав бунёд карда мешаванд, ки дар шакли молҳои махсус фурӯхта мешаванд ва инчунин хизматрасониҳо ба одамон ба ҷо оварда ва фурӯхта мешаванд. Вобаста ба ин туризм дорои маҷмӯи вазифаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мебошад.

Туризм чун маҷмӯи бисёрнамудаи байнисоҳавӣ саноати туристиро ифода менамояд, ки маҷмӯи меҳмонхонаҳо, воситаҳои молиявӣ, объектҳо (нақлиётӣ, алоқа ва дигарҳо), ташкилотҳои хуроки умумӣ, муассисаҳои дилхушӣ ва истироҳат, корхонаҳои равшанамоӣ, тиҷоратӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва таъиноти дигарро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, аз боиси зиёд будани ҷиҳатҳои хоси соҳаи туристӣ чун объекти идоракунӣ вай аз ҳама дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ба куллӣ фарқкунанда мебошад ва ин ишорат ба он менамояд, ки менеҷерҳои ин намуди соҳибкорӣ бояд ҷиҳати мазкурро ба инобат гиранд ва ҳам усулҳои идоракунӣ ва ҳам таҷриба аз дигар соҳаҳои фаъолияти меҳнатиро дар он амалӣ намоянд.

Адабиёт:

1. Балаева Д.А., Дзарасова А.К. К вопросу стратегического планирования предприятий туристской отрасли /В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. – С. 13–15.

2. Кабисов М.Е., Балаева Д.А., ДзарасоваА.К. Туристско-рекреационное развитие региона: инвестиционныйкомпонент / В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статейМеждународной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. С. 11–13

## МУНДАРИҶА

**Раҳимзода М.З. Сангинов Д.Ш.**
Таълим ва рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.................................. 3
**Раҳимзода М.З.**
Ташаккул, рушд ва проблемаҳои қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... 14
**Сангинов Д.Ш.**
Предпринимательская деятельность в социально–культурной сфере как одна из направлений предпринимательства в Таджикистане………………………………………………………... 30
**Исмаилов Ш.М.**
Конституция Республики Таджикистан, установление в ней основ предпринимательства……………………………………………… 53
**Меликов У.А.**
Средства массовой информации как объект предпринимательской деятельности……………………………………………………………. 67
**Бобокалонов Ғ.М.**
Соҳибкор ва бозори меҳнат: рушди бозори меҳнат ва робитаҳои табиатан нави ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи меҳнат......................................................................................................... 76
**Мирзозода П. З.**
Танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат..................................... 86
**Раҳимзода М.З.**
Корпоратсия ва муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ: назария ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ.............................................................. 105
**Шарифов И.М.**
Доир ба баъзе масъалаҳои вобаста ба ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурд......................... 116
**Гаюров Ш. К., Касымов Ф. А., Шерзода С.Дж.**
Реформирование отношений собственности и некоторые вопросы гражданского права ………………………………… ……………. 127
**Каримов А. К.**
К вопросу о экономической и правовой содержание конкуренции………………………………………………………. ....... 143

**Солиев И.М., Шукуров Ф.М.**
Иштироки Ҷумҳурии Тоҷиикистон дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ: баъзе ҷанбаҳои назариявии он ........................................ 151
**Хоҷаева Н.**
Оид ба махсусияти пайдоиш ва рушди намудҳои алоҳидаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ…………………………………………. 157
**Самадов Б.О., Хакими Ф.Г.**
Ответственность в сфере инновационной предпринимательской деятельности по законодательству Таджикистана…………………… 172
**Бобоев Д.К.**
Развитие частного права в Таджикистане: Итоги 30-летия. **181**
**Болтуев С.Ш.**
Оиди танзими гражданӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар замони муосир ........................................................................................ 206
**Зайнидинов Ф. А.**
Назарияҳои ҳуқуқӣ оиди таснифоти шахсони ҳуқуқӣ......................... 214
**Давлатов Б. С.**
Проблемаҳои назариявии муайян кардани мафҳуми андоз ва хусусиятҳои он........................................................................................ 221
**Каримов Х.С.**
Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти граждани арзишҳои асъорӣ........................................................................................ 230
**Султонова Д.Ш.**
Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ........................................................................................ 234
**Мирзоев С.А., Шарипов С.С**
Энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашё дар ҳуқуқи гражданӣ...................... 245
**Муҳаммадиев Д.М.**
Инкишофи ҳуқуқи табии дар асрҳои асри XVII ва ибтидои асри XVIII........................................................................................ 253
**Майнусова З.М.**
Ҷавобгарии гражданӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ........................................................................................ 264
**Аслонзода С.Н.**
Принсипҳои танзими давлатии фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш……………………………………………………………… 282

**Болтуев У.Са.**
Защита прав потребителей посредством интернет-торговли по законодательству Республики Таджикистан ……………………….... 301
**Шерзода Б. С.**
Консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи граждании муосир........................................................................... 307
**Ҳакимов Я.Б.**
Рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................ 322
**Очилова Ф.А.**
Некоторые вопросы ответственности акционеров в гражданских правоотношений……………………………. …………………... 332
**Мансурӣ Ш.Ҷ.**
Доир ба баъзе масъалаҳои рӯёнидани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи граждани барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ…………………………………………………………... 339
**Тағоев М.Р.**
Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии молиякунонии байналмилалии иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба рушд ................................................. 373
**Муродзода Ҷ.**
Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................................... 378
**Раҷабзода Х.Р.**
Муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд бо мақомоти андоз............................................................................................... 382
**Зариф У.М.**
Баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мерасонад ........................................................................ 387
**Мавлоназаров О. А.**
Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар бозори иттилоотӣ ........................................................................... 399
**Каримзода Р.М.**
Мафҳум ва хусусиятҳои бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар асоси қонунгузории Тоҷикистон....................................................................406

**Ризоева С.К.** 418
Сайёҳӣ муаррифгари Тоҷикистон дар арсаи байналмилали…...
**Маҳмудов И.Т.**
Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура ……………………………………………………...
**Рофиева А.Ҳ.** 425
Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ
……………………………………………………………………………
**Сангинов Д.Ш., Бобохонзода П.М.** 452
Назаре ба танзими ҳуқуқии рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ дар Тоҷикистони муосир ……………………………………………………
**Сангинов Д.Ш., Абдуллозода М.А.** 463
Назаре ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ……………………………………………
**Кабутов Э.Д.** 483
Теоретические проблемы правового регулирования торгов в Республике Таджикистан ………………………………………………
**Сангканова Т.** 488
Шартҳои шартнома дар бораи фаъолият дар минтақаи озоди иқтисодӣ ……………………………………………………………………
**Охунова Н.Ш.** 501
Место самозащиты в системе способов защиты гражданских прав предпринимателей ……………………………………………………
**Маҷидова Р.С.** 507
Косметология как наука ………………………………………………
**Бойбобоев Р.У.** 510
Правовое регулирование образовательного туризма…………………
**Содиков Ш.Р.** 513
Правовое регулирование группового туризма ………………………
**Яров С.А.** 515
Правовая основа ексикутив сирча (Executivesearch) как вида услуг в сфере предпринимательства ……………………………………
**Исмонализода С.И.** 516
Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол…………………………………… 517
**Абдулхайри Ҳ.**
Ҷанбаҳои ҳуқуқи ва иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи хизматрасониҳои туристӣ…………………………………………………… 525

Ба 40 солагии таъсиси кафедраи "Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат"-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида мешавад

Шӯравиро таърихи илмаш ситоиш кардааст,
Олимонаш илми он мадҳу ниёиш кардааст.
Моҳи август, соли ҳаштоду якаш таърих шуд,
Ифтитоҳи бахши нав дар илм созиш кардааст.
Ном "соҳибкорӣ" - ву ҳамроҳ "тиҷорат" гаштааст,
Дар симо чун бахш не, ҳамчу иморат гаштааст.
Аввалин бунёдгузораш гашт Ойгензихти давр,
Рушди иқтисоди давлатро башорат гаштааст.
Бисту як устод бошанд, ҳар яке бо лутфи хос.
Бисту як фан дарс гӯянд баҳри ҳар ҳуқуқшинос,
Дар баробар бо ҳама омӯзгорони дигар,
Эътибори ин факултетро нигаҳ доранд пос.













Ба матбаа 08.02.2022 супорида шуд.
Ба чопаш 14.02.2022 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 33,75.
Супориши №13. Адади нашр 300 нусха.
ҶДММ «Нӯшбод»